
БАҲРОМ ФИРӮЗ
Ҳақиқати талх

БАҲРОМ ФИРӮЗ

# Ҳақиқати талх

ҲИКОЯҲО

Нашриёти «Ирфон»
Душанбе — 1981

Тоҷик[2]
Ф 76

Сомонаи расмии нависанда Баҳром Фирӯз:
https://firuz.tj/tj/
Саҳифаи тахассусии нависанда дар шабакаи иҷтимоии Facebook:
https://www.facebook.com/bahrom.firuz.tj/
Канали тахассусии Баҳром Фирӯз дар YouTube:
https://www.youtube.com/channel/bahrom firuz/videos

**Фирӯз, Баҳром**

Ф 76 Ҳақиқати талх: Ҳикояҳо. — Душанбе, “Ирфон”, 1981.
288 саҳ.

Баҳром Фирӯз дар китоби ҳикояҳои худ симои маънавии одамони даврони моро бо муҳаббат ва самимияти тамом, воқеӣ ва амиқ тасвир намудааст.

**Фируз, Бахром**
Горькая правда

Ф 70403—972 — 88 — 81 Тоҷик[2]
М501(13)—81

© Нашриёти “Ирфон”, 1981.



# БАҲРОМ ФИРӮЗ

**01.11.1939 – 25.09.1994**

**www.firuz.tj**



# ҲАМСАФАРОН

Автобуси Душанбе — Вахш дарҳояшро пӯшиду ба роҳ даромад. Охирин мусофире, ки ба мошин ворид гашт, дар таҳи дар истода, ба фазои дохилии автобус менигаристу ҷои холӣ меҷуст. Ӯ як лаҳза диққати ҳамаро ба худ кашид: ба сару рӯи ин марди тахминан 55-сола нигариста намешуд — сураташ куллан сӯхтагӣ, сӯрох-сӯрох буридагию дӯхтагӣ, боз ҳар гуна доғҳо. Гӯё ба рӯяш нахӯд кӯфта бошанд.

Нишастҷои холӣ набуд. Марди сӯхтагирӯй ҳамаро чашм давонда баромаду ба сӯи Сайфиддин-амаку писараш, ки дар радифи дуюм менишастанд, ду-се бор зуд-зуд нигарист, сипас худ ба худ табассум намуду хаёлаш ба куҷоҳое парвоз кард. Нигоҳ ва табассуми вай аз назари Сайфиддин-амак, ки дар як даст ду асобағалашро дошта меомад, пинҳон намонд. Буруту абрӯвони мошубиринҷашро панҷа зада аз зери чашм ба он мард менигаристу саҳифаи ҳофизаашро варқгардрон мекард, ки дар ҷое бо

ин мард шинос ё ҳамсӯҳбат нашудааст? Не, вай дар умраш чунин одами сӯхтагиро бори аввал мебинад. Вай оҳиста бо оринҷаш писарашро, ки саргарми китобхонӣ буд, такон дод ва бо имо фаҳмонд, ки ба марди сӯхтагӣ ҷой диҳад. Ҷавон монанди пружин ҷаҳида аз ҷояш бархосту он мардро таклифи нишастан кард:

— Бед, амак, бед, бед, бишинед. Бахшиш, нигоҳ накардаам, — ҷавон ӯро ба ҷои худ шинонда, ҳазломез илова кард: — Интур баландтар сурфа намекунед-чӣ?!

— Э, ҳазор раҳмат, писар, ранги падарат пири бадавлат шаву... сонӣ ёру дӯстатро аз ёд набарор, — гуфт сӯхтагӣ бо овози дуруште, ки ба шӯхии нигоҳаш номувофиқ буд. Баъд вай бо Сайфиддин-амак гарму ҷӯшон вохӯрӣ кард.

— Бед, бародар, шинед-е! Акнун навбати нишастани ману шумо-да, — Сайфиддин-амак дигарбора ба сару рӯи сӯхтагии ӯ назар давонд. Лаҳзае ҳар ду ба чашми якдигар нигариста табассум карданд.

Табассуми марди сӯхтагӣ ҳамчу гуфтораш лабханди оддӣ не, маънидор барин, асрорангез менамуд... Вай ба пой ва асобағали ҳамроҳаш гаштаю баргашта менигарист.

— Ҳаво ҳам даргирифт-а? — Сайфиддин-амак араҷи сару рӯяшро бо рӯмолча пок карду то ки сухане гуфта, дари сӯҳбатро кушояд, ба рӯи ҳамнишинаш нигарист. — Чилу се дараҷа мегӯянд. Чилу се дараҷа дар соя, дар офтобчӣ? Хусусан, дар офтоби Ёвон!

— Ин гармиҳо ҳеҷ гап не, тақсир. Офтоби Вахшро намедонед-чӣ? Вай ҷавоби саволашро мунтазир нашуда, боз пурсид: — Куҷо равонед? Вахш?

— Ҳа, ба Вахш... Пурсидан айб не, сару рӯятонро сӯхта будед ё?..

— Э, напурсед, тақсир. Зинда монданамонба сад шукр.

— Э-э, дар ҷанг? Мо ҳам, ана як пойро монда омадем, — Сайфиддин-амак ба пои аз зону болотар буридагиаш ишора кард. — Дар наздикии…

— Истед, ки кай боз ба чашмам гарм метобеду… — ба рӯи ҳамсӯҳбаташ зеҳн монда, сухани ӯро бурид марди сӯхтагӣ. — Агар хато накунам, дар куҷое ман шуморо дидагӣ… Аз куҷоед?

— А Ёвон. Ёвонием, бародар.

— Дар фронт[1]-ку якдигара надидаем? Дар куҷоҳо ҷанг кардед?

— Мо дар фронти Волхуф будем. Ду бор тир зад, як ҳафта-ним ҳафта хоб рафта, боз аз қатор намонда ба майдони ҷанг мерафтем. Сонӣ зери бомбаборон мондему як пойро дар он муҳориба канда партофт. Аз ҳуш рафтаам. Як вақте чашм кушоям, дар дасти немисам. Ана, ҳамин катӣ саргардонию азобу уқубати мо сар шуд.

— Мо дар Исталинград[2] ҷанг кардем. Порсол ҷеғ заданд, рафтам, — зуд лаҷоми суханро гирифт марди сӯхтагӣ. — Ана вай генералашро боб карда гирифта, сонӣ дам нагирифта пеш рафтем. Рафтем-рафтему боз аборонаба[3] истодаем. То худи ҳамин вақти сол буд, дар Курск[4] гуфтагӣ ҷояш як ҷанге шуд, ҳеҷ монед! Э, қиёмат… Хаёл кардам, замин ҳамин замон мекафад. Танки мора дар ҳамон ҷо заданд. Сӯхт. Ду кас ба як азобе зинда мондем. Умр боқӣ будааст, набошад, аз он ҷаҳаннам одам зинда наме-

[1] Фронт – ҷабҳа. Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ солҳои 1939-1945.( аз забони русӣ)

[2] Исталинград – Волгоград (исми қаблиаш Сталинград), шаҳр дар Руссия

[3] Аборона – Ҳимоя (аз забони русӣ: оборона)

[4] Курск – шаҳр дар Руссия

барод. Беҳуда намегуфтаанд, ки чил сол аҷал борад ҳам, аҷалаш расидагӣ мемурад. Истед, ки ба куҷои Вахш меравед?

— Намедонам, ҳозир чӣ ном дорад, пеш аз ҷанг колхози “Зарбдор” мегуфтанд.

— Э-э… ба хонаи кӣ меравед?.. Пештара “Зарбдор”, ин колхози мо, — якбора ба ваҷд омад марди сӯхтагӣ.

— Як-ду шиносҳои кӯҳна доштем… Як ҷойҳои ҷавонира бинем…

— Номатон Сайфиддин-не? — аз рӯи ҳамроҳаш чашм наканда пурсид марди сӯхтагӣ.

— Бале... Хӯш, мора аз куҷо мешиносед? — пурсид Сайфиддин-амак бо тааҷҷубу табассуми хиҷолатомез ҳанӯз ҳам аз сару рӯи ҳамсӯҳбаташ чашм наканда.

— Ҳим-м… — марди сӯхтагӣ худ ба худ табассум мекарду сар меҷунбонд. — Оббо… Ҳоло ман Сайфиддин гӯед?

— Шумо... Шумо кӣ? Охир, исми шарифатонро гӯед, балки шиносам.

— Чил сол шуд-а! Ана, ҳамин писаратон барин будем, — вай ба ҷавони бархоста ба ӯ ҷой дода ишора карду суханашро давом дод: — Чени ҳамин будем. Оббо, Сайфиддин-е нашинохтед?

Лаҳзае ҳар ду ба рӯи якдигар зеҳн монданд.

— Э-э… — Сайфиддин-амак дар ҷои нишастагиаш ҳамсӯҳбати худро оғӯш карду рӯяшро ба гардани ӯ монд. — Исломбой!.. Исломбой!.. Э, худоро гардам, дидорбинӣ будаст-е! — Овозаш ларзону гашту беихтиёр оби чашм кард вай.

Мусофирони автобус бо тааҷҷуб ба сӯи онҳо мутаваҷҷеҳ шуданд. Сайфиддин-амак дасташро аз китфи

Исломи Хидир намегирифту аз рӯи вай чашм намебардошт.

Онҳо дуру дароз аз ҳолу аҳволи якдигар, фарзандону пайвандон, шиносу дӯстон пурсон шуданд. Бештар Сайфиддин-амак савол мекарду Исломи Хидир ҷавоб мегуфт. Вай аз ҳар хусус гап мезад. Вале дар бобати Асал, ҳамон соҳибҷамоли зарбдор, ки аз сӯзи ишқи вай Сайфиддини маъюб баъди ҷанг ба Вахш наомада ба Ёвон рафт, даҳон намекушод.

— Фақат ман гап занам ё шумо ҳам ягон чиз мегӯед? — гуфт оқибат Исломи Хидир. — Канӣ гап занед, ин риша кай сафед кардед? Ё ба осиё баромада омадед?!

— Э дӯстам, азобҳои маро напурсед! Шумо, ана, сӯхтагӣ бошед ҳам, ба дасти одамони худӣ афтодед… Рӯятон сӯхтагӣ бошад ҳам, сурх, саратон баланд гашта омадед... — Сайфиддин-амак лаҳзае хомӯш монду ба талу теппаҳои дуродур чашм дӯхт. Алафи теппазорҳо кайҳо сӯхта, хоки сурхчатоби онҳо дар офтоб медурахшид. — Мора немис аз майдон чинда гирифту ба куҷоҳое набурд, чӣ азобҳое надод!.. Хуб гуфтанд:

Лаънат ба касе, ки ай ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.

Ҷанг тамом шуд, гуфтанд, ман хурсанд, ҳаракати ба ватан баргаштан кардам. Омадам, ки… э, напурсед… Тафтиш... тафтиш... Ҳам бо фашист ҷанг кардам, ҳам пойро он ҷо гум кардам, ҳам сахтию гушнагии асириро дидам, ҳам боз гунаҳкор, ки чиро асир шудам... кош мемурдам мегуфтам, аз ин хел асир шудана... Хайр, оқибат соф шуда омадам. Ба вокзали Душанбе фуромадаму ба хонаи хоҳарам рафтанӣ шудам. Вай дар шаҳр зиндагӣ мекунад. Не, рухсат нашуд. Дар шаҳр истодани мо баринҳо одаморо вайрон мекардааст... мумкин набудааст... Ба Вахш

мерафтаму… лекин аз фронт ба як духтари камтар дилам об хӯрдагӣ хат навишта фаҳмидам, ки дилаш ба каси дигар аст, — Сайфиддин-амак саргарми хотира тағйири ваҷоҳати ҳамсӯҳбаташро пай набурд. — Суханони нағз навиштаст. Сиҳат-саломат биё, дар ин ҷо ба ҳар тори мӯят як духтар мерасад, гуфта дилбардорӣ кардааст. Лекин нарафтам. Як пой нест. Боз аз асирӣ омадагиам. Тинҷ мешавам ё не, кӣ медонад. Ба Ёвон рафтам. Дар ҳамон ҷо ҳам тинҷӣ набуд... Муаллим будам. Ба ту муаллимӣ мумкин не, гӯён ғид-ғид карданд, аз баҳри ҳамин касбу кор ҳам баромадаму дар хона шишта, кӯҳнадӯзӣ кардам. Гоҳе нағз, гоҳе бад рӯз мегузаштаст, бачаҳоро калон кардем. Ана, писарам, — Сайфиддин-амак ба писараш, ки ҳоло дар он сӯтар дастаи курсиро дошта рост меистод, ишора кард. — Хулласи калом, имрӯз ҳамроҳ як Вахш равем, ёру ошноҳоро бинем, гӯён ба роҳ баромадем… Асалро медонед? Ҳамон ба кӣ расид? А? — Вай боз ба саволаш зуд ҷавоб нагирифту андаке хиҷолат кашид магар, ба тавзеҳи суханаш сар кард. — Э-э, талабгораш зиёд буд. Хайр, бачаҳо аксараш ба ҷанг рафта гашта наомаданд. Ба кӣ насиб карда бошад ҳам, хушбахт бошад, шуд.

— Қиссаи Асал ҳам ғалатӣ, Мулло Сайфиддин, — оқибат бо табассум ба гап сар кард Исломи Хидир. — Росташ, вай аз ман умедвор буд. Ба фронт ҳам хат менавишт. Баъди сӯхта ин хел шуданам, хуб фикр кардам: Ба деҳа рафта чӣ кор мекунам?! Гирам гӯям, ба духтар ҷабр мешавад... Худат медонӣ, ҳусну малоҳати вай чӣ хел буд! Киҳо ба вай талабгор нашуданд! Нагирам, як умр доғаш аз дил намеравад. Вақте ки аз ҷанг баргаштаму ба ҳавлӣ даромадам, додою очаам нашинохтан-е! Бовар мекунед?! Ба Асал рӯирост гуфтам, ки ман лоиқи ту не. Номардӣ мешавад, ҳама гап мезананд. Ту гул барин, ман-чӣ?! Ба зано-

шӯии мо ҳама механданд. Ту ҳам орзую ҳавасатро бин, ба ман кӯр аст ё кал, мувофиқи худам будагист. Ман аз худам безору ту маро чӣ мекунӣ? Вай зорӣ кард, лекин ман эътибор надодам, "дилбардорӣ медиҳад-да" гуфтаам. Сонӣ пушаймон шудам… Алқисса, падару модар маро хонадор карданӣ шуданд. Гуфтам, ки ихтиёр доред, хостагиатонро кунед, ман розӣ. Армони ман дар дилам мурд, акнун додою очаам дилхоҳашонро арӯс карда, армонашон шиканад, се-чор рӯз дар зиндагӣ арӯс хизматашонро кунад, гуфтам. Як духтарро аз тӯби худамон нон шикастанд. Ҳоло маслиҳати тӯй ҳам набуд, ки Асал ба худаш карасин[5] рехта алав зад… Ба беморхона бурдаанд. Давида рафтам. Як моҳ то ба пой рост гаштанаш ҳар рӯз дар таҳдари беморхона будам гӯям, дурӯғ намешудагист. Сонӣ, ҷавоби вай духтарро узраш катӣ гуфтему Асалро ба ман никоҳ карданд. Ҳар ду ҳам ана, ҳамин хел башараи сӯхтагӣ катӣ мондем, — Исломи Хидир ба андоми сӯхтагиаш ишора кард. — Писару духтарҳо шукр, калон шуданд.

— Калониаш писар аст ё духтар? — пурсид Сайфиддин-амак.

— Калониаш писар. — Аз хизмати ҳарбӣ шофёр[6] шуда омад. Зан додем, хонаашро ҷудо кардем. Дуюму сеюмаш — духтар. Ҳар ду пасопеш, шукр, ба қад расид. Кенҷааш — писар.

Автобус талу теппаҳоро гузашта, аз байни пахтазору мевазорҳои водии Вахш медавид. Сайфиддин-амак ба ду тарафи роҳ менигаристу заминҳои замоне аз қамишзору ҷангалзор порча-порча кушодаашонро ҳоло намешинохт. Айёми ҷавонӣ, ходими фаъоли комсомол... Каналковию

[5] Карасин -- маҳсуле аз нафт, сӯзишворист

[6] Шофёр – ронанда (русӣ)

қӯруққушоиҳо, дилбастагиаш ба Асал, бехобиҳо, шабу нимишаб сари роҳу гирди ҳавлии ӯро давр зада гаштан, оқибат ду даҳан рози дилашро гуфта натавонистану ба фронт рафтанаш — ҳама як ба як аз пеши назараш гузаштанд. “Аслаш, чӣ шуд, ки ман ба вай дил бастам-а? — худ аз худ мепурсид вай. — Ҳа, ҳамон рӯзе сар шуд, ки бо талабаҳо қамишзорро тоза мекардем, поямро дос заду колхозчиҳо ғун шуданд... Вай ҳам омад. Зуд рӯймоли сарашро дод, то ки ҷароҳати маро бананд. Сонӣ, ба ивази уребчааш рӯмоли нави шоҳӣ тӯҳфа карданӣ будам, аммо духтар нагирифт. Уребчаи хунинро руст карда, дар ҷанг ҳам бо худ гирифта гаштам… Гоҳе менигаристаму ба рӯйҳоям мемолидам… Асал, Асал! Худаш ҳам духтар не, як паризод буд-е! Ҳусну малоҳаташ як тараф, хушхулқиашро намегӯед! Меҳрубониаш, одамгариаш ҳамаро ҷазб мекард. Ана фарзандонаш калон шудаанд…”

— Мулло Ислом?

— Лаббай, тақсир?

— Ҳамин… Ман мегум… Писари моро дидед?

Исломи Хидир ба ҷониби ҷавон як назар партофта бо табассум гуфт:

— Худо умрашро диҳад, нусхаи худатон-е! Пеш аз ҷанг ранги ҳамин писаратон будед. Ӯро дида, ман шумора шинохтам.

— Ҳамин мегум, Мулло Ислом, писарам бачаи бамаънӣ: арақ намехӯрад, сигор намекашад, даҳансахтию ба рӯи кас давиданаш нест. Хӯш, ки бошад, институтро ҳам тамом кард, духтур. Ман маълумот дорам, гуфта баъзеҳо барин пешхезӣ намекунад. Ҳамин мегум, агар тақдир рафтагӣ бошад, хешу табор шавем?.. Ман ҳозир рост ба хонаи шумо равам. Хайр, аз худатон гап намемонад. Кӯҳ

ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, мегӯянд… Ҷавонҳо як назар якдигарро бинанд…

— И-и, охир ин чӣ хел мешавад, тақсир? — Исломи Хидир ба ин таклифи ногаҳонӣ чӣ гуфтанашро надониста ҳайрон монд. — Албатта, духтар диҳем, ба писари шумо барин ҷавон медодагистем-да. Лекин гап ба ин не… Чӣ хел мешавад, ин ман худам хостгор барам… Мардум чӣ мегӯянд? А?

— Албатта, Мулло Ислом, худи ҳозир нон шиканед гуфтагем не-ку! Боз чарх зада, алоҳида мебиёем-да. Мо ҳам дар байни алаф рӯидагемо не, шукр, хешу табор дорем, тӯбу тухма дорем. А, чӣ мегӯед, ҷӯра?

— Надонам. Хайр, меҳмон шавед… Он тарафаш кори тақдир, тақсир.

— Ҳа, албатта. Боз қадрдонҳои пештара катӣ хешу табор шуда, наздик будан мехоҳам, ҷӯра.

Ду марди маъюб бо меҳр ба рӯи ҳамдигар менигаристанд. Ашк чашмони ҳар дуро метаровид...

***Соли 1976***

# ОҒОЗ

***Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест.***

*Саъдӣ.*

Офтоб акнун як қади найза баланд гашта буд.

Ромиш гӯсолаҳоро ба марғзори канори дарёча овард. Ҳоло онҳо аз алафи тоза сар намебардоштанд. Вай ба болои тахтасанге нишасту ба соҳили муқобил чашм андохт: болои талу теппаҳоро ҷангали анбӯҳ пӯшида буд. Фақат аз ҳар ҷо-ҳар ҷои ин махмали сабз шаху зовҳо сар бароварда буданд. Ана харгӯшаке аз ҷангал давида баромаду дар сабзамайдони соҳили рӯд лаҳзае бозистод, ба ду пои қафояш рост шуда ба атроф назар кард… Ларзидани пойҳои онро Ромиш равшан дид. Бозе худро ба дарахти канори рӯд заду дар чангаш гунҷишкеро чириққос занонда парида рафт.

Ромиш имрӯз танҳо аст. Субҳидам ҳамкораш Сабо хоҳиш кард:

— Имрӯз ман рафта наметавонам. Кори зарур дорам… Як худат ӯҳда мекунӣ?.. Ҳеҷ набошад, то пешин? А?

— Э, рафтан гир, хавотир нашав. Хурд нестам-ку! — гуфт вай дар ҷавоби ӯ.

Сабои чашмсабз ва Ромиш дар мактаб ҳам ба якдигар меҳрубон ва наздик буданд. Баъзе бачаҳо мазоҳ мекарданд, духтарон таъна менамуданд, аммо ба дӯстии онҳо ҳеҷ чиз халал расонда наметавонист. Сабо духтари хушрӯй не, аммо бенур ҳам не. Лекин ба Ромиш ҳусни вай не, ҳамту худаш маъқул. Баъди ба омӯзишгоҳи наққошӣ рафтанаш Ромиш аҳд кард, ки ба Сабо мактуб навишта, рози қалбашро боз кунад, аммо ҳеҷ ҷуръат накард. Сонӣ тасмим гирифт, ки ба таътили тобистона меояду албатта ро-



зашро ба Сабо мегӯяд, дигар таъхир кардан мумкин не. Сабо аз вай ноумед гашта бо як ҷавони дигар қавлу қасам карданаш мумкин. Ана, таътилот ҳам шурӯъ шуду вай ба деҳа омад. Аммо ҳоло фурсати ин ҳарфҳо не — модараш маризанд. Сабо чӣ фикр мекунад: дар хона модараш бемору ин ҷавон чӣ хаёлҳое дорад! Сонӣ... ҳоло барвақт... вақти ин гапҳо не, — мегуфт вай худ ба худ. Ман акнун ҳабдаҳро пур кардам. Сабо аз ман як сол хурд... Эҳ, тезтар очаам сиҳат шуда, ба по мехестанд. Ҳозир апаам нигоҳубин мекунанду ман ба ҷои вай Сабо катӣ гӯсолабонӣ мекунам. Таътил ба охир расад, баъдан чӣ мешавад?

Ӯро дар деҳа ҳоло ҳамчун домпизишк мешинохтанд. Воқеае рух доду Ромишро ба ин касб муаррифӣ кард: Нағмагари думоҳа аз юнучқаи нав сер шуда, варам карду қариб, ки мурад. Ромиш ба тарафи молпарваришгоҳ давид, аммо дар он ҷо гуфтанд, ки байтор нест. "Гӯсола дар ҳоли мурдан аст, чӣ кор кунам?" гӯяд, мудир китф дарҳам кашида гуфт: "Аз дасти ман чӣ меояд, писар, ман духтур набошам". Ромиш ба хунсардии вай ҳайрон шуд. Ба молу мулки колхоз баъзеҳо бепарвоӣ мекунанд, вале то ин ҳад фориғбол буданро надида буд. Баъдан вай шитобон ба сари гӯсола расид. Нағмагар дар дами ҳалок буд. Ҳамроҳи Сабо зуд оташ равшан карду дами кордашро ба он дошта, аз уфунат пок сохт ва шиками варамидаи гӯсоларо шикоф кард. Бодро бароварду ҳам шикамба ва ҳам пӯсти Нағмагарро бо сӯзани ба алав доштаи Сабо бо риштаи оддӣ дӯхт. Сипас гӯсоларо то шом баста нигоҳ дошт, то ки такон нахурад. Ғайриимкон, вале гӯсола сиҳат ёфт. Ҳоло дар русто аз наққошии ӯ ҳарф занед, даст меафшонанд, аммо дар хусуси ҷарроҳии вай хурду бузург ба таҳсин лаб кушода, "дасташ сабук будаст, худо умраша диҳад" мегӯянд.

Ромиш баъди он ки нишаста, андаке нафас рост кард, бархосту марғзорро давр зада донистан хост, ки ҷару ҷӯи гӯсолаҳо ногаҳон афтода маъюб мешуда набошад. Дар пеш — сой, ду тараф бо шаху зов — қалъабанд. Гӯсолаҳо аз ин марғзор фақат қафо гашта берун рафта метавонанду бас. Вай ана ҳамин роҳи қафоро гирифта, дар сояи зарбед қарор гирифт. Асбобу анҷоми рассомиро кушода, бо сиёҳқалам ба кашидан шурӯъ кард. Ҳоло дар маҷмӯаи наққошиҳои ӯ хеле лаҳзаҳои дилчаспи чарогоҳ акс ёфтааст. Вай соли аввали омӯзишгоҳро ба итмом расонида, алъон донишомӯзи соли дуввум ҳаст. Албатта, тасвирҳояш

ҳанӯз хом, мазмунан рангин ва амиқ не. Шояд замоне рассоми моҳир шавад, шӯхии ин гӯсолачаҳои шайтонро мукаммал тасвир мекунад. Чунон наққошӣ кунад, ки ҳар кас бинад, ба димоғаш бӯи марғзор ояд, баоси гӯсолаҳоро баръало шунавад.

Бо таҳдид ба Алмос пуфу куф кардани Майдаяки думсафедро тамошо кунед! Саг монанди баҳодуре, ки шӯхию густохии кӯдакро тамошо дорад, бо як ваҷоҳати аҷиб ба гӯсолача нигариста ғур-ғур мекунад. Ғурриши саг дар ин гуна мавридҳо таҳдидомез нест, балки мисли оҳанги лабханд ва ё ҳазлу навозиш дошта аст. Ана, Олуфта шабеҳи аспи пойга гирдогирди марғзор метозад. Одати вай ҳамин тавр аст, баъзан худ аз худ бесабаб, баъзан ягон ғурмагас газад, аз аламаш ба тохтан сар мекунад. Олуфта ном гирифтани вай беасос нест: ҳамеша худро покиза нигоҳ медорад, танашро лесидагеш — лесидагӣ. Сағриҳояш ҳамеша шона задагӣ барин.

Наздики нисфирӯзӣ сояе рӯи қоғаз лағжиду Ромиш сар бардошта Саборо дар канораш дид.

— Оҳиста омада, тарсондан мехостӣ?

— Дилу гурдаата фаҳмам гуфтам... Уф-ф... Накофтагӣ ҷой намонд, — Сабо оҳиста ба рӯи харсанг нишаст. — Нохост ба ёдам расид, ки ҳамин ҷора таъриф мекардӣ. Ин қадар барвақт баровардӣ? Гуфтам-ку баъди дуртар рафтани пода барор, — мисли мошини чокдӯзӣ тез-тез ба ҳарф даромад Сабо.

— Ҳаво тасфад, гӯсолаҳо алаф намехӯранд.

— Ромиш, самбӯса мехӯрӣ? Гир, самбӯсаи кадугӣ, — Сабо як даста самбӯсаи қоғазпечро ба рӯи санг монду наздиктар омада, ба расми кашидаи ҷавон зеҳн монд.

— Сонӣ... — Ромиш бо лаҳне гуфт, ки мисле ба корам дахолат накун, буд.

Сабо гӯсолаҳоро аз офтоб ба соя, ба ҷониби бедҳои соҳили рӯд ронд.

— Тезтар! Ба соя гузар! Офтоб мезанаду мемурӣ! — бо гӯсолачаҳо гуфтугӯ мекард вай. Алмос хомӯш думболи вай мерафт.

— Меомадам, дар роҳ Зафара дидам, — баргашта омада ба сухан даромад Сабо. — Вай имсол мактаба тамом кард, акнун ба шаҳр рафта хонданӣ. Мегӯяд, ки кошки ба ҷои Ромиш бо ягон баҳонае ман ҳамроҳат кор мекардам. Гуфтам, ки Ромиш бо ягон баҳона не, ба кори зарурӣ банд аст. “Э, медонем, — мегӯяд, — кор — баҳона”. Бачаи аҷоиб-а? Камтар худаша таъриф кард, росту дурӯғи шунидаашро ба худаш часпонда хеле гап зад, “ҳа-ҳа” гӯён гӯш кардам. — Сабо ба авзои писарак зимнан зеҳн монда, менигарист. Ӯ мехост бифаҳмад, ки ҳарфҳои ӯ ба Ромиш чи гуна таъсир дорад.

Ромиш чизе нагуфт. Ӯ тарҳи марғзор, кӯҳ ва гӯсолачаҳои бозингарро рӯи қоғаз меовард. Сабо гоҳ ба наққошии Ромиш ва гоҳе ба чеҳраи ҷавон нигариста, беист ҳарф мезад.

— Имтиҳони шумо ҳам сахт будагист-а? Ту аз ҳамааш аъло гирифтӣ ё чор ҳам дорӣ?

— Дорам, — аз кораш сар набардошта ғурунгос зад Ромиш.

— Ман ҳам дута чор дорам, — яктааш аз физика, дигараш аз нақшакашӣ... Ромиш, ту баъди омӯзишгоҳ ба Академияи рассомӣ меравӣ-а?

— Намедонам.

— Меравам гӯй, ин қадар хоксорӣ накун!

— Модарам — бемор... Дасттанҳо. Кор карданиам. Агар илоҷаш мебуд, ғоибона мехондам.

— Хайр, сиҳат мешаванд, нигарон набош, — монанди бузургсолон дилбардорӣ кард Сабо. Баъди сонияе аз ҷои дигар ҳарф шурӯъ кард: — Зафар ба институти политехникӣ ҳуҷҷат супоридаст. Як шиносашон будаст, ваъда кардаст, ки кумак мекунад.

— Шарм накарда ҳамин хел гуфт? — Ромиш бо таассуф сар ҷунбонд. Вале ин дам аз дилаш гузашт, ки мардум вақтҳои охир аз ин қабил корҳо хиҷил не, баръакс, ифтихор мекунанд.

“Агар ба Ромиш малол нашавад, гашти рӯз, тафси ҳаво гардад, чарх зада, ба наздатон меравам”, гуфт. Ман гуфтам, ки биё, омадан гир.

— Аҷоиб, барои чӣ ман аз омадани вай малол мешудаам?!

— Намедонам. — Кӯтоҳ ҷавоб дод Сабо. Сипас зуд аз боби дигар сухан сар кард: — Ман ҳоло ба як қарор наомадаам. Намедонам ба хондан равам, ё дар ферма кор кунам?.. Агар ту дар шаҳр бошӣ, ман ҳам рафтанӣ.

— Аҷоиб... — абрувонашро чин кард Ромиш, вале дигар ҳарфе назаду худ ба худ китф дарҳам кашид.

Ҳоло вай дар рӯи қоғаз бо сиёҳқалам акси сагро мекашид. Агарчи Алмос ин дам дар канори рӯд гаштугузор дошт, Ромиш сурати онро дар рӯи харсанг, чашму гӯшаш ба ҷониби гӯсолаҳо тасвир мекард. Саг гӯшҳои кӯтоҳ буридагиашро сих карда, гӯё хатареро эҳсос карда бошад, ба ҳамла омода буд. Аммо авзояш, хушҳол барин.

— Саги хатар пай бурда ин хел намешавад.

— Ҳа-а… — Ромиш як чашмашро нимкоф карда ба акси кашидааш бо диққат нигаристу сар такон дод.

Баъд ба ислоҳи тасвир шурӯъ намуд.

— Очаатро духтур дид охир? — пурсид духтар баъди шумурдани гӯсолаҳо.

— Чӣ гуфт? — баъди он, ки Ромиш бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд, боз савол кард Сабо.

— Ба қарибӣ аз ноҳия духтурҳои калон меомадаанд. Онҳо бинанд, сонӣ ба беморхонаи шаҳр мефиристонем, гуфтанд.

Ба миён сукут афтод. Абрувони борику теғдори духтар гиреҳ шуд, дар чашмонаш асари андӯҳ падидор гашту дилтангона оҳе кашид.

— Очама мебаранду таҳсили ман ҳам сар мешавад… Апаам, танҳо, — гуфт Ромиш.

— Шабҳо ман ба наздаш рафта хоб мекунам.

— Ба гуфтан осон. Додоюю очаат иҷозат медиҳанд-чӣ?

— Мемонанд.

Аммо аз оҳанги суханаш фаҳмидан душвор набуд, ки барои иҷозати волидайн мебоят хеле талош кунад.

Сабо бархосту гӯсолаҳоро аз назар кард.

Се гӯсолача ба болои шахи баланде баромада "мерақсиданд". Сумҳояшонро сахт-сахт ба санг кӯфта, думҳоро сих карда, гоҳ ба навбат, гоҳе ҳар се баробар ҷастухез кардани онҳоро дида, беихтиёр хандаи кас меомад. Ба таври худ гӯё мусобиқа мекарданду дар рақсу ҷастухез маҳорати худро намоиш медоданд. Боз саҳнаи ёфтаашонро бинед! Як шахи баланде, ки рӯяш ба қадри як суфа ҳаст ё не! "Ҳамин лаҳза яктоаш парида меафтаду маъюб

мешавад”, дар дил гуфт Сабо ва бархоста ба он сӯ рафт. Алмос ҳам хомӯш аз қафои вай равон гашт.

Сабо аз тарафи боло ба гӯсолаҳо наздик мешуд, ки ин дам Ромиш ӯро боздошт.

— Аз боло нарав! Аз ту рамида худаша ба поин меандозад. Аз поин ҳай кун, — маслиҳат дод вай.

Сабо ба таҳи зов рафту дастонашро афшонда “чу-чу” гуфт, Алмос бо таҳдид “ак-ак” карду гӯсолачаҳо бо раҳи баромадаашон аз шах фуромаданд.

Қурси офтоб рост ба фарқи сар меомад. Гармии рӯз ба авҷаш расида буд. Гӯсолаҳо тӯда-тӯда гашта, худро ба соя мезананд. Шайтонаку Қашқа соя наёфта, сарашонро ба панаҳи санг ҷо карданд. Алмос бо даҳони бозу забони овезон ҳалқак мезад.

Ромиш ва Сабо гӯсолаҳоро ба тарафи болооби рӯд, ки дарахтони соя дошт, ронданд.

* * *

Баъди пешин онҳо гӯсолаҳоро ба ангори назди Кафтархона бурданд. Азбаски замини ин ҷо обӣ аст, баъди дарави гандум ангор серпечак, воту лаби ҷӯйҳо алафзор буд.

— Сабо, ҳушьёр шав, — таъкид кард Ромиш, — поёни ин ангор нахӯдзор будаст. Нохудогоҳ гӯсолаҳо гузашта, нахӯди пухта расидаро ба замин яксон накунанд.

Сабо аз ӯ дуртар сари санг нишасту таронаеро бо овози паст тараннум мекард:

Дарьё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?..

Насим мӯйҳои аз зери уребча ҳалқа зада баромадаи ӯро ларзонда бозӣ медоронд. Вай имрӯз кокулонашро ҷамъ карда, бо уребча ба пушти сараш баста буд, ки дар натиҷа рӯяш пурра бо тамоми латофат дар назар ҷилва мекард. “Пӯсти сафеди рӯяш дар офтоб ҳам сиёҳ намешавад, — худ ба худ гуфт Ромиш. — Аҷабо, чашмонаш шишаи сабз барин кап-кабуд. Умуман, дар деҳаи мо кабудчашмон бисьёранд. Мӯяшон хурмоию чашмонашон ё сабз, ё обӣ… Ҳафтаи гузашта, шаби ба осиё гандум бурданам, Сабо ба хонаи мо омада, ҳамроҳи апаам ҷомашӯӣ кардаст. Соатҳои дувоздаҳи шаб аз осиё омада, табъам хира шуд. Ҳаминаш кам буд! Бачаҳо фаҳманд, чӣ мегӯянд?! Зафар баринҳо шунаванд, “э, вай занаш барин, шабҳо рафта хоб ҳам мекунад”, мегӯянд. Шояд, барои ин кор аз додою очааш гап шунидагӣ барин… Ба ҷои апаам ман ба гӯсолабонӣ бароям, чӣ қадар ғур-ғур карданд, ҳатто ба молхона рафтанд… Кадом аз рӯзҳо аз дасташ пиёлаҳоро ба ҷӯй сар додаст, очаш ҷанг кардаанд, гуфтаанд, ки ҳуши ту духтар дар ҷояш не, бирав ба хонаи ҳамун бача дарою шин…”

* * *

— Ромиш, барои чӣ сурати мана намекашӣ? Фақат кӯҳу дарахт, сагу гӯсола… Ягон бор акси мана каш. Ё намехоҳӣ? А?.. Эҳ, агар ман рассом мебудам…

— Чӣ кор мекардӣ?

— Сурати туюю Алои Хаппака дар як ҷо мекашидам. Ҳар ду ба ҳам монанд, дамдуздед.

— Ягон рӯз наққошӣ мекунам… Усто шавам, — Ромиш инро гуфту гӯё нафареро фиреб карда бошад, худ ба

худ хиҷолат кашида сурх шуд. Сонияи аз мавзӯи дигар ҳарф боз кард: — Момои Гулсум ҳоло ҳам танҳо зиндагӣ мекунанд-а?

— Ҳа. Колхоз ёрӣ мекунад. Худашон ҳам бақувват, рӯзаш катӣ дар полизашон ҷунбуҷӯл мекунанд. Ҳосили сабзию пиёзашон чунон нағз!

— Ҳазл не, модари Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ!

— Мардум ба шӯхӣ худи он каса қаҳрамон мегӯянд.

— Ман ягон бор рафта, сураташона кашиданӣ. "Модари қаҳрамон" ном мемонам… Аммо шарм медорам.

— Ту аз ҳама чиз шарм медорӣ. Намедонам, агар ягон духтара дӯст дорӣ, чӣ кор мекунӣ? — Сабо аз сухани гуфтагиаш хиҷолат кашида, рӯяшро бо дастонаш пӯшида хандид.

— Агар нағз бинам, сураташа мекашам, — гуфт Ромиш рӯяшро аз вай гардонда, машғули рангомезӣ. Баъд илова кард: — Шояд наққошӣ карда бошам…

— Канӣ, ба ман як намой, — хоҳиш кард Сабо бо шӯхӣ. — Гӯй, вай кӣ худаш? А? Сурати кира кашидӣ?

— Инаш — сир… Ба ҳеҷ кас намегӯям.

— Хайр, гӯй, илтимос. То нагӯӣ, намемонам, — бархоста наздик омад Сабо.

— Э, рав-е! Шухӣ кардам! Ҳазлро намедонӣ?

— Қасам мехӯрам: ба ягон кас гӯям, ҳар чӣ шавам!

— Ҳеҷ кас не! Фаҳмидӣ? Сурати момои Гулсума мекашам.

— Не, росташа гӯй, боз кира? — Сабо ба асаби вай расида, мӯқаламро аз дасташ гирифт. — Аввал гӯй…

— Бас кун, ман ҳазл кардам, — Ромиш зарфи шишаиро гирифту оби рангини онро холӣ кард ва барои оби тоза овардан ба тарафи рӯд равон шуд.

Сабо аз қафои вай нигариста, дар хаёл монд.

— Рӯзе сурати худата мекашам, — дуртар рафта гуфт Ромиш. Вай бо як табассуми шармгинона асроромез ба духтар нигаристу қадамашро қавитар гузошт.

— Ман рухсат надиҳам-чӣ? — гуфт Сабо ишваомез, аммо Ромиш сухани ӯро нашунид ва ё фаҳмида бошад ҳам, ҷавобе надода ба раҳаш идома дод.

Ӯ зарфи шишаиро шуста ба он оби тоза гирифту ангорро давр зада ба тарафи нахӯдзор гузашт. Се-чор гӯсолаи ба нахӯдзор наздик рафтаро қафо ронду худ ба тамошои нахӯди навпухта саргарм шуд.

Сабо ба саргармии ӯ нигариста, тааҷҷуб мекард: “Гӯё нахӯдро дар умраш бори аввал медида бошад, зеҳн мондани уна нигаред”, — тааҷҷуб мекард духтар.

Аз он тарафи сой ду нафар бачаи қад-қади об дар даву тозро дида, сараввал Сабо эътибор надод. Бачаҳо дар рӯ ба рӯи Сабо қарор гирифтанду ба болои харсанге баромада бо ҳар гуна ишораҳо фарьёд карданд:

— О-о-ми-и-н!

Чӣ гуфтани онҳоро фаҳмидан намешуд.

Баъди он ки чанд бор сайъ карда, матлаби худро фаҳмонда натавонистанд, бачаҳо маслиҳат карданду баробар фарьёд заданд:

— Ро-о-ми-ишш!

Ромиш бо изтироб пештар давида рафт.

— Ҳо-о-о!.. Чӣ гап?..

— Баландтар фарьёд кун, — саросема шуд Сабо.

— Чӣ-й? — Ромиш боз пештар рафт.

— Очаат… данд… — бод ба гӯши онҳо чанд ҳиҷои нотамомро овард.

— Чӣ-и?

Бачаҳо бо маслиҳат “як-ду-се” гӯён, баробар фарьёд карданду матлаб равшан гашт.

— Биё-ё-ё!.. Очаатро мебаранд! — Бачаҳо ин се калимаро такрор ба такрор мегуфтанд.

— Сабо, аз гӯсолаҳо бохабар шав!

Ҳанӯз Сабо ба сухан даҳон боз накарда буд, ки Ромиш дур рафта буд. Вай аз сангу буттаҳо ҷаҳида, мисли бод ба ҷониби деҳа мерафт. Бачаҳо ҳанӯз ҳам фарьёд доштанд. Сабо муддате аз думболи вай нигариста истод. Сипас як оҳи сангине кашиду гӯсолаҳои ба ҳар тараф парешон гаштаро ғун кардан гирифт.

Гӯсолаҳоро ҷамъ карду ба соя рафта муддате ғамгин нишаста буд, ки Зафар пайдо шуд. Сабо аз омадани вай мамнун, мушкили ба сари Ромиш омадаро гуфт.

— Хеле ҳам ҷои хилватро ёфтед, — сухани Сабоpo аз хусуси бемории модари Ромиш ва имрӯз ба бемористони ноҳия бурданашонро бурид Зафар. — Сабо, ту, ба назарам, рӯз аз рӯз хушрӯтар мешавӣ!.. Ё ба чашми ман аз ҳама хушрӯй менамоӣ, намедонам… Ягон сир ҳаст… Ман худам ҳам ҳайрон… — Зафар бо ин суханон ба Сабо ҷафстар нишаст.

— Ин чӣ қилиқ?!. Чӣ гап?.. Э-э… — ҳайрон шуд ва дасту по хӯрд Сабо. — Усунтар шин! Шарм намедорӣ?!

— Шармаш чӣ?.. Ҳиъ… Шарм дар бозори чарм…

— Ҳой, маст-пастӣ-чӣ? — чашмони Сабо калон-калон гаштанд. — Хез, дуртар шин!.. Э-э, шарм… — Сабо бар-

хоста, аз ӯ дуртар нишастанӣ шуд, аммо Зафар аз дастӣ ӯ гирифт.

— Ромиш катӣ… Ромиш катӣ шарм намедорӣ?! Чӣ, ман аз вай камам?

— Ин чӣ гуфтагет?

— Э-э, худатро ба нодонӣ назан!.. Кӯр не ман, ҳамааша медонам.

— Чира медонӣ?! — ранги рӯи Сабо мисли дока сапсафед шуд.

— Ҳа, хайр, мон… Ман ту катӣ ҷанг карданӣ наомадаам. Баръакс… Биё… аз ман наранҷ… Сабоҷони хушрӯ… — вай боз ба духтар наздик рафт.

— Ҳа-а… Ана, гап чӣ!.. — чашмони Сабо кашида шуданд.

— Ба дилат нагир. Ман… тура нағз мебинам… Барои ҳамин… Худат медонӣ, — Зафар сари роҳи Саборо гирифту бо дастонаш аз ду дасти духтар маҳкам дошт.

— Сар те! — бо ғазаб теғ кашида, ба вай нигарист Сабо.

Зафар даҳонашро боз карда, табассум карду дасти ӯро сахттар фишурд.

— Сар те!.. Дод мегӯям! — Сабо худро такон дода, дасташро аз дасти ҷавон раҳо кардан хост.

— Дод гӯй… Худат шарманда мешавӣ, — хунсард табассум карда дасти ӯро раҳо намекард Зафар. — Хайр, биё мешинем, — ӯ Саборо оғӯш карданӣ шуд, аммо духтар ӯро тела дод.

— Алмос!.. Алмос! — фарьёд кард вай.

Саг дар як сония аз куҷое ҳозир шуду бо нигоҳи савол ба чашми духтар нигариста думашро такон медод ва

гӯё гуфтан мехост: “Бифармо, чӣ хизмат?” Зафар аз тарс худро ба қафои Сабо гирифта буд. Ҳарчанд, ки саг ба вай беэътибор буд, ҷавон аз саги бузургҷусса ҳаросид ва дастони духтарро раҳо кард.

— Канӣ, тезтар! — Сабо ба вай амр кард. — Бо кадом раҳ омада бошӣ, ҳамон раҳ катӣ… думата хода кун!

Сабо баъди рафтани Зафар хеле вақт хомӯшу пакар ва бедимоғ нишаст. Қалбаш ноором ва авзояш хиратабъ буд, чӣ кор карданашро намедонист.

Вақте ки рӯз гашт карду вай чизу чораашро ғундошта, асбобҳои Ромишро ҷамъ мекард, лаҳзае наққошиҳои ӯ диққаташро кашид. Ногаҳон… Ин чӣ? Дар байни наққошиҳо акси худи вай… Хандида менигарад… Як гесӯяш ба пеш афтодагӣ… Дар чашмони Сабо ашк таровид. “Дӯст медорад”, гуфт вай зери лаб бо чашмони ашколуд табассум карда.

*Солҳои 1973-78*



# ШОКИРИ СИБИР



Дар назди бинои идораи колхоз барои муҷассамаи нимтанаи Ленинро гузоштан дер боз ҷунбуҷӯл доштанд. Бобо-Шокири нобино тақрибан ҳар рӯз аз наберааш роҷеъ ба пайкара мепурсид. Ин пурсуҷӯи пири нобино ба дили Инъомҷон ҳам зада буду ба дили ҳамсари бобо — мо-

мои Сокина ҳам. Айёми охир ҳамин ки бобо аз муҷассама пурсон шавад, дилтангона ғут-ғут мекард:

— Ба ҳайкал чи кораш бошад, ин пири очизи бетавфиқа?! Буд шудан кати ба ту он нону ош медиҳад? Чашм надошта бошӣ, то равию нигарӣ... Бишин, ту ҳам дуои ҷони фарзандоната кун, — ба ҳар нав хӯрдагирӣ мекард пиразан.

Аммо Инъомҷон имрӯз "ассалом" гӯён аз дар ворид гашту ҳарсосзанон ҷузвкаши ба тахтапушташ бастаро кушодаравон гуфт:

— Бобо, бобо... Ҳайкали Ленин буд шудаст!.. Имрӯз кушоданд... Аввал маҷлис шуд...

— А?.. Хӯш-хӯш? — Мӯйсафед мисли ҳамаи нобиноҳо баланд-баланд ҳарф мезад: Ӯ ба сӯи набераааш андаке хам шуда, гӯш ба қимор тез-тез сухан кард. — Ҳайкалро кушоданд, гуфтӣ?.. Хуб, канӣ, гап зан...

Бобо-Шокир баъди нобино шудан ҳамеша ҳасрат мехӯрд, ки ҳеҷ набошад, акси Ленин-боборо надидааст. Гоҳе чигунагии симои Ленинро ба худ тасаввур карданӣ мешуд, аммо наметавонист. Баъзан бо муқоисаи чигунагии андоми доҳиро фаҳмидан мехост. Ӯ ба дигар даъвогарони доҳигӣ эътиқод надошт, вале Ленинро парастиш мекард. "Ленин — гапи дигар... — мегуфт вай доимо. — Ноҳақӣ кардани ӯро нашунидаам..."

— Хайр, исто, ки Ленин-бобо агар одами каллакалон бошад, ҳамон тағои ман суроб будагист-а? — пурсид ҳоло мӯйсафед. — Ба ҳайкал наздик рафта, нағзакак дидӣ охир?

— Дидам... Вай тағотон барин не... — гуфт Инъомҷон бепарво. — Ленин — Ленин-дия, тағотон...

Баъди он ки ҳарфи нимпайкараи Ленин баромад, бо-

бои Шокир андоми доҳиро аз муҷассама палмосида гирифта метавонам, гӯён мунтазири насби он рӯз мешумурд.

— Бобо, мудирамон дар маҷлис номи шуморо ҳам гуфтанд. Баъд бобои Ҷаббор, хеши Саидҷонино ҳастанд-ку, он кас пардаро аз болои нимпайкар фуроварданд. Мудир шуморо пурсиданд. “Чаро бобои Шокир нестанд?” гуфтанд.

— Ҳамин хел гӯй? Маро ҳам пурсид?.. Хайр, оқибат ҳайкала кушоданд, гӯй. Кори хуб шудаст, бачем, — мӯйсафед хабари овардаи набераашро фикран муҳокима мекард.

— Ҳа, директорамон гуфтанд, ки аввал шумо ба деҳаамон хабари инқилобу Ленинро овардед. Аз зиндони Сибир овард, гуфтанд. Ҳамин хел-чӣ, бобо? Шумо овардед?

— Ман хабар овarданам, рост. Аммо Ленинбоборо надидаам. Дурӯғ гуфтан чӣ даркор?..

— Директор боз гуфтанд, ки одамон то ки Ленинро бинанд, бобои Шокир чашмашро дод. Бобо, чашмонатонро душман Ленинро набинад, гуфта кӯр кардагӣ-а?

Инъомҷон ҷузвдонашро ба як гӯшаи кат тела доду ба рӯи гилем нишаст ва ба ду доғи ҷароҳате, ки ҷойи чашм дар зери мижгонҳои бобо буд, ба диққат нигарист, чунон ки бори нахуст медида бошад. Сипас ба сухан даромад:

— Муаллим вазифа супориданд, ки иншо нависам. Медонед, иншо дар мавзӯи озод — аз саргузашти шумо, бобо?.. Э, шумо намедонед!.. Сибир шуданатон, чашмонатонро босмачӣ кӯр карданаш — ҳамаашро менависам, мефаҳмед? Сонӣ дар синф муҳокима мекунанд... Мегӯед-а, бобо? Саргузаштатонро мегӯед, ман нависам?

— Майлаш, мегӯям. Аммо ту ҳам хоҳиши мана иҷро мекунӣ. Як бор ба назди ҳайкали Ленин-бобо мебарӣ. — Бобо - Шокир номи Ленинро ҳамеша бо эҳтиром ба забон мегирифт.

— Хуб шудаст, ҳозир барам?

— Не, азон катӣ меравем. Саҳарӣ барвақт туро аз хоб бедор мекунам, дастурӯ шуста...

— Ин хел бошад, Сибир шуданатонро ҳозир мегӯед, — илтимос кард Инъомҷон. — Ҳамаи саргузаштатонро...

— Хайр, даркор бошад, мегӯям.

Пирамард лаҳзае абрӯ чин карда, хомӯш монд. Инъомҷон ҳар боре, ки бобояшро дар ин вазъият бубинад, ӯро ба Рӯдакӣ монанд мекард. Риши сафед шаршара барин ба рӯи сина рехтагӣ, сари баланд, ҷабини васеи пурочинг, дар ҳақиқат ба акси Рӯдакӣ монанд! Як бор Инъомҷон акси бобояшро кашид, ба сурати Рӯдакӣ монанд шуд. Муаллим ҳам шабеҳи Рӯдакӣ гуфт. Инъомҷон ҳарф назад, хайр, тасвири Рӯдакӣ бошад, Рӯдакӣ-дия.

— Хуб, кадоме аз моҷароҳоямро ҳикоя кунам? — пурсид Бобо-Шокир.

— Сибир шуданатон... Сонӣ... Хабари инқилобро овардanатон... Ҳама, ҳамаашро...

— Ин воқеа аз инқилоб се сол ё чор сол пеш рӯй дода буд, — зуд ба сухан даромад бобо. — Оқподшою Гирмон ҷанг мекарданд.

— Як Оқподшо не, бо Германия Антанта ҷанг мекард, — сухани боборо ислоҳ кард Инъомҷон. — Зидди Германия се давлат — Россия, Англия, Франция...

— Аҷаб не, писарам. Аммо ҷанг кашол ёфту Оқподшо беҳол шудан гирифт. Асп даркор шуд. Фуқаро аспашона диҳанд, гуфт. Аспи камбағалона гирифтанд. Сарватмандон парвои фалак надоштанд. Дар он замон касе, ки молу пул дошт, гапаш гап буд.... Ҳамон соле, ки падарам, бобои калониат аз дунё гузаштанд, ман раҳам ба худам,

дар синни ту — дувоздаҳсола будам. Як марди аллоф аз Сойи Боло вақти ба бозор рафтану аз бозор омадан ба ҳавлимон даромада, додом катӣ чой мехӯрд, улфат буданд...

— Истед, бобо, аллофаш кӣ? — сухани бобоpo қатъ намуда савол кард Инъомҷон.

— Одати сухана буриданат набуд-ку! — Норозӣ аз рафтори набера хомӯш монд бобо. — Хайр, дар охир мепурсидӣ, мегуфтам...

— Бобо, сонӣ аз ёдам меравад...

— Аллоф... Ин ҷаву гандуми одамонро харида мегирифту ба шаҳр бурда гаронтар мефурӯхт... Ғаллафурӯш-дия.

— Ҳа-а, фаҳмидаам... савдогар гӯед...

— Ана, ҳамон беинсоф баъди аз дунё гузаштани бобоят омада, ба ману модарбузургат гуфт, ки ҳосили боғ баъд аз ин ду тақсим. Дар пеши фалон бой раҳматӣ падаратон аз ман пул гирифта, замину боғатонро шарикхӯр карда буд.... Чӣ ҳам мегуфтем, замин сахту осмон баланд. Вай сарватманди беинсоф ҳам даъвои савдогара тасдиқ кард. Хулласи калом, ҳар сол ҳам аз ғалла, ҳам аз чормағзу ғулинг нисфашро ҳамон аллофи беинсоф омада мебурд. Хирман бод мекардаму то вай омада ҳаққашро набарад, ҳаққам набуд, ки ним ман гандума осиё кунам. Замона ана ҳамин хел буд.... Э, сари гап куҷо буд? — Бобо аз мақсад дур рафтанашро пай бурду лаҳзае андешида, сокит гашт. Сипас идомаи ҳикоётро боз аз аспгирии Оқподшо шурӯъ кард: — Хонасалот элликбошӣ мо барин камбағалони як умр пояш ба рикоби асп нарасидагира ҳам, асп медиҳӣ гӯяд, мешавад! Э, аҷаб замонаҳое буд! Оқибат, беинсофию ноҳақӣ ба сарашон об рехт-дия... Мо

— чор хонаводаи камбағал пул ҷамъ карда, аз Ниёзбеки сойчагӣ як асп харида, ба Оқподшо супоридем. Дигар илоҷ набуд... Хӯш... Сонӣ... Э, гап бисёр, агар ҳамаи онро гӯӣ, алфа лайла[7] мешавад... Аз миён як сол ё ним сол гузашт, аниқ ёд надорам, боз гапи нав баромад. Ин дафъа гуфтанд, ки Оқподшо сарбоз мегирифтаст. Мардум тамоми кору борашона таҳ карда монданд. Дар ҳама ҷо фақат гапи сарбозӣ буд. Мегуфтанд, ки дар ҷабҳа сарбозони Оқподшо нобуд шудаанду ҷавонҳо рафта ба ҷанг медаромадаанд. Сонитар гуфтанд, ки норозигӣ изҳор шудасту ба Оқподшо тилгироф[8] задаанд, вай дар ҷавоб гуфтаст, ки майлаш, ҷавонони мусулмон омада, дар зовут[9] ба ҷойи мастеровойҳо[10] кор кунанд. Хайрияти кор, ниҳоятан ҳамин гап рост баромад. Ман ҳамон вақт ҷавони бӯзбалаи ҳаждаҳсола будам. Номама дар сари дафтар навиштанд. Хайр, дар пешонӣ чӣ навиштагӣ бошад, ҳамона мебинем-дия, гуфта тоқира нимта монда гаштам. Амакам дар тарафҳои Миёнкол чоряккорӣ мекард, ногаҳон ба деҳа аҳлу аёлашро хабаргирӣ омаду уна ҳам ба рӯйхат даровroutанд. Вай баъди як ҳафта рафта, бо хӯҷаинонаш ҳисобу китоб карда омаду гуфт, ки дар Ҷиззах мардум сарсадо бардоштаанд, ба мардикорӣ намеравем, гӯён балво кардаанд, волостной[11] гурехтаст... Ҷиззах мусулмонобод шудаст... Мо ин хабарро шунида, саҳарӣ хеста, чортогӣ нонро ба камар бастему аз кӯҳ гузашта, роҳи Ҷиззахро пеш гирифтем. Дар деҳа мардум барои аз мардикорӣ монондани фарзандонашон ёфтаю сохтаашонро ба кало-

---

7 Алф лайла — ҳазор шаб (арабӣ)
8 Тилгироф — телеграф (русӣ)
9 Зовут — завод (русӣ), корхона
10 Мастеревой — мастер (русӣ), усто
11 Волостной — управляющий волостью (русӣ), устондор

нон хӯронда, хеле хонахароб мешуданд. Молдор молаша фурӯхта дод, заминдор заминаша... Мо ба ғайр аз ҳамин замини шарикӣ чизи дигар надоштем. Ҳеҷ гоҳ фарзанди камбағала монда, бойбачаро ба мардикорӣ намебаранд-ку! Беҳтараш ба Ҷиззах рафта, ба шӯришчиён мадад шавем, гуфтем. Балки зӯр ояд, губурнотур ҳам тарсида, ба Оқподшо гӯяд, ки аз баҳри мардикоргирӣ барояд. Решаи Оқподшо ҳам чунбида мондагӣ, мегуфтанд-дия!.. Аммо, ман ба ту гӯям толеи мо боз пастӣ кард, фоламон чап омад. Губурнотур аскари бисёре фиристодаст, бо тӯпу пулумут Ҷиззаха хароб карданд. Одам тут барин рехт. Ману амакам баргашта, ба деҳа омадем. Аз миён як ҳафта нагузашта буд, ки аз паямон миршаб омада, дастамона баста, пешандоз карда бурд. Ана, бо ҳамин рафтан баъди чор сол ба деҳа баргаштам.

— Амакатон-чӣ? — пурсид Инъомҷон.

— Амакам... дар роҳ сармо хӯрда, дар зиндони шаҳри Иркутск аз пой афтод. Ба беморхонаи зиндон бурданд. Рӯзи дигар аз кор меомадем, ки дар шаҳр Николай гуфтагӣ дастёри духтура дидам, дар танаш ҷомаи қаламбофи амакам. Дилам таҳ кашида рафт. Рост ба беморхона рафтам. Амакам шаб аз дунё гузашта будаст... — Бобо лаҳзае хомӯш монд. — Дар ҳамон ҷо ба хок супурдам... — гуфт вай дар поён. — Э, чӣ рӯзҳое аз сарам гузашт... Чор сол дар кучоҳо набудам, бо чӣ одамоне ҳамнамак нашудам!.. Савод баровардам, одаму олама дидам, неку бада шинохтам. Дар ҳама ҷо зулм, ноҳақӣ, беинсофӣ... Лекин дар дунё одамони асил, мардони ҳалол кам набудаанд! Ана, ҳамонҳо ба ман гапу кори Ленина фаҳмонданд... Гапу кори Ленин ростию адолат бошад, ман тарафи вай гуфтам. Одам ба ҳар сахтӣ тоқат мекунад, аммо ба беадола-

тию беинсофӣ тан додан мушкил будаст... Хайр, сонӣ дар Футурбург[12] инқилоб шуду мо ҳам озод гаштем. Ба деҳа омада, гап чию кор чӣ фаҳмонам, ба даҳанкалонони ин ҷа шум намудам... — Бобо-Шокир лаҳзае фикр карда, монд. Таҳхонаи хотироти худро мекофт, тагурӯ мекард, сара менамуд, худ ба худ муҳокима дошт, ки чиро гӯяду чиро не. Охир ҳарф бисёр, кадом яктоашро гӯяд.

— Рӯзе ду савор аз роҳ мегузаштанд, маро ҷеғ заданд. Якеаш — марди миёнсоли ношинос, дар танаш ҷомаи олак, дар сараш тоқии чуст, ришу муйлабаш ҷадидча — кӯтоҳ қайчӣ задагӣ. Дигараш — Соҳиб гуфтагӣ ҳамдеҳаи худамон, ки пештар дар хизмати бойҳои Лоиш буд, — гуфт Бобо-Шокир ҳикояташро мухтасар карда, ба нияти зудтар ба сари матлаб омадан. — "Канӣ, фуроед, чой хӯрда равед", — гуфтам аз рӯи одати маъмула. "Не, раҳмат, ягон вақти дигар", — гуфт Соҳиб. Сонӣ ба меҳмон ишора карда, шиносо намуд: "Ин кас аз волост омадагӣ. Дар хусуси даъвои аллофи Сойи Боло як ариза карда бед, ҳал мекунем. Ҳеҷ натарсед. Фаҳмида монед: ҳозир ҳукумат — ҳукумати камбағалон!"

Аз карнайчӣ як пуф, гӯён як ариза навишта рафтам. Дар бадали ду рӯз тафтиш карда, даъвои уна беасос баровարданд. Боғу, замин боз аз они худамон шуд. Панҷсола ҳосили аз мо гирифтагиша ҳам рӯёнда доданӣ шуданд. Ана, ҳамон рӯзҳо бо он номард тезу тунд шуда будам. "Хайрият ки Ленин будааст, Ҳукумати Шӯро будаст, пушту панохи камбағалону бечораҳо. Дар шумо инсофу имон намонда будаасту мо — бехабар, — гуфтам ман. "Телба нашав, ба ин дурӯза абри даргузар худатро нафиреб, ба-

12 Футурбург — Петербург, шаҳр дар Русия

ча”, — гуфта дӯғ карда буд вай. “Ҳой, — гуфтам, — агар дар ҳамон замони амиру Оқподшо ҳам агар медонистам, ки ту беинсоф дурӯғ мегӯӣ, ду чашмата кофта мегирифтам...” Хулосаи калом, бо ӯ хеле “тую ман” кардем.

Дертар дар деҳа маро раиси шӯро интихоб карданд. “Беваю бечораҳоро ҳимоя кун”, гуфта барои зарурат ду милиса ҳам доданд. Замона нотинҷ буд-дия. Мардум овоза карданд, ки гӯё худи Ленин амр кардаст, ки Шокири Сибира раиси шӯрои Наврӯд таъин кунанд... Баъд босмачӣ баромаду қатори панҷ-шашта бойбачаҳои аламнок ҳамон аллофи Сойи Болоӣ ҳам ба босмачӣ ҳамроҳ шуда рафт. Аҳли деҳа, агарчи худашон изҳор накунанд ҳам, ба ду гурӯҳ тақсим шуда буданд: гурӯҳе тарафдори инқилоб, гурӯҳе хостгори тартиботи амирӣ. Сари халқ гаранг, дӯсту душманро фарқ кардан мушкил шуд...

Бобо-Шокир хомӯш гашт. Воқеаи кӯр карданашонро боз нагуфт. Аммо Инъомҷон ваъдаи бобояшро хотиррасон кард.

— Э-э, аслан, ин гапи менавиштагӣ ҳам не, — Бобо-Шокир ба ночор он воқеаро ба гуфтан сар кард. — Як шаб деҳаи мора душман зер кард. Милисаҳо ба мо хиёнат карданду ба тарафи онҳо гузаштанд. Дусад нафар шаб дар ҳавлии Халилбой хӯрок хӯрда, сонӣ даҳ нафарӣ барои хоб дар ҳавлиҳои мардум тақсим шуданд. Рӯзи дигар чоштгоҳӣ маро гирифта пеши қӯрбошӣ бурданд. Хеле лат доданд. Рости гап, аз ҷонам даст шустам. Ногаҳон ҳамон аллофи Сойи Болоӣ пайдо шуду ба гӯши қӯрбошӣ чизе гуфт. Сонӣ нокас ба ман заҳрханда карду пурсид: “Ку, акнун бигӯ, Ленина дидӣ? Ҳукумати шӯрот барқарор аст?” “Худатон мебинед-ку, барқарор, боз чиба аз ман мепурсед! Ҳукумати шӯро зафар ёфта бошад, аз адолаташ ёфт.

Оҳи халқ беасар намемонад”, — гуфтам. Онҳо ту кофир, ба кофирҳо фурӯхта шудӣ, ватаната, дину мазҳабата фурӯхтӣ, ҳамаро ба бединӣ ташвиқот мекунӣ гӯён, маро куллан аз ҳаллоҷӣ гузаронданд. Баъд Ленина дидӣ ё не, гӯён боз зарбу лат карданд. Гуфтам, ки надидаам, аммо зинда бошам, мебинам! “Зинда бошӣ ҳам, намебинӣ, балвогари кофир!” гӯён боз лагаткӯб карданд. Хулласи гап, нимҷон карда, сонӣ... сонӣ ба чашмҳоям мил зада, бароварда партофтанд... Гумонам, баъди аз ҳуш рафтанам ҳамон аллофи нобакор ин корро кард-дия...

Бобо-Шокир оҳи сангине кашиду хомӯш гашт. Инъомчон ҳам лаҳзае дар фикр монд. Сипас бобо аз ӯ пурсид:

— Ҳайкал аз замин баланд аст-чӣ?

— Не, қади ман мерасад.

— Дастам катӣ рӯяшона палмосам, аз ҳайкал дидори Ленин-бобора мебинам, — гуфт мӯйсафеди нобино.

...Субҳидами барвақт онҳое, ки гузарашон ба тарафи идораи колхоз афтод, дар бари муҷассамаи нимтанаи Ленин Шокири Сибирро бо наберааш диданд. Пирамарди нобино тимсоли биринҷиро бо дастони ларзони пиронааш палмосида, симои Ленинро дар хотир нақш мекард. Нури сапедадами саҳар ба риши сафеди нуқратоби бобо ба сару рӯи монанди ноки қоқшуда пуроҷинги вай файз мепошид.

Инъомчон аз ин кори бобо хиҷил, дар изтироб ба атроф менигарист.



***Соли 1970***

# БОБО

Ман ҳамроҳи бобоям ба деҳа меравам. Бобоям пиранд, ман ҳоло бачаам. Бо вуҷуди ин сӯҳбати мо гарм аст.



Баъди як соли ба шаҳр кӯчиданамон дадаам ба ҷанг рафтанд. Чаҳор сол дар ҷанг буданд. Дар тӯли ин солу моҳҳо рӯзе набуд, ки ман деҳаамонро ба ёд наоварда бошам. Аз боғҳои мевазору сою чашмасорон, аз рамаҳои бузу гӯсфанду чарогоҳҳои сабзу гулпӯши он, аз одамони дилкушодаву ҳимматбаланд ва хушҳолаш бо муболиғаҳои зиёд ба дӯстони шаҳриам ҳикоя мекардам. Ман деҳаамонро пазмон будам. Модарам мегуфтанд, ки дадаат аз ҷанг баргарданд, мо боз ба деҳа кӯчида меравем. Дадаам дар номаашон ҳамин хел навиштаанд. Дар ҷанг деҳаамонро хоб медидаанд, оби чашмаро хоб медидаанд. Боз бӯйи

хирмани навкӯфтаи гандум ба димоғашон мерасидаст. Зиндаву саломат аз ҷанг баргарданд, аввал ба деҳа рафта, ду кафашонро пур карда, аз чашма об менӯшидаанд.

Ниҳоят он рӯз ҳам расид: падарам аз ҷабҳа мустақим ба деҳа рафтанду падарбузургамро фиристоданд, ки аз шаҳр моро кӯчонда баранд. Модарам аввал ҳайрон шуданд, ки дадаам чаро рост ба назди мо наомада, ба деҳа рафтаанд.

— Аз баъзе шиносони инҷойияш дилмонда барин, — гуфтанд бобоям.

Ман ба маънии ин хел суханони он кас дуруст сарфаҳм намеравам.

Ана, ба ҳамин тариқ, ҳоло ману бобоям ба деҳа равонем.

Дашти ҳамвору якранг ва бе долу дарахт ақиб монд. Мо ба домани кӯҳҳо расидем ва якбора ба дараи кӯҳ, ки шав-шуви оби сойчае хомӯшии онро халалдор мекард, даромадем. Дар ду тарафи роҳ кӯҳҳои баланд ва шаху зовҳо соя андохта буданд. Паррандагони бешумори ин ҷо, ки чириқ-чириқ, чув-чув садо мебароварданд, аз чӣ сабаб бошад, ба ман бегона намуданд. Гунҷишкакони сабзу нилобӣ, сурху зард дучор мешуданд, ки ман номашонро намедонистам. Онҳо чӯҷаи парида наметавонистагӣ барин аз як шох ба шохи дигар ҷаҳида, маро фиреftан мехостанд.

Мисле ки, паррандагон ҳам ба мисли мо — бачаҳо баҳорро бесаброна интизорӣ мекашанд. Баҳор наомада, онҳо парида меоянду хомӯшии зимистон мераванд. Умуман, агар ба хониши паррандагон бодиққат гӯш кунед, мефаҳмед, ки онҳо ба сари худ, беҳуда чаҳ-чаҳ намезананд. Ана, гӯш кунед, яке бо дигаре ҳамовозӣ мекунад, дар ҷавоби фарёди яке дигаре садо медиҳад. Ҳо, ана, дар он ҷо ҷамъ шуда, бо ҳам баҳсу хархаша мекунанд. Баъзан,

аввал ду тан ором нишаста, сӯҳбат мекунанду баъд ба манша мегузаранд.

Гоҳо дар осмон калхоте пайдо шуда, ором чарх мезанад. Ба синфи пурғулғула гӯё муаллим даромада бошад, паррандагони атроф якбора хомӯш мешаванд.

Ҳоло ману бобоям ба деҳа меравем. Вақти ба шаҳр кӯчиданамон ман хурд будам, ба мактаб намерафтам. Дар деҳа хешу таборамон бисёр, аммо ман аз ҳама зиёдтар ҳамсояамон — амаки Хушвақтро ёд дорам. Марди миёнақади ситорагарм, бурутдор буданд. Амаки Хушвақт ба мо хеши наздик набошанд ҳам, ба қавли модарам, бо дадаам дӯсти ҷонӣ будаанд. Он кас баъди кор аксар вақт бо ман андармон мешуданд. Ман гаҳвораи духтарчаашонро меҷунбонидам ва дар ивазаш аз он кас қандалоти коғазпеч мукофот мегирифтам, ки онро дар деҳа “гижбил” мегуфтанд. Амаки Хушвақт боре аз сой ба ман гулмоҳӣ дошта доданд. Ёд дорам, рӯзе бодбаракпарронии бачагони бузургсолтарро дида, “бодбарак сохта медиҳӣ” гӯён, модарамро хеле азият додам. Амаки Хушвақт ба ман бодбарак сохта доданд. Он солҳо мудири дӯкон буданд. Мегӯянд, ки ҳоло он кас одами калон шудагӣ... Дар ҷойи дигар хона сохта, аз ҳамсоягии мо рафтагӣ.

Роҳ печутоб хӯрда, бештар ба даруntари дара медаромаду деворҳои он ба сӯйи мо ҷафстар мешуд. Ба боло нигоҳ кунам, ба назар чунон менамуд, ки гӯё қуллаҳо чун сутунҳо ба китфи худ осмонро дошта истодаанд. Диламро ваҳм зер мекард. Кошкӣ, зудтар аз бағали хилвати ин кӯҳҳо баромада, ба ягон деҳа ё ҳадди ақал ба манзили чӯпонон мерасидем. Ман бо халачӯб ба гардани хар зада, онро аз роҳ боздоштанӣ шудам, то ки аз бобоям, ки бо хари сустпойи худ хеле ақиб монданд, дур наравам.

Гашти харро суст кардаму чӣ гуна бо дадаам вохӯрданамро пеши назар овардани шудам: Бузургсолон аз ҷанг омадагиҳоро оғӯш гирифта, вохӯрӣ мекунанд. Ман дадаамро андаке дар ёд дорам. Рӯзи ба ҷанг рафтанашон маро боло бардошта, дар саҳни истгоҳи қатор бо модарам гуфтугӯкунон, худо ҳофизиашон дар ёдам мондааст. Баъд аксашонро фиристоданд. Ман одамро аз аксаш шинохта наметавонам. Акси падари Олимҷонро дар хонаашон борҳо дида будам. Аммо як саҳарӣ, вақте ки ба мактаб мерафтам, он кас ҷомадон дар даст дар раҳ пеш омаданду нашинохтам. Агар мешинохтам, тозон ба холаи Назокат хушхабар мебурдаму шодиёна мегирифтам. Ҳар хонаводае, ки чашм ба роҳ аст, барои шодиёна чизе пинҳон карда дорад... Дадаам нишону медали зиёд гирифтагӣ. Ҳар бор дар мактубашон ордени нав гирифтанашонро менавиштанд. Агар дар шаҳр мебудем, ман ҳам бо дадаам ба кӯча мебаромадам, бачаҳо дида ҳайрону ҳасудӣ мекарданд.

— Бобо, дадаам ордени бисёр доранд-а? — ба ақиб нигариста, аз бобоям, ки ба мушкилӣ ба хари ман расида омада буданд, пурсидам.

— Ҳа, рӯзи омаданаш сари синааш пури орден буд. Баъд, ба фикрам гирифта монд.

— Ба куҷо гирифта монданд?

— Ба ягон ҷо руст кардагист-дия.

— Ордена руст намекунанд, ҳама овехта мегарданд-ку!

— Ҳӣ... Ҳар бор шишта хезад, шутури зангӯладор барин ҷарангос занонда гардад?

Ман ба ришханди бобоям ҷавобе нагуфтам.

— Ордени Ленин ҳам доранд?

— Аз ҳар хелаш буд.

— “Ситораи тилло” надоранд?

— Доштагист. Муаллимони мактаб омада буданд, дадата дар қишлоқ аз ҳама пурорден гуфтанд.

— Шояд “Ситораи тилло” надоранд, қаҳрамон нашудаанд. Шумо намедонед. Аз гузари мо як нафар қаҳрамон шуда, “Ситораи тилло” гирифта буд, ҳукумат ба вай ҳама чиза бепул дод. Хонаи нав дод, гов дод.

Хари бобоям боз ақиб монд. Худашон пинак меравандy харашон ақиб мемонад. Хайрият, ки хар пинак намеравад, набошад ҳоло чандин бор ба замин ғелида, пешониамон қашқа мешуд. Ба хар мушкил, ҷонвар як умр дар азоб: савор мешаванд, хала мекунанд, бор мекашонанд, баста мемонанд...

Курраи хари ман дар деҳа мондааст. Ҳоло ҷонвар бе халаву шатта ба пасту баланд нигоҳ накарда, йӯрға мекунад. Хари бобоям пиру коҳил, фақат бо зарби халачӯб роҳ мегардад. Бобоям мегӯянд, ки аз зарбаи халачӯб пӯсташ чунон ғафс шудаст, ки акнун ба вай шатта таъсир намекунад. Бобоям ҳоло харро ба ҳоли худаш монда, чашмонашон нимпӯш, сурудеро замзама мекунанд. Хар буттаҳои сари роҳро даҳан зада, хоҳам-нахоҳам по мемонад. Бобоям одами аҷибанд. Ба корҳои он кас гоҳ қаҳри одам меояд, гоҳ механдад. Модарам мегӯянд, ки он кас одами қадим, сахтиву сустии бисёр дида, кӯфта шудаанд. Ба пириашон нигоҳ накарда, дастёри беминнати хурду калони деҳа будаанд. Одамон ҳар чӣ гӯянд, хуб мегуфтанд, одати не гуфта, касеро ранҷондан надоштанд.

— Бобо, тезтар ҳай кунед! — тоқатам тоқ шуду фарёд кардам.

Он кас овози маро шунида, ба сӯям як назар партофтанду харашонро халачӯб заданд. Баъд ба ман расида омада “Чӣ гуфтӣ?” гӯён пурсиданд. Гӯшашон вазнин шу-

даст, овозро мешунаванду чӣ гуфтани касро нафаҳмида, ба чашми одам нигоҳ карда мемонанд, гӯё аз чашми кас сухани гуфтаи ӯро фаҳмиданӣ мешаванд.

Рӯбоҳе аз селраҳа баромада, ба сӯйи мо сарашро гардонда ду-се бор нигоҳ карду бехавотир ба кӯҳ рост шуд.

— Бин, рӯбоҳ! — дида истода бошам ҳам, бохабар карданд бобоям.

— Бобо, дар ин кӯҳ гург ҳаст? — оқибат саволеро, ки қалбамро мехарошид, ба забон овардам.

— Ҳаст ҳам гап шуд! — шояд саволи ман беҷо буд, ки бобоям табассум карданд. — Ҳоло дар поён, дар сари роҳ турбатро дидӣ? — Бобоям ба ақиб ишора карданд. — Турбати як сарбоз. Порсол зимистон гург хӯрд, — мисле ки ягон узвашон, андомашон ба дард омада бошад, бобоям рӯ турш карда, хомӯш шуданду баъд аз таҳти дил оҳ кашида монданд.

Дили маро ваҳм зер кард. Аммо амиқтар фикр кунам, гапи бобоям ба ҳақиқат рост намеояд. Сарбози сурхи аз ҳама зӯрро, аз ҳеҷ кас наметарсидагиро гург мехӯрдаст! Бобоям филм намебинанд-дия.

— Гург сарбозро хӯрда наметавонад! — эътироз кардам ман. Ба ҳар як даъвои он кас розӣ шавам ҳам, ба ин сухан тан дода наметавонистам. — Сарбоз фашистро мепаронаду аз гург метарсад?!

— Чӣ, сарбоз шох дорад? Вай ҳам бандаи худо-дия!

— Агар вай сарбоз бошад, гургро мепаронд. Сарбоз не!

— Туфангаш набудаст. Ханҷар доштаст.

— Нагуфтам! Бемилтиқ бошад, вай аскар не!

— Хайр, ба гумонат вай кӣ буд? — бобоям бо истеҳзо ба ман нигаристанд.

— Ман чӣ донам? Аммо вай сарбоз не! — Сарбози

сурхро ин хел паст задани он кас ба ман намефорид.

— Хайр, ба ҳар ҳол, аз ҷанг меомадаст, — қадре паст фуромаданд бобоям.

— Чаро танҳо ба раҳ баромадаст? — Чунон ғамгин будам, ки овозам ба гӯшам бегона расид.

— Дар рӯзи равшан-а! — Бобоям саволи маро нашуниданд.

— Аз ҷабҳа омада, дар маркази ноҳия улав наёфта, пиёда ба роҳ баромадаст. Дар роҳ аз пешаш Исмати номарасон баромада, хоҳиш кардааст, ки аз роҳ баргардад, не гуфта, худравӣ кардаст. Гургон аз пайи Исмат ҳам тохтаанд, аммо аспаш халос кардаст. Ба аспаш расида натавонистаанд. Сарбозбача, раҳматӣ, ҷавони базарда будааст, аз раҳаш нагаштааст. "Фашистро бурда ба хонааш монда омадаму аз тарси гург аз раҳ гардам? Не-е! Бепарво бошед, ханҷар дорам", гуфтаст. Ин не, он не, аҷал расидагӣ, — бобоям бо дард боз оҳе кашидаанду "ё оллоҳ" гуфта монданд. Баъд халачӯбро аз гиребонашон даровардa, тахтапушташонро хориданд.

— Баъд чӣ шудаст?

— Чӣ мешуд, бечорара гург хӯрдаст. Устухонҳояш мондаст. Гург ҷомадонашро ҳам тика-тика кардаст.

— Бо ханҷараш назадаст охир? — Акнун аз ҳад зиёд ба даҳшат афтода, харамро аз паҳлӯи хари бобоям мерондам.

— Қарибиҳои намози дигар аз ноҳия мошин катӣ одамон омада мебинанд, ки дар таҳи кӯҳ як гург дароз-дароз уллос мекашад. Мошин наздик меояду гург мегурезад. Нигаранд, ки устухони одам, ҷомадон ва як гурги дигар мурда... Вақте ки гургон дармеафтанд, ҷавонмард башаст якеашро ханҷар мезанаду теғ ба устухони гург дармонда,

дигар онро кашида гирифта наметавонад. Гурги дигар аз қафо гирифта, бечораро аз пой афтондаст. — Пас аз каме хомӯшӣ бобоям боз илова карданд: — Устухонҳоша дар як халта ғун карда ба хок супурданд.

Акнун ин макон ба назари ман ниҳоят шум ва даҳшатангез гашт. Дилам мехост, ки мурғе шуда парвоз кунаму дар як мижа задан аз ин дараи бехосият берун равам. Саволҳои бисёре қалбамро мефишурданд, аммо аз пурсидан ибо мекардам. Фаҳмидан мехостам, ки гургҳо ба мо ҳам ҳамла карда метавонанд ё не? Гоҳе ба назарам чунин менамуд, ки дар паси ҳар як сангу ҳар як бутта гурге роҳи моро мунтазир аст.

— Шумо аз ин роҳ ягон бор шабона гузаштаед? — Беихтиёр савол медиҳаму метарсам, ки боз ягон ҳодисаи даҳшатнокро нагӯянд.

— Ягон бор гуфтӣ? — Мисли ҳамеша бобоям аввал саволи маро такрор пурсида, баъд аз дур ҳарф оғоз мекунанд. — Як замонҳо аз ин раҳ одам на шаб гузашта метавонист, на рӯз. Макони дузду раҳзан буд. Аз инқилоб ду сол ё се сол пеш амакамро дар ҳамин раҳ барои ним пуд гандум дуздон кушта, ба чоҳ партофта буданд. Э, аҷаб замонҳое буд. Дар Миёнкол чоряккорӣ карда, каму беш ризқу рӯзӣ ёфтам, аммо илоҷи ба хона овардан набуд. Ба маслиҳат сари зимистон кӯчида, ба он тараф рафтем. Зимистона дар ҳамон ҷо гузаронда, сари баҳор боз ба деҳа омадем.

Бобоям ба хаёл рафта, хомӯш шуданд.

Ман дадаамро пеши чашм оварданӣ шуда, ҳар қадар кӯшиш кардам, нашуд. Фақат қомати баландашон дар ёдам. Баъд дар хаёли худ дадаамро ба ягонтои он мардо-

не, ки аз ҷанг омада буданд, монанд карданӣ шудам. Не, ин ҳам нашуд. Агар баъзеи онҳо монанди дадаам лоғару қадбаланд бошанд ҳам, ба он кас шабеҳ набуданд. Чаро монанд набуданд, намедонам. Модарам мегӯянд, ки дадаат аз бехобӣ ба ҷанг рафтанд. Як бор он касро духтурҳо гардондаанд. Пичингу таънаҳо шунидаанд, ба тӯҳматҳо гирифтор гаштаанд. Сонӣ дадаам аризаи довталабӣ додаанд. Аризаашонро рад кардаанд. Дадаам такроран ариза додаанд. Баъди ин ҳодиса хобпар шудаанд, шабҳо хобашон набурда, печутоб хӯрда мебаромадаанд. Оқибат дархосташон қабул шудасту ба ҷабҳа рафтаанд.

— Ҳо, дар таҳи зов сиёҳира дидӣ? Ғор аст, — бобоям бо халачӯби худ ба камари кӯҳ ишора карданд. Аз ҳамин ҷо ба ғор даромада, аз болои деҳа мебаромӣ. Деҳа дар ақиби ҳамин кӯҳ. Мо кӯҳа чарх зада меравем.

Дар таҳи зови ваҳмангез сиёҳие ба назар мерасид, ки аз раҳ даҳани ғалбер барин менамуд.

— Даҳанаш хурду аммо дохилаш, торафт васеъ шудан мегирад, — бовар накардани маро дида, шарҳ доданд бобоям.

— Шумо ягон бор аз ин тараф ба он тарафаш гузаштаед?

— Не, ман нагузаштаам, аммо ҳамин тавр мегӯянд. Даруни ғор торик, роҳ гашта намешавад. Солҳои инқилобу босмачигарӣ буд. Ман баҳору тобистон дар кӯҳ кор мекардам. Шудгор мекардам, тухм мепошидам, гандум медаравидам, хирман мекӯфтам. Аз баландӣ ба деҳа роҳ гирифтани камондоронро аз дур медидаму як ғарамча алафи хушка алав мезадам. Мардуми деҳа дудро дида, бо асбобу

анҷому васоилашон, бо фарзандҳояшон дар ҳамин ғор паноҳ мебурданд.

— Душман ба ғор даромада наметавонист?

— Ғайбдон шудаст-чӣ! Роҳи ба ғор мебурда чап, рафтан осон не. Даруни ғор торику ноҳамвор.

— Агар душман шабона ояд, чӣ кор мекардед?

— Шабона — осон... Ҳамин ки ба деҳа даромаданд, мардум дар торикӣ тез ҳисобашона меёфтанд... Аммо як шаб дар таҳи дари Намоз гуфтагӣ ҳамсояамон ногоҳ панҷ нафар савора дар китф милтиқу қаторвазна пайдо мешаванд. Намоз ҳамон шаб дар хона набудаст. Сардори даста овозаи ҳусни духтари уна шунида ошиқ гашта будаст. Духтараш ҳам духтар буд-дия, дар рӯзи равшан агар ногаҳон рӯ ба рӯ ояд, парӣ мегуфтӣ. Берӯзӣ ҳусни худодод дошт. Ин хел ҳусна хосияташ кам мегӯянд. Ана, баъд дар ҳасрати ҳамон духтар волидайнаш абгор шуданд. Ғами ҳамон духтар катӣ рафтанд.

— Саворaҳо шаб омада чӣ кор карданд, аввал гӯед.

Бобоям ҳамеша ҳамин хел: ҳарфи гуфта истодаашон мемонаду як нӯги онро гирифта ғоз медиҳанду ғоз медиҳанд. Хайр, хушрӯ будаст, ҳамин ҳам гап шуд.

— Саворaҳо аз асп нафуромада, "Як коса об барор" мегӯянд. Зани Намоз об барорад, рад мекунанд. "Аз дасти Санам об хӯрданӣ омадем, Санам об барорад" гӯён, талаб мекунанд. Номи духтар Санам буд. Аз дасти вай обро гирифта менӯшанду худашро ба асп савор шав мегӯянд.

— Баъд чӣ шуд?

— Чӣ мешуд, духтар ҳам, саворaҳо ҳам бедарак шуда рафтанд... Ҳа, воқеан, ба қарибӣ аз духтар хабаре ёфтанд: дар Мирзочӯл бачаю качааш катӣ саломат будаст. Ба сар-

дори саворахо расида будаст.

Монанди аксар пирамардон падарбузургам низ ҳикоёти саргузашти худ, ҳодисаҳои дидаву шунидаашонро дӯст медоранд. Ба хотири он ки ман шунавандаи хубам, дилгир нашуда гапашонро гӯш мекунам, баъзе нозу нузи маро мебардоранд. Кунҷковона ҳар хел савол диҳам ё ба ҳарфашон розӣ нашуда, баҳс кунам, намеранҷанд. Агар аз ҳад гузаронам, “Оббо, маҳмаддоное! Хайр ҳеҷ гап не, гаҳ аз пир, гаҳ аз мурид”, гуфта мемонанд.

Роҳ қад-қади сой торафт боло мерафт. Кӯҳҳои ин ҷо пур аз буттаҳои хордори каҷҷак, ҷо-ҷо бодом ба назар мерасид. Мо харҳоро ба ихтиёри худ мондем. Бобоям мегӯянд, ки хар роҳи як бор тай кардаашро ҳаргиз фаромӯш намекунад, дар шаби торик ҳам раҳгум назада меравад.

— Бобо, гург харро мехӯрад, аммо ба асп зӯраш намерасад-а?

— Баъзе аспон гургро мекушанд. Ба чашми худ дидаам.

— Не-е?! — тааҷҷуб кардам ман. — Асп гургро кушт?

— Кушт, кушт. Аввал қӯшлагад зада, майиб кард. Гург гурехтанӣ шуд, лекин асп намонд, газида-газида кушт. Асп ҳам асп буд-дия! Акнун ин гуна аспҳо намонданд.

— Хайр, гӯед, ки ба ҳамин аспҳои мо зӯраш мерасад ё не? — “Аспҳои мо” гуфта ман аспҳои колхозу идораҳоро дар назар доштам, ки он солҳо дар ҳама ҷо кор мефармуданд, аз аробаи нон то ғаллаи ба ҷабҳа мефиристодагӣ ҳама чизро бо онҳо мекашонданд.

— Ба зӯри зӯраш намерасидагист, аммо мехӯрад исқот. Ҳар сол зимистон се-чор аспи колхозро мехӯрад.

— Чӣ хел, зӯраш нарасад ҳам, мехӯрдааст! Гапатонро кас намефаҳмад.

— Зӯраш намерасад, аммо мехӯрад! Гург фиреб медиҳад. Гургон аспро аз гала ҷудо карда, ба ягон баландӣ мебаранд. Ҳамин ки асп аз баландӣ ба поён сарнишеб шуд, гург аз думи асп сахт кашида, сонӣ якбора сар дода мефиристад. Асп ба шиддат парчин шуда меафтад. Ҳамин ки афтод, дигар имкони бархестан надода, тала мекунанд.

Акнун мо аз тангнои кӯҳ раҳои ёфта, ба водӣ баромадем. Баъд заминҳои лалмӣ, аз паси он боғу киштзорҳо пеш омаданд. Дар сари роҳ ҳар ҷо-ҳар ҷо тутҳои каллаки пир монанди пирони қадхамидаи асобадаст гӯё ба роҳ менигаристанд.

— Ишш!.. Иш-ш! — Харашон аз роҳ истода-наистода бобоям худашонро зуд ба замин партофтанду харро пеш андохта, ду-се халачӯб заданд.

— Ман ҳам фуроям?

Дили нохоҳам пурсиданам аз овозам ё оҳанги суханам маълум шуд магар, бобоям:

— Ҳай кардан гир, — гуфтанд. Баъди андаке илова карданд: — Ман ин раҳро пиёда гузашта, мӯям сафед шуд. Як вақтҳо ду пуд гандум дар пушт аз шаҳр пиёда меомадам. Устухони мо ба меҳнат сахт шуд. Ҳоло ҳам кор накунам, ҳаракат накунам, пиёда нагардам, наметавонам, аз касал бадтар мешавам. Нафасам кӯтаҳ шуда, сари синаам дард мекунад, сарам вазнин мешавад. Мисле ки, тану ҷони одам ҳам қонуни Ҳукумати Шӯроро фаҳмидагӣ барин. Ҳар кас кор накунад, намехӯрад мегӯянд-ку!

Мо аз назди молхонае мегузаштем. Ду саги монанди хирс калон ва бадҳайбат ба сӯямон давида, моро саросема

карданд. Бобоям пой ба замин кӯфта, бо таҳдид “хап шав!” гуфтанду сагҳои наздик омада истоданд.

Дар сари чашма, ки марғзоре буд, ду-се аспи кишанзада мечарид. Ба димоғ бӯи порую араќи ҳайвонот мезад.

— Бобо, говатон чандта? — пурсидам.

— Гов надорем, писарам. Говро кайҳо ба колхоз супорида будем, — маъюс иқрор карданд бобоям. Баъд шарҳ доданд: — Зимистони парерсол на ба худамон як ҷав хӯрданӣ монд, на ба гов як пар каҳ. Ба колхоз дода, камтар ҷаву картошкаву сабзӣ гирифтем.

— Чаро тобистон алаф нағундоштед?

— Тобистон аз хона дур будам. Ҳамаи хирманҳои Коризи болоро ман бод кардам.

— Аз хирман чаро гандуму ҷав наовардед?

— Боракалло! — Ба содалавҳии ман хандиданд он кас. — Охир хирман — хирмани колхоз-дия!

Бобоям харашонро аз роҳ боздошта, бори онро, ки ба як сӯ каҷ шуда буд, рост карданд. Баъд расида омада, ба бори хари ман зеҳн монданд:

— Ба тарафи рост камтар зер кун.

Боз ҳар ду хомӯш монда, ба фикру хаёли худ банд шудем. Ман бобоямро, ки баҳор аз паси ҷуфтронҳо ба замин тухм мепошиданду баъд тобистон хирманҳоро паси ҳам кӯфта, бод мекарданд, пеши назар овардам. Пеши назар овардам, ки чӣ гуна тамоми алафҳои марғзорро дигарон медараванду барои гови бобоям чизе намемонад.

— Бобо, говатон гӯсола надошт? — Ба ақиб рӯ гардонда боз пурсидам.

— Колхоз гӯсолааш катӣ баркашида гирифт.

— Чӣ хел баркашида гирифт? — Ҳайрон шудам ман.

— Ба тарозуи калон монда, баркашида гирифт. Сонӣ, ба ҳар килоаш ҳисоб карда, ба мо ҳақ дод. Мудири анбор Ҳосилкаҷова чӣ хел ҳисобу китоб кард, худаш медонаду худо.

— Шумо говатонро сер карда, баъд бared буд, ё гурусна бармекашад?

— Баъзеҳо ҳамин хел ҳам карданд, — хандиданд бобоям. — Доштагӣ дег-дег атолаи оби раббано хӯронда, баъд бурд. Ба авлоди мо ин хел корҳо намефорад. Худо аз ҳалолаш диҳад.

Бобоям чоруқ дар по бардам, чолок қадам монда меомаданд. Пиёдагардии он касро дида, ман ҳам аз хар фуромадам. Рӯз гашт карда, акнун аз ҷониби кӯҳ шамолаки сард мевазид. Замин, ки ҳоло кӯрпаи барфашро партофта, ба назари ман луч менамуд, гӯё аз сардӣ меларзид. Сабза нав медамид, гоҳ-гоҳ бойчечаку сияҳгӯш ба назар мерасид. Дар рӯйи шаххҳои паҳн-паҳни сари роҳ аз оби борон кӯлмакчаҳои беҳисоб пайдо шудаанд. Мисле ки касе сангҳоро мисли сӯрохи ангуштпона, баъзан аз он калон, баъзан аз он хурд, гоҳе дӯлча ва ҳованча барин кофта, об пур кардаast. Ман ҳамаи ин аҷоиботи табиатро тамошо мекардам, аммо як тарафи ҳушам ба дадаам банд буд. Модарам мегуфтанд, ки дадаам аз ҷанг баргардад, кор мекунанд, мо ҳам хуб зиндагӣ мекунем. Дадаам чӣ кор мекарда бошанд? Аҷаб не, одами калон шаванд, он кас хондагӣ-ку. Агар раис шаванд, нағз мешавад. Бачаҳо — ҳамаашон аз писари раис метарсанд, бузургсолон ҳам метарсанд. Одам кадом мактаба хонад, раис мешавад?

— Бобо, дадаам ҳам раис мешаванд?

Бобоям ба гапи ман хандида монданду гап назаданд.

— Хайр, гӯед, чӣ хел одам раис мешавад?

— Бахташ омад кардагӣ мешавад.

Бобоям майли сӯҳбат надоранд. Ба гапзанӣ хушашон наояд, ҳамин хел ягон чиз мегӯянд. Агар ман раис шавам, ана ҳамон раиси “Фрунзе” Раҳимов барин мешавам. Ҳама ҳурмат мекунанд, “ҷони одам” мегӯянд. Ба хурду калон баробар, ҳамаро бо як чашм мебинад, гуфта таъриф мекунанд. Ин чӣ гуфтагиашон бошад? Боз Раҳимов колхозро худаш сохтагӣ будаст.

— Бобо, тирамоҳ колхози шумо ҳам харбузаю тарбуз медиҳад?

— Хока.

— Моён як бор аз полези колхоз харбуза дуздидем.

— И-и! — бобоям бо табассум ба ман нигаристанд. — Дар деҳаи мо дузд нест. Ҳар кас дуздӣ кунад, бурда зиндон мекунанд.

— Барои харбузадуздӣ ба зиндон намебаранд.

— Тухмдузд — шутурдузд мешавад мегӯянд. Касе, ки дар бачагиаш харбуза дуздад, калон шавад, гов медуздад.

— Худатон ҳеҷ дуздӣ накардед?

— Не.

— Қасам хӯред.

— Хайр, дар бачагӣ мева-чева дуздида бошам, дуздидагистам.

— Аз полези колхоз ҳеҷ чиз надуздидед?

— Не-е! — Бобоям шубҳаомез табассум карданд.

— Дурӯғ мегӯед! — Аз табассумашон фаҳмидам. — Харбуза дуздидагистед? Гӯед, бобо.

— Мон ҳамин хел гапҳоро.

— Не, гӯед! — Исрор кардам ман. — Чӣ метарсед, гӯед. Ба ҳеҷ кас намегӯям. Қавли пионер якта.

Бобоям хандиданду баъд ба гап даромаданд:

— Хайр, аслаш, ин дуздӣ ҳам набудагист? — Баъд гӯё худ ба худ мегуфта бошанд: — Яқинан, агар дар ин дунё иқрор нашавем, дар он дунё ноилоҷ иқрор мешавем, — гуфтанд. — Парерсол, баҳор ду моҳ то ҷавпазӣ рӯйи нонро надидем. Аввалин хирмани ҷави колхозро кӯфтем, бод кардем, ба нӯҳ ҷувол бардошта фиристодему ду кас аз пасмондаи хирман ду кило-ду кило ҷав гирифтем. Ҳамон ҳам сангрезадор буд... Баъд кадоме хабари инро ба раис расондаст. Як вақт моро ба идора ҷеғ заданду камтар дӯғу пӯписа карданд: одамон дар ҷанг хун мерезанд, барои ватан ҷон медиҳанду мо ин ҷо зиёнкорӣ мекардем! Ба кадом осиёби душман об мемондем... Ҳеҷ кас аз худи вай намепурсад, ки чор соли ҷанг мардум ҷояш омад, як пора карбос наёфт, ки ҷойи айбашро пӯшида, аз хона берун бароят, зану духтари ту аз куҷо куртаву лозимии оҳораш нашикастагию обаш начакидагӣ мепӯшад?

Мо саргарми гуфтугузор ба роҳи аробагард баромаданамонро надониста мондем. Акнун роҳ аз байни боғҳо, қитъаҳои хурд-хурди заминҳои корам мегузашт. Роҳи аробагард қад-қади сой тӯл кашида, монанди ресмони чигил тоб хӯрдаву печида боло мерафт, боз чарх зада поён мефуромад, лаҳза ба лаҳза моро ба деҳа наздик мекард. Дар боғҳо дарахти олуча сап-сафед гул карда буд. Дар тирагии бегоҳирӯзӣ байни дарахтони ҳанӯз саросар сияҳшох ягон-ягон дарахтони навшукуфта ба шохашон чарбу кашидагӣ барин. Не, арӯс барин... Арӯсро бо чодири сафед печонда ҳамин хел мебиёранд.

— Ана, ин ҷо понздаҳ сол пеш як нишебии санглох буд, — бобоям ба қитъаи замини дар тарафи рости роҳ во-

қеъбуда ишора карда, ба ҳарф задан даромаданд. — Солҳои аввали колхозӣ буд, бо дасти худ онро замини корам кардам. Дар ин ҷойҳо то як пора замин ҳамвор шудан, шири аз модар хӯрдаи кас аз биниаш меояд. Ҳамаи санги ин тавораро (бобоям ба тавораи начандон баланди аз қайроқсангҳои хурду калон чидагӣ, ки он заминро аз роҳ ҷудо мекард, ишора мекунанд) аз ҳамин замин чидам. Хар катӣ хок кашондам. Ҳар сол чӣ қадар пору мерехтам! Эҳ-ҳе! Ҳар ҷо-ҳар ҷояшро ӯра барин кофта, банд-банд хошок партофта гӯр кардам.

— Барои чӣ?

— Пӯсида, хок мешавад, заминро бақувват мекунад. Ку вай қуввату вай ғайрат? Акнун одамон ба замин меҳр надоранд. Замин соҳиб надорад... — Бобоям боз ким-чиҳо гуфта, ба сӯйи он замин менигаранд. — Нисфи заминро, ки хароботар буд, юнучқазор кардам, ба нисфи дигараш кунҷит корида, даҳ синтир кунҷит гирифта будам! Ана, акнун боз нокорам шуда рафт. Эҳ, ба чӣ машаққатҳо ҷӯй канда, об оварда, ана ин тутҳоро шинонда, пайванд кардам. Афсӯс...

Бобоям агар аз киштукору деҳқонӣ ё замину боғдорӣ сухан сар кунанд, ба ҳеҷ кас навбат намедиҳанд, ҷоғашон метафсад. Ман дилтанг мешаваму баъд ба суханашон гӯш намекунам, ба фикру хаёли худ банд мешавам.

Ногаҳон аз хамгашти роҳ ду савор баромад. Ҳар ду ҳам савори аспҳои чун аспи сарлашкарҳо оростагӣ, ҳар ду ҳам мардони фарбеҳ...

— Баргардон! — Бо изтироб амр карданд бобоям. — Аз раҳ барор!

Аз овози пуризтироби бобоям ман тамоман дасту по

хӯрдам.

Мо харҳоро ба канори роҳ баровварда, истодем.

— Ассалому алайкум! — Гуфтанд бобоям даст пеш гирифта сархам.

Дар ҷавоб яке аз саворон, ки аспи сафеди зебоеро савор буд, аз роҳ истода пурсид:

— Ҳа, аз куҷо ба куҷо? Боз ин бӯхчаву бисоти кӣ?

Гӯё забонашро занбӯр газида бошад, суханони он марди савор нимғурма мебаромад. Кулоҳ ва гиребони пальтояш аз пӯсти қароқулии дорчинранг буда, ҷило медоданд ва ӯро дар назари кас боз ҳам пурсалобат мекарданд. Аз рӯйи фарбеҳ ва тару тозааш маълум буд, ки шахси баландмартабаи ин макон аст. Аспи ӯ гӯё пар баровварда мепарида бошад, ба лаҷомро кашида истодани соҳибаш нигоҳ накарда, қарор нагирифта, тапар-тапар мекард. Савори дуюм онсӯтар рафта, сари аспашро гардонда истод.

— Бачаҳои Неъматро аз шаҳр кӯчонда овардем, раис... Ба шумо фуқарои нав. Ана, ин писарчааш, — ба ман ишора карданд бобоям.

Ман барои салом додан даҳон ҷуфт карда, ба рӯйи раис нигоҳ кардам, аммо вай ба ман эътиборе надод.

— Худаш чаро рафта наоварда, шуморо аз кору бор мононд? Кӣ шудаст вай?!

— Ба ҷуфтбарорӣ вақт ҳаст-ку, раис, — гуфтанд бобоям, ба рӯйи вай нигоҳ накарда. — Бекор менишастам, хайр, равам гуфтам...

Ба бобоям раҳмам омад. Талабаи гунаҳгор барин дасту по хӯрда, меларзиданд.

— Ба ҷуфтбарорӣ вақт будааст! — Бо тамасхур сухани он касро такрор кард савор. — Равед, ба усто ёрӣ ди-

ҳед, омочу молаҳо тайёр не, тухмиро тоза кардан даркор.

Бобоям даст ба сина бурда “хуб шудаст, раис, хуб шудаст”, гӯён меистоданд. Дар назарам он кас чунон мазлум, чунон оҷизу нотавон намуданд, ки аламам омад.

— Ба ман нигаред, — хитоб кард раис сари аспашро аз роҳ гардонда. — Ба ҳамон мӯзаи афсарии Неъмат ҳаваси Ҷӯрабеки мо рафтаст. Бача-дия! Акнун ба Неъмат мӯзаи хиром чӣ даркор? — Баъд овозашро пасттар карда, илова кард: — Фардо-пасфардо ҷав мепазад, аз хирман ягон чиз дода розӣ мекунам.

— Раис, ин корро худаш катӣ гапзанон кунед, — гуфтанд бобоям акнун каме баҷуръат.

Савор дар ҷавоб ба сӯйи бобоям ба қаҳр як нигоҳ карду:

— Ҳа, хайр, — гуфт ва аспашро ба резачорпо андохту рафт. Бобоям аз қафои ӯ маҳзун нигариста монданд.

Мо харҳоро ба роҳ андохтем ва лаҳзае нагузашта, ба деҳа даромадем. Заминҳои нав аз хоби зимистон бедоршудаи деҳа, боғҳо, тавораҳои аз санги қайроқи сой чидагии заминҳои рӯйидарича, сафедорҳои қатори сари роҳ, қӯруқу чашмаву сой, шаху зовҳо — ҳама ба ман ошно буданд, гӯё ҳеҷ дигар нашудаанд. Аммо онҳо пештара барин хушрӯй ва аҷиб набуданд, ба назар оддӣ ва хурд менамуданд. Бомҳои деҳа аз қабл пасттар, дарахтони азим гӯё хурдтар, одамон ҳам гӯё дигар шуда буданд. Балки ин аз таъсири сахтии солҳои ҷанг буд ё худ ман акнун калон шуда ва ҳар чизро аз канор истода мушоҳида карданро омӯхта будам, кӣ медонад?

***Соли 1970***

# ТО СОЛИ ДИГАР

***Имсол гузарад, соли дигар боз ояд,***
***То соли дигар умри ҷавон мегузарад.***

Аз осори лафзии мардуми тоҷик.

Деҳа монанди қалъаҳои қадимӣ ба рӯи тали начандон баланде воқеъ афтода буд. Сокинони он кайҳо ба саҳрои Мирзочӯл кӯчида рафта, дар он тарафҳо замин кушода, хонаву боғу роғ карда, муқимӣ гаштаанд. Деҳаи пешин, ки асрҳою аср пурвалвала буд, имрӯз қариб холиву бекас аст... Ку, акнун онҳое, ки барои як лахт замин ё навбати об якдигарро бо каланд зада, дар сари марза кушта буданд, боре сар аз хок мебардоштанду медиданд, ки оқибати корҳо чи ранг аст!..



Сукунати деҳаи холиро ҳоло фақат шав-шуви оби рӯд, нағмаҳои мурғони хушхони ҳаргиз рам нахӯрда халалдор мекунанду бас. Соҳилҳои рӯдро буттаҳои худрӯи беду сафедор, олучаю дӯлона, зарбеду настаран ва алафҳои гуногун ба тарзи касногузар тавора гирифта, гӯё асрори ин обаки пурмағалро аз назарҳо пинҳон карданӣ буданд. Ба монанди садҳо рӯду рӯдхонаҳои дигари диёри куҳистон ин обаки оқибат дар нимароҳ гумгашта ҳам, номи худро надошт — онро бо номи деҳа "Сойи Сардор" унвон карда буданд. Рӯи пули бе ягон мех, аз болору ходаҳо бунёд ёфта аз камии раҳгузар кайҳо алаф рӯидаст. Аз он ки роҳи аробагард ба ин ҷо омада дакка задаст ва пулро ба ҳавсалаи тамом, хеле бадошт сохтаанд, пай бурдан мушкил набуд, ки ин роҳ ҳамагӣ ҳафт-ҳашт сол муқаддам гузаргоҳи серравуое будааст...

Садои ба ҳам бархӯрдани сатилҳо, чунон ки дар ин ҳолат мегӯянд, маро як қад паронд. Агар дар ягон гӯшаи холиву бекаси дунё бошед, шунидани ҳамин садои муқаррарии рӯзгори одамӣ низ шуморо бениҳоят хушнуд месохтаст.

Аз боло духтари қадрасе дар даст ду сатил ба сӯи чашмаи шаршарадори канори рӯд мефуромад. Аз дилам гузашт: "Дар ҳавлие чӯпоне зиндагӣ мекунад!" Боз аз худ пурсидам: "Аз мардумони мо бошад ё аз дигар деҳу ноҳия?.." Духтар ба ҷониби мошини кӯҳнаи ман, ки дар сабзамайдони соҳили рӯд буд, хира назар афканду ба ҷониби худам, ки рӯи сабзаву себаргаҳо ғелида будам, назари эътиборашро дареғ дошт магар, нимнигоҳе накарду ба сатилҳояш об гирифт ва ба қафо баргашт.

— Ҳой, духтари хуб, як нафас биистед, — ман аз ҷо бархоста, ба сӯи вай қадам ниҳодам.

— Гоҷигӣ накарда, рост ба раҳатон гузашта рафтан гиред! — Духтар ин бор ҳам ба сӯи ман назар нокарда, зери лаб ғурунгос зад.

Ғолибан вай маро аз қабили баъзе раҳгузарони беҳаё ва шилқин пиндошт, ки ин вақти сол дар ин мавзеъ бисёр пеш меоянд. Агар як лаҳзаи дигар беҷуръатӣ намоям, нопадид рафтани ӯро донистам ва дар шитоб сӯяш давидаму сари роҳашро гирифтам.

— Шумо чӣ хел одамед?.. Истед, як даҳан гап пурсам! — гуфтам маломатомез, балки озурдахотир аз рафтори ӯ. Аммо ба чашмони шӯху гирои духтар чашмам афтоду ғайриихтиёр табассум намудам. Росташро гӯям агар ба чашми вай нигарад, ҳар кас ҳам таноби даҳонашро сариштa кардан наметавонад.

— Виҷ-виҷ накарда, ба роҳатон равед... Гапатонро рафта аз очаатон пурсед! — Духтар, агарчи қадамашро суст карда буд, табассуми бемаънии маро диду абрӯвони ситезакораш чин гирифт. Аз шеваи гуфтораш донистам, ки бегона нест, аз ҳамин деҳа, ману вай ҳамдиёрем, балки хешу табор бароем, ки медонад...

— Ҳой, фарзанди одамизод!.. Як даҳон гап пурсам... Охир, ман бегона не... Аслан, аз ҳамин ҷойҳо, фарзанди ҳамин кӯҳпоя... Балки хешу ақрабо будагистем...

Ин суханон ба духтар таъсир кард: сатилашро аз даст намонад ҳам, лабханде заду айёрона чашмонашро кашида ба рӯи ман нигарист, сипас аз роҳаш бозистоду нигарони пурсиши ман гашт. Чашмони сиёҳу шӯхаш, абрувони борику сӯзнокаш, рӯи монанди себи навпухта сафеду сурхаш он қадар латофат ва назокате доштанд, ки бо тундхӯиаш ҳеҷ мувофиқат намекарданд.

— Ман... ҳамту... ба сайру тамошо омадам... Ватани

бобоёнро бинам гуфтам... Бачагиам дар ҳамин ҷойҳо гузашту... акнун, баъди ақлашро шинохтан одам дигар хел менигарад... Ба гумонам, дар деҳа ҳеҷ кас набошад... шумоҳо будаед... Маро намешиносед? Ман ҳафт-ҳашт сол аст, ки дар шаҳр дарс мехонам...

— Э-э, шумо писари тағои Комил не? — духтар ба қиёс маро шинохту дар назар аз дуруштии бемавридаш хиҷил гаштагӣ барин намуд. — Ман нашиносам... Ношинос бесипос мегӯянд. — Вай сатилҳояшро ба замин ниҳод.

— Шумо духтари кӣ? Ман падаратонро мешинохтагистам...

Ману вай дақиқае чанд дар гуфтугӯ будем. Аз хавфи он ки мабодо духтар аз шавқмандиам ба шахси ӯ рамида зуд гурезад, се-чор қадам дуртар истода, зоҳиран бепарво гуфтугӯ доштам. Баъд, вақте ки рафтанӣ шуд, ба нею нестонаш эътино накарда, сатилҳои пуробро аз дастонаш гирифтаму то ба сари баландӣ бурдам.

— Гуноҳи мо — мардон аст, ки ранҷи занону духтарони деҳа ҳанӯз ҳам осон нашуд, аз ин сад сол муқаддам ба чи сон бошад, ба ҳамон минвол мондаст, — гуфтам ҳангоми худо ҳофизӣ.

Духтар аз замин нигоҳашро набардошта, хиҷолаткашон гуфт:

— Дар куҷо хоб мекунед? Дар ин гирду гӯша дигар одам нест...

— Ман барои истироҳат омадам... чодир дорам... Лӯлиҳо барин як бор дар чодир зиндагӣ кунам...

— Ҳар кас ояд, ба ҳавлии тағои Низом мефуроянд... Шумо ҳам бед, — гуфт вай ба тамкин чашм аз замин набардошта.

— Меравам.

Ман нигоҳи ӯро гирифтан мехостам, вале вай чашмашро аз чашми ман мегурезонд. Хоҳу ноxоҳ, вақти рафтан лабонаш ба табассуми ширине моил гаштанду дандонҳои садафинаш мисли ламъаи барқе як нафас дурахшиданд. Вай бирафт.

Ман аз тал поён шудаму дар сабзамайдон чодирамро устувор кардам, дегу табақ ва кӯрпаю болиштамро ба тартиб, ҷо ба ҷо ниҳодам. Дастам ба кор банд, вале хаёлан бо ин духтар гуфтугузор доштам. “Ғалатӣ, — мегуфтам ба дил, ҳамин қадар духтарони шаҳру деҳот маро ин қадар мафтун накарда, чунон ки ин духтар... Шавҳараш бошад?.. Агар издивоҷ накарда бошад, ба ҳар навъе дилашро меёбам... Ана, ин аст духтаре, ки дар орзуяш будаму дар хобу дар бедорӣ меҷустам...”

Ҳамон шаб то дами саҳар хобам набурд. Ба нияти беҳтар сохтани сиҳатии лангонам омадаму кай гумон доштам, ки дар ин кӯҳистон ба маризии дигар — дарди ишқ гирифтор мешавам!.. Ман одати дили худро нағз медонам, аз рӯи ҳавою ҳавас ба духтарон майл надорад...

Рӯзи дигар зиёда тоқат карда натавонистаму ба ҳавлии ҳамдеҳагон рафтам. Низом-бобо ном пирмарди ғайратманду даҳансахт бо ҳамсару писару духтару арӯсаш дар ин ҷо истиқомат доштааст. Онҳо моли як молхонаи калони колхозро саришта мекардаанд. Духтаре, ки маро хобпар карда буд, дар ҳавлии онҳо зиндагӣ мекардаст. Дегу табақаш ҷудо набошад ҳам, хонааш дар як канори ҳавлӣ, аз онҳо ҷудо буд. Дар кори молхона ва рӯзғор баробари онҳо ҷунбуҷӯл карда, дар соатҳои бекориаш омада бо занҳо наменишастаасту ба хонааш даромада китоб мехондаст. Ҳамсари бобои Низом — Ҳикоят-хола дар ҳузури ман ӯро маломатгӯӣ мекард:

— Ҳай-вой-е-е, ин духтар аз китоб сар намебардорад!.. Ман мегум, ин қадар дилакота обу адо карда, бибиотун мешавӣ-чӣ? Охир, ту ҳам дигар занону духтарон барин дарзу дӯзата ёд гир, пухту пазата кун...

Ҳикоят-хола аҷаб пиразани хушфеълу дилфароҳ, баръакси ҳамсараш — Бобои Низом, ки аксаран сиркоҷабину ҷазабадор аст, ӯ хушҳолу базлагӯ буд. Вай, ба қавли худаш, ба ғайр аз шавҳари бедаҳанаш ба ягон бандаи худо сухани сахту дурушт намегуфт. "Аз дилозор худо безор аст, — таъкид мекард Ҳикоят-хола. — Ин шумгиёҳ (Вай ба ҳамсараш ҳар замон як лақаб меёфт!) пир гашту сонӣ андаке ба худ омад, дамаш паст гашт. Ҷавон буд, даҳонаш аз ин ҳам бефаровез буд. Мехча барин як ваҷаб қадаш катӣ деҳаро ба сар бардошта аррос мезад! На шарма медонист, на нангу номуса!.. Э, аз бало ҳам бад медидаму... — хаёломез даст меафшонд пиразан. — Чӣ кунам, ки дар пешониам ҳамин балонусха навиштагӣ будаст... Дар замони пеш духтари бечора ҳақ дошт, ки не, ман ба вай намерасам гӯяд?! Ин рӯдапо чор-панҷ танга пул дошт, мол дошт..."

Азбаски мардон аксаран ба рӯз дар ёбонҳо ё ба кору бори дигари мардона машғул буданд, Ҳикоят-хола беҳтарин ҳангом ҳамсӯҳбати ман буд. Духтарон ва занони ҷавон дар ҳузури пиразан бо ман ба ҷуз саломи алайк дигар сухани изофа намегуфтанд. Ҳикоят-хола урчуқашро ришта, соат-соат сухан мекард, саргузашти бештарин мардуми ин деҳаро ёд дошт ва аз гуфтан дилгир намегашт. Боре аз хусуси Бобои Низом сухан оғоз намуду аламеро, ки дар ҷавонӣ ба ӯ гузашта будаст, гуфта, маддаи дилашро кафонд:

— Хонаи падар биҳишти ман будаст, аз дари ин ғӯ-

лача даромадаму намедонистам, ки ба дари бало қадам зер кардам. Э-э, напурс, ҳеҷ напурс, бачам!.. Сару либоси арӯсиам дар таҳи сандуқ наву оҳорӣ бимонд-е!.. Ба ягон ҷо рафтан намемонад, на ба тӯй, на ба азо. Дар ҳар ду моҳ ё се моҳ як бор ба хонаи падарам мебурду бас. Худаш ҳамроҳам мерафт ва боз ҳамроҳаш меовард. Ҳамин хел бадрашки фалокат буд. Умри ҷавонама хазон кард ин дӯзахӣ!.. Баъд ӯ овозашро пасттар карда ба ман сари гӯшӣ мегуфт: — Бовар мекунӣ, нав арӯс шуда ба хонааш омада будаму агар ду рӯзакак ба ягон гӯристон баромада равад, оҳубарраи аз қафас берун рафтагӣ барин хурсанд будам. Валлоҳ, ки хурсанд мешудам! Ба ту дурӯғ, ба худо рост, ҳар соат хабари маргашро нигарон будам. Одамони нағз мурда рафтанд, ба ин гӯрсӯхта бало ҳам асар накард. Худо ҳам гулчин аст, сара карда нағзаша мегирад... Гоҳе хаёл карда менишинаму худ ба худ мегӯям, ки кори ҳамин Матлуба ҳам дуруст аст. Одами шум медидагиаш катӣ умри ҷавонаша хазон кардана, аз дунё ҳур гузарад, авлотар аст...”

Вуҷуди ман араќи сард баровард. Матлуба — ин ҳамон нозанини аз ман дил бурда буд. Аз ин гуфтаи Ҳикоят-хола маълумам шуд, ки вай шавҳар доштаст ва хайрияти кор, ки ҳамсарашро дӯст намедоштаст.

Аз хусуси вай пурсуҷӯ кардани ман аз адаб набуд, бинобар он, дар омади сухан, ҳар чи Ҳикоят-хола бигӯяд, ба ҳамон қаноат мекардам.

Шому саҳар дар сари чашма интизор будам, ки кай Матлуба барои обгирӣ меояду панҷ дақиқа бошад ҳам гуфтугӯ мекунам, нигоҳи ташнаамро ба чашмони хумори розгӯяш медӯзам.

Баъди он ки ба дил иқрор кардам ӯро дӯст дорам, сухан карданам бо Матлуба хеле мушкил гашт. Ҷуръатам намонд, забонам баста шуд, ақлам — хушк, кунд... “Хабари ман бирасонед ба мурғони чаман, ки ҳамовози шумо дар қафасе афтодаст!” гуфтани шоир беҳуда не.

Ба қавли Ҳикоят-хола Матлуба духтари дамдузду одамгурез аст. “Агар коре надорад, вай ба хоначааш медарояду рӯзи дароз китоб мехонад, аммо зиқ намешавад-е! — Изҳори ҳайрат мекард Ҳикоят-хола. — Гоҳе ба лаби сой мераваду хаёл мекунад... Кас намефаҳмад, дар дили ин духтар чи сир ҳаст...” Бобои Низом ҳукм мекард, ки никоҳи Матлуба бо шавҳараш сард афтодааст, баъди фарзанд ёфтан дилгарм мешавад.

Матлубаи хомӯш ва дамдузд ба назари ман баръакс, шӯх, ҳатто густоху бебок намуд. Боре пай бурдам, ки баъди аз ҳавлӣ берун рафтани ман роҳгардии маро тақлид карда кӯдаконро механдонад.

Ман шабҳо дар сабзамайдони канори рӯд, андаруни ҳаймаи калони чорнафара бафароғат мехобидам, саҳеҳтараш бедорхобӣ мекашидам. Бобои Низом ҳарчанд гуфт, ки “ба ҳавлӣ омада, дар рӯи бистар одам барин бароҳат хоб кун”, ман рад кардам. Ҳавои канори рӯд, осмони фарохи ситорабор, аз ҳама дилписандаш — сукунати ин мавзеъро ба ҳеҷ хушии дигар иваз намекардам. Мисли он ки дар хонаи худ бошам, бемалол, ба майлу хоҳиши худ дарою барой дошта, шом барвақт ба ҷойгаҳ даромада, бомдодон бо нағмаи нахустини мурғакон ва садои ҷонварони дигар бедор мешудаму дар оби сарди рӯд оббозӣ мекардам.

Баъзан аз ҳайма берун мерафтаму ба кӯҳ мебаромадам ва дамидани субҳро аз баландӣ тамошо мекардам.

Дар пеши назари ман осмону замин, тамоми ҳастӣ камкам ҷома сафед менамуд. Аввал ягон-ягон ситораҳо хомӯш мешуданд, сонӣ паррандаҳо ба наво медаромаданд. Бомдодон чаҳ-чаҳи мурғакон дигаргуна будаст. Ба ман чунин намуд, ки тамоми паррандагони ин водӣ ба якбора чаҳ-чаҳ зада, субҳи рӯзи навро табрик мегуфтанду сипас овози аспу хар, гову гӯсола, бузу бузғолаҳо боло мегашт.

Акнун соати ба об омадани Матлуба муайян гашта буд ва ман ҷаҳд мекардам ӯро гуселонида баъд аз паи моҳидорӣ ё саёҳати кӯҳсорон равам. Баъзан ману вай дар сари обгир даҳ-понздаҳ дақиқа ҳамсӯҳбат мегаштем.

Ҷавони соддадил будаам, ба вай аз орзуҳои худ, аз романтикаи кори рӯзноманигориам ҳикоят мекардаму ин духтари зираку баҳушро мафтун кардан мехостам. Матлуба аз ҳаёт тамаъи зиёд надошт ва бо ҳамин як сифати оличанoби худ аз ман баланд меомад. Вай хеле китоб хонда, доир ба ҳар соҳаи илму фан вуқуфе дошт, вале бо дониши худ ҳаргиз ба атрофиён тазъиқ намеовард.

Ба ин тарз — дар сари чашма бо Матлуба ба гуфтугузор печидани ман аз назари аҳли хонадони Бобои Низом пинҳон намонд. Касе сухане нагуфта бошад ҳам, аз нигоҳашон, муомилаашон рамуз гирифтан мушкил набуд, ки ин кор ба онҳо хуш намеояд. Боре аз ин ваҷҳ ба Матлуба ишорае кардам, вай дар ҷавоб гуфт:

— Ба дил нагиред... одамони қадим... Аслан, ақидаи онҳо хато не, маҳз аз ҳамин хел вохӯрию ҳингир-ҳингирҳо духтарон бебахт мешаванд, ахлоқи ҷамъият хароб мегардад...

Ман бо авзоъи ҳайрон ба рӯи Матлуба нигаристам. Во, аҷабо, чунин духтари пурмутолиа, ҳассосу озодфикр ақидаи феодалонаи ин одамони аз маърифат ва тамаддуни

замон дурро тарафдорӣ мекунад!.. Ман чӣ гуфтанамро надониста сокит гаштам. Агар эътироз кунам, Матлуба барои исботи даъвои худ чандин мисол меовард. Мегуфт, ки нигаред, ҳеҷ яке аз духтарони батамкин бебахт ва беталабгор намонд...

Ҳамон рӯз ба вай эътироз накарда бошам ҳам, ба дил аҳд кардам, ки фурсаташ ояд, аз ин хусус ба Матлуба ҷиддан гуфтугузор хоҳам кард.

Чун сатилҳои пуроби ӯро гирифта, ҳамроҳаш то сари баландӣ рафтам, аз қафои зардолузор валвалаи бобои Низом ба гӯш расид:

— Ҳой ҷавонмаргон!.. Э, дар нохунат... Муред ҳамаат, да тухмат... Нарӯида рав... — Ғолибан, пирамард аз кӯчое омаду дар полиз гӯсола ё бузғолаҳоро дида буд, ки ба қавли Ҳикоят-хола овозаш то ба гӯши малак мерасид. Вай чунон суханони бепарда мегуфт, ки Матлубаро ранг канду бо ду кафи дасташ гӯшҳояшро маҳкам баста рӯи тавораи сангини боғ нишаста монд.

Мӯйсафед чун ба ҳавлӣ наздиктар расид, ба дашному хории ҳамсараш шурӯъ кард:

— Ҳой кампири ҷалоҷин!.. Э, кай ту мемурию ман халос мешавам?! Э, дар қабри падарат... Э, ҳалқи додот...

Не, тамоми дашному ҳақоратҳои ин марди пирро кас на тоқати шунидан дораду на имкони гуфтану навиштан.

Ҳикоят-хола андаруни хона ба коре машғул будаст магар, эҳтимолан, саросема, кафшашро монда, патакашро гирифта аз хона берун омаду бо овози хеле пасттар, вале ба мо, ки дар қариби ҳавлӣ, дар панаҳи дарахтон будем, шунаво, ба дашномҳои ҳамсараш ҷавобгӯён ҷониби полиз рафт.

— Ин қадар гулуята медарронӣ, ҳой, беимон!.. Сари

тура хурад ҳамин полиз!.. Хабари маргат меомадагӣ рӯз бошад-о?! Чашмони туро хоки лаҳад сер мекунад!.. Э, оши ғамата хурам, ту беимона!.. — Аз шавҳари худ паст намеомад пиразан.

— Шавҳари шумо аз ҳамин хел зотҳо ҳаст?

Аз ин саволи ногаҳонӣ Матлуба якбора ба худ омад, маҳзун метавон гуфт, ки дардолуда лабханде заду гуфт:

— Не, ин хелашро худо нишон надиҳад... Аслан, лӯбиёву каду — лаънат ба ҳар ду, ин — сахту вай пӯк!

Вай дигар суханро тӯл надод ва сатилҳои пуробашро бардошту рафт. Сухани ман дар даҳонам монд. Мехостам, ки бигӯям, агар хола он замон номзадашро, ҳеҷ набошад, ба пурсуковишҳо озмуда, нағз шинохта, баъд интихоб мекард, ба ин минвол як умр афсӯс намехӯрд.

Ҳафтае ба ҳамин гуна сӯзу соз гузашт. Матлубаро ҳар рӯз дар сари чашма медидам, гуфтугӯ доштам, аммо бо ин вохӯриҳо қонеъ набудам. Мехостам, ки бо ӯ дар ягон гӯшаи хилват бафароғат нишаста, бафурҷа гуфтугӯ кунам, дарди диламро гӯям, рози ӯро шунавам. Аммо вай ба чунин вохӯрии маҳрамона ҳеҷ розӣ набуд. Аммо чакра чакида-чакида сангро ҳам сӯрох кардаст, ман ҳам хоҳишамро гуфтам-гуфтаму оқибат ӯро розӣ кардам. Вай гӯсолаҳоро ба канори рӯд чаридани мебараду мо дар он ҷо “тасодуфан” вомехӯрем.

Дар кӯҳистон ҳавзи сангинро гум мегӯянд. Гум асосан, дар рӯдҳои начандон бузург пайдо мешавад. Болотар аз чашма, дар миёни чакалакзорон гуми аҷибе будаст, ки мо дар канори он вохӯрдем. Оби рӯд аз баландӣ ба рӯи шахи бузурге рехта, ба мурури солҳо онро ба қадри се-чор ваннаи муқаррарӣ кофта, ҳавзи табиие сохтаст. Оби рӯд аз боло шаршара гашта ба гум мерехту кафкзанону

хурӯшон аз як канори он ҷорӣ буд. Охири тобистон, об дар ғояти софӣ, хушбӯ ва хуштамъ. Дар қаъри гум камаре бед, ки аз он ҷо моҳичаҳо ҳар замон берун омада ин сӯ-он сӯ ҳаракат мекарданду хавотиромез боз пас гашта, баъзан паҳлуяшонро намуда, ҷилое дода боз ба он тангно дарун мерафтанд. Соҳилҳои рӯд чакалакзори анбӯҳ буд.

Ман рӯи харсанги тафсоне нишастаму Матлуба ба танаи сафедори наврасе такя дода рост меистод. Чашмаш ба пардаи шаршара, андешаманд буд.

— Хуб, акнун бигӯед, ки... агар Ҳикоят-хола кию чӣ будани шавҳарашро пеш аз расиданаш ба вай медонист, дидаю дониста ба ҳамин мард зан мешуд?.. А? — Ман боз ба сари баҳси пеш аз ин дар миёни мо рух дода баргаштаму савол кардам.

— Кӣ медонад... — гуфт Матлуба бепарво кифт боло кашида. Сипас боз афзуд: — Ман зиёда вонахӯрда бошам ҳам, шавҳарамро медонистам, амин будам, ки ситораамон ба якдигар рост намеояд...

— Ғалатӣ... Дидаю дониста чаро расидед? Ҳам ҳаёти ӯро заҳрогин карда ва ҳам худро сарсон намудан ба шумо чӣ зарур буд?.. А?

— Гумон мекунед, ки ман бо шавҳарам ҷангу ҷанҷол карда, ба ин сӯ омадаам? Не. Бемор будам, духтурҳо гуфтанд, ки ҳавои кӯҳсор ба дарди ман даво аст... Намедонам ба шумо чи хел фаҳмонам...

Вай рӯяшро ба тарафи дигар гардонду хомӯш гашт. Баъд, аз шохи ар-ар навдаеро шикаста, ба рӯи харсанг чарс-чарс задан гирифт. Баргу пӯстлохи навдаи тар ҷудо шуда, ба ҳар сӯ мепарид. Бӯи талхаи сафедор ба атроф паҳн шуд. Ман гоҳ ба қомати мавзун ва китфу бозувони хушҳаракати вай, гоҳи дигар ба рӯи зебо ва гесувони

тобдораш нигариста, аз ҳусну малоҳати дилрабои вай завқ мебурдам. Ҳайратам меафзуд, ки табиат чи гуна мӯъҷизакор аст, ин қадар мувозанату мувофиқият, рангу ҷило ва ҷозибаро ҳеҷ мусаввире ёфта наметавонад...

— Замони маро ба шавҳар доданашон зориҳо кардам, — аз дур сухан оғоз намуд Матлуба, — то сабр кунанд, ба суханам эътибор надоданд. Аз ҳар гӯшае маҳмадоное баромада, падару модарамро маслиҳат медод: "Духтар, ки ба қад расид, имрӯзу фардо накарда, тез ба дасти соҳибаш супоред, ягон хел гапаш набаромада, аз хонаатон биравад, барои шумо давлати калон аст. Ин хел ҳусн кати ҳар як духтарро ҳам вайрон мекунанд..." Норозигиамро дида, модарам гуфтанд: "Агар касеро хуш карда бошӣ, бигӯй". Ба ҳеҷ нафар дилам об нахӯрда буд. Ягон ҷавони дилхоҳам пеш наомада бошад, чи кунам?! Хостгорон бисёр буданд, аммо ба ҳеҷ кадоме диламо об намехӯрд. Оқибат, "падару модар ҳаргиз ба фарзанд бадиро раво надидаст" гӯён маро тасаллӣ доданду ба як ҷавони ҳамдеҳаамон фотиҳа карданд. Аҷаб не, агар дар ҷои ман ягон духтари дигар буд, бо ҳамон хушу хушҳол зиндагӣ мекард. Аммо чи кунам, ки худо ба ман дил не, як балои азимро додааст... — Матлуба гунаҳкорона хандид. Баъд, "ҳозир" гуфту дуртар рафта ба болои шахи баланде баромада, ба атроф нигарист, ки гӯсолаҳо ба ҷониби полиз нарафта бошанд.

Матлуба баргашта омада, рӯи харсанг нишасту гуфт:

— Барои чи ман ҳамаи инро ба шумо мегӯям?.. Ин розро духтарон ба ҳеҷ кас намегӯянд...

— Агар ман барин дӯстдорашон бошад, бояд, ки бигӯянд, — гуфтам ман ҳар чи бодо бод.

Матлуба ба як тарзи аҷиб ба рӯи ман нигаристу фав-

ран нигоҳашро гурезонд. Сухане гуфтан хосту даҳон ҷуфт кард, аммо нагуфт. Мо хеле муддат хомӯш мондем.

— Хуб, баъд чи шуд? Давом кунед.

— Хайр, чи гӯям... Аз фотиҳа ду-се ҳафта гузашта буд ё не, барои обгирӣ аз дарвоза бароям, ҳамун... Арвоҳ барин дар сари роҳ мошинашро қарор додаст, даҳонашро боз карда ба ҷониби ман механдад. “Гум шав!” гуфтаму аз роҳам ақиб гашта ба ҳавлӣ даромадам. Вай дуд-дуд карда бонг доду бо овози баланд таронакунон гузашту рафт. Минбаъд қариб ҳар рӯз ё рӯз дар миён ин ҳол такрор мешуд. Ҳамин ки аз кӯча бонги мошини боркашу таронахонии ӯро шунаванд, хурду калон хандида, ба сӯи ман менигаристанд. Баъзе ҳамсоязанон аз рӯи ҳазл “Ҳа гӯй, Матлуба, домод фарёд дорад” гӯянд, баъзеи дигар лаб кач карда, тамасхур менамуданд, ба якдигар маънидор нигариста, писханд мезаданд. Сонитар ба гӯлию содагии ҷавон рӯирост механдиданд. Баъзе, ба монанди зани амаки Шодоб “Ҳа, боракаллоҳ, кам нашаванд домод!” гӯён мазаммат мекарданд.

Ман аз ҷоям бархостаму рафта, дар гӯшаи харсанге, ки Матлуба дар он менишаст, нишастам.

— Илтимос... дар ҳамон ҷоятон бошед... Мабодо, ки ягон кас... — Вай чунон ҷиддан хоҳиш кард, ки ҳоҷати рад кардани ҳарфи ӯ набуд.

— Ҳамаи инро шунидану дидан қалбамро мефишурд. Ҷои меҳр бастан номзадамро шуму бад дидам, рӯз аз рӯз ба вай нафратам меафзуд, дигар ба чашмам мисли бало менамуд, аммо буғзи диламро ба касе гуфта наметавонистам. Фаразан, агар гӯям ҳам, мардуми мо дардамро намефаҳмиданд, ҳамин ҳам гап шуд, духтар, танат сиҳату ҳолат хуб аст ё не, мегуфтанд ва бешак ба чашмам хаво-

тиромез менигаристанд. Ба болои сӯхта намакоб, вай як бегоҳӣ ду нафар дугонаҳоямро фиристодаст, то ба баҳонаи синамо рафтан маро аз хона берун баранд, сухане заруре доштаст. Ман ҳатто ин даъвати густохонаро шунида, сараввал ба ваҳм афтода: агар падару модарам ва ё хешовандонамон шунаванд, чӣ мегӯянд?! Духтарон баргашта рафтанду баъди ним соат боз омаданд. “Агар наояд, нимта арақ мезанаму рост ба хонааш даромада меравам”, гуфтаст. “Биё, биравем, ягон гап доштагист”, гӯён дугонаҳо маро ба доштам, ки духтарон дар бари ман мешаванд, аммо онҳо гурехтанд. Ман аз шарм месӯхтам, аз қаҳр мекафидам... Кӣ медонад агар вай мард барин, як-ду сухани нағз мегуфт, таскинам медод, балки оташи аламам паст мешуд, дар дили ман ҳам меҳраш реша мезад. Гапи ёфтагии домодшавандаро шунавед: чаро ман аз баъзе хешони вай рӯй напӯшидаам?! Дар ҷавобаш “Ту кор мекунӣ, бас, ман дар хона бишинам?” гӯям, кинояи ошкороро нафаҳмид-е! Ин ба ман бештар аз ҳар таҳқире алам кард. Баъд, истинтоқи дигаре: чаро бегоҳӣ ҷуволи пахтаамро Ҷобир бардошта, то ба назди тарозубон овардаст?! Агар сире набошад, барои чи ҷуволи дигаронро нею ҷуволи маро меовардаст?! Дигар тоқат наовардаму рӯирост гуфтамаш: “Зоғе агар ёбад гуле, худро шуморад булбуле... Бигӯ, очаат омада ҷиҳозатонро аз хона бубарад...” Гуфтаму ба пасам нанигариста, ҷониби хона давидам... Боз падару модар монеъ шуданд. “Айб мешавад, духтарам, сари моро хам мекунӣ, фотиҳаҷудо аз талоқ намемонад...” Хоҳу ноҳоҳ ба қисмати сахтам тан додам... Хуб, фаразан, ӯро рад кардам, сонӣ ба кӣ мерасидам?..

Матлуба хомӯш монду аз ман чашмашро рабуда ва ба сӯи қуллаҳои кӯҳсорон нигариста, ба гумонам табассум

кардагӣ барин шуд. Табассумаш талх буд. Зоғею доғе, кӣ гумон дошт, ки дар дили ин нозанини зоҳиран шодоб аз сад гулаш як гулаш ҳанӯз нашукуфта ин қадар дарду алам ҳаст?! Рост аст, ки ҳар як одам як олам аст ва ҳеҷ аҷаб не, агар бо ин олам шумо умрҳо паҳлу ба паҳлу зиндагӣ кунед, вале асрори дили ӯро нафаҳмида биравед... Вай ҳам монанди ҳамаи духтарон аз пирдухтар гаштан меҳаросид.

Баъди шунидани ин қадар саргузашти нохуш, ман бо кадом забон изҳори матлаб кунам, намедонистам. Боз фурсати гуфтугӯй даст медиҳад ё не. Шабу рӯзҳои охир гаштаю баргашта аз худ савол кардам қарордодам ҳамин — ман бе Матлуба наметавонам, аз як дидан ба вай дил бохтаам...

Ман аз кӯҳ як пора дурри кӯҳӣ ёфта, чанд муддат онро сӯҳон зада, садбарги навшукуфтаеро таҷассум карда будам.

— Ин барои шумо, — гуфтам онро ба дасти Матлуба дода.

— Ваҳ!.. Аз санги чахмоқ аст?

— Не, ин аз дурри кӯҳӣ... паи ситора мегӯянд-ку...

— Худатон сохтед?.. Ба ростӣ?.. — Матлуба ҳадяи маро чарх гардонда тамошо мекарду ман аз он ки гули сангин ба вай хуш омад, аз фараҳ ва шодмонӣ курта-курта гӯшт мегирифтам. — Ба ростӣ, худатон сохтед? — Бовар намекард вай.

— Ҳунар фаровон дорам... шумо ҳанӯз намедонед... — гуфтам ба шӯхӣ. — Хабар доред, ки шуморо... дӯст медорам?.. Ана, боз як ҳунарам!..

— Инаш муболиға... — гуфт бесаранҷом гашта. Вай гоҳ сурх мешуд, гоҳ сафед. — Ба гул бовар мекунам...

инаш — ҳақиқат... Ман инро бурда пинҳон мекунам... хотира аз ин рӯз... Ҳикоят-хола агар бубинанд, шикаста ба шир меандозанд, — хандид вай.

— Барои чи ба шир меандозанд? — тааҷҷуб кардам ман.

— Баъзе шабҳои гарм шир турш мешавад гӯён, як мисқол барин меандозанд... — Аз хотири ӯ чи сиру савдое гузашту ба якборагӣ маъюс шуд, чашмонаш кашида гаштанд.

— Чиро фикр мекунед Матлуба?

— Як моҳ пештар аз ин, ҳамон язнаи таронагӯятон омада буд, ман як қӯша шохи ғурмро додам, то ба хона барад. Онро як чӯпонамон аз кӯҳ ёфта оварду ман аз вай илтимос карда гирифта будам. Чунон шохи ғалатӣ!.. Ҳалқа-ҳалқа печидагӣ, дарозиаш ҳам як кулоҷи расо меояд. Баъди се рӯз Бобои Низом онро ба қоши зин баста аз бозор омаданд. Ба як ҷарии сари роҳ партофта рафтаст!.. Бобои Низом бо ҳамин қадар дуруштию бедаҳаниаш аз вай авлотар не?.. Завқаш будаст, бепарво гузашта нарафтааст...

Ба Матлуба раҳмам омад. Далер бархостаму бо як ҷасорати ғайриоддӣ аз ду дасти вай гирифтам ва рост ба чашмонаш нигаристам. Лаҳзае ҳарду рост истода дастони якдигарро мефишурдему нигоҳҳо ба ҳам рехтаву омехта, зарабони қалби ҳамдигарро мешунидем.

— Ман... он шохро ба шумо... тӯҳфа мекунам ... Қабул мекунед? — гуфт вай бо меҳр ба чашмонам нигариста.

— Ба чашмонам молида-молида қабул мекунам... ва на фақат онро... ман шуморо аз ин ҷо мебарам Матлуба!.. — гуфтам тез-тез ба изтироб.

— Ман ба шумо муносиб нестам, — гуфт вай қатъӣ. Сипас эъзоҳ дод: — Шавҳар дидагиам... Синнам ҳам ягон-сол калон... Ҳақ надорам... Одамон чи мегӯянд?..

— Кадом одамон?.. Одамон чи дахл доранд? Ман шуморо хушбахт мекунам... Кӣ ба хушбахтӣ ҳақ надорад?! Ҳамаи мо барои хушбахтӣ ба дунё омадаем...

— Ман лоиқи шумо нестам... Умуман, нағз не... Мардум боз маро маломат мекунанд, бачаро аз раҳ зад мегӯянд...

— Ин ҳарфҳои беҳуда Матлуба! Ман аз нигоҳи нахустин, аз дидори аввал дар сари чашма шуморо дӯстдор гаштаам!.. Аз ин ҷо меравем...

— Алҳол ҳамон шохи ғурмро ҳамчун хотира аз ман баред...

— Ман ҷиддан мегӯям Матлуба!

— Ман ҳам ҷиддан мегӯям... То як сол... Агар то як сол фаромӯш кардан натавонед, сонӣ... биёед...

— Дигар шарт надоред?.. Фақат то соли дигар?.. Имтиҳони дарозе...

— Ҳа... баъдан мебинем...

*Соли 1970*



# МУАЛЛИМИ САХТГИР

Баҳори он сол ба дашти беоби Ёвон бори аввал пунбадона коштанд. Ғӯза кайҳо себаргаву вале аз об дарак набуд. Баъзеҳо ба раддаҳои беҳудуди сабзгун — гули заҳмату умеди худ нигариста, хавотир буданд: “Аз ростӣ, оби Вахш меояд ё обро надида, мӯза кашидем?” — мегуфтанд.

Ба канали нав, одатан, обро ҳамту, иму ҷим сар намедиҳанд. Ид мешавад, рақсу бозӣ, мукофотдиҳӣ, вазъгӯӣ мекунанд. Ҳоло мардум ба вазъгӯӣ ончунон одат кардаанд, ки дар тӯй ҳам, дар азо ҳам, то аз рӯйи коғаз бурро хатро хонда тавонистани худро собит накунанд, гӯё рӯзашон намегузарад.

Ман ба ин ҷо ба муносибати ҳамин тантана омадам... Вале ногаҳон Шодиро дидаму дар дили ман аз шодмонӣ асаре намонд.

Дар баландӣ истода ғарқи тамошои канал ва даҳанаи нақб будам. Дар пешгоҳи он ҳарфи М-тамғаи метросозони Москва медурахшид. Дар масофаи ҳафтуним километр аз зери кӯҳ нақб канда, оби паси Боботоғро аз як гӯшаи биёбон берун овардан, дар ҳақиқат, қиссаҳои пешини бибию бобоёнро ба ёд меоварد.

Ҳоло ҳама кори асосӣ саранҷом ёфта, коргарон бо трактор лавозимотеро, ки дар нақбканӣ ба кор бурдаанд, аз мағзи кӯҳ кашонда, берун меоварданд. Обе, ки аз даруни нақб ҷорӣ буд, чархҳои тракторро қариб гӯр мекард. Ин оби Вахш не, оби қаъри кӯҳ аст. Ҷавони навчаи лоғарандом, дар тан корҷома, дар по мӯзаи резинии соқаш баланд чолокона банд-банд тахтаву оҳанпораҳоро ба чангак андармон месохту кран онро бардошта, дар соҳил ҷамъ мекард. Ҳаракатҳои ҷавон ба ман ошно намуд,

худи ӯро низ гӯё мешинохтам, аммо аз дур афташро равшан тафовут намекардам. Аз теппа фуромада, ба ҷониби вай наздик рафтам. Хандаҳои соддалавҳонааш, поймониҳои такаббуромезаш ба Шодӣ монанд... Шодӣ! Худаш!.. Ана, вай ҳам маро дид... Зеҳн монда менигарад... Аҷиб, шамоли тақдир одамро ба куҷоҳое намебарад!

— Шодӣ!.. — наздик рафтаму даст бардошта овоз додам.

Маро дида вай лаҳзае карахт шуд. Сипас, маъюс табассум намуду дасташро боло бардошта "Салом" гуфт.

— Баъди кор биё чақ-чақ мекунем... Ҳозир нағз не...

Ҷӯраи солҳои бачагиам дар ин ҷо маҳбус буда, чунон ки мегӯянд, хидмати маҷбурӣ мекардаст, вале ман намедонистам. Ҳоло ӯро дида, агар гӯям, ки ҳайрон шудам, на он маъниро медиҳад. Лаҳзае дасту поям бемадор гашт,чӣ гуфтанамро надониста забон хоидам. Вай андаруни канал, ман дар соҳили баланд — ҳар ду аз изтироб хомӯш будем.

— Ягон чиз даркор бошад, гӯй, — хоҳиш кардам.

— Ташвиш накаш, ҳеҷ чиз даркор не... Фақат дидори шумоён...

Вай табассум намуд ва бо меҳр ба рӯйи ман нигаристу хомӯш монд. Посбон ба исрор талаб дошт, ки ман аз соҳил дур шавам.

Не, ба ҳар ҳол, ин Шодии пешин не. Агар ҳамон Шодии пешин мебуд, "ягон сони гӯсфанда пухта биёр, як дег палави сергӯшт кун, палава ёд кардам, арақ гир" мегуфт. Ғалатӣ...

Вай бо трактори худ ба нақб баромада рафту ман парешонхотир ба қафо баргаштам.

"Сазои хулқу атвори бад... — мегуфтам худ ба худ. — Аз карда пушаймон метобад. Ақлаш даромадагӣ барин..."

Даврони бачагию наврасии мо бо ҳам гузашт. Даҳсоларо ҳамроҳ тамом кардем. Баъд ман аз пайи таҳсил ба шаҳр омадаму вай дар деҳа монд.

Хурд будем. Он солҳо ҳавлии Шодиино дар шафати ҳавлии мо буд. Ҳамеша ҳамдам, бозӣ мекардем, ҳамроҳ ба мактаб мерафтем, аз пайи гову гӯсола, алафу ҳезум медавидем. Рост мегӯянд, ки Исо ҳам ба роҳи худ, Мӯсо ҳам. Бесарии вай як зарра ҳам ба ман сироят накард. Баъди ин гуна таҷрибаҳо чӣ гуна ба қонуни ирсият бовар намекунӣ?! Росташро гӯям, баъзан аз касофати вай ман ҳам дар маломат мемондам. Бинобар он, очаам мудом таъкид мекарданд, ки вай катӣ камтар бозӣ кунам. Лекин ҳамроҳ бозӣ накарда мешавад?

Боре сазои ба суханони модар беэътиноиамро дидам. Воқеа ин тавр рух дод: дар қарибии боғи мо полизи колхоз буд. Нигоҳбони он бобои Орзумурод ҳар гоҳ ба боғи мо ояд, ягон ҳандалаки хушбӯ меоварду маро шод мекард. Он солҳо мардум дар замини рӯйидарича харбуза намекориданд. Ғалла танқис буд. Ба мардуми деҳқон пул аз он ҳам танқистар буд. Ҳеҷ кас моҳона намегирифт, на дар пирӣ нафақаю на дар беморӣ... Дар ивази 20 сотих замини рӯйидарича аҳли оила дар колхоз кор мекарданд. Бе паспорт ба куҷо гурехта меравӣ?! Ана, аз ҳамин сабаб ба замине, ки корам аст, хоҳ лалмӣ, хоҳ обӣ, ғалла мекориданд. Колхоз барои полиз хеле кам замин ҷудо мекард... Ҳамон рӯзи нохуш ману Шодӣ дар боғи мо, ки як гӯшаи ҳамон замини рӯйидаричаро ишғол мекард, машғули бозӣ будем. Намедонам, гап аз куҷо бархосту вай барои харбузадуздӣ ба полизи колхоз рафтанӣ шуд. Ман инояти бобои Орзумуродро ба хонаводаамон ёд оварда, дар ин хиёнат ба вай шарик нашудам. Чун ӯ ба ҷониби полиз раҳ ги-

рифт, ман аз боғ бадар меравмгуфтам, вале рустӣ аз Шодӣ ба даруни ҷӯйи обкандаи чуқуре даромада пинҳон шудам.

Дар он айём чӣ донам, ки агар кас бетарафона ҷиноятеро гувоҳ бошад, низ гунаҳкор аст.

Ногоҳ валвалаю ҳаёҳуе бархосту бача набошам, боз ҳам худдорӣ карда натавонистам ва сар бардошта, оҳиста ба тарафи ошӯб нигаристам. Манзарае, ки дидам, ҳеҷ фаромӯш намешавад: Шодӣ харбузаи калоне дар даст ба ин сӯ медавиду аз қафо, дар масофаи чил-панҷоҳ қадам бо ҳаёҳу бобои Орзумурод ӯро дунболагир буд... Ман ин ҳолро дидаму саросема сарамро поён гирифтам, вале кор аз кор гузашта буд: Шодӣ гурезон харбузаро ба назди ман ғелонду рафт...

Вақте ки бобои Орзумурод омада, дар сарам рост истод, ба ҷуз шармандавор аз ҷо бархостан дигар чораам набуд. Мӯйсафед тамоми заҳрашро ба ман рехт. Суханоне гуфт, ки агар мор шунавад, пӯст мепартофт. Рост мегуфтаанд: харбузаро хом кандана, сари деҳқонро бикан.

Ҳамин қадараш кам набуд, ки мӯйсафед боз ба хонаамон рафта, воқеаро ба модарам гуфтаст. Бегоҳирӯзӣ гӯсолаву се бузғоларо пеш андохта аз дарвоза дароям, модарам дар сари оташдон будаанд, тарошае ба дасташон афтоду бо он маро чунон заданд, ки он шаттаро ба ёд оварам, то ҳол тахтапуштам виҷиррос зада, дар танам мурғак медамад. Аз беадолатии модарам сахт ранҷидам. Як шабонарӯз аз хона таом нахӯрдам. Аввал пурсиш, баъд кушиш-дия! Бобои Орзумуродро солҳои сол чашми дидан надоштам.

Ба Шодӣ бало ҳам назад. Баръакс, фардояш шӯру фиғони маро тақлид карда мазоҳ намуд. Бобои Орзуму-

род ба модараш гуфта бошад ҳам, Ҳаёт-хола ҳаргиз ба писараш сахт намерасад. Зани аҷиб буданд — нармдил, беозор, гапбардор, фориғдил... Ҳеҷ нашунидаам,ки вай ягон бор ба Шодӣ, ақаллан дӯғу пӯписа карда бошад. Бо ҳама ҳамин хел, мулоимгап, нармдил. Мо — бачаҳо ҳавас мекардем, кошкӣ модари ҳар яке ҳамин хел мебуд... Беақл будем...

Шодӣ сол аз сол дар бадкирдорӣ ном мебаровард. ”Шодӣ не, ин ғаму кулфат аст”, мегуфтанд одамон. Ёд дорам, боре модараму Ҳаёт-хола ба таъзияи кадом як ҳамдеҳаамон рафтанд. Ману Шодӣ дар ҳавлии онҳо будем. Дар сояи тути калони балхӣ бибиаш ғир-ғир чарх ришта, суруди ғамангезеро замзама мекард. Аз афти кор, пиразани ҳафтодсола писари дар ҷанг бедарак рафтагиаш — падари Шодиро боз ба ёд оварда буд магар, ашки рухсораҳои пурочингашро дам ба дам ба нӯги остини дарозаш пок мекард.

Ин дам аз кӯча нидои аттор баромад. Он солҳо атторҳо ранг, қулф, сӯзан, тугма, шаба, чангаки моҳидорӣ барин майда-чуйдаҳоро аз шаҳр харида, деҳа ба деҳа гашта қиматтар мефурӯхтанд. Рӯзе, ки аттор меомад, барои бачаҳои деҳа ид буд. Ҳар кас ягон чиз мехарид: писарбачаҳо — ҳуштакчаҳои сафолӣ, дорбозак, духтарон —сӯзан, ҳалқа, илқ, занҳо — ранг, зок, зиҳи пойҷома ва ба ҳамин монанд чизҳо.

Ману Шодӣ саросема ба сӯйи аттор давидем. Чангаки моҳигириро дидему ҳаваси моҳигирӣ моро беқарор кард. Аммо барои чангакхарӣ пул надоштем. Дар он айём пул на фақат дар ҷайби бачаҳо, балки дар кисаи аксар мардони деҳа ҳам ёфт намешуд. Аммо мушкиле набуд, ки садди майлу хоҳиши Шодӣ бошад. Вай “ҳозир” гуфту

тозон ба ҳавлиашон рафт ва фурсате нагузашта, куртаи мардонае дар бағал берун омад. Аттор куртаро пасу пеш гардонда диду писанд кард, вале ба рӯйи Шодӣ бо шубҳа нигариста гуфт:

— Бача, боз бе рухсати очаат овардӣ?

— Не-е!

— Ку, рав, бигӯ очаат ояд.

— Э, шумо чӣ хел одам, гиред-дия!.. Очаам ба меҳмонӣ рафт. Худаш гуфта буд, ки инро дигар касе намепӯшад.

Ин лаҳза хоҳарчаи Шодӣ — Фароғат аз дасти бибиаш гирифта аз ҳавлӣ берун омаду ба сӯйи аттор шитобон расид.

— Ана, куртаи додом, бибиҷон!.. Ман гӯям, шумо бовар намекунед... — бидиррос зад духтарак куртаро аз пеши аттор бардошта.

Куртаро дар назди аттор дида, фиғони пиразан баромад.

Шодӣ ба Фароғат суханони таҳдиду таҳқиромез гуфту аз он доира дуртар рафт.

— Ҳой, балонусха... Куртаи писаракам-а! Нарӯйида рав, ту шумқадам... Садқаи падар шав!.. Барои ҳамин худо ба ту уна ҳайф дид.

Вай бо алам хеле суханони ҷонгудоз гуфту куртаро аз дасти Фароғат гирифта, бо қомати хамида ба сӯйи ҳавлӣ равон шуд. Шодӣ аз ин кори хоҳарашу бибиаш изо кашиду беҳаётар гашта, ба пиразан дарафтод. Саравval куртаро аз дасти бибӣ гирифта гурехтанӣ шуд, вале натавонист. Баъд аз алам ҳавлиашонро сангборон мекард, ки модараш расида омад. Ҳаёт-хола сабаби моҷарои ӯро фаҳмид ва зуд аз куҷое пул ёфту барои Шодӣ чангак харид ва хархашаи ӯ пасанда гашт.

Шодӣ солҳои мактабӣ ҳам тавфиқ наёфт. Вай қобилияти хуб дошт, аммо ҳаргиз дар хона китобу дафтарро ба даст намегирифт. Ҳар он чӣ аз муаллим мешунид, каму беш дар хотир медошт ва онро боз гуфта аз муаллим баҳо мегирифт. Агар аз роҳи худсарию бетамизӣ намерафт,балки одами дуруст мешуд...

Аз бонги ногаҳонии мошин як қад парида, худро ба канори роҳ гирифтам. Замини зери поро ларзонда “Белаз” гузашт. Ронанда ба ҳоли ман хандид. Ман ҳам хандидам.

Бе ҳеҷ мақсад, ғайриихтиёр мерафтаму мерафтам. Инро пай бурда, ниҳоят аз роҳ истодам. Истодаму баргашта ба сӯйи чорраҳае, ки он ҷо мардум интизори мошинҳои раҳгузар буданд, рафтам.

Ҳоло ба кадом сӯйи ин дашт назар кунед, суруру тантанаи фардо эҳсос мешуд. Гурӯҳ-гурӯҳ одамони аз атрофу акноф баҳри тамошо омадагӣ бо шавқ даҳани нақб ва наҳри навсохтро менигаристанд. Дар ҳама ҷо байрақу хитобаҳо, ошхонаву дӯконҳои сайёр...

Намедонам, дар синфи шаш будем ё ҳафт, ғолибан дар синфи ҳафт мехондем, ки ба мактаби мо аз шаҳр муаллимае омад. Ӯро мо дар зиндагӣ ҳаргиз фаромӯш намекунем, зеро вай сабабгор гашт, ки сонитар бисёр бачаҳои деҳаи мо таҳсилро давом доданд, касбу ҳунар омӯхтанд. Чашми моро ба олам, ба зиндагӣ ҳамон Солеҳа Каримова кушод. Ҳар як сухан, ҳар як кори вай барои мо ибратбахш, зебо ва ҳавасангез буд. Писару духтар — ҳама мафтуни вай будем. Муаллима барои мо ҳам рафиқи мӯнису сирдон, ҳам устоди сахтгири иззатманд — хулоса як олами нави таҳ ба таҳ асрор, хирад, ҳунар, ҳусн ва назокати одамӣ буд. Вай ҳам донишманд, ҳам дарзӣ, ҳам пазанда — хулоса, кони ҳунар буд. Ба духтарон бофтану дӯхтанро омӯ-

зад, ба бачаҳо аз усули муомила, назокати адаб сар карда то оростани дастархону ақоиқи назофат, тариқи меҳмонию мизбонӣ, расми хонадорӣ ва ободу зебо доштани макони истиқоматро меомӯхт.

Шодӣ ӯро низ биозурд. Биозурду сипас худ батамом радди маърака шуд: рӯзе муаллима ба синф ворид гашт ва пас аз салому алек ба курсӣ нишаста ҳозиру ғоибро санҷидан хост, вале курсӣ яку якбора пора-пора гашта аз ҳам рехт. Муаллима ба рӯйи фарш афтод. Вай аз хиҷолат буд ё аз дард ба рӯйи ҳеҷ кас нанигаристу лангон-лангон аз синфхона берун шуд. Чашми духтарон об гирифт, бачаҳо аз ғазаб дандон ба дандон мефишурданду аз алами оҷизӣ сар намебардоштанд.

Аксари онҳо дар он айём аз Шодии ҷангара ба дил ҳарос доштанд.

— Ба падарат лаънат... Мур, ту, пес... — яку якбора Маҳрам сар ба остин ниҳода гириста сар дод. — Гум шав, нокас!..

— Агар ягонтаат даҳон кушой, аз ман гила накун! — аз ҷо бархоста мушташро гиреҳ карда ба аҳли синф ва асосан, ба Маҳрам таҳдид кард Шодӣ. — Даҳаната аз тахтапуштат мекушоям, Таппак!.. — Вай духтари Назари Чӯпон Маҳрамро "Таппак" мегуфт.

— Агар ҳозир ба мудир рафта нагӯям, ман — одам не! Ту ин курсиро мондӣ, — Маҳрам бо чашмони ашколуд аз ҷо бархосту аз синф берун рафтан хост.

— Бишин, Таппак! — Шодӣ сари роҳи ӯро гирифт. Азбаски Маҳрам ба мактаб аз молхона меомаду мудом аз танаш бӯи ширу ҷурғот ба димоғ мерасид, ин лақаб ба вай часпида буд. — Ку, як бори дигар гӯй!.. — Шодӣ бо ситез

мушташро ба таҳи манаҳи духтар бурд. — Чунон гирифта ба девор мезанам, ки... таппак мешавӣ! — аз лутфи дурушти худ завқида, қоҳ-қоҳ зад вай, вале ба хандааш ҳеҷ кас ҳамроҳ нашуд.

...Касе маро чеғ зад магар ё ба гӯшам ҳамин хел даромад, дақиқ надонистам. Сар бардошта ба атроф нигаристам — ҳоло ҳама ба ҳар тараф рафта, дар гирду пеш ҳеҷ ҷонзоте набуд. Дар он сӯйи канал бачаҳои Ёвон ба харҳо кӯзаву офтобаҳоро баста аз пайи оби гуворо ба сӯйи чашмаҳои домани кӯҳ мераванд. Имрӯз бачаҳо бори охир барои об мераванд. Фардо аз ин канал, аз оби Вахш мехӯранд.

Боз овоз баромад. Ин дафъа аниқ шунидам — овози зан. Бист-сӣ қадам дуртар аз ман дар канори роҳ ду мошини самосвал меистод. Аз таваккал ба ҷониби мошинҳо қадам задаму аз паси яке аз онҳо қиқирросзанон Гулсифат баромад.

— Дар ҳамин ҷо ҳам ту ғарқи фикру хаёлӣ?.. Э, ту ҳам одам барин ягон рӯз ҳушёр мегардӣ ё не? — гуфт вай бо чеҳраи хандон ба сӯйи ман аз дур дасти вохӯрӣ дароз карда омада.

— Фикру хаёл куҷо, ҳамту... — гуфтам аз хиҷолат чӣ гуфтанамро надониста. — Ту дар ин биёбон чӣ гум кардӣ?

Мо салому алек ва аз якдигар ҳолҷӯӣ кардем.

— Ба чӣ кор омадӣ? — Ва ҷавоби маро нигарон нашуда пайрави саволи худ гуфт: — Тантана менависӣ? Мардони майдон ё диловарони Ёвон? А?

Гулсифат ҳам аз ҳамсинфони мо. Ман аз бозе, ки ӯро мешиносам, одаташ ҳамин: ягон гапро мепурсаду тоқати ҷавоби шуморо шунидан надорад. Шумо ба ҷавоб даҳан кушода-накушода, вай аз ҷойи дигар савол мекунад.

— Писардор шудаӣ, муборак... Чӣ ном додӣ? — боз пурсид вай. Ман номи писарам ва мақсади омаданамро гуфтаму сипас аз ӯ пурсидам:

— Ба ман нигар, аҳволи Шодӣ чӣ хел аст, бохабарӣ?

— Ҳабс шуд-ку, ҳоло дар зиндон будагист, — гуфт вай ва якбора маъюс гашт. — Чаро якбора Шодӣ ба ёдат омад?.. Дар ҳамин дашт рӯята ба қибла гардонда Шодиро фикр мекардӣ?

— Не, Гул... Ист, ки ту ба ин ҷо чаро омадӣ?

— Мусулмонӣ ба шикамсерӣ, гуфтаанд. Се-чор дӯкону ошхонаи районро овардам. Гапи хушк ба гӯши кӣ мефорад?! Гумонат рӯзномаи ту барояд, офтоб мебарояд, вагарна на пахта мерӯяду на мол мезояд. Ҳамту не?

Кинояи ӯро бо табассум гузарондам. Вай кори рӯзноманигоронро гапи хушк ва беҳуда мешуморад.

Мо дар хусуси ҳамдиёрон, ҳамсинфон, кору бори худамону наздиконамон хеле гапзанон кардем. Чун сухан ба сари мактаби деҳа кӯчид, Солеҳа Каримова боз дар пеши чашмам ҷилвагар гашт.

— Ба ман нигар, Гулсифат, муаллима Каримова ҳоло дар куҷо бошанд?

Вай чашмонашро калон карда ба тааҷҷуб чунон ба рӯйи ман нигарист, ки авзоаш баръало мегуфт: “Бача, тани ту сиҳат аст ё не?”. Дар муқобили рӯйи лоғару борикаш чашмонаш зиёда калон намуданд. Дар воқеъ, Гулсифат ҳеҷ фарбеҳ нашуд. Ҳама ҳайрон буданд,ки ӯ ба вуҷуди ин қадар дарёдилию ҳуштабъӣ, чаро тортанак барин дар бадан як пайса гӯшт надорад. Кораш нағз, рӯзгораш осуда, хулоса чор ишкелаш чоқ. Аз афти кор, аз хӯрок

парҳез дорад, қомати зебояшро эҳтиёт мекунад. Дарвоқеъ, фарбеҳии зан бештар қабеҳ менамояд.

— Имрӯз ба ту ягон гап шудагӣ, поймапой гап мезанӣ. Чаро хаёлат парешон? — гуфт вай баъди лаҳзае ҳайронӣ ба чашмони ман нигариста.

— Ҳеҷ, — гуфтаму табассум намудам.

— Каримова аз мактаби мо рафтанду дар Себзор ҳам гапашон бо директорашон напухт магар, ба кори дигар гузаштанд. Боре дар мошин дучор шудаму як дам гапзанон кардем. Ҳамаро ном ба ном пурсиданд. Чаро аз муаллимӣ рафтед гӯям, даст афшонданд. Худашон ҳам пушаймон барин. Хайр, худат медонӣ, одами ростдил ҳоло рӯзаш сахт аст.

— Ба халқ чизи аз ҳама зарурӣ аввало нон, баъд аз он мактаб, — гуфтам ман суханони дар кучҷое хондагиамро ба ёд оварда.

— Ҳеҷ кас ба ин шубҳа надорад.

— Рӯзҳои шанбею якшанбе хона ба хона мегаштанд. Очаам аз саҳар "бибиотуни айбчинат меояд" гӯён, ба рӯбучин сар мекарданд. Чӣ қадар маслиҳат, машварат... Худро ба одамон бегона намеҳисобид... Ёд дорам, очаи маро маломат карда буд, то ки вақти гиряи кӯдак гаҳвораро сахт начунбонад... Аммо баъзеҳо ба хонаашон рафтани ӯро хуш намекарданд. Сагашонро кушода мемонданд, медонӣ?.. Ҳурмати нон... — гуфтам ман бо сӯзу гудоз.

— Муаллими ҳақиқӣ буд... Ҳайфо, ки бо замона мувофиқат карданро намедонист.

— Ҳаёт-хола ҳам омаданашро намехост, рӯйи хуш намедод, муаллима пай мебурд, аммо домани Шодиро сар намедод.

— Куҷо пай намебурд! — эътироз кард Гулсифат. — Ҳамаашро медонисту худашро ба гӯлӣ мезад.

— Ин тавр бошад, чаро ба Шодӣ ин қадар андармон буд? Барои таъмири хонаю ҳавлии онҳо ҳашар ташкил карда буд, ба хонааш мебурд, китоб медод: бо кӯшиши вай Шодӣ одамсуроб гашт, ҳатто момои Гулсуми бекасро дастёрӣ мекард...

Лаҳзае фикру андешаҳои ҳар ду ҳам ба он солҳои наврасӣ пайванд хӯрда, хомӯш мондем.

— Азбаски очааш доим тарафи писарашро мегирифт, бечора муаллима ба бало монда буд, — хандид Гулсифат. — Шодӣ ягон номаъқулӣ кунад, додхоҳон ба хонаи муаллима мерафтанд, гӯё фарзанди вай бошад... Э-э, Шодӣ набуд, вай дар ҳақиқат ғаму кулфат буд. Аз куҷо гапи ӯро сар кардӣ? — аз ин гуфтугӯ дилгир шуд Гулсифат.

— Баъди аз мактаби мо рафтани Солеҳа Каримова Шодӣ расво шуд. Хусусан, Маҳрами бечораро расо азоб дод. Бачаи шум буд, — гуфта ба Гулсифат ҳамфикриамро баён намудам.

Маҳрам аз ферма ба мактаб харсавор меомаду харашро дар қуруқи лаби сой ишкел зада мемонд. Шодӣ дар танаффус пинҳонӣ рафта, ишкели харро кушода сар медоду баъд духтари бечора ҳафт километр роҳро пиёда мерафт...

— Оби ганда ба хандақ, ана оқибаташ, — гуфт Гулсифат андӯҳгин абрӯ чин намуда. — Аз мукофоти амал гурехта намешавад! Дузд ба дузд вомехӯрад, ғар ба ғар...

— Аҷаб не, вай одами нағз мешуд... — гуфтам, аммо ин дам ҳамаи далелҳоям дар бобати одами нағз шудани Шодӣ ба назарам ночиз ва беасос ҷилва намуданд. Баъди

лаҳзае хомӯшӣ гуфтам: — Ҳозир Шодиро дидам. Дар ҳамин ҷо будаст...

Гулсифат ғайричашмдошти ман як қад парида, ба рӯйи ман нигарист, лаҳзае ин гуфтӯгуро чашмони мо идома доданд: ман бовар кардам, ки солҳои охири мактабӣ мафтунии Шодӣ ба Гулсифат, ҳар чӣ бошад ҳам, дар дили духтар асаре доштаст.

— Суханро аз ҳамин сар кунӣ, намешавад?! Гоҷиатро бас накардӣ!.. Аз даққиюнус сухан сар карданат барои ҳамин Шодӣ буд?! Хайр, чӣ илоҷ, ба бадбахтии Шодӣ ҳеҷ кас гунаҳгор не, айби худаш, — гуфт Гулсифат ҳаяҷони худро андаке фурӯ нишонда. — Агар худи кас одам шудан нахоҳад, ҳеҷ кас ӯро одам карда наметавонад.

Ҳар ду ҳам дақиқае чанд хомӯш мондем. Ман ботинан ин гуфтугӯро давом медодам: Ба фикри ман, дар ин бадбахтӣ танҳо худи Шодӣ гунаҳгор не, — мегуфтам ба худ. — Фақат як худи модараш ҳам гунаҳгор не. Бале, хурду калон — ҳама. Дар пеши назарамон дузду авбош, коҳилу кӯрнамак ба воя расид, ҳеҷ кас ба таври қатъӣ ба вай монеъ нашуд. Аз хурдӣ умри вай бекор мегузашт... Ҳаёт-хола тарафи писарашро мегирифт ва ё дӯғу пӯписаи бардурӯғ мекарду бас. Баъди як воқеаи нохуш дили аксар ҳамсояҳо ба модари писар хунук шуд, аммо боз гунаҳкор беҷазо монд. Шодӣ дар оғилашон гурбаи ҳамсояро дошта, ба болояш карасин рехта оташ мезанад: гурбаи оташгирифта ба ҷониби ҳавлии соҳибаш мегурезад ва ҳангоми таоми шоми хонавода худро аз тиреза ба хона меандозад. Носири якдаста аз хавфи сӯхтор худро ба болои гурбаи машъалвор оташгирифта меандозаду бо як дасти аз ҷанг амон мондагиаш онро дошта, боз бештар маъюб шуд...

Ҳаёт-хола ҳар боре, ки ба хонаи мо меомад, модарам баъзе кирдорҳои Шодиро аз рӯйи дидаю шунидаашон гуфта, “Сари вақт аст, пеши роҳашро гиред”, мегуфтанд. “Абе, дугонаҷон, ҳоли бача-дия. Бе падар, сағир калон шуд. Дили сағираро озурдан гуноҳи азим аст, мегӯянд. Дилам намешавад, ки гапи сахт гӯям. Калон шавад, ягон рӯз ақлаш медарояд. Бачаҳои шӯх ҳам калон шаванд, вазнину солор мешаванд”, — мегуфт модари ӯ дар ҷавоб.

— Тағоияшу очааш ба ин ҷо дидорбинӣ омадаанд, аммо Шодӣ ба наздашон набаромадааст. “Ман оча надорам”, гуфтаст. Сонӣ амакаш омадаст, — гуфт Гулсифат андешаманд. — Шодӣ гуфтаст, ки очаам наояд. Маро ҳарчӣ кард вай кард: тухми мурғи ҳамсояро туздидам, манъ накард, ба сагаш сӯзан додам, як шаппотӣ назад, ана, оқибаташ...

— Ғалатӣ... Боварам намеомад, ки Шодӣ чунин рафтор кунад ва аз ӯ ин гуна суханҳо барояд. Кӣ ба ин минвол чашми ӯро кушода бошад? Кӣ? А? — гуфтам ангушти ҳайрат ба лаб бурда.

— Зиндагӣ... Зиндагӣ ҷонам, Солеҳа Каримова не, — гуфт Гулсифат дар поёни сухан. — Зиндагӣ муаллими сахтгир аст... Мегӯянд, ки дар ҳамин ҷо китоб хонда, донишманд шудагӣ...

Дар пеши чашмони ман қомати баланди Шодӣ ҷилва намуд, ки ӯ аз паси мо менигарад. Беихтиёр ба қафо нигаристам. Кран ба мисли фили бузург бо хартумаш тахтаву оҳанпораҳоро дарза-дарза бардошта, ситезаомез дар соҳил ғарам мекард.

***Солҳои 1973-79***

# ПАДАР ВА ПИСАР

Амон бори аввал, ба ин тараф меомад. Ӯ аз автобус фуромаду аз нафарони дар истгоҳ истода роҳи деҳаи Османсойро пурсон гашт. Як марди навчаи хушбурут аз ҷояш бархесту “ин тараф биё, бародар”, гуфта, ӯро ба сари чорроҳа бурда бо даст ба самти офтоббаро ишора карда гуфт:



— Ана, ҳу ҳамон дарахтони таҳи кӯҳ – Осмонсой аст. Агар ғайрат дорӣ, як қадам роҳ аст, арзиши ба мошин нигарон шудан не.

Амон ба вай ташаккур баён карду пиёда ба роҳ даро-

мад. Каме дуртар рафта, эҳтиётан аз як мӯйсафеде, ки харсавор аз ҳамон тараф меомад, роҳро пурсид. Пирамард бафурҷа сари харашро ба ақиб гардонда, бо халачӯбаш ишора карду гуфт:

— Ба ҳамин раҳ рост меравӣ, писар. Ҳу, ҳамон сабзазор — Осмонсой.

Амон ҷомадончаашро ба замин гузошт ва тугмаҳои гиребони куртаи сарбозиашро боз кард. Табъаш хуб буд. Офтоб дар осмони обӣ ҳамчун киштии тиллоранг дар баҳри ором лангар андохтаст. Ба кадом сӯ назар накунад, баҳор! Баҳор дар сабзаҳои навхези сари роҳ, дар ҳавои киштзору боғу роғ, дар шоридани оби ҷӯйҳо нилии осмон назаррабоӣ мекард. "Дар ҷои хизмати ӯ ҳанӯз аз баҳор дараке нест. Акнун замин пойбардор шудагист?" Амон ба соаташ нигарист — чоряк кам дувоздаҳ. "Сағира ба чӣ кор овора бошад?" — Вай дӯсти ҳамхизматаш Ҷовидро "Сағира" мегуфт. Ҳамаи бачаҳо ӯро Сағира мегӯянд, аксар номашро намедонанд. Хонаи падару модари рафиқаш дар ҳамин деҳаи Осмонсой аст. Онҳо ҳар ду, аз рӯзҳои аввали хизмати сарбозӣ дар як ҷо. Бо ҳам чунин унс гирифтаанд, ки агар як рӯз аз ҳамдигар ҷудо шаванд, сарриштаи корашон гум мешавад. Мегӯянд, ки одам фақат дар ҷавонӣ, вақти хизмати сарбозӣ ва ё таҳсил дар донишкада ба якдигар ин хел самимӣ дӯст мешавад.

"Сағира ҷавони кушодадил, ба қулфи қалби ҳама калид меёбад. Инсон одами хубро кам-кам бафурҷа мешиносад. Одами бад дар як рӯз ошкор мешавад. Сағира бо ҳамаи бачаҳо дӯсту бародар аст. Ҷавони беғараз, каҷдилӣ надорад... Аз хона як қуттича меваҷоти хушк гирифту ҳамон дам рӯи мизи хобгоҳ монда, бачаҳоро даъват кард. Дар як нишаст хӯрда хестанд. Баъзеҳо, гурба ахлоташа

гӯр кардагӣ барин, чизашонро пинҳон карда, махфиёна мехӯранд. Сағира ҳамеша ба дигарон гузашт карда метавонад, мо наметавонем. Шояд, рози обрӯи вай дар ҳамин аст. Мо барои майда-чуйда баъзан талош мекунем, вай не. “Бигзор, гуфти ту шавад” мегӯяд вай. Дар ҳама кор бо ҳамин усул ғолиб мебарояд. Лекин дар хусуси баъзе гапу кор ба ҳеҷ нафар тан намедиҳад.”

Дар пеши назари Амон чеҳраи андешаманди Сағира ҷилвагар шуд, ки ҳангоми худоҳофизӣ ба ӯ мегуфт: “Аз ҳавопаймо фурою сари ду зону афтода, хоки Тоҷикистонро бӯса кун! Гаштаю баргашта бӯса зан, ба чашмонат мол! Майлаш, мардум ба сарат ғун шаванд. Ин ҳам як гапе!” Ҳазл бо роҳи худаш, аммо инсон диёрашро пазмон мешавад. Хумори меҳри падару модар, дӯстону наздикон беқарор мекунанд. Хушбахтона, ки бо Сағира дар як ҷо афтодам. Ба сари кас рӯзи сахт ояд, дар паҳлуяш вай барин дӯст бошад, ғам надорад. Ҳамеша кори вазнинро ба ӯҳдаи худ мегирад. Вақти хандаққковӣ бачаҳо талош мекунанд, то ҷои осону дилхоҳашонро гиранд. Қитъаи боқӣ мондагӣ ба Сағира мерасад. Ё худ баъди машқ аксар сарбозон сарам-дилам асбобу аслиҳаро пок карда, ба тамокукашӣ мешинанд. Вале Сағира то табъи дил покиза шудани асбобҳо, дилгир нашуда ҷунбуҷӯл мекунад. Баъзеҳо бо тамасхур киноя мекунанд: “Афсӯс, агар ҷавон бо ҳамин ғайрат то ҳол дар колхоз кор мекард ё орден мегирифт, ё амалдор мешуд”. Аммо аксар медонанд, ки вай ин корҳоро барои ба чашми сардорон намудан намекунад. Ҳатто замоне буд, кори танҳо худаш анҷом додаро ҳам “мо дастиҷамъӣ кардем” гуфт.

Ба “Сағира” лақаб гирифтанаш ҳам худаш сабаб шуд. Вай сағираи бекас не, падару модар дорад. Рӯзҳои

аввал ба ҳама “сағира” гӯён хитоб мекард: “Биё, сағира, ҳамин кор нотамом намонад, тамом кунем” ё “Чӣ хел, сағира, ҳолат зӯр аст, нома мегирӣ?” Сонитар бачаҳо ба худаш ин номро доданд.

Амон аслан саргардон нашуда, хонаи дӯсташро пайдо кард. Чаҳор нафар бачагоне, ки пои бараҳна чангу ғубори кӯчаи деҳаро ба осмон бароварда, давodaв доштанд, зуд ӯро ба ҳавлии амаки Худойдод оварданд.

Бачаҳо якдигарро тела-тела карда, бо мағал ва ҳаёҳу дарвозаи ҳавлиро кушода, ба дарун тохтанд.

Амаки Худойдод марди навчаи газгӯшт, шонапаҳн ва мисли Сағира каллакалон буда, нисбат ба панҷоҳу ҳашт соли худ ҷавонтар ва қавитар менамуд. Ба ҳар ҳол, Амон ӯро бо падари худаш муқоиса карда, хеле зуд пир шудани падарашро эҳсос кард. Амаки Худойдод бо табассум омада, бо Амон мисли шиноси дерин вохӯрд:

— Саломат, саломат, э, бале-бале! Бахайр, канӣ гузар-е! — Вай бо ишораи даст меҳмонро ба сӯи хона таклиф карду ҷомадончаи ӯро аз дасташ гирифта, худаш пеш даромад.

Амак меҳмонро ба меҳмонхона даровaрда, бо иззату икром аз пешгоҳ шинонд, худаш поинтар аз вай нишасту оҳиста ба рӯяш дасти фотиҳа бурд ва баъд “хуш омадӣ” гӯён, бо Амон ҳолпурсӣ кард.

— Ман аз пеши писаратон... — Амон фавран забон газиду иштибоҳи худро ислоҳ сохт: — Ҷовид хурсанд мешавад...

Вай гумон дошт, ки аз ин хабар мард бағоят хушҳол хоҳад шуд. Аммо авзои мизбон дигар ҳам нашуд, ҳатто каме рӯ турш карда, лаҳзае хомӯш ва пакар аз замин чашм набардошта нишаст. Баъд дар ҳамон вазъи сарафкандагӣ ба рӯи Амон нанигариста гуфт:

— Хуш омадӣ, додар. Ман шинохтам, акси бо Ҷовид ҳамроҳ гирифтаатон ҳаст. Гир, ба болин такя карда, бемалол бишин, кӯфти роҳа барор, — вай ду лӯлаболини махмалини аз рӯяш ҷилди сафед кашидагиро ба сӯи Амон тела дод.

Лаҳзаи хомӯшӣ ба миён афтод. Амон бесаранҷом шуд, чӣ кор карданашро намедонист. Амаки Худойдод ба дарёи андеша ғӯтавар гашт. Ниҳоят ӯ овоз бароварда худ ба худ “ё тавба!” гуфту сипас дар рӯ ба рӯи меҳмон нишастанашро ба хотир овард магар, музтарибона ба рӯи Амон нигариста, табассум кард.

— Азми тамошои ватан кардӣ-дия? Хеле хуб. Нафаси ёру диёр дили каса мекушояд. Кай аз ҷои хизмат баромада будӣ?

— Қариб бист рӯз шуд. Мӯҳлати таътил ҳам ба охир мерасад.

Мизбон ва меҳмон ҳарду хомӯш ба чойхӯрӣ нишастанд. Амон гоҳ-гоҳ аз ин сӯю он сӯ савол карда, амакро ба гап меандохт, аммо сӯҳбат қӯр намегирифт. Аз ларзидани мушакҳои рӯю ҷунбиши абрӯвонаш худ ба худ мунозира доштани ӯро пай бурдан душвор набуд. “Аҷабо, ин одам табиатан ҳамин хел бошад ё ягон мушкиле дораду ман ноогоҳам?” аз дил гузаронд Амон. Дилаш танг шуд. Пои ба кӯрпачанишинӣ одат накардааш хоб рафта, ӯро бефараҳ кард, аммо одоб нигоҳ дошта, аз ҷо наҷунбида хомӯш нишаст.

— Зиқ шудӣ? Канӣ, ба дастархон нигоҳ карда ист, гир, нону мавиз гир, — амаки Худойдод аз қайди фикру андеша ба худ омада меҳмонро ба суфра муроот кард. — Гап зан, ҳарчи Ҷовиди мо бесар намегардад? А? Бо ёру ошно соз аст ё номуросоӣ мекунад?

— Не-е хотирҷамъ бошед, Ҷовид аз он хел ҷавонон не.

— Росташа гӯй, аз ҳамон тарафҳо ягон духтарро таги чашм кардагӣ-чӣ? — амак Амонро бо диққат нигариста, ба рӯи вай зеҳн монд.

Агар ин нигоҳи озмоишкор намебуд, Амон ин саволро шӯхӣ мепиндошт. Ӯ ҷиддӣ будани саволро фаҳмиду ба фикр афтод.

— Не-е! — Баъд аз эҳтиёт илова кард: — Ба ҳар ҳол, ман аз ин ҷиҳаташ бехабарам... Ҷовид, ба фикрам, гапи аз ман пинҳонӣ надорад.

Амаки Худойдод "аҷаб не" гуфтагӣ барин китф дарҳам кашид. Баъд чои сарди пиёлаашро дам кашиду "ман ҳозир" гӯён, чойникро гирифта берун баромад. Амон аз тирезаи пастаки меҳмонхона рафтори ӯро дар ҳавлӣ мушоҳида кард. Вай дар ҳамон вазъи парешонӣ ба тарафи боғ рафта омаду офтобаро гирифта даст шуст. Сипас рафта аз қуттии почтаи назди дарвоза рӯзнома гирифта ба самти хона рафт. Рӯзномаро ба ҷевони айвон партофту ҳезуми хурд кардаро ғундошта, ба сӯи ошхона бурд. Каланду белу табари дар рӯи ҳавлӣ парешон афтодаро ҷамъ карда гирифт. Ӯ боз ба ину он даст зада, дар рӯи ҳавлӣ хеле андармон гашт. Сонӣ чойники чой дар даст ба кафшкаши меҳмонхона даромаду ба ҳамсараш, ки дар ошхона ё хонаи дигар буд, таъинот дод:

— Ҳой, рафта ба Абдуҷаббор гӯй, ба ман нигарон нашавад.

Амаки Худойдод омада нишасту Амонро ба дастархон муроот кард.

— Хӯрдам, — миннатдорӣ кард Амон. — Амак, шумо аз кору боратон намонед. Агар хуб гӯед, ман то бегоҳ деҳаатонро давр зада тамошо кунам?

Соҳибхона гӯё ин суханро нашунида бошад, ҳарфе назад. Ин хомӯшӣ аломати ризоят аст ё рад, Амон нафаҳмид.

Амон аз ин гуна рафтор андаке мутаҳайир гашта бошад ҳам, ба дилаш нагирифт. “Бархе аз инсонҳо хислатҳои ғалатӣ дорад, бояд бубахшид. Чаро аҳволи писаршонро дуруст напурсиданд? Ё падару модари нотанӣ ҳастанду ман бехабарам?.. Ё Ҷовид ягон мушкиле бо падару модар дорад? — фикр мекард вай. — Аҷаб не, хислаташон ҳамин гуна бошад, ки медонад. Ҳар чӣ бошад-набошад як шаб ҳазор шаб не, фардо меравам”, — мегуфт ӯ худ ба худ.

— Ку гап зан, аз куҷоӣ, падару модар дорӣ ё не, чӣ кораанд? — амак гӯё аз андешаҳои Амон огоҳ надошта бошад, якбора саволро қатор кард. Ҳоло вай аз зери абрӯвони борикаш теғ кашида ба меҳмон менигарист.

— Аз Қӯрғон... Дадаам дар идораи молия кор мекунанд. Ба қарибӣ бознишаст мешаванд. Модар ҳам, шукр, болои сар дорам.

— Падару модар давлати бебаҳо, ғаниматанд, додар. Ҳа-ракат кунед, дуои онҳоро гиред. Падару модар ҳаргиз ба шумо бадиро раво намебинанд. Ҷовид ҷӯраатон пеш аз хизмат як пешхезӣ карда, моро ранҷонд... — Амаки Худойдод муддате сукут варзид. Давоми суханро гӯям ё нагӯям гӯён, дудила буданаш аён гашт. — Ана ҳамин кам набуд, ки боз... — амак ба таассуф сар ҷунбонд, сонӣ порае нонро шикаста ба даҳан андохт.

Амон чӣ гуфтанашро надониста хомӯш ба рӯи мизбон менигарист. Амак баъди хеле сукут боз ба ҳарф даромад: — Саркорамон қадре пахтаи зиёдатиро ба номи ину он, баъзе одамони дилаш об хӯрдагӣ навиштаст. “Пулаша гиред медиҳед, аз барои харҷи меҳмон —безабон” гуфта, як кори андаке хилофӣ карда монд. Аслан, кори вай ҳам аз ночорӣ. Рӯз дар миён меҳмон, комиссия болои комиссия меояд. Обу авқот даркор-ку, аз кисаи кӣ? Колхоз ба-

рои меҳмон пул надорад. Аз кисаи саркор... Пештар вакили ба колхоз омадагӣ — хоҳӣ калон, хоҳӣ хурд, аз зиёфатхӯрӣ ҳазар мекард... Ана, баъзе нотавонбинон, ана ҳамин гапа дафтар карда, навиштаанд. Барои тафтиш маъмур омад. Як ба як ҳамаро пурсид. Ман тарафдории саркорро гирифта, гап задам. Саркор ба ману ҳамсарам пахта ҳам нанавиштааст, мо ба вай пул ҳам надодаем. Лекин ҳамин ҳам гап шуд, ки одам хабаркашӣ кунад?! Баъзе одамон ба ман чап шуданд. Писари мо ҳам ба сафи онҳо даромада, моро маломат кунад, мешавад? Хӯш, бигӯ муродат чӣ гуфтам. Саркорро зиндонӣ карданӣ ҳастӣ? Баъд чӣ?.. Ба ту ҷояш даркор бошад, ман мегӯям, Абдусамад ҳамин тавр ба ту месупорад... Ана, акнун ба сарбозӣ рафта, ин нағмаро баровард.

Ӯро ба берун ҷеғ заданду сухан нотамом монд. “Дилашон пур аз ҳасрат будаст, то гуфта холӣ накунанд, намешавад, — аз дил гузаронд Амон. — Эҳ, Сағираи хаппак-е!..”

Пас аз зуҳр амаки Худойдод аз куҷое як гӯсфанди чорӣ оварду ба таги беди лаби ҷӯй бурда сар зад, ба шохи бед овехта пӯст канд. Ашӯра-хола ба таги деги калони ширпазиаш алав карда, қариб тамоми гӯшти гӯсфандро ба дег андохт.

Шом нафуромада хешу табор ва ҳамсояҳои ба назди меҳмон даъват гирифтагӣ як-як, ду-ду ба ҳавлии амаки Худойдод омада, меҳмонхонаи ӯро пур карданд. Пиру ҷавон оғӯш кушода, бо Амон вохӯрӣ мекарданд, баъзе мухтасар, баъзе батафсил аҳволи Сағираро пурсида, баъд ба маҷрои асосии сӯҳбат — ҳаёти колхоз ё авзои ҷаҳон ҳамроҳ мешуданд. Онҳо ба қадри донишу фаҳмиш ва афкору ақидаи худ ҳар як гуноҳу савоб ва хубу бадро андозу баркаш карда месанҷиданд, муҳокима мекарданд.

Ба назари Амон чунин намуд, ки онҳо ҳам аз ваҷҳи аҳволи Сағира ҳолпурсиро дароз накарда, бо ду-се саволи маъмул иктифо кардан мехоҳанд.

Меҳмонон ҳангоми хайру хуш ҳар кадоме алоҳида Амонро ба меҳмонӣ даъват карда, ин хоҳиши худро ба амаки Худойдод ҳам гӯшрас менамуданд.

Он шаб дигар дар бораи Сағира ҳарф боз нашуд ва Амон бо дили ноором сар ба болин монд. Ӯ дар тааҷҷуб буд, ки Сағира чӣ гуна ҷуръат кардаст, падару модар ва ин қадар хешу ақрабонашро ранҷонад? Ҳеҷ бовараш намеомад. “Баъзан одами нармдил дар ақидаи худ аз одами дурушту даҳансахт устувортар будаст” — мегуфт ӯ худ ба худ.

Субҳи рӯзи дигар, баъди ношто Амон аз амаки Худойдод рухсати бозгашт пурсид.

— Ин гапро нагӯй, — амак аз ин қарори ӯ норозӣ, хавотиромез ба рӯи вай нигарист. — Аз рӯи урфу одати мо, додар, меҳмона наздикони мизбон металабанд, иззаташро ба ҷо меоранд. Мо ҳам ба худ мувоффиқ калу-кӯр — дӯсту бародар дорем, ҳақу ҳамсоя дорем. Туро ба ин зудӣ ҷавоб диҳем, аз мо меранҷанд, айб мекунанд.

— Замони таътил ба охир мерасад гуфт. Расида рафтанам даркор. Интизоми ҳарбӣ сахт аст. Ҳоло боз як-ду ҷои мерафтагӣ ҳаст.

Баъди он ки Амон ду пояшро ба як мӯза карда, меравам гуфт, амак ноилоҷ розӣ гашт.

— Хайр, ин хел бошад, чӣ гӯям... Роҳи сафед, додар. Сиҳат-саломат ба хизматат расида рав. Ба Ҷовид... гапи мегуфтагӣ надорам. Худаш медонад... Очаш каме савғотӣ бастаст, агар борат вазнин набошад, бигир, набошад...

— Э, ташвиш накашед, ҳар чизе, ки ман мебарам, ҳамаамон якҷоя ба ҳам мебинем. Байни мо аз они ману аз они ту нест, амак.

— Албатта... То мусофир нашавӣ, мусулмон нашавӣ, гуфтаанд. Дар мусофират одам неку бадро санҷида, қадршинос мешавад, одаму одамгариро ёд мегирад, чашмаш кушода мегардад. Ба ҷавонони имрӯза хизмати сарбозӣ манфиати зиёд дорад, додар... Аммо ба Ҷовиди мо нафорид, — амаки Худойдод ҳамин ки писарро ёдовар шуд, боз мушавваш ва пакар гашт.

— Писаратон ҷавони бад нест, амак, — гуфт Амон бо як навъ оҳанги пурэътимод. — Бачаи нағз. Байни шумоён нофаҳмӣ ба вуҷуд омадааст. Хайр, аз ростӣ, Ҷовид адолат гуфта ҷон меканад, ҷавони яккавл. Шумо барои ин аз вай наранҷед. — Сарбозвор, савганди низомӣ мехонда бошад, тез-тез гуфт Амон.

— Дӯсти ҷонӣ бошӣ ҳам, Ҷовид ба ту гап назадааст. Дар дарунаш гов мепазад, аҳмақ дарундор аст, — аламашро пинҳон дошта натавонист амак. Сипас оҳиста гап сар кард: — Ана, дида истодаӣ, додар, соли ману модараш ба як ҷо расидагӣ. Ба болои ин дасттанҳоем. Вай ба сарбозӣ равад, ҳоламон чӣ мешавад гӯён, дари хонаша кушода будем. Хешбачаи худамон, духтари як хонаводаи баобрӯро арӯс кардем. Арӯсӣ кардему се моҳ аз байн нагузашта Ҷовид ба сарбозӣ рафт. Сонитар фаҳмидем, ки худаш аризаи довталабӣ навиштааст. Ин ҳам кам набуд, ки баъди се моҳи рафтанаш, аз занам ҷудо кунед гуфта, ба идораи ҷамоа дархости талоқ фиристодаст. Инро фаҳмида, арӯс баромада ба хонаи падараш рафт... ҳа, да зоту зурриёти ин хел фарзанд... — фиғон баровард ӯ ва хеле вақт бо сари хам сукут кард.

Амон акнун андаке ба ин печу гиреҳи хонаводагӣ сарфаҳм рафту зери лаб “аҷоиб” гуфта монд. “Сағира бало будаст-ку! Дар дарунаш гов мепазад, гуфтани падараш

бесабаб не. Наход, ки як сол боз ҳамроҳ бошему як даҳан бӯяшро набарорад! Ана, барои чӣ “ташвиш кашида нарав, вақтат кам, роҳи деҳаамон чап” мегуфтаст!” — худ ба худ ёдовар мегашт Амон.

— Ё аз ҳамон ҷойҳо ягонтааша ёфта бошад? А? — Боз савол кард амак. — Агар ҳеҷ гап набошад, чаро аз зани ҷавон ҷудоӣ мехост?

— Ба фикрам, амак, писаратон аз он хел ҷавонҳои кӯтоҳандеш не... Аммо дар бобати издивоҷаш, ростӣ, ҳайронам. Ба майли худаш мемондед, шояд... Ҷавонони имрӯза...

— Э, гап-дия! — сухани Амонро бурида, даст афшонд амак. — Ҳамаамон занамонро дар шаби тӯй даруни парда дида дилёб шуда рафтем. Акнун ин ошиқбозӣ карда зан мегирифтаст-чӣ?!

— Охир... амак вай замонҳо дигар...

— Э-э, монед, ҳамин ҳам гап шуд!.. Одаму одамгарӣ ҳам кӯҳна мешудаст-чӣ?!

Амон мутаваҷҷеҳ гашт, ки ба амаки Худойдод ҳарф фаҳмонидан кори осон не. Вай худаш ҳам аз ин ҳарфҳо дар тааҷҷуб буд ва фаҳмидан мехост, ки дар ин моҷаро кӣ ҳақу кӣ ноҳақ аст. Агар бо чашми одамони деҳа нигаред — Сағира гунаҳгор, аммо бо чашми ҳамхизматони ӯ нигаред — амаки Худойдод сад дар сад ноҳақ мебарояд. Сипас, кӣ ҳакам хоҳад буд?



***Солҳои 1972-79***

# ОФАРИН БА ГИПОТАЛАМУС!..

Ҳамагӣ як моҳ шуд, ки ман дар шаҳр. Ба имтиҳоноти қабули донишгоҳи тиббӣ тайёрӣ мебинам. Тамоми рӯз дар айвони оинабанди хонаи апаам нишаста, масъала ҳал мекунам, иншо менависам… Монанди баъзе бодичаҳо кори ман хондан аст гӯён, даст пеш, даст пеш гирифта, мешинам. Дар рӯзгор ба апаам дастёрӣ мекунам. Ҷиянам Шаҳриро ба боғча бурда овардан — ба ӯҳдаи ман. Акнун язнааму апаам ба корашон ҳар пагоҳӣ, ба қавли худашон, "саросема нашуда, одам барин ношто шикаста" мераванд.

Ман боз баъзе корҳои майда-чуйдаи рӯзгорро ба зимма гирифтаам, ки дар бораи онҳо мавридаш ояд, ҳикоя мекунам. Ҳоло сухан дар бораи Шаҳрӣ. Ҷиянам шашсола аст. Духтарчаи нозукандом бошад ҳам, серҳаракату пуркор. Як нафас ором нишаста наметавонад. Боз чунон гапдон аст, ки дар як лаҳза майнаамро афшонда, ба дастам медиҳад. Дар шаҳр бачаҳо ҳамин хел гапдон мешаванд-дия, дар деҳа ин тавр не. Ман ба ҳамин синн даромада, ин хел духтарчаро надидаам. Мо юнучқаро чӣ хел медаравем, ана, ҳамон тавр гапро даравида, ғарам мекунад!.. Гоҳе ба суханонаш гӯш медиҳаму ҳайрон мешавам: вай, ба назарам, аввал як бор калон шуда, баъд боз хурд шудагӣ барин. Чунон суханоне мегӯяд, ки ҳуш аз сари кас мепарад. Боре дар сари дастархони шом дастам ба биниам расидаст ё не, "тағо, хезед, дастатона шуста бед" гуфт. Бо қаҳр аз сари дастархон бархестаму рафта, китобамро варақ зада нишастам. Гапа ёд додаанд, аммо нафаҳмондаанд, ки изои мӯъмин ҳаром аст. Адаб ҳам даркор аст-дия! Дар деҳа агар кӯдак калонро изо диҳад, ҳамон замон як торсакӣ мехурад…

Шаҳрӣ ба гапу кори калонҳо тақлид мекунад. Рӯзи шанбе, ки боғчаи бачагон таътил аст ҷиянчаам ҳамроҳи

ман дар хона буд. Дар айвон нишаста, китоби физикарро кушода, мавзӯи “Ҷараёни моеъ дар қубур” -ро мехондам. Шаҳрӣ дар хонаи дигар зочабозӣ мекард. Ӯ ба зочаҳояш ҳар гуна таъинот медод, сарзаниш мекард. Ногоҳ ба гӯшам расид, ки “тағош, тағош” мегӯяд. Гӯш додам. Шаҳрӣ кадом як зочаашро маломат мекард: “Дандоната нашустӣ, рӯята чор саг лесад, ҳар чортоаш ҳам сер мешавад. Мӯята шона назадӣ, намат шудаст, намат!.. Духтар ҳам чиз будаст! Ана, якташ худам. Бечора падару модар дилхун гашта калон карданду чӣ барака ёфтанд?!.” Ин суханонро дар асл, ба худи ҷиян гуфтаанд. Сипас, навбати маломатшунавии “тағо” расид: “Доим чирки рӯи кафшата пок карда гард. Кафшата пок куну баъд ба хона даро. Ба тартиб, озода либос пӯшиданро ёд гир. Бин, ту баринҳо чӣ хел либос мепӯшанд. Ҳаваси кас меравад. Сарулибоси тура дида, шармам меояд. Доим куртаву шимат як тарафаш овезон, як тарафаш гурезон...” Хайр, ин суханҳоро апаам фақат ба ман мегӯяд. Дар назди бача гуфтан даркор набудаст.

Мегӯянд, ки дар хонаи бачадор ғайбат намешавад. Ин хулосаи дуруст ва озмуда аст. Лекин гӯянд, ки дар хонаи бачадор сирри махфӣ намешавад, ин ҳукм ҳам саҳеҳ аст. Дар воқеъ ҳам, дар хонае, ки бачаҳо давутоз доранд, ба дигар гапу корҳои майда-чуйда хуши кас намеояд...

Як пагоҳ ба сӯи боғча шитоб доштем.

— Тағо, шумо ҳам мошин мехаред? — пурсид Шаҳрӣ ногаҳон. Он солҳо ҳама ба дарди мошинхарӣ мубтало гашта буданд.

— Не, ман пул надорам.

— Шумо ҳам пулатона ба амонаткасса монед-дия!

— Пул надорам, хока монам?! — ба тундӣ овозамро

баланд кардам.

— Пули дадаам дар амонаткасса. Ба амонаткасса пул монда, баъд мошин мехаранд. Баъд… Баъд ҳамаамон ба мошин савор шуда, ба сайру тамошо меравем, ба сирк меравем. Тағо, шумо аҷоибхонаро надидед? А? Шумо ҳеҷ чиза намедонед-а?

Дар роҳ бо як ҷавони шинос, ки мисли ман ба донишгоҳи тиббӣ ҳуҷҷат супорида, довталабӣ дошт, дучор шуда, ҳолпурсӣ кардем.

— Ба хона биё. Бо саволу ҷавоб мавзӯъҳоро такрор мекунем, — гуфт вай дар охир.

— Тағо, — Шаҳрӣ бо илтиҷо ба ман менигарист, — шумо аз хонаи мо наравед, хуб? Ҳеҷ наравед! А?

— Хуб шудаст. Намеравам. Тезтар по мон.

— Очаҷонам ҳамин хел гуфтанд... Очаҷонам медонанд...

— Тезтар қадам мон, Шаҳрӣ. Дер монӣ, Тӯтӣ-холаат ба боғча намегирад.

— Ҳиҷӣ! Ман ҳам ба боғчаашон намеравам. Ганда. Аз Тӯтӣ-хола ҳам безор шудам… Дина ба кунҷак рост монданд. Ман Шаҳрӣ — нағз, Шаҳрӣ — бамаънӣ, ҳи-ҳи-ҳи, ҳи-ҳи-ҳи... Намеравам!.. Гирья кардам… Боз очаҷон биёянд, ла-ла-ла, ла-ла-ла...

Шаҳрӣ аз роҳгардӣ бозистоду ба чашмони ман нигариста, хомӯш шуд. Ман аз дасти ӯ гирифтаму ба инҷиқиаш эътибор надода, ба роҳ даромадам.

Вай бо димоғи сӯхта ва қавоқи гирифта ба боғча даромад. Мураббӣ Тӯтӣ-хола ва як зан ба ман бегона уребчаи ҳалдореро пасу пеш гардонида, баҳои онро мепурсид ё ба он зани харидор пешкаш мекард, ба ман маълум нашуд. Умуман, ман аксар вақт ӯро дар сари савдо мебинам. Омадани ману Шаҳриро вай пай набурд. Ҷиянам

рост истода монд. Ман ӯро саҳл тела дода, “ба пеши бачаҳо рав”, гуфтаму ба роҳам пас гаштам. Ду-се қадам монда будам, Шаҳрӣ боз як бор баргашта ба ман нигарист, аммо ҳеҷ чиз нагуфт. Нохунашро канда, дар ҳамон ҷо истода монд. Тӯтӣ-хола баъди ӯро дидан ҳам илтифоте нанамуд.

Дар ин мобайн апаам аз зина лағжида, пояшон лат хӯрду ба қавли худашон, аз боғчаи Шаҳрӣ тамом бехабар монданд.

Шаҳрӣ аз боғча бароянд, чунон хурсанд мешуд, ки ҳеҷ монед. Аз дасти ман дошта метохт, меҷаҳид, механдид. Баъд арзи муддао мекард:

— Фардо ба боғча намеравам. Тамом, кушед ҳам, намеравам... Тағоҷон, шумо ба додому очаам гӯед, ман дар хона монам. Мегӯед? Ман дар хона ҳама корашонро мекунам. Хуб?

— Чаро ба боғча намеравӣ?

— Тӯтӣ-хола ҷанг мекунанд. Фақат ҷанг, фақат ҷанг... Бачаҳо мезананд... Имрӯз мана Акмалу Пӯлод боз заданд

— Чаро ҷанг мекунанд? Чӣ гуноҳ кардӣ?

— Ҳамту, ҳамаро ҷанг мекунанд. Ба кунҷак рост мемонанд. Баъд, зоча ҳам намедиҳанд. Ба ҳалучак фақат Зумраду Шаҳлоро мешинонанд. Зочаро ҳам фақат ба ҳамонҳо медиҳанд... Тағо, тағо, хӯрок хӯрдан ҳам намемонанд, — гуфт вай, гӯё ягон сири махфиро мекушода бошад, бо овози пастар ба чашми ман нигариста. Бас акнун, тез хур буд, — гӯён табақамро мегирад. Писарҳо хӯроки духтарҳора кашида гирифта лап-лап мехӯранд.

— Дурӯғ нагӯй, Шаҳрӣ.

— Не-е, ана диламро бинед! — вай шикамашро ба ман нишон медиҳад. — “Тезтар хӯр! Ба ту нигоҳ карда на-

мешинам. Бас!” — гуфта Тӯтӣ-хола даррав табақама гирифта мебаранд. Имрӯз ба ман ғулунгоб нарасид. Таго, ман гушна, ягонта самбӯса харида тед.

Шаҳрӣ рӯз аз рӯз, бедимоғ ва инҷиқ мегашт. Ҳар пагоҳӣ ба боғча намеравам, гӯён, хархаша мебардошт.

Апаам инҷиқиҳои (нороҳатиҳои) духтарашонро медиданду маънидорона ба язнаам менигаристанд. Язнаам дилтангона даст меафшонданд. Маълум буд, ки ин хархашаҳо тамом дилгирашон кардааст.

Ман ба қарибӣ аз деҳа ба шаҳр омадагӣ. Маънии бисёр нигоҳу дастафшонии онҳоро равшан намефаҳмам. Умуман, ба бисьёр корҳои онҳо дуруст сарфаҳм намеравам. Аз ҳамин сабаб баъзан ба дилам ҳар хел гап меояд, хаёлам ба ҳазор кӯй меравад. Рости гап, ин гуна рафтору гуфтор ва рамзу киноя катӣ изҳори матлаб кардани инҳо баъзан маро ҳам дилтанг мекунад, хаёлам ба ҳазор кӯй меравад. Дар шаҳр зиндагӣ кардан осон набудааст. Дар ҷойҳои мо одамон гапашонро пӯст канда мегӯянд. Хайр, имтиҳонро супурда, ба донишкада дохил шавам, шуд, ба хобгоҳ меравам, деҳотиёна зиндагӣ мекунам — якро як мегӯяму дуро ду, вассалом.

Як пагоҳӣ Шаҳриро апаам ба боғча бурданӣ шуданд. Ин корашон маро боз бештар ба тааҷҷуб овард: аз ман чӣ кӯтоҳӣ гузашта бошад, гӯён фикр карда мондам, зуд сабабашро донистам.

Тараддуди апаам хеле тӯл ёфт. Ниҳоят як кӯлбори пуропур ба даст равон шуданд. Аз дар баромадаанду аз раҳашон гашта боз даромаданд.

— Қариб фаромӯш кунам, аз ҳамон афлесуни язнаат аз Москав овардагӣ чор дона руст карда монда будам.

Дар яхдон коғазпеч аст, гирифта те, — гуфтанд апаам шитобон дар таҳи дар истода.

Афлесунро дида, Шаҳрӣ ба пойкӯбӣ даромад. Бо сухан ором кардан хостанд, нашуд. Гиря кард. Апаам ба қаҳр ду-се шаппотӣ заданду дар як даст кӯлбор бо дасти дигар Шаҳриро кашола карда, аз хона баромаданд. Осон не, дар таҳи дари боғча қаламу дафтар кати меистанд, ҳар кас бачаашро дер биёрад, номашро нависта мегардонанд, қабул намекунанд. Гӯё Шаҳрӣ дер монад, ягон дастгоҳ бекор мемонда бошад...

Азбаски ба ҳоли ҷиянчаам хеле дилам сӯхт, ҳамон рӯз барои аз боғча гирифтани вай барвақттар рафтам. Бачаро ҳар қадар хоҳед, барвақт аз боғча гирифтан мумкин аст.

Бачаҳо дар зери дарахтон давутоз доштанд. Тӯтӣ-хола ва як зани дигар дар оби водопровод усмаи абруяшонро мешустанд. Онҳо... Ногаҳон, ё пирам... ҳа, бале, ба эҳтироми ман аз ҷо хестанд!.. Бале, Тӯтӣ-холае, ки ҳаргиз ба тарафи ман назари эътибор намефиканд, ин дафъа бо табассуми датиф, гарму часпон ҳолпурсӣ карду сари маро гаранг карда монд. Баъд сарулибоси Шаҳриро афшонда, ба тартиб овард, ин ҳама кам набуд, ки боз сари духтаракро сила карда, аз рӯяш бӯсида “хайр” гуфт.

Он рӯз хушнудии Шаҳрӣ ҳадду канор надошт.

— Тӯтӣ-холаам ҳамин хел нағз! — Шаҳрӣ ба таърифи мураббия ҳеҷ сухан намеёфт. — Шаҳло ман катӣ ҷанг кард. Тӯтӣ-хола вайя ба кунҷак рост монданд. Ба ман ду стакан ғӯлингоб доданд. Ҷовча нахӯрд, аз они вайро ҳам ба ман...

— Модарат пагоҳӣ афлесунро ба куҷо бурданд? — намедонам барои чӣ аз Шаҳрӣ инро пурсидаму сонӣ аз ин

кунҷковии бемаврид, балки беақлонаи худ ботинан изо кашидам, худро маломат кардам.

— Ба Тӯтӣ-хола доданд… Шумо намедонед. Боз себу анор, шакалот, атр, ҳар чӣ-ҳар чӣ доданд. Тӯтӣ-хола ба сумкааш андохт, сумкааш пур-пур шуд… Тағо, тағо, ба ман нигаред, Тӯтӣ-хола якта афлесуна даррав пӯст канда, хӯрд. Чунон ширин будаст... — ӯ лабонашро лесида монд.

— Ба ту ҳам дод?

— Не.

— Пас, аз куҷо донистӣ, ки он ширин аст?

— Ман пӯсташа гирифта дидам… Нахӯрдаам, ҳамту, бӯй кашидам, — таъкид кард вай. — Зӯҳрову Мурод ҳам гирифта бӯ карданд. Ман гуфтам, ки ин афлесуни мо! Модари ман ба Тӯтӣ-хола дод. Ина дадаам аз Маскав оварданд. Зафар мегӯяд, ки модараш ба Тӯтӣ-хола норанҷӣ овардаст. Дурӯғ мегӯяд! Норанҷӣ ҳозир нест-а, тағо? Норанҷӣ ҳоло напухтааст.

Апаам табъи болидаи духтарашонро дида, мамнун сар ҷунбонданду зери лаб “Сабил монад, рӯи чиз ин қадар гарм аст…” гуфтанд. Гапашонро шунавед, — “рӯи чиз гарм будаст!..” Баракс, дар ҷойҳои мо “рӯи одам гарм аст” мегӯянд. Апаам ҳам нағз медонанд, шунидаанд, аммо ҳозир шаҳрӣ гашта гапу кори моро аз ёдашон баровардагӣ. Дар шаҳр рӯи чиз гарм-дия... Охири охирон одамони деҳа ҳам хел шаванд, сонӣ чӣ мешавад? А?..

Ман ду-се рӯз ба мисоли минае, ки танобаш месӯзаду ҳолӣ ҳозир ба таркидан наздик аст, бо азоб дамамро ба дарун гирифта гаштам. “Бемаънигӣ... Савдогарӣ ба ҷиҳати тарбия ба тарбияи фарзанд… Ибрати нохуш, зарарнок…” дар ин боб ҳамаи осори мутолиа

кардагиамро ба ёд оварда, худ ба худ норизогӣ доштам, бо ким-киҳо хархаша менамудам...

Баъди ин як воқеачаи (ҳодисаи) хурди аслан ба гуфтан ҳам намеарзидагӣ рӯй доду аз чӣ бошад, ҳаври дили ман хеле пасанда гашт. Намедонам, балки ман ҳам ба зиндагии шаҳр кам-кам омӯхта мешавам, кӣ медонад.

Ҳамон пагоҳӣ, мисли ҳамеша ману Шаҳрӣ роҳи боғчаро пеш гирифтем. Дар роҳ чашми духтарча ба каламии зебои ман афтод, ки дар кисачаи (ҷайби) сари синаам халондагӣ буд ва ба назарам, диққати ҳар як раҳгузарро ҷалб мекард. Ин қалами худнавис, ки ба чандин ранг менавишт, раҳоварди амакам аз хизмати ҳарбӣ дар Германия буд ва онро хеле азиз медоштам. Ин хел қалам ҳанӯз дар мо набуд. Ба андешаи он, ки ҷиянчаам қаламро тамошо карда, боз медиҳад, ман бо ифтихор онро ба дасташ додам.

Ба боғча даромадем. Вале Шаҳрӣ аз қалами бошукӯҳ дил канда натавонист. Аз дасташ гирифтан хостам, қаламро ба мушташ сахт фишурда дасташро ба пушташ бурд. Агар бигирам, гиря карданаш маълум буд.

— Хуб, нигаҳ дор, гум накун, — гуфтам бо ночор. — Агар гум кунӣ… ману ту қаҳрӣ!.. — таъкид кардам ман. Қаҳрӣ будан ба Шаҳрӣ таъсири зиёд дошт; вай ба ногапӣ ҳеҷ хушаш набуд ва зуд тоқаташ тоқ мегашт.

— Не… Ман қалами дадама гум накардам-ку…

Гашти рӯз буд, аз дарвозаи боғча ворид гаштаму ҷиянчаам тозон омада аз дастам гирифт.

— Тағо… Тағоҷон… Қалам нест… — вай ду дасташро ба ду тараф кушода, гунаҳкорона ба чашмам менигарист. Баъд бо овози дардноке, ки ба гиристан наздик будани гӯяндаро далолат мекард, оҳиста гуфт: — Тутӣ-хола гирифтанд...

Бо Шаҳрӣ даст ба даст назди мураббия рафтам.

— Дар дасти Шаҳрӣ қалами ман монда буд…

— Ҳа, дар дасташ як қалам буд… — вай чунон вонамуд мекард, ки аранг ёд дорад. — Барои он кашокаш карданд… Сонӣ ман гирифта ба болои ҷевон мондам. Аз ёдам баромадаст. Сонӣ нигарам — нест. Кадомаш гирифтаст. Чашми ино як чиза набинад…

Чун аз боғча баромадем, Шаҳриро маломат кардам. Аммо саҳеҳтар андешидаму ба вай дилам сӯхт. Баъд ба ҳамаи ин бачаҳо раҳмам омад. Аслан, агар саҳеҳтар андешед, мураббӣ ҳам бечора… Не, аз афти кор, ман кам-кам ба шаҳр хӯ мегирам. Одат накарда ҳам мешавад?! Силсилаи иммунии ҷисми ман ҳам кор мекунад, аз ҳамлаи микроогранизмҳои бегона ҳушьёррона маро ҳифз мекунад.. Ана ҳамон иммун дар роҳи муҳофизат созгорӣ ҳам мекунад... Вагарна ҷисми инсон нобуд мешавад. Офарин ба гипофиз, ба гипоталамус! Ба тартибовардагони адаптация!

***Соли 1975***

# ЯК РӮЗ НЕ, ЯК РӮЗ...

Азим аз хоб чашм боз карду ба соати дастиаш нигарист, аммо вақтро мутаваҷҷеҳ нагашта, чашмони сурхшудаашро молид. Соат аз зарбу лати зиндагии нооромии ӯ зиёда фарсуда гашта, шишааш дарзхӯрдаву чирку ғубор гирифта буд ва кас зуд фаҳмида наметавонист, ки рақамаш куҷо асту ақрабакҳояш куҷост. Шояд ба сабаби ҳамин кӯҳнагиву фарсудагӣ соат то ҳол дар дасти ӯ мондааст. Азим онро борҳо ба ягон шиша шароб иваз карданӣ шуд, ба гарав мондан хост, фурухтанӣ шуд, аммо ҳама аз он рӯй мегардонданд. “Ма, даҳ тинро гиру ба мошин савор шуда, вокзал рав. Ба касе нишон надода, онро зери чархи паравоз мон”, ё худ “ба осорхона бар, осори атиқа гӯён харида мегиранд”, гуфта масхара мекарданд.

Азим чашмонашро молида-молида хеле вақт зеҳн монда фаҳмид, ки соат наздики ёздаҳ. Вай аввал ба ташвиш омад, вале баъди он, ки лаҳзае андешид, рӯзи истироҳат буданашро ба хотир оварда ором шуд. Аз таъсири шароби шабина сараш дард мекард, ташнагӣ дилу ҷигарашро месӯхт. Ӯ оҳиста аз тахти хоб бархост. Пружинаҳои тахти хоб ғиҷиррос зада, аз куҷояш садои ҳуштак баромад. Азим калавида-калавида ба ошпазхона рафт. Бо дастони ларзон дӯлчаро пур карда, об нӯшиду қафасаи синаашро дошта, озурдаву бедимоғ, оҳу воҳ кунон боз омада, ба тахти хоб дароз кашид. Ҳолати таҳаввул дошта мехост хӯрдаашро қайъ кунад ва сараш аз дард каме монда буд, ки торс кафад. Баъзан дар назараш тамоми хона гӯё чарх зада, зеру забар мешуд.

Азим дирӯз баъди кор ба куҷо рафт, бо кӣ нишаста нӯшид, чӣ замоне ба хона омад, ба хотир оварданӣ шуд,

аммо ҳеҷ чизро ёд надошт. Вақтҳои охир ӯ тез-тез ба ин ҳол гирифтор мешуд. Қаблан баъзе шаробхӯрҳо ҳамин хел гӯянд, Азим бовар намекард. Гапи бекора, мегуфт, одами маст кори кардаашу сухани гуфтаашро медонад. Ӯ бо чашмони нимпӯш муддате фикру хаёл карду баъд аз ҷояш бархоста, шароби шишаи рӯи мизро ба стакан холӣ кард. Стакан нима пасттар шуд. Шишаи холиро обгардон карду ба болои он рехта нӯшид. Сипас, як нафаси амиқ гирифту рӯи тахташ нишаст. Нишасту чашмаш ба акси дар девор будаи писараш Мӯҳсин афтод. Ин акс ягона ороиши утоқ буд. Мизи мудаввар, ду курсии фарсудаву чиркин, дивани доғ-доғи берӯйпуш, зери по як шоли кӯҳнаи рангпарида — ҳама ба Азим кароҳатангез намояд ҳам, ин акс ҳамеша ӯро ба хаёлҳои ширин мебурд, дар зулмоти рӯзгораш монанди нури умеде ба вай қуввату илҳом мебахшид. Акси кӯдак қадру эътибори гумшуда ва ҳаловати рӯзгори осудаву муҳаббати ширини ӯро бо зану фарзанд ба ёдаш меовард. Писарак аз акс бо ҳайрат ба ӯ менигарист. Дар қаъри чашмони ӯ гӯё ғаме ниҳон аст. Аслан, Мӯҳсин дар ин акс танҳо не, ҳамроҳи модараш буду Азим баъди он, ки ҳамсараш ӯро тарк кард, акси ӯро бо қайчӣ бурида партофт. Мегӯянд, ки писараш кайҳо мактабрав шудааст. Азим то ҳол Мӯҳсинро диданӣ нарафт, бар қасди занаш нарафт. Пазмон шуд, аммо дандон ба дандон ниҳода сабру таҳаммул карду нарафт. “Зайнаб бидонад, ки аз рафтану ҷудоии вай ғам намехӯрам, — мегуфт вай. — Сарам амон бошад... Мӯҳсин калон шавад, ҳатман дада гуфта меояд, як рӯз, не, як рӯз мефаҳмад, ки модари мӯлтониаш маро ба ҳамин аҳвол расонд. Ман каму беш арақ нӯшам ҳам, дар радифи дигарон будам. Ба ҳарфҳои касе даромада, аҳмақ шуду баромада рафт. Мардум

тамошо карданӣ буданд. Писарам мефаҳмад, рӯзе худаш маро кофта меояд. Агар наояд... Хайр, садақаи сар”.

Азим баъзан мудиромили қаблиро, баъзан ҳамсараш Зайнабро сабаби бадбахтии худ медонист. Дар ин бобат ӯ “далелҳо” дошт. Баъзан ба ягон улфати дилхоҳаш аз хусуси занаш ҳасрат карда, ғубори дилашро мебаровард: “...аввал дар хона хархаша бардошта безор мекард. Сонӣ рафта, бо улфатҳоям даъво карда, обрӯямро рехт, — воқеаҳои гузаштаро такроран ба ёд меовард. — Ин ҳам кам набуд, ки рафта бо мудир ҳамоҳанг карда, музди корамро мегирифтагӣ шуд. Хушрӯ-дия, як бор абрӯ парронда бошад, мудир ҳам қабул кардагӣ. Ҳадди ақал, боре садо карда, аз худам мепурсид, сахт намерасид. Ин ҳам дарди бахайр, бо мудир забон як карда, маро иҷборан, барои муолиҷа дар бемористон бистарӣ карданд. Аз дасти вай дар ҷиннихона (бемористони маризиҳои рӯҳӣ), қатори девонагон хоб кардам. Табобат мекардааст! Доруҳояшонро ба даҳон андохта, хӯрдам мегуфтаму ҳамон лаҳзае, ки парастор рафт, аз зери забон баровfinally, мепартофтам. Лекин баъди он табобат хеле вақт нанӯшидам. Ман баъзеҳо барин не, агар нахоҳам, наменӯшам, ба даҳан намегирам!.. Аз бемористон баромада нигарам, ёру ошноҳо аз ман худашонро дур мегиранд. Ҳим-м! Афтодагӣ ба лағҷидагӣ механдад! Ба ҳамон ҳоли зор боз аз ошноӣ ва гаштан бо мо хиҷолат мекашанд. Чунон алам кард, ки ду-се ҳафта шароб ба даҳан нагирифтам. Пас аз анҷом шудани соати корӣ, нӯшида истодани мардумро набинам гуфта, ба ҳеҷ ҷо нигоҳ накарда, мустақиман ба хона меомадам. Дар ҷайб ду-се танга барои кирояи мошин мегирифтаму халос. Ҳамон рӯзе, ки музди кор гирифтем, то поёни кор ба як азобе истодам. Дар кисаам пул нею гӯё алав буд. Коля-

амак бо Ҳакимча гузаштаравон ба якдигар чашмакӣ зада: “Читу, ҳоло ҳам парҳезӣ? Маҳкам ист, Худо худаш сабр диҳад”, гуфта рафтанд. Кӯҳна улфатем-да. “Задан даркор, — мегӯяд Коля-амак — аммо ҳадду андозаашро дон”. Комилан ҳарфаш дуруст, худаш рӯзе нест, ки нанӯшад, аммо ҳеҷ балое намезанад. Андозаашро медонад-дия! Мегӯяд, ки агар миси корам мебаромадагӣ шуд, оҳиста аризаи дода, аз кор меравам... Аммо ман ба кори дигар рафта наметавонам. Роҳбарият ба кори аз ин ҳам пасттар мефурорад, Иттифоқи касаба боз “бори охир” огоҳӣ медиҳад. Хайр-дия!.. Ҳамаи ҳамин аз касофати зан, — хулоса мебароварад ӯ, — ман зан нагирифта, бало гирифтам. Бар қасди вай менӯшам. Агар ба хубӣ мегуфт, ман ҳам инсонку! Эҳ, ҳоло ба ман баробар мешудагӣ одам набуд. Курсии мулоими сармуҳандис аз они ман буд. Ҷалолзода ба мусофират ё маъмурият рафта монад, вазифаашро ман адо медодам. Акнун чӣ, бо мадраки муҳандисӣ, қатори таҳсилнокарда кор мекунам! Аслан, агар дар корхона нописандӣ намекарданд, шаробхӯрӣ намекардам. Ҳа, аввалин бор ҳамон рӯзе, ки мудирро танқид кардаму дар ҷавоб косалесонаш бархоста худи маро муттаҳам намуданд, маст шудам. Аламамро аз арақ гирифтам... Рӯз нишон надодандам-е!.. Сонӣ чӣ хел арақ намехурӣ?!”

Ногаҳон модараш ба ёди Азим расиду ҳайрон шуд, ки чаро кампир сокит аст. “То чоштгоҳ хоб намерафт-ку? Тоб-побаш гурехт-чӣ? Не-е, ҷин зад-чӣ, дирӯз аз бемористон “таъмир” шуда омад-ку...” Ба хотири Азим хоби шаб дидааш расид. Хоб дид, ки падараш даромада омадаанду ба тарафи Азим хандида, аз болояш бистарашро гирифта рафтаанд. “Тавба, таъбири ин хоб чӣ бошад? Дар хоб мурда агар чизе диҳад нағз, аммо чизе бигирад — хоси-

яташ нест, мегуфтанд. Ё ин хоби парешон бошад? Хоби парешон таъбир надорад. Сабил, вақтҳои охир хоби дидаамро аз бедорӣ фарқ карда наметавонам. Гоҳе ягон воқеа ба ёдам мерасаду сарам гараг мешавад, ҳайрон мемонам, ки он дар бедориам рӯй дода буд, ё дар хоб дидаам. Ку, таъбири хобамро аз модар пурсам... Кампир бедарак... Чӣ воқеа рӯй дод?..”

Дили Азим ғаш карду беихтиёр аз ҷояш бархоста, калавида-калавида ба ҳуҷраи модар гузашт. Ӯ дарро кушода, ба дарун қадаме гузошту ҷо ба ҷо шах шуду монд. Дар аввал ба ҳукми гумони худ бошад, ё ягон ҳиссиёти дигаре ба рӯйи модар дурусттар зеҳн монда нанигаристу, дар таҳи дар истод. Сари модар аз болин ба як тараф афтода, рангаш зарду кабудчатоб гаштааст. Як даста аз кӯрпа берун чумчаи алюминиро сахт фишурда буд. Дар тори сараш косаи тунука. Суханони модар ба хотираш расид, ки чанд рӯз пеш мегуфт: “Одами пирам, писарам, ба як пуф маътал. Ногаҳон шаб ҳолам бад шавад, чумчаро ба коса зада, туро бохабар мекунам. Ҳушёр хоб кун”.

Азим кам-кам ба рӯйи заъфарони модар, дастони беҷон афтодаву андоми оромаш зеҳн монда, нишонаҳои аз овони кудакӣ азиз ва маҳбуби худро дарёфт. Вай акнун дид, ки чашмони модараш чуқур ғӯтида, вуҷудаш пусту устухон, мӯяш сап-сафед шудааст. Чаро ӯ инро қаблан надид? Модар гӯё хобида буд. Ногаҳон Азим аз ин хоби гарон дигар бедор нашудани ӯро ба ёд оварду вуҷудаш ларзид.

“Кампир медонистааст, ҳис мекардааст. Агар намедонад, намегуфт: “Натарс, ба ҳалқам об чаккон, пахтаро ба об зада лабамро тар карда ист, калима гардон...” Модари бечораам, ҳар рӯз борҳо мегуфт-а, ба деҳа бибарам. Аз

гуфтан ба даҳанаш мӯй баромад. Беҳуда ин қадар бетоқат набудааст. Сабил чаро ман бепарво шудам?.. Зормонда, пул... кирояпулӣ даркор буд. Бечора модаракам раҳкиро дошт. Не, гуноҳи худам шуд. Чанд бор ба дастам пул афтод, нест ҳам шуд... Дирӯз насиҳат мекард: “Арақ нахӯр, ин чизи касофат, аз он на тани сиҳат мемонаду на ақлу ҳуш, хонавайронкун аст. Агар ту арақхӯриро напартоӣ, ман дар он дунё ҳам осуда намешавам... Эҳ, аҳволатро дида, дилам хун мешавад. Ҳамин қадар гуфтам, ба деҳа биё, наомадӣ. Мард дар ҷое, ки даркор аст, азиз. Рав, чароғи манзили падаратро равшан кун, арвоҳаш шод мешавад... Ба чӣ умеду орзуҳо туро ба воя расонидам! Намедонам, ба ту чӣ ҷин зад? Худо нахоҳад, раваду ягон кору ҳоле шавад, ҳеҷ ташвиш накаш, рафта ба масҷид хабар кун. Ҳамин хел шуд, гӯй, писарам. Ба Мӯҳсинҷону келин ҳам хабар фирист. Мӯҳсин додарат барин, қоматаш тақрибан ҳам қади туст. Камарбанд баста, ба дасташ асо гирифта, “бибӣ” гӯяд. Зиндагии гул барин занро хазон кардӣ”. Модар аз ман пинҳонӣ рафта, келину набераашро дида меомад. Ҳим-м... Вай васият карда будаасту мани гаранг нафаҳмидаам, нагуфтам, ки чаро ин хел мегӯӣ”.

Азим мехост бигиряд, аммо чашмонаш ҳатто нам нашуд. Зарбу лати зиндагӣ ӯро чунон кӯфта карда буд, ки акнун сангдил шуда, дигар ба ҳеҷ дарде гириста наметавонист. Гиря кардан ҳам монанди хандаҳои беғубори кӯдакӣ кам-кам аз хотир мерафтааст. Гириста тавонистан ҳам хушбахтӣ будааст. Одам гиря кунад, рӯҳаш сабук мешавад.

Азим аз ҳуҷраи модар оҳиста баромаду даршро пӯшид. Дасту рӯяшро гурбашӯ карду зуд бо сачоқ хушк кард. Чӣ кор кунад, ба ҳамсояҳо хабар диҳад, шояд маслиҳат

диҳанд? Боз суханони модар ба хотири Азим расид, ки мегуфт: “Халқ акнун бе меҳру шафоат шудагӣ. Ҳамсояҳои дар ба дар мисли бегона. Рӯзе борҳо чашм ба чашм, рӯ ба рӯ мешавем, на салом, на алейк. Хок кашад! Ҳоло ҳам дӯстиву рафоқату хайру барака дар ҷойи худамон будаст. Ба тӯят то худат рафта хабар накунӣ, намеоянд, аммо ба сарат ғаму ташвиш афтад, ҳамон лаҳза напурсида, аз дарат медароянд...”

Азим сару либосашро пӯшида, саргаранг ба курсӣ нишасту ду-се бор “тавба” гуфта монд. Ӯ чӣ кор карданашро намедонист. Бори аввал зиндагӣ ӯро имтиҳон мекард, пайванди ӯро бо одаму олам месанҷид. Бори аввал ӯ аз робитаи худ бо мардум меандешид: “Дар ин шаҳр хешу табор надошта бошам, ёру ҷӯраҳо кайҳо боз аз ман гурехта мегарданд... Уф-ф... Ҳоло бе шароб каллаам сарфаҳм намерафтагӣ барин...” Азим ҷайби пидҷакашро як ба як чаппаву роста карда кофт, аммо ғайр аз ду-се тангаи зард дигар чизе наёфт. Ба хотираш расид, ки дирӯз дар кисааш қариб понздаҳ сӯм пул буд. “Шароб зада, ба ягон ҷо афтондаам, ё “ҷӯраҳо” чойпулӣ гуфта афшонда гирифтаанд. (Ӯ “ҷӯраҳо” гуфта, навбатдорони ҳушёрхонаро дар назар дошт). Шербачаҳо шаб ҷайбҳоро то таҳ тоза мекунанду раисашон наомада, гум шав, мегӯянд. Аз худашон понздаҳ-бист тин раҳкиро гирифта, ба хона меоям”.

Азим сарашро болои миз ба рӯйи дастонаш ниҳода, хеле вақт беҳиссу беҳаракат монд. Дар сараш фикре набуд, қалбаш оҳиста тапиш дошт, тамоми вуҷудаш ба як ҳолати карахтӣ афтода буд. Ҷисми заифи ӯ ҳоло ба ин зарбаи зиндагӣ тоб наоварда, карахтиро сипар карда буд.

— Дар хона ҳеҷ чиз нест, то фурӯшам, — гуфт ӯ беихтиёр овоз баровarда.

Баъд фикре ба ёдаш расиду бо қатъият аз ҷо хест. “Модар раҳкирояшро ҷамъ карда баста, эҳтиёт карда мегашт. Акнун раҳкиро ҳам даркор не... Аздусар ин даҳпонздаҳ сӯми вай катӣ мушкили ман ҳал намешавад... Ё ба пули модар даст нарасонам? Наход, илоҷи дигар набошад?”

Азим паёпай ду стакан шаробро дам кашиду як нафаси чуқур гирифта қоматашро рост кард, дастонашро ба ду тараф дароз карда хамёза кашид, баъд аз ҷайби шалвораш як қуттӣ сигори пачақшудаи “Помир”-ро баровarда, як дона даргиронд. Ӯ фикр мекарду сигор дар байни ангуштонаш сӯхта ба охир мерасид. Чӣ кор кунад, аз кӣ маслиҳат пурсад, кӣ ба вай роҳ нишон медиҳад? Азим дар ҳалли кори худ ҳайрон монда буд. Баъд вай рафта аз чойдон ба кафаш қадре чойи сабз рехту онро ба даҳон андохта монанди чорпое, ки кавша мекунад, бо ҳавсала хоид.

— Тамом. Шутур дидӣ, не! — вай худро тассалӣ доду саравввал табассум кард. — Кӣ ҳамин шароба чизи ганда мегӯяд? Фақат аҳмақ ганда мегӯяд! Ин мӯъҷиза... Оби ҳаёт... — Азим тарона кардан хост, аммо якбора марги модар ба ёдаш расиду аз шасташ гашт.

Баъд, вай аз хона баромаду аввал дари ҳамсояи рӯ ба рӯяшро кӯфт. Дарро кӯфту ба ёдаш омад, ки ҳамсояаш — Раъно, ӯро ҳеҷ хуш намекунад. Порсол камтар сурху сафед шуда буданд. Шабе шарикаш омаду ду кас айш карданд, кабоб, шароб буд, каме намак лозим шуд, Азим дари Раънохонро кӯфт. Шабона шавҳараш дар хона набошад, ин қадар тарсидани ин занро чӣ донад? Худаш

танҳо ҳам не, бо писарчаи шашсолааш буд. Дар ҷавоби тақ-тақи вай дар хона тақар-туқур сар шуд. Азим истод-истоду рафта, дари ҳамсояи дигарро кӯфт.

Субҳи рӯзи дигар Раънохон ба ҳамсояҳо шикоят кардааст, ки одами ношинос нимашаб дари ӯро кӯфту вай аз тарс қариб гурдакаф шуд. Гӯё он нафари “шубҳанок” тамоми шаб аз таҳи дару тирезаи ӯ дур нарафтааст. “Хайрият, тирезаҳо панҷараи оҳанӣ доранд, — гуфтааст ӯ, — ба ақиби дар мизро тамба карда, то саҳар бедор нишаста баромадам”. Занаки беақл... Аз табақаи дуввум, ҳамсари муаллим гуфтааст, ки вай ҳамсоятон Азим, дари моро ҳам кӯфт, намак пурсид. Амакатон бароварда доданду ҷанг карданд, ки ин хел нисфишаб одамонро безобита накунад...” Ана, аз ҳамон воқеа инҷониб табъи латифи Раънохон коҳидагӣ. Салому алекро ҳам бас карданд. Салом гӯям, рӯяшонро ба тарафи дигар гардонда мегурезанд. Садақаи сар, гуфтаму ман ҳам салому алекро бас кардам. Хайр, имрӯзҳо шавҳарашон дар хона-ку.

Дарро шавҳари Раъно — Нозим Ғайбуллоевич кушод. Вай ҷавонмарди сию панҷ-сию шашсолаи миёнқад, фарбеҳ, нисбат ба синну солаш зиёда ҷиддинамо ва калонгир буд. Ӯ ҷомаи рахрахи сарупоӣ дар китф, дарро боз карда, саволомез ба Азим нигарист.

— Ҳамсоя, ҳамин шаб... момо... модари мо... а-а-а-аз дунё гузаштанд, — Азим ба рӯйи ҳамсояаш нигоҳ накарда, канда-канда гап мезад. — Ба қарибӣ додарзодааш аз деҳа оварда монда буд... Ногаҳонӣ... Шумо намедонед...Чӣ кор кардан даркор?..

Азим ҳоло Азими пештара набуд: сархам ва пакар, садояш ҳам дигаргун — маъюс ва дарднок ба гӯш мерасид, аммо дарднокии овози ӯ сохта буд. Касе, ки ба овози

одамон бодиққат гӯш медиҳад, аз байни ҳазорон садои гуфтугӯ, овози шахси мусибатзадаро фарқ мекунад. Овози шахси мусибатзада ба садои косаи чинии дарзхӯрда монанд аст. Мардум косаи шикастаро аз садояш зуд фарқ мекунанд, аммо садои қалби шикастаи якдигарро на ҳамеша зуд пай мебаранд.

— Э, афсӯс, бечора... Нағз нашудааст-дия... — Нозим Ғайбуллоевич нобоварона ба рӯи Азим нигаристу сонӣ сар ҷунбонда изҳори ҳамдардӣ кард. Сипас дарашро пӯшида, ба долон баромад. — Афсӯс, бечора инсони хуб буданд, даробаро карда мегаштанд... Ба хешу табор хабар додед? Зудтар телеграмма додан даркор...

— Фикр мекунам, ки расида омада наметавонанд. Ҳаво гарм...

— Рост, мурдаро нигоҳ дошта намешавад. Хайр, акнун чӣ чора, мурда дигар зинда намешавад. Реҳлати падару модар мерос, мегӯянд. Худро ба даст гиреду аз пайи гӯру чӯбашон шавед. Ман ҳам меоям. Бачаҳо камтар бетоб, ба хонаи очаашон бурда мемонаму...

Азим ба саҳни ҳавлӣ баромад. Дар сояи чинор як гурӯҳ бачаҳо машғули бозӣ буданд. Битнер бо ҳамсараш мошинашро аз гараж баровarda, тараддуди сафар дошт. Барои истироҳат аз шаҳр берун мераванд. Шояд ба дараи Варзоб раванд, ё ба сӯйи Ромит. Азим ба ёд овард, ки солҳост ӯ ба он тарафҳо нарафтааст. Умуман, шаш-ҳафт сол боз аз шаҳр берун набаромада аст. Рӯзҳои истироҳаташ чӣ гуна мегузаштанд, ӯ ҳоло дар хотир надорад... “Хӯш, ана ба ҳамсоя ҳам хабар додам. Боз чӣ кор кунам? Ба корхона равам? Иттифоқи касаба ҳаст, ҳамкорон ҳастанд... Ҳеҷ поям намекашад. Майзада бошам ҳам, ору номус дорам.

Меоянду... Баъд, дӯсташ насиҳат мекунад, душманаш заҳрханда... Безорам!”

— Ҳа, Азим, ин қадар боз ба фикру хаёл афтодаӣ? Ё дафъи хумор нашуд?.. Авзоятро дида, худоё, зовути арақ сӯхтааст-дия гуфтаам.

Азим сар бардошта, дар рӯ ба рӯяш Робияхоларо дид, ки дар даст тӯрхалта аз мағоза меомад. Вай аз ин зани солдида дар дил андаке ҳарос дошт: пиразан мехост, ки ӯро кӯчонда ба деҳа фиристонаду хонаро ба Зайнабу Мӯҳсин диҳад. “Охир, ман ба шаҳр одат кардам, агар дар деҳа зиндагӣ карда натавонам, сонӣ ба куҷо меравам?!” — мегуфт ӯ ҳар бор дар ҷавоби талаби пиразан. “Ин тавр бошад, туро ба табобатгоҳ мефиристам,” — таъкид мекард пиразан.

— Э, напурсед, хола... Одам гуфта ба вай машк гап занам... — Азим ба тирезаи Нозим Ғайбуллоевич ишора карда носазо гуфт.

— Азим, нағз не, худро ба даст гиред, чӣ гап шуд? А? Саҳар катӣ — агар шароб нахӯрӣ, мемурӣ... — пиразан дарҳол шасти ӯро гардонд.

— Не-е, истед. Вай хола... Модар мурда монданд. Тамом.

Ранги рӯйи Азим суп-сурх, ҳалқаҳои чашмонаш танг гашта буданд. Шароб кам-кам ба ӯ таъсир мекард.

— Не-е?! Кай?.. Дина дар ҳамин ҷо буданд-ку? — дасту пойи Робияхола бемадор гашта, сараш аз ҳаяҷон чарх задагӣ барин шуд. Тӯрхалтаро ба дасти наберааш дода, “ба хона бар”, гуфт.

— Дар ҳамин ҷо... Шаб пой дароз карда мондаанд. Ман бехабар. Дар утоқи дигар хоб... — ӯ мастона

чашмонашро кушодаву пӯшида, пай дар пай ҳарф мезад. Кундфаҳмтарин нафар ҳам агар ин гуфтугузорро мешунид, тасмим мегирифт, ки сабаби фавти пиразан бехабар мондани писар аст.

— Азим, ба ман нигоҳ кун, рост мегӯӣ, ё... — Робияхола Азимро сархуш дида, ба ҳарфҳояш бовар карданашро ҳам намедонист, бовар накарданашро ҳам. — Одами модараш мурдагӣ арақ хӯрдана заҳра хӯрад! Дуруст гап зан...

— Э, Худо занад, нон кӯр кунад. Ана, даромада бинед. Ман ягон бор гапи дурӯғ гуфтам-чӣ? Ҳой, хола, ман ба Шумо як сира гӯям? Дар назари Шумо одами арақхӯр ганда, ҳа, ганда? Лекин... лекин шаробхӯрҳо ҳамаашон марданд! Бовар кунед... Арақхӯр дурӯғ намегӯяд.

— Бас, бас, ман ин варсоқиҳоро зиёд шунидагӣ...

Дар муддати кӯтоҳ ба гирди онҳо чор-панҷ нафар ҳамсоязанҳо ҷамъ шуданд. Азим такрор ба такрор ҳодисаро гуфта, ба чашми ҳар яке имдодталабона менигарист. Ӯ дар ҳамин вазъият дар назари шахси дар канор хурӯси дар ҷанг мағлубшударо мемонд, ки бо пару боли овезон ва ҷароҳатҳои хуншор аз беадолатии ҳариф, ё ягон дарду алами дигар шикоятомез қут-қут мекунад.

— Азим, манаҳашонро бастӣ ё не, касофат? — пурсид Робия-хола аз сӯзи дил ба чашмаш об гирифта.

— Не, валло. Ман надонам.

Робияхола ба хонааш даромад ва ду метр суфи оҳорӣ гирифта баромаду бо ду нафар ҳамсоязани дигар ба хонаи Азим даромада, манаҳи марҳумаро баст.

— Худо раҳмат кунад, бечора бандагиро ба ҷо овардаанд. Ту писари бесомон, — хола ба Азим рӯ овард, — ба ин аҳвол гаштӣ... Дуои ҳамин бечора модарро нагирифтӣ!

Канӣ, акнун ёбаш... Хешу таборатро хабар кун, тезтар биёянд. Ҳаво гарм, нигоҳ дошта намешавад, — маслиҳат дод ӯ.

Ҳамсояҳо суханони Робияхоларо шунида, ба таассуф сар ҷунбониданд, оҳ кашиданд, дареғ гуфтанд, баъзеҳо-яшон оби чашм ҳам карданд. Баъд Азимро дилбардорӣ дода, аз худо ба вай сабр талабида, ягон-ягон ба ҳар сӯ парешон шуда рафтанд. Азим танҳо монду чӣ кор карда-нашро намедонист ва ҳамвора гоҳ ба хона медаромад, гоҳ ба берун мерафту бемақсад дар саҳни ҳавлӣ пасупеш мегашт.

Аз воқеаи вафоти пиразан аллакай аксари ҳамсояҳо огоҳӣ ёфта буданд ва ҳодисаро дар доираи хонаводаи худ муҳокима мекарданд. Аз тирезаҳо яке бо нишони шафқату дилсӯзӣ ба ҷониби Азим менигарист, дигаре аз маломат ва нафрат гӯё ба синаи вай тир мезад. Ана, аз ошёнаи дуввум ҳамсояаш Мунира ба Азим менигарист. Ин танноз ҳоло ба вай заҳрханда кардагӣ барин шуд. Шавҳараш кати ка-макак "тую ман" кардани Азимро медонистаст-дия!. "Га-пи кӯчаро ба зан гуфтагӣ марда...""Шавҳарам ронандаи вазир гуфта, фукаш ба осмон, — аз дил гузаронд Азим. — Зани вазир барин ин кас ҳам гоҳ-гоҳ "Волга" савор меша-ванд. Аммо ронандаи вазир ҳам танҳо ронанда аст, вазир не! Ба мусибати касон шодӣ кунед, ойим!" Азим дар ди-лаш бо Мунира манша мекард.

Вай ҳангоми мастӣ мисли ҳамаи майхораҳо дасисаҷӯ мегашту ҳамсояҳоро меранҷонд.

— Ҳа, ҳамсоя, хурсанд шавед... Ин хел рӯз ба сари шумо ҳам меояд, — Азим оқибат заҳри дилашро ба Муни-ра рехт.

— Ин чӣ гуфтагиатон, мастед, ё ҳушёред? — чашмони Мунираи бекинаву шӯхтабиат калон-калон шуданд. Вай ба қаҳр ояд ҳам, аз чеҳрааш осори шӯхӣ намерафт. — Ман ба шумо чӣ бадӣ кардам? — Вай аз тирезаи айвонаш сар берун кард. — Ҷаватонро хом даравидагем не-ку! Гапи гуфтагиатонро медонед?.. Э, ҳайфи одам!

Ӯ Азимро ширакайф диду бо вай баҳсу мунозира карда нишастанро ба худ эб надид. Тирезаашро тараққос занонда пӯшиду пардаашро кашида монд.

Азим дар хараки рӯйи ҳавлӣ хеле муддат хомӯшу сархам нишаст. Робияхола ба назди ӯ омада пурсид, ки чӣ фикр дорад, чӣ кор карданӣ. Ба Азим чунин намуд, ки хола ҳам ягон кумак доданӣ не, ҳамин тавр, аз рӯйи дил мепурсад. Азим ба хола рӯйи хуш надоду оҳиста аз ҷояш бархоста ба манзилаш даромад. Дари ҳуҷраи модарро кушода, лаҳзае ба рӯйи ороми пуроҷинги ӯ нигариста истод ва сипас ба рӯи тахти хобаш нишаст. Ба дастонаш нигарист, нусхаи дастҳои модарашро дид.

Деҳаи зодгоҳаш, айёми кӯдакӣ, солҳои ҷанг, ки модараш бепадар, ду фарзандро бо сахтӣ бузург кард, ба хотираш омад. Модар рӯзҳо дар колхоз кор мекард, шабҳо чарх ресида, ҳар ҳафта ба бозор ду калоба ресмон мефиристод, то ки фурӯхта, ба пулаш як кило-ним кило ғалла оварда диҳанд. Боре Парда-даллол ду калоба ресмони онҳоро бурду чизе оварда надод. Онҳо рӯзро бо умедворӣ шаб карданд, баъд гурусна то нимишаб нигарон шуданд. Аз гуруснагӣ Азимро хоб намебурд. Модар тасаллӣ медод, ки ҳеҷ гап не, болиш мебардорад... Моргазидаро хоб мебурдааст, аммо гуруснаро не. Азим он солҳо хурд буд, аз дасташ кор намеомад. Рӯзҳо ҳамроҳи хоҳараш ҷувориашонро “ҳой” гуфта, аз гунҷишк нигоҳ медошт. Он солҳо

гунҷишкон ҳам гурусна буданд, бо ҳойгӯиву кулӯхчаандозӣ аз киштзор дур намерафтанд...” Дар пеши назари Азим деҳа, замини рӯйи даричаашон ҷилвагар шуд ва лаҳзае худро даҳ-дувоздаҳсола дид, ки ҳамроҳи хоҳараш пойи бараҳна ҷуворизорро давр зада метохту аз фалахмон кулӯхча меандохт ва ба як маром “ҳой-ҳой” мегуфт.

Он солҳо тобистон расад, боғу киштзорҳо бо фарёди бачагону қарс-қарси фалахмонҳо, бо садои ҷаранг-ҷурунги сатилу тағораҳо аз саҳар то шом монанди бозори рӯзи ид пурғавғо буд. Агар нафасе бехабар монед, гунҷишкон села-села ба сари ҷуворӣ нишаста, ширааи донаҳои ҳанӯз норасидаи онро макида мерафтанд. Кӯдакон ва гунҷишкон барои ризқу рӯзӣ бо ҳам талош доштанд. “Акнун гунҷишкон ҳам сер шуда, баору номус гаштаанд. Ҷое, ки “киш” гӯед, дигар пар намезананд... Ҳа, мардум чӣ кор ҳам кунад, барои серҳосил буданаш ҷуворӣ мекориданд, вагарна дили кӣ нони гандум намехост.”

— Эҳ, чӣ солҳои сахте буд! — Бо дасташ ба сари зонуяш зада ғайриихтиёр афсӯс мехӯрд Азим. Баъд худ ба худ шикоят оғоз кард: — Модари сарсахт як саҳарии зимистон, нимкоса дар даст, тамоми деҳаро дар ба дар пурсида баромаду ба қарз як каф орд наёфт. Баъд аз алам дар хона чунон овоз андохта гириста буд, ки ману хоҳарам ҳам ба вай ҳамовоз гашта фиғон бардоштем. Бечора модар, ки тамоми умр ба фарзандон худотарс шуданро талқин мекард, чунон бо овози баланд “хонаи Худо сӯзад”, гуфта зор-зор гирист, ки дили моро ваҳм зер карда буд. Ману хоҳарам акнун Худо моро ба ғазабаш гирифтор мекунад гуфта, метарсидем. Таваллову зорӣ мекардем, ки модар ин гапро нагӯяд. Як моҳ боз рӯйи нонро надида будем. Намедонистем, ки ғазаби Худо аз ин зиёд намеша-

вад... Баъд ман ҳамон нимкоса дар даст ба хонаи амакам рафтам. Амакам бо аҳли оилаашон дар гирди сандалӣ нишаста, оши палав мехӯрданд. Онҳо шарфаи пойи маро шунида, табақи лахчаки хӯрдаистодаашонро аз рӯи дастархон гирифта ба даруни сандалӣ пинҳон карданд. Ман ба хона надаромада, аз тиреза ош хӯрда истоданашонро дида будам. Баъд духтарчаи хурдиашон сирро фош карду як шаппотӣ аз падар хӯрда хомӯш шуд. Дар пешгоҳи хонаашон як ҷувол орди сап-сафед метофт, аммо амакам "орд нест, як дона ғалла набошад, орд аз куҷо мешавад", гӯён ҷавоб доданд. Он солҳо ҳам гузаштанд. Беҳуда намегӯянд, ки зимистон мераваду рӯсиёҳии ангишт мемонад... Рӯзи аз падар хати сиёҳ омадагӣ аз хотирам ҳеҷ намеравад. Модар хабари маъшумро аз саркор шунида, аввал карахт шуд, бовар накард. Баъд саркор хати сиёҳро аз ҷайб бароварда, ба модар дод. Модар монанди занҳои дигар фарёд набардошт, мӯканиву рӯйканӣ накард, фақат қатраҳои оби чашмаш марҷон барин ба рӯяш рехт. Баъд ба Ҳосилбеки дар болои асп андешаманд нишаста, рӯ овард: "Мурда бошад, ҷояш ҷаннат, не агар зинда бошад, Худо ёраш бод. Ба ман ҳамин ду сағираи вай бас. Ҳаминҳоро ба воя расонам, шуд." Модари муштипар! Охир вай ҳам одам буд, медонист, ки аз модар дубора намеояд... Умрашро бо ду фарзанд гузаронд. Агар ман дар ҷойи вай мебудам, ҳамин хел мекардам? Не, ман ба ин хел фидокорӣ қобил нестам. Ана, писарам зиндаятим. Охирин як хоҳиши модарамро ҳам иҷро накардам. Модар шароб нанӯш гуфт, нанӯшида метавонам-чӣ?.. Бас мекунам мегӯяму имрӯзу фардо гӯён солҳо гузашт.

Азим дар сари ин нукта хеле фикр кард, ба хотир овард, ки инсон бо зӯри ирода чӣ корҳое накардааст. “Шароб нахӯрдан ҳам кори мушкил шуд?! Ҳамин хел мегӯяму аммо... — боз дудила мешуд вай. — Ягон қасаме бошад, ки онро шикастан нашавад! Пештар ба номи Худо қасам мехӯрданд, “Қуръон”-ро пеш мегузоштанд. Ман на ба Худо бовар мекунам, на ба “Қуръон”, на ба коммунизм. Агар эътиқодманд бошам, шароб менӯшидам?! Одамон бо нон қасам мехӯрданд. Нон ҳам ҳеҷ касро кӯр намекардааст. Ҳама ҷо нон дар зери по. Дирӯз яктояш дар ошхона чангакро ба мағзи нон халонда, тоза мекард...”

Занги дар Азимро ба худ овард. Вай чун хеле вақт занги дари даромадро нашунида буд, як қад парид. Баъд саросема аз ҷо бархосту ба сӯйи дар ду-се қадам монд, аммо боз шакк карду, лаҳзае истод. Дар ҳақиқат ба вай занги заданд, ё ба гӯшаш ҳамин хел расид? Садои занг дубора баланд шуд. Ин дафъа дуру дароз, изтиробангез.

Азим дарро кушоду ҳуш аз сараш парид. Агар ин дам модараш зинда шуда, дар таҳи дар истода бошад ҳам, аҷаб не, вай ба ин андоза ҳайрон намемонд. Робия-хола пешопеш, аз қафои ӯ Зайнабу Мӯҳсин ва марду зан як гурӯҳ хешовандони занаш, Мунира бо шавҳараш, боз ду-се нафар ҳамсояҳо ба хона даромаданд.

Робия-хола гап мезад, аммо дар аввал Азим аз суханони ӯ ҳеҷ чиз нафаҳмид. Сонитар ба гӯшаш даромад, ки хола мегуфт:

— Мунирахонро гуфтаму бечора ҳар чӣ зуд рафта Зайнаброро ёфта омаданд...

Аз дохили утоқ суханони бо алам ва сӯзи дил гуфтаи Зайнаб ба гӯшаш расид:

— Касе ки ақл дорад, нангу номус дорад, аз мастӣ ҳушёр мегардад, ба худ меояд, аммо аҳмақ ҳаргиз ба худ намеояд, — бо сӯзи дил сухан мекард Зайнаб.

— Кампирро гӯру чӯб кунем... сонӣ шумо писаратон катӣ ба ин хона кӯчида бед... Азимро ба табобатгоҳ мефиристем. Гап занаду рӯзашро бинад! — мегуфт пиразан дар ғазаб.

Азим ба девор такя карда, беҳолона сари ду по менишаст. Аз хонаи дигар фиғони писараш ба гӯшаш расид, ки дар сари болини бибиаш навҳагирӣ мекард:

— Бибиҷонам!... Бибиҷони меҳрубонам...Маро ба деҳа бурданӣ будед... Чӣ қадар орзуҳо доштед, бибиҷон... Акнун бо армон меравед...

Аз чашмони Азим якбора ғӯра-ғӯра ашк рехт. “Ашки набуда аз куҷо омад?” тааҷҷуб мекард вай, зеро солҳост, ки гиристанро ҳам, ашк рехтанро ҳам фаромӯш карда буд.

Ҳозирон бетафовут нисбат ба ӯ, ба ҷунбуҷӯл пардохта буданд, мисле, ки ӯ ҳаргиз дар ин миён набошад ва ин манзил хонаи ӯ нест ва модари фавтида ҳам модари нафари дигаре бошад. Вай хеле вақт аз назари одамон афтода буд.

Азим қатраҳои ашки ба рӯяш шоридаро бо пушти дасташ пок карду далер аз ҷо бархост. Чунин ба назар меомад, ки вай дар пайи ҷидоли шадиде бархостааст. Бо шахси худ ҷидол кардан ва ғолиб омадан чӣ мушкил аст...

***Соли 1972***

# ҒУРУРИ ЗАН

“Волга”-и ҳаворанге, ки паҳлуҳояш монанди катакчаҳои тахтаи шоҳмот ҳошия ёфта буд, аз шоссе ба самти чап тоб хӯрду ба дараи танги кӯҳистон ворид гашт. Роҳи ноҳамвору пурпечутоб сар шуд. Вусъати дара ба андозае буд, ки баъзан барои убури як рӯди начандон бузург, ки қариб ду осиёб об дошт ва як роҳи мошингузар танг меомад. Сабукрав гоҳ баробари оби рӯд ба қаъри дара фурӯ мерафт ва гоҳе мисли оҳу ба боло ҷаҳида, дар камари кӯталҳо мехазид, ба сахтӣ чархҳояш регу сангрезаҳоро ба қафо пош дода, мотораш бо фиғон ғурида баландиҳоро мегирифт.

— Истед! Нигоҳ доред! — Ногаҳонӣ садо баровард зане, ки дар курсии қафои мошин менишаст.

Мошин дар канори роҳ қарор гирифт. Ронанда бо тааҷҷуб ба зан нигарист. Вай дар чунин мавзеи хилвату бекас аз мошин фуромадани ӯро чашмдор набуд. Зан сабук ҷаҳида аз мошин берун шуду ба канори роҳ рафта, ба поён лаҳзае зеҳн монда нигарист. Сипас боз гашта омаду сумкачаашро кушода, раҳкирояшро дод.

Зан торҳои парешони мӯяшро даври тоқии зардӯзиаш печонд ва аз бероҳа рост ба поён нишеб кард. Аз нишебии санглох бемалол, бо қадамҳои устувор фуромадани ӯро дида, тахмин кардан ҷойиз буд, ки ҷавонзан дар кӯҳгардӣ таҷриба дорад.

Дар соҳили рӯд, дар сояи чинор ду мошини сабукрав диққати ӯро ба худ кашида буд. Вале дар атроф ҳеҷ кас наменамуд. “Волга”-и Эҳсон аз ин се сол муққадам чӣ тавр бошад, тақрибан ҳамон тавр мондаст, — аз дил гуза-

ронд Мастура. — Мисли пеш барои мошинсаворӣ вақт надоштагист?..” Вай давродаври мошинро гашта, дастаҳои дари онро кашида дид: қуфли дарҳо бастагӣ. Баъд даруни кабинаро нигарист. Либосҳо, китобу қуттиҳои сигарет, боз ким-чӣ хел майда-чуйдаҳои рӯзгори мардон якяк аз пеши назараш гузашт.

Вай лаҳзае Эҳсонро бо Муҳиб муқоиса кардан хост, вале зуд аз ин нияти худ баргашт, худ ба худ хиҷолат кашид. Сипас дар оиначаи паҳлӯи дари “Волга” андоми худро нигариста, аз ҳусни худ қаноатманд табассум кард. Рӯйи сафедаш ҳанӯз пуртароват буд. Мӯйи хурмоӣ, чашмони шӯху гирои вай ҳанӯз ҳам дилошӯб. “Баногоҳ Эҳсон мошинро фурӯхта бошад-а!” Дастаи никелии дари мошин гӯё қувваи электр дошта бошад, Мастура бо шаст аз он даст бардошту ду-се қадам ақибтар рафт ва аз пеш гузашта, оҳиста ба рақами он нигарист.

Вай дар пайи ҷустуҷӯи соҳибони мошин ба ҷониби теппачае рафт, ки болодасти рӯдро аз назар пинҳон мекард. Ба болои тепа баромаду дар регзори канори рӯд, бадминтонбозии чаҳор тан ҷавононро дида, бозистод.

Мастура Эҳсонро шинохт, аммо се нафари дигар ба ӯ ноошно буданд. Ҷавонон саргарми бозӣ дар тори сарашон пайдо шудани ӯро диданд, вале эътибор надоданд. Эҳсон, мисле ки бо диққат нанигарист.

Эҳсоне, ки се сол пеш аз ин монанди ходаи пӯсткандагӣ қоқу дароз буду устухонҳояш аз ҳам резам мегуфт, ҳоло ҷавонмарди расо гаштааст. Офтоб хӯрда, пӯсти баданаш мис барин сурхча метофт.

— Ғами рӯзгор не, ташвиши зану бача не, ба ту осон аст… — гуфт Мастура зери лаб овоз баровварда.

Офтоб кам-кам ба қиём омада, ҳаво метафсид, аз теп-

паҳое, ки алафашон ранг гардонда буд, нолаи зиллаҳо меомад. Мастура зарраҳои арақи пешонӣ ва болои биниашро бо дастрӯмол пок карду аз сумкачааш айнаки сабзашро гирифта, ба чашм гузошт. Ҷавонон саргарми бозӣ буданд. “Дид, шинохт, — худ ба худ розу ниёз мекарду алам мекашид Мастура, — ним соат боз дар тори сарашон байрақ барин истодаам. Агар кӯр нашуда бошад...” Вай се-чор қадам пештар рафт. Дар ҳамин асно лаҳзае худро беқадру ҳақир дида хориаш омад. Матлаби худро, сухано-ни ба Эҳсон мегуфтагиашро боз як бор аз дил гузаронд. Азбаски ҳоло азмаш заиф гашта буд, андаке ислоҳ ворид кард.

— Эҳсон!.. — Мастура аз ҳаяҷон овози худро нашунид, танҳо акси садои аз кӯҳ баргашта ба гӯшаш расид.

Ҷавонон якбора аз бозӣ боз истоданд. Аввал бо тааҷҷуб ба Мастура, баъд ба рӯйи ҳамдигар нигоҳ афканда, табассум намуданду ҳар яке арақи рӯяшро пок кард. Ғуборе, ки аз таҳи пойи онҳо бармехест, оҳиста парешон мегашт.

Сонӣ Эҳсон якта-якта қадам монда, ба назди ӯ омад.

— Туро кофта омадам, Эҳсон. Ба ту гап дорам, — гуфт Мастура бо ҳаяҷон ба рӯйи ҷавон нигоҳ накарда. Овозаш меларзид.

— Ба таҳи чинор рав, меравам.

Эҳсон чӣ гуна баргашта ба сари толоб рафт, чӣ гуна шустушӯ карда, либос пӯшид, худаш ҳам надонист. Пас аз се соли ҷудоӣ, имрӯз Мастураро дида, ӯро як ҳолати аҷиб рӯй дод. Ҷавон буд, ин нозанинро дӯст медошт. Мастура ҳам ба вай моил буд. Тӯй карданӣ буданд, аммо Эҳсон худаш розӣ нашуд. Рисолаи номзадӣ менавишт, баъди ҳимоя, хотирҷамъ гашта тӯй кардан хост. Мастура гоҳ-гоҳ ба хонаи ӯ омада, аз ҳолаш хабар гирифта мерафт. Баъд

Эҳсон якмоҳа ба Маскав рафт. Аз сафар омада, ӯро наёфт. Дугонаҳои духтар гуфтанд, ки вай ба Муҳиб ном ҷавоне, ки дар курси охирини Институти хоҷагии қишлоқ таҳсил доштаст, ошиқи шайдо гашта, шавҳар кард. Баъд шунид, ки Мастура ҳамроҳи шавҳараш ба деҳа рафтаст.

“Хӯш, акнун Мастура чаро омада бошад? Чӣ гап шуд?.. Ҳеҷ дигар нашудаст. Аз афташ, зиндагиаш осуда… Ё худ пушаймон шуд?.. Не-е! Пушаймон шавад, аз шавҳараш ҷудо мешавад, аммо ба назди ман намеояд. Мурад ҳам, намеояд!” Дар оби соф акси худро дида, вай ҳис кард, ки баҳори умраш гузашта, таровати ҷавонӣ аз ӯ рафтаст. Ба ёди Эҳсон омад, ки чӣ гуна Мастура боре ӯро ба базми рӯзи таваллудаш хабар накард. Ҳол он ки ӯ тӯҳфае харида, интизор буд. Баъд ҳар ду дар соҳили кӯл вохӯрданд. Эҳсон ӯро бо рӯзи таваллудаш табрик гуфта, санҷоқи гиребон тақдим кард. Вай тӯҳфаро нагирифт. Гуфт, ки чунин тӯҳфаи гаронро намегирад. Илтимоси Эҳсон ҳеҷ асар накард. Пас ӯ бо қаҳр “агар нагирӣ, ба оби кӯл мепартоям” гуфт. “Ихтиёр доред, — гуфт Мастура нобоварона. Баъд илова кард: — Агар нигоҳ доред, фурсати тӯҳфа кардан мерасад”. Эҳсон ҳам якрав буд, санҷоқи гиребонро ба оби кӯл ғурронд.

Ҳоло ҳамон духтари мағрур ва сангдил ба танаи чинор такя дода, хомӯш ба вай менигаристу хиҷолатмандона табассум мекард.

— Хӯш, кадом шамол ба ин тарафҳо парронд? — Эҳсон ба рӯйи ҷавонзан нигоҳ накарда, дари мошинро кушоду сачоқро ба дарун партофт ва ба курсии пеш нишаст.

— Аввал “салом” буд ё… — овози Мастура ларзид ва изтиробу озурдагиашро пинҳон дошта натавонисту рӯ-

яшро гардонд.

— Мегӯянд, ки маънии “салом” дар луғат сулҳу оштӣ аст. Ман бо ту оштӣ гаштанӣ не. Аммо… кина ҳам надорам, — гуфт Эҳсон рӯ турш карда.

— Кина надоштанат нағз не… Наход, ки ин хел ҷавони безарда бошӣ?! Намедонистам, — гуфт Мастура парешонҳол. Сипас илова кард: — Хуб, ба гузашта салавот гуфтаанд. Кори тақдир аст, — чашмони зан бо ҳаяҷон ба Эҳсон дӯхта шуданд. — Аслан, гуноҳи худат…

— Бас, гап назан, илтимос, — сухани ӯро бурид Эҳсон. — Ҳар чӣ буд, гузашт. Бигӯ, барои чӣ омадӣ?

Эҳсон инро гуфту бархоста бормони мошинро кушода, курси мусофиратиро гирифту ба замин гузошт ва Мастураро ба нишастан таклиф кард.

Мастура намедонист ба чӣ навъ сухан сар кунад ва чӣ гуна ба сари матлаб ояд.

— Аҷоиб… Ҳеҷ бовари кас намеояд, ки ту вақти худро ба бозӣ сарф мекунӣ! — гуфт, вале аз ин беҳудагӯӣ хиҷил гашту ба тарзи “ҳангоми дудилагӣ ҳақиқатро гӯй” амал карду пурсид: — Ҳолӣ ҳам, аз афти кор, хонадор нашудай?

— Ҳар як кор вақту соат доштаст, — гуфт Эҳсон бепарво бештар барои фурӯ нишонидани изтироби ҳамсӯҳбаташ. — Зандорӣ ҳам ӯҳдадории изофа барин…

Соли охирин таҳсил дар аспирантура буд. Эҳсон ягон вақти холӣ надошт. Фурсати хӯрокхӯриашро ба худ истироҳат мешумурд ва беш аз шаш соат ҳаргиз хоб надошт. Баъзан аз вохӯрӣ бо Мастура низ сар метофт.

— Ҳа, гап зан, чаро омадӣ?.. Натарс, калтак катӣ намеронам, — ҳоло бо ҳазлу шӯхӣ ба ҷавонзан ҷасорат бах-

шидан хост ӯ. — Шавҳарат ҷавони берашк будаст. — Сипас ба чашми Мастура нигариста савол кард: — Тинҷӣ, охир? Бубахш, ба назди мо одамон аксаран аз нотинҷӣ меоянд, одат кардаам…

Мастура сарашро пас афканду чашм аз замин набардошта, хеле муддат ба андеша фурӯ рафт. Эҳсон боз саволашро такрор кард, дилбардорӣ дод, ҳазлу кинояҳо намуд, то ки ҳисси бегонагӣ аз байн бардошта шаваду Мастура рози дилашро гӯяд.

— Намедонам, гӯям ё нагӯям? — гуфт ӯ ниҳоят сарашро бардошта бо авзои хеле ҷиддӣ ва ваҷоҳати андаке аламнок.

— Мегӯям гуфта омада бошӣ, гӯй-дия, — гуфт Эҳсон ин бор бепарво.

— Туро ҳамчун бародарам ба дил наздик гирифта омадам. Мабодо, ки ба дилат андешаи дигар нагузарад. Ба ҳар ҳол, ман туро ба худ наздик меҳисобам. Балки хато мекунам, намедонам…

Аз оҳанги ҳузнангези суханони ӯ Эҳсон матлабро пай бурда ва бепарво сухани занро буриду пурсид:

— Чӣ ҳодиса рӯй дод?.. Ягон каси наздикат ҳабс шуд-чӣ?

— Э, напурс… Агар вақте маро дӯст дошта бошӣ, кина нагир, илтимос мекунам, зорӣ…

— Э, мон ҳамин гапҳоро!.. — Ин бор сахттар ва ба дуруштӣ сухани занро бурид Эҳсон. — Дӯстдорӣ… Муҳаббат!.. — заҳргин киноят дошт вай. — Барои ишқбозӣ наомадаӣ…

— Муҳиб ҳабс шуд, ана барои чӣ омадам!.. — Дигар овозаш ларзиду чашмони Мастура лиққӣ об шуданд. Вай аз сумкачааш рӯмолча гирифта ашки чашмонашро пок

кард. Бехабар сурмаи мижгонашро ба рӯяш молиду Эҳсонро ханда гирифт. Дар як дам ҳалқаҳои чашми ӯ то ба абрувонаш аз таъсири ин изтироб сурх шуданд.

— Гуноҳаш вазнин — одам кушт. Аслан, вай бегуноҳ аст…

Эҳсон сараввал одам куштани шавҳари ӯро шунида, аз тааҷҷуб сар ҷунбонду ҳуштак кашид, баъди суханони бемантиқи Мастура лабханд кард. Албатта, ӯ ҳар рӯз аз рӯйи вазифа аз одамони гуногун чандин бор ин гуна даъвоҳоро мешунид, вале ҳеҷ гумон надошт, ки Мастураи ҳамадон ҳам дар ин бобат мисли дигарон соддалавҳ аст.

— Муҳиб қасдона назадаст. Онҳо ӯро куштанӣ омадагӣ… Баъзеҳо мегӯянд, ки илоҷи халосиаш ҳаст. Агар ту тафтиш мекардӣ… — Мастура илтиҷоомез ба рӯйи Эҳсон нигарист. — Ба талабат аз дуру наздик одамон меомадаанд… Хайр, илоҷи халосиаш ҳаст ё не? А? Ба ман росташро гӯю мон.

— Ту ин хел саросема нашав… Одам кушт мегӯӣ, одамкушро аз ҳабс халос кардан магар мумкин аст?!

— Қасдона накуштаст, нохост…

— Як ронандаи автомашинаро суд карданд. Пирамарде аз болои мошинаш парида ҳалок шудаст. Магар ронанда қасдона ӯро кушт ё ғаразе дошт?

— Албатта, боз ту беҳтар медонӣ. Лекин ҳама мегӯянд, ки Муҳиб гунаҳгор не. Гӯш кун, ман аз як сар гӯям: Муҳиб байтори колхоз буд. Ҳамон шабу рӯз ба гову гӯсолаҳо дору мегузаронд. Дар ферма Гуласал ном як духтари хешаш говдӯш буд. Як духтари бетолеъ. Ба як марди занмонда доданд. Бо шавҳараш ситорааш ҳеҷ рост наомад. Шавҳараш Туроб ном дорад, як марди бадзарфи ху-

добехабар, шаб — бангию рӯз — ҳангӣ. Дар байни зану шавҳар чӣ гап мегузараду Туроб ба ферма омада занашро дошта заданӣ мешавад. Муҳиб ба миён медарояду Туробро тела дода аз дарвоза бароварда меронад. Ана, ба миёни ду касофат даромаду ба боло монд. Сонӣ Туроб ҳамроҳи додараш Раҳмон меояд. Муҳиб боз сари роҳашонро медорад. Туробро хурду калон — ҳама медонанд. Аз зани аввалинаш фарзанд наёфта ҷудо шудагӣ, аз Гуласал ҳам фарзанд надорад. Аз алам шабу рӯз арақхӯрӣ мекунад. Ана, сонӣ кор ба занозанӣ мерасад. Ду додар ба Муҳиб дармеафтанд. Занҳо ғавғоро шунида, давида меоянд. Ҳар ду ба Муҳиб дарафтода расо ӯро кӯфтаанд. Онҳо кӯбанд, ин нигариста мешинад-чӣ? Мушташ расидаст ё не, Туроб афтодаст, балки ягон хел дардаш гирифтагӣ, кӣ медонад?! Боз худаш аз ҷояш хеста рафта болои алаф дароз кашидаст. Гӯё ба додараш гуфта бошад, ки хунаш ба гардани Муҳиб. Намурда таҳтар рав, касофат!.. — Мастура бо авзои кулфатзада ба ин минвол дуру дароз ҳикоят кард, якеро сиёҳ, дигареро сафед сохт, фикри мардуми деҳа, ҳукми ҳар тарафро гуфту сипас маслиҳатомез пурсид: — Хайр, чӣ мегӯӣ?.. Буду шуди воқеа ана ҳамин.

Эҳсон дуру дароз дар андеша афтод. Аз рӯйи суханони Мастура гуноҳи Муҳибро андоза гирифтан ғалат буд. Воқеа ба назар ҳамту оддӣ, ҳама гапу кор равшан менамояд, вале агар чуқур таҳқиқ кунед, ҳеҷ як амал тасодуфӣ нест, сабабе дорад. Масалан, чаро шавҳараш Гуласалро заданӣ омадаст? Боз дар ферма? То ба хона омадани занаш сабр карда натавонист?.. Чаро ин хел сахт шӯридааст?.. Муҳиб аз тасодуф ба миён даромада ё…

— Ин воқеа ба назари аввал ҳамту, оддӣ намояд ҳам,

хеле чигил дорад, Мастура. Фоҷиае, ки зан ба миён афтодаст, бегап намешавад. Таҳқиқи ҷуқур бояд.

— Барои чӣ ту ба одам бовар намекунӣ? Ҳама шоҳидон зиндаанд! Наход, ки ман дурӯғ гӯям?!

— Не, ту дурӯғ намегӯӣ… Тахи гапро ҳанӯз ман ҳам, ту ҳам намедонем, дигар шоҳидони ин фоҷиа ҳам намедонанд. Аз ин рӯ ба назар оддӣ менамояд.

— Хуб, агар мураккаб аст, ба фикрат, ягон илоҷи халосиаш ҳаст ё не? Ана, ҳаминашро бигӯ.

— Дар ҳар ҳол, шавҳарат гунаҳкор барин. Баъди тафтиш равшан мешавад.

— Тафтиши онро худат ба зимма мегирӣ?

— Хайр, аҷаб не, ба ман супоранд. Кӯмаки ман ба ту ҳамин мешавад ки кӯшиш мекунам, ки ҳақиқат кунам. Ҳукмро суд мебарорад. Сонӣ “дард аз Худою гила аз ҳамсоя” нашавад.

Мастура чашм аз як нуқта наканда, як дасташ ба зери занахдон хеле вақт хомӯш монд. Баъд хаёломез гуфт:

— Албатта, аз рақиби худ қасдатро мегирӣ! — Чашмони тобноки ӯ алмосвор дурахшиданд.

Эҳсон гилаомез ба рӯйи Мастура нигариста оҳе кашид. Баъди лаҳзае таҳаммул кулфати ба сари ҷавонзан афтодаро пеши назар оварду заҳрашро фурӯ бурд.

Вай ҷузъбандро кушода, баёноти гунаҳгорон, шаҳодати гувоҳҳо, варақаҳои саволу ҷавоб, хулосаҳои озмоишу таҳқиқи тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба ҷинояти Муҳибу Раҳмон вобастаро бори дигар аз назар гузаронду ба андеша фурӯ рафт. Дар як кунҷи дили муфаттиш шубҳае буд, вале ӯ онро ба ҳеҷ кас гуфта наметавонист. Гапи набудагиро баъзан луқма дода, ба даҳони гувоҳ ва ё гунаҳкор андохтан ҳамаро ба ғалат меандозад. Агар Муҳиб бе-

гуноҳ ҷазо гирад, якчанд сол сахтӣ мекашад, аммо муфаттиш як умр дар азоб мемонад. Азоби виҷдон барин азоби ҷонсӯз нест!.. Раҳмон пас аз марг ба номи бародараш доғ задан намехоҳад. Гувоҳҳо бошанд, хайр, мурдагӣ мурду рафт, дигар зинда намешавад, қисматаш ҳамин будаст, акнун ба зинда ҷабр нашавад мегӯянд. Риштаи ҳаёти инсон канда шудаст!.. Ин гапи ҳазл не, гунаҳкор хатман бояд ҷазо бинад. Агарчи дар ин фоҷиа гунаҳкори асосӣ худи мақтул аст… Беҷазо мондани одамкуш ҳодисаи мудҳишест, ба гӯши ҳар кас ҳам сахт мерасад. Ҳаяҷон ва мутаассирӣ ба рӯҳи кас тазйиқ меоварад. Муфаттишу прокурор, раиси суд ва мушовирон, гувоҳҳо ва ҳозирон — ҳама дар зери тазйиқи он ҳодисаҳои мудҳиш баъзан аз ҳақиқати ҳол бехабар мемонанд. Бояд инро ҳамеша дар мадди назар дошт. Фарз кардем, Муҳиб маҷбур буд худро муҳофиза кунад. Вазъияти зарурати муҳофиза гуноҳи ӯро мебахшад. Хайр, барои аз ҳадди эътидол гузаштан андаке ҷазо мегирад. Лекин мардум ба осонӣ ба ин бовар намекунанд, одамкушро озод кард мегӯянд… Вазъияти муҳофизати ногузир на фақат ҳангоми ҳамла ва ё муштбардорӣ, балки ҳамин ки хавфу хатаре пайдо шуд, ба амал меояд… Сипас, сабаби ҳамаи ин фоҷиа тасодуф аст?.. Ҳеҷ бовари кас намеояд. Аксар ҳангом мо сабаби ҳодисаро ба тасодуф ҳамл мекунем. Ин ҳам як аломати коҳилӣ ва оҷизии идораи тафтишоти мост… Агар муфаттиш кор кардан мехоҳад, ба тасодуф ва норавшанӣ ҷо намемонад…

Фикру андешаҳои Эҳсон ҳеҷ поён надошт. Беш аз ҳама як савол шабу рӯз ӯро нороҳат мекард: “Оё Муҳиб холисона ба ҳимояи Гуласал бархостааст?..”

* * *

Баъди як моҳи суди Муҳибу Раҳмон рӯзе дар шаҳр Эҳсон аз говдӯшдухтарон Анорро диду дақиқае чанд ҳамгап шуд. Маҳз ҳамин духтараки лоғарандом асрори ишқбозии Муҳибу Гуласал ва кушта шудани Туробро гуфта, кӯргиреҳеро, ки се моҳи расо Эҳсонро саргаранг медошт, во намуда буд.

Ҳоло онҳо дар омади гап, аз мурофиаи суд сухан кушоданду Анор ба ёд овард, ки чӣ гуна шабҳо бо Гуласал ғайб задани шавҳарашро шунида, Мастура аз толори суд баромада рафт.

— Гумонам аз ман домангир аст, не, хайрият, ҳеҷ ранҷидагӣ барин наменамояд, — изҳори мамнунӣ кард Анор. — Мастура-апа, гуфтам, аз ман наранҷед, агар росташро нагӯям, як умр дарунам ба зардоб пур мегашт…

— Аҳволаш чӣ тавр? — Азбаски фурсаташ танг буд, сухани ӯро ба ночор бурида пурсид Эҳсон.

— Аҳволи Мастура? — боз пурсид Анор ва ишораи тасдиқ гирифту гуфт: — Ба шумо нагуфт-чӣ? Дигар ба деҳа наомад. Дар суд ҳам набуд, барои чизу чорааш ҳам наомад. Гӯё гуфтааст, ки агар Муҳиб одам кушта, даҳ сол ҳабс шавад ҳам, интизор менишаст, аммо ба марди ҳарому бевафо як рӯз ҳам зан намешавад. Хонаву асбобаш ҳам ҳаром аст, гуфтаст.

— Ҳа-а-а… Ин хел гӯед… Аҷиб, — гуфт Эҳсон аз ҳайрат ангушт ба манаҳ ниҳода. — Ба ғурури вай қоил мешавед… Аз ростӣ… — Худ ба худ гӯё ба Мастура ҳукм мебаровард ӯ.

***Соли 1973***

# ГӮШТИГИРӢ

Дар миёнаҷои давра аз кундаю ғӯлаҳои яклухт гулхани бузурге афрӯхта буданд. Оташ баъзан баробари ду қадди одам баланд гашта, ҳезум часар-часаркунон ба атроф шарораву лахча мепарронд. Шӯълаи гулхан атрофро равшан карда, рӯйи одамони дар қатори пеш нишастаро метафсонд. Онҳо гоҳ бо як даст, гоҳ бо дасти дигар рӯяшонро аз ҳарорати сӯзони оташ панаҳ мекарданд, аммо ҷойи тамошобобро аз даст намедоданд.

Давродаври гулханро ҳамвор карда, рег пошидаанд.

Дар сафи пеши давра, асосан, пирону даҳанкалонони деҳа ва меҳмонони аз роҳҳои дуру наздик омадагӣ нишаста, чой менӯшидаиду, сӯҳбат мекарданд. Дар байни онҳо роҳбарони колхоз, идораи ҷамоат ва ноҳия ҳам буданд. Дар ақиб дигарон — мардон, ҷавонону бачагон, дар ду-се ҷой тӯдаи занону духтарон нишаста, ҳама интизори шурӯъи гӯштӣ буданд.

Саркор баъзеҳоро ақибтар шинонда, майдонро барои гӯштигирон васеъ карду аз ҳозирон гаштаю баргашта мепурсид, ки Комил-полвон ҷаро бедарак аст.

Саволи саркор даҳан ба даҳан гузашта, ба гӯши полвони ин дам ба тӯда ворид шуда расиду ӯ аз торикӣ овоз баровард:

— Тақсир, мо дар ҳамин ҷо!

— Э, дар куҷо гум шуда гаштед? Ҳама ба шумо нигарон, — саркор ба сӯйи овоз муроҷиат кард.

Дар ақиби издиҳом каллаи калон ва пешонии фарохи Комил-полвон намудор шуд.

— Ҳой, полвон, имшаб гӯштӣ буданашро намедонистед-ҷӣ?!

— Соати ҳашт, баъди ҳама рафтан як мошин беда оварданд, — бо овози баланд сабаб меоварід ӯ. — Ночор ҳамроҳи ронанда фуровардаму ба ғарам зер кардам... Як

бор ба тӯйхона даромада, муборакбод гуфта бароям? — иҷозат хост вай. Матлаб аз ин “муборакбод гуфтан” хӯроке хӯрдан буданаш ҳам ба саркор ва ҳам ба дигарон равшан буд.

— Муборакбодро дар ҳамин ҷо мегӯед. Барои шумо ошро ба ҳамин ҷо меоранд. Саркор ба ҷониби тӯйхона



фарёд кард: — Ҳой, Абдувалӣ, барои полвон дастархон!..

Комил-полвон аз сафи пеш, дар канори се-чор нафар мӯйсафедон нишаст, ки пирони обрӯманди деҳа буданд ва хурду бузург дар ҳар боб ба адолати онҳо шубҳа надоштанд ва дар воқеъ ҳам, ин нафарон аз ҳар гуна таассуб пок буда, ҳамеша дар баҳсу талош ва дигар маъракаи ин мардум ҳакам ва довари боэътимод ҳисоб меёфтанд.

Саркор ду нафар писарбачаҳои ҳафтсоларо аз байни бачаҳои довталаб пеш баровардa, қабл аз он, ки ба талош андозад, барои гӯштии имрӯза аз кӯҳансолони давра фотиҳа пурсид.

— Пирон даст диҳанд, арвоҳ мададгор шаванд, афтодаро замин бардорад, афтондагиро... — яке аз он пирон, ба ин минвол хеле суханони дуо гуфту бо тантана ба фотиҳа даст кушод: — Оми-ин!..

Ҳама даст ба рӯй кашиданд. Баъд саркор он ду бачаро, ки мисли хурӯсчӯҷаҳо ҳар лаҳза омодаи ба якдигар ҳамлакунӣ буданд, ба гӯштӣ андохт.

Гӯштигирии бачаҳо ғалатӣ аст! Онҳо мисли калонсолон такаллуф ва худнамоӣ надоранд, барои озмудани ҳамдигар тӯлонӣ чарх намезананд. Бачаҳо, ҳамин ки даст ба камари якдигар расонданд, гарму ҷӯшон талош мекунанд. Ана, кайҳо афтонд!.. Писараки афтида ҳунгос зада ба гиря шурӯъ кард. Саркор бо нигаронӣ ӯро ҳолҷӯӣ кард:

— Чӣ шуд, канӣ?.. Куҷоят?.. А?.. Бигӯ? — вай дасту пойи ӯро бо дастонаш ламс кард, ки мабодо зарба нахӯрда бошад.

— Га... гар... гарданама ханҷолид...

— Ҳеҷ гап не, канӣ?.. Э, барои ҳамин ҳам одам гиря мекунад? Айб аст... Ма, — саркор ба вай ҳам як худнавис ҳамчун подош дод.

Ду нафари дигар дар майдон талош доштанду боз

чанд нафар довталабони кучак камар баста, омодаи ба гӯштӣ даромадан буданд. Кадоме аз ҳарифон ғолиб меояду бо вай бояд гӯштӣ гирад, барои ин ғайратмандони хурдсол фарқ надошт.

Комил-полвон аз талоши бачаҳо чашм наканда, пиёлаи чойи кадоме дароз кардаро ҳӯрт мекашид. Чойи сабзи талх ба меъдаи холӣ чандин таъсири хуш надошт магар, ҳар дам ба атроф нигариста, фаҳмонданӣ мешуд, ки дастархон наовардаанд. Аммо чашму гӯши ҳама ба гӯштигирон банд, ба назди полвон дастархон овардан ба ёди касе намеомад. “Сабили ишкам расо танбӯр навохт-ку!” — гуфт вай худ ба худ. Баъд боз ба умед ба самти тӯйхона нигарист. — “Раҳматӣ падарам, мегуфтанд-а, нонро пеши по назан. Аз гӯштӣ дер накунам гуфта мастобаи занакро нахӯрда омадам, уболаш гирифт. Нона пеши по задан намешавад... Ба ишками гушна гӯштӣ ҳам завқ надорад. Хайр, меовардагист, фаромӯш накунад шуд...”

— Канӣ, полвон, чӣ шуд, чӣ мегӯед? — Ногоҳ саркор ду нафар гӯштигири ба паҳлӯ афтодаро боздошта, ба ӯ рӯ овард.

— Ҳалол шавад. Дубора, — ҳукми худро гуфт полвон. Садои вай мисли ҳарвақта қатъӣ ва салобатнок набуд.

Навбати гӯштӣ тадриҷан аз хурдсолон ба наврасон мегузашт. Гӯштигирии наврасони 14-15 сола хеле ҷиддӣ ва арзиши тамошо аст. Ҳиммати тӯйдор ҳам бад не. Саркор мукофоти ғолиб — як дастгоҳи аксбардориро аз қуттиаш берун оварда, ба мардум нишон дод ва сипас, онро ба дасти полвон дод. Одатан, баранда ҷоизаашро аз дасти полвон мегирад. Комил-полвон ғилофи чармини онро даст-даст карда диду фикр дошт, ки қимматаш чанд пул бошад. Ин Бахтиёр як умр ба кори сиёҳ даст назад, таҳсил

накарда бошад ҳам, корчалон баромад, — мегуфт вай ба дил бобати соҳиби тӯй андешида. — Як даҳ соли охир дар райпо, ба мағозаҳо мол медиҳад. Дӯкондори деҳа мегуфтаст, ки аз ҳар қуттӣ арақ як дона-ду дона ба худаш мегирифтаст, аз чойи нағз ҳам, аз дигар чизҳо ҳам. Баъд дӯкондорҳо ҷуброни онро аз мо мебаровардаанд...

Ду тан наврасон уқобвор ба ҳам дарафтоданд. Комил-полвон як-ду сол аз инҳо калон буд ё не, дар тӯйи арӯсӣ бо як ҷавони дар гӯштӣ номдор гашта талош карда, ӯро афтонду номи "Полвон"-ро гирифта буд. Ҳамон вақт соҳиби тӯй ба вай граммофон дод. Он вақт граммофон дар ҳар деҳа якта ё дута буду тамом... "Э-э, дастархон овардан аз хотирашон рафт. Саркор ҳам як бор нигоҳ намекунад, ки ишора кунам. Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна!.. Ҳамдам-қассобро чӣ фалак задаст, дирӯз ба нася як кило гӯшт надод-е. Ягон бор гӯшт гирифта, пулашро надода намондаам-ку! Аз баҳри насяфурӯшӣ баромадаст!.. Гӯшт — танқис, бозораш тез-дия. Кӣ дар ҷайб доим пули накд дорад?! Ин ҷо ба ту шаҳр аст-чӣ?.. Эҳ, канӣ, ҷавонтар бошаму аз ин гӯштӣ як гӯсфанди фарбеҳ гирифта барам. Дар охир, барои полвонҳои калон гӯсфанд ё қолин будагист? Бе ин намешавад... Билоохира, ба ман ҳам, як вақте полвон буд, гуфта чизе шавгун медиҳанд: калӯш ё ягон яктаҳи чит..." Полвон оҳиста оҳи бадард кашид.

Ба ҳамин тариқ, ӯ чашм ба гӯштигирон фикр мекарду фикр мекард. Ҳарчанд сайъ кард, аз қайди ин андешаҳо баромада, лаҳзае бо атрофиён ё гӯштигирии бачаҳо машғул шавад, аммо натавонист. Ба гӯшаш гап намефорид. "Наход, ки ба тӯй гурусна омада, гурусна равам? Э, ин қадар дабдабаю дову дастгаҳатро ба сарам занам! Ошу нонат бошад ҳам, хешу табор, ёру дӯсти дурустат набудаст.

Дар ин хел вақт наздиконаш аз омадаю равандагон хабардор шаванд-дия! Ҳамин ҳам кор шуд!.. Ин не, вай не, Бахтиёр ҳам калонҳоро мешиносад. Ба ҷойи ман раис омада шинад канӣ... Барои дилёбию дилҷӯӣ тӯй мекунанд... Ягон мансабдор ояд, "хуш омадед" гӯён дар гирдаш мечарханд... Ҳамин ҳам мардӣ аст?! — Ӯҳ, Рауф ҳарифаша бардошт!.. Ҳа, ана, ба сари зону гирифт. Парто зудтар!.. Ҳа, бале!.. Тавба кардам, ҳеҷ кас гумон надошт, ки ҳамин шатрама одам мешавад. Чунон бесар, чунон айғоқ буд, ки ба замин занед, ба осмон меҷаҳид! Дар шикамаш як рӯдаи рост надошт. Аз дасти ин на полизи мардум дар амон буду на арғамчини мол. Ба қавле, аз ганда пӯст меканд, аз нағз — пӯстин. Ба сарбозӣ рафту одам шуда омад... Суфра овардан аз ёдашон рафт... Ҳозир агар ба ҷойи ман нафари ба инҳо нафъаш мерасидагӣ ояд, ҳамааш тохта меомад... Аслан, барои халқ тӯй намедиҳанд, барои раису роҳбарон..."

Наздики ду-дуввуним соат гӯштӣ гирифтанду тадриҷан навбати паҳлавонони номдор расид. Ҳама медонистанд, ки аз деҳаи Яккатут Мурод ном паҳлавони маъруф барои бо Сангин гӯштигирӣ омадааст. Сангин паҳлавони номдори ин гирду атроф, шогирди Комил-полвон, умеду ифтихори вай аст. Комил-полвон шогирди бисёре дорад, аммо Сангин комилан дигар аст. "Паҳлавонӣ ба вай мерос. Аҷдод-аҷдодаш паҳлавон гузаштагӣ. Комил-полвон раҳматӣ бобои ӯро дар хотир дорад, мисли як фил қувват дорад, мегуфтанд. Тахтапушташ ба замин норасида аз гӯштӣ баромад, аммо лаънатӣ мӯҳтоҷӣ ӯро маъюб кард. Мегуфтанд, ки Хӯҷамуроди аллоф як имorати дакаданг сохта, барои шаҳсутуни айвонаш аз сойи Ҷизмон як дарахти чормағзро ғалтондаст. Роҳи кӯҳ танг, улав намегардад. Чор йигити ҳузарб ду рӯз овора шуда, ғелондаю ка-

шола карда, сад қадам барин овардаанду бас. Хӯҷамурод, замин хабар накашад, одами айёр буд, мегӯянд. Рӯйирост аз паҳлавон илтимос накардааст. Андешидааст, ки ноходогоҳ маъюб шавад, дар пеши мардум умрбод рӯсиёҳ мегардад. Бинобар он, овоза сар додаст, ки агар ҳар кас ҳамон ғалачӯбро биёрад, як пуд гандум медиҳад. Паҳлавони камбағал инро шунида, дар зарфи як шаб танаи дарахти чормағзро оварда, ба назди дарвозаи бой партофтаст. Аз ҳавлии бой то ҳавлии усто дусад қадам мебарояд ё не, ғалачӯбро бурданӣ шаванд, ба ду барзагов ниёзманд шудаанд. Мегуфтанд, ки ана, пас аз ҳамон воқеа паҳлавон дигар ба худ наомад, қоматаш рост нашуд. Бархе мегуфтанд, ки вай маъюб шудагӣ, баъзеи дигар чашм расид, мегуфтанд. Боз кӣ медонад, ман раҳматиро аранг-аранг ёд дорам, — мегуфт худ ба худ андешида Комил-полвон. — Дар рагу пайи Сангин қуввати бобояш ҳаст. Ман ба вай нозукиҳои ҳунарамро ёд додам, боқимондааш ба худаш вобаста. Сангин дар аввал як авҷ карду сонитар танпарвар шуд. Мисле ки, маишат, сониян, сабилмонда шароб шасташро гардонд... Дар як дастархон дуто нону мева ҳам наоварданд-е!.. Ҳе, ноумедҳо! Агар ош тамом шуда бошад, нону чой ҳам нест-чӣ?.. Арвоҳ занад...”

— И-и-и, полвони яккатутиаш ба майдон баромаданӣ-ку! Э-э, вай ин Тоҳирчаро меафтонад... Мурод — Мурод мегӯянд, ҳамин будаст-дия. Хело ҳам бӯзбала-ку! Ҳар як кафаш бел барин-е! — гуфт мулло Норӣ дар ақиб нишаста даҳонашро ба тахи гӯши Комил-полвон наздик карда.

— Ҳа, сахттар чангол занад, қабурғаи Тоҳирчаро канда мегирифтагӣ барин, — Комил-полвон ҳам ӯро назараш гирифт.

Комил-полвон ҳаракатҳои Муродро мушоҳида кар-

да, ӯро аз ҳар ҷиҳат писандид. Паҳлавони ҷавон ҳанӯз шармин буда, ба сухан даҳон кушояд, хиҷолат кашида, сурх мегашт. Хоксору батамкин буданаш аён. Ҳа, мағрурию худнамоӣ надорад.

Вақте ки вай бо Тоҳирча ба талош шурӯъ кард, Комил-полвон эҳсос кард, ки меҳмони паҳлавон ҷавони бақувват буда, ҳанӯз аз қудрату тавоноии худ бехабар аст. Вай баъди он ки ҳарифашро ду-се бор афшонда дида, зӯри ӯро санҷид, дилпурона ба вай наздик рафт. Тоҳир ҳам қувваи ӯро фаҳмиду ана, худашро дур мегирад. Дуруст. Агар ба зери бағали Мурод афтад, вай бо вазни худ инро беҳолу бемадор мекунад.

Паҳлавонон чунон ба ҳам дарафтоданд, ки саркор аз хавфи он ки ногаҳ ҳамдигарро ба оташ назананд, мудом дар тарафи гулхан меистод.

Тоҳирча Муродро хеле арақшор кард. Мурод ҳар қадар сайъ карда ӯро ба чапу рост меандохт, аммо бенатиҷа буд. Тоҳирча ба ҳарифи худ сахт такя партофта, монанди кундаи чанор ноҷунбону маҳкам меистод. Аз байни издиҳом овозҳои таҳсин баланд мегашт.

— Сахт ист, Тоҳир!

— Ту аз вай кам нестӣ!.. Нони трактор ҳалол аст!..

Полвон авлоду наҷоди Тоҳирчаро ҳам хуб медонад: “Падараш як одами лоғари нимҷон. Паҳлавонӣ ба Тоҳирча аз тӯби модараш мерос аст. Тағояш полвони забардаст буд. Як йигит буд, ки аждаҳо мегуфтед. Афсӯс дар ҷанг нобуд шуд...”

Комил-полвон таърихи гӯштӣ ва гӯштигирони 30-40 соли охирро дар кулл нағз медонист. Вай замони наврасиаш гӯштигирии тағои ана ҳамин Тоҳирчаро дида буд. “Дар як тӯйи бузург тақрибан тамоми полвонҳои шӯҳрат-

манди гирду атроф ҷамъ шуданд. Тағои Тоҳирча — Абдусамад дасташ омад карду ягон-ягон шаш полвонро афтонд. Як номарди дигар — Ҳафиз ҳам даъвои полвонӣ дошт. Мардум шӯру ғавғо бардоштанд, ки ӯ ба майдон дарояд. Ночор ба майдон даромаду бо Абдусамад даст ба миён шуд. Абдусамад, дар ҳақиқат, полвони зӯрдаст, ҷавонмард ва тандеҳ буд. Ҳамин ки Ҳафизро ба сари сина бардошта, ба замин заданӣ шавад, ин номард аз андоми нозуки полвон гирифт. Абдусамад аз зӯри дард бо қаҳр ӯро чунон ба сари синааш фишурд, ки аз даҳану бинии Ҳафиз хун омад. Ҳафиз пеш аз ин ҳам дар як маъракаи дигар бо сари зонуяш ба шиками ҳарифаш зада, сабабгори сару садое гашта буд. Бахше аз одамон, ки он лаҳза аз номардии Ҳафиз хабаре надоштанд, ба тарафгирии вай бархостанду қариб деҳодеҳи калон сар зад. Қаблан дар тӯйҳо ба гӯштию бузкашӣ ҳар як қавм йигит ҷамъ карда, дар бағал гурзу калтак, теғу шашпар мерафтанд. Баъзан тӯйҳои бузург бо хунрезию мотам тамом мешуд. Ҳар як деҳа, ҳар як қавм орият гуфта ҷон медоданд-е! Аҳмақира бинед!.. Ҳукумат ҳамаро ба тартиб оварда, хуб кори савоб кард... Аммо равнақи гӯштӣ ҳам аз миён рафт. Давраш гузашт. Он хел тӯйҳо ҳам нест, он хел полвонҳо ҳам. Ҷавонҳои ин давр се бор талош кунанд, нафасашон танг мегардад. Ҳамааш аз сигор, аз шароб. Баъзе йигитҳо ба сӣ даромаданадаромада чарбу мебанданд. Одам фарбеҳ, ки шуд, аз вай полвон намебарояд...”

— Маҳкам ист, Тоҳир!

— Ҳа, дастакотба садқа!..

Шӯру садои мардум Комил-полвонро аз банди хаёлот ба худ овард.

Ҳеҷ чашмдошт набуд, ки Тоҳирча Муродро ин қадар

хаста мекунад. Аз ҳозирон ин сирро аксаран мутаваҷҷеҳ нагаштанд, аммо мардони гӯштӣ дида мақсади Тоҳирро фаҳмиданд. Вай баро ба замин афтондани ҳарифаш сайъ намекард. Худашро аз ӯ канор гирифта, имконият намедод, ки талош зуд яктарафа гардад. Мурод бошад ҳамвора мекӯшид, ки зудтар ӯро парт кунад. Қасди Тоҳир ҳам ҳамин — ӯро хаста кардан буд, то ки ба дӯсташ, ҳамдеҳааш Сангин роҳату осон шавад. Сангин кайҳо тағйири либос карда, омодагӣ медид.

— Парво накун, Тоҳир, Сангин дар ҳамин ҷо! — фарёд кард кадоме барои ба Тоҳирча дастгирӣ ва рӯҳ бахшидан.

“Чойникҳои чойро дам ба дам бурда мебиёранд, аммо аз дастархон хабаре нест. Ё ба саркор як ишораи бурут карда фаҳмонам-чӣ? Зишт аст охир, мардуми давру бар чӣ мегӯянд? Саркор аз худаш дониста гӯяд, ҳарфи дигар. Ҳаваси вай ҳозир ба гӯштӣ. Мисли ман кулли рӯз ғарам зер кардааст-чӣ?.. Хайр, ҳеҷ гап не, як шаб-дия. Мардум рӯза медоранд-ку! Аз тӯй нарасад, гила накун, гуфтаанд...”

— Мурод, телба нашав!.. — кадоме аз меҳмонон мақсади Тоҳирчаро эҳсос кард магар, ҳамдеҳаашро огоҳ кард.

Қийғоси аҳли маърака баланд гашт. Мурод оқибат Тоҳирчаро ба сари сина бардошту пойи ӯро аз замин канд ва як бор давр гардонду зад. Гӯё замин кӯчида бошад, аз издиҳом наъра бархост:

— Ӯ-ӯҳ!..

— Қандата зан! Мошоллоҳ!..

— Ҳалолат бод! — гуфт Комил-полвон ҳам зери лаб ба таҳсин сар ҷунбонда.

Пирамардони атрофаш ҳам ба таҳсин лаб кушоданд.

— Ҳалол... Ҳалол...

— Беғилу ғаш гӯштӣ гирифтанд!

— Ҳаққи ҳалол!.. Қанд занед!..

Мурод пеш омада радиои инъомиро аз дасти Комил-полвон гирифт. Вай дар ҳолате, ки тунд-тунд нафас мегирифт, чолок онро гирифту бурда ба дасти яке аз наздиконаш дод. Мурод баъди каме ин тараф-он тараф роҳ гашта, тапиши қалбашро паст кардан, рафта дар канори ҳамдеҳагонаш нишаст. Ду нафар ҷавони бӯзбала ба молидани дасту пойи ӯ машғул шуданд. Дигарон ба сӯйи ӯ хам шуда, маслиҳати як марди миёнсолро гӯш мекарданд.

Сангин аз гӯшае оҳиста ба майдон даромаду маъракa лаҳзае сокит гашт. Ба назари одами бегона чунин менамуд, ки ӯ гӯё ваъз мегуфта бошаду халқ барои сухани вайро шунидан ором шудаст. Сангин бо кафи даст чашму рӯяшро аз дуду аз гармии оташ панаҳ карда, оҳиста майдонро давр гашт. Ҳар нафаре, ки ӯро бинад ҳам паҳлавон мегуфт. Навча, синафароху камарборик, дасту бозувонаш мисли оҳани тобхӯрда, чеҳракушод — хуллас бо тамоми ҳастиаш мегуфт: паҳлавони ҳақиқӣ манам! Ҳама бо шавқ ба қаду басти ӯ зеҳн монда буданд. Сангин, аз рӯйи одат, давраро чарх заду омада дар рӯ ба рӯйи Комил-полвон дузону нишаст ва аз устоди худ фотиҳа пурсид.

— Ҳаросон нашав, дасти ман не, дасти бобоям, гӯй... Пирон мададгор шаванд... — Комил-полвон даст ба рӯй кашиду лаҳзае ба чашми Сангин нигарист. Баъд ба сӯи ӯ хам шуда, бо овози паст гуфт: — Ба ман нигар, ҳой... аз вай сабилмонда хӯрдагӣ барин менамоӣ... Чӣ ҷин зад ба ту? И-и... Охир масҷид... И-и... Э, пир занад тура...

— Камакак зарар надорад, тағо... Бачаҳо намонданд...

— Номаъқул кардӣ!.. Гӯштина мурдор накун! — Як-



бора ба шӯр омад Комил-полвон, аммо садояшро баланд накард.

— Э, парво накунед!.. Ҳозир мебинед...

— Гарданат мешиканад! — Гуфт полвон ситезаомез сар ҷунбонда. — Бас, оҳиста аз майдон барою ҷомара каш! — Суханашро аз зиҳи дандон бароварда амр кард ӯ. — Ягон сабаб биёру дафъаи дигар мегирам гӯй ё рӯйирост

гӯю мон: камтар шароб нӯшида будам, устодам рухсат надоданд.

— Тавалло мекунам, рухсат диҳед... Маро беобрӯ накунед... — илтиҷо кард Сангин.

— Не, намешавад... Масҷид... — боз мақоли ҳангоми қаҳр мегуфтагиашро ба забон гирифт полвон.

— Хуб гӯед, охир... Мурам ҳам, аз ин намеғалтам... Ман ба номаш лаб тар кардам...

Комил-полвон лаҳзае дудила шуда ба рӯйи шогирди худ нигариста монд. Ин лаҳза мӯйсафедони дар канораш нишаста ба сӯҳбат ҳамроҳ гаштанд:

— Як зарра нӯшида бошад, ҳеҷ гап не, полвон...

— Ҳозир ҳамаи ҷавонҳо мехӯранд...

— Ба гапи ман бовар намекунед? — исрор мекард Сангин.

— Бовар кардан катӣ... — қадре мулоим гашта ғурунгос зад полвон. — Ҳамин ҳам кор шуд!.. Шарм кун...

— Дилпур бошед...

Атрофиён тӯл кашидани гуфтугӯйи устоду шогирдро дида, ба сӯйи онҳо чашми шавқ дӯхта буданд. Сангин барои ба дигарон сир боз накардан лабонашро моил ба табассум намуд. Баъди бо ишораи сар бархез гуфтани устодаш ӯ баланд шуду довталабона майдонро давр зад. Нидоҳои таҳсину офарин баланд шуданд:

— Ҳа, баракалло!..

— Кам нашав, додар!.. Саломат бош!

— А ҷонат гардам, сари моро паст накун!

Комил-полвон гурусна буданашро фаромӯш кард ё худ баъд аз гузаштани вақти муқаррарии хӯрокхӯрӣ иштиҳош кӯр шуда буд. Ҳоло ҳушу хаёлаш ба гӯштӣ. Шаш сол боз ӯ гӯштӣ намегирад. Ҳамсолонаш аз майдон баромадаанду вай ҳам ночор гӯштигириро канор гузошт.

Бо ҷавонон гӯштигирӣ хуб не. Аммо ҳар боре, ки Сангин ба майдон дарояд, тамоми узвҳои бадани Комил-полвон ба ларзиш медарояд. Мисле ки ҳозир худаш ба майдон медаромада бошад. Дили одаткарда балои ҷон будаст.

Сангину Мурод — ду тан қавитарин паҳлавонони ин маросим ба ҳам дарафтоданду атроф ба якборагӣ сокит гашт. Фақат чарс-чарскунон сӯхтани кундаҳои бед ва гурс-гурс пойкӯбии паҳлавонон ба гӯш мерасиду бас. Аҳли маърака нафасашонро ба дарун кашида, саҳнаи асосии гӯштигирии имшабаро тамошо мекарданд. Ин талош аз он ҷиҳат ҳам талоши бағоят муҳим буд, ки ҳар ду паҳлавон ҳам то ҳол аз касе мағлуб нашуда буданд. Ин гуна гӯштиро дидан ва шоҳид будан ба ҳар кас муяссар намешавад ва онҳое, ки гувоҳи мағлубияти паҳлавони пушташ замин налесида буданд, як умр ин воқеаро хотира карда, ба авлодон ҳикоят мегӯянд.

Сангин аз кӯфтагии Мурод истифода кардан хост магар, яку якбора ҳарифи ношиносро хуб наозмуда, ҳамларо шурӯъ кард. Аз ҳуҷумҳои Сангин Мурод саросема шуд. Мардум ба қувваи ҳамдеҳаашон дилпур шуда, ба ғулғула андозӣ ва офарингӯӣ сар карданд. Мурод паҳлавонвор истодагарӣ дошт ва ҳангоми ором шудани ҳарифи худ ду даст ба камари ӯ мунтазири ҳамлаҳои нав нафас рост мекард. Сангин, одатан, чусту чолок ва босуръат гӯштӣ мегирифт. Бинобар ин, ором ва бафурҷа чарх гаштани Мурод ба вай намефорид.

Комил-полвон ҳамлаҳои бебарори шогирдашро мушоҳида карду нафасгирии ноҳамвори ӯро пай бурд ва оҳиста, зери лаб “оббо” гуфту ба афсӯс ба зонуяш шаппотӣ зад. Баъд худ ба худ, аммо ба доварони паҳлӯяш шунаво зери лаб гуфт:

— Нагуфтам, ки арақ кори ина кардагӣ!..

Шиддати ҳамлаҳои Сангин кам-кам паст гашта, ҳоло ду паҳлавон монанди ду барзагови шох ба шох ниҳода, аз миёни якдигар дошта, ором чарх мезаданду фақат аҳён-аҳён ҳамдигарро такон дода мемонданд. Одатан, паҳлавонон ё барои озмудани усули якдигар ва ё ҳангоми монда шудан ин тариқ гӯштӣ мегиранд.

Расул-бобои андовакаш аз ақиб хам шуда, ба гӯши Комил-полвон гуфт:

— Инат аллакай арақшор гашт, ҷиян...

Пирамард пас аз сонияе чанд илова кард:

— Худат миёната бастан гир.

— Ман кайҳо бас кардагӣ, тағо.

— Ҳеҷ гап не, дар зарурат... Барои обрӯйи халқамон...

— Рагу пай хунук шудагӣ. Бекора чӣ даркор, — даст афшонд полвон.

Аммо ӯ эҳсос кард, ки дар таҳи дилаш майле ба гӯштӣ ҳасту, аммо забонаш инкор мекунад. Пай бурд, ки аз ақиб, аз паҳлӯ ҳамдеҳагони солдидаю рамузи гӯштигириро мефаҳмидагӣ, ҳоло ба сӯйи вай менигаранд. Паҳлавонон баъди тақрибан бист дақиқа талош кардан ҳар ду ҳам арақшор гаштанду саркор бо иҷозати доварон ба онҳо танаффус дод. Муроду Сангин камарбанди ҳамдигарро сар дода, ҳар яке ба назди тӯдаи худ рафта, дар пеши давра нишастанд.

Комил-полвон хотирпарешон менишаст. Шогирдаш ӯро нописанд кард, ба ҳарфаш гӯш надода, ба гӯштӣ даромад. "Шогирд тарбия карда натавонист", мегӯяд халқ. Усули гӯштиро ёд додан кам аст, одаму одамгарӣ, ҷавонмардию тандеҳиро ҳам ёд додан даркор. Ҷойи маро гирифт, акнун метавонам бо хаёли роҳат аз майдон бароям, гуфта будам.

Лаънат ба шароб, арақ рагу пайша сӯхтааст... Э-э-э...”

Сангин ба саркор чизе гуфту рафта, сарулибосашро пӯшидан гирифт.

— Наход?! — беихтиёр хитоб кард полвон. — Ҳай, афсӯс... Нотандеҳӣ кард... Расми полвонҳо ин тавр набуд...

— Гап зан, Комил-полвон!.. — Расул-бобо аз қафо заҳрханда кард.

Саркор ба назди доварон омада маслиҳат пурсид:

— Сангин мегӯяд, ки “дуранг”. Тобаш набудааст. Насиб бошад, ягон бори дигар мегирем мегӯяд... Хӯш, шумо чӣ мегӯед? — Вай як-як ба чашми доварон нигарист.

Пирони солманд маънидорона ба чашми якдигар нигариста, сар ҷунбонданду чӣ гуфтанашонро надониста, ба Комил-полвон рӯ оварданд. Полвон ба чашми онҳо нигариста натавонисту сарашро хам кард. Ин дам гӯё ҳама ба вай нигариста мегуфтанд: шогирди ту нотандеҳӣ кард!

— Насиби Муродро диҳед... — гуфт вай чашм аз замин набардошта.

— Хайр, ба Сангин ҳам чизе бидиҳед, — илова кард яке аз мӯйсафедон.

Дигарон дар тасдиқи ин ҳукм сар такон доданду саркор аз ҷояш бархост.

Комил-полвон норозӣ даст афшонду оҳиста худро ақиб кашид ва аз байни мардуми бо ғалоғӯла бархостагӣ гузашта сари хам аз маърака баромада рафт.

***Соли 1974***



# ГАНҶИ ШОЙГОН

## 1

Онҳо ба Мирзочӯл аз дигарон сонитар омаданд.

Моҳи апрель буд. Колхоз ба киштукор шурӯъ мекард. Чун хонаи тайёр набуд, бо маслиҳати раис, бору бунаи худро муваққат ба як кулбаи похсадевори соҳибаш партофта рафтагӣ, дар ҳамсоягии бобои Шодӣ фуроварданд.

— Хуш омадед, фарзандонам, хуб кардед, — гуфт мӯйсафед ду даст ба пушт онҳоро ба сӯи он кулбаи вайрона раҳнамоӣ кардаравон. — Тоза кунед, рӯбучин кунед, мешавад, одам зистагӣ ҷой. Мо саравал дар қамишкаппа зиндагӣ мекардем...

Ҳамсари Бобо-Шодӣ момои Холдона омада, Назокатро канор гирифту пурсупос кард, сипас ба рухсораҳои тару тозаи ӯ нигариста, таассуфомез сар ҷунбонд.

— Хайфи ин рӯякот духтарам, чиба ин тараф омадӣ?! Аз ин гармсери зормонда чӯби оташкоб мешавӣ. Хирвори зар диҳад, ки ба як пиёла оби кӯҳамон намеарзад.

Бобои Шодӣ дари кулбаи бесоҳибро кушода, онҳоро ба дарун ҳидоят кард.

— Ана-мана нагуфта, худатон як хоначаро рост карда мегиред. — Сипас мӯйсафед оҳиста ба худи Назокат шунавонда гуфт. — Лекин, духтарам, ин бахшидаат дар ин ҷойҳо реша намегирифтагӣ барин...

Назокат ба чашми пирамард нигаристу саҳл шонааш-ро боло кашида гуфт:

— Чиба ин хел мегӯед, тағо?.. Ба умед омадем... — Вай чашм ба поён гирифту андаке сурх гашт ва аз хиҷолат табассум намуд. Назокат ҳайрон буд, ки Толиб чи кор

кард, ки пирамард ин қадар зуд ӯро шинохтааст. Вай ҷаҳд кард, то худро ба тағофул занаду ин гуфтаро ҳамчун як сухани беасос фаромӯш кунад, аз лавҳи хотир сутурда партояд, вале натавонист.

Бобо аввалан ба Назокат раҳм оварда, ба расми дилсӯзӣ ва огоҳӣ ин суханро гуфт, вале зуд аз гуфтаи худ пу-шаймонӣ кашид. Назокат ба тавфиқи шавҳар умедаш қавӣ буд.

Ҳама ба даҳлез даромаданд. Ба димоғи Назокат бӯи рутубат расид. “Мисле ки заҳ кашидагӣ” аз дил гузаронд вай. Як хона ва даҳлези похсадевор аз хонаи одамнишин дида бештар ба оғил монанд буд: як забарравро гузоштаанду аз ду тараф шаштагӣ ходачаро натарошида монда, ба бомаш қамиш партофтаанд. Фаршаш — хок, девораш бо каҳгил андова кашидагӣ, вале поёни деворҳо шӯрхок зада, мерехт ва дар нисбати қисми боло тунуктар гашта буд.

Толиб аз дар сарашро дарун карда, ба хона як нигариста ва китф дарҳам кашида ба Назокат “чӣ илоҷ?” гӯён ишора карда саросема баромада, бо ёрии ҳамсояҳо борашонро аз мошин фуровард.

Толиб аслан ба ин чӯлу биёбон омаданӣ набуд. Аз деҳаи камзамини кӯҳсор ҳар хонаводае ба замини навкорам кӯч бандад, вай тамасхур мекард. Вале ҳамсараш Назокат шабу рӯз ӯро маломат мекард, ки умрашро ба корҳои беҳуда зоеъ месозад. “Агар қатори дигарон ба Мирзочӯл рафта кор мекардем... Ана, Некмурод се сол дар Мирзочӯл кор карда, номдор шуда рафт, миёнашро сахтакак баста гирифту ҳоло тоқиро нимта монда, “Волга” савор гаштааст...”

Об чакра-чакра чакида, сангро сӯрох кардагиаш ба-

рин шабу рӯз ташвиқу талқини зан ба Толиб асар карду ӯ ба муҳоҷират розӣ шуд.

Ҳамсояҳо лаку луқи онҳоро дар як фурсат аз мошин фуроварданду дар рӯи ҳавлӣ паҳну парешон вогузошта, аз паи кору бори худ рафтанд. Толибу Назокат хонаю даҳлезро рӯфта, хокрӯбаи онро бароварданд. Толиб аз ҳавлии Бобо Шодӣ оҳак оварда, об кард, Назокат деворҳои хонаро оҳак зад, дару тиреза, фаршу шифтро пок кард, ҳама ҷоро тозаю дилкаш намуд. Сипас халтаю бӯғҷомаҳоро кушода, асбобу анҷоми рӯзгорашро як-як ба хона дароварда ҷой кард.

Толиб ба ӯ оҳак об карда доду аз рӯи одаташ номаълум ғайб зад. Фурсате нагузашта деҳаро давр зада омад. Ба мағоза даромад, ба идора сар халонд, дар чойхона сари як пиёла чой бо ду-се нафар ронандаҳо ҳамгап шуд. Ӯ вақте баргашта ба хона омад, ки Назокат ба таҳмон кӯрпа таҳ мекард.

— Э-э, то ин ҷойҳо ҷой мешавад, ки думи шутур ба замин мерасад. Чор атроф чӯлу биёбон. Дили кас ваҳм мегирад, — аллакай дилтанг буд Толиб. Вай маъюс паҳлу зад.

— Одам агар обод мекунам гӯяд, дар ду сол биҳишт барин мешавад, — гуфт Назокат.

— Радио ҳам шабу рӯз ҳамин хел мегӯяд, — гуфт ба киноя Толиб. Сипас зуд ба ҳамвор кардани ин дуруштӣ кӯшид: — Дар ин ҷо мош бисёр будаст. Ба Тошканду Ленинобод, Қӯқанду Фарғона аз ҳамин ҷо мош мебурданд, — хулосаи хабарҳои шуниданашро нақл мекард Толиб. — Дар заминаш мош нағз ҳосил медодаст. Замин бисьёр, зӯратон расад, ҳар қадар хоҳед, коридан мегиред, мегӯянд,

— ба Назокат хабар дод ӯ.

— Сабр кунед, саросема нашавед, — ба ҷевон чойнику пиёлаҳоро чидаравон эътироз кард Назокат. — Як сол-ду сол зӯр зада, дар колхоз кор кунед, обрӯ гиред… Сонӣ ҳамааш мешавад. Ҳозир боғу полизи худӣ ба ҳукумат маъқул не, инро нагӯед!

— Ҳамту-куя, — гуфт Толиб берағбат.

Вай ҷавонмарди хушқаду баст буд. Онҳое, ки ӯро мешинохтанд, "э-э-э, шаклу сумот чизе бекора будаст" гӯён, даст меафшонданд. "Ҷавони бекина, дар ин замон ба касе озораш нарасад, шуд-дия!", — исрор мекарданд баъзеи дигар. — Як мавиз ёбад, ҳамроҳи ҷӯраҳояш мехӯрад, дарёдилиашро намегӯед! Хайр, ин қадар доно шуда, аз таги дунё даромадан чӣ даркор?!"

— Ба ман ягон кори чарх зада гашта мекардагӣ бошад, соз мешуд, — гуфт вай ба ҳамсараш. — Дар як ҷо зиёд истам, дилтанг мешавам. Ба давлат нағз кор кунӣ ҳам, бад кор кунӣ ҳам — баробар аст, беҳтараш дили калононро ёфтан даркор...

— Акнун шумо бача не, камтар сахтиро ба худ гиред. Агар аз ҳоло пули калону кори осон ковед, боз дар се рӯз мисатон мебарод.

— Чӣ, гумонат ман барои сӣ сӯм моҳона аз субҳ то шом каланд мезанам? — Тамасхур намуд вай ва чашмонашро калон карда ба рӯи ҳамсараш нигарист.

— Ҳар ду ба як бригада даромада, кор мекунем. Ҳамин қадар сол ман ба гапи шумо даромадам, акнун шумо ҳам як-ду сол ба гапи ман гӯш кунед, — гуфт Назокат оташин гашта. — Аз кор ҳеҷ кас намурдааст, аз нанг мурдаанд...

— Ҳа, хуб шудаст, кор бошад кор-дия! — аз рӯи одаташ зуд розӣ шуд вай. — Аз кор маро натарсон... Майлаш, барои ту муфт кор мекунам! Барои як суханат...

— Даҳанкалонии беҳударо ҳам таҳ карда ба як сӯ монед! Акнун шумо бача не, одам аз ҳавои даҳан бебурд мешавад.

— Хуб шудаст, аробакаш тавба кард! — Толиб ба шаст ба сари синааш шаппотӣ зада артиствор ба тарафи занаш таъзим карда монд. — Аммо кори бемузд маза надорад.

Вай ба монанди ҳамаи ҷавонони беирода ва фориғбол, асосан, гапдаро ва бекина буд. Зани зебою хушгил дошт, аммо бадрашк ва будгумон набуд. Ҳамчунон хуб медонист, ки Назокат духтари серхаридор буд ва ҳозир ҳам дар ҳасрати вай ҷавонони ҷигаркабоб кам нестанд. Ҳамаи ҷавонони деҳа бо навбат ба хонаи онҳо хостгор фиристода, толеашонро озмуда буданд. Бинобар он ҳам, вақте ки Назокатро ба вай нон шикастанд, аз ҳасад ҳамаашон “ваҳ!” гӯён ба пешониашон шаппотӣ заданд, баъзе хасисҳо “Гулдаста ба дасти лабкашол афтодаст!” гӯён ба вай неш ҳам заданд. Он бодичаҳо ба қавли Толиб, аз он бехабар буданд, ки “бахт агар силсилаҷунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад”. Ӯро падараш ба Толиби сағира дод. “Ман бо падари ӯ дӯст будам, қавл карда будем, ки ҳар ду кудо мешавем. Вай барвақт аз дунё гузашт. Акнун ман ҳақ надорам, ки оби чашми ин сағираро равон кунам. Умедвор аст”, гуфт. Ана ҳамин тариқ духтари таърифӣ насиби Толиб гашт. Дарвоқеъ, падар ба Назокат насиҳат карда гуфт: “Духтарам, ҳама гап ба худат. Пешиниҳо гуфтаанд: “Зани хубу фармонбару порсо, кунад марди дарвешро подшо!..”

Ду соли аввали хонадорӣ Назокат Толибро ба ихтиёраш монд. Кор ба ҷое расид, ки ӯ якто-нимто ҷиҳози хона ва сару либоси арӯсии занашро ҳам фурӯхта сарфи араку қимор кард. Дар айни авҷи майхорагии Толиб як бор Назокат бӯғчаашро басту қаҳр карда ба хонаи падар рафт. Аз шавҳараш батамом дасту дилашро шуст. Аммо падар як шаб ӯро меҳмон карду саҳарӣ ҳамроҳ гирифта овард. Баъд ҳардуро оштӣ дода, хеле насиҳат кард. Назокатро коҳиш карда, гуфт, ки "хонаро партофта, гурехтан аз дасти ҳар кас меояд! Ту ҳам рӯзғората соз, мардум барин зиндагӣ кун… Шавҳари дилат мехостагиро аз куҷо барои ту меёбем?! Худо нестем, ки созем. Ин ҷавонон дар кӯча моҳи беайб барин метобанд, духтарам..." Аммо гуфтан осон аст. Ҳар касе, ки сахту сусти зиндагиро озмудааст, талху шӯри онро чашидааст, хоҳад иқрор кард, ки ин рӯзеро, ки Назокат бо Толиби фориғбол ба сар мебурд, ҳар як зану духтари андаке соҳибидрок ва борикфаҳм тоқат оварда наметавонист. Камбағалӣ аз марг бадтар аст мегӯянд дар урфият, аммо камақлӣ аз он беш бадтар аст.

**2**

Онҳо таоми шомро хӯрдданду бевақттар ба роҳ баромаданд. Телевизор консерти шавқовар медод. Толиб чору ночор ҳамроҳи Назокат равон шуд. Ҳоло ошуфта ва димоғсӯхта қадам мемонд. Аз дашт ба ҷои тафбоди рӯзона шаббодаи серун ҳур-ҳур мевазид. Овози қурбоққаҳо, чирчиракҳо ва дигар ҷондорони шаб ӯро бештар асабонӣ мекард. "Ғайр аз вақ-вақи қурбоққа дигар чизе намешунавӣ", мегуфт худ ба худ, ба ин ҳол ҳамсарашро гунаҳкор ҳисобида. Вай ба сӯи пахтазор қадам мезаду аз қаҳр дан-

дон мехоид, дар дилаш бо Назокат

 
 
 
 
 хархаша мекард, барои ба занаш неш зада, аламашро баровардан баҳона меҷуст.

— Тфу!.. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд! Саг барин шабу рӯз медавад кас… Ба зинда бозор не, ба мурда мазор не! Тобистон мегузарад, рӯи меваро надидем! Деҳаи худамон биҳишт будасту қадрашро намедонистаем!.. Ношукриамон гузашт, — мегуфт вай заҳраш ҷӯшида.

— Ана, харбузаю тарбуз! Ҳоли ҳозир меваи ин ҷо харбузаю тарбуз-дия! — ба ҳамсари тундмизоҷаш тасаллӣ дод Назокат. Баъд боз илова кард: — Барои обод кардани биёбон омадем. Кор…

— Кор, кор, кор! Наход, ки умри одам фақат кор катӣ гузарад?! Кай роҳату фароғат мекунад? Кай? Сонӣ, ҷонаки ако, ба инобат гиред, ки дар ин ҷойҳо боғ намесозанд. Пахта зарур аст. Он боғҳои кӯҳпояро бобоҳоямон ба хуни ҷигар сабзондаанд.

— Ман, зан, сарам катӣ рафта, шабҳо фонус дар даст об медиҳам. Шумо бароҳат хоб мекунед-ку! Ниҳоят ҳамроҳи ман мерафтаед! Аз Содиқ ибрат гиред: шаби гузашта ду бор аз бистараш хеста, обашро хабар гирифта омад. Шумо дар хоби маст! — Назокат лаҳзае хомӯш монду баъд ба оҳанги дилбардорӣ гуфт: — Одам сабр мекунад. Баъди се-чор сол боғу бӯстон, бозору магазин — ҳамааш мешавад. Роҳи соз, мошин… — Сонӣ баҳси пешианашро ёд оварду илова кард: — Хайр, ҳозир фақат пахта дар мадди аввал аст. Мегӯянд, ки мамлакат ба капиталистон мӯҳтоҷ набошад. Ҳамин тавр мондан намегирад.

— Ба ин ҷойҳои мошин ҳам тоб намеорад! Ҷаҳаннам! Ҳоло тамошо кун, зимистон ояд, тарматарӣ шавад, пой монда, аз хона баромада наметавонӣ.

— Оҳиста-оҳиста ҳамааш соз мешавад.

— Ҳи-ҳи-ҳи! — Толиб заҳрханда намуду баъд таронаи ҳазломезашро замзама кард:

— Намур бузам, баҳор шавад,
Сабзаю лолазор шавад.
Чӯб ба нағора мебарем,
Даст ба тағора мебарем.

Вақте ки ба шипанг наздик расидандy аз дур фонуси Содиқ намудор гашт, Назокат ба забон омад:

— Ин қадар лабу лунҷатонро овезон накунед, дилам танг шуд, — гуфт вай бо зарда. Сипас бо нармӣ илова кард: — Кори пахтазор ду-се моҳ сахт аст. Баъд, се моҳи зимистон бафароғат дам мегиред, ба сайру тамошо меравед. Ба шаҳр, ба кӯҳистон меравед. Мегӯянд, ки ба истироҳатгоҳҳои Қриму Кафкоз рафтан мумкин, ба сафар...

— Ҳиъ!.. Ба фикрат, ҷӯю каналҳоро кай тоза мекунанд?! Ба замин кай яхоб монда, кай шӯраашро мешӯянд, кай пору мерезанд, кай шудгор мекунанд?! А? — Бо киноя қатор кард вай. — Қрим! Кафкоз! Худатро таскин деҳ, ман одами асри бистам, ҷонам. Акнун гап кати кор буд намешавад.

— Ин корҳои майда-чуйда. Ба ин пахтазор як нигаред! — Назокат бо шавқ ба пахтазори бригада ишора карда, шавҳарашро аз андешаҳои ногувор раҳонидан хост. — Дирӯзакак ин ҷо шудгори қоқ буд. Акнун ғӯзааш ба миён мезанад.

“Чунон гап мезанад, ки гӯё ин пахтазор замини худаш бошад-е! Э, тавба, — ҳайрон буд Толиб. — Ё соддалавҳ аст ин Назокат, ё беақл... Ҳайронам...”

Онҳо ба шипанг расиданду Толиб бистари дар болои суфахок печонда мондаашро кушода дароз кашид. Назокат почаҳои пойҷомаашро боло бардошта ба сари об рафт. Ба тирҷӯ об сар доду сипас барои хабар гирифтани охири ҷӯякҳо пахтазорро давр зада ба домани қитъа рафт. Соате нагузашта оби ҷӯяҳоро хабар гирифта омада аз шипанг бандчаи коғазхалтаҳои аз селитра холишударо гирифт ва ба тирҷӯи навакак об сар додагиаш даромада, ба сари ҷӯяҳо як порагӣ қоғаз зер кард. Бо ин усул ҷӯяҳо обдавон нашуда, заҳ кашида, ба як маром об мехӯрданд.

То соати дувоздаҳи шаб Назокат бо об андармон шуд. Соати чоряк кам дувоздаҳ фонуси Содиқ аз тарафи қитъаи Найзор ба ҷониби шипанг наздик шуду ӯ Толибро бедор кард:

— Ҳой, хезед!.. Хезед, саратонро бардоред!.. Содиқ меояд. Фонусро гиреду поёни ҷӯякҳоро хабар гирифта биёед. Дар пастхамӣ об кӯл нашавад. Чаққонтар хезед! Хабар гиреду баъд омада хоб кунед.

Баъзан Назокат ҳамаро ба шаҳбози хаёл месупурду аз дилаш чӣ ҳарфҳое намегузашт! Вай ҳам арӯси азизу нозпарварди ягон хонадони чор ишкелаш чоқ будан мехост, орзу карда буд, ки аз падаршавҳару модаршавҳар меҳрубониҳо бинад, сарафрозиҳо кунад. Аммо ҳоло мақсади ягонаи вай Толибро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, ӯро дар қатори мардум дидан буд.

## 3

Дар шипанги бригада ҳангоми тарбузхурӣ сӯҳбати агроном Баҳриддин, сандуқдори колхоз ва обмони номдор Содиқ аз хусуси Назокату Толиб қӯр мегирифт.

— Ҳама кора занаш мекунад. Занаш — зани бебаҳо!

— мегуфт агроном Баҳриддин. Дар оҳанги сухани ӯ нисбат ба Назокат мафтунӣ эҳсос шавад ҳам, ҳамнишинон инро ҳис накарданд.

— Валлоҳ, рост мегӯед! — сухани ӯро тасдиқ кард Содиқ. — Ба ҷойҳои шӯрхок пунбадона насабзидагӣ, пору рехта, ҳавола шинонду ниҳоли заминро дандон барин зич кард. Ҳисоб карда баромадаст, ки нисбат ба тунукниҳолӣ зичаш авло будаст! Э, вай Толиб парвои фалак надорад-е! Ба ҳамин синн даромада одама беғамаша акнун дидам. Капитализм ана, ҳамин хелҳоро ба кӯча бароварда мепартояд-дия!

— Занаш — тилло! — ба гап ҳамроҳ шуд сандуқдор, ки барои пардохти пули колхозчиён имрӯз ба бригада омада буд. — Ҳамин ки ягон кори бригада мувоффиқи табъ нашуд, худаш ба назди раис меравад, ба парторг мегӯяд, илоҷе карда, корашро бурд мекунад. Вазнинакак, баъзеҳо барин ҳингир-ҳингир надорад, доим сараш хам, ба ғайр аз кору бор дигар сухани зиёдатӣ надорад.

— Кори ду каса як худаш мекунад, — гуфт Содиқ бо эҳтиёт. — Толиб — як соя! Ҷонашро намекоҳонад.

— Тавба, ба ҳамин ландаҳур ин хел зан ҳайф-е, — Баҳриддин ин гапро ба гуфтан гуфту хавотиромез зуд хомӯш гашту ба тарбузхурӣ машғул гашт.

— Э, додар-е, ҳоли шумо ҷавон, пасту баланди дунёро надидаед. Мегӯянд-ку: “Ҳар ҷо гули лола буд, дар хок афтод, ҳар ҷо зани хуб ба марди нопок афтод!” — гуфт сандуқдор бо рӯмолча лабу даҳонашро пок карда.

— Агар ақлаш бошад, ҳозир ҳам сари вақт… Фарзанд надорад, — гуфт Баҳриддин. Ӯ дар ин бобат ақидаи Содиқу сандуқдорро фаҳмидан мехост. — Ягон рӯз мефаҳ-

мад, ки ин ҷавон лоиқаш не, лекин дер мешавад.

— Албата, — мақсади ӯро фаҳмид сандуқдор. — Назокат ҳозир ҳам лоиқи як йигити кори калон. Малика барин зиндагӣ карданаш мумкин.

— Кай бошад ҳам, ба ҷонаш мерасаду аз баҳри ин Абӯтамбал мебарояд. Ишқ, муҳаббат дар ҷавонӣ эътибор дорад...

— Не-е, — ба ҳукми онҳо эътироз кард Содиқ. — Назокат аз он хел занҳои шумо мегуфтагӣ не. Қадри худашро нағз медонад, лекин шавҳарашро намепартояд. Ба ин Толиб ҳеҷ чиз надода бошад ҳам, аз зан толеъ додааст.

— Ҳоли ҷавон аст, ақлаш надаромадааст, — гуфт сандуқдор чашму абрӯ парронда. — Хаёлҳои ҷавонӣ мегузарад, баъд пулу мол хонаю ҷойро фикр мекунад...

— Ҳа, то кай ин катӣ сарсон шуда мегардад?! Сабр кунед, ҳоло ба ҷонаш расад… — дар ҳукми худ истодагарӣ кард Баҳриддин. — Агар хоҳам…

— Э, монед, ин хел нагӯед. Як хонаводаро хонавайрон кардан нағз не, — ба ӯ эътироз кард Содиқ ва сипас “омин” гуфту бархоста аз паи обаш равон гашту ба таъкид илова кард: — Аз ин кори шумо Толиб бадбахт намешавад, балки Назокат ҳам назокаташро аз даст медиҳад.

## 4

Шаш хонаводаи ҳамин сол ба ин ҷо омадагӣ бригадаи нав сохтанду ба он Толибро саркор таъин карда буданд. Назокат дидаю дониста хомӯш истода буд. Ӯ медонист, ки ҳамсараш ин вазифаро ӯҳда карда наметавонаду кор дӯлоб мешавад. Аммо эътироз накарда буд. Мехост, ки ба зиммаи ӯ масъулият афтаду кору бораш сомон ёбад. Вале аз ин кораш сонитар пушаймон шуд. Толиб бе

иҷозати мудирият, бе шартнома бо колхоз ба як корейси шоликор аз поёноби пахтазор даҳ гектар замини шӯрхоки бекорхобидаро додаст. Дар аввали кор ҳеҷ кас ба замини шолӣ аҳмият надод. Шоликорон бо колхоз шартнома баста, дар ҳар бригада шолӣ корида буданд. Аммо сонитар дар байни мардум гап-гап шуд, ки Толиб заминро ба он шоликор фурӯхтааст. Инро шунида, Назокат алав гирифт. Ба аламаш тоб оварада натавониста, ба Толиб суханони сахт гуфт. Ин исноде буд, ки ӯро дарун-дарун месӯхт.

— Фурӯхтагем-не!.. Хайр, илтимос кард, бекор хобидаст, шӯрашро шӯяд, соли дигар пахта мекорем, гуфта додам, — гуфт Толиб.

— Бо кадом об шолӣ мекорад?.. Бо оби пахта! Агар оби баризофа бошад, худи мудирият иҷозат медод, мекорид.

— Ман чӣ донам, хайр кор гуфтам.

— Дар ҳамин ҷо ҳам кӣ буданатонро маълум кардед! Ҳайфи номи мард!

— Ҳамин ҳам гап шуд! — аз ин гуфтугӯҳо пинаки Толиб вайрон намешуд ва ин ҳол Назокатро бештар оташин мекард.

— Шукр, бепул нестем. Тирамоҳ планро буд карда, боз пули калон мегирем... Ба умеди колхоз нашинеду шумо ҳам дигарон барин иморат кунед.

— Э-э, — даст афшонд Толиб. — Ҳамин ҷо ҳам ҷой аст, ки дил баста иморат кунам?!

— Баҳона!.. Зимистонро дар ин вайрона чӣ хел мегузаронед? Шарм доред, мардум чӣ мегӯянд?

— Колхоз ягон бало мекардагист. Парво накун, худоподшоҳ, ягон гап мешавад, — сипас вай байти машҳури доим тасаллибахшашро хонд: — “Ризқи ҳаррӯза мерасад

аз ҳақ, ғами беҳуда мехӯрад аҳмақ!..” Ин ҳарфи ман не, як шоири бузург гуфтагӣ.

Баъдан дар байни мардум гӯшакӣ рафт, ки Толиб аз поруи маъданӣ барои пахта гирифтаашон ба шоликорон мефурӯхтааст. Назокат муддате ба чунон вазъе афтод, ки сар бардошта ба чашми ҳамкорон нигариста наметавонист. Вай пакар ва малул гашта, ба кор ҳам, ба рӯзгор ҳам шавқаш суст шуд, дасту дилаш сард гашт.

Дар ин миён Толиб майли мудири дӯкон шудан карду Назокати аз обрӯрезии вай ба ҷон омада ба ин ҳаваси ӯ зуд розӣ шуд. Ҳам колхозчиён, ҳам раҳбарон ҳама аллакай медонистанд, ки ба кори бригада аз Толиб манфиати казоӣ намерасад. Ба ғайр аз ин, Назокат ба кори савдо аз хурдӣ ҳавасманд будани ҳамсарашро медонист, бинобар он, ба дил гуфт, ки шояд кори табъи дилаш ӯро ба ифоқа оварад. Аммо ин фикр фақат як умедворие беш набуд. Дилаш мегуфт, об ба пастӣ медавад, Толиб дар муҳити дуздону қаллобони гуногунтоифа ва пулу моли дастрас истодагарӣ карда наметавонад.

**5**

Баҳриддин дилпур буд, ки Назокат хоҳу нохоҳ ба вай таслим мешавад. Вай ду-се бор дар пахтазор бо ӯ ҳамсӯҳбат гашту бо рамзу ишора матлабашро фаҳмонд, вале ҷавоби Назокатро нозу нуз ҳисобиду бас. “Хоҳу нохоҳ ба дилаш алав афтод. Аз барои иззати нафс нозу нуз мекунад, — мегуфт ҷавон худ ба худ. — Ман куҷою Толиб куҷо! Мансабам бошад, маълумоти олӣ дорам, ояндаам равшан. Қаср барин ҳавлии мӯҳташам дорам! Хайр, афту башараам ҳам дар ҷояш. Эҳ, Назокат, Назокат, ҳусну малоҳати ту, қадду басти дилошӯби ту

ҳавлии маро зеб диҳад, меарзад! Худаш ҳам зан не, валло фаришта-е!.. Эҳ, раис розӣ нашуданд-да, агар Толибро экспедитор таъин мекардем, ду моҳ гузашта-нагузашта, саранҷом мегашт. Ба дӯкон гузаронданаш ҳам соз шуд. Дӯкон ба сараш об мерезад. Вай, Ато ин гӯсоларо чунон боб мекунад, ки… Акнун дили Назоката ёфтан даркор”, мегуфту вай ба дил нақшаҳо мекашид, орзуҳо метарошид.

Сараввал Баҳриддин бо тӯҳфаи гаронбаҳое дили Назокатро ба худ гирифтан хосту дар ин бобат хеле фикр кард. Назокат, аҷаб не, аз дасти вай тӯҳфаро нагирад. Иззати нафсаш раҳ намедиҳад. Баъд ӯ илоҷи ин корро ёфт: ба занҳои зарбдор мукофот медиҳанд. Чун раиси колхоз мариз буд, ҳоло ҳама кор ба дасти худаш. Баҳриддин аз раиси матлубот Ато хоҳиш кард, ки барои мукофот даҳто рӯмоли шоҳӣ ёфта диҳад. Вақте ки рӯмолҳоро ба дӯкони Толиб доданд, ба сари агроном тасодуфан нақшаи дигаре омад.

— Ҳозир вақти мукофот не… — гуфт вай ба Толиб, ки барои мукофот рӯмол гирифтанашро хабар медод. — Эҳтиёт кун, вақташ меояд, худам мегӯям.

— Дар дӯкон нигоҳ дошта наметавонам. Ногоҳ тафтиш кунанд… — узр овард Толиб. — Аз мағоза гиреду ҳар чи қадар хоҳед, нигоҳ доред.

— Хайр, ягон бало кун… гапаш набарояд, — гуфт вай асроромез чашмакӣ зада. — Эҳтиёт шав...

Толиб ба пулдории миллюндорони навбаромад бо ҳавас менигарист, баъзан ба онҳо тақлид кардан мехост, вале ин роҳи пурмакру дағо барои пои ӯ набуд, вай дар муомила хеле соддалавҳ ва зудбовар буд. Аммо кадомин соддалавҳ кӯтоҳии худро иқрор карда, ки Толиб тан гираду ба худ иқрор кунад!..

# 6

Аввали тирамоҳ, яке аз рӯзҳои тафсони офтобӣ буд. Шаб андаке серунӣ оварад ҳам, рӯзҳо ҳаво аз саратон монданӣ надошт. Пахта саросар шукуфта, деҳқонон ба ғунучин тайёрӣ доштанд.

Баҳриддин аспро тозиёна зада ба тарафи бригадаи Назокат мешитофт. Аз он, ки гардани асп арақ карда буд ва савори он ба атроф беэътино, бошитоб асп меронд, метавон тахмин гирифт, ки кори бағоят зарур дорад.

Пахта сап-сафед шукуфта ва ҳоло ҳама барои бо мошин чидани пахта ҳозирӣ медиданд. Дар назди шипанг се нафар деҳқонон майдончаеро барои пахтахушккунӣ андоза мекашиданд. Баҳриддин лаҳзае истода аз кору бори онҳо пурсон шуд, як-ду маслиҳат дода саркорро пурсид.

— Назокат дар поён, ҳӯ-ӯ, дар қитъаи қамишдор, — гуфт мӯйсафеди андовакаш бо дасти лойолуда ба он сӯ ишора карда. — Тирҷӯя мехобонад.

Баҳриддин ба он сӯ равон шуд. “Назокат саркори дуруст баромад, — мегуфт ӯ худ ба худ, ба пахтазори пурҳосил нигариста. — Аъзоҳояш иззат мекунанд. Калонгариро намедонад, баробарашон кор мекунад-да... Эҳ, ба ман расӣ, мемонам, ки дар офтоб сӯхта, каланд занӣ?! Ҳавлии манро гул кунонда мегардӣ!” — фикран ба Назокат хитоб мекард вай. — Табиат туро барои навозиш ва муҳаббат офарид, барои идомаи авлод...

Назокат тирҷӯи аз байни замин гузаштаро бо каланд вайрон карда, ҳамвор месохт. Вай Баҳриддинро диду каландашро монда, бо рӯймолча арақи рӯю гарданашро пок кард ва дастонашро болои чашм соя карда ба авзои агрономи омада истода нигарист.

— Ассалому алайкум, саркор! — Ба Назокат наздик шуду чолок аз асп фуромад Баҳриддин. — Мондаҳо!

— Саломат бошед, — гуфт Назокат бо шарм табассум карда.

— Ҳа, тирҷӯйро вайрон мекунед?

— Мошини пахтачин бемалол гузарад охир.

— Дигар кас нест-чӣ? Ин кори вазнин, — дилсӯзӣ зоҳир кард Баҳриддин. — Ин гарморо бинед, ҳаво даргирифт-ку!

— Ҳама банд.

— Аз қадимулайём кори зан дигар аст, кори мард дигар. Ба мардон фармоед! Ҳа. Мо ҳолӣ шуморо боло бардоштанием, — гуфт вай густохона барои вохӯрӣ даст дода.

Ҳарчанд ки бо мардон даст дода вохӯрӣ кардани занҳо дар деҳа маъмул набуд, Назокат ночор даст дароз карду ҳис намуд, ки Баҳриддин дасти ӯро лаҳзае маънидорона фишурд.

— Назокатҷон, хона чӣ шуд, ҳоло ҳам дар ҳамон вайрона? — донад ҳам барқасд савол кард вай.

— Ҳа, вақт нашуд... Хайр, пахтаро чинем...

— Эҳ, ба шумо чӣ гӯям? — оҳ кашид Баҳриддин ва ба чашмони Назокат нигарист. Вай нигоҳашро гурезонд.

— Одам ҳам ин хел ба худаш душман мешавад-чӣ?

— Бас, агроном...

— Ана, аҳволи вай! Гапи навро фаҳмидед?

— Чӣ гапи нав? — Назокат бо таҳлука ба рӯи Баҳриддин нигарист.

Баҳриддин лаҳзае ба ифодаи ҳамдардӣ зоҳиран ғамгин ба чашми ӯ нигарист, бо надомат сар ҷунбонд.

— Чӣ шуд? — бо изтироб саволашро такрор кард Назокат.

Баҳриддин ин бор саросема нашуда бо тамкин сухан кард:

— Агар дар ин миён шумо набошед, ман заррае ғам намехӯрдам. Сазояш мегуфтам. Аммо ғами шумо — ғами ман... Медонед, шояд бехабар бошед?.. Имрӯз дӯкони Толибро мӯҳр заданд. Тафтиш.

— Хайр, чӣ? Тафтиш кунанд, — гуфт Назокат оҳи сабук кашида.

— Камомади зиёд доштагӣ барин, — Баҳриддин озмоишкорона ба тағйири авзои Назокат нигариста хомӯш монд. Баъди хеле сукут илова кард: — Боз рӯмолҳои барои мукофоти зарбдорон омадагиро обу лой кардаст, мегӯянд.

— Ғалатӣ… — гуфт Назокат бо андӯҳи гарон аз замин чашмонашро набардошта, дар ҳолате ки бо дастаи қаландаш беихтиёр бозӣ мекард.

— Шумо барои вай насӯзед. Умри ҷавонатона барои як бефаҳм хазон накунед, — аз таъсири хабари овардагиаш ҳаво гирифта, ҷуръат пайдо кард Баҳриддин.

— Чанд бор ба шумо гӯям? Бас будагист! — якбора дар ғазаб гашт Назокат. Вай ба Баҳриддин чунон нигарист, ки хаёлаш бо нигоҳаш синаи ӯро тир барин сӯрох кунад. Сипас аз замин чашм набардошта дона-дона карда гуфт: — Ин суханро ба гӯшатон сурб барин об карда резед: кар бошад ҳам, кӯр бошад ҳам, бефаҳм бошад ҳам то зиндаам, ман аз они вай! ...Фаҳмидед? Агар дуруст нигаред, вай бо ҳамон гӯлию гумроҳӣ ҳамчун ҷавонмард аз шумо болотар аст. Пулу мол, осоишу фароғат, ояндаи дурахшонатон барои харидани ҳама чиз кор ояд ҳам, беҳуда саргардон нашавед, дили маро аз роҳ зада наметавонед.

Баҳриддин мушаввашхотир ба роҳи омадааш қафо гашта мерафт. Асп ба майли худ сар-сари воти пахтазор якта-якта қадам мепартофту нӯги ғумойҳоро даҳан зада мегузашт. Баҳриддин дар сари об Содиқро диду асп худ аз худ дар баробари ӯ истод. Аз дили Баҳриддин гузашт, ки ҳамин ҷонвар ҳам ба кору бори ӯ одат кардааст.

— Ҳа, агроном, таҷанг менамоед? — авзои ӯро дида таҳковӣ кард Содиқ.

— Э, ба ҳамин бечора Назокат мушкил шуд, — вай сабаби аслии бедимоғиашро моҳирона пинҳон кардан хост. — Мағозаи Толибро мӯҳр задаанд, тафтиш… — Баъд ҳодисаро батафсил гуфт.

— Э, ин бача аҳмақ будаст, — аз кори Толиб Содиқ ҳам алам кашида, даст афшонд. — Падарлаънат, агар ақлат бошад, хазинаи бебаҳо, тиллои асл дар дасти ту, дар ҳамон хонаи вайронаи худат!.. Худо ба ту ҳамин хел зан додаст, шукр кун!.. Э, ин зан, зан не, хазина, ганҷи шойгон-е!..

***Солҳои 1975-77***

# КАБКҶАНГ

Нимрӯзи саратон буд. Барги дарахт намеҷунбид.

Мо дар чойхона, дар лаби як чорпояи ба фаввора наздиктар нишаста, чойи кабуд мехӯрдему ба гунҷишконе, ки аз гармои тоқатшикан гурехта, лаҳза ба лаҳза аз шохи дарахтон фуруд меомаданду дар зери фаввора нишаста фароғат доштанд, бо ҳасад менигаристем. "Кошкӣ, як ғел зада гунҷишк шавию лаҳзае дар зери ин борони маҳин истода роҳат кунӣ!" — Чунин андеша ин замон аз дили ҳар яке мегузашт.

Чойхонадор рӯмоли гардиро дар оби ҳавз тар карду ба рӯи қафаси кабк пӯшонд. Мурғаки асир аз шиддати гармо болҳояшро поён партофта ҳалқаҳ мезад.

— Ҷангӣ барин, — гуфт ҳамсӯҳбатам.

Пай бурдам, ки вай кабкшинос будани худро фаҳмонданӣ.

Ман ба ҷои ҷавоб китф дарҳам кашидам. Сипас, чи хел як моҳ пеш аз ин тасодуфан дар роҳ аз болои кабкҷанг бaромаданам ба хотир расиду гуфтам:

— Ҷанги кабкро дидаму суратгирӣ намонданд. Суратгиракро бароварда, қариб ба бало мондам.

— И-и, чиба? — бе рағбат савол кард он ҳамсӯҳбати ман, ки бо ҳам тасодуфан дар як чорпоя нишаста ҳамгап будем.

— Рӯз-рӯзи якшанбе буд. Чоштгоҳӣ аз шаҳр баромада, ба тарафи дараи Варзоб равон шудам. Бо роҳи поён, аз хиёбони Ҳофиз қад-қади дарьё мерафтам, дар қариби деҳаи Хоҷа Анбиё, дуртар аз роҳ дар як майдони холӣ ҷамоатеро дидам: ба тахмин 60-70 нафар мардон, чор-панҷ мошини сабукрав. Мардум зич ба як ҷо ҷамъ

шудагӣ. Ягон қатра асал ба замин чакад, ба даври он чӣ хел мӯрча ғун мешавад, дидагистед? Ана, ҳамон тавр. Мошинро дар сари роҳ қарор додаму ба тарафи он ҷамоат рафтам. Мардум давра гирифта, кабкҳоро ҷанг меандохтанд. Ман аз ин пеш дар хусуси кабкҷанг шунида бошам ҳам, ба чашмам надида будам. Лаҳзае ҳайрон нигариста истодаму барои суратгиракро овардан ба сӯи мошин тохтам. Аммо ба суратгирӣ намонданд. Давраи қиморбозон будаст, ман бехабар. Аввал тарсиданд. Сонӣ, ҳамту, раҳгузар буданамро фаҳмида, қариб ки кӯбанд... Э, ин ҷонвар ҳамин хел ҷангара будаст!.. Якдигарашро суп-сурх гӯшт кард-е! Раҳмам омад.

— Қимори калон дар сари кабкҷанг-да, — гуфт ҳамроҳам. — Якта кабки ҷангира як одам ба ҳафтод сӯм харид. Як моҳ нагузашта, ягон бор ҷанг наандохта аз қафас гурба бурд, фиғонаш баромад.

— Ман ҷангашро сурат гирифтанӣ... Намедонам, чӣ хел гирам?

— Дастгоҳи рустӣ катӣ... шиқ-шиқ номаълум.

— Ман як суратгири ҳаваскор, дастгоҳи рустиро аз куҷо меёбам! — гуфтам ман лоҷайд ба чораи ҳамроҳам пешкаш кардагӣ даст афшонда. Сипас, суханро боз ба сари ҷанги кабк бурдам: — Лекин сахт ҷанг мекардаст! Вай, вай, вай... Ҷонвар хастагиро намедонад-е! Ба фикрам, кабки ёбоӣ ин хел ҷанг намекардагист? А?

— Албатта.

— Дар қафас ҷангара мешавад-чӣ?

— Дар қафас ҷангара намешавconfiguration... маст мекунандаш. Нона ба арақ тар карда мехӯронанд.

— Наход?! Инро намедонистам, — бо тааҷҷуб иқрор

кардам ман.

— Шумо ҳам ҳавас доштед-да? — марди ба зоҳир миёнсоле, ки дар он тарафи чорпояи мо менишаст, ба сӯҳбат ҳамроҳ шуду лаълии нону ангурашро ба тарафи мо лағчонда, ба хӯрдан ишора кард.

— Ҳаваси чӣ, ҳамту, — гуфтам ман, дар ҷавоби муроотиу ба нишони ташаккур даст ба сина бурда.

— Пага бозӣ мешавад, бед, — ногаҳон пешниҳод кард ӯ. — Аз Хуҷанду Қӯқанд, Ӯротеппа, аз Самарқанду Шаҳрисабз меҳмон омадагӣ. Чунон кабкҳои ҷангара омадагӣ! Синааша дида, шаҳбоз мегӯед! Мегӯянд, ки якташа ба як асп надодаст! Аспи бекора не, аспе, ки нархаш — “Жигули”. Бозии зур мешудагӣ барин.

— Дар ҳамон ҷои пештара? — пурсидам ман агарчӣ ҳанӯз фикри рафтан ҳам надоштам.

— Не. Дафъаи гузашта, ҳӯ, дар теппа, пеши боғи “Ғалаба” ғун шуданд, милиса намонд... Ин дафъа дуртар мераванд. Аҷаб не, ба тарафи Лучоб раванд. Ба гӯшам ҳамин хел расид.

— Мо ёфта метавонем-чӣ?

— Мабодо милиса шумора ҳам қиморӣ гӯён бигирад, — гуфт ба оҳанги содавоҳима ҳамсӯҳбати аввалӣ.

— Э, ба шумо чӣ? Ҳамту, тамошобин. Қиморбозӣ намекунед-ку? — маро хотирҷамъ кардан хост он мард. Баъд гуфт: — Агар рафтанӣ бошед, ана рост ба ҳамин чойхона бед, ҳамроҳ меравем. Ҳама аз ҳамин ҷо такси катӣ мераванд.

— Ман мошини худам катӣ...

— Мошинатон бошад, боз беҳтар. Соати нӯҳ ба ҳамин ҷо бед, шумора худам мебарам. Тамошои зӯр меша

вад, ҳеҷ пушаймон намешавед.

Баъд вай як пиёла чой рехта ба ман дароз карду наздик нишаста аз саргузашти кабкбозон ва кабкҳои ҷангӣ хеле ҳикоят кард ва дар байни сухан баъзе лаҳзаҳои зиндагии худро низ гуфт. Аз рӯи гапаш, вай шаш сол боз нафақахӯр бошад ҳам, кор мекардаст. Боз барои ман аҷобаташ ин буд, ки ӯ сию ҳафт сол боз мошин ҳай мекардаст. Як хислати ғалатии шиноси нави ман ҳамин буд, ки таътил гуфтанӣ гапро намедонистаст. Кай вақте мошинашро ба таъмир диҳад, то соз шудани он истироҳат мекардасту бас. Ман сабабашро пурсидам.

— Ба мошин дилам намешавад, писар, — гуфт вай ким-чӣ хел хиҷолат кашидагӣ барин. — Як бор, аз ин бист сол пеш мошина мондаму ба таътил рафтам. “Уралзис” ҳай мекардам. Ҳамин хел мошин буд. Ман дар истироҳат, мошинама ду ҳафтаякак каси дигар ҳай кардаст. Ҳамчунон хароб карда партофтаст, ки ду моҳи расо худам таъмир кардаму боз ҳам асли аввалаш барин нашуд, ки нашуд! Ҳамагӣ дар ду ҳафта! — бо таъкид ду ангушти дасти росташро нишон дод вай. — Аммо мошини чӣ, расво кардаст, — даст афшонд вай. — Ана, аз ҳамон вақт исун аз баҳри истироҳат баромадам. Агар зиқ накунанд, кор катӣ одам касал намешавад.

Ҳама медонанд, ки аксари мардуми кабкбоз ҳатман қиморрбоз аст ва қиморрбозон ба кору бори дигар дилбастагӣ надоранд. Бинобар он, ба гуфтаҳои он марди кабкбоз, махсусан, доир ба мошинронию мошиндориаш нобоварона гӯш медодаму хаёлам дар ким-куҷоҳо сайр мекард Як-ду бор ба суханаш беэътиноиамро худи ӯ фаҳмад ҳам, пинакамро вайрон накардам.

Мард аз он синне, ки гуфт, ҷавонтар метофт. Қадаш аз миёна болотар, монанди ҳамаи пирони коркун қоматаш рост, зиндадил, ҳазлдӯст, бовиқор буд.

Рӯзи дигар дар соати ваъдагӣ мошинамро дар назди чойхона қарор додам. Амаки Муҳаммадраҷаб ҳамроҳи ду нафари дигар чой мехӯрд. Ӯ маро диду ба ишора ба наздаш хонд.

— Ҳозир меравем, шинед, ана, як пиёла чой, — вай баъди саломуалек аз паҳлуи худ ба ман ҷой доду як пиёла чой дароз кард.

Ҳамроҳони вай — яке марди ҳамсинни худаш, вале баръакси вай лоғарандом, пеш аз вақт қоматаш хамидагӣ, дигаре як ҷавони аз муйсафед ҳам миҷмориғи нӯги бинниаш дарафш барин тез, ки як панҷа мӯи сиёҳаш аз як тарафи пешонӣ ба болои чашми росташ афтода, дили касро танг мекард, ба ман зиёда эътибор надоданд.

— Акнун ба мо иҷозат, — ҳазломез шумхандае намуду ба ҳамроҳонаш рӯ овард амаки Муҳаммадраҷаб. — Ман мошини ин кас катӣ меравам. Худо раҳи мора кушояд, шумо ҳам таксӣ-паксӣ ёфта расида мерафтагистед.

— Э, намуред, шумо, чиба барвақттар намегӯед? — ғайриихтиёр аз ҷояш бархост ҷавон ва саволомез ба чашми гӯянда баъд ба ман нигарист. — Ин каса нигаред, мора ба гап андармон карда шиштиянд-е!

— Ба мошинатон мо ҳам меғунҷидагистем?! — пиракии қадхамида як бор ба чашми ман, як бор ба чашми амаки Муҳаммадраҷаб нигарист.

— Бемалол, — гуфтам ман.

— Кисетона мековед-дия, — гуфт амаки Муҳаммадраҷаб ба шариконаш хитобан. — Ҳозир бензин қиммат,

запчасть — ноёб.

— Ҳеҷ гап не...

— Шумо барин бойако бошаду мо пул барорем, айб аст.

Аз дилам гузашт: “Ин амаки Муҳаммадраҷаб қиморбоз бошад ҳам, қиморрбози гузаро барин. Даҳанкалониаш, ба атрофиён озод, бетакаллуф сухан гуфтанаш, худбоварӣ ва баъзе хислатҳои дигараш ба ҳамин далолат мекунанд”.

Онҳоро ба мошин шинонда равон гаштаму дилам ғаш кард, ки омада-омада хизмати ду-се қиморрбозро ба зимма гирифтам. Рост-дия, қиморбозонро ба қиморҷой мебарам. Боз ин гарморо бинед, даруни мошин танури тафсон барин.

Рӯзҳои охир аз чи бошад, оби мошини ман зуд ба ҷӯшидан наздик мерасад. Сабабашро наёфта ҳайрон будам. Вақте ки мо аз шаҳр баромада ба тарафи Лучоб рост шудем, оби радиатор ҷӯшид. Ман ночор мошинро қарор додам. Ақрабаки ҳароратнамо ба сад расид. Сарпӯши моторро кушодам.

— Наҷӯшиданаш даркор, — гуфт амак бо эҳтиёт даст ба радиатор бурда ҳарорати онро санҷида. — Термостат соз. — Сонӣ пурсид: — Мили ток чӣ хел? Тез-тез ҳаллос мезанад ё доимиаш барин?

— Ҳаллос мезанад... Вақтҳои охир...

Амаки Муҳаммадраҷаб дигар ба сухани ман гӯш надода гузашту тасмаи бодбезакро зер кард.

— Шуд, ёфтам. Калита тед! Тасмаи чархи бодбезак суст шудагӣ. Албатта, об меҷӯшад-да!

Ду кас дар панҷ дақиқаа генераторро лағчонда, тасмаи бодбезакро сахт кашидем.

“Ғалатӣ, — мегуфтам ба дил аз мошиндонии пиракӣ тааҷҷубам афзуда, — қиморрбоз куҷою техника?! Аз афти кор, ман бехабар қиморрбозҳо ҳам қиморрбозони пешин нестанд. Дарвоқеъ, баробари давру замон ин тоифа ҳам бояд усули корашро дигар кунад... Ба ҳар ҳол, ин одам дигар хел. Ку, қиморрбозиашро ҳам бинам”.

Роҳи мо қад-қади рӯди Лучоб ба даруни ин дараи дар ҳақиқат ба номаш мувофиқ — лучу урьён мерафт. Баъди аз деҳа гузаштан, дар як майдони офтобрӯи соҳили рӯд, ки се-чор бех тути камшоху барг дошт, тӯдаи одамон ва мошинҳоро дида, аз роҳ истодем. Ҳамроҳони ман зуд бо шиносҳояшон вохӯрӣ карда, саргарми ҳазлу мутоиба, ҳолҷӯию ҳолпурсӣ маро фаромӯш карданд.

— Ҳамин ҷа ҳам ҷо шуд?! Э, қоил, кӣ ин ҷора ёфт-а? — мегуфт амаки Муҳаммадраҷаб бо овози баланд ба ошноҳояш.

— Э, напурсед “Дӯзахи тап-тайёр”, — фиғон мекард як марди солдидаи зиёинамо.

— Ҳеҷ гап не, аз чашм дур... хотирҷамъ... — таскин медод дигаре.

Бо амри саркорон ду-се нафар ҷавонон аз деҳа белу каланд оварданду зери як бех тути нисбатан серсояро ҳамвор кардан гирифтанд.

Ҳаво метафсид. Аз сару рӯи ҳама арақ мешорид. Дар шохи тути канорӣ ду қафаси руйпӯшида овезон буд. Ҳамроҳи мо — ҷавони бинитез бо амаки Муҳаммадраҷаб пичир-пичир карду сипас ба қафо гаштаравон гуфт:

— Ҳозир, оҳиста мебинем...

— Ҳой, гард! — амак дар қаҳр ӯро аз роҳаш гардонд. — Ҷӯра, ақлат ба ҷояш ё?.. Мон, беғавғо шинем.

— Ҳамту, як мебинам. Намехӯрам-ку! — аз раҳаш гашта омада, ғут-ғут кард бинитез.

— Ҳама гап дар сари ҳамин як дидан, — амак калимаи “як”-ро бо задаи махсус таъкид кард. — Вақти ба бозӣ мондан, чӣ хел аввал ту кушо, сонӣ ман гуфта, талош мекунанд, намебинӣ?!

Амак бо шиносҳояш дар хусуси кабку кабкдорӣ ба гап даромад. Ман аз паи обхӯрӣ ба тарафи рӯд рафтам. Дар қад-қади наҳр аз якдигар дур-дур боз се-чаҳор нафар-ро дидам, ки дар пешашон қафасҳои болопӯшидаи кабк буд. Дар поёнтар гармчашма воқеъ буд, беморон лӯнги баста дар оби гарми он оббозӣ мекарданд.

Ман замоне баргашта омадам, ки дар зери тут як дархона барин заминро тахт карда, дар гирдогирди он ду қатор, баъзе ҷойҳо се қатор одам давра гирифта менишастанд.

Пеш аз он ки кабкҳоро ба ҷанг монанд, ду тан сар-карда, ки дар маъракаи аввалбор дидагиам ҳам тӯдакаш буданд, бо якдигар баҳсу хархаша оғоз карданд. Боиси хархаша, аз афти кор, нотандеҳии кадоме дар бозии гузашта буд. Аниқашро ман чандон батафсил нафаҳмидам. Яке аз саркардаҳо марди ургутии ғалчае буд, ки калимаҳои тоҷикиро бо лаҳни узбекӣ паҳн талаффуз мекард. Номи ӯро Мерган-ака мегуфтанд. Ӯро ман аксар дар магазини бозор медидам, аз афташ, мудири магазин буд. Ҳоло вай дасташро шоф карда, калимаҳои тоҷикию узбекиро ба ҳам омехта мегуфт:

— Ман худам каклик надорам. Ана, гӯянд, — вай бо даст ба атрофиёнаш ишора мекард. — Каклики дигаро. Агар мард истӣ — бозӣ. Ман тарап надорам! — аз чӣ бо-

шад, вай калимаи “тараф”-ро “тарап” мегуфт.

Саркардаи дигар Сайфӣ ном ҷавонмарди 35-40 солаи кулобӣ буд, ки пои росташ мелангид. Вай чашмони хаёлангез ва табассуми дилкаше дошт. Пеш аз он ки кабкро ба ҷанг монад, гӯё чашмашро раҳ мебурд, лабонаш ба табассум моил, нигоҳаш ба нуқтае номаълум гиреҳ мехӯрду дуру дароз хаёл мекард.

Амаки Муҳаммадраҷаб ҳанӯз бетараф, ба он талошҳо беалоқа менигарист. Аз дилам гузашт, ки ин одамон баъд аз ин агар маро дар шаҳр бинанд, шарики қиморбози худ мешуморанд... Ин андеша чунон малул ва дилгиру бефараҳам кард, ки саҳл монд, бархоста равам.

Оқибат, баъди кашокаши зиёде ҳар ду тараф ба иттифоқ омаданд: гарав — 175 сӯм. Саркардаҳо аз ҷо бархоста, аз давра дуртар тарафдорони худро ғун карда, ин маблағро ҷамъ карданд. Сипас, ҳар ду дар ду канори давра муқобили ҳам нишастанду ба назди ҳар яке як қафаси кабкро оварданд.

— Тайёрӣ? — пурсид Мераган-ака баъди он ки оҳиста банди қафасро кушода рӯмоли болопӯши онро саҳл бардошту кабкро дид.

— Ана, — як тарафи рӯмолро саҳл бардошт Мерган-ака. — Канӣ, ту худат бардор!.. Ин бардоштанат намешавад! Ҳалол бозӣ кун!

Баъди чандинбора “кушою бардор” ва ваҷаб-ваҷаб пеш рондани қафасҳо онҳо баробар кабкҳоро раҳо карданд. Кабкҳо аз қафас озод гашта, сараввал якборӣ худро афшонданд, сипас яке хокро нул зад, дигаре нармакак ҷеғ зад, баъд ба сӯи якдигар тохтанд ва ба ҷанг сар карданд.

— Барои чӣ руст мекунанд?.. А? — оҳиста, бештар бо

ишорат пурсидам аз амаки Муҳаммадраҷаб, ки паҳлу ба паҳлу менишастем.

— Нигаред, нигаред, — гуфт вай аз кабкҳои ба гардани якдигар овезон чашм наканда. Яке аз кабкҳо ба ҳарифи худ сахт даровехта буд. Он дар ҳолате, ки аз гардани кабки дигар газида буд, худро аз болои рақиб ба сӯи дигар андохта ба замин муаллақ афтод. Минқораш ба гардани рақибаш як бор тоб хӯрд, аммо раҳо накард. — Агар кабк якдигарашона бинанд, сонӣ ба бозӣ намемонанд-да, — фаҳмонд амаки Муҳаммадраҷаб. — Ҳамин ки дид, кабки вай зӯр барин, даррав ин ҳам кабки зӯртар мемонад.

Ду кабк бо навбат ба сару гардани якдигар нӯл зада, кашола мекарданд, пату пари якдигарро беамон мекананд ва аз нашъаи ғалаба мастона ҷеғ зада, минқори худро ба хок суда пок мекарданд. Алҳол онҳо бо навбат — як бор яке ҳамла карда нӯл мезад, бори дигар — дигаре.

Аз ҳар ду тараф лаҳза ба лаҳза овозҳо баланд мегашт:

— Даҳ сӯм рафтам. Кӣ ҳаст?.. Кӣ даҳ сӯмба?

Агар аз тарафи муқобил ба ғалабаи кабки худашон дилпур касе бошад, овоз мебаровард:

— Кӣ даҳ сӯм? Ту? Ман рафтам. Парто, ҷамъ кунем.

Ҳар ду гаравбоз даҳсӯмӣ бологаравро бароварда, ду пулро якҷоя мекарданду онро яке аз онҳо дар даст нигоҳ медошт. Кабки кадоме ғолиб гардад, ин пулро ҳамон кас мегирифт.

Баъзан фарьёду ғалоғулаи ин бологаравиён чунон боло мегирифт, ки саркардагон маҷбур мешуданд, шӯри онҳоро пасанда кунанд:

— Ҳой, як бор ҷор андохтӣ, ду бор ҷор андохтӣ, бас-

да! Талабгор бошад, овоз медиҳад.

Аз миён чоряк соат барин вақт гузашт. Ду кабки маст беамон ба якдигар нӯл мезаданд, пару пати якдигарро меканданд. Гардани яке луч шуд, хуни сурхи он пару боли ҳар дуро ҳам рангин сохт. Ба ман чунин намуд, ки минқор ва ҳалқаҳои чашми кабкҳо аслан сурх набуда, аз қаҳру ғазаб хунашон ҷӯшида сурх гаштааст.

Амаки Муҳаммадраҷаб хомӯш буд. Гӯё вай ба пулу қимор беалоқа барин, ба як тарзи сӯфиёна аз кабкҳо чашм наканда нишастаст. Ин ҳол маро худ ба худ дилтанг мекард. Барои чӣ ман ӯро дар сари қиморбозӣ диданиам, худам ҳам намедонам. Вай тасаввуроти аввалини маро зеру забар карданӣ, ҳукми маро ба дурӯғ бароварданӣ. Дили ман ба ин тан намедиҳад. Одати одамизод ҳамин аст — ҳамеша дар ақидаи худ пойдор мондан мехоҳад. Сими печ додагӣ барин ҳарчанд кашем, боз ба вазъи аввали худ майл мекунад.

Кам-кам кабки Мерган-ака ба гурехтан сар карду ҳар ду тараф ҳам дамашонро ба дарун кашида, оқибати ҷангро нигарон шуданд. Кабки мағлуби ба хун ҷулида давраро чарх зада, рахнае мекофт, то ки гурезад, аммо ҳозирон ба якдигар ҷафс шуда, ба кабк роҳ намедоданд. Ҷонвар чору ночор боз ба ҷанг медаромад, сипас боз роҳи гурез меҷуст. Дили ман мехост кабк наздам ояду онро раҳо кунам, то ки аз уқубат наҷот ёбад. Аммо кабк ба назди ман намеомад. Кабки Сайфӣ паёпай ҳамла мекарду ҳар боре аз кабки Мерган-ака як қабза пар ҷудо мешуд. Кабки зӯр минқорашро ба хок пок карда, ғи-ғикунон боз аз паси ҳарифи худ медавид. Баъзеҳо норозиёна ғут-ғут мекарданд:

— Шуд-да, ин қадар ҷонвара азоб метиӣ!

— Ҳа, кайҳо гурехтагӣ буд...

Ҳазлгӯию шӯтқариҳо ҳам буданд:

— Гурехтагеш не, одати ин кабк ҳамин хел.

— Рост, рост, феълаш ҳамин хел будаст.

Оқибат Мерган-ака аз ҷо бархоста, ба болои кабкаш қафасро ниҳоду ман як нафаси сабук кашидам. Лаҳзае ғавар-ғавур, гап-гап, пулҳои қиморбозон радду бадал шуд ва сипас боз ҳама ба ҷойҳои худ нишастанд.

Ман зудтар ҷанги кабкҳоро ба сурат гирифта аз ин тамошои нофор гурехтан мехостам.

— Аз мошин суратгирак биёрам? — оҳиста пурсидам аз амаки Муҳаммадраҷаб.

— Не... сонӣ.

Дар сари маблағи кабкҷанги дигар боз баҳсу харха-ша карданд.

— Як кабк будаст, соҳибаш чорсад мепурсад, — гуфт Сайфӣ чашмонашро кашида, ба тарафи Мерган-ака айёрона табассум карда. Вай дар ин гуна мавридҳо як чашмашро пӯшида, бо як чашм ба ҳарифи худ менигарист.

— Чорсадба каклик ҳаст? — баъди ин гап Мерган-ака ба тарафдорони худ рӯ оварда мепурсид. Сипас бо пичир-пичиру имою ишора маслиҳат мекарданд. — Дусад... Агар хоп гӯед, ба дусад каклик ҳаст, мегуфт вай калимаҳои узбекию тоҷикиро ба ҳам омехта.

— Дусад... — пешониашро хорида, бо нохунаш ба замни хат мекашид Сайфӣ. Баъд ба ҳамроҳонаш рӯ меовард: — Дусадба чӣ мегӯед?

Оқибат ҳар ду тараф гаравро ба сесад сӯм фуровар-да, пул ғун карданду кабкҳоро ба ҷанг монданд. Вақте ки кабкҳоро аз қафас раҳо карданд, ҳама якбора, “ваҳ” гӯён тааҷҷуб намуданд. Гӯё ба найистон якбора шамол вазида

бошад, аз ҷамоат шибир-шибир бархост. Сонӣ овозҳо ҳам баланд шуда:

— Э, ин якташ — филу дигараш — муш-ку!

— Кавкчӯҷаро ба бозӣ мондаст-е!

Як кабки калони шонапаҳн ва як кабки хурдакаки чолок ин дам беамон якдигарро парканӣ мекарданд. Кабки калонҷуссаи синафарох бештар дилпурона ва базарба ҳарба дошт. Аммо ҷасорат ва ғайрати кабки хурд, ки ба рақиби бузургҷусса ва ҷангдида беҳарос муқобилат мекард, аксариятро ба худ моил намуд ва ё ҳиссиёти маъмул — тарафдори хурду очиз будан дар дили ин одамон бедор гашта буд. Ман ҳам аз дилу ҷон хоҳони ғалабаи кабки хурд будам: ҳар як нӯле, ки кабки калон ба сару гардани вай мезад, гӯё ба синаи ман мерасид.

Ногаҳон кабкҳо чеғ зада аз якдигар ҷудо шуданд ва тохта ҳар ду ба ду канори давра — ба одамон наздиктар рафтанду чашмонашонро ба боло бардошта, каҷ-каҷ ба осмон менигаристанд.

— Калхот!.. Калхот! — чанд тан якбора аз ҷо бархостанд.

Дар тори сари одамон, дар осмони баланд монанди нуқта паррандае чарх мегашт. Ду тан аз ҷавонон аз давра дуртар рафта ба сӯи он нуқтаи осмонӣ санг андохта, бо таҳдиду ташдид даҳшат карданду он аз болои сар дур шуд.

Кабкҳо якдигарро ба минқор газида чунон баланд меҷаҳиданд, ки баъзан таппас зада пуштнокӣ ба замин меафтоданд. Мардон дар як вазъи ба зоҳир сангин ва беҳис ба ҷанги кабкҳо нигариста шах шудаанд. Дар чеҳраи Сайфӣ табассуми мор гӯё нақш баста. Гардани чӯҷакабк парканда, болотари дум ва паҳлуҳои ҷиғилдонаш ҳам гӯшт гаштаст.

Ман агар аз кабкҷанги аввалӣ дилтанг будам, аз ин ҷанги нобаробар ғазабам меҷӯшид. Аслан, ду ҷонвари бегуноҳро ба ин тариқ ҷанг андохта, парканию чашмкании онҳоро тамошо кардан ва гарав бастан чӣ беақлист! Одамонро ҳам аслан барои ҳамин хел нияту матлаби ночизе ба ҷанги якдигаркушӣ меандозанд, кишварҳоро хароб мекунанд.

Дигар ба суратгирӣ шавқам набуд, вале боз як бор савол кардам:

— Амаки Муҳаммадраҷаб, суратгиракро биёрам?

— Монед... Сонӣ. Ягон рӯз шуморо ба хона мебарам. Ду кабк дорам, ба ҷанг мемонам, сураташро мегиред. Инҳо... — вай лаби поёнашро газида сар ҷунбонд, ки маънояш авзои инҳо вайрон аст гуфтани ӯ буд. Сонӣ хам шуда ба гӯшам пичиррос зад: — Ҳозир чашмашонро хун гирифтагӣ. Қимор... Бишинед камтар, сонӣ меравем, — гуфт вай дили маро фаҳмидагӣ барин.

Ман бовар кардам, ки ӯ қиморбоз нест ва бар асари нидои виҷдон ба рӯи ӯ нигариста натавониста хомӯш мондам. Равшан буд, ки вай ба майли ман нигариста рафтанӣ аст.

— Шумо то охир тамошо кунед, ман меравам. Дар бозгашт чӣ мекунед? Мошин мешавад ё биёям?

— Беташвиш бошед, такси зиёд меояд, бемалол меравам.

— Хуб, ташаккур амак, — гуфтам ман оҳиста бархоста.

Барои чӣ ташаккур гуфтам, худам намедонам. Балки барои улфатию раҳбаладӣ ё барои узри бадгумониам... Не, ягон бор ба худашон узр мегӯям.

***Соли 1976***

# ЧИНОР-КАМПИР

Дар ин бинои кунҷакӣ наваду шаш хонавода зиндагӣ мекарданд. Агар дар миён Чинор-кампир намебуд, сокинони бино баъди кор дар хонаҳои танги худ дилтанг нанишаста, ба саҳни ҳавлӣ мебаромаданд, ҳамсояҳо ҳамгап мешуданд, аз ҳоли якдигар огоҳ мегаштанд. Аммо аксари сокинони бино хоҳиши дидори ин пиразанро надоштанд. Вай бемор будаст, вале ин розро ба ҷуз ҳамсояаш духтур Азиза-апа дигар кас намедонист. На раҳбарони идораҳое, ки шикоятҳои ӯро тафтиш мекарданд, на ҳамсояҳое, ки гоҳе аз моҷаро ва гоҳе аз беванолишҳои ӯ ҷабрҳо мекашиданд ва на духтараш, ки ба майли модар амал карда, ниҳоятан хонавайрон шуд.

Дар асл, номи пиразан чӣ буд, ҳоло ҳеҷ кас дар хотир надошт, ҳама ӯро Чинор-кампир мегуфтанд. Мегӯянд, ки ӯ чун чинор зимистону баҳор дар саҳни ҳавлӣ буд, кадоме “Чинор” лақаб доду боз ҳамин худаш ҳам ба ин ном одат кард.

— Пич-пич-пич, доим ғайбати Чинор, — дар саҳни ҳавлӣ агар ду занро ҳамгап бинад, фиғони вай мебаромад ва коре карда сӯҳбати онҳоро барҳам медоду сипас аз қафояшон сарашро бардошта ғолибона ғут-ғут мекард:

— Ин қадар инҳо г... маро тит мекарда бошанд?! Э, тавба!..

Вай аз ин канори ҳавлӣ ба он канори шитобон, гӯё аз паи коре мерафту баъд ҳарсосзанон дар харак менишаст ва пуршубҳа ба атроф менигарист: тирезаю айвончаҳои ҳар як хонаводаро алоҳида-алоҳида аз назар мегузаронд, агар бо ягон ҳамсоя чашм ба чашм афтад, ба сӯи он бечора чунун ҳақоратомез тез-тез менигарист, ки гӯё ӯ ҷинояти

мудҳише содир кардаасту аз кирдораш фақат вай — Чинор-кампир хабардор аст ва ҳозир маъмурон омада, дастонашро ба қафо баста, пешандоз карда мебурда бошанд.

Ҳар гоҳ агар аз хусуси вай сухан ояд, ҳамсояҳо рӯй турш карда, даст меафшонданд: “Монед ҳамин... дарди ҳаринаро... Ин хел одам кати аслаш салому алейк ҳам ҳайф, аммо чӣ илоҷ... Бадбахт духтарашро ҳам аз пояш кашола кард. Аслаш лубиёю каду...”

Ба ҳавлӣ сабукраве ворид гашту аз он ҷавонмарде берун омада, рост ба самти даҳлези ҳаштум равон шуд. Чинор-кампир, ки ин дам дилтангона дар харак менишаст, ӯро аз роҳ боздошт.

— Ҳой, писар, истед, — пиразан бардам аз ҷояш бархоста ба сӯи ҷавон кадам монд. — Охир, ҳамин сабилмонда мошинатона дар сари роҳ монда, худатон дароед, намешавад? А?.. Охир, дар ин ҳавлӣ худаш мошиндор кам не. Мо нафасгир шуда мурем?! А? Мурем?

— Дар кӯча мошинро бенигоҳбон мондан мумкин не! Ним соат кор дорам, рафиқам...

— Кор дошта бошед ҳам, мумкин не!.. Э, шумо маълумотнок барин-ку...

— Аломати манъ нест, барои чӣ беҳуда ғавғо мекунед? — дилтанг шуд ҷавонмард.

— И, тавба... Аломати манъ нест гуфта даромадан мегиред? А? Мо чанги мошини шуморо хӯрда шинем?.. А?

Хайрияти кор шуд, ин дам Чинор-кампир дар он канори ҳавлӣ се нафар ҳамсоязанҳоро дид. Яке аз онҳо зоҳиран тор кашида ҷомашӯӣ хушк карданӣ буд, ду нафари дигар бо шавқ ба вай чиҳое гуфта механдиданд.

— Равед ба раҳатон, дую дубора мошинатона дар ин

ҷо бинам, худам ГАИ[13]-ро ҷеғ мезанам, нумираша мегирад. Равед!

Соҳиби сабукрав ба ин осонӣ аз Чинор-кампир халос намешуд. Ба толеаш, пиразан он се нафар занонро диду ҳушаш ба онҳо гир кард. Саҳеҳтараш ба вай чунин намуд, ки ҳамсояҳо ба ин ҷавонмард дарафтодани ӯро гуфта, тамасхураш мекунанд. Вагарна чаро механданд? Ягон кас дар ин ҷо маймунбозӣ надорад-ку?!

Вай монанди мардҳо ду даст ба пушт ҳалқа, якта- якта, бовиқор қадам монда, ба он сӯ рафт. Ду тан аз он ҳамсоязанҳо бо ӯ ногап, сеюмӣ ба ғайр аз салому алек дигар сухани ӯро майли шунидан надошт. Чинор-кампир чораи ба сӯҳбати онҳо шарик шуданро наёфту рафта ду-се қадам дуртар аз онҳо рост истода, худро ба ину он машғул сохт: бо нӯги кафшаш шишапораеро аз замин кофта бардошту аз девор берун андохт; ба шохи дарахтон зеҳн монд; сипас рафта қубури обро кушода дид. Об меояд. Нишаста даст мешусту гӯши вай ба сухани ҳамсояҳо вақф буд. Дар инчунин мавридҳо ба пиразан аз ҳама беш ду кори ҳамсояҳо сахт алам мекард: яке, агар онҳо гап поидани ӯро пайхас карда, бо овози паст пичир-пичир кунанд; дигаре бо овози баланд каҳ-каҳ зада ханданд. Ин гуна рафтор ҳамеша ӯро аз худ бехуд мекарду аксар бо ягон баҳона, ба қавли худаш, машмаша карда мегирифт.

Бегоҳирӯзӣ Чинор-кампирро аксар ҳамроҳи духтараш медиданд. Очаю бача саҳни ҳавлӣ ё кӯчаи атрофи биноро гардиш мекарданд ва ё дар хараки зери дарахтон нишаста, дилтангона ҳамёза мекашиданд. Онҳо ба хонаи ҳеҷ кас намерафтанд ва ба хонаи онҳо ҳам асосан, касе намеомад.

---

[13] ГАИ – Бозрасии давлатии автомобилӣ (аз русӣ: Госавтоиспекция)

Духтари пиразан Руқия дер шавҳар кард. Домоди табъи дилашон ёфт нашуд. Гӯё дар аввал хушдорҳо бисёр будаанду Руқияҷон аз ваҷҳи бемории модар ба ҳеҷ кадоми онҳо рӯи хуш надодааст. Сонӣ дер шудаасту “ба ҳамин дарвеш” додаанд. Аксар маънии аслии ин ибораи ӯро, кинояи заҳрноки онҳо пай мебурданду ба Шарифҷон раҳмашон меомад.

Домоди онҳо Шарифҷон, ки зотан ҷавонмарди соддафеъл, кушодадил ва бекинае буд, баъди вафоти зани нахустинаш ба қавли ҳамсояҳо “ба ин балоҳо дучор омадаст”. Ӯ дар яке аз колхозҳои атрофи шаҳр зоотехник буда, мудом газикро пур карда, меваю сабзавот меовард, Соле дута-сета гӯсфанд оварда мекушт, мурғу тухм — хонаводаро сад фоиз таъмин мекард.

Шарифҷон фарзандталаб буд, вале писарчаи ягонааш аллакай мактабрав гашта бошад ҳам, Руқия фарзанддор шудан намехост. Ҳамсоязанҳо баъзан таҳқовӣ карда пурсанд, Чинор-кампир мегуфт:

— Э, монед, фарзанди ҳамун қишлоқии нокас чӣ фарзандӣ мекунад?! Аслаш, аз фарзанди ҳамин давру замона дасту дилатона шӯед. Ҳамааш як гӯр. Аз ягонтааш некӣ намебинед.

— Сипас вай аз он, ки чӣ гуна фарзанди фалону фалон касон ба падару модар хиёнат карданд, волидайни худро ба чӣ уқубатҳо пешрав намуд, хеле мисолҳо меовард, ҳикоятҳо мегуфт. Афкору ақидаи модар кам-кам ба Руқия таъсир мегузаронд.

Боре дар хараки зери дарахтон Руқияю Садаф — зани муаллим менишастанд, ки рассом Азимзодаю ҳамсараш гузаштанд.

— Чӣ хел ба якдигар меҳрубонанд... ҳаваси кас меояд,

— гуфт Садаф аз қафои онҳо нигариста.

— Афту башараи вай зана бинед, дилатон беҳузур мешавад, чӯби оташков барин, — бо кароҳат лаб бурма кард Руқия. — Шӯяша одам тамошо карда сер намешавад, сурат барин. Бахт ба ҳамин хел мазангҳо механдидаст, — гуфт вай зани рассомро дар назар дошта. Оҳанги сухани вай ба он далолат мекард, ки рассом аслан лоиқи вай барин зани зебою нозанин аст, аммо зани ӯ беинсофӣ карда, насиби дигаронро соҳиб гаштаст.

— Ба шӯи худатон чӣ шудаст?! — ҳасади ӯро пай бурда гапковӣ кард Садаф. — Хушқаду баст, хушфеъл, ёбанда. Фарзандӯстиашонро намегӯед!

— Фу... Ба бӯю тафи мол тоб надорам. Шӯйҳои одамҳо чӣ хел озода, дилкаш, агар аз пешатон гузарад, роҳат мекунед. Аз вай бӯи оғилу боз ким чӣ балоҳо мебиёд. Колхозчӣ-дия!.. Ба тақдир тан дода шиштам набошад, ҳамон лоиқи ман-чӣ?! Як бор ба ман нигареду сони ба вай...

— Қӯчқор барин писар ёфтед, хӯрдагетон дар пеш, нахӯрдагетон дар қафо, назанад, накӯбад, иззат кунад, боз чӣ мехоҳед?!

— Э-э, фарзанди ҳамон саҳро чӣ фарзанд мешуд! — Оҳ кашид Руқия. — Генетика... Ба аслаш мекашад. Фарзандаш ҳам худаш барин бадбуриши қишлоқифеъл мешавад.

— Чиба ин хел мегӯед?! Ақлу хушаш ба ҷо бошад, афту андомаш чор кас медидагӣ. Боз чӣ мехоҳед? Фурсатро нагузаронед, ду-сета зоида гиред. Сонӣ пушаймон мешавед? Сол гузарад, ба ҷонатон намефорад мегӯянд. Модаратон дар баратон...

— Э-э, агар шӯи шумо барин шӯям мебуд, ман ҳам мехостам. Аз ин исқиии гаранг фарзанддор шудан наме-

хоҳам. Дилам намекашад. Ҳеҷ намекашад, — рӯй турш карда даст афшонд вай. — Тавба, ҳамин мардаки ман як ба ман не, ба модарам ҳам маъқул не...

— Ҳай-ҳай, ин хел нагӯед, шӯятон аз кӣ кам, Руқия-ҷон? — Дар изтироб лаб газид Садаф. — Хайр, дар саҳро кор мекунанд, ба ҳамон мувофиқ либос мепӯшанд-дия. Туфлии ғарч кати ба оғили мол ё замини пахта даромада намешавад. Барои ҳамин зимистону баҳор дар пояшон мӯза. Чангу хокашонро пок кунед, арақашонро шӯед, атр занед, тозаю хушбӯй мешаванд.

— Э-э!.. — даст афшонд Руқия. Сипас аз ҷояш бархосту бо ду дасташ аз миёнаш дошта, бо фахр тану тӯши фарбеҳи худро дар пеши назари ҳамсӯҳбаташ ҷилва карда гуфт: — Ба ман як бор нигаред!.. Ман лоиқи ҳамон пири бебуришам? А? Шаш сол аз ман калон! Ҳазл не, шаш сол! Ман ҳам мехоҳам дигарон барин шӯям як марди хушрӯю дилкаш бошад, олим ё раҳбари ягон идора бошад, ба дасташ кашол шуда гардам. Ман аз кӣ кам?! Ба колхозчӣ — зани колхозчӣ, ба зиёӣ — шӯи зиёӣ даркор, гардам!

— Ин гапро нагӯед, дугона, — ҳамвора эътироз мекард Садаф. — Шавҳари як дугонаи ман дар як идораи калон кор мекунад. Агар вай дарди дилашро гӯяд, бовар намекунед! Зор-зор гиря мекунад, “модарам олимаълумот не гӯён ба як ҷавони дӯстдорам надод, уболи ҳамон ҷавони бечора маро гирифт” мегӯяд. Шӯятон ҷавонмарди бебаҳо, ба гапи ҳар кас фирефта нашавед. Ба шумо дасти он кас расиду фарбеҳу тозарӯ шудед!

— Канӣ фарбеҳ? — сухани ӯро буррид Руқия. — Ман на фарбеҳу на лоғар, миёна!

— Не, вақтҳои охир хеле фарбеҳ шудед. Бинед...

— Хайр, камтар сонҳоям... — Баъд ӯ сонҳои фарбеҳашро даст-даст карду аз он қаноатманд, балки бо фахр гуфт: — Як пайса гӯшт, ҳама айба пӯшт, мегӯянд. Зани қоқу лоғарро мардон хуш намекунанд, — вай ҳирингос зада хандид.

— А-а, ба ростӣ? — бо тааҷҷуб ангушт ба даҳон бурд Садаф.

Ба сӯҳбати гарми ду ҳамсоя чашми бад расид магар, рӯзи дигар Садафу Руқия гиребонканӣ карданд. Писари ҳар ду ҷанг карданду Руқия тарафи писарашро гирифта, ҳарифи ӯро дошта заданӣ шуд. Бачаи Садаф гурехт. Руқия аз қафои вай сангу чӯб андохта тохт, суханони бепарда гуфта, ҳавлиро ба сар бардошт. Садаф ғавғоро шунида, аз табақаи чорум поён фуромад. Руқия ба вай дарафтода, “ин писарат ҳам акояш барин ҷавонмарг мешавад”, гуфт. Писари калони Садаф як сол қабл аз ин дар фоҷиае ҳалок ёфта, доғи фарзанд ҳанӯз дар дили модар нав буд, бинобар он яку якбора алав гирифту даст заду аз гиребони Руқия гирифт.

“Одаме, ки марги фарзандро таъна мекунад, аслан одам не, агар одам шуморанд ҳам, вай ҳаргиз модар не”, гуфтанд ҳамсояҳое, ки ин моҷароро гувоҳ буданд.

Баъд аз ин воқеа Чинор-кампир ва духтараш расо ду сол хонаводаи Садафро ором нагузоштанд: ба идораи шавҳараш шикоят навиштанд, ки мардак занашро тарбия дода наметавонад; писараш авбош асту аз дасти вай ҳама ба дод омадаст; ба корхонаи Садаф рафтанд, ба мактаби писарак... Бар замми ҳамаи ин, ҳар бор дар ҳавлӣ писаракро бинанд, ба вай неш мезаданд: ба бачаҳои дигар эълон мекарданд, ки ӯ камақлу бефаҳм, девонамизоҷ, ким-чӣ хел дарди сироятӣ дорад ва ташвиқ менамуданд, ки бачаҳо

ҳамроҳи ӯ бозӣ накунанд.

Бо ҳар хонаводае, ки ба ин бино аввалбор кӯчида омад, аз ҳама пеш Чинор-кампир шиносо мегашту унс мегирифт. Онҳо бехабар аз кию чӣ будани вай сараввал хеле ҳурматаш мекарданд, баъдан нархи сабзию пиёзро нафаҳмида ӯро тарафгирӣ ҳам менамуданд. Боре яке аз ин гуна навсокинон чунон таъзир дид, ки ҳамсояҳо то хеле вақт байни худ қиссаи ӯро гуфта, механдиданд. Воқеа ин тавр шуд: Писарчаҳо дар саҳни ҳавлӣ футболбозӣ доштанд. Чинор-кампиру духтараш мисли ҳамеша дар харак менишастанд. Пиразан остини набераашро лойолуд диду ӯро аз бозӣ боздошта, либосашро тоза мекард, ки тӯб ба назди онҳо ғелида омад. Наберааш онро бо пояш зад, тӯб ба дарахт заду баргашт, дигарбора пой ғурронда буд, он ба пеши пойи яке аз бачаҳои аз паи тӯб даррасида афтод. Ногаҳон бо зарби ӯ тӯб рост ба сари кампир бархӯрд. Чинор-кампир ҷои он ки набераашро таъзир кунад, бо ғазаб аз паи тӯб давид. Бачаҳо диданд, ки ӯ тӯбро кафонданӣ аст, онро яке ба дигаре ғурронда, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Чинор-кампир бо ғазаб аз қафои онҳо давид. Ӯ сангу кулӯх ғурронда аз паси бачаҳо ҳавлиро гирд медавиду фарьёду фиғон бардошта ба ҳафт пушти онон дашном мефиристод. Пиразан ногоҳ пешпо хӯрд ё ягон хел дардаш гирифт магар, ба замин парӯ афтод. Домани куртааш то ба миён бардоштагӣ, чашмонаш беҷо, даҳонаш кафк мекард. Мардҳое, ки аз тиреза ҳодисаро менигаристанд, адаб нигоҳ дошта рӯяшонро тофтанд. Ду нафар ҳамсоязани бо пиразан ногап ҳам, ки ин дам дар саҳни ҳавлӣ буданд, аз вай рӯ гардонданд. Руқия то ки қасоси модарро гирад, бачаҳоро думболагирӣ мекард. Ин дам аз кучое ҳамон марди навсокин пайдо шуду ҳамроҳи

як нафари дигар ба кӯмаки Чинор-кампир рафт. То ки чашмаш ба сонҳои урьёни пиразан наафтад, вай рӯяшро ба як тараф гардонда, дасти ӯро гирифту ба по рост кард. Руқия, ки ин лаҳза ҳарсосзанон ба сари модар расид, ӯро бо чӣ авзоъ аз замин бардоштани ин мардро дида, ба вай дарафтод:

— Чӣ, ин қадар ҳазар мекунед?.. Ба модари ман вабо нарасидаст-ку!.. Шумо барин озодақарқинҳоро...

Руқия он мардро аз гӯр бигирифту ба гӯр зад.

Мард лому мим нагуфт, бо ҳайрат ба рӯи Руқия назар афканду мулзам ва сархам қафо гашта ба хонааш даромаду рафт.

Шарифҷон аз рӯзҳои аввали домодиаш суханони ғайбатомези модарарӯсаш ва Руқияро аз хусуси ҳамсояҳо шунида, табассум мекарду даст меафшонд. Вале ин кори ӯ ба Чинор-кампир, сонитар ба тавассути вай ба занаш ҳам хуш наомад. Шарифҷон ба афкору ақидаи онҳо доири атрофиён ҳеҷ шарик нашуд ва бо ҳамин дар ин хонавода бегона монд. Баъдтар модару духтар ба ҳар як нобарориашон аз ӯ шубҳа карданд. Солҳои аввали хонадорӣ "ту пулатро руст мекунӣ, ҳамаашро ба хона намебиёрӣ", гуфта ҷавонмардро ба шиканҷа мегирифтанд. Баъдтар Руқия ба колхоз рафта, музди мегирифтагии шавҳарашро фаҳмид ва аз раису парторг хоҳиш кард, ки танобн ӯро кашида монанд. Дили Шарифҷон аз ҳамсараш хунук шуд.

Як замон модару духтар овоза сар доданд, ки Шарифҷон дар ҳавлӣ бо ҳамсояҳое, ки душмани хонадони онҳо аст, дӯстию ҷӯрагӣ дошта, сири хонаи онҳоро ба кӯча мебарорад. "Ин домод не, каҷдуми таги бурьё, — мегуфт Чинор-кампир ба ҳамсояҳо шиква карда. Санг ба дари

шикаста мезанад, мани беписар бо умедҳо домод кардам, ба ҷои писар гуфтам, ана, оқибат...”

Ин ҳам дарди бахайр буд. Рӯзе аз рӯзҳо Чинор-кампир валвала сар кард, ки домодаш ба гапи душманон даромада, ба ваю духтараш кинадор шудаст, ягон кори ҳол шавад, ӯро сахт доранд. Гӯё домодаш онҳоро заҳр дода куштанӣ будаст, ки аз ду мурғи овардагии вай бӯи дору меомадаст, таъми гӯшт ҳам талх будаст.

Шарифҷон ба хонааш дер-дер меомадагӣ шуд, биёяд ҳам, ба саҳни ҳавлӣ намебаромад, бо ҳамсояҳо зиёда ҳам-гап намегашт. Вақтҳои охир бо Руқия ҳам гапаш наме-пухт. Беэътиноӣ, ғуруру худписандӣ ва ба ӯ беҳурматии зан ба дилаш сахт мерасид, аммо намедонист ба чӣ роҳ Руқияро аз ин васваса халос кунад, дар хонаводa созгорӣ ва ҳамдилӣ ба миён орад. Модару духтар рӯзафзун ба муқобили Шарифҷон бадкинатару бешафқаттар ме-гаштанд, ҳар замон барои бадномии вай ягон гап паҳн ме-карданд. Кор ба ҷое расид, ки оқибат рӯзе Руқия ба занҳо эълон кардаст, ки Шариф заифақл аст, як қамчин дево-нагӣ ҳам дорад. Аз сумкааш ким-чӣ хел доруҳо ёфтанаш-ро гуфта, баъзе содалавҳонро ҳайрон кардаст. Гӯё шавҳа-раш ба онҳо кам-кам аз ҳамин доруҳо хӯронда нобуд кар-данӣ будаст.

— Модарам гӯянд, бовар накарда будам, — ҳасрат мекардаст вай ба ҳамсояҳо. — Ин мӯсафедҳо надониста гап намезананд... Ману модарамро кушта ба хонаю ҷой соҳиб шуда, сонӣ зани нав гирифтанӣ будаст, ин нокас. Кӯр шав, некии моёнро надонистагӣ одам кӯр мешавад...

* * *

— Руқия! Руқия!.. Ҳой Руқия!..

Собиқ ҳамсояи онҳо, духтур Азиза-апа аз роҳ бозистода, ӯро фарьёд кард.

Руқия ҳаросон дасташро аз бозуи ҳамроҳаш гирифт. Ҳамроҳаш ҷавони хушсурату хушлибосе буд, ки синнаш аз Руқия ҳафт-ҳашт сол хурд менамуд. Агар Руқияи бочкавор фарбеҳу лӯнда ба бозуи вай овезон шавад, кас гумон мекард, ки ҳозир миёни борики ҷавон ба ин бори гарон тоб наоварда, канда мешавад.

Руқия бо табассуми сохта ба сӯи ин зани батамкин ва ҳаракатҳояш қатъӣ рафт. Азиза-апа чӣ сире дошт, ки дар ҳавлӣ ҳама ӯро эҳтиром мекарданд. Руқияю модараш ҳам аз ӯ андаке кебида, муросоҷӯёна ҳамсоягӣ доштанд.

— Руқияҷон, ба шумо чӣ шуд? А?.. Як моҳ пештар дар боғ ҳамроҳатон як ҷавони дигар буд.... А? Кадом рӯз дар ресторан ҳам бо одамони нағз набудед. Ҷудо шудед?

— Ҳа, нашуд... Гум шав, гуфтам. Аз бӯю тафаш безор... Аз гови шохзан оғили холӣ беҳтар, мегӯянд, — Руқия бидиррос зада, суханони барои ин хел мавридҳо тайёрашро қатор кард. Аммо духтурзан гӯё фикраш ба ҷои дигар банд бошад, ба суханони вай дуруст эътибор надода мешунид ва аз оҳанги сарҷунбониаш, нигоҳаш ва боз кимчӣ хел ҳаракатҳояш аён буд, ки ӯро маломат мекунад.

— Э, садқаи афсӯс шавад ҳамон нокас, заб халос шудам, ҷонам ҳузур кард, — қаҳ-қаҳ зада хандид Руқия, вале хандаи сохта ва бардурӯғ ҳамоно қатъ гашт.

Азиза-апа як навъ тамасхуромез, вале дарднок ба ӯ менигарист.

— Не, бекор кардед, хоҳарам. Шарифҷон одами нағз, вай барин шавҳар ёфтанатон даргумон. Ба рӯятон гӯям, аз ман наранҷед: айби худатон. Ман ба шумо ҳамон вақтҳо

гуфтанӣ будам, аммо ба хонаи нав кӯчидему шуморо дигар дучор накардам... Ҳозир шуморо дида, ба ёдам омад...

— Чӣ гап, Азиза-апа?

— Медонед, ман кайҳо боз мушоҳида мекардам... Модаратон бетобанд. Чандон дардашон хавфнок не, аммо...

— Чӣ хел? Бетоб?! — аз оҳанги сухани ӯ чунин маънӣ бармеояд: "Бетоб бошад, будагист, барои ҳамин ин қадар воҳима карда маро аз роҳ медорӣ?" — Дуб-дуруст гаштаанд-ку, Азиза-апа!

— Гӯш кунед, дардашон хавфнок не, лекин даво кардан даркор. Дигаронро нотинҷ мекардагӣ касал. Ба васваса монанд... Духтурҳо онро параноиди пирӣ мегӯянд. Одам ба шубҳаю васвасаҳои беҳуда меафтад... Шумо беҳуда ба гапи он кас даромада, рӯзгоратонро вайрон кардед. Афсӯс... Синнатон ҳам ба ҷое расид, писаратон калонак шудагӣ... Аз ҳама муҳимаш — шавҳаратон инсони хуб буд.

Лаҳзае ҳар ду ҳам хомӯш монданд. Руқия бо нӯги кафшаш асфалтро хат мекашиду рангаш гоҳ сурх мешуд, гоҳ сафед. Вай аз замин чашм намебардошт.

— Агар илоҷаш бошад, оштӣ кунед, узр гӯед... — ҳамчун зан Азиза-апа ҳолати ин лаҳзаинаи Руқияро ҳис карда маслиҳат дод.

— Э-э... аллакай зан гирифт, — гуфт дар ҷавоб Руқия. Азбаски чашмаш пуроб буд, вай аз замин сар намебардошт.

— Ҳа-а... Э, афсӯс!.. Кори нохуш кардаед, хоҳарам...

Азиза-апа сардакак хайрухуш карду ба роҳаш рафт.

*Соли 1977*

# ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

Аз саргузашти рӯзҳои бачагиам бисёр воқеаҳоро ҳикоя кардаам, аммо ин ҳодисаро ҳаргиз ба ёд овардан намехоҳам. Вале чӣ кор кунам, ки он мудом дар нӯги забонам, шабу рӯз дар сарам ҷӯлидагеш, ҷӯлидагӣ. Шояд, то онро нагӯям, маро аз ин шиканҷа халосӣ нест. Агар гуфтанаш осон мебуд, кайҳо онро мегуфтам, лекин... Ҳар як кори чигил ана ҳамин хел "лекин" дорад. "Лекин"-и ин воқеа як сири намегуфтагӣ. Ҳар сире, ки онро ба кас гуфтед, сир нест. Хуллас, имрӯз ман ин сирро гуфта, аз бори гароне, ки қариб чоряк аср ба дӯши дили бечораам бардошта гаштам, халос мешавам. Хато ва гуноҳ ҳаргиз виҷдони одамиро осуда намегузорад: гӯй, барои чӣ пинҳон мекунӣ гуфта, дилро харошидагеш, харошидагӣ. Ман аз гуфтани ҳақиқат, ҳарчанд ки бисёр талх аст, наметарсам ва шарм ҳам намекунам. Одати ман ҳамин аст: ҳама гапро бояд гӯям. Агар баъзе чизҳоро нагӯям, он ҳам бесабаб не: ё ҳамон воқеа ба гуфтан намеарзад, яъне, ҳақиқати ба мардум нодаркор аст ва ё чунон ки Шайх Саъдӣ овардааст, рости фитнаангез ва зарарнокест, ки аз гуфтан ногуфтани он авло. Қисса кӯтоҳ, он саргузашти нохушамро мегӯям. Ба ҳар ҳол, он ба ман сабақи зиндагӣ гашта буд.

Аввал бояд гӯям, ки дадаам он солҳо ҳозира барин пири хушҳолу чақчақӣ набуданд. Ман агар дадаам гӯям, шумо як марди хода барин дарозу лоғар, чашмонаш дар косахона шиштагӣ, коркун, камгап ва хеле ҷиддию вазнин, ҳатто аз ҳад зиёд ҷиддиро пеши назар оред. Инро ба ман бачаҳо ҳам мегуфтанд. Онҳо ҳаминро ҳам таъна мекарданд: "Дадаат одами бадҷаҳл барин" мегуфтанд. Аммо ман хуб медонам, ки дадаам ҳеҷ гоҳ бадҷаҳл набуданд,

фақат кам механдиданд, ҳатто ки қариб намехандиданд. Сабаби кам хандиданашонро худам ҳам намедонам. Балки солҳои баъди ҷанг талабот аз мардумон ҳамин хел буд, кӣ медонад? Барои намозу рӯза, барои хатна кардани бачаашон баъзеҳоро ҷазо медодаанд-ку! Тағоии очаамро барои он ҳабс карда будаанд, ки дар хонаашон китоби кӯҳнаро нигоҳ медоштаанд.

Он солҳо дадаам бегоҳӣ аз кори саҳро димоғашон гирифтагӣ, хастаю шалпар меомаданд. Қавоқашонро накушода болои кундаи ҳезумкафонӣ амонат менишастанду як бор уф кашида мондагиашонро мебароварданд. То дӯғоб оварда додани очаам бо мо саволу ҷавоб карда, якду супориш медоданд. Баъди дӯғобро дам кашидан, каландашонро гирифта ба замини рӯйидаричаамон мерафтанд. Дар он ҷо то шом кор мекарданд. Очаам мегуфтанд, ки ҳамин як порча замини рӯйидарича хонаводаи моро ба по рост медорад. Албатта, ман он солҳо маънии ин гапро дуруст намефаҳмидам.

Аслан, чандон хурд ҳам не, дувоздаҳсола будам. Ҳанӯз дуруст каланд зада натавонам ҳам, дигар корҳоро хуб ӯҳда мекардам: киштро об додан, ба молҳо алаф овардан, хошок даравидан, аз кӯҳ ҳезум овардан. Ҳатто ду-се бор додарам катӣ ба осиёб ҷуворӣ бурда, орд карда омадам. Додарам — Салим он солҳо дар синфи сеюм мехонд. Ман аълохон гуфта баъзан аз худ мерафт. Ҳар чизе биёранд, вай нағзашро мегирифт. Каҷу килеб сурат мекашиду рассом мешавам, мегуфт. Доим дар кисааш ангишт ё бӯр, тахтасангҳои сари роҳро кажу маж хат кашида, пур мекард. Ҳатто сурати Алопарро дар санг оҳан катӣ канд, он сурат дигар намеравад. Баъди Алопарро аз даст доданамон Салим ҳар бор ҳамин суратро нишон дода, ба ҷароҳа-

ти дили ман намак мепошид.

Худи Салим бачаи бад не, аммо гоҳ-гоҳ зӯъмию якравӣ дорад. Азбаски ӯ харобу лоғару рангпарида аст, очаам баъзан аз ман пинҳонӣ ба вай саршир медиҳад. Гурбаи шум барин чанд бор аз хонаи дарун саршир хӯрда, лабонашро лесида баромаданашро дидам. Бо вуҷуди ин, думчаи мурӯд барин гардани борикаш, каллаи ошкаду барин калонашро базӯр дошта истодааст. Амакам мегӯянд, ки биниашро кашӣ, ҷонаш мебарояд. Қувваташ нест, пуф кунед, меғалтад.

Рӯзе ману Салим ба кӯҳ барои ҳезум рафтем. Аз хонаи мо кӯҳ дур не, агар пиёда, бебор равед, яксоата роҳ аст. Сагчаамон Алопар ҳам афтону хезон аз қафоямон рафт. Сагча ҳанӯз хурд буд — думоҳа ё семоҳа. Вақти таваллуди онро намедонем, чунки мо онро аз лойхандақи қафои идораи колхоз ёфтем. Чунон ба лой ҷӯлидагӣ буд, ки чӣ махлуқ будани онро дониста намешуд. Ҳамсояамон Гулсумхола онро "бачаи шағол барин" гуфтанду очаам ҳам ба фикри он кас шарик гаштанд:

— Аз кадом гӯр ёфтӣ, гӯрков? Охир ин шағол...

— Ман не, Салим ёфт, сонӣ ман даромада гирифтам, — аз эҳтиёт ба ин гуноҳ шарик будани додарамро гӯшзад кардам. Кӣ медонад, кор оқибат чӣ ранг мегирад? Баногоҳ ягон гап хезад, гуноҳро тақсим кардан хуб аст. Аълохонӣ ва нимҷонии Салимро дар назар дошта, ҷазоро сабуктар мекунанд ва ё тамоман мебахшанд.

— Агар ин бачаи шағол бошад, шаб очааш кофта мебиёду якта ҳам мурғ намемонад, — тарсонданд очаам. Баъд ба ҷонвари дир-дир ларзида истодагӣ раҳмашон омад магар, гуфтанд: — Ба пеши бобот бар, ку бинанд, чӣ махлуқ аст. Холаи Гулсум бачаи шағол гуфтанд, гӯй.

Ман он ҷонварро бардошта, ба тарафи ҳавлии бобоям давидам. Салим аз қафоям метохт. Ҳавлии бобоям дур не, дар он дасти сой, пеши замини рӯйидаричаамон.

Бобоям дар офтобрӯ ҷули харашонро дӯхта менишастанд. Он кас ҷонвари ёфтагиамонро пасу пеш гардонда диданду гуфтанд:

— Кучукбача-ку.

— Ура, кучукбача! — Ман онро гирифта сӯйи ҳавлиамон тохтам.

Салим бо фиғону ҳаёҳу аз қафо омад, ки сагча азони вай аст, чунки онро вай ёфт. Мо аз ин хусус зуд ба сари муросо омадем: сагча аз ҳардуямон. Медонистем, ки аздусар онро ду ҳис карда намешавад ва ягонтаамон аз он даст намекашем. Ҷое, ки ба ғайр аз муросо дигар чора нест, талош бефоида буданашро мо нағз медонистем.

Сагбачаро дарҳол шуста пок-покиза кардем. Ало будаст, Алопар ном додем. Ҷонвар аз гушнагӣ қариб ба мурдан расидаст. Мо аз лойдон гирифта ҷойи он, ки хӯрокаш диҳем, ба муқаррар кардани зоту зурриёти он машғул будем. Бечора чунон ба ширу нон дарафтод, ки...

Баъд барои Алопар дар ҳавлӣ аз сангу лой хонача сохта, ба тагаш пахоли мулоим андохтему аз болои пахол як порча пӯстаккӯҳна партофтем.

Ману Салим ба куҷо равем, чӣ кор кунем, Алопар ҳамроҳ буд. Афтону хезон мерафт, агар бишинем, меишишт, тозем, метохт, баъзан аз ягон чиз хурсанд, баъзан аз рӯбарӯшавӣ бо ягон ҳайвон дар тарсу ҳарос. Ҳамроҳи мо Алопар ҳам кам-кам калон мешуд.

Як моҳ нагузашта вай одамони атрофамонро аз бегонагон фарқ мекард. Агар аз ҳамсояҳо касе ё хешу табори наздик ба ҳавлӣ дароянд, як-ду бор аккос зада, моро

хабардор мекарду бас. Не, агар ягон одами бегона ё ба вай ношинос дарояд, то аз хона баромада “хап шав” нагӯем, ором намешуд. Алопар ҳатто молҳои моро аз моли бегона фарқ мекард. Ҳар бегоҳӣ чун рама омад, модагов ва чор бузи мо ҷудо шуда ба ҳавлӣ медаромаду моли сиёҳ ба сари мехаш, моли реза ба қӯтанча мерафт. Агар ягонта мол қоидаро вайрон карда, ба тарафи дархона ва гӯшаи ниҳолу гулзор гузаштанӣ шавад, Алопар валвала сар мекард. Махсусан, агар ба ҳавлӣ моли бегонае дарояд, то онро аз дарвоза берун наронад, Алопар ором намегашт. Аккосзанон, баъзан тарсону ҳаросон аз қафои он мол метохт, таҳдид мекард, зорӣ менамуд, то ки зудтар аз ҳавлӣ барояд. Шаби аввали як сар гӯсфанди ҳисорӣ хариданамон саги бечора шаби дароз хоб накард, хавотир буд. Гумонаш, ин моли бегона моро фиреб дода ба ҳавлӣ даромадасту қасде дорад, нимишаб ё вақти саҳар, ҳангоми хоби ғафлати мо ягон нобакорие карданист.

Алопар ба очаам бағоят маъқул афтода буд. Хусусан, баъди як воқеа ғамхории он кас ба сагча афзуд, ҷонвараки дастнигарро назарашон гирифт ва ҳароина ҷонибдорӣ мекарданд. Воқеа ин тавр рух зад: он солҳо дар деҳаи мо на электр буду на яхдон. Мо ҳатто номи яхдонро нашунида будем. Не, хато кардам, бибиам ҳикоя карда буданд, ки пеш аз инқилоб ва колхозӣ дар деҳа баъзе давлатмандон ва ҳалвопазон таҳхонаи чуқури зеризаминӣ кофта, зимистон дар он барфро ғун мекардаанду аз болояш хок мепошидаанд. Он барф дар тобистон кам-кам об шавад ҳам, тамом намегаштаст. Таҳхонаи барфдор вазифаи яхдонро иҷро мекардаст. Ба ғайр аз ин, дар саратон аз барфи он яхобу яхмос, ҳалвою нишаста месохтаанд... Сари суханам чӣ буд?.. Ҳа, дар деҳаи мо он солҳо на яхдон буду на

электр. Дӯкони гӯштфурӯшӣ ҳам набуд. Одати мардуми мо чунин аст: ҳар хонаводa ягон буз ё гӯсфандашро кушта, гӯшти онро хушк карда мегираду муддатҳо воситаи дегҷӯшӣ месозад. Очаам барои дам наоварда хушк шудани гӯшт онро намак зада, шабҳо шаддавор ба чӯб мегузаронданду дар шамолгаҳ меовехтанд... Шабе аз шамоли сахт як лахти калони гӯшт канда гашта ба замин афтодаст. Алопар то саҳар дар сари он пораи гӯшти ба замин афтода посбонӣ карда, гурбаҳоро раҳ надодаст. Саҳар очаам аз хоб хезанд, Алопар дар назди гӯшти афтодагӣ фукаш ба рӯйи ду пояш, аз гӯшт чашм наканда менишастаст. Очаамро дида, ба назди он кас тохтаст, баъд ғишингос зада боз ба сари гӯшт рафта воқеаро фаҳмондаст. Аз таҷрибаи солҳои дароз мо медонистем, ки агар Алопар набошад, аз гӯшти ба замин афтодагӣ ному нишон намемонд. Ҳатто баъзе гурбаҳои ганда ҷаҳида гӯштро аз тор гирифта мебурданд.

Алопар саги боақл буд, аммо ман беақлӣ карда онро аз даст додам. Аслан, аз даст доданам беақлӣ не, баръакс, пионер бояд ки айнан ҳамин хел амал кунад, мегӯянд муаллимон. Хайр, рости гап, андаке аз ман ҳам гузашт... Барои ин то ҳол виҷдонам маро гоҳу бегоҳ дар шиканҷа гирифта, азоб медиҳад. Ман дигар саг напарвардам. Сагу сагбача гӯянд, Алопар ба ёдам мерасаду дар як дам вуҷудам таб мебарорад.

Ҳамон рӯз ману Салим арғамчину табарча гирифтему ба кӯҳ ҳезумкунӣ рафтем. Алопар ҳам ҳамроҳ буд. Мо ду пуштора ҳезуми хушкро баста, акнун ба роҳ медаромадем, ки аз пушти ёлаи кӯҳ рамаи колхоз баромаду ду саги хирс барин барзангӣ аккосзанон ба сӯйи мо тохтанд. Аз тарс саросема ҳар ду ҳам ба як дарахти арча баромадаем.

Бечора Алопар дар бехи дарахт тарсону ларзон, беҷуръатона ак-ак карда, он ду балоро пешвоз гирифт. Мо бо доду фарёд чӯпонро ба ёрӣ ҷеғ задем.

Сагҳои рама бо фукҳои ғафсу ваҳмангези худ Алопарро бӯй-бӯй карда диданду аз афти кор, боварӣ пайдо карданд, ки ин ҷонварак аз авлоди гург ё шағол не, бо он шӯхию бозӣ оғоз намуданд. Аз ҳаракатҳояш маълум буд, ки Алопари шӯр чандон рағбати бозӣ надошт ва аз ҳазлу шӯхиҳои онҳо метарсид, илоҷе ёфта канортар гурехтан мехост, аммо он ду хирси барзангӣ ду-се ҳаллос зада, сари роҳи вайро мегирифтанд.

Хайрият, чӯпон расида омаду сагҳоро аз сари мо дур андохт. Ману Салим аз дарахт фуромадем.

— Ягон дуогӯятон аз таҳти дил дуо мекардаст... Ба шарофати дуо... ин арча будаст, — изҳори мамнунӣ кард чӯпони якдаста.

Бинии ин марди навчаи сурхрӯ айнан ба мисли минқори уқоб хамидагӣ буд.

— Набошад, исқотҳо нагазанд ҳам, сахт метарсонданд.

— Барои чӣ нагазанд, мегазанд, — гуфт Салим, ки ашки чашмаш ҳанӯз хушк нашуда буд. Ман акнун пай бурдам, ки ҳангоми ҳамлаи сагон вай фарёд зада гириста будаст.

— Бачара намегазад. Агар худат кордор шавӣ, гапи дигар ё ба мол расӣ... — чашми чӯпон ба Алопар афтоду онро баҳ-баҳ гуфта доштанӣ шуд, аммо сагбача нияти ӯро пай бурду дур гурехт.

— Ҷеғ зан, сагата як бинам, — хоҳиш кард вай. Баъд гуфт: — Зотӣ барин.

Ман Алопарро доштам. Вай дандонҳояшро гиз кар-

да, таҳдидкорона ар-ар мекарду чӯпонро наздик омадан намемонд. Аммо даҳмарда ба вай эътиное накарда чанг заду аз ёли Алопар бардошт. Сагча ғишингос заду бо ғазаб ба чӯпон дарафтод ва аз чанги ӯ раҳоӣ ёфта он сӯтар гурехт. Баъд ҳимоятҷӯёна ба назди Салим рафту кинахоҳона ба тарафи чӯпон ак-ак задан гирифт.

— Сагбачаро ба мо те, пеши сагои мо калон шавад, — гуфт чӯпон ба ман хитобан бо як оҳанги омирона.

— Худамон ҳам калон мекунем, — гуфтам ман бепарво ва ба содадилии чӯпон дар дилам хандидам.

— Ҳайф мекунӣ. Саг — саги рама. Миёни мардум вайрон мешавад. Ма, — вай як панҷоҳсӯмии сабзро аз кисабағалаш бароварда ба ман дароз кард.

— Не-е, даркор не, — гуфтам ман хиҷолат кашида. Ба ман чунин намуд, ки панҷоҳсӯмиро дида, чашмам сиёҳӣ зад. Ташвишомез ба рӯйи Салим нигаристам. Вай гаранг барин ба даҳони воз ба чӯпон менигарист.

— Гир. Ту боз дигараша меёбӣ. Дар қишлоқ чӣ пур, сагбача пур. Ина ба рамаи колхоз те. Ту пионер-ку!.. Шарм намедорӣ?

— Не, ман ба шумо дигараша оварда медиҳам, — бе қатъият сухан гуфтанамро худам ҳам ҳис кардам. Ба панҷоҳсӯма дилам кашол буд, ҳатто метарсидам, ки чӯпон мабодо аз нияташ гашта, онро ба кисааш андозад.

— Ана, ма, гир... Инаш барои додарат, — чӯпон ин дафъа аз ҷайбаш як сисӯмии сурхи шароққосиро бароварда ҳамроҳи он панҷоҳсӯмӣ ба кисаи ман андохт. Дигар эътироз баён накардам. — Бихез, ту дор, ман баста мегирам. Пионер бояд ки ғамхори моли давлат бошад...

Ман Алопарро доштам. Чӯпон чолокона бо чилбур онро басту ба фукаш ҳалқа гузаронд. Сипас, ба тапар-

тапару ғишинг-ғишинги сагбача эътиборе надода бардошта бурд.

Сагча чунон вовайло бардошт, чунон чингос зада аз мо мадад мехост, ки ман тоб оварда натавониста, рӯямро гардондаму хостам гӯшамро ба карӣ занам, аммо муяссар намегашт. Зории Алопар аз дуродур ҳам ба гӯшам мерасид.

Фарёди имдодхоҳонаи он аз миён солҳо гузашта бошад ҳам, то ҳол дар гӯши ман садо медиҳад ва диламро мефишорад.

Ман он рӯз аз ин муомила хурсанд будам. Ҳазл не, ҳаштод сӯм-а! Албатта, пули он солҳо беқурб буд, аммо дадаам рӯзҳои ид ҳам идипулӣ гӯён ба мо ин хел пули калон надодаанд.

Ба роҳ афтодему дарҳол бо Салим пулро тақсим кардем. Ба вай — сисӯмии сурх, ба ман — панҷоҳсӯми сабз, рангаш қурбоққаи нақшин барин. Мо ба ин пулҳо чиҳо хариданамонро ҳам маслиҳат кардем.

— Аттор ояд, ман чангаки моҳидорӣ мехарам. Боз аз шофёрҳо якта гупсари резинӣ мехарам. Сонӣ, дам мекунаму ба оби сой партофта, ба болояш савор то худи ҳавзи Ҷонварсӯз меравам, — гуфтам ман.

— Не, ман ба ин пул қалами ранга мехарам. Сонӣ, чунон суратҳое кашам, ки даҳоната кушода монӣ! — нияташро изҳор кард Салим.

Вай сисӯмии сурх дар даст, гоҳ онро аз чашмаш дур, гоҳе наздик оварда менигарист, баъд ба монанди байрақ ба сараш баланд мебардошт.

— Ман савори гупсари резинӣ ба осиё ҳам меравам, ба ҳезум ҳам.

— Ҳой каллагаранг, чӣ хел аз поён ба боло меравӣ?

Оби сой ба поён мебараду сонӣ аз обпар чунон гирифта мезанад, ки хари бобом барин парча-парча мешавӣ!..

Ба пули Алопар чиҳо хариданамонро раҳорах расо муҳокима кардем, аммо ин гуфтугузор ҳеҷ ба диламон намезад.

Ҳамин ки ба ҳавлӣ наздик расидем, диламонро як хавфи номаълум оҳиста-оҳиста туман барин зер кардан гирифт. Аз ваҷҳи Алопар як тарафи диламон торик буд.

— Алопара ба чӯпон доданата агар дадаам фаҳманд, тура мекушанд! — Оқибат Салим худдорӣ карда натавонисту буғзи дилашро кушод.

— Барои чӣ? Мо барои рамаи колхоз додем! Чӯпон гуфт-ку агар дар рама калон шавад, саги ҳақиқӣ мешавад... Мумкин Алопари мо ягон вақт рамаро аз ҳамлаи гургон халос кунаду сонӣ... сонӣ ном барорад. “Ин саг аз куҷо?” — гуфта пурсанд, номи моро мегӯянд. Сонӣ Раисбобо мумкин ба мо таърифнома диҳанд. Ба мактаб омада, дар пеши саф... Ин кори ҳазл не. Лекин ҳозир ин сира бояд ба касе нагӯем.

— Ту ба чӯпон гуфтӣ, ки сагча аз ҳардуямон?

— Ҳа... Худат дидӣ, ба ҳар дуямон пул дод-ку!

— Хайр, агар ин хел бошад, барои чӣ пула ба кисаи ту андохт?

— Ҳамту, андохт-дия. Сонӣ, ҳар ду тақсим мекунанд гуфта...

Аз он ки Алопар рамаи колхозро посбонӣ мекунад, Салим ҳам ба ваҷд омад. Вай чунон ба ин гап часпида гирифт, ки тайёр буд ҳозир рафта аз дадаам барои ин корамон шодиёна гирад.

— Лекин ҳушёр шав, мабодо аз даҳонат бароянд... Дадаам ин гапҳоро нағз намебинанд. Ҳозир дар ин хусус гап намезанем. Агар пурсанд, мегӯем, ки аз паси мо ба кӯҳ рафт,

сонӣ чӯпон дошта гирифту ина барои рама диҳед, гуфт, додем, мегӯем. Пул гирифтем нагӯй, ҷанг мекунанд. Агар надиҳед, шуморо аз пионерӣ мебароранд гуфт, мегӯем.

Салим розӣ шуд.

Аз ваҷҳи пул табъам ночоғ буд. Пушаймон будам, ки чаро пули чӯпонро гирифтам. Хоҳ-нохоҳ, агар рӯзе дадаам фаҳманд, ҷанг мекунанд.

Дар ҳавлӣ аз наомадани Алопар аз ҳама пеш бибии пир хабардор гаштанд. Сонӣ очаам пурсиданд. Мо воқеаро, чунон ки маслиҳат карда будем, гуфтем. Очаам бо қаҳр даст афшонданду рафтанд. Ман ба рӯйи бибиам нигариста, дараҷаи гуноҳамро фаҳмидан хостам, аммо фикри он касро ҳаргиз дониста намешавад: ягон оҷинги рӯяшон намеҷунбад.

Ман андаке хотирҷамъ гаштам. Баъзан калонсолонро фаҳмида намешавад: барои арзан барин гуноҳатон замину осмонро ба ҳам мезананду аз гуноҳи калон чашм мепӯшанд. Шояд, аҷаб не, дадаам аз ин кори мо хурсанд бошанд?.. Ё мумкин қаҳрашон омадагисту лекин ба хотири Раис-бобо моро ҷанг накардагистанд? Раис-бобо агар фаҳманд, ки барои сагча моро ҷанг кардаанд, мегӯянддия: “Барои моли колхоз як кучукчаатро дареғ доштӣ?! Одамон дар ҷанг ҷон доданд, хун рехтанд...”

Аз байн як моҳ гузашт. Дили ман тамом таскин ёфт. Аммо ногоҳ Салим корро расво кард.

Ҳамон рӯз ман таъинот гирифтам ба осиёб як ҷувол ҷуворӣ бурда, орд карда биёрам. Ба Салим фармуданд, ки барои молҳо аз лаби сойҳо алаф даравида орад. Дадаам саҳарӣ супориш доданду ба кор рафтанд. Бобояму очаам ҷуволи ҷувориро ба хар бор карда доданд. Ман ба болои бор савора ба роҳ афтодам. Салим бошад “ман ҳам ба

осиёб меравам" гуфта хархаша кард. Очаам розӣ нашуданд. Салим ғишингос зада аз паси хар равон гашт. Сонӣ аз думи ҳайвон сахт дошта кашида истоду нагузошт, ки хар раҳ гардад. "Сар те" гӯям, сар надод. Дар дастам химчаи тар буд, дарозу борик, саҳл ба сараш расондам ё не, вай аз алам мушт барин санга аз замин бардошту ба сари ман зад. Хун чашма барин ҷорӣ шуд. Очаам тохта омада маро аз хар фуроварданду ба хона бурда хобонданд, ба ҷароҳат зуд намад сӯхта зер карданд.

Салим ба ким-куҷое гурехта рафту бо ҳамин то ба шом гум шуд.

Дадаам аз кор омаданду воқеаро фаҳмида, пеш аз он ки ба сари полез раванд, ба боми зинхона баромада Салимро ҷеғ заданд:

— Салим!.. Ҳой, Салим!.. Салим!..

Дар ин хел мавридҳо овози дадаам монанди раъд гулдуррос мезад ва аз тарафи сой акси садо медод. Фурсате нагузашта Салим пайдо шуд.

— Ҳозир ҷазоята мебинӣ! — гуфтам ҳамчун мазлуми адолатхоҳ бо андаке овози озурда. Вай аз замин чашм набардошта омаду дар рӯ ба рӯйи дадаам гунаҳкорона истод. Дадаам хомӯш ба сар то пойи вай нигариста, барои бетамизиаш ҷавоб талаб доштанд. Аммо Салим гардани дарозаша ба дарун кашида хомӯш буд. Ҷазои ҳасадхӯр ва нобинам ана ҳамин гуён, дар дил шодӣ кардам.

— Ҳа, гап зан! — дадаам суханашонро аз зиҳи дандон баровarда, бо ғазаб ба тарафи вай як қадам монданд.

Дадаам моро назананд ҳам, чунин ваҷоҳаташон ба санда буд, ки дигар он номаъқулиро такрор накунем.

— Вай... вай Алопара... а-а, ба чӯпон фурӯхт, пулаша гирифта... — ногаҳон канда-канда эълон кард Салим.

Нафаси ман ба дарун заду на ба рӯйи дадаам нигаристам, на ба тарафи Салими хоин.

— А-а? Чӣ? — дубора пурсиданд дадаам.

— Чӯпон аввал панҷоҳ сӯм дод... сонӣ... сонӣ боз... сӣ сӯм...

Салим суханашро ба поён нарасонда “ҳаққашро” бигирифт. Аз падар як торсакии обдор хӯрданашро ба гумонам худаш ҳам нафаҳмида монд.

— Нокас!.. Дар зоти мо иғвогар набуд, ту аз куҷо ин “ҳунарро” ёд гирифтӣ?!

Салим бо фиғон аз ҳавлӣ берун рафт.

— Чӯпон... чӯпон... гуфт, ки... ту чи хел пионерӣ... ин сагча а-а.... барои рамаи колхоз...

Ман худро сафед кардан хостам, вале падар гӯш кардан нахостанд.

— Ноҷинс!.. Гум шав, афтата набинам!.. Агар дӯстатро фурӯхта бошӣ, ягон рӯз модаратро ҳам мефурӯшӣ!..

Падар ба рӯйи ман чунон бо қаҳру нафрат нигаристанд, ки агар ин лаҳза замини зери поям кафад, рост худро ба роғи он меандохтам. Ҳурмати нон, қасам ба ҷони ҷавонам, агар як не, даҳ торсакӣ зананд, аз ин хел нигаристанашон сад раҳ авлотар буд. Чунин нигоҳи падарро ман дигар ҳаргиз надидам. То ба ҳол, агар нигоҳи ҳамонрӯзинаи он касро ба хотир оварам, баданам виҷиррос мезанад.

Баъд аз ин воқеа ман як ҳақиқати оддиро дарк кардам: табаҳкориро бо нияти нек пардапӯш кардан кори беҳуда будаст. Аз ин мебароянд, онҳое, ки мулкеро хароб карда, мо онро наҷот додем, мегӯянд, як рӯз не, як рӯз рӯсияҳӣ мекашанд.

***Соли 1976***

# ХАТОИ АМАКИ МАН

Амаки ман дар кӯҳсор, дар деҳаи кӯҳнаамон иқомат доранд. Ҳама ба водӣ кӯчиданд, аммо он кас бо хонадони худ дар кӯҳсори камзамину нообод монданд. Дар хонаашон ҳанӯз ҳам чароғи электр нест, роҳи мошингузар ҳам надоранд. Бо вуҷуди ин, мегӯянд, ки водӣ ба ман чӯт намедиҳад. Боре ман сабаби ба он кас чӯт надодани водиро пурсидаму амакам буруташонро молида-молида гуфтанд:

— Аз бозе ки ақлама шинохтам, ман — галабон... Дар водӣ чӣ кор мекунам? Одамизод обу нон катӣ зинда не, додарам, кор катӣ, касбу амалаш катӣ зинда аст.

— Дар водӣ ҳам асп ҳаст, гала ҳаст. Марғзори дарёбодаш аз гирди кӯли Фазилмон намемонад.

— Э-э, чор аспи яғири боркаш катӣ гала мешавад?! — тамасхур карданд амакам. Сонӣ пайрави гуфтаҳояшон шарҳ доданд: — Аввало ҳавои водӣ гарм аст, ба асп созгор не. Сониян, ҷое, ки пахтакорӣ мекунанд, ба гала ва дигар соҳа кам эътибор медиҳанд.

— Асри мо асри мошин аст, амак, даври кибернетика! — таъкид кардам ман. — Асп хоҳу нохоҳ аз даҳон монд.

— Ҳолӣ барои дар кӯҳистон гаштан мошин набароварданд, киштукори кӯҳпоя бе барзагову асп намешавад. Худат мегӯӣ, наваду се фоизи республикаи мо кӯҳсор аст...

Чунон ки муаллими адабиётамон, агар доири китобҳои ягон нависанда ҳикоя кунад, рағбати касро афзун месозаду рӯзи дигар ҳама аз паи китоб ба китобхона метозанд, амакам ҳам агар аз аспу гала ҳикоя кунанд, дар дили ман майли аспparварӣ пайдо мешавад.

Ба дурустӣ агар гӯям, ҳикояю саргузаштҳои амакам сабаб шуду ман таътилро дар ин кӯҳсори камодам мегузаронам.

Аммо қаблан бояд иқрор кунам, ки ман бо гургу гургбачаҳо саргарм шудаму гала фаромӯшам гашт. Воқеа ин тавр рух зад: ба кӯҳсор омадаму рӯзи дигар ҳамроҳи амакам галаро хабаргирӣ рафтам.

— Як байталамон ҳаст, номаш Дулдул, пистон фуровардагӣ буд. Агар зоида бошад, буҷулат хест — қимизхӯрӣ мекунӣ, — гуфтанд амакам ба дасти ман лаҷоми аспи самандеро дода.

— Барои чӣ номаш Дулдул? Дулдул чӣ маънӣ дорад? — Ин номро аз ин пеш шунида бошам ҳам, аз рӯи тақозои табиатам саволборон кардам. Медонам, ки одати маро калонсолон ҳеҷ хуш намекунанд, “вазнин бош, вақту соаташ расад, худат мефаҳмӣ” гӯён борҳо маломат карда бошанд ҳам, тарки одат маҳол будаст.

— Маъниаша кӣ медонад... — зери лаб ғурунгос заданд амакам. Ингуна кунҷковӣ ба он кас ҳам хуш наомаданаш маълум буд. Аммо лаҳзае дигар гузашту гуфтанд: — Дар ривоят гуфтаанд, ки аспи домоди Муҳаммад-пайғамбарамон Алӣ Дулдул ном доштаст...

Ба рикоби асп поям нарасиду ба ҳалқаи тасмаи рикоб поямро гузарондам ва лаҷомро ба дасти чап гирифта, тозиёнаро дар ҳаво ҷавлон додам. Асп якбора чароғпоя шуд, баъд лаҷомро суст кардаму бо реза чорпо ба роҳ даромад.

— Ба майлаш мон, — таъкид карданд амакам. Оҳанги суханашон аз он далолат мекард, ки аз ин кори ман норозианд. Баъд ба рикоби аспи ман нигариста гуфтанд: — Поятро аз рикоб барор.

— Барои чӣ? — Ҳайрон шудам ман.

— Нағз не.

Амакам гӯё бо ҳамин як сухан саволи маро ҷавоби қаноатбахш дода бошанд, хомӯш, чашм ба манзараҳои атроф дар роҳ давом карданду ман баъди лаҳзае саволамро такрор пурсидам.

— Бача пояшро ба рикоб намегузаронад, нағз не мегӯянд, — гуфтанду боз хомӯш гаштанд...

Ҳамин ҳам ҷавоб шуд?! Нағз набудааст!.. Сабаби нағз набуданаш ҳаст ё не? Агар надонанд, чаро намедонам намегӯянд, ман ҳайронам. Суқрот бо ҳамон қадар донишмандиаш гуфта будааст, ки ман ҳамин қадарашро медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам. Аммо ин кас, фақат ин кас ҳам не, додом ҳам, муаллимон, директор — ҳама аз намедонам гуфтан чунон метарсанд, ки...

— Барои чӣ "нағз не"? Сабабашро намедонед? — Ба ночор ман боз савол кардам.

Амакам дар тааҷҷуб ба рӯи ман маънидор нигаристанду хомӯш гаштанд. Намедонам дар дил чиҳо мегуфтанд, ман ба рӯяшон нигариста дар чашмонашон асари андешаи амиқ ва завқу шавқ дидаму андаке хотирҷамъ гаштам.

— Раҳматӣ бобот, ту он касро намедонӣ, агар аз пеши гӯристон гузаранд, ҳатман пояшонро аз рикоб мебароварданд. Сабабашро пурсида будам, гуфта буданд: "Дар пеши ин қадар азизон пой дар рикоб будан аломати ғурур ва калонгирӣ аст". Солҳои ҷавонию миёнсолӣ дар назди гӯристон аз асп фуромада, пиёда мегузаштанд. Ҳурмати гузаштагон-дия... Ҳозир поятро аз рикоб барор гуфтанам, маънии дигар дорад: агар асп туро партояду поят дар рикоб набошад, ба замин меафтӣ, замин

мебардорад. Хайр даст-пастат шиканад ҳам дарди бахайр аст. Агар поят дар рикоб бошаду аз асп биафтӣ, асп мегурезад, ту кашола мешавӣ.

Мағзи гуфтаҳоро андешида хеле муддат хомӯш будам.

Гала дар марғзори баланкӯҳ, дар атрофи кӯли шаффофи Фазилмон мечарид. Мо Дулдулро аз гала дар канор дар пояи зов ёфтем. Байтал моро дида шеҳа кашиду пештар омада бо аспҳои мо бӯй-бӯй карда, ба расми аспӣ ҳолҷӯӣ намуд. Амакам байталро диданду “сабилмонда бачаатро чӣ кардӣ?!” гӯён саросема худро аз зин ба замин партофтанд. Сонӣ манро дар он мавзеъ мондан, саҳеҳ-тараш амакам маро фаромӯш карданду пиёда миёни шаху зовҳо нопадид гаштанд. Ман аз ин вазъи парешони он кас рамуз гирифтам, ки нохушие рӯй додааст.

Баъди соате амакам дамоғошуфта баргаштанд.

— Ба гумонам бачаашро гург хӯрдааст... Ту чарх зада гард, ман таҳи ҳамин зова як раҳ нигарам.

Амакам аз шах ба шах ҷаҳида дар як зум миёни харсангҳо нопадид гаштанд.

Марғзори баландкӯҳ дар он ҷо доман барчида, теғаҳои махуфу ваҳмангез ибтидо меёфтанд. Дар теғаҳои аз ҳама боло монанди абрӯи Золи Зар[14] ҳошияи барфӣ чашмро мебарад. На садое, на дудеву ғуборе. Ба дилам гузашт, ки дар аввал, пеш аз он, ин ҷамъияти инсонҳо ба вуҷуд ояд, табиат дар ҳама рӯи замин ба ҳамин сурат будагист. Агар барои таҷриба имрӯз ҳам ягон гӯшаи сайёраро аз мудохилаи одамон эмин месохтанд, балки ба

[14] Золи Зар – падари Рустам, ки аз тасвири “Шоҳнома” сафедмӯй будааст.

ҳамин сурат мебуд...

Ман аз дилтангӣ акнун худ ба худ ба маломати амакам оғоз карда будам, ки он кас аз паси харсангҳо берун омаданду хомӯш савора шуданд ва “рафтем” гӯён ба шикамин асп бо пошнаи мӯзаашон нихта карда, раҳакӣ гаштанд.

Азбаски аз ин сафар ҳеҷ қаноатманд набудам, ман аламнок ва ситезахӯй мерафтам, мехостам ба амакам ягон сухани нешдор ё густохона гуфта, буғзи диламро барорам.

— Фардо боз меоем, — гуфтанд амакам баъди хеле роҳро гузаштан ғолибан авзои маро пай бурда. — Хонаи гургро ёфтам... Панҷ бачааш кати... Сагбачаҳои якмоҳа барин... Нав чашмашон кушода гаштагӣ.

— Барои чӣ ба ман нагуфтед?... Як бор медидам, намехӯрдам-ку... — гуфтам ман озурдахотир аз ин гуна рафтори амакам.

— Туфанг надорем. Агар гург хабар ёбад, аз ҳеҷ бало намегардад. Фардо камон мегирему ду-се кас меоем.

— Ман ҳам меоям?

— Бешак.

Баъди хӯроки шом амакам ҳамсояҳояшон — Ёрӣ ва Зориро даъват карда маслиҳат андохтанд. Ин ду додару бародар моли резаи колхозро бонӣ мекарданд.

Дар назари ман чунин намуд, ки чӯпонон азбаски дар ёбонҳо ҳамсӯҳбате надоранду хеле кам сухан мегӯянд, қадри суханро аз ҳар инсоне бештар медонанд. Онҳо ҳар чи мегуфтанд, ҳама бамаънӣ, даркорӣ ва мухтасар буд. Аз ваҷҳи гургбачаҳо ақидаи онҳо ба якдигар мухолиф омад:

— Нест кардан даркор, вассалом, — мегуфт якзайл бародари калонӣ Зорӣ, ки биниаш ба мисли минқори уқоб

ҳам задагӣ буду чашмонаш, балки на фақат чашмонаш, тамоми ваҷоҳаташ ба уқоб монандие дошт.

— Не, куштан даркор не. Муфаттишу комиссияҳои аз марказ омадагӣ надонанд ҳам, ману шумо медонем, ки солҳои охир гурги бечора ҳаргиз ба рама наздик намешавад. Тухми ҳамин ҷонвара нест кардан ба кӣ даркор аст?! — гуфт узромез Ёрӣ.

— Охир ҳар сол ҳисобот медиҳед, ки... — тамасхуромез сухан оғоз карданд амакам.

— Ун гусфандора гургони дупо мехӯранд, — гуфт Ёрӣ пайрави суханаш.

— Пор як барраи касалӣ аз рама қафо мондааст, гург аст ё шағол хӯрдааст. Нишонаҳояшро ёфтам. Мудири ферма тан нагирифт. “Моли колхоза, додар, гург намехӯрад, дониста мон, моли колхоз ҳаром намемурад...” гуфтан додарро тақвият дод Зорӣ.

— Бачаи байталатонро гург нахӯрдааст, — қатъӣ ҳукм кард Ёрӣ. — Гург дар он мавзее, ки хона дорад, ҳаргиз сайд намекунад. Сониян, бачаи байталро ҳаргиз гирифта наметавонад.

— Чӣ мехӯрад? — бо навбат ба чашми ҳар ду бародар нигаристанд амакам. — Бачааш нест-ку!

— Байтал бачаашро зер карда мекушад... Ё дардманд мезояд ё мурда... — тахминҳои худро гуфт Зорӣ. — Лекин бачаи гурга нест кардан лозим аст.

— Ба ман диҳед, ман калон мекунам, — гуфтам ман. Аз ибтидои сӯҳбат ман фурсат мепоидам, то ин хоҳиши худро бигӯям. — Нигоҳубин мекунам, ром мешаванд.

— Бачаи гург ром намешавад. Магар ки чашмаш кушода нагашта бигирӣ. Инро Ёрӣ гуфт.

— Ба ҳар ҳол аввал қапқон монда гургро гирифтан лозим. Ё парронед. — Ҳамчун сарчӯпон дар ақидаи худ қатъият зоҳир мекард Зорӣ.

— Э, монед, — гуфт Ёрӣ, ба як навъ оҳанги номуайян. — Бачаи ҷонвара куштан убол аст.

— Ёрӣ дуруст мегӯяд, бачаашро меорем, ана, додарчаамон машғул мешавад. Агар ром гардад, балки саги нағз мешавад.

Аз ин илтифоти амакам, ки хоҳиши маро инобат карданд, ман бениҳоят хушнуд будам. Ёрию Зорӣ, ҳар яке аз рӯи ақидаи худ, ба ин кӯшиши ман муқобил буданд, аммо амакам хоҳиши худро гузаронданд.

— Агар гургро гирифтан натавонем ҳам, ҳеҷ гап не, ба гала зарар расонда наметавонад. Бачаҳояшро ба деҳа оварданамонро пай намебарад, масофа хеле дур аст. Аз кӯли Фазилмон дар масофаи ду-се фарсанг раҳ як деҳаи мо нест.

* * *

Субҳи рӯзи дигар мо — се тан ба се асп савор ҷониби кӯли Фазилмон роҳ гирифтем. Амакам камони думилааашонро ба китф овехта дар зин чунон озод ва бошукӯҳ менишастанд, ки ман бо ҳавас гаштаю баргашта ба он кас менигаристам. Аспи нағз ва туфанг ба мард чи салобате мебахшад!.. Аммо амакам тимсоли ҳавасангези худро, шояд, сирф пай намебурдаанду бо Ёрӣ аз ваҷҳи майда-чуйдаҳои зиндагиашон сӯҳбат доштанд. Ақидаи ман ин буд, ки инсон бояд дар ин сурату ваҷоҳат фақат аз диловарию шуҷоатмандиҳо сухан гӯяд, на аз танқисии читу калӯш ё чойнику пиёла.

Мо аз он ҷое, ки дирӯз қарор карда будем, дусад қадам барин гузашта, дар зов таваққуф намудем.

— Амак, ман ҳам меравам, хонаи гургро бинам... — пештар аз он ки фармони интизорӣ бигарам, хоҳиши худро гуфтам.

— Хайр... Ин тавр бошад, аспҳоро ишкел кардан лозим.

Ёрию амакам зуд ду пои пеши аспҳоро ба арғамчини дар нӯги лаҷомаш бастагӣ ишкел карданд, ки ҷонварон акнун ба сахтӣ ҷаҳида-ҷаҳида ҳаракат мекарданду дур рафта наметавонистанд.

Хонаи гург дуртар аз ин ҷо, дар камари ғормонанди зови баланде воқеъ будаст. Мо дуртар аз хонаи дарранда, дар паси харсанге камин гирифтему хеле вақт атрофро мушоҳида кардем. Ёрӣ дурбинашро ба чашм монду кӯҳу пуштаҳоро палмосида дида гуфт:

— Пашша пар намезанад.

Сипас амакам гӯё галаро меронданӣ бошанд, ҳай-ҳай зада фарёд кашиданд.Боз хомӯшӣ. Фақат акси садои он кас дар кӯҳу дара ғулғула афканду гузашт. Боз ҳаёҳу карданд.

— Гург нест. — гуфтанд амакам.

Ёрӣ ҳам аз чашмаш дурбинро гирифта ин суханро такрор кард.

Мо ба сӯи хонаи гург ҳаракат кардем. Ёрӣ камон дар даст посбон монду ману амакам ҷуволу қапқонҳоро гирифта ба камари зов даромадем. Дар пешгоҳи тираи камар панҷ гургбача ғишинг-ғишинг садо мебароварданд. Гургбачаҳо моро дар рӯ ба рӯ дида, ба чор сӯ гурезон шуданд.

— Даҳони ҷуволро дор.

Амакам чортои гургбачаҳоро аз пушти гарданашон гирифта ба ҷувол андохтанд, ду даҳони онро бастанд, сонӣ дар таҳдари хонаи гург се қапқонро пай дар пай хаспӯш карда дар замин ниҳоданд. Занҷири қапқонҳоро ба роғи харсангҳо сахт андармон карданд, ҷое, ки имкон буд, мехи оҳанинашро ба замин кӯфтанд.

* * *

Он рӯз гузашт, шабаш ҳам дар деҳаи камодам сукунат барқарор буд. Рӯзи дигар ман амакамро ташвиқ кардам то қапқонро хабаргирӣ биравем, вале он кас чӣ чизеро сабаб овардану гуфтанд, ки рӯзи дигар меравем.

Шаби дуюм торикӣ фуромада-нафуромада мол ҳам, сагон ҳам безобита буданд. Сагон гоҳ ба боми оғилҳо баромада аккос мезадану гоҳ пешу қафоии хонаҳоро гирдогирд беқарор нула мекашиданд. Модаговҳо бесабаб баос мезаданд, ҳатто аз ҳамарӯза он шаб камтар шир доданд. Моли реза тӯда гашта гӯшҳояшро сих карда дар бехавфтари ҷӯтан пойкӯби мекарду бинниафшонӣ...

Чӯпонҳо сараввал ба ин нишони безобитагии онҳо эътибор накарданд. Ҳеҷ гумон надоштанд, ки гург дар атрофи манзили онон мегардад. Сонӣ тамоми шаб садою валвала карданду молҳо рамида имкони осуда хобидан надоданду онҳо фаҳмиданд, ки гап чисту кор чист.

Саҳари солеҳон Зорӣ амакамро бедор карду гуфт:

— Илоҳи барака ёбед акаҷон, гургбачаҳоро аз он ҷо гирифта бошед, ба ҳамон ҷо бурда монед, ки модар катӣ шӯхӣ карда намешавад. Ман аз як чӯпон шунида будам, ки ин исқотро ҳеҷ бало намегардад.

— Ку, имрӯз рафта қапқона хабар гирам, — гуфтанд амакам чашмонашонро молида-молида. — Модаргург ба қапқон дармондагист...

— Ҳей, аз болои шутур алаф надараведу як бор нигаред, мол шаби дароз хоб накард. Ягон зарар накарда дафъ кунед...

Амакам бегоҳӣ дар ҳоли парешонӣ аз чарогоҳ баргаштанд. Гург бо чӣ ҳунаре аз ҳамон тангои зов бачаи хонаашро гирифта бурдаст. Галаро чаридан намондаст ва аспи беморро танг карда бурда дар ҷорӣ ғалтонда чок кардаст.

Амакам бо Ёрию Зорӣ хеле маслиҳат карданду сипас бегоҳии говгун Ёрӣ қуттиеро, ки гургбачаҳоро дар он андохта будем, бардошта аз манзил дуртар бурда монда омад. Дар ин миён амакаму Зорӣ ҳамаи сагҳоро занҷирбанд карданд.

— Пеш аз хуфтан раҳо мекунем, — гуфтанд амакам дар ҷавоби пурсиши ман. Мон гург бачаҳояшро бараду моро ором гузорад.

— Ба чӣ усул мебарад? Гургбачаҳо дуруст раҳ рафта наметавонанд-ку? — пурсидам.

— Мебарад. Аз болои он қапқон гузаронида бурд-ку! Ҳамаашро ба як бор гашта мебарад исқот... Сонӣ чун худ ба худ иқрор мекарда бошад, гуфтанд: — беандеша кор кардам...

***Соли 1977***

# ТОВУСИ МАСТ

Ҳамроҳонаш ӯро партофта рафтанд.

Вай аввал бо ситеза бар қасди онҳо аз рафтан сар тофт, гумонаш — бе вай намераванд. Аммо ҳамроҳонаш рафтанд.

— Дар куҷо, кадом номард ҳамроҳи духтар омада, сонӣ ӯро партофта рафтааст?! — Ҳоло Гулшан ин суханонро аз зиҳи дандон бароварда, бо алам пичиррос мезад. — Нокас!.. Беинсоф!.. Сволочь. — Абрувони тобдораш чин зада, лабони борики гулобиаш ба ҳам фишурда гаштанд. Аз ғазаб чашмони шаҳлои ӯ кашида гашта, дандонҳои ба ҳам фишурдааш ғиҷиррос мезаданд.

— Ҳаромхӯрони бевиҷдон, сабр кунед!.. Я покажу вам где раки зимуют!..

Онҳо имрӯз дар ин ҷо, дар сояи ин як тӯбча бед нишаста, кабобу шароб хӯрданд, рақсиданду суруданд, дар оби Варзоб оббозӣ карда, дар регзори соҳил ёзида, тани худро офтоб доданд. Дар охир, пеш аз ғуруб гапашон гурехт. Салим аз худ рафт, беҳаёию нописандӣ сар кард. Гумонаш вай ҳам Оиша барин бошад. Гулшан аз ин чунин беҳурматӣ ва худписандии Салим озурда гашту бо ситеза либосашро пӯшида ба роҳ баромад. Салим узр гуфт, сари роҳашро дошт, аммо вай аз қасдаш нагашт. Дар сари роҳи калон талош мекарданд, ки як “Жигули” даргузар бо ишораи Гулшан қарор гирифт. Аммо вай дар мошин дугонаи мактабиаш Хуморро дид ва ба ночор ба рӯйи Салим хандид ва ба сӯйи мошини қароргирифта ишора кард, ки аз роҳаш намонад, ки ӯ шӯхӣ мекунад. Агар Хумор вазъи ӯро пай бурда бошад, “Масту аласт дар сари роҳ бо ҷавонон кашокаш мекард…” гӯён ин шабу рӯз дар ба дар гаш-

та овоза мекардагист, — гуфт Гулшан ботинан алам кашида.

Салим бо навозиш ба мӯйи вай даст бурд, мастона чӣ суханони ошиқона гуфт, аммо Гулшан дилгирона ӯро тела дод, аммо Салими хирасар боз ба вай дарафтод. Гулшан пай бурда буд, ки Салим ҳам ӯро сидқан дӯстдор нест, ба вай хонадор шудан ҳам намехоҳад. Инро андешида Гулшани сармаст ба рӯйи ҷавон як торсакӣ заданашро ҳам, дар ҷавоб бетаваққуф як лагад задани Салимро ҳам нафаҳмида монд. Сипас, аз алам боз шароб рехта хӯрду пиёларо ба санг зад... Ӯ вақте ба худ омад, ки боз бо Салим кашокаш дошт: ҷавон меравем гӯён ӯро кашола мекард, вале Гулшан саркашӣ менамуд, Ойишаю Одина ҳам ӯро ба роҳ ҳидоят доштанд.

Баъд онҳо рафтанду ӯ танҳо монд.

— Гум шавед... дайдуҳои сакалту!.. К чёрту вас... — Гулшан дар ғазаб аз паси онҳо туф кард ва як-ду дашноми қабеҳи мардонаро ба забон гирифт.

Баъд вай дар танҳоӣ барои қадру эътибори аздастдодааш хомӯш гирист. Аз гиря вақте сар бардошт, ки шаб торик гашта буд. Гулшан миёни ду харсанги соҳил нишаста, хиққос зада, ашк мерехт. Дар атроф на чароғе, на садое. Фақат аз шоҳроҳ аҳён-аҳён садои мошин ба гӯш мерасиду шӯълаи чароғҳои он лаҳзае шаху зовҳоро палмосида мегузашт. Баъд вай ба роҳ баромад, аммо мошини дилхоҳеро дучор накарду боз ба қафо баргашт. Ба тарафи деҳа ҳам нарафт: мардуми деҳа ба духтари танҳо чӣ хел менигаранд, ӯ хуб медонад. Агар фаразан, ба хорӣ нанигаранд ҳам, Гулшан аз тарси сагони деҳа ба он сӯ қадам зада наметавонист.

Вай, ки ҳамагӣ чор-панҷ сол муқаддам аз ин худро хушбахттарин духтари дунё меҳисобид, ҳоло қариб ба ак-

сари дугонаҳояш ҳасад мебурду аз бахти онҳо ба дил аламҳо дошт, дарун-дарун месӯхт. Махсусан, баъди он ки ҳамаи дугонаҳояш ягон-ягон шавҳар карданду соҳиби рӯзгору хонаву ҷо гаштанд, Гулшан беқарор гашт.

То ин ки торикию танҳоӣ ба дилаш ваҳм наафканад ҳоло Гулшан зӯру ба зӯр дафтари саргузашти худро варақ меза-ду варақ мезад. Вай рӯзҳои аз хато, аз хушиҳои лаҳзаинаи фиребу аламангези худро пеши назар оварда, ҳоло дарға-заб аз худ савол мекард: "Черт побери, чаро ман бадбах-там? А? Почему? Гуноҳам чист? Ну, ман аз кӣ кам?.."

Баъди мулоҳиза ва муҳокамаҳои зиёд вай иқрор кард, ки ба суханони падару модар беэътиноӣ намуд. Сонӣ ӯ донистан хост, ки хатояш кай, аз куҷо ибтидо ёфт. Вай дар пайи ин матлаб хеле воқеаҳоро пеши назар овард, дигарбора санҷида хулосаҳо бардошт, вале ҳеҷ намедо-нист, ки бетолеию бебарории мунтазам меваи як бех ниҳоли хато нест, балки самараи силсилаи саҳву хатоҳо ва беэътиноиҳо ба афкору ақоид ва расму тамоили умум аст.

Гулшан ҳанӯз ёд дошт, ки дар овони наврасӣ ва айёми ноболиғиаш агар хешу табор ғун меомаданд, мудом аз барои вай талош мекарданд: аммааш мегуфт, ки сафедии рӯйи Гулшан нусхаи рӯйи очааш аст, ӯро агар ба писараш арӯс накунад, армонаш нахоҳад шикаст; амакаш мушт бар сина мезаду ҳазорсипанди ба оташ афтодагӣ барин аз ҷояш мепарид: "Канӣ, кӣ ҳақ дорад ба Гулшан даҳан занад?! Вай ба писари ман гаҳворабахш аст!" Амма даъвои бародарашро ботил кардан мехосту мегуфт: "Ҳой, ақлатро хӯрдӣ, магар, писарат Гулшан кати ҳамсол аст, ба вай аз худаш чор-панҷ сол хурдро арӯс кун!" Аммо амак дасташро шоф карда, ба тундӣ даҳони ҳамаи умедворонро

мебаст. Аммааш ӯро доим “товуси боғам” мегуфт, сонитар дигарон ҳам Товус, Товуси боғӣ мегуфтандаш.

Соле, ки Гулшан дар синфи ҳаштум таҳсил дошт, ӯро духтари зеботарини мактаб мегуфтанд. Эҳ, чӣ миқдор ҷавонакҳо аз қафояш кашола мегаштанд! Аз боиси вай аксаран дискотекаю шабнишиниҳо бо ҷангу ҷӯши ҷавонон вайрон мешуд… “Ана, акнун, омада-омада ҳамон Гулшан, ҳамон Товуси шаҳрошӯб ба Салими лабкашол зор мондаст! Тфу!.. — мегуфту бехуд зери пояш санг аст ё чӯб лагад мезад вай. — Кӯр шав, гашта наомад номард! Э-э, аслан худам хато кардам. Аввал… Аввалаш аз чӣ сар шуд, дар хотир надорам… Ҳаминашро ёд дорам, ки дар синфи нӯҳум мехондам. Рустам кати мулоқот мекардам… Не, аз вай пеш Далер, сонӣ Қудрат кати ба Пистазори Боғи Ғалаба рафта будам, сонӣ Ҷовиди масчоҳӣ катӣ ба соҳилҳои Кофарниҳон… Хайр, инҳо ҳеҷ гап не, сонӣ ана, вай артист вохӯрду… ба киностудия бурд, туро ба кино мегирам гӯён сарамро гаранг карда гашт. Ҷавонмарди хушрӯй буд. Ҳамроҳ ба як колхози дур рафта, деҳқонон кати мулоқот карда будем. Бевиҷдон маро фиреб дода мегаштаст — занаш будаст. Занаш ҷиннинусха будаст, сволочь беҳуда маро шарманда кард: ба хона рафт, ба мактаб рафт. Омада, ба нағзӣ ба худам гӯяд — олам гулистон буд… Сонӣ… Сонӣ Артури дурага…

Ин ном дили Гулшанро ба монанди сихи тафсон сӯзонда гузашт. Вай оҳиста оҳи пурдарде кашиду дилтангона сарашро ба қафо андохт, мӯйи ғулии сиёҳашро, ки ба рӯйи китфонаш ҳамоил буд, бо ангуштонаш шона зад. Артур писари директори заводи шаробкашӣ — Абдуллозода, ҳамгузар, аз дӯстони бачагии ӯ буд. Ҷавони хушқадду баст, хушандом, хушлибос, хушҳол, хушмаишат, хуло-

саи калом, ҳамаи хушиҳои зиндагиро доро буд, яъне ҷавони дилхоҳи Гулшан. "Саги дайду, ду сол сари маро беҳуда гаранг карда гашт, илоҳо, мошинат кати чапаю роста шавию рӯзи равшан набинӣ, ман ҳам шунида, шодӣ кунам", — гуфт вай ба дил ҳоло ӯро ба ёд оварда. Агарчи хотираҳои вобаста ба Артурро ба ёд овардан барояш аламовар буд ва ҳар боре ӯро сахт асабонӣ месохт, Гулшан ҳоло илоҷи аз он хотирот канораҷӯӣ надошт. Вай сафару сайёҳатҳои худро ҳамроҳи Артур ба Искандаркӯлу дараи Ромит, ба Сойи палангон ва Қаротоғ ёд меовард, дар хонаи ҷавон ғун гашта, чӣ гуна то саҳар базм, рақсу таронахонӣ мекарданд, гаштаю баргашта дар пеши назар зинда менамуд. "Мурдор, вай кати гаштанамро дар маҳалла ҳама медонистанд. Сад бор қасам мехӯрд, ки ба занӣ мегирад. Овора карда гашт-гашту сонӣ ба хизмати ҳарбӣ рафт, аз хизмат баргашту пичингу киноя, баҳонаҳои намешударо баровард. Ну, конечно, мақсадаш аз ман халосӣ будаст. Сонӣ, рафту аз зоти модараш як духтари барзангиро овард. Черт, агар мошин медоштам, фурсат пойида, мезадаму ҳар дуяшро ҳам пачақ мекардам… Баъди Артур писари аммаам ҳам рӯй гардонд аз ман. Хок кашад! Гарданкӯтоҳу каллапачақ, бинӣ носкадуи бобом барин, боз нози он кас осмонро сӯз медиҳад! Сол — дувоздаҳ моҳ дар танаш як костюм, он ҳам як лабаш-овезон, як бараш-гурезон, масхарабози сирк барин! Худо гирадата! "Ҳафтоду ду миллат кати гашта баромаду акнун ӯро ман зан мекунам?!" гуфтаст. Хеш нашуда мур, ту феодал!.."

Хиширроси бутта ба гӯшаш расиду Гулшан ваҳмида ба поён нигарист ва дар масофаи бист қадам дуртар, дар лаби наҳр суроби ҷонвареро бидиду аз тарс дар ҷойи нишастагиаш шах шуд. Дар як лаҳза вуҷудаш, чунон ки

мегӯянд, хоб буд, ба якборагӣ бедор шуд, маст буд, ҳушёр шуд. Он ҷонвар ҳам наҷунбида ба вай менигарист. Дурахши чашмони он ду лахча оташ барин дар шаби торик тобу тавони Гулшанро бибурд. Дасту поҳояш беҳол, забонаш карахт, гулӯяш ҳам бастагӣ буд. Аз дилаш гузашт: “Мабодо аҷина бошад-а… Аҷина нест гуфтан кати нест мешавад магар? Ё асабҳои ман тоб наоварданд…” Гулшан дар ин андеша андаке худро ба даст гирифту бо азобе овоз баровард:

— Ҳо-ой!..

Саги дайду будаст. Оҳиста ғурриду ба роҳаш рафт. Аммо вуҷуди Гулшан, гӯё табларза гирифта бошад, беталаққуф меларзид. Вай акнун ба ҳар як сангу буттаи атроф бо ваҳм менигарист, ба садоҳои атрофаш бо диққати тамом гӯш медоду дилашро ба ҳарос меандохт.

“Ҳолӣ ҳам сари вақт аст, боз як бор ба раҳ бароямчӣ?” — худ аз худ савол кард вай. Сонӣ аз чунин вазъи худ ба таҳлука афтод: — Боз ҷиннӣ нашавам? Худ ба худ даст афшонда гап мезанам. Аз тарс ҷиннӣ мешаванд.

Ба роҳ барояму ба ягон нобакоре дучор гардам ё шиносе вохӯрад… Э, садқаи сарам, гап зананд, гап задан гиранд, лекин… агар ба мошини нокасе савор шаваму… Шомгоҳон як мошинро доштам, мошин қарор карда нокарда се тан ҷавонони шилқини беҳаё баробар аз кабин баромада, маро кашола карда ба мошин андохтан хостанд, ба азобе халос хӯрдам. Ин хел ҷавонон дар Варзоб аз ҳар чӣ бисёранд, аз ҳеҷ ҷинояту хиёнат рӯ наметобанд. Аз дур панаҳ истода менигарам, агар дар мошин ронанда танҳо бошад, тохта ба роҳ мебарояму даст мебардорам, қарор мегирад… Э, тавба, — оҳ кашид Гулшан, — агар ба кисаи бачаи тоҷик сад сӯм дарояд, честное слово, девона

мешавад!..

Аз шоссе дам ба дам мошинҳо мегузаштанд, аммо Гулшан ҷуръати бархоста ба роҳ баромаданро надошт. Эҳсос мекард, ки аз торикию танҳоӣ дида бештар аз одамони нобакор метарсад. Вай боз ба дарёи хотироти худ ғӯтавар гашт:

— Аслан, маро уболи Рашид гирифт, — гуфт вай ғайриихтиёр пичиррос зада. — Бадбахт аз таҳи дил маро нағз медид, аммо назарам нагирифт. Дар синфи даҳ расо аз қафоям гашт, ба институт ҳам хабаргирӣ меомад, бо дигарон гаштанамро медиду боз меомад. Бечора саги вафодор барин, ҳеҷ қаҳраш намеомад, дилмонда намешуд. Ҳар чӣ хоҳам, ёфта меомад — туфлӣ, атр, курта... Баъди донишгоҳро тамом карда, ба кор шурӯъ намуданам ҳам, як-ду бор омад. Охирин бор гуфт: “Гулшан, сад кас кати агар гаштагӣ бошӣ ҳам, ман туро нағз мебинам, ба ман рас, ҳаргиз таъна намекунамат, ҷавони дигар туро сахт ранҷ хоҳад дод...” Ҳеҷ дилам об нахӯрд, чӣ кунам?! Хайр, аслан безеб бошад ҳам, кӯр шавад, гӯён, ба ҳамон Рашид мерасидам, бад намешуд; касбу кораш дуруст, халқу атвораш — нағз, падараш — бадавлат...” Вай худро лаҳзае зани хушбахти осудаҳол, модари кӯдакони рӯйгарм тасаввур намуду дақиқае чашмонашро пӯшида чунон бароҳат нишаст, ки ҳама оламро фаромӯш сохт.

Баъд аз боди сарди шабонгоҳон, ки ҳоло аз ҷониби кӯҳҳои пурбарф мевазид, вуҷудаш ларзиду хотир аз чанголи хаёли ширин барчид ва чашмонашро кушод. Шавшуви оби Варзоб, қур-қури қурбоққаҳо, чир-чири чирчиракҳо, ҳақ-ҳақи мурғи ҳақгӯй ба ҳам омехта ба гӯшаш боз омад, ки дар шаби сиёҳ навои пурасрореро ташкил медоданд.

Ногаҳ паррандае шуввос зада аз тори сараш паст парида гузашту қариб монда буд, ки Гулшан фарёд кунад. Дилаш тах кашиду чунон сахт-сахт тапидан гирифт, ки вай ғайриихтиёр аз ҷояш парида бархост.

Акнун ба атроф менигаристу аз ҳар сиёҳӣ метарсид. Вай аз дил гузаронд, ки агар гург ҳамла созад, чӣ мекунад — ба дарахт барояд ё худро ба об афканад? Ба ёдаш суханони Ҷоник расид, ки дар ин атроф тамоман гург нест, гуфта буд. Ба Ҷоник мӯйи кӯтоҳ маъқул аст, гӯён ҳамон сол мӯйи дарозашро бурида кӯтоҳ карда буд. Модар аз ин кори вай чандин вақт алам мекашиду такрор ба такрор мегуфт: “Ман мӯйи туро ба осонӣ ин хел кардам? Духтари мӯйдароз бошад, гӯён ба серкориам нанигариста ҳар ҳафта майдабофӣ мекардам. Пушаймон мешавӣ, ба он хел мӯй зор мегардию афсӯс, ки дигар намеёбиаш…” Худам ҳам он солҳо расо гӯлу гумроҳ будаам, агар ҳамроҳи Ҷоник бошам, бо тоҷикон ба тоҷикӣ сухан кардан хушам намеомад, дар мошин агар пиразанон гап пурсанд, намедонам гӯён сар меҷунбондам. Баъзе касон писханд менамуданд, баъзе суханони маломатомез мегуфтанд, аммо ман гӯшамро ба карӣ мезадам. Аз ин ҷо болотар, дар таҳи деҳаи Беғайр бедзоре ҳаст, дар он ҷо чор тан як рӯзи дароз нишаста, расо “балдет” карда будем… Ба гапи очаам гӯш накардам-дия, гаштаю баргашта мегуфтанд: мардум кар не, кӯр не, медонанд, ки ту ба чӣ кор машғулӣ… Хайр, дигар духтарон ҳам гашта, санҷида шавҳар мекунанд-ку! — мегуфтам. Ҳамон рӯз дили Ҷоники балозадагиро фаҳмидам: Шӯҳрат ман кати ба кӯҳ равон шавад, бепарво монд, рашк-пашк накард. Конякҳои французию сигорҳои америкоиат аз сарат монад, дар охир гапи гуфтагиаш ҳар замон ба дилам корд барин мехалад: “Гуля, маро бубахш, ман

хонадор мешавам, волидайн як духтари хешамонро номзад карданд”. «Маро фиреб дода гаштӣ, номард? Ман аз кӣ кам?” гӯям, “Ба ман зане даркор аст, ки фардо модари фарзандонам гардад! Агар ҳамқадаҳ даркор бошад, албатта, туро мегирифтам!” — гуфт-а нокас! Савдогари ҳаромхӯр!..

Маҳтоб шом хӯрду торикӣ ғализтар гашт, ба ҳадде, ки Гулшан агар дасташро дароз кунад, ангуштонашро намедид. Дар роҳ равуои мошинҳо ҳам камтар шуд.

Гулшан каме шароб хӯрда, гарм шудан ва аз чанги ин андешаҳои рӯҳфишор лаҳзае раҳоӣ ёфтан мехост, аммо ҷуръат наменамуд, ки бархезаду бист қадам барин ба поён — ба лаби наҳр фурояд. Дар соҳил, ба зери харсанги лаби об Салим чанд шишаро ба рег гӯр мекард. Ҳамаашро нахӯрдагистанд. Эҳ, Салим, Салим!.. Ту ҳам нокас баромадӣ. Умуман, дар ин дунё ягон марди кирои ҳаст ё не? Ё ба ман фақат ҳамин хел фиребгару қаллобон дучор меоянд. Ана, Салим партофту рафт… Гулшан дар тасаввур овард, ки чӣ гуна ин лаҳза Салим бепарво хуррак кашида хоб аст. — Ба ҳеҷ кас бовар кардан даркор не, ба ғайр аз падару модар дигар ҳеҷ кас ба инсон дӯст не, ҳамаашон сволочи…

Дили Гулшан мехост, ки бархезаду ба роҳ барояд, аммо як навъ карахтӣ ва сустие ӯро гӯё побанд карда буд ё худ ҳамин танҳоӣ ва бехалалиро пазмон гашта будаст магар, аз саргузашти худ дил бардоштан наметавонист.

Солҳои таҳсилаш дар донишгоҳи олӣ, ба ақидаи Гулшан, солҳои хушу пурбарори ҳаёташ буданд. Вале аз ин айёми дилписанди умр низ дар қалби вай афсӯсу надомати бепоён монд. Ҳар як рӯзи хушу ширини ӯро шоми талх — оқибати дилфишорест. “Чаро?.. Кадоме аз ҳамса-

бақон, аз афти кор, Ҷаъфар буд, ҳо, Ҷаъфар ҳамеша мегуфт: “Касе, ки овони донишҷӯиро беҳуда гузаронд, ҳама дороиашро талаф дод”. Бачаи қишлоқӣ бошад ҳам, калладор буд. Афташ бенур, чеҳрааш дурушт, чашмонаш чашми гӯсола барин. Рӯзи аввал ӯро дида, лӯлӣ гумон карда будам, “лӯлиҳои мо ҳам мехондаанд-дия” гуфтаам... Аксари духтарон дар донишгоҳ ҷуфти худро ёфтанд, фақат ман фиреб хӯрдаму... боз Нозигул. Ӯро Хусрав гирифту чор моҳ зиндагӣ кард ё накард, ҷудо шуд... Ман агар Сабури хушрӯю бодиро нею ягон ҷавони оддию самимиро хуш мекардам, ҳоло хушбахт будам. Чӣ қадар ҷавонони қавлу амалашон — яке ба нимнигоҳу нимтабассумам муштоқ буданд!.. Эҳ, агар ягон вақт аз Сабур қасосамро мегирифтам, дар дилам армонам намемонд... Бо ҳамин дастам чашматро кофта мегирифтам!..” — Гулшан аз ғазаб чунон дандон ба дандон ниҳод, ки дар даҳонаш таъми хунро ҳис карду ба худ омад. — “Падарлаънатӣ се соли расо домани маро бо чормағзи пуч пур карда гашту тобистон ба деҳааш рафта, хомӯшакак зан гирифта омад. Номард, агар ҳозир ба дастам меафтодӣ... Тиккаю пора мекардамат!” — Гулшан ғайриихтиёр сангеро гирифта чунон бо ғазаб ғурронд, ки гӯё онро ба сари Сабур мезада бошад. Санг ба хоросанге бархӯрду оташак парид.

Сабур донишҷӯи аълохон, аз ҷамоатчиёни факултет буд. Қариб ҳар рӯз бо сабабе ё баҳонае Гулшанро даъват мекард, супориш медод. Ҳар ду ҳамроҳ ба маҷлису мулоқотҳои гуногун мерафтанд. Сонӣ, як бегоҳ аз пайи тафтиши хобгоҳ рафтанд. Дар бозгашт ҳамон шаб вай дилашро кушод. Сонитар, айёми дар колхоз пахтачинӣ шабе ҳамроҳи Сабур ба маркази деҳа, ба магазин рафтанду дер омаданд. Ҳасадхӯрон ҳар хел гап паҳн карданд... “Подлец!

Ҳар ҳафта ба хона меомад, ба падару модарам маъқул буд. Додом қатӣ шоҳмот бозӣ мекард, ҳама якҷоя ба кино мерафтем. Одамон моро ба ҳам дида, бо ҳавас аз қафоямон нигариста мемонданд. Бечора додом ҳамон вақт ҳам ғами маро мехӯрданд. Як бор дар роҳ Сабур ба ман эътибор надода, дуру дароз ба онҳо варсоқихонӣ кунад, таъкид карданд: “Ҳой, ту чӣ хел хушдорӣ, охир, Гул дилтанг шудку?!.” Баъди он ки Сабур хиёнат кард, барқасди вай гаштам. Ҷавонони аз вай зӯртар қатӣ гаштам. Сӯзу мур, гӯён гаштам. Э-э, об, ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷабу чӣ даҳ ваҷаб. Аз аввал нагаштан даркор будаст. Ин мардони мо мард нестанд, ҳама қаллобони фиребгаранд. Хаёлам, ба дастам туфанге диҳанду ҳамаашро якта-якта парронам”.

— Рӯзи равшан надида мур, ту маро бадбахт кардӣ, Сабур, — гуфт Гулшан пичиррос зада. — Агар… агар… ягон рӯз ин зиндагӣ ба дилам занад, аввал — туро… Ҳа, аввал ба синаи ту корд мезанам…

Гулшан мехост худро аз қайди андешаҳои нохуш вораҳонад, вале риштаи андеша ва хотирот хоҳу ноҳоҳ боз ӯро ба ягон воқеаи нохуши ҳаёташ рӯ ба рӯ месохту ӯ баъди лаҳзае дигарбора худ ба худ бо шиносони собиқаш мунокиша мепайваст.

“...Баъди Сабур ҳам талабгорон кам набуданд, аммо пачақу пучуқ ҳамааш — намешудагӣ, — мегуфт вай худ ба худ. — Кирои шӯй гуфта ҳамроҳ ба кӯча мебаромадагӣ ҷавонон набуданд. Баъзеаш афту башараи дуруст дошта бошад ҳам, маданӣ, ҷавони ҳозиразамон не, баъзеаш гов барин бефаҳм, баъзеи дигараш гадои луб-луч. Фақат духтур одами табъи дилам буд…”

Гулшан якуним соли дар клиникаи Азизӣ кор карданашро ба хотир оварда, як оҳи чуқур кашиду сипас зери

лаб гуфт:

— Кошки, ягон бало мезаду занаш мемурд…

Вай ҳоло аз ин чунин иқрори нияти шуми худ ҳеҷ хиҷил набуд, хавотирӣ намекашид, ҳозир буд хушбахтии ҳар як шиносу ношиносро барҳам занад, барои нокомиаш аз онҳо қасос бигирад.

— Ҳамаи ин одамон тайёранд, ки маро фиребанд, ғам диҳанд, бадном кунанд, сипас, чаро ман… Ҳозир ба роҳ мебароям ҳар ронандае, ки дучорам мегардад…

Гулшан хаёлан чӣ корҳоеро саранҷом намедод!

Ӯро майли шаробхӯрӣ беқарор карду бархост ва лаҳзае рост истода ба атроф назар кард ва баъзе гапу кори имрӯзина ба хотираш расиданд. “Ҷавони бефаҳм будаст ин Салим, “ин қадар шиноси ту бисёр аст?” мегӯяд. Шиноси мӯл доштанам ба вай намефорад. Ман ту барин домани як зани чиркинро гирифта, мағор зада хоб накардаам!.. Агар шиносам кам бошад ҳам, ягон баҳонаи дигар мебаровард. Вақте ки зани доктор Азизӣ моҷаро бардошту аз беморхона ба “Ёрии таъҷилӣ” ба кор гузаштам, дар ҷойи нав, ба қавли модарам, “сарамро хам карда, вазнинакак” гаштам, лекин чӣ фоида дидам?.. Шарофат, Хайрӣ, Зебо магар нагаштанд?! Э-э, ин не, он не, толею пешонӣ”.

Гулшан тарсону ҳаросон ба регзори соҳил фуромад, вале ҳамаи шишаҳои шаробро холӣ ёфту димоғаш сӯхт. Баъзе лаҳзаҳои воқеоти имрӯза боз дар лавҳи хаёлаш зинда гашту ӯ худ ба худ бо кароҳат даст афшонд, ангушташ ба харсанг сахт заду лаҳзае ҷонаш ба дард омад.

— Меравам… Номард наомад… Шавҳар-а! Ба тухми мард алав мондан даркор аст!.. Аслан, духтарони шавҳар кардагӣ чӣ хушбахтӣ ёфтанд?! Ана, яктааш — Назокат, ҳар рӯз оби чашмаш шашқатор резон, қаҳр карда ба хо-

наи додош меояд, шавҳараш баъди як-ду рӯз омада, бо узру маъзур боз гирифта мебарад. Манзура бо як хона кӯдакаш аз сари дегу оташдонаш берун нарафт. Шӯй гуфта, бача гуфта худашро ҳеҷ кард. Инкубатор шаву рав-е! Ман дар дасти мард як чизаки зебо барин барои макони ӯро зеб бахшидан ба дунё наомадаам. Чунон ки муаллими фалсафа мегуфт, ман — шахсияти комилам, қисматамро бо дастони худам месозам, ба касе мӯҳтоҷ нестам. Фақат… фақат як ҷиҳаташ маро ташвиш медиҳад: падару модар шабу рӯз дар ғами нокомии ман обу адо мешаванд. Вообще… агар ман мерасам гӯям, барои ман… аз баҳри ҳама чиз мебаромадагиҳо кам не! Плюну на эти интеллигентики и все!..

Гулшан бо ҳамин гуна андешаҳои бесару нӯг ва дарҳам-барҳам ба сари роҳи мошингард баромаданашро надониста монд. Баъд вай дар паси харсанги бузурги сари роҳ худро аз чароғи мошинҳо панаҳ гирифту мошинҳои ояндаро аз дур менигарист, ки дар кабина одам доранд ё не. Аммо муайян кардани мошинҳои холӣ осон набуд.

Оқибат, вай дар шӯълаи чароғи мошини рӯ ба рӯ кабинаи мошини боркашеро холӣ диду чолок сари роҳ баромад ва бо имою ишораҳои илтиҷоомез ронандаро ба таваққуф кардан водор намуд.

— Ба тарафи шаҳр меравед?.. Маро баред, — гуфт Гулшан баъди дари кабинаро кушодан бо истиғно овозашро маҳин сохта ва худро сари ду по устувор гирифта.

Вале ҳангоми ба кабина нишастан аз саросемагӣ як пояш ба пойи дигараш дармонд ва Гулшан якпаҳлу ба сари дасти ронанда ғелид.

— И-и, эҳтиёт… — гуфт ҷавон дасту по гум карда. Баъд сари ӯро бардошту Гулшан рост нишаст. Ронанда

мошинро ба роҳ дароварду пурсид: — Дар ин шаби сиёҳ чӣ тавр натарсида гаштаед?.. Ё хобатон бурда мондаст? — Ҷавон табассуми тамасхуромезашро пинҳон намедошт.

— Э-э, — чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста, даст афшонд Гулшан. Сонӣ росташро гуфт: — Ба ҳамроҳонам ситеза карда, нарафтам. Ҳангоми қаҳру ғазаб ақл мегурезад мегӯянд…

Ронанда ҷавонмарди ба тахмин сисолаи лоғарандом, малламайгуне буд. Гулшан дар равшании чароғи мошинҳои рӯ ба рӯ тоқии бар асари чирку равғани сар сипсиёҳ гаштаи ӯро пайхас карду ба дил гуфт: "Агар занаш бефаҳм аст, ақли худаш ҳам намерасад магар, ҳамин тоқиашро ба бензини мошинаш тар карда гирад?! Ана, бо ҳамин афту андом ва ақлу фаросат ҳамин мардак ҳам зан дорад, бача дорад, аҳли хонадонаш ба роҳаш интизоранд, ба шаб занашро оғӯш мегирад, навозиш мекунад… — ба дил муҳокамаронӣ дошт Гулшан. — Занаш аз худаш ҳам чиркинтару бесомонтар ягон пачақу пучуқ будагист. Аммо вуҷуди ман, ки дар назокату латофат аз варақи гули садбарг намемонад… Э, ҳайфи ман, ҳайфи ман… Ҳайф гаштам… Ҳозир агар ба ин ҷавонмард гӯям, ки ман аз баҳри ҳама мебароям, ба ту мерасам, туро одам мекунам, ту ҳам аз баҳри ҳамаи наздиконат баро, чӣ мегуфта бошад?.. Албатта, ба покизагии ман бовараш намеояд. Агар донад, ки ман аз он хел духтарони кӯчагарду бадроҳа нестам, ҷон-ҷон мегӯяду..."

— Ситеза кати то ин вақт мондед?! — мегуфт ронанда нобоварона. — Не, ягон хел моҷаро… ё сабаби дигар… Дар шаб духтар дар ин хел ҷойи хилвату бекас бесабаб намегардад, — гӯён ҷавонмард шубҳа изҳор кард.

— Моҷарои чӣ? Ҳамту, гапамон гурехт, вассалом.

— Ҳар ҷое, ки шумо барин духтари хушрӯй бошад, ягон хел фитна бармехезад…

— Гап-дия — гуфт Гулшан хандида ва бо нигоҳаш истиғноомез ба ронанда теғ кашида нигариста. — Магар ман хушрӯям?

Ронанда бори дигар ба саропойи Гулшан зеҳн монда нигарист. Нури чароғи мошини боркаш ҳоло ба шаху зови канори роҳ афтода, акс мекарду хира бошад ҳам, ба кабина равшанӣ медод. Дар ҳамин равшании ночиз ҳам рӯю мӯйи Гулшан, чашму абру ва дасту бозувони мавзунаш бағоят дилрабо ҷилва менамуданд.

— Зебоӣ аз ин зиёд намешудагист… Худо аз ин ҷиҳат ҳамаашро додаст. Лекин… мегӯянд, ки духтари зебо аксаран бебахт аст. — Хулоса баровард ҷавонмарди ронанда. Ӯ дигар ба тарафи Гулшан нанигариста сухан мекард. Агар кас ба диққат авзои ӯро мушоҳада созад, донистан душвор набуд, ки вай ҳар лаҳза ба рӯйи Гулшан назар кардан, ба чашмони дилошӯби духтар боз як бор нигаристан мехоҳад, вале чӣ андешае ӯро аз ин кор боз медорад.

— Ман ҳам бебахтам? — Овози Гулшан чунон маъюс ва беҳол баромад, ки худ бебахтии ӯро тасдиқ мекард.

Ба миён лаҳзае сукунат афтод.

Чароғҳои шаҳр намоён шуданд. Душанбе дар поён монанди як табақ нур, як лаълӣ лахчаи фурӯзон ҷилванамоӣ мекард, чунон ки хуршед ҳоло дар домани ин кӯҳсорон ғуруб мекарда бошад.

— Чӣ гӯям ба шумо, ба ростӣ, ки намедонам, — оҳиста сухан оғоз кард ронанда. Сонӣ як раҳ ба рӯйи Гулшан нигаристу гуфт: — Албатта, ҳеҷ кас худро бебахт

намеҳисобад, вале агар бо чашми дигарон нигаред…

— Дар чашми шумо ман бебахт баринам?! — истеҳзоомез киноя кард Гулшан. — Ҳиъ… Бадбахтии ману хушбахтии шумо…

— Пичинг накунед, ман худро хушбахт намеҳисобам.

— Аммо ман худро хушбахт мешуморам, — гуфт Гулшан қатъӣ. Вай мехост, ки бигӯяд: “Худо ба ман ҳусн додаст, ин худ хушбахтӣ нест? Ба ту бадбахт толеи хуш-ку надодаст, афту башараи одамиёнаро ҳам ҳайф дидаст. Аммо инро нагуфт, саҳеҳтараш ин маъниро ба чи тарз ҳамвортар баён карданашро надонист. — Хуб, шумо чаро худро бебахт меҳисобед? Агар сир набошад, гӯед.

Лаҳзае ҳар ду ҳам хомӯш буданд.

— Пор ҳамсарамро гӯр кардам, — гуфт ронанда оҳи пурдард кашида, оқибат. — Се кӯдаки хурдсол. Калониаш акнун ба ёздаҳ қадам монд.

— Чаро хонадор нашудед?

— Осон не… Кӣ ба се кӯдак модарӣ мекунад? Духтарони хозирзамон?

— Хуб, кӯдаконро ба сағирхона диҳед.

Ронанда писханде карду ҳеҷ нагуфт.

— Маро намегиред? — Ногаҳон нимҳазлу нимҷиддӣ савол кард Гулшан ва ронанда бе ҳеҷ тааҷҷуб ба рӯйи вай нигарист, чунон ки ин саволро аз ӯ қаблан интизор бошад. — Намегиред? А?.. Ҳолӣ шавҳар накардаам… Духтарам.

— Нафаҳмидам: духтурам гуфтед ё духтарам? — Кинояаш аён буд.

— Ҳам духтурам, ҳам духтар, — қатъӣ таъкид карда гуфт Гулшан. Вай айёрона табассум мекарду таъсири гуфтаҳои худро ба ҷавонмард мушоҳада менамуд. — Чӣ,

занону духтарони деҳаатон баъзан агар алам кашанд, шароб намехӯранд?

— Кабӯтар бо кабӯтар, зоғ бо зоғ, гуфтаанд, — гуфт ронанда ҳанӯз ҳам озмоишкорона ба рӯйи ҳамсӯҳбаташ нигариста. — Ба ман мувофиқи худам зан даркор аст, ба шумо мувофиқи худатон. Шароити зиндагӣ, расму одатамон фарқ мекунад…

— Чаро ман ба шумо мувофиқ нестам? — Гулшан маъюс савол карду мунтазири ҷавоби вай ба рӯйи ҷавонмард нигариста истод. Дар як лаҳза оҳанги қавӣ ва худбоваронаи гуфтори ӯ барҳам хӯрда буд.

— Хайр, ҳамту… — зери лаб ғурунгос зад ронанда. — Гуфтам-ку, шароит…

— Ман покизаам, бовар кунед, — гуфт Гулшан бо алам тез-тез. — Агар ба як ҷавони беviҷдон бовар карда, умедвори вай гашта бошам, чӣ шудаст?! Ҳозир духтарони деҳаатон ҳам мегарданд. Ба ғайр аз ин, дар деҳаи шумо бо ин ҷавон гаштани маро ҳеҷ кас намедонад-ку?.. Ҳа, гап занед! Ман бар қасди як олуфтаи хушрӯ, хондагӣ, вале беviҷдон ба шумо расидан мехоҳам.

— Чӣ гӯям ба шумо?.. — китф боло кашиду табассум намуд, баъд ҷабинашро хорид ҷавон. — Охир, ин кори намешудагӣ… Шумо намедонед…

— Намешудагӣ?.. Маро зан намекунед?! — бо тааҷҷуб мепурсид Гулшан, балки чандон саҳеҳ набошад, ваҳшатзада хитоб дошт ӯ.

— Э, шумо ғалатӣ будаед! — Гуфт ҷавонмард ҳанӯз ҳам истеҳзоомез табассум намуда. — Охир, шумо ба ин хел сайру гаштҳо одат кардагӣ. Тарки одат муҳол аст. Агар ин хел намегаштеду… фарзанддору шавҳар карда ҷудо мешудед ҳам, валлоҳи аъзам, ки мегирифтам… Аз ман

наранҷед, духтари бадгард ҳеҷ зан намешавад, сари мардро хам мекунад…

— Бас кунед-е!.. Нигоҳ доред! — якбора хитоб кард Гулшан. — Мошинро манъ кунед!

— Не, қариб расидем… Ба истгоҳи троллейбус расем…

— Бас, нигоҳ доред! — Гулшан инро гуфту даст зада чанбари фармонро сахт кашид.

Мошин якбора равишашро тағйир доду якпаҳлу гашт ва ду чархи тарафи росташ андаруни ҷӯяки канори роҳ боз каме роҳ гашту қарор кард.

Гулшан аз кабина фуромаду дигар ба ҷониби ронандаю мошин беэътино аз пиёдагард ба сӯйи истгоҳ равон гашт.

Ронанда аз кабина фуромаду лаҳзае аз қафои Гулшан нигариста истод. Акси шаъшааи шаҳри нурбор атрофро хира равшан мекард, вале ҷавонмард аз садои номунтазами кафшҳои Гулшан дарёфт, ки ӯ ҳангоми қадам бардоштан мекаловад.

— Поята рост доштан наметавонӣ, духтар, биё, барамат.

Гулшан ҷавоб надод.

"То истгоҳ аз қафояш оҳиста-оҳиста меронам", аз дил гузаронд ҷавонмард. Сипас баргашта чархи ба ҷӯй афтодаи мошинро нигаристу ба нишони афсӯс худ ба худ сар ҷунбонд. Сонӣ вай ба сари чанбари фармон нишасту моторро даргиронд. Ӯ мошинро ҳарчанд пасу пеш ронд, чархи он аз ҷӯй набаромад. Ба ночор моторро хомӯш карду аз кабин фуромад ва ба ҷӯй санг партофтан оғоз кард.

Садои кафшҳои Гулшан дигар ба гӯш намерасид.

***Соли 1977***

# ШИКАСТ

Файзалиро ба ҷои як нафар муаллими ба хизмати ҳарбӣ рафтагӣ ба мактаби деҳа ба кор фиристоданд. Директори мактаб, нархи сабзию пиёзро напурсида, “тайёрӣ бинед, пагоҳ дарс медароед”, гуфт. Файзалӣ ҳарчанд узр овард, ки китобу дафтар ва лавозими дарсгуиро наовардааст, гӯш накард.

— Ҳеҷ гап не, сонӣ рӯзи истироҳат рафта чизу чораатонро мебиёред. Соати дарс сӯхта наравад, дароед — гуфт.

Дар паҳлӯи бинои мактаб барои иқоматаш як ҳуҷрача доданду вай дар он ҷо ҳамон бегоҳӣ бо талабаи синфи ҳаштум Рашид ҳамсӯҳбат шуд. Рашид писари боғбони мактаб будааст. Файзалӣ дар хусуси мардуми деҳа, мактаб ва талабагон аз ӯ хеле иттилоро дастрас намуд. Дар хусуси ҳамадонои писараки синфи ҳаштум Назир ҳавасангез, бо фахр ҳикоя кард.

— Э-э вай, Назир а директир ҳам наметарса, ай мудир ҳам... Хайр, чӣ отааш раиси матлуботай! Дута мошин доранд! Э-э, хонаашба дарой, ба ғайри ҷони одам, ҳама чиз ҳастай. Вай гап назана, ки гап мезана?! Чӣ хел малим биёд, вай мот мекунад! Порсол аз шаҳр як муаллимаи хушрӯ омад, фасонаш ана ҳамту! — Рашид сарангушташро бардошта таъкид кард. — Рӯзи аввал синф ба даромаду Назир уна як савол катӣ басту нобуд карда партофт. “Мурғ пеш пайдо шудай ё тухм?” — мега. Малима ҳеҷ чӣ гуфта натавонист. Муаллими физикара, чӣ, ҳаму рӯз директир таъриф карда, ба синф даровarда монду Назир расфоша кашид. Мот шуд. Баст. “Калонтарин алмосай ё брилиант” — намедонам, чиқа мега. Малим надонист.

Сонӣ худаш гуфта дод. “Куллинай” мега. Се ҳазор кило будай!.. А куҷо ин чизора медона ҳама ҳайрон. Бо худаш пинакаша вайрон намекунад-е! “Ҳеҷ гап не, малим, шимо инстита хундагӣ, му аз паи гову гусола гаштем” мега. Гапа ёфтанаша бин.

— Се ҳазор кило не, карат будагист, — дар охир сухани ӯро ислоҳ кард Файзалӣ.

Аз суханони Рашид Файзалӣ хулоса баровард, ки фардо Назир ӯро ҳам мот карданӣ аст. Сипас, вай ба Рашид фаҳмонд, ки рафтори Назир ҳеҷ хубие надорад. Муаллим одами ҳамадон нест, барои дар хусуси ҳама чиз маълумот додан энсиклопедиа ҳаст. Аммо ҳис кард, ки бо ин хел суханон таъсири Назирро аз дили онҳо сутурдан мушкил аст. Гӯё муаллимон ҳам, мудиру директор ҳам аз Назир меҳаросидаанд.

Файзалиро мудири илмӣ ба хонандагони синф муаррифӣ кард. Вай суханони ҳар бор ҳангоми шиносо кардани муаллими ҷадид мегуфтаашро боз такрор кард.

— Имсол ба шумо аз адабиёт муаллими ҷавон...

Талабагон сухани ӯро гӯш намекарданд, нигоҳи ҳама ба сар то пои Файзалӣ дӯхта шуда буд. Баъд пичир-пичир ва нигоҳҳои маънидор, лаб бурмакунӣ... Ана, шогирдони ин мизи дарсӣ ҳамту, бо шавқ ба нишони дорулфунун менигаранд. “Бинеша кашӣ, ҷонаш мебарод-ку!” — ин сухани охиринро Назир гуфт. Ҳа, худи худаш. Файзалӣ аз рӯи мушаххасоти Рашид ба зудӣ ӯро шинохт. Дурусттараш, аз ваҷоҳати кибрнокаш шинохт. Файзалӣ ин гуна андоми сангин, нигоҳи тамасхуромез ва пучро фақат дар башараи баъзе навмансабҳо дида буду бас. Ба ин ҷавони гӯлу гумроҳ чи хел сироят кардани ин мараз ӯро ҳайрон кард.

Дар ин миён мудир суханрониашро ба поён расонда, ба Файзалӣ барор хосту рафт.

Файзалӣ лаҳзае хомӯш ба дару девори синф, тахтаю партаҳо, сонӣ ба рӯи талабагон бо табассум нигарист ва утоқи дарсиро гашта баромад. Табассуми вай ҳамту, аз ошноӣ, аз мамнунияти шиносоӣ буд. Аз талабагон кадоме оҳиста ҳуштак кашид. Муаллим гӯё онро нашунида бошад, баргашта нанигарист, бепарво рафта журнали синфро кушод. Ӯ исму насаби 23 нафар донишомузони синфро тез-тез хонда, якборӣ ба рӯи ҳар яке нигарист ва баъд бархосту сухан оғоз кард.

— Дар рафти дарсҳо бафурҷа ба ҳам ошно мешавем. Ман ният дорам ба хонаводаи баъзеҳо рафта, бо падару модаратон ҳам шинос гардам. Ҳоло корамон бисёр. Имсол шумо аз адабиёт бояд бисёр чизҳоро донед, хеле китоб хонед, бо асарҳои машҳури адибони гузашта шинос шуда, қимати ҳар як асарро бояд фаҳмед. На ба он тарзе, ки баъзе касон даҳон пур карда “Шоҳнома” асари безавол” мегӯянду чаро безавол аст сирф хабар надоранд ва нахондаанд. Ё худ Рӯдакиро хондаанду вале намедонанд, ки сабаби шӯҳрати ҷовидонии шоир чист.

— Як савол? — сухани ӯро бурид Назир.

Файзалӣ ба вай “дар охир” гуфту доир ба тартиби мавзӯъҳо, китобҳои зарурӣ суханашро идома кард.

Баъди якчанд дақиқа Назир даст бардошту бо овози баландтар, ҳатто андаке асабонӣ сухани ӯро бурид:

— Аввал, ба саволи мо ҷавоб тед!

Файзалӣ хомӯш гашту лаҳзае ба рӯи Назир хира шуд, сипас пурсид:

— Чӣ сухани зарур доред?

— Аввал ба мо гӯед, ки Рӯдакӣ кӯр буд ё бино?

— Хайр, кӯр буд, — дубора ба рӯи талаба зеҳн монд ӯ. Гӯё Назир ҳозир аз рӯи ягон кашфиёти гӯшношунидае парда мебардошта бошад.

— Мора мебахшед, лекин одами кӯр китоб хонда, шеър навишта наметавонад! Ё ягон каси дигар навишта додай?

— Гапи беҳударо монед, вақтро нагиред, — қатъӣ сухани ӯро бурид Файзалӣ.

— Не, шумо бо инхел гапо... намешавад. Ба мо ҷавоб бидиҳед.

— Доир ба Рӯдакӣ чанд соати алоҳида дорем. Ҳамон вақт мефаҳмонам.

— Не, медонистагӣ одам ҳозир мегӯяду мемонад.

— Хуб, дар танаффус ба назди ман оед.

Файзалӣ инро гуфту оид ба тарзи иншоҳое, ки имсол бояд талабагон нависанд, сухан сар кард. Бачаҳо аз ҳар тараф ба сӯи Назир пичир-пичир мекарданд:

— Нашуд.

— Чап дода, халос шуданӣ.

— Намонаш. Ба қапқон гир!

— Ҳа, сонӣ мегум ки гуфт, намедона.

Аз миён панҷ дақиқа барин вақт гузашт ё нагузашт, Назир аз ҷояш хеста, сухани муаллимро қатъ кард:

— Шумо аввал ба саволи мо ҷавоб тед! Ин хел "сонӣ мегум", намеша. Агар намедунистагӣ бошед, рӯирост гӯед.

Оҳанги ситезаноки сухани Назир ба Файзалӣ сахт расид магар, лаҳзае бо тааҷҷуб ба рӯи ӯ нигарист.

— Гуфтам-ку, дар танаффус. Сонӣ дарси махсус дорем. Ҳамон вақт ҳамаашро мефаҳмонам. Доир ба кӯри модарзодиаш ҳам, дар хусуси кӯр карданашон ҳам далелҳо бисёр. Ҳеҷ ҷои аҷоибат не, дар таърих шоирони нобино кам нестанд. Ана, Ҳомери юнониён, шоири араб

Ал-Маарӣ...

— Гапро ба дигар нагардонеду аниқ гӯед: ё “ҳа” ё “не”, — Назир имкон надод, ки муаллим суханашро ба поён расонад. Баъд бо ҳайрат ба рӯи вай нигариста монанди муаллим ӯро ноҳинҷор сохт магар, ба атрофиёнаш нигариста, ғолибона хандид. Атрофиён ба расми ҳамовозӣ ба ханда ҳамроҳ шуданд. Фақат духтарон бетараф хомӯш монданд. Назир аз дастгирии рафиқонаш шердил гашту гуфт: — Ҳамааш дуруғ! Исбот карда наметавонед. Шеъри шоири дигарро аз они Рӯдакӣ мегӯянд. “Шоҳнома” -ра ҳам Рӯдакӣ навиштааст. “Модари пирӣ” -ра ҳам... Рӯдакӣ гуфтагӣ шоир нест. Синамоаш ҳам дурӯғ. Афсона! Набошад, исбот кунед! Ҳа?

Бачаҳо бо таҳсин ва мафтунӣ ба вай менигаристанд. Аз нигоҳи онҳо чунин маънӣ метаровид: офарин, ана ҳамин хел боб кун! Ин гапҳоро аз куҷо медонӣ ту? Муаллим намедонад-а!

— Ҳозир мавзӯи дарсамон Рӯдакӣ не... Сонитар мо ин мавзӯъро мегузарем, ман ҳамон вақт ҳамаашро мефаҳмонам... “Шоҳнома” -ро Фирдавсӣ гуфтааст. Зарур ояд, баҳс мекунем. Ба саволҳо ҳам ҳамон вақт ҷавоб медиҳам, майлаш? — гуфт муаллим бо табассуми ороми худ Назирро бештар оташин карда.

— Медонистагӣ одам шаф-шаф нагуфта...

— Бас!

Ӯ ҳамоно аз тундии бемавридаш пушаймон гашта худро ба даст гирифт.

— Ин чӣ беадабӣ?

— Дӯғ назанед! — аз шасташ гаштани муаллимро ҳис карду аз ҷои нишасташ шӯрид Назир. — Шумо муаллим бошед, ба савол ҷавоб тед. Мо ин хел нишон задагиҳоро бисёр дидем.

— Ба шумо чӣ гап шуд? Худаш чӣ гап? Ман гуфтам, ки сонӣ, мавридаш ояд, мефаҳмонам. Ё ана, дар танаффус, ё баъди дарс ба наздам оед. Ин чӣ беадабӣ ҳеҷ намефаҳмам...

— Агар надонед, намедонам гӯед-дия, чӣ сари мора гаранг мекунед! Шумо моро фиреб медиҳед, ин беадабӣ не?!

Файзалӣ фаҳмид, ки бо авомфиреб ва демогоги ҷавон, худписанди шохношикастае сару кор дорад. Оҳиста ба соаташ нигаристу гуфт:

— Хуб, майлаш. Ҳоло ба шумо аз хусуси кӯр ё бино будани Рӯдакӣ дарс мегузарам. Аммо агар бори дигар ба ин тариқ дарсро вайрон кунед, ман шуморо ба синф роҳ намедиҳам. То даме, ки падаратон ба мактаб наояд...

— Мебинем, — зери лаб ғурунгос зад Назир.

Сипас Файзалӣ дар бобати шеъри Рӯдакӣ, ахбороти шоирону тазкиранависони ҳамзамони ӯ ва даврҳои сонӣ, дар хусуси ривоятҳои мухталифи таърих оид ба ҳаёти шоир ва осори вай, тадқиқоти олимони ҷаҳон муфассал ҳикоя кард. Даҳҳо байт, шеър, санадҳои таърихӣ ва ғайра маълумотро ба якдигар таққос кард, тахминҳо зад, хулосаҳо баровард... Шогирдон ин ҳикояти аҷоибро аз ҳаёти маликкушшуарои асри даҳ чунон бо шавқ ва диққат гӯш мекарданд, ки дар синф агар ин дам магас мепарид, садои онро шунидан мумкин буд.

Занги танаффус заданд. Файзалӣ портфели кӯҳнаашро гирифта аз синф баромад. Ҳама ба эҳтироми вай аз ҷо хестанд.

Он рӯз бори аввал ҳамсинфон Назирро баъди мунозира табрик накарданд, “боб кардӣ” нагуфтанд.

*Соли 1977*

# БУЗҒОЛА ВА ПИСАРАК

Талабаи синфи ҳафтум Дидор чор сол боз гӯшт намехӯрад. Баъзеҳо мегӯянд, ки вай дар умри худ дигар ҳаргиз гӯшт намехӯрад. Ҳатто хӯроки дар деги гӯштдор пухтагиро намечашидаст. Шариконаш ӯро “Баррача” гӯён мазоҳ мекунанд. Бачаҳо гоҳе таъна менамоянд, гоҳи дигар ба таъкид мегӯянд: “Агар гӯшт нахӯрӣ, ақлат заиф мешавад”. Дидор барои ингуна мавридҳо ҷавоби тайёр дорад: “Адиби машҳур Бернард Шоу гӯшт намехӯрдааст, аммо камақл набудааст-ку! Умри дароз дидаст, марди пурқувват будаст. Дониста монед, ки ҳайвони аз ҳама зӯртарин — фил гиёҳхӯр аст!..” Агар калонсолон ҷиддан сабаби гӯшт нахӯрданашро пурсанд, вай дар ҷавоб ғӯлунгхоӣ мекард. Ҳарчанд исрор менамуданд, вале аз ӯ ҳеҷ кас ба ин савол ҷавоби таъин намегирифт. Бинобар он ҳам, аксар гумон доштанд, ки вай табиатан аз гӯшт қимоб аст. Агар гӯшти хомро бубинад ва ё ногаҳон устухони кӯҳнаи мол ба дасташ афтад, чӣ гуна ранги рӯяш дока барин меканд, ҳеҷ кас пай намебурд.

Дидор ба фанни химия рағбат дошт. Китобу маҷаллаҳои гуногунро хонда, баъзан суханони ғалатӣ гӯяд, бачаҳо механдиданд. Вай рӯзе чунин даъвое пешниҳод кард: “таркиби гӯшт ва картошка хеле ба ҳам наздик аст. “Фарқ ҳамин ки дар картошка моддаи лейтсин камтар, дар гӯшт бештар, — гуфт ӯ. — Ҳамаи ин моддаҳо ва аминокислотаҳоро ба усули химиявӣ аз масолеҳи бағоят арзон гирифтан мумкин. Яъне, гӯшти сунъӣ сохтан мушкил не, — даъво кард вай. — Масалан, ба картошка андаке лейтсин ҳамроҳ кунанд, гӯшти болаззат мешавад!..” Инро шунида, яке ба истеҳзо хандид, дигаре нобоварона даст афшонд. Ҳарчанд

ки муаллим даъвои Дидорро “ин гапи маълум” гуфт, бачаҳо ба лақаби вай як калимаи дигар афзуданду ӯро “Баррачаи хаёлӣ” ном доданд.

— Дилат гӯшт мекашад? — бо тамасхур мепурсиданд.
— Бихӯр. Ту қасам нахӯрдӣ-ку!.. Гӯшти сунъӣ месохтааст!..

— Ман аз гӯшт безор... Ин ҳамту орзу... Масалан, фалакпаймо дар кайҳон хӯроки сунъӣ мехӯрад? Мехӯрад. Хӯроки синтетикӣ нобуд намешавад, арзон...

* * *

Ҳар як хислати ғайримаъмули инсон ҳатман сабабе дорад. Сабаби гӯшт нахӯрдани Дидор ба назари баъзеҳо инҷиқии бачагӣ ва ё аз хислати модарзоди ӯ намояд ҳам, дар асл як фоҷиаи дилхароше буд.

Чор сол пеш аз ин Дидор дар синфи сеюм мехонд. Рӯзи иди Наврӯз буд. Бузашон дугона зоиду барои Дидор ид болои ид афтод. Бузғолачаҳо ба вай бағоят маъқул афтоданд: яке сиёҳаки пурмағал, дигаре алояки хаппак. Кам-кам вай ба онҳо чунон дилбастагӣ пайдо кард, ки шабу рӯзаш бе бузғолаҳо ҳаром буд. Аз мактаб меомаду ҷузъдонашро монда, ними нонро мегирифту ба марғзор, ба назди бузичаҳо медавид. Нонро як бор худаш мегазид, якборӣ бузичаҳо ба навбат шикаста медод. Вай ҳамроҳи онҳо бозӣ мекард, дар талу теппаҳо медавид, аз шаххҳо мепарид, аз сойҳо меҷаҳид. Баъди дарс Дидор ба куҷое равад, ду бузичаи бозингар — Алояку Сиёҳак ғурунгосзанон, бо забони худ ким-чиҳо гуфта аз қафояш мерафтанд.

Баъд дар хонаи Дидорино чӣ муҳимме пеш баромаду падараш ба таваллою зории ӯ нигоҳ накарда, бузро бо як бачааш фурӯхт. Як бузғолаи дигар — Сиёҳак ятим монд ва Дидор ба вай боз бештар дил баст.

Сиёҳак бузғолачаи шӯху бебок, зираку рамузфаҳм буд. Агар танга барин қашқаи пешонӣ ва сафедии аранг маълуми як сумашро ба назар нагирем, вай тамоман сипсиёҳ буд. Сонитар аз тори сари бузғола мехчаи девор барин ду шохи рост зада баромад ва кам-кам қашқаи пешониаш сабзида мӯйи пешонии писарбачаҳо барин як тӯбча шуд. Чашмони ӯ бо нигоҳи мағрур бебокона, ҳатто андаке озмоишкорона ба кас менигаристанд. Гӯё сухани касро, кию чӣ будани ӯро медонистагӣ барин айёрона нигаристани ӯ баъзеҳоро ҳайрон мекард. “Ҳӯ, сағираи сарсахте, ба одам чунон менигарад, ки гуё аз вай ягон чиз қарздор бошед!” — мегуфтанд баъзеҳо бо химча ӯро аз худ дур ронда. Сиёҳак дар ҷавоби андаке таҳдиду ситеза ду пойи пешашро озод ба ҳаво бардошта, ба каллаҷанг ҳозир буданашро намоиш медод.

Бузича ба Дидор унс гирифта, аз ӯ лаҳзае ҷудоӣ намехост. Агар Дидор аз пайи дарсхонӣ ба хона дарояд, Сиёҳак бетоқатона дар таҳи тиреза пой мекӯфт, рост шуда ба дарун менигарист ва дам ба дам баас зада ҳамаро безор мекард. Сиёҳакро ба дарун раҳ намедоданд. Бадбахт як-ду бор худсарона ба хона даромада, аз падару модари Дидор сахтакак таъзир дид. Не, вай дигар бор ҷуръат надошт, аз остона қадам ба дарун ниҳад. Бузғолача ду пойи пешашро ба остона ниҳода ба як навъ ғут-ғути махсус Дидорро садо медод, ба забони худ ӯро зудтар баро мегуфт. Сиёҳак бе Дидор дилтанг буд ва ҳаргиз бе вай дар марғзор намечарид, агар баста намонанд, зуд баргашта меомад.

Ба одам ин гуна дилбастагии ҳайвони безабон ва бешуур ҳамаро ҳайрон мекард ва ҳар кас ба тарзе онро шарҳу эзоҳ медод. Дидор аз ин хусус андешида дар дилаш мегуфт, ки чӣ ҷойи тааҷҷуб, бузича ҳам монанди одамон

ақлу дил дорад, некию бадиро мефаҳмад, ҳатто дили касро мехонад. Табиат ба вай шуур ва забон надодаст, аммо аз ҳис маҳрум не.

Тобистон, вақте ки аҳли хонавода шабҳо дар саҳни ҳавлӣ мехобиданд, ҷойи хоби Сиёҳак таҳи кати Дидор буд. Саҳари барвақт бедор гашта ба по мехесту сару рӯйи Дидори ҳанӯз масти хобро лесида ғурунгос мезад, балки ба забони худаш аз хоб хез мегуфт, кӣ медонад. Модар ба даст химча гирифта Сиёҳакро аз сари болини писараш дур меронд.

Аз рӯзе, ки бузича аз модар ҷудо шуд, Дидор ширчояшро бо вай ду ҳис карда мехӯрд. Аз алафҳо, Сиёҳак асосан, юнучқаи наврас ва печакро бо иштиҳо мехӯрд. Алафҳои дигарро ҳамту, сар-сарӣ даҳан зада мегузашт.

Аввали тирамоҳ. Нимрӯзӣ ҳавои деҳа танӯри тафсон барин нафаси касро мегардонд. Ҳама ба пахтачинӣ баромада, дар деҳа фақат пирону бачаҳои хурд монда буданд. Ҳаво гарм, чунон сокит ва беҳаракат буд, ки ҳатто барги сафедорҳои сари роҳ намеҷунбид.

Ҳамсояи ҳавлӣ дар миёни онҳо Бобои Салом ба асояш такя карда, дар суфачаи назди дарвозааш дилтанг менишаст. Садаи деринсол ва чинору сафедори баланд ба таҳи дарвоза сояи ғафс андохтааст. Бобои Салом Дидорро дида, аз дур ба гап даромад.

— Канӣ, писар, имрӯз баҳо чӣ хел шуд?.. А?..

Бобо рӯзи дароз беҳамсӯҳбат дилтанг менишаст. Айни долу зарби пахтачинӣ дар деҳа одами бекор нест, то ки мӯйсафед чақ-чақ кунаду ғубори дилашро барорад.

— Ассалом, бобо, — гуфт Дидор наздик омада. Баъд аз роҳаш наистода ба саволи мӯйсафед ҷавоб дод: — Аз ҳисоб — панҷ, аз хониш — чор, дигараш баҳо намонд.

— Ҳа, дуруст, боракалло!.. Ҳа, воқеан, бузғоларо чиба

фурӯхтӣ? А?.. Охир, вай ба ту ҷӯра буд-а! — гуфт ногаҳон бобо.

— Кадом бузғоларо? Сиёҳакро? — ранги рухи Дидор парид.

— Ҳа, ҳамон Сиёҳакро... Аз афташ, додот ба Комил-қассоб фурӯхтаст. Ҳозиракак харакӣ гирифта гузашт. Гӯшт камчин, кушта гӯшташро мефурӯшад-дия.

— Не-е... Дигар буз будагист?

— Хайр, аҷаб не. Ман ба ҳамон бузғолаи ту монанд кардам.

Бо вуҷуди ин, Дидор шамол барин ба тарафи хона-ашон давид.

Панҷ дақиқа аз миён гузашта-нагузашта вай барга-шта ба қафо медавид. Серосема, ба шитоб, парешон ва гиряолуд метохт. Беихтиёр мегирист, вале арақи рӯяш бо ашки чашмонаш омехта, гиряи ӯро номаълум мекард. Ӯ аз пеши Бобои Салом гирдбод барин зуд гузашту рафт. Бобо аз қафояш чӣ гуфт, ба гӯшаш надаромад ва ё шунида бошад ҳам, ба ақиб нанигарист.

* * *

Вай ба таҳи адир ба сурати як бачаи гӯлахие, ки дар афсонаҳо мегуфтанд, саропо арақшор ва хоколуд даромад. Хоки роҳ, ки ин вақти сол монанди упойи занон маҳин ва мисли хокистари гарм пойро месӯхт, ба буҷули кас мерасид. Дар натиҷаи ба шитоб роҳ гаштан ҳоло ба сару рӯйи арақшори ӯ хок нишаста, андомашро ба кӯзаи гилин монанд карда буд.

Дидор Сиёҳакро дар саҳни ҳавлии қассоб бастагӣ дид. Вай пайваста арғамчинро кашида, фарёд мекард. Ӯ беихтиёр ба сӯйи вай тохт, вале наздиктар рафта, саги калонеро дид, ки ҳалқа зада хоб буд. Дидор якбора аз раҳаш истод. Саг бачаи бегонаро дид, вале аз коҳилӣ

сарашро набардошт, фақат таҳдидомез оҳиста ғуррид. Дидор се-чор қадам қафотар рафт. Дар саҳни ҳавлии қассоб ҳеҷ кас набуд. Дар гирду атроф ҳам. Дуртар, дар лаби ҷӯй зане ҷомашӯӣ мекард.

Дидор оҳиста овоз баровард:

— Сиёҳак... Сиёҳак...

Саг чашмашро кушода, бо ҳайрат ба сӯйи вай нигарист, вале сарашро набардошт. Зан овози ӯро нашунид. Сиёҳак номашро шунида, аввал як гӯшашро, баъд гӯши дигарашро ба сӯйи соҳибаш дошта, сонияе ба сӯйи ӯ нигарист, баъд якбора фарёду фиғон бардошт. Вай арғамчини ба гарданаш бастагиро чунон сахт кашид, ки банд гулӯяшро фишурд, овозаш гирифт ва бузғола якпаҳлӯ ба замин афтод. Дидор монанди мурғи пойсӯхта бетоқат гашт, вале ба ҷуз лутфу навозиши забонӣ ба Сиёҳак дигар мададе расонда наметавонист. Вай ин дам ҷинси сагро дар олам ончунон нафрин гуфт, он қадар лаънат кард...

Дидор баробари Сиёҳак талвоса дошт, беихтиёр мегиристу дар рӯ ба рӯйи дари қассоб беқаророна ин сӯ он сӯ мегашт.

Аз миён ним соат барин вақт гузашт, аммо аз хонаи қассоб ҳеҷ кас берун намебаромад.

Зан аз сари ҷомашӯӣ бархосту ба Дидор, ки бесаришта ва беқарор гирд мегашт, лаҳзае бо тааҷҷуб нигарист ва сонӣ наздиктар омад.

— Ҳой, бача, чӣ гум кардӣ, чиба гиря мекунӣ? — пурсид зан аз дуртар.

Азбаски гиря гулӯгираш карда буд, Дидор ба вай ҷавоб дода натавонист ва ҳиққосзанон бо пушти дасташ ашки чашмонашро пок кард.

Зан пештар омада, ба афту андоми Дидор зеҳн монд.

— Ба ман нигар, ту писари кӣ? А? Аз куҷоӣ?

Дидор ҷавоб надод.

— Дар ин ҷойҳо чӣ мекунӣ? Ё катӣ додот омадию уна гум кардӣ?

— Не... Сиёҳак... оварданд... — Дидор ба сӯйи ҳавлӣ ишора кард.

— Сиёҳакат кӣ худаш?

— Сиёҳак... Бузичаи ман, — Дидор ба сӯйи бузғола ишора кард.

— Ҳа-а... Қассоб оварданд? — ба сӯйи ҳавлӣ нигариста бузғоларо диду ба гапи ӯ сарфаҳм рафт зан.

Дидор ба тасдиқ сар ҷунбонд.

Дар сари ин гуфтугӯ буданд, ки қассоб аз хонааш берун баромаду дар болои зинапоя рост истода хамёза кашид. Вай ба майли хотир, дастонашро боло бардошта хамёзакашӣ мекард.

Сиёҳак ҳамвора гарданашро аз банд халос кардан мехосту фарёд мезад. Овозаш ҳоло гирифта, хирросӣ гашта буд.

— Ҳой, қассоб-амак, бузи ин шӯра овардед, аз қафоятон гириста омадаст, — гуфт зан бо овози баланд, ба як навъ оҳанги тантана, гӯё Дидор барои қассоби сиёҳҷурдаи ҳайкалвор ягон хушхабар оварда бошад. Баъд ба саг чашмаш афтоду хам шуда, аз замин чӯбчаеро гирифта, ба он таҳдид кард: — Алопар, хез гум шав! Хез!

Саг коҳилона аз ҷояш бархосту бо тааҷҷуб ду-се бор ба зан нигарист ва якта-якта қадам монда ба қафои ҳавлӣ гузашт.

Сиёҳак худро ба сӯйи Дидор кашида, ба ҳар нағма баос мезад.

— Кӣ омадаст гуфтӣ? — қассоб наздик омада як бор ба зан, як бор ба Дидор нигаристу пурсид.

— Бузи ин бачаяка овардед, пиёда аз қафотон омадаст...

— Амак, ин... Сиёҳаки ман... — Дидорро боз гиря гулӯгир кард ва ашк аз чашмонаш якбора ба рӯяш рехт. — Накушед... ман мебарам...

Сиёҳак ин дам ғут-ғуткунон ким-чиҳо мегуфту сару рӯйи Дидорро мелесид.

— Э, ана гапу мана гап! — хандид қассоб. Баъд чунон ки бо кӯдаки панҷсола ҳазлу шӯхӣ мекарда бошад, гуфт:

— Охир, ман ина аз додот харидам-ку! А?.. Акнун чӣ мешавад? Додот ту катӣ маслиҳат накарда фурӯхт? — Вай гиряву зории бачагонро нозу нуз ва ё ҳамту инҷиқию эркагӣ меҳисобид. — Пул додам... Хӯш... савдоро гардонда намешавад, писар. Айб аст. Ту ҷавони кап-калон шудию ҳолӣ барои ҳамин бузича гиря мекунӣ?! Айб аст... Э, аз деҳа то ҳамин ҷо пиёда омадӣ?.. Э, боракалло! — бо завқ хандид вай.

Зан ба Дидор бо як навъ табассуми дилсӯзона такрор-такрор нигаристу оҳиста-оҳиста ба сари ҷомашӯиаш рафт.

— Амак, ин Сиёҳаки ман...

— Додот ба пули ин барои ту сафедакаша мехарад. Чӣ фарқ дорад?! Сиёҳак бошад ҳам, калонак шудаст, гӯшт гирифтаст. Расо бонистӣ-да-а?

— Амак, ин азони ман...

— Акнун азони ман шуд, писар. Э, ту наход нафаҳмӣ?

— Бидиҳед, амакҷон, — зорӣ мекард Дидор. — Накушед... вай... вай... дуои бад мекунад.

— Э, додот пулаша аз ман гирифт!.. Ту ғалатӣ будӣ-ку!

Дидор кисаашро кофту аз он якто яксӯмии чорқатро бароварда, оҳиста қати онро кушод ва ба қассоб нишон дод.

— Ана, пул дорам... Боз мебиёрам.

— Ҳа-ҳа-ҳа... — қоҳ-қоҳ зада хандид қассоб. — Ту ина аз

кучҷо гирифтӣ? А?.. Росташа гӯй, аз киссаи додот дуздидӣ? А?

— Не, худи додом доданд, дар танаффус самбӯса харида хӯр гуфтанд.

Вай бо умеду илтиҷо ба чашми марди қассоб менигарист, вале андоми ӯ якзайл бепарво ва сангин буд.

— Ман барои молҳотон алаф мебиёрам... Аз кӯҳ ҳезум ҳам оварда метавонам... Амакҷон, Сиёҳакро накушед, ба ман диҳед... Ман хар катӣ ҳар рӯз ба молҳотон алаф оварда медиҳам.

— Ба ман нигар, — оқибат ба вай раҳми қассоб омад магар, ба насиҳат пардохт, — бузатро ба ман фурӯхтанд, мефаҳмӣ? Додот аз ман пулаша гирифт. Пули мӯл гирифт. Ба он пул балки ба ту ягон чиз мехаридагист? Акнун ин буз азони ман...

— Хайр, амак, пулатона гиреду Сиёҳака диҳед... Ин Сиёҳак... беозор, сағира аст. Вай дар ин ҷа зиқ мешавад, ҳеҷ чиз намехӯрад... Сонӣ касал мешавад...

Баъди он ки мусоҳиба хеле тӯл кашиду ин мавзӯъ ба дили қассоб зад, ӯ ба Дидор гуфт, ки рафта аз додот пулро пас биёру аз хонаи мо бузатро бар. Дидор бо ҳамин умед шитобон ба қафо гашт.

Аммо дар хона ҳам талаби ӯро шунида, хандиданд.

* * *

Рӯзи дигар вай боз роҳи хонаи қассобро пеш гирифт. Сиёҳакро аз қассоб пурсида гирифтанӣ, ҳеҷ набошад, онро як назар дида, обу алафашро дода, сонӣ баргашта омадан хост. Дар ҳавои тафсон шаш километр роҳро пиёда гузашта, ба ҳавлии ӯ расид, вале... Пӯсти Сиёҳакро дар тор овезон диду ногаҳон, гӯё саг тала карда бошад, бо гиряю фиғон ба қафо тохт...

*Соли 1979*

# БУДУ ШУД — 83-тин!

Аз маҳаллаи навбунёд истиқоматгоҳ гирифтему бо хонаводаи Бобо-Амон ҳамсоя афтодем. Агарчи хонаи мо дар вурудии ҳаштум ва хонаи панҷутоқаи бобо дар вурудии панҷум воқеъ аст, мо ҳамсояҳои наздик мудом аз ҳоли якдигар бохаберем. Бобо монанди ҳамаи пиронсолон андаке сергаптар, вале ман одами пурсабрам — саргузаштҳои чандин борҳо аз даҳони пиракӣ шунидаамро агар боз такроран ба гуфтан шурӯъ кунад, дандон ба дандон монда мешунавам, дилгир буданамро зоҳир намекунам

Лекин вақтҳои охир ин марди куҳансол аз ҳаддаш мегузарад: рӯзҳои шанбеву якшанбе дар хонааш палави хоса пухта маро садо карданаш кам набуд магар, боз рӯзҳои байниҳафта ҳам ба ҳоли худам намемонад: ба хастагиам нигоҳ накарда ба назди меҳмонҳояш даъват мекунад. Чӣ чора, агар дар рафтан андаке таъхир кунам, худи муйсафед ба хона меояду “Як нафас дароед, аз барои иззати меҳмон”, гӯён ба ҳолам намемонад.

Ана, ин шом ҳам аз сари кор хастаю кӯфта омада аз дар ворид шавам, ду бор хабар фиристода, мунтазир будани мӯйсафедро гуфтанд.

— Узр гӯй, аз кор хеле мондаю лакот омадам, — гӯён ба ҳамсарам супориш додаму кафшамро кашида, кулоҳамро ба либосовезак монда, тараддуди шустушӯ доштам, ки дари даромади хона оҳиста роғ шуду аз он нисфи сари писари кенҷаи бобо — Мақсудҷон намоён гашт.

— Ассалом. Амак, додом шуморо интизоранд. Тез биёед будаст.

Навҷавон инро гуфта-нагуфта сарашро аз дар берун кашиду ғайб зад. Фурсати маъзаратгӯӣ ҳам надод. Баночор кафшамро дигар бора пӯшидаму аз дар баромадам. Дар ин хел мавридҳо одам ҳарфе назанад ҳам, аз дилаш чиҳо гузаштанашро кӣ намедонад?! Дар назари баъзе касон зиёфатхурӣ як навъ фароғат аст, подоши бебаҳост, ҳадяест, ки инсон ҳаргиз онро рад намекунад. Аммо барои ман зиёфати бемаврид ҷазо аст, ранҷу заҳмати хелетоқатшикан аст.

Дар сари суфра Бобо-Амон бо ҷавонмарди ба тахмин сиюпанҷсолаи мӯяш пеш аз вақт мошу биринҷ ҳамсӯҳбат буд. Ҳарду ба истиқболи ман аз ҷо бархостанд.

— Э-э-э... Наҷунбед, наҷунбед! Безабт нашавед, — гӯё он ҳарду ганҷею ҳамин замон мерехта бошанд, шитобон аввал дасти бобого гирифта вохӯрӣ кардаму сипас ба меҳмон даст додам ва сонияе ба таҳқиқ ӯро аз назар гузарондам. Ҷавони таҳсилкарда, боодоб, аз рафтораш дилпур барин намуд. Ба асари захме, ки дар таҳи манаҳи ман буд, зеҳн монданашро пинҳон кунад ҳам, банда пай бурдам ва ба хулосае омадам, ки ӯ духтур аст. Чунон ки аз назди кӯҳнадӯз гузаред, вай аввал ба поятон чашм медӯзад, духтури ҳақиқиро аз як назар шинохтан мумкин аст.

— Ҳамсояи азиз, ин кас духтур, номашон Абдурашид. Фамилияашон Саидуф, мешудагист-да? А? — Бобо бо табассум ба меҳмон рӯ оварду ба тасдиқи вай нигарон нашуда муаррифиашро идома дод: — Падарашон, раҳматӣ Саидҷони нонвой одами асил буданд. Ҷояшон ҷаннат шавад, марди ҳалол буданд. Мо дар як маҳалла бузург шудем... Э, афсӯс, афсӯс... — мӯйсафед оҳе кашиду бо надомат сар ҷунбонд ва сонияе

хомӯш гашт. — Ҳама рафтанд. Ваҳ, ваҳ, ваҳ.... — Вай ба таассуф сар ҷунбонду лаҳзае нигоҳаш ба нуқтае номаълум андармон гашт. Сипас аз қайди гузашта берун омаду ба мо рӯ овард: — Канӣ, ба нон нигаред. Ана, як пиёла чой, — мӯйсафед аз рӯи одаташ ба пиёла каме чой рехта ба ман дароз кард.

Чойро гирифтаму аз фурсат истифода карда бо меҳмон ҳолҷӯӣ намудам.

— Мулло, ман ба шумо гӯям, ана ҳамин кас духтур, — бобо аз нав лаҷоми суханро ба дасти худ гирифт. — Ҳамту духтур гуфтан кам аст... Рости гап, ман як умр ба духтур ихлос надоштам, аммо Абдурашид аз табибони қадими худамон намемонанд! Ҳа, илоҳо, умрашон дароз шаваду ҳаргиз рӯи камию костиро набинанд, роҳати фарзандонашонро дида, аз касбу корашон барака ёбанд, — дар байни сухан дуо кардан ба Бобо-Амон одат шудааст. — Ба шумо гуфта будам-ку, ба дастам як ҷароҳати фалокат баромада маро хуб ташвиш дод. Э-э, қиссаи саргардонии маро ҳеҷ напурсед!

Бобо-Амон саргузашти борҳо ба ман ҳикоят кардаашро боз ба гуфтан сар кард. Ҳарф ба ҳарф, майдатарин ҷузъиётро фаромӯш накарда ҳикоя кардани саргузашташ маро дилгир кунад ҳам, аз рӯи адаб ин ҳиссиёти худро зоҳир намекунам. Масалан, ба Ёвон бо чӣ хел автобус рафту чӣ гуна суроғ карда чойхонаро ёфт, иморати чойхона чӣ гуна буд, кати чӯбинаш чӣ тавр лиққос зада меҷунбид ва баъди фурсате ба назди вай чой оварда монданду чойник кафидагию ними нӯлаш паридагӣ, чойаш чӣ гуна камрангу бемазза ва нонашон обгурехта ва ғайра ва ҳоказо. Ҳамаи ин ба кӣ даркор

бошад, ҳеҷ намедонам.

Қисса кӯтоҳ, мухтасари воқеаи мегуфтагии бобо ин аст: соли гузашта ба дасти вай ҷароҳате мебарояд. Шабеҳи аксарияти пирамардони маҳалла бобо ҳам ба чойхона медарояду дар сари чойнӯшӣ аз мӯйсафедони шиносаш маслиҳат мепурсад. “Давои ин барги зуф, — тавсия медиҳад яке. — Кӯфта бандед, ман дидам, шумо надидед, хуб мешавад. Фақат барги зуфро аз ин ҷойҳо не, аз ягон марғзори пок гиред”, — маслиҳат медиҳад он шахс. Баъзеҳо ҷарғул ё забонбараро “зуфтурун”ва “барги зуф” мегӯянд.

Бобо-Амон аз шаҳр берун баромада мераваду аз як марғзори хушалаф, ки ҳанӯз дос нарасида будаст, як халтача гиёҳи забонбара чида меорад. Як ҳафтаи расо ба дасташ онро баста мегардад, вале ҳеҷ аломати шифоёбиро намебинад. Дар ин миён шиносонаш боз як олам маслиҳат медиҳанд. Аксарият мегӯянд, ки ба ҷароҳат қурбоққаро кафонда бандад. Гӯё чандин маризон бо ҳамин усул шифо ёфтаанд. Заҳри қурбоққа ба ҳар як захм дору будаст. Қурбоққаи шаҳру атрофи шаҳр барои доругӣ кор намеомадаст. Бинобар он, бобо ҳамроҳи писари кенҷааш Мақсудҷон ба соҳилҳои Кофарниҳон мераванд.

— Исқотро бо азоби алим дукафон карда ба ҷароҳат гузошта сахт бастам. Э-э, қурбоққа дар дастам қариб бӯй гирифт, аммо ҳеҷ беҳбудӣ надидам, ба муболиға ҳикоя мекард бобо. — Усто-Камол мегӯем, пештар дуредгари гулдаст буд, дар кандакорӣ устухон надошт. Сонитар этаҷсозӣ авҷ гирифту ҳунари вай аз равнақ монд. Ҳозир дар театр саҳнасозӣ мекунад. Ана, ҳамон усто-Камол гуфтанд, ки асали тозаи Ғарму зираи Дарвозро гирифта,

аз ҳардуяш қиём тайёр мекунеду, ба ҷароҳат мебандед. “Ҳамин корро кунед, канӣ чӣ сир мебинед?! Асалу зираи бозори мо намешавад...” — таъин карданд.

Ин замон ҳамсари Бобои Амон Ҳикоят-холаи дандонтилло дар табақи сафолӣ палав кашида оварду пирамардро саргарми гап дида, аз меҳмонон андаке хиҷолат кашид ва ба шавҳари сергапи худ маъломатомез гуфт:

— Ҳой, пиракӣ, камтар ақлу ҳушатонро ба ҷояш биёред, ҳамин гапро чандин бор ба ин касон гуфтед. Э, ҳамин ҳам гап шуд!.. Ба ҳар кас дарду алами худаш кифоя... Охир шумо ҳам мӯйсафедони дигар барин як дам аз гӯру қиёмат гап занед, аз таърих, аз гузаштагон, ҳикоят кунед, аз уболу савоби дунё насиҳат...

— Э, мон-е! — даст афшонд пирамард. — Ман як ҷояшро нагуфтаам, ана, ҳамонро гуфтанӣ будам... — Худашро сафед кард Бобо-Амон. Баъд ба мо рӯ овард: — Канӣ, меҳмонҳои азиз, ба дастархон наздиктар шинед, равғанаш начакад. Бай-бай-бай, худаш ҳам палавхонтӯра шудаст-да! Ҳа, воқеан, байташ чӣ буд? — бобо ин бор ба ман рӯ овард.

— Ба нимрӯзӣ агар бошад бисоторо палав хонро...

— Ҳа-ҳа, ба нимрӯзӣ агар бошад бисоторо палавхонро... — мисраи дуюми шеър боз ба ёди пиракӣ нарасиду дасташ ба гӯштпоракунӣ банд ба рӯи ман хира шуд.

— Фурӯғи лангари ҳайрон кунад хуршеди тобонро! — хитоб кардам ман ва бобо филфавр онро онро аз сари шавқ такрор кард.

Ин дафъа “палавхон” - и ӯро ислоҳ накардам. Ҳар бор таъкид мекунам, ки “хон” ба маънии дастархон аст, аммо мӯйсафед боз онро ба палав нисбат медиҳад. Шояд,

бобо бар асари пирӣ хеле фаромӯшхотир шудаст. Бале, гапи кори айёми бачагию ҷавонӣ, мӯ ба мӯ дар хотир, вале воқеаҳои солҳои охирро ба сахтӣ ба ёд меоварад. Хусусан,ки ҳамин як байт шеър ва номи як доруе, ки ин духтури ҷавон ба мӯйсафед навишта додааст, ҳеҷ дар ёдаш намемонад ва ӯ ҳар боре байтро азману номи доруро аз ҳамсараш мепурсад.

— Канӣ, ба ош нигаред! Ҳа, сар кардем. Гиред писарам... Ҳа, ҳамсоя... Табақи чинӣ шикасту бетабақ... Рӯзамон ба ҳамин сафол монд, — ошро хӯрдаравон шарҳ дод бобо.

— Ҳеҷ гап не, дар сафол ош хӯрдан савоб мегӯянд, — гуфтам ман.

— Суханатон ҳақ асту рост, писарам. Ба савоби ин ҳеҷ чиз баробар намешавад.

— Албатта, агар табақи чинӣ ёфт нашавад, дар табақи чӯбин ош хӯрдан ҳам савоб, — ҳазломез сухан кард меҳмон.

— Косаю табақи чинӣ чк даҳ сол боз нест шуд. Хайр, садқаи сар мегуфтем. Аммо чучмаи чӯбин барои чӣ гум шуд-а? На дар даст меёбед, на дар дӯкон. Ё мегум ҳамин ҳам кори ягон душман будаст-чӣ? — аз рӯи одати одамони солҳои аввали инқилоб бобои Амон ҳам сабаби ҳар як ҳодисаро ба душманони берунию дохилӣ ҳамл мекард ва услуби гуфтугӯи ҳамон давраҳоро ҳеҷ фаромӯш наменамуд.

Ман ба аломати намедонам китф дарҳам кашидам.

— Ба ҳамон усто-Камол фармудам, се-чорта чумча тарошида медиҳам гуфт, — суханашро идома дод бобо. — Чумчаи аллюмин кати мурам ҳам хӯрок хӯрда намета-

вонам. Чумчаи чӯбин солҳои баъди ҷанг ҳам тахи пою рӯи по буд-а! Тухмаша малах хӯрд ё зовудаҳ сӯхт?

Ҳар се “ҳа, гиред, ҳа, гиред” — гӯён як пайт ошхӯрӣ кардему андаке шастамон гашта буд, ки бобо моҷарои захмашро боз идома дод. Вай шитоб накарда ошро лунда карда ба даҳонаш меандохту бафурҷа мехоид ва дар баробари ошхӯрӣ, гоҳ ба яке, гоҳ ба дигаре нигариста, чунон сухан мегуфт, ки гӯё ягон даъвоеро ба мо тасдиқ мекунонда бошад.

— Хӯш, ки бошад, сонӣ ин гапро шунидаму як рӯзи шанбе, саҳар кати ношто кардам, либоси гарм пӯшидам, (тирамоҳрӯя буд), ба хонавода гуфтам, ки...

Агар ин саргузаштро аз забони Бобо-Амон айнан биоварам, метарсам, ки таноби сухан хеле тӯлонӣ мешаваду хонандагони азиз дилгир мешаванд, бинобар он нақлаш ҷоиз аст. Хулласи ин ҳодиса ин аст, ки мӯйсафед асали тозаю зираи холис кофта ба тарафи Ғарм меравад. Заҳмати зиёде кашида он давоҷотро ёфта меорад, вале аз он ҳам шифо намеёбад. Яке мегӯяд, ки ба ин ҷароҳат гӯшти кӯрмуш дору, дигаре талқин мекунад, ки пӯсти хорпуштакро канда гармогарм ба захм бандад. Аз байни ин даъвоҷот, аз чӣ бошад, ки шифобахшии шири шутур ба бобо боварибахш менамояд. Ба қавли худи мӯйсафед ду-се одами корафтода ба вай инро маслиҳатро медиҳанд. “Пеши табиб нарав, пеши корафтода рав”, — гӯён бобо сабаби эътимодашро ба ин дастурамал асоснок мекард. Аҷаб не, ҳоло камёб будани шутур бештар боборо ба шифобахшии шири он водор карда бошад. Дар ҷустуҷӯи шири шутур ба Ёвон сафар кардани бобо, азобу аъзияти роҳ, чанде хизмати шутурбонро анҷом намуданаш қиссаи

дуру дарозест. Аз ҳама таассуфангез ба бобо ҳамин буд, ки шутурбони нокас ӯро бовар кунондааст, ки аз шири шутур дида пешоби он бештар дору аст. Пирамард борҳо ба пешоби он ҳайвон даст шуста, ду шишаашро ба хона ҳам мебиёрад.

— Як соли дароз, ба шумо дурӯғ, ба Худо рост, аз ҳама кору бор мондам. Агар ба дард гирифтор шавед, ҳеҷ чиз ба чашматон наменамудаст — на кору бор, хонаю зиндагӣ, — хулоса мебаровард бобои Амон. — Калон-калон ош гиред, Абдурашид, шумо ҳам ҳамсоя... Баъди инқилоб, ман ба шумоён гӯям, гап дар ҳамин ҷо монад, — овозашро пасттар карда аз боби дигар сухан сар кард бобои Амон, — инаш — бой, инаш — мулло гӯён хеле одамони асилро ҳам аз даст дода будем. Парерӯз дар чойхона аз хусуси як табиб ҳикоя карданд, ҳайрон мондам. Агар он табибҳо зинда мебуданд... Афсӯс, акнун ба нохунашон зор мешавему намеёбем.

— Қиссаи мор хӯрданатонро нагуфтед-ку? — ҳарчанд ки медонам бобо ин ҷузъи саргузашташро ҳаргиз фаромӯш намекунад, ӯро аз қайди хотироти нохуш берун овардан хостам.

— Ҳозир-ҳозир... Калон-калон, гӯшташ катӣ гиред... Бай-бай, аҷаб ош шудаст-да! — гуфт ӯ зоҳиран ба ҳам-сараш шунавонда, ки дар хонаи дигар ҳамроҳи фарзандон буд. — Дастат дард набинад, занак" — гуфт вай бо овози баланд. — Худам таъриф накунам, аз шумоён садо намебарод, — сипас шарҳ дод: — Ошро хӯрда, ошпазро ситоиш накунед, дилаш ганда мешавад.

— Оши болаззат, — гуфт меҳмон.

— Янгаам ошпази моҳир, — ман ҳам ҳамовозӣ кардам.

Бобои Амон қиссаи морхӯриашро баъди ошро хӯрдан, дар сари чойи сабз ҳикоя кард.

— Билоохира дорую дармони наозмуда намонд, гӯям, иштибоҳ намешудагист. Як ошнои носфурӯш дорам... — Маънидорона ба ҳамдигар нигаристани ману меҳмонро пай бурду мӯйсафед бо табассум шарҳ дод: — Мегуфтагистед, ки ошноҳои ин одам ҳамааш бангию ҳангӣ будаст?! А? Не-е! — бо саволаш боз худаш ҷавоб дод. — Ин ошнои носфурӯш гуфтагем пештар, солҳои ҷанг, баъди ҷанг носфурушӣ мекард. Кайҳо аз баҳри ин касбу кор баромада бошад ҳам, номи носфурӯшӣ ба вай часпида монд. Агар Дӯсталӣ гӯед, ҳеҷ кас намедонад. Дӯсталии носфурӯш ба ҳама маълум. Ҳоло нигаҳбони анбори чӯбу тахта. Нафақа ҳам мегирад. Хӯш, ҳамон Дӯсталии носфурӯш рӯзе гуфт, ки як дору гӯям, мекунӣ? Гуфтам, ки зудтар гӯй, агар заҳр бошад ҳам мехӯрам, теғ бошад ҳам худамро ба он мезанам. "Давои ин дардат кӯрмор аст. Кӯрмор ёфта хӯр". "Кӯрморро аз куҷо меёбанд?", гӯям, гуфт: "Деҳқонҳо ба бозор меоянд-ку, аз ҳамонҳо суроғ кун. Сад сӯм медиҳам гӯӣ, баъзе одам кӯрмор як тараф истад, аждаҳоро дошта мебиёрад!"

Қисса кӯтоҳ, як марди ангурфурӯш як мори каланддаста баринро оварда медиҳаду ҳафтоду панҷ сӯми боборо мегирад. Пири аз дарду шиканҷа ба дод омада хоҳу нохоҳ, бо чӣ машаққат морро шӯрбо пухта мехӯрад. Боз беътаъсиру бенатиҷа. Пас аз ин бобо ба қисматаш тан медиҳаду дигар ба ҳеҷ кас аз бобати дардаш даҳон намекушояд.

Рӯзе аз рӯзҳо ба маҳаллаи қаблии худ ба таъзияи як нафар дӯсташ мераваду бо дасти ҷароҳатнок вохӯрӣ карданро ба худ эб надида, бо шиносҳо ба тарзи шифоҳӣ

салом мекунад. Дарҳол шибир-шибир, дар байни ҳозирон пичир-пичир мешаваду хабари ҷарошати дасти Бобои Амон ба гӯши духтур Абдурашид ҳам мерасад. Ҳангоми аз таъзияхона баромадан Абдурашид ба бобо ҳамроҳ мешаваду дар роҳ гӯё дар омади гап аз ҷароҳати дасти мӯйсафед пурсон мешавад ва кушода мебинаду ба рӯйи як тикка коғаз номи доруеро навишта медиҳад.

— Ҳой, очаи бачаҳо! — садо дод Бобо-Амон. — Мақсудҷон, очаатро гӯй. — Баъди он ки ҳамсараш дар таҳи дар пайдо шуд, бобо таъинот дод: — Асбоби дорузаниро тайёр кун.

— Аҷаб мекунад! — гуфт зан бо алам хитобан ба шавҳараш. — Сад бор ба шумо гуфтам... Ош намефорад, нахӯред, духтур ҳам нахӯред гуфтагӣ...

— Э, одам мурад ҳам, ошро хӯрда мурад-да! — бобо қоҳ-қоҳ зада хандид. — Устухони ман оши палав катӣ сахт шудагӣ бошад, ман чӣ кор кунам? Чӣ хел намехӯрдаам?! Солҳои қаҳтии ҷанг худамро ба теғу табар мезадам, ҷояш ояд нисфи нонамро мефурӯхтаму моҳе як бор палави равғанин мехӯрдам.

— Диабети қанд? — пурсид духтур ва ҷавоби тасдиқро гирифта, ба аломати таассуф сар ҷунбонд.

— Баъди он, ки аз доруи шумо шифо ёфтам, — ба духтур рӯ оварда сухан сар кард пирамард, — ба духтурҳо ихлосам баланд шуд. Касали қанд шудам, ба духтур рафтам, хӯш, ки бошад, ана, худам дорузаниро ёд гирифтам... Ҳа, воқеан, сари суханам чӣ буд? Ҳа-ҳа, оқибат ҷароҳати дастам аз чӣ шифо ёфт гӯед? Ҳой, оча! — Бобо боз ҳамсарашро ҷеғ зад.

— Асбобатон тайёр. Боз чӣ мегӯед? — зан боз ба остонаи дар омаду ба бобо маломатомез менигарист.

— Э, ҳамон доруи 83 - тина чӣ ном дошт?

— Ким-чӣ золон буд, — ин бор номи доруро ҳамсари бобо ҳам ба хотир оварда натавонист.

— Ҳа-ҳа, золун, золун, — сухани ҳамсарашро тайид кард мӯйсафед.

— Депрозолон, — духтур хандиду сухани онҳоро ислоҳ кард.

Ман аз ханда худдорӣ карда натавонистам. Бобо фаромӯш кард, ки духтури ҳамон доруро навишта додагӣ дар паҳлӯяш нишастааст. Пирамард аз рӯйи одаташ, дар ҳузури духтур ҳам беихтиёр номи доруро боз аз ҳамсараш пурсид.

— Ана, ҳамон золон-да, — 83-тин, 83 тин! Се бор молидам, ту дидӣ, ман надидам, ҷароҳат нест шуду рафт. Буду шуд — 83-тин-а! — Баъд гӯё розеро боз карда бошад, ғолибона ба рӯйи ману духтур нигариста гирифт. Мӯйсафед лаҳзае хомӯш монд ва баъд оҳиста ба оҳанги дигар гуфт: — Ин не, он не, дасти Абдурашидҷон сабук будаст, — пирамард бо миннатдорӣ ба китфи духтур зад. — Илоҳо, дастатон дард набинад, хок гиред, зар шавад.

Бобои Амоне, ки ба қарибиҳо машғулияти одамонро бо илми тибб кори ҷиддӣ намеҳисобид, ҳоло писари дӯсти марҳумаш — духтур Абдурашидро ҷавони баркамол ва ҳунарманд мешумурд.

***Соли 1979***

# КАМГАП

Рӯз гашт карда то офтобшинам як-якуним соат вақт монда буд. Шиддати гармо паст гашт, сояҳо дароз шуданд.

Дар истгоҳ мардум интизори мошин. Марду зан, пиру барно автобуси охиринро, ки аз маркази ноҳия меомад, бетоқатона нигаронанд. Мошини равғанкаши Абдулло аз роҳи калон ба тарафи деҳа печиду бархе аз мунтазирон ғайриихтиёр аз ҷо бархостанд, вале равғанкашро дида бо таассуф даст афшонданд. Ба сӯйи мошин фақат Деҳқону Қубоди муаллим давиданд. Онҳо саросема худро ба кабина заданд, вале мошин аз ҷо наҷунбид...

Комрон истиҳола карду ба тарафи мошини рафиқи мактабиаш нарафт. Ба кабина фақат ду нафар ҷо мешавад. Агар вай равад, Абдулло ночор савораш мекунад, хуб не.

Лақаби Абдулло, асосан, “Камгап” буд, вале баъзеҳо “Хаппак” ҳам мегуфтанд, ҳатто аз ӯ ягон ситам дидагиҳо “Хапгир” гӯён таҳқир ҳам мекарданд. Вай дар ҳақиқат, ҷавони камгап буд. Ҳикоя мекарданд, ки боре раиси колхоз ба кабинаи мошини ӯ нишаста ба Душанбе равон шудаст. Қариб дусадсад километр раҳро гузаштаанду ба якдигар сухане нагуфтаанд. Ҳангоми аз кӯтали Фахробод фуромадан раис гуфтаст: “Ана, Душанбе.” Абдулло дар ҷавоб норозиёна ғӯт-ғӯт кардаст: “Кӯр нестам, мебинам.” Раис қоҳ-қоҳ зада хандида фиристодасту гуфтаст: “Ҳой, суханро харида мегирӣ-чӣ?! Ягон гап зан, дилам торс кафид-ку!” Абдулло табассум кардаст, ки маънии он равшан: “Ту ҳам, раис, ба гапи беҳуда хушат будаст.”

Абдулло ба ҳамсинфонаш муҳаббати хосае дошт. Ҳар кадомеро бинад, айёми бачагӣ ва мактабхониаш ба ёд меомад магар, дурудароз табассум мекард. Бале, ба рӯйи ӯ

нигариста, хомӯш, дурудароз табассум мекард. Ба савол ва ҳолҷӯии он ҳамсинфаш низ сар ҷунбонда бо табассум ҷавоб медод.

...Деҳқону Қубоди муаллим ба кабинаи мошини ӯ худро заданду баробар ҳар ду амр карданд:

— Канӣ, ҳай кун!

Абдулло хастаҳолона ба рӯйи он ду тан нигаристу бо табассум ба қафо — ба сӯйи истгоҳ ишора кард. Азбаски он ду баъди бист-сӣ қадам давидан ҳоло ҳарсос зада нафас мегирифтанд, маънии ишораи ӯро пай набурданд, балки ба авзои ӯ дуруст зеҳн намонданд.

— Ман меҳмон дорам, — гуфт вай ниҳоят. — Комрон омадаст.

— Хайр, рав, тезтар бину биё! Чӣ гапи зарур дорӣ? — гуфт Деҳқон бепарво.

Абдулло сарашро ба чанбараки фармони мошин ниҳода фақат табассум мекард. Вай бо табассуми худ чи мегуфт, на ҳар як одами бино мефаҳмид!

— Э, тезтар бош, рӯз бегаҳ шуд! — бетаҳаммулӣ кард Қубод.

— Даҳонатро инҷ накуну тезтар фуро, мегуфтагӣ гапатро гӯй, — каме асабонӣ буд Деҳқон.

— Мо ҷӯраҳои наздик... Сонӣ, вай — меҳмон... Шуморо ҳар рӯз мебарам... — гуфт вай дар ҷавоби бетоқатӣ ва зӯъмии он ду.

— Аз ҷӯрагии ҳамон ба ту чӣ фоида? Ҳай кун-е, — усули дигарро пеш гирифт Даврон. — Аз булбули дар ҳаво чумчуқи дастам беҳ мегӯянд.

— Ба ту як чиз-ним чиз даркор шавад, ана, ин одам ҳоҷатбарорӣ мекунанд, — Қубод-муаллим ба сӯйи Деҳқон ишора кард. — Ман ҳам дар як тарафи мактаб даро-баро дорам, як рӯз не, як рӯз ба ту ҳам нафъам мерасад. Ана, писарат калон шавад... Рост не? — Қубод барои тасдиқи

гуфтаҳояш бо савол ба Деҳқон рӯ оварду дандонҳои сиёҳу кирмзадаашро намоён карда хандид.

Абдулло хомӯш ба рӯйи онҳо нигариста писханд мекард. Лабханди ӯро аз ҷунбиши бурутҳои ғафсу тобиши чашмони ростгӯяш фаҳмидан мумкин буд. Оқибат Абдулло моторро хомӯш карду Деҳқон ба сари муросо омад.

— Хайр, кабина калон, се кас меғунҷем-ку!

Ӯ инро гуфту аз кабина фуромад ва Комронро садо кард.

Комрон омада бо Абдулло вохӯрду ҳолҷӯӣ намуд ва бо миннатдорӣ даъвати онҳоро рад кард.

— Се кас намеғунҷем... Ғунҷем ҳам ман шуморо танг карда нороҳат месозам. Хилофи қоидаи роҳнамоӣ... Ба ронанда халал мерасонем... Шумоён бемалол равед... Ҳамин лаҳза автобус меояд.

Деҳқон ба зӯрӣ ӯро тела карда ба кабина шиднонду худаш аз канор нишаста дарро пӯшид. Бо ин худрайъ дигар хел муомила карда намешавад, мегуфт ӯ дар дилаш Абдуллоро ҳам, Комронро ҳам лаънат карда. Ҳодисаи дар арӯсии Тоҳирча ҳанӯз аз пеши назараш дур нарафта буд. Сарояндагони аз шаҳр омадагӣ базмро хеле ба ҷӯш оварданд. Шароб хӯрда, кайфи ҳама баланд. Дар қатори дигарон вай ҳам ба раққосаи нозанин пул часпонд. Хайр, се-чор бор аз сурху кабудаш баромад. Сархуш бошед, ба рӯйи пул менигаред-чӣ?! Аммо хасисону ҳасудон инро дида наметавонанд. Ин бедаҳан якбора ҷор андохта эълон кард: “Пули говҳои гӯсола шудагиро барор! Натарс, миёнат дард накардаст!” Аҳмақ-дия, маст шавад, рӯйи хотир гуфтанӣ чизро намедонад. Вақти мудири ферма буданам бисту ду гов камомад шуду ба ҷояш гӯсола ҳам не, тойин харида ба колхоз супоридам. Чӣ фарқ дорад, баҳори дигар тойин ҳам гов мешавад-да! Ҳамин ҳарфҳоро аз куҷо фаҳмида, ба

ҳама эълон кард-а! Инро шунида табъи раис хира шуду, аз базм баромада рафтанд. Натиҷаи бемаданиятӣ ҳамин-да. Раис ба кӣ некӣ накардаанд? Худи ҳамин Абдулло иморат карданӣ шуд, чӣ қадар шиферу чӯб доданд... Ин беоқибат кадом рӯз Ҷабборовро ҳам дар хиҷолат мондааст. Дар колхоз баъди раис хӯҷаин ҳамон кас-а! Мисли ҳамин рӯз мошинашро дар истгоҳ доштаст. Ҷое, ки Ҷабборов истодааст, кӣ ҳақ дорад ба тарафи мошин равад? Раҳбарро иззат кардан даркор-дия. Аммо ин беандеша чӣ кор кардаст? Ба тарафи мошинаш омадани Ҷабборовро дидаасту аз кабина сар бароварда, ба халқ гуфтааст: “Бародарон, ба кабина ду кас мегирам. Агар розӣ бошед, тағои Насруллоюю бобои Ҳоҷӣ савор шаванд.” Ҷабборов шарм карда сурх шудасту худро ба нодонӣ зада “Э, Насруллобек, шумо ҳамин ҷоед-чӣ? Бед, савор шавед, савор шавед”, гуфта вайро пеш гузарондасту оҳиста худашро ба қафо кашидаст. Якеро маъюб гуфта, дигареро солдида гуфта, хеле ба фарқи сарамон баровардем! Бо як пой ба чор тараф надаву дар хонаат бишин! Хайр, барои поятро дар ҷанг фадо карданат нафақа мегирӣ, иззататро дору “ҳазор раҳмат, ман одами бекор, шумо савор шавед”, гуфта Ҷабборовро савор кун, хуносо!.. Э, ин не, вай не, ҳамаашон чашми дидан надоранд. Набошад, ман кӣ ҳастаму ана, ин Комрон кӣ?! Олим шудаст, шудаст-да, ҳозир сагро занӣ, рафта ба болои олим меафтад, аз ҳар чӣ бисёр донишманд. Кал ҳам, кӯр ҳам — ҳама олим, дар деҳа якта подабон намеёбем! Аз олимии Комрон ба ин шатрама чӣ фоида бошад?! Аз барои вай қариб, ки моро аз мошинаш фурорад-а! Ҳоло сабр кун...

— Хайр, акнун ту то кай дар он тарафҳо мегардӣ?

Саволи ногаҳонии Қубоди муаллим риштаи хаёли Деҳқонро буриду вай ба худ омад. Комрон ба ин савол чи

ҷавоб доданашро надониста лаҳзае андешиду баъд гуфт:

— Чунон ки мӯйсафедон мегӯянд, то нону насиб...

— Э, мон ин гапҳоро, гӯй, ки кай ту омада ба халқат хизмат мекунӣ? — Деҳқон ӯро нописанд карда бо ҳамин бухси дилашро баровардан хост.

Комрон бо тааҷҷуб ба рӯйи Деҳқон нигарист. Аз ҷайбаш дастмолашро бароварду аввал шишаҳои айнаки сабзашро, сипас араққи пешониашро пок кард. Баъд ба Абдулло нигарист. Вай аз роҳ чашм наканда зери бурут табассум мекард.

— Ғалатӣ... Ман... Ман ҳоло ба кадом халқ хизмат мекунам? — гуфт вай канда-канда.

— Вай хизмати ту ҳисоб не, — саволи худро эзоҳ дод Деҳқон. — Ба ин ҷо омада, ба мардуми ҳамин деҳа хизмат кун. Аз ту чӣ фоида мерасад, бинем.

— Ҳа-а.... — хиҷолатомез табассум кард Комрон. — Балки фоидаи ҳамин корам мерасидагист? Шояд ягон рӯз...

— Барои мо вай корат — як пули пуч! — Беэътино сухани Комронро бурида даст афшонд Деҳқон. — Барои ҳамин ҷамоа, барои халқи Селоба чӣ кор кардӣ, мо намедонем. Ку, ягонтаашро ба институт даровардӣ ё дигар хел ёрдамат расид? Не.

Табассум аз чеҳраи Абдулло нопадид гашт. Лабонашро сахт ба ҳам фишурда, бо дастони азиму панҷаҳои пурқувваташ фармонро сахт фишурда, гӯё ба роҳ ситезкорона фишор меоварда бошад, гашти мошинашро тез мекард. Дар роҳи ноҳамвор бардорузани мошин ба ҳадде буд, ки Комрон гоҳ сарашро ба шифти кабина мезаду гоҳи дигар пешониашро ба шишаи пеши мошин. Абдулло мисли қасд карда буд, ки бо ҳамин гирузани роҳ ба онҳо имкони сухангӯӣ надиҳад.

— Агар дурусттар санҷида нигарем, додот ҳам ба халқамон казоӣ фоидааш нарасид, — ба сухан ҳамроҳ шуд Қубоди муаллим.

“Додом ба ҳар дуи инҳо ҳаққи устодӣ доранд, — бо изтироб аз дил гузаронд Комрон. — Наход, ки сӣ сол дар мактаби деҳа беҳуда кор карда бошанд? Ва ё ба бачаҳо савод омӯхтан хизмат нест? Инҳо калоншинос шудагӣ, муаллими оддиро назару писанд намекунанд. Охир, ҳамин Қубодро бо ташвиқу тарғиб он кас ба донишгоҳ фиристоданд. Аввалин нафаре, ки аз деҳаи мо ба донишгоҳ қабул шуд, ҳамин Қубод аст. Агар имрӯз дониш ва касби худро хору забун сохта шаробхӯрӣ кунад, гуноҳи додом не-ку! Ё кӣ медонад, балки он кас ҳам гунаҳгор будагистанд?..”

— Дар ягон институт муаллим нестӣ, то ёрӣ кунӣ бачаҳо дароянд. Ку, бигӯ, аз олимии ту ба халқи мо чӣ фоида? “Олими беамал — замбӯри беасал” гуфта, шумо баринҳоро мегӯянд-да. — Ҳамон фикри аввалашро такрор мекард Деҳқон.

“Ин мақол аз гуфтори радио ё намоиши телевизион ба гӯшаш даромадагӣ, — худ ба худ меандешид Комрон. — Айнан, лаҳнаш ҳам талаффузи кадом як ҳунарпешаро мемонад.”

— Аҳён-аҳён рӯзномаву маҷалла ҳам мехонед ё не? — иттифоқан бо савол ба Деҳқону Қубод рӯ овард Абдулло. — А? Ғӯзапояи бекораро, ки ба ғайр аз танӯртафсонӣ ба чизи дигар кор намеомад, кӣ ба хӯроки чорво табдил дод? — Ҷиддӣ мепурсид ӯ. — Авлод-авлоди шумо ба мардуму мамлакат ин қадар манфиат оварда наметавонад.

— Ҳа, ҳамин хел гуфта мегардем-дия... — гуфт дар ҷавоби ӯ Қубод тамасхуромез. Аз оҳанги сухани вай чунин маънӣ бармеомад, ки гӯё Комрон мардумро бо суханони пуч фирефта гаштааст.

— Аз вай корҳош ба халқи мо як пула фоида нест, — даст афшонд Деҳқон. — Мақсадаш — олим шудан, зиёдтар пул гирифтан...

— Тфу! — бо қаҳр аз панҷараи нимабози дари мошин ба берун туф кард Абдулло ва фармонро маҳкамтар гирифта газро фишор дод.

Дар таҳдари мағозаи рустои ҳамсоя Деҳқон мошинро нигоҳ дошт.

— Канӣ, фуромадем, йигитҳо! — Вай аз кабина фуромада, дигаронро таклиф кард. — Зудтар, садта-садтаякак нӯшида гирем.

— Ҳа-ҳа, заряд гирифтан даркор, — гӯён Қубоди муаллим зуд аз мошин фуромаду ба сӯйи мағоза равон шуд.

Комрону Абдулло даъвати Деҳқонро қатъӣ рад карданд.

— Ана, аз ҳамин одамгурезиатон маълум... — гуфт Деҳқон дар ҷавоби аз шаробхӯрӣ сар кашидани онҳо. Баъд чи фикре ба сараш омаду илова кард: — Натарсед, ман зиёфат мекунам.

Комрон ташаккур гуфт. Абдулло даст афшонду монд. Баъд аз кабина баромада бо сатили кӯҳнаи равғанолуд аз ҷӯйбори канори роҳ аввал як сатил об гирифта ба кӯча, баъд сатили дигарро ба радиатори мошин пошид. Сипас ба кабина даромада нишасту тӯлонӣ бо табассум ба сӯйи Комрон нигарист.

— Ба дилат наздик нагир, — гуфт оқибат бо ҳамон табассуме, ки рӯяшро пур мекард. — Беҳудагӯй-дия!

Ҳамаи тобишу оҳангҳои чеҳраи пуртабассум ва нигоҳи андешаманди ӯро ифода кардану эзоҳ додан бағоят мушкил аст. Ӯ бо ду-се калима ё бо як имое метавонад як олам маъниро фаҳмонад.

***Соли 1979***

# ОМАДУ РАФТ

***Рафтанду равему боз оянду раванд.***
*Хайём*

Кулол дар мундӣ об хӯрдагӣ барин, Усто Равшан як умр барои мардум иморат сохт, вале пеши хонаи худро айвон пӯшида натавонист. Гоҳ чӯби даркорӣ набуд, гоҳ — фурсат, гоҳи дигар — ҳавсалаи иморатсозӣ. “Барои иморат кардан дили қавӣ даркору умеди дароз”, мегуфт ӯ. Зотан, дар ин бобат мардуми тоҷик тараф надорад. Зан намегирад, асп намехараду аввал иморат месозад. Ӯзбекҳо бесабаб намегӯянд: “Тоҷик бой бӯлса, том соладӣ”. Аммо вай ҳаргиз давлатманд нашуд. Ҷавон буд, шабу рӯз кор карда, пайдояшро сарфи хонадоршавӣ сохт: девори ҳамин ду хоначаро бардошт, хароҷоти тӯи зангириашро омода кард. Аз хонадориаш як-ду сол нагузашта, пасопеш додару хоҳарони аз падар барвақт ҷудо гаштагиаш ба камол расидаиду дари хонаи ҳар якеро кушодан ба зиммаи вай афтод. Дар тӯли чор-панҷ сол вай сар шуда, ин қарзи бародарии худро ҳам адо кард, нони ҳар кадомеро ба дасташ дод. Ана, сонӣ... Сонӣ артелу колхоз ташкил шуду вай, асосан, барои колхозҳо аробасозӣ кард. Турнақатор фарзандонаш ба пой даромада-надаромада мурданд, фақат ҳамин духтаронаш нонхӯру куртадаррон мешуданду, ғами хӯроку пӯшоки онҳо пеш баромад. Не, фарзандони вай нозпарвард набуданд: ҷояш омад занашу се духтараш як кафшро бо навбат пӯшида, зимистонро мегузаронданд.

Баъд ҷанг сар шуд. Усто Равшан як хона ҷонро ба қавли худаш ба худо супурду ба ҷанг рафт. Сад сол аҷал борад ҳам, аҷалаш расидагӣ мемирад гуфтани пирон бесабаб набудаст. Вай аз борони тиру теғ гузашт, чор сол

марг соя барин ҳамқадаш буд, вале сиҳату саломат ба хонааш баргашт. Ба хона омад, вале ҳеҷ бовараш намеомад, ки вай зиндаю саломат омадааст. Се-чор ҷои баданашро тир лесида рафт, аммо безиён. Теша задагӣ барин дар ҳар ҷои бадан захмаш монду бас.

Баъди ҷанг аҳвол чӣ буд, ба ҳама маълум — шикам сер бошад, хушбахтӣ буд. Сонитар, акнун оҳам боло мешавад гӯяд, дар сари кор ба пояш пойтеша заду маъюб гашт. Усто Равшан аз ҳамон воқеа инҷониб аз одами пургап қимоб гаштагӣ. Лаққӣ аҷали мӯйсафед аст. Ҳамин ки ягон кас дар назди вай суханро ғоз дод, усто гӯё ягон чизашро гум карда бошад, аввал ҷайбашро мекобад, сипас сараш гаштагӣ барин оҳиста қафо гашта меравад.

— Одами лаққӣ касофат аст, — мегӯяд ӯ мухтасар. Баъд ба ҳамсӯҳбати аз саргузашти вай бехабар эзоҳ медиҳад: — Як марди лаққӣ дар пешам нишаста, ҷоғ задҷоғ заду поямро пойтеша гирифт.

Замона тинҷ шуд, дар шаҳру деҳот серию пурӣ барқарор гашт. Фарзандони усто пасопеш ба камол мерасидanду ташвиши хонаю дари онҳо ӯро бесаришта мекард. Ба замми ин, оҳиста-оҳиста касбу кори вай аз равнақ монд: ба колхозҳо дигар ароба даркор нашуд. Мӯрча барин ҳама ҷоро мошину трактор зер кард. Он солҳо колхозҳо ба аъзоёни худ нафақа намедоданд. Усто Равшан андаке дасту по хӯрд, вале зуд ҳисоби корашро ёфт: шабе дар хоб марҳум падараш ба вай гаҳвораи мунаққашеро нишон дода, маънидорона ишора кард. Устои пир аз ҳамон рӯз ба гаҳворасозӣ шурӯъ намуд. Вай аз рӯи шартномаи артел ҳафтае ду гаҳвора сохта медоду моҳе ҳафтод сӯм музд мегирифт. Эҳ, барои чӣ қадар кӯдакон ӯ гаҳвора сохт! Тоҷикон гаҳвораи кӯдакро азиз медоранд, шикастан,

сӯхтан уболи сахт мегӯянд. Бо як гаҳвора қатор-қатор фарзандонро ба раҳ медароранду вақте ки даркор нашуд, ҳатман онро ба ягон ҳоҷатманди дигар медиҳанд.

— Дар шаҳр баъзе маҳмаддоноҳо ба ҳамин гаҳвора ҳам ало нигаристанд, — мегуфт усто ба ҳамсӯҳбатонаш. — Мероси бойҳо будаст, намедонистаем. Ба бача ҳам зарарнок будаст. Э, тавба, фасли зимистон, барои хушк кардани парпечи як кӯдаки бегаҳвора чанд сандалӣ даркор, ҳисоб карда бошанд ё не? Яктааш аз гаҳвора рӯ тофта, барои кӯдакаш катча харидаст. Як ҳафта нагузашта, хонааш чунон бадбӯй шудаст, ки одами даромадагӣ нафасгир гаштаст. Оқибат занаш омада гаҳвора фармуд. Хайр, ин хелҳо ҳам дарди бахайр, гапи бефаҳм алам намекунад, аммо баъзе духтурҳои дуб-дуруст ҳам ба гаҳвора ало менигаранд. Дасту пои бачаро бастан хуб набудаст! Хӯш, бача агар рост хоб кунад, беҳтар аст ё дуқату сеқат хобиданаш дуруст? Сараш пачақ мешудаст!.. Охир ин гуноҳи гаҳвораю гаҳворасоз не-ку! Барои дӯнг нашудани пушти сари бача занҳо ба таҳи болишти онҳо тахтача мемонанд. Ба сари дӯнг тоқӣ нағз намешинад, мегӯянд.

Гаҳвораҳои сохтагии вай зеби ҳар хонавода шуд. Нақшу нигори он, дастаи кандакориаш, қуббаҳояшро одамон бо завқ тамошо мекунанд. Хоҳишмандон то ҳол меоянд, интизоранд, ки пирамард зудтар сиҳат ёфта барои навзоди онҳо гаҳвора созад. Усто ба се-чор тан шогирдонаш ҳунарашро омӯхт, аммо ҷавонон ба раҳи худ рафтанд. Ду-се тан аз паи дигар касбу кори даромаднок рафтанд, ду-се тан “барои артел мешавад-да” гӯён хому хатал кор мекунанд. Ҳунарро хор кардан даркор не, аз ин кори худ оқибат пушаймон мешаванд, аммо инро намефаҳманд.

Албатта барои артел фарқ надорад, гаҳвораи кандакории ман ҳам, чорчӯбаи нимтарошидаи онҳо ҳам баробар аст. Дар ин миён ҳунар аз байни халқ гум мешаваду меравад, барои ҳамин дилам алағда аст. Дар хонааш Ҳасани нонвой гаҳворапӯши махмалинро бароварда нишон дод, ки ранги гаҳвораи артел зада ночиз кардаст… Аз кори ҳамкасбон ман ҳиҷил мондам. Хайр, навбати ман гузашт, дигар аз ин дард халос хӯрданам даргумон аст. Ҳа, акнун ба марра расидам. Фарзандон, набераҳо амон бошанд...

Усто Равшан як ҳафта боз дар бистари беморӣ хоб карда, ҳамаи ин гапу кори рӯзҳои гузаштаро ба хотир меовард, ба роҳи умри худ такрор ба такрор нигариста, воқеаҳо, одамон, қонуну қоидаҳо — ҳамаро хаёлан аз пеши назар мегузаронд. Ҳоло вай як ҳафта боз ба даст теша нагирифтааст. Устои пир ба дастони шахшӯлу дурушташ нигариста, фикр мекарду фикр мекард.

Бо амри духтур, ба назди вай қариб ҳеҷ касро раҳ намедиҳанд. Аз ҷояш бархостану дасту рӯй шустан ҳам мумкин набудаст. Хайрият, ба беморхона набурданд. Духтур расо якравӣ кард, аммо вай қатъиян сар кашид. Солам бо як ҷо расидагӣ, агар бимирам, дар назди фарзандонам бимирам, гуфт.

* * *

Имрӯз аз саҳар дили усто Равшан буғз кардагӣ барин ғаш дорад.

Бомдод барвақт, аз хоб бедор шуду ба пойгаҳи хона фаромада, бо оби хунук таҳорат кард, дасту рӯй шуст. Намози бомдодро хондан хост, вале мадораш нарасиду ночор омада, дар сандалӣ нишаст. Хона хунук, тирезаҳо ях бастагӣ наққошӣ барин. Оташи сандалӣ ҳам таҳи хокис-

тар мондаст. Ӯ хам шуда хокистари онро ба як сӯ гирифтан хост, вале худдорӣ кард. Баъд термосро аз токча гирифта чойи гарм рехта мехӯрд, ки ҳамсараш аз хоб чашм кушоду дар сандалӣ нишастани ӯро дида, фиғон баровард:

— Чӣ хестед?.. Охир духтур хоб кунанд гуфт, надониста намегӯяд. Дилашонро хун карда мегӯянд-мегӯянду шумо аз донистагии худ намемонед. Ба гапи духтур гӯш накарда ягона писаратонро аз даст додем, ҳамин сабақ нашуд? Агар сари вақт ба духтур мебурдем… Аз гулӯзиндонак ҳеҷ бача намемурдаст, — гуфт пиразан аз бистар бархоста рӯмолашро ба сар баста.

— Эй оча, ҳамаша дар пешонии ман, ана, дар ин ҷо навиштагӣ бошад, чӣ чора?! — мӯйсафед дасташ катӣ ба пешониаш зад. — Кӣ аз қисмат гурехта халосӣ ёфтаст?!

— Қисмат гуфта ҳеҷ кас худашро аз бом намепартояд.

— Парво накун, оча, — гуфт усто бо нимтабассум ва ба рӯи ҳамсараш зеҳн монда, дурудароз нигарист. — Ман умрамро дидам, аз зиндагӣ ҳар чӣ насибам буд, гирифтам… — Ӯ лаҳзае сукут карду сипас илова намуд: — Кошкӣ, ҳамаи шумо ба синни ман медаромадед.

— Э, ин қадар чӣ дидед? — даст афшонд пиразан. — Меҳнати дунё катӣ гузаштагӣ умр ҳам умр аст? Хуни ҷигар катӣ фарзанд калон кардед, акнун роҳаташро бинеддия. Ана, Олимбою Ҳалими Ҷазза аз шумо калон, моку барин давида гаштаанд.

— Шукр кун, оча, шукр гӯй.

Пиразан ба андоми мӯйсафедаш нигариста, ботинан андаке осуда шуд. “Сип-сиҳат барин-а, одами дидагӣ ҳаргиз касал намегӯяд, — мегуфт вай худ ба худ. — Касали ганда бошад, одам ин хел хандида мешинад-чӣ?! Рангу рӯяшон

ҳам суп-сурх. Э-э, духтур ҳам одам-дия, авлиё шуд-чӣ!”

* * *

Баъди наҳорӣ шикастан фурсате аз миён нагузашта ҳамшираи шафқат омаду ба усто дору гузаронд. Усто Равшан мисли ҳар рӯз ба кори вай беэътино менигаристу бепарво ҳазлу шӯхӣ мекард, базлагӯӣ дошт. Ҳамшираи шафқат ҳангоми хайрухуш таъкид кард:

— Дардатон рӯ ба беҳӣ овардааст. Лекин баъзан ин дард касро фиреб медиҳад, бобоҷон. Аз ҷоятон нахезед, наҷунбед. Ба наздатон камтар даро-баро кунанд.

Баъди рафтани ҳамшираи шафқат хабари ба беҳӣ рӯ овардани ҳоли усто ба гӯши атрофиён расиду пеш аз ҳама ҳамсояи девор дар миён — Маҳмудбек, ки мудом вазъи сиҳатии ҳамсояашро пурсон буд, як пиёла асал дар даст дар таҳи дар пайдо шуд.

— Ассалому алайкум…

Ҳамсари усто зуд баромада, ба саломи меҳмон алек гирифта, ҳолҷӯӣ кард.

— Амаки усто камтар беҳбудӣ ёфтаанд гӯён шунидаму аз хурсандӣ дар хона истода натавонистам. — Маҳмудбек пиёлаи асалро дароз кард. — Хайрият, хайрият… Очаи бачаҳо ҳамин хел гуфту хурсанд шудам.

— Ҳа, шукр, имрӯз андаке беҳтар. Ҳоло мадори хестан нишастан нест…

— Ҳой, Маҳмудбек! — аз дарун овози гирифта ва беҳоли усто баромад. — Дароед, ҳамсоя… Э, дидор ғанимат-е!

— Э-э, ин хел нагӯед, Усто-амак, — Маҳмудбек ночор аз дар сар даровард. — Хайрият, хайрият… Э-э, дуб-дурустед-ку! Инҳо расо воҳима кардаанд, — вай аз дар даромаду дар пойгаҳ истода хам шуду дасти пирамардро фишурда вохӯрӣ кард.

Ҳамсоя дар нишастан таъҷил намекард ва пайваста истиҳола дошт, вале хоҳиши беморро рад карда натавонист. Пиразан ҳам ночор хомӯш монд.

— Бед, домулло, бед гузашта шинед, — усто меҳрубонӣ мекарду ҳамвора ба меҳмон аз гирди сандалӣ ҷой нишон медод.

Пиразан зуд ба пешгаҳи сандалӣ кӯрпачаи нав андохт.

Баъди меҳмонро шинонда, хуш омадед гуфтан, пиразан пуштнокӣ роҳ гашта, дар байни ҳолпурсию ҳолҷӯии меҳмон ва бемор оҳиста аз дар баромад. Аз миён лаҳзае нагузашта вай баргашта омад, дастархон густурду дар рӯи сандалӣ нону мавиз ва қандалоту мураббо монд.

Маҳмудбеку усто Равшан як чойникча чойро нӯшида, хеле чақ-чақ карданд. Усто аз сӯҳбати ҳамсояаш чунон хушнуд буд, ки чанд бор қоҳ-қоҳ хандида, занаш ва духтаронашро хавотир кард.

Баъди рафтани ҳамсоя духтари кенҷаи усто ҳамроҳи модар ба ҳузури падар даромаду баъди салому ҳолҷӯӣ гуфт:

— Дада, ин хел сахт нахандед, раги дил нозук аст, мегӯянд.

— Парво накун, духтарам. Агар соати умри одам адо гашта бошад, аз ҳисоби умри кӣ мегардад?

— Ҳамин тавр аст, лекин эҳтиёт ҳам шарт.

— Писаратро наовардӣ? — якбора абрӯи усто Равшан чин гирифт.

— Овардам. Дар берун, барфбозӣ мекунад.

— Ҳа, хайрият, — таскин ёфт мӯйсафед. — Агар намеовардӣ, ба роҳат гардонда мефиристодам.

— Ваҳ, ин қадар… Шукр, понздаҳ набера доред-ку!

— Меҳри ҳар кадоме алоҳида. Меҳри вай дигар хелтар…

дар ҷигари ман реша дорад, — гуфт устои пир андешаманд.

Хоҳари усто мисли ҳаррӯза омада, дар хонаи дигар менишаст. Вай аз янгааш аҳволи бародарашро пурсид ва себу анори барои бемор овардагиашро дода рафт. Усто Равшан чандин сол боз бо хоҳараш қаҳрӣ аст. Хоҳар, қариб бист сол қабл аз ин, боре дар сари хархаша ӯро беписар гуфта таъна карда буд. Баъд пеши акояш чандин раҳ узр гуфт, вале усто дигар ба рӯи вай нанигарист. Аз он гап ин ҷониб хоҳару бародар ногапанд. Агар хоҳараш бемор шавад, усто ҳамсарашу духтаронашро бо навбат ба хонаи вай фиристода, ғамхорӣ ва меҳрубонии худро дареғ намедорад, вале худ ба рӯи хоҳар наменигарад ва ба саломи ӯ алек намегирад.

— Хоб кунед, дада, — хоҳиш кард духтар, аммаашро гуселонида омада. — Шумо як моҳ бояд аз ҷоятон нахезед. Як ҳафта хоб накарда, ин хел чақ-чақ… Аммаам омада аҳвол пурсида рафтанд.

— Дарди пояш азоб надодаст? — аз вазъи сиҳатии хоҳараш пурсон шуд усто.

— Не, дуруст.

— Ба вай гӯй: доим чой хӯрда гардад. Чойники чой аз пешаш канда набошад.

Аз берун овози марде ба гӯш расиду аз хонаи дигар ҳамсари мӯйсафед берун шуд. Пиразан дар ҷавоби пурсуҷӯи он мард аз хусуси сиҳатии усто мегуфт:

— Шукр, имрӯз андаке дуруст, хеста нишастаанд. Духтур нахез гуфтагию… Дароед, — гуфт кампир нӯгизабонӣ, вале дар даъвати худ исрор накард. Равшан буд, ки ӯ ба назди бемор даромадани меҳмонро намехоҳад, вале ночор аз рӯи одамгарӣ, илтифот мекунад.

— Хайр, як бинам.

Азбаски як гӯшаи хонаи дигар вазифаи ошхонаро адо мекард ва лоиқи бегонагон нишон додан набуд, барои меҳмон дари хонаи беморро боз як бор аз берун кушоданд.

Салимбои ҳаммаҳалла аз дӯстони ҷавонии усто Равшан буд. Солҳои охир бар асари пирӣ андаке серҷоғтар гашта ва аз ин ҷиҳат усто аксар ҳангом аз сӯҳбати рафиқаш мегурехт. Агар дар чойхона се-чор тан нишаста бошанд, ҳамин ки Салимбой омада, лаҷоми суханро ба дасташ гирифт, ӯ бо ягон баҳона оҳиста аз ҷо мехест ва аз паи кору бори худ мерафт. Бемор ҳоло ӯро дида, аз таҳи дил хурсанд шуд.

— Салимбой, бед-бед, дароед, дароед, ҷигарам.

— Ассалому алайкум...

— Эҳтиёт зарур-дия, — гуфт пиразан бо овози паст ба меҳмон, — бисёр ба гап нагиред, амри духтур...

— И-и, рангу рӯй хурӯс барин-ку! Росташро гӯед, се-чор рӯз ба келин худатонро эркаю азиз карданӣ шудед-а?! — ширинмақолӣ мекард Салимбой.

Вай аз дар ворид гашту аз қафояш боди тунду барфолуд ба хона зад. Меҳмон бафурҷа барфи сару танашро дар пойгаҳ истода афшонд, сухангӯён калӯшашро кашиду дар по маҳсӣ ба сӯи бемор хам шуда, вохӯрӣ кард. Сипас ду дона анори дастовез овардагиашро аз бағал гирифта, ба рӯи сандалӣ гузошт ва ҳарсосзанон як кодоки онро пур карда нишаст.

* * *

Тарафи шом аҳволи Усто Равшан ногаҳон бад шуд.

Ду духтараш аз деҳа хабаргирӣ омада, як соат пеш рафта буданд. Духтари кенҷааш писарчаашро пешандоз карда, ба хонааш равона буд. Пиразан ними мурғи аз

дирӯз мондагиро ба дег андохта, барои бемор мурғшӯрбо мепухт. Вай аз паи наздиконаш бачаҳоро тозонд. Соате аз миён гузашта-нагузашта ҳама дар сари болини бемор ғун шуданд.

— Канда шуд… Канда шуд… — гуфт мӯйсафед бо дард даст ба болои дилаш ниҳода. — Ҳа… аниқ фаҳмидам… канда шуд…

— Сад бор гуфтам, худатонро эҳтиёт накардед, — бо чашмони пуроб фиғон баровард пиразан.

Духтари хурдӣ ҳамроҳи духтур аз дар ворид гашт. Ҳар як чашми вай як коса об гашта, аз изтироб гоҳ ба андоми падар менигарист ва гоҳи дигар ба чашми ҳозирон ва аз симои хатари пеш омадагиро фаҳмидан мехост.

— Э, духтарам, беҳуда инҳоро овора кардӣ… Умре, ки дода буд, адо шуд. Умри кӣ катӣ мегардам?!

— Э, монед, дада, ин хел нагӯед.

Духтур баъди муоина ба ҳамшираи шафқате, ки ба амри ӯ нигарон рост меистод, фармуд ба бемор дору гузаронад.

Ҳангоми рафтан вай ба пиразан ва духтари усто, ки гуселаш мекарданд, оҳиста гуфт:

— Тайёриатонро бинед…

Дар сари болини бемор фарзандон ва хешу ақрабои наздик ғун шуданд. Яке падарро дилбардорӣ дода, умедворӣ мебахшид, дигаре хомӯш ашк мерехту бо азобе фарёдашро дар сина нигоҳ медошт, сеюмӣ Салимбойро лаънат мекарду худро маломат.

— Шукр… ҳазор бор шукр… — изҳори қаноатмандӣ кард усто. Сонӣ ба наздикони худ рӯ овард: — Ҳаво хунук… Хайр, гӯрам кофтагӣ… Ковонда… гӯрковро розӣ карда будам… Мекушоянду бас… Фарзандонам… пулу

мол надорам… Ҳамин як қолинро ба Теша-қассоб диҳед… чорсад-панҷсад медодагист… Харҷи гӯру чӯб… Дар ҳавои хунук… мушкил шуд…

— Розӣ шавед, — фирқ-фирқ гириста, даст ба китфи бемор молид пиразан.

— Ҳазор бор… розӣ… Аз ҳама… ҳамаатон як бар даҳ… розиам.

— Ако… акоҷон… — хоҳари усто аз ҷояш бархоста ба сӯи бемор наздиктар омад. Вай бад шудани авзои акояшро шунида, расида омада буд.

— Барака ёб, — гуфт усто ба зӯр сар ҷунбонда ба сӯи хоҳар.

Мӯйсафед хомӯш гашт. Дақиқае дар хона сукунате фурӯ афтод, ки чиқ-чиқи соати андаруни ҷевон равшан ба гӯш расид. Баъд бемор боз ба гап даромад:

— Хоб дидам… Ба худам аён буд... Асп маро гирифта андохт... Медонистам… Афсӯс ҳаво носоз омад… Ҳаминаш мушкил шуд… Шабҳангом… овоз бароварда, ҳамсояҳоро безобита накунед… Уф-ф…

Мӯйсафед калима гардонду оҳиста ба тарафи рост паҳлу гашт. Вай чунон, ки зиндагӣ мекард, номаълум, беоҳувоҳ аз олами ҳастӣ чашм пӯшид. Занҳо ҳанӯз бехабар буданд.

— Ба худашон маълум буд, — гуфт домоди калонӣ. Баъд аз дақиқае чанд сукунат ӯ дасти фотиҳа ба рӯй кушода боз оҳиста овоз баровард. — Ёдашон ба хайр, ба рӯи аҷал хандида-хандида рафтанд-е. Ин кори ҳар мард не. — Миҷаҳои ашколуди ӯ пир-пир мепариданд.

Занҳо бо даҳшат ба рӯи ӯ нигаристанд. Вай хомӯш дар пойгаҳ сари ду зону нишаста, бо гӯгирдчӯбче ба замин хат мекашиду аз асрори ҳастии инсон ва омадурафти ӯ меандешид.

***Соли 1979***



# СИТОРАИ ДУМДОР



# СИТОРАИ ДУМДОР

**ПОВЕСТ**

Дар рӯзгори ҳар як фард фосилаи бароря нобарориҳо ҳастанд.

Одамон аз айёми барори кори худ ҳамеша қаноатманду мамнунанд, вале фасли пурташвиши нобарории худро ҳаргиз ба ёд овардан намехоҳанд. Мегӯянд, ки зиндагӣ аслан талош аст. Агар одамон ба бурду бохти рӯзгори худ амиқтар, бо назари холис менигаристанд, он гоҳ нек медиданд, ки фасли барорҳо ба онон чандон подоши зиёде надода, вале аз аҳди нобарорӣ натиҷае даркорӣ ва сабақе фаромӯш ногаштанӣ ёдгор мондаст. Мардум кулли майда-чуйдаи зиндагиро андоза мегиранд, бармекашанд, натиҷа мешиносанд, аммо аз оқибати оқибатҳо камтар касон пай мебаранд. Ҳар он чӣ барораш мехонему ба мо хуш меояд, дарвоқеъ, натиҷаи пурарзише овардаст? Ё худ он чӣ нобарориаш меномем, дар ҳақиқат нокомӣ ва умрфарсоии беҳуда буд? Аз ин хусус гоҳе андешидан ҷоиз аст. Ин қисса аслан аз ин бобат ҳикоя мекунад.

# Боби 1

Ҳамин ки Ғаюр ба хона ворид шуд, ба деги ҷӯшони сӯҳбати ҳамхонаҳо гӯё оби сард мерехт: лаҳзае онҳо хомӯш мемонданд ё мавзӯи гуфтугӯро дигар мекарданд; агар мавзӯи пешинро идома диҳанд ҳам, суханашон чандон намечаспид ва барои ин беш аз пеш ба вай хашм мегирифтанд. Баъзе аз ҳамсабақонаш дар ҳузури Ғаюр худ аз худ ноҳинҷор ва асабонӣ буданд. Вазъи ҳамеша ҷиддӣ, нигоҳи вазнин ва ба атроф ким-чӣ хел беэътино ва бепарво нигаристанаш, вазъи бегонахӯӣ ва дигар хислатҳои ба инсони ҷавон ночаспони ӯро аломати худписандӣ, ғурур ва кинадории вай мешумурданд. Аксари ҳамсабақон аслан зуҳури равшани худписандию кинаварии ӯро возеҳ надонанд ҳам, ин хулоса ва ҳукми тайёрро, ки аввал бор аз кӣ сар заданаш маълум набуд, аксарият бе чуну чаро қабул карда буданд. Гумони ононро низ асосе буд, вале ҷавонон баъзан аз хусуси гапу кори ба шахси онҳо камиртибот зуд ба ягон хулосаи ростмонанд шарик мешаванду барои ақли худро давондан коҳилӣ мекунанд. Вагарна дар сиришти Ғаюр ба ҷуз эҳсоси шаъну эътибор, ки тафриқаи он аз ғурур гоҳе мушкил аст, сифатҳои аҷибу ғариб кам набуд.

Имрӯз ҳам сокинони ин хонаи калони хобгоҳ — донишҷӯёни ҳамсабақ сари мизи дарози дар мобайн гузоштагӣ нишаста, аз чойники тунукаи сирдор чой рехта, нону қанд мехӯрданду бо овози баланд гуфтугӯ мекарданд. Ним соат қабл аз ин онҳо ончунон баҳсу талош доштанд, ки рагҳои гарданашон арғамчин барин ҷаҳида, сару рӯяшон лаблабу барин сурх гашта буд, аммо ин лаҳза ҳама ба сари сулҳу салоҳ омада, аҳён-аҳён қоҳ-қоҳ зада, хонаро ба сар мебардоштанд.

Ғаюр аз дар даромаду сӯҳбати онҳо худ аз худ қатъ ёфт. Вай мисли ҳамеша парешонавзоъ ва зоҳиран ба атрофиён қаҳринамо ба хона ворид гашт, ба номаш сар ҷунбонда, ба ҳамхонаҳо салом карду ҷониби кати худ гузашт. Пиҷакашро кашида рӯи болиш партофт ва як лаби кӯрпаро бардошта, дар каташ нишаст. Дар назар чунин меомад, ки вай саҳван ба ин хона ворид гашта ва ҳоло ба чи кор андармон гаштанашро намедонад. Аксар ҳангом дар хулқи Ғаюр инчунин вазъ ба назар мерасид, ҳатто баъзан дар ҳузури ду-се тан ҳамсабақони каму беш наздикаш ҳам, вай бесабаб дасту по мехӯрд ва баҳонае пеш оварда зуд аз онон ҷудо мешуд. Баъзе шахсони кордида мегуфтанд, ки ҳабси барвақт ҷавонро чунин бегонахӯ ва тундмизоҷ кардааст.

Ҳоло ӯ аз даруни ҷевончааш китоберо гирифта, варақ мезад.

Ҳамхонаҳо ҳар замон ин ҷевончаро кофта, китобу дафтар ва дигар ашьёи ӯро дарҳам-барҳам карданашон, ҳатто як-ду бор қуфли ҷомадонашро шикаста, онро ба тафтиш кофтанашон ӯро ёд омаду димоғаш гирифт. Дар тӯли панҷ соли донишҷӯӣ ба дили ҳамсабақон раҳ наёфта, бегонавор тоқа монданаш ботинан ӯро азият медод. “Чаро вай бо ин ҷавонон наздикию қаробат намеҷӯяд? Чаро боре бафурҷа ба чашми онон наменигарад, рози дилашонро намешунавад? Дарди дилашро намегӯяд, ба онон ғамшарик намешавад? Охир, ханда оби ҳаёт аст-ку, чаро вай аз ин эъҷози табиати инсонҳо бенасиб мондаст?” — баъзан аз худ савол мекард Ғаюр, вале ҷавоби таъин намеёфт. Ӯ ба ҳамсабақон агарчи бо чашмони як инсони неку бади рӯзгорро санҷидаву гармию сардии онро басо озмуда нигоҳ мекард, вале ғайриихтиёр ба муҳокимаронињои онон тамасхур менамуд. Мехост, ки тамасхур накунад, аммо наметавонист. Бешак, вай ин ҳисси худро

ҷаҳд мекард, ки зоҳир насозад, вале аз ин худфиребӣ бештар азият мекашид.

Дар асл, чаро ба ин кӯдакони сабукфикр тамасхур ҳам накунад? Акнун, дар синни бисту се-бисту чор “Чор дарвеш” ва “Се мушкетёр”-ро хонда, ба ваҷҳ меоянду ӯ ба афкори онҳо писханд нанамояд?! Барои хас барин манфиати худ баъзе аз онҳо оламеро мефӯрушаду Ғаюр кароҳат накунад?! Ҳар яке аз ин ҷавонон агар саргузашти ӯро аз сар мегузаронд...

Бале, ӯ ба тарзе, ки дилаш мехост мезист, таҳсили илм дошт, кор мекард, вале бо атрофиён зиёда сару кордор будан намехост. Аммо вай бехабар аз он буд, ки одамон маҳз барои чунин хулқу рафтораш ӯро хуш намекунанд.

Боре ҳамсабақон маслиҳатро ба як ҷо монда, ба муаллим гуфтанд: китобе, ки аз рӯи он бояд мавзӯи семинарро хонанд, дар китобхона нест ва бинобар он, тайёрӣ надидаанд. Муаллим аз ду-се нафар донишҷӯёни пешқадам алоҳида-алоҳида пурсид, онҳо сухани аксариятро тасдиқ карданд. Муаллим ба Ғаюр рӯ овард: “Ман доири ин мавзӯъ каму беш аз китобҳо хондаам...” гуфт вай.

Албатта, дар маслиҳати ҳамсинфон Ғаюр шарик набуд. Баъзан вайро сирф фаромӯш мекарданду шахси ӯро ба инобат намегирифтанд. Бе ин ҳама вай хуб медонист, ки ин гуна рафтор дар ҳаққи шарикдарсон хиёнат аст, вале чӣ кунад, ки дурӯғ гуфтан наметавонист. Ба дурӯғ, ба фиреб гӯё як навъ нафрат ва адовати модарзодӣ дошт.

Ҳоло Ҳайдар аз таги чашм ба сӯи вай нигариста, мисли ҳамеша асроромез ба ҳамхонаҳо нигаристу бо овози паст, мад кашида гуфт:

— Аз ин хел худхӯраму худшавам эҳтиёт шавед.

— Аз девори каҷ ҳазар, — аз рӯи одат зуд ӯро дастгирӣ кард Ғиёс. Сонӣ ба тарафи ҳамнишинон айёрона

чашм хобонду ба Ғаюр нигарист: — Ғаюр, ҳой, Ғаюр, полонат нав шудаст, пулро аз куҷо ёфтӣ? — ба пиҷаки нави вай ишора кард ӯ.

Ғаюр аз китоб чашм набардошта бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонду бас, ки маъниаш чӣ мехоҳӣ, фаҳмидам, вале лоиқи ҷавоб намеҳисобам, гуфтани ӯ буд. Чунин беэътиноии Ғиёсро махсусан оташин мекард.

— Ҳой, аз ту мепурсам!.. Ба даҳонат об гирифтӣ? Ё забоната ғунда газид? — Ғиёс ҷавоби бесухани Ғаюрро нафаҳмид ва ё фаҳмад ҳам, ба инобат гирифтан нахосту ба ҳар навъе ӯро ба сухан оварданӣ буд.

Вай пешонии тангашро пурчин карда, ошкоро бо мазоҳ ба сӯи Ғаюр менигаристу дасисаҷӯёна ӯро ба гап даровардан мехост. Вай ба Ғаюр ҳарзагӯӣ ва ҳарзаталошӣ мекард, ба дилу ба асаби ӯ сахт расида, аз мувозинат баровардан мехост. Вале Ғаюр пайваста ифодаи танаффур дар чеҳра хомӯш буд.

Кӣ медонад, агар вай қаҳру ғазаб ва нафраташро мисли дигарон фошофош изҳор мекард, аз гиребони баъзеҳо сахт гирифта такон медод, балки бо ӯ чунин муомала намекарданд.

Ғиёс аслан дар курси якум ҷавони бечораҳоле буд. Сару либосаш ҳам, гуфтору рафтораш ҳам, қобилияти фикрию дарсхониаш ҳам ба ёрию дастгирӣ ниёзманд, аз хусуси чӣ гуна аз конкурс гузаштанаш донишҷӯён ҳар хел тахминҳо мезаданд. Вай чунон ҷавони фурӯтан, мутеъ ва гапдаро буд, ки агар баъзеҳо аз ин бечорагии ӯ сӯиистеъмол кунанд ҳам, қаҳраш намеомад. Не, вай иззати нафси худро кушта буд. Сонитар Ғиёс худро ба паноҳи сардори гурӯҳ — Ҳайдар гирифту ба қавли баъзеҳо “адютант”, ба ифодаи гурӯҳе “сумкабардор”-и вай гашт ва кам-кам хулқу атвораш ҳам дигар шуд, тамоми он нишонаҳои бечора-

ҳолиаш барҳам хӯрданд ва дар тӯли як-ду сол ӯ ба як ҷавони сахтрӯй, дасисаталаб ва моҷароҷӯй табдил ёфт. Тағйири хулқу атвори вай фақат баъзеҳоро ба тааҷҷуб афканду бас. Ҳайдар дар ҳар бобат ба вай валинеъматӣ зоҳир мекард. Сару либоси кӯҳна ва ё писанд наомадагиаш ба Ғиёс мерасид. Ҳангоми санҷишу имтиҳон ва ё тақсими стипендияю хобгоҳ акнун Ғиёс хотирҷамъ буд. Солҳои охир Ғиёс билкулл аз ҳаддаш гузашта буд ва аксар ба хурду бузург бисёр бачаҳо тааддӣ мекард, нописандию калонгириҳои ӯро одат карда буданд магар, касе ба вай эътироз надошт.

— Хайр, бигӯ, семинарро тайёр кардӣ? — ба сари Ғиёс чӣ андешае расиду мавзӯи суханро дигар кард. — А? Тайёр кардӣ?.. Аз ту мепурсам?

— Чӣ кор дорӣ, Ғиёс? Тайёр кардам ё накардам, ба ту чӣ? Аз кори худ ба ту ҳисоб додани ман зарур набудагист? — Оқибат Ғаюр дилгир гашту сарашро аз китоб бардошта ба вай рӯ овард. Баъд заҳрханде намуду илова кард: — Баъзе занҳо аз шавҳар ҳамин хел ҳисобот мепурсанд...

— Дафтаратро те, як бор аз ту ҳам бардорем, — гуфт Ғиёс ин бор гунаҳгорона бо овози нарм. Аз сухани Ғаюр дар назди ҳамхонаҳо хиҷил мондани вай аён буд.

— Чанд бор ба ту гӯям... — Ғаюр суханро зиёда дароз кардан нахосту баъди лаҳзае таваққуф гуфт: — Дафтари ман дар каллаам, ман бо асои дигарон роҳ намеравам.

— Э, каллаат дар гӯр.

Ҳозирон баробар хандиданд. Ин хандаи онҳо аз қабили он хандаҳое буд, ки матлабро аз ҳар сухане равшантар ифода мекунад, яъне, санги маломат ба сари Ғаюр мезад.

Ғаюр конспект наменавишт: аз лекцияи муаллимон, аз китобҳо, мухтасар баъзе далелу санад, иқтибос аз гуф-

таҳои бузургони илму ҳунар ва ё рақамҳоро қайд мекарду бас. Он навиштаҳоро фақат худаш хонда метавонист ва мефаҳмиду бас. Аксари ҳамхонаҳо, балки ҳамаашон инро медонистанд, аммо донанд ҳам, азбаски ин кори вай миёни донишҷӯёни он айём маъмул набуд, ба онҳо хуш намеомад, бинобар он, мавриде ёфта аз ин ваҷҳ ба вай неш задан мехостанд.

— Худписандӣ далели нодонист! — гуфт Ҳайдар заҳрханда карда. — Дафтарашон дар каллаашон будаст! Ҳиъ... Ҳамин ҳам одам аст, ки аз вай ёрӣ мепурсӣ?! — гуфт вай хитобан ба Ғиёс. — Бо асои дигарон раҳ намерафтаст!.. Агар мурӣ, ягон кас ба лабат об мечаконад? Ҳай, гумон аст... Аввал ту ҳам ба ҳамдастию бародарӣ сазовор бишав, сонӣ таъна кун.

— Нодон кӣ, ноодам кӣ — ҳамааш маълум мешавад, сабр кун, Ҳайдар! Саъдӣ гуфтааст: “Зарандудагонро ба оташ баранд, падид ояд он гаҳ, ки мис ё заранд”. Ба ин баҳоҳоят бисёр ғарра нашав — гуфт дар ҷавоб Ғаюр ва тамоми заҳру аламашро бо ин суханон ифода кард. — Илму ҳунарро фирефта намешавад, ба пул ҳам харида наметавонӣ. Қонун ва виҷдон бо якдигарӣ тавъаманд, бародар!

— Э, бас кун, бодӣ! Ту ҳам одамӣ? Махавӣ ту!.. Ҳамроҳи ту аз ҳавои ин хона нафас гирифтан ҳам гуноҳ аст! — Баъд хитобан ба ҳамнишинонаш илова кард: — Демократияи Советӣ аз ҳад зиёд инсонпарварӣ мекунад... Баъзан ҳайрон мешавӣ... Ин куҷоюю даргоҳи ҳамин хел донишгоҳ куҷо?!

Дар тахи ин суханони ӯ сухан буд, вай ба гузаштаи Ғаюр ишора мекард ва медонист, ки бо ин ишора ҳамеша ба ҷароҳати носури ҳарифи худ намак мепошад.

Ғаюр гуфтаҳои ӯро бо ғазаб, дандон ба дандон монда

гӯш карду сипас, суханонашро дона-дона карда ба таъннӣ гуфт:

— Демократия?! Қонун? — рӯ турш карду тамасхур намуд Ғаюр. — Аробаи холиро гирифта метозӣ, бача! Саросема нашав, замон ҳар касро ба хари худаш савор мекунад.

— Ба ту бадбахт хар ҳам намерасад, — зуд ба даҳони вай зад Ғиёс. Як умр худатро хар карда савор мегарданд.

Ба мақсади ҳамфикрӣ ба Ҳайдар баъзе аз бачаҳо боз хандиданд.

Аслан ба Ғаюр кинакашии вай барои ризои хотири Ҳайдар буд.

Ҳайдари навчаю сафедандом, газгӯшт бо чашмони чуқури тунукмижа ба атрофиёнаш ҳамчун ҳомӣ бо виқор менигарист. Симои вай ким-чӣ хел ниқоби беранг доштагӣ барин, зуд дар ёд намемонад. Ба монанди мансабдӯстони ҷавон дар симояш калонгирӣ ва ваҷоҳати карахт дошт, ба атрофиён ҳомиёна, як навъ сарпараствор менигарист, кам сухан мегуфт, нигоҳаш гӯё одамро надида, аз ӯ парешон, лағжида мегузашт. Ақлаш буд, қобилияти таҳсил ҳам дошт, мавридаш ояд, худдорӣ карда метавонист. Камбудии асосии вай ин буд, ки ҷозиба надошт, ҷозибаи сидқӣ дар салиқаи вай набуд, чунон ки дар аксари одамони хасис.

Баъзе аз ҳамдарсон аз Ҳайдар метарсиданд, тоифае ботинан аз ӯ нафрат кунанд ҳам, ночор ба рӯяш механдиданд, гурӯҳи дигар ба ҳар навъ бо ӯ мувофиқат доштанд, аз рӯи майлу хоҳиши вай кор мекарданд. Фақат чор-панҷ нафар дар ин гурӯҳ мухтор буданд ва ба салоҳдиди худ ва фикру ақидае, ки доштанд, амал мекарданд ва дар баробари ин бо Ҳайдар муносибаташон мӯътадил буд.

Ҳайдар аз тоифаи он ҷавонони хушбарор буд, ки аз рӯзи ба остонаи донишгоҳ қадам зер карданаш буҷулаш хест: декани факультет — Орифӣ рӯзи аввали таҳсил ба синфхона даромада, ӯро бо суханони нағз тавсиф доду, ба донишҷӯён шиносонд ва сардори гурӯҳ таъин кард. Худи Ҳайдар аз шиносоиаш бо декан дар тӯли панҷ сол ягон бор ба касе даҳан накушода бошад ҳам, аз рӯзи аввал бачаҳо ҳамин қадар фаҳмида буданд, ки падари вай аз шахсони баландмартабаи музофот аст — яке мегуфт, ки раиси колхоз аст, дигаре тасдиқ мекард, ки раиси идораи матлубот, сеюмӣ ӯро прокурори район тахмин мекард.

Зисту зиндагӣ ва хароҷоти Ҳайдар ба ин далолат мекард, ки пул барои ӯ монанди барги хазон аст. Дар донишкада ягон донишҷӯ ин қадар костюмҳои аъло, куртаю туфлиҳои нодири хориҷисохт надошт. Ғиёси камбағал ҳатто кӯҳна-колаҳои ӯро пӯшида, як сару гардан аз дигарон фарқ мекард. Қобилияти Ҳайдар аз миёна болотар бошад ҳам, бо ин қадар имкону васила оё дар силки донишҷӯёни пешқадам ва аълохон набуда метавонист? Агарчи ҳамдарсон ҷавоби саҳеҳи ӯро кам шунида буданд ва дар имтиҳонот чӣ гуна ба саволҳо ҷавоб доданашро аксаран намедиданд, вай аълочии мутлақ ба шумор мерафт. Фақат соли гузашта як нафар муаллими фанни фалсафа дар имтиҳон ба вай баҳои “миёна” монду Ҳайдар ним сол аз стипендияи аълочиён маҳрум гашт. Аз рӯи гуфти баъзеҳо ин баҳои “миёна” ӯро аз диплом имтиёзнок маҳрум кардаст. Аммо ҳолдонҳо мегуфтанд, ки ӯ имтиҳони фалсафаро аз нав ба муаллими дигаре месупоридаст. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ аксаран ба донишгоҳ бо кумак ва ё ришва дохилшудагон таҳсили илм доштанд ва ин тоифа ҳеҷ шубҳа намекарданд, ки Ҳайдар дипломи имтиёзнок хоҳад гирифт.

Ғаюр ҳам дар таҳсил пешқадам буд, аммо ба мисли Ҳайдар ҷамоатчӣ ва обрӯманд не, дар назди раҳбарони факултет ҳам таъсир ва эътиборе надошт. Ҳамту, дар қатори донишҷӯёни миёнҳол ба назар ноаён мегашт. Агар баъзе муаллимон ӯро таҳсин кунанд, гӯё гуноҳе содир карда бошад, хиҷолат мекашиду лаблабу барин сурх мешуд. Аз ҳамсабақон Мирзо ба шухӣ мегуфт: “Вай ба таъриф ҳеҷ одат накард, ки одат накард”.

Вақтҳои охир декан Орифӣ аз чӣ бошад, ки Ғаюрро ҳеҷ хуш намекард. Агар мавриди таҳсин ояд, кӯшиш мекард, ки ӯро пай набурда хомӯш гузарад, замони сарзаниш — аввал ба вай дармеафтод. Ғаюр тағйири авзои деканро кайҳо пай бурда буд. Аз нигоҳаш, саломуалекаш возеҳ эҳсос мегашт, ки ин одам ӯро хуш намекунад, балки зиёда аз он, адовате дорад, вале ин кашфи худро вай дар қаъри дил пинҳон медошт, ҳатто худ ба худ ҳам иқрор намекард. Сонитар пай бурд, ки муомилааш ба дигар муаллимон ҳам қавию эътимодбахш нест, зиёда аз ин, баъзан бо ҳамдарсон ҳам тезу тундӣ дорад. Ғаюр сабаби ин ҳолро дарёфтан, вазъи нохуши ба миён омадаро ислоҳ кардан мехост, вале кӯшиши ӯ аксар бар ҳадар мерафт. Ба назари вай ҳамвора чунин мерасид, ки дар ин бозӣ дасти тасодуф бар қасди вай мӯҳра меронад. Ва ин ҳолро баъзан аз касафати ситораи думдори дар кӯдакӣ дидагиаш мешумурд.

Ҳоло вай дарёфт, ки агар дар хона боз фурсате бишинад, Ғиёс бо ягон баҳона ба асаби вай расида, дилсиёҳие сар мекунад, бинобар он, китобашро пӯшиду аз ҷо бархост ва ҳарфе назада берун рафт.

— Тезтар дафъ шав, пес, — гуфт Ғиёс ҳанӯз Ғаюр аз қафои худ дарро напӯшида. Сонӣ ба ҳамнишинон рӯ овард: — Гурезондам-а!— қоҳ-қоҳ зад вай. — Ҳамин ки як даҳан гап занам, мегурезад! Бадбахтро расо тарсондаам!

— Вай ҳам туро боб кард, — гуфт кадоме, аммо сухани ӯро Ҳайдар бурид.

— Бохабар шав, ин падарлаънат хапгир аст. Номаълум чунон боб мекунад, ки... Ҳозир мо ҳама яктан гаштему беилоҷ аст, лекин фурсат мепояд баттол! — Ҳайдар намехост, ки дар дили ҳамфикронаш нисбат ба Ғаюр ҳисси шафқат пайдо шавад. — Солеҳов илтимоси маро ба инобат гирифта, ба ҳама баҳо монд. Кӣ ба ректор хабар дод? Кори ҳамин!

— Албатта, кори ҳамин аст! — зуд сухани Ҳайдарро тақвият дод Ғиёс. — Стипендияро нодуруст тақсим кард гӯён аз болои декан кӣ навишт? Ҳамин!

— Не, вай моҷарои баҳомонии Солеҳов аз кафедра, аз худи муаллимон сар задагӣ, — эътироз баён кард Ҳусейн, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар фикру ақида мухторияташро аз даст намедод. — Аз хусуси Орифӣ хабари беимзо будаст...

— Ба мудири кафедра Наимӣ ин пес хабар додагӣ, — тавзеҳ кард Ҳайдар. — Меҳри боимҷон ба каду тофтагӣ барин, ба Наимӣ ин гоҷ маъқул. Доим Ғаюрҷон-Ғаюрҷон... Агар дар байнамон ҳамин иғвогар набошад, аз бисёр муаллимон ман ба шумо муфтакак баҳо гирифта медодам. Порсол Алӣ дар курсаш намемонд. Рашид аз донишгоҳ намерафт... Хайр, агар баъзе фанҳои нолозимро нахонда, вақтро барои фанҳои зарурӣ сарф кунем, хуб намешавад? Аслан, ман ба шумо гӯям, ҳамаи ин фанҳо нодаркоранд, беҳуда дилхун гашта мехонем. Ба кор сар кунем, таҷриба катӣ ҳамаашро ёд мегирем.

— Наход ягон илоҷи дафъ кардани ҳамин пес набошад-а? — Ғиёс маслиҳатомез ба чашми ҳозирон нигарист. — А, Ҳайдарҷон, чӣ мегӯед?

— Ин гапро нагӯй, аз ту дилам мемонад, ҷӯра, — гуфт

Мирзо, ки барои бетарафиаш дар ин хел кашокашҳо ба Ҳайдар чандон хуш намеомад. — Халал нарасонед, дипломашро гирад. — Баъд аз лаҳзае хомӯшӣ, гӯё дар омади гап қайд кард: —Аслан, ба ҳеҷ кас зарараш нарасидаст-ку, ин қадар ба вай тез мешавед? Ана, ҳозир ҳам — мо хуб накардем, вай баракс баланд омад. Қариб панҷ сол ҳамроҳу ҳамнишин будем, айб аст, ки дар охир...

— Ана, ҳамин хел-дия! — дилтангона сухани Мирзоро буриду даст афшонд Ҳайдар. — Яктаамон агар тут гӯем, дигарамон бед мегӯем. Масалан, гирифтем, ки Ғаюр донишгоҳро тамом карду диплом гирифт ва ба кор сар кард. Аз муфаттиш ё прокурори сангдилу бешафқат ба халқу давлат фоида не, зарар мерасад...

Ҳайдар ба ин оҳанг хеле сухан гуфт.

## Боби 2

Ғаюр падарашро дар ёд надошт. Модар ҳар замон хати сиёҳи падарро гирифта, хомӯш оби чашм мерехту дар ин хел вақтҳо соате дар пеши чашми ваю хоҳараш — Улфат симои хаёлии падар, ки дар ҷанг шаҳид гашта буд, намудор мешуд. Онҳо лаҳзае ӯро ба ёд оварда, дар тасаввур овардание мешуданд, ки агар падар дар сарашон ҳаёт мебуд, зиндагиашон чӣ хел сурат мегирифт... Вале ҳақиқати воқеӣ ин буд, ки модари дасттанҳо онҳоро ба сахтию зорӣ ба воя расонид, дар хонаводаи онҳо ҳатто охири солҳои панҷоҳум ҳам, серию пурӣ барқарор набуд. Сахтии солҳои баъди ҷанг чунон буд, ки Ғаюр он айёмро ҳеҷ ба ёд овардан намехост.

Аз таассуроти овони кӯдакӣ Ғаюр махсусан, се воқеаро хеле равшан дар ёд дошт: яке — он шабе, ки ӯ ситораи

думдорро дид, дигаре — он рӯзе, ки аз падар хати сиёҳ расиду ҳавлиашон азохона гашт ва сеюмӣ — он субҳидаме, ки чойники ҷӯшонро аз рӯи сандалӣ кашида, чаппа карду шикамаш сӯхт. Доғи ин сӯхтагӣ дар қисми аз ноф поёни шикамаш боқӣ монд.

Ғаюр ситораи думдорро як шаби тобистон дар сари хирман дида, бо ҳайрат ба модараш нишон дода буд. Модар онро диду бо даҳшат фарёд кард: "Нигоҳ накун, эй рӯдапо! Туф кун, тез туф кун! Ба замин туф кун!.. Дигар нанигар. Балои омадагӣ ба худаш занад..." Модар дуру дароз дуо хонду сонӣ фаҳмонд, ки ин ситораи наҳсу касофат аст. Ба қавли модар, агар ҳар кас онро бинад, ба ягон фалокат дучор мегаштааст, як умр бадбахт ва берӯзию бебарор мемондаст. Он шаб дили Ғаюрро ваҳм гирифт: "Ман нигоҳ кардам, бо чашми худ дидам. Нафаҳмида нигаристам, акнун сиёҳбахт мешавам?" — ӯ гаштаю баргашта аз модар мепурсид. "Не, як бор нафаҳмида нигаристӣ, ҳеҷ гап не, туф кардӣ-ку. Дигар нигоҳ накун. Ба дигарон ҳам нишон надеҳ", — гӯён модар ӯро таскин дода буд.

Он солҳо ризқу рӯзии сокинони деҳот ба бист сотих замини рӯидарича вобаста буд. Ҳосилаш бештар аст гӯён, модар он сол ба замин ҷувории сафед кориду Ғаюр то пухта расидани он қариб аз пой афтода буд. Ҷувориро аз ҳамлаи гунҷишкон эмин доштан осон набудааст. Модар дар кори колхоз банд, ваю хоҳараш он сол савганд хӯрданд, ки дигар ба замин ҷуворӣ намекоранд. Баъд, дар сари хирмани ин ҷуворӣ чашмаш ба он ситораи шум афтода буд.

Сонитар, вақте ки ба синфҳои боло гузашт Ғаюр аз муаллимон пурсид, дар китобҳо бихонду чӣ чиз будани он ситораи думдорро донист, ба мавҳумоти фалокатбории он хандид ва ба монанди афсонаҳои дигари кӯдакӣ даҳшат-

бории онро ҳам қариб фаромӯш кард. Аммо сонитар, ҳар боре, ки ба сараш мушкиле афтаду бебарорие пеш ояд, беихтиёр гӯё шӯълаи сарди он ситораи думдор аз пеши чашмонаш мегузашт. “Дар замони пеш бобоён аз рӯи ситораҳо барору нобарорӣ ва толеъи одамонро мегуфтаанд. Наход, ки ин ҳама мавҳумоти бекора бошад?” — баъзан шубҳа дили ӯро мехарошид, аммо касе набуд, дар он миён то шубҳаи ӯро бартараф созад ва ё бо асосҳои мӯътамад тасдиқ намояд. Илми ҳунарҳои пешиниёнро халқ кайҳо фаромӯш карда буд.

Солҳои таҳсили илмаш дар мактаби деҳа ӯ бештар ба кору бори рӯзгор ва колхоз пайваста буд. Нӯҳ, ё даҳсола буд, бобояш ба хар пору бор карда медоданду вай ба замини рӯидарича рехта меомад. Дар синфи чорум таҳсил дошт, ёдаш меояд, боре шаш бузеро, ки доштанд, чӯпон нагирифт, чӣ аламе гузашта будаст, ҳоло ёд надорад, Ғаюр маҷбур якчанд рӯз молҳоро худаш ба чарогоҳ бурд. Боре чоштгоҳӣ се тан аз ҳамсинфонаш назди ӯ ба чарогоҳ омада хабар доданд ки дигар ба мактаб наравад, таътил сар шудааст. Сонӣ, солҳое, ки дар синфи шашуму ҳафтум таҳсили илм дошт, ҳамроҳи бобояш ба ёнаҳои кӯҳ ҷуфтронӣ рафт. Ғаюр аз хурдӣ ба ҷои модари дардмандаш аксар айём дар кори колхоз ширкат дошт, иҷрои корҳои сабукро ба ӯ вазифа мекарданд. Ӯ барзаговҳоро ятак мекарду бобояш ҷуфт меронданд. Аз саҳар то шом замин ҷуфт мекардanду сонӣ Ғаюр бо азобе дар сари зини хар нишаста ба хона мерасид. Чанд бор хобаш бурда, аз сари зин ба замин афтода буд.

Мамлакат захмҳои ҷангро даво мекард. Қатори калонсолон наврасон ҳам дар ғаллазору пахтазорон кор мекарданд, ба дарави ғалла мебаромаданд, дастёри хирманкӯб, обкашон, дарзағундор — хуллас дар ҳама кору бори

колхоз ҳамроҳ буданд. Калонсолон дар сари ҳар сухан ба таъкид гӯшзад мекарданд, ки дар синни чордаҳ онҳо колхоз сохтанд, ҷангиданд, хун рехтанд. Ғаюр ба даъвии онон чӣ ҷавоб гуфтанашро намедонист. Худ ба худ меандешид, ки чӣ кор кунад, то рӯзе вай ҳам дар пеши фарзандон фахр намояд. Не, ӯ номи ҷангро дигар шунидан ҳам намехоҳад. Колхозро ҳам сохта ба суботаш расондаанд. Фақат зиндагиро ба сомон расонидан мондаст... Аммо ҳеҷ кас намегӯяд, ки зиндагиро осуда созем, ростию дурустӣ ва адолату шафоатро шиор кунем...

Сонитар модараш дардманд гашту Ғаюр баъди дарсҳо мунтазам ба кори колхоз баромад. Дарвоқеъ, ба донишгоҳи олӣ дохил шудан ва ихтисосе омӯхтан дар гӯшаи хаёли ӯ набуд. Ғаюр даҳсоларо, асосан, бо баҳои хуб тамом карду шаш моҳ дар курси тракторчиён хонда, ба фароғат дар колхоз трактор меронд. Ҷавони коргар, ғайратманд, хушқадду баст ва хушҳоле буд. Духтарони нозанини деҳа ба ӯ бепарво набуданд. Қадду басти расо, нигоҳи ҳамеша хандони ӯ, шармгиниаш, ки агар ба рӯи духтаре нигарад, то ба нӯги гӯшҳояш сурх мешуд, дили ҳар як духтари деҳаро мерабуд. Кӣ медонад, баъзе аз ҳамдеҳагонаш мегуфтанд, ки ҳамин ситораи гарму дилнишин сабаби фалокати ба сараш афтода гашт... Не, бебарории ӯ аз он ки мардуми оддии деҳа тасаввур мекунанд, решаи чуқуртаре дошт.

Як соли пеш аз он ҳодиса як воқеа рух зада буд: ҳосили пахтазори колхоз хуб буд. Охирҳои моҳи октябр колхоз супоришро иҷро карду зиёда аз план пахта месупорид. Рӯзе Ғаюр бордони мошини пахтачиниашро ба хирман холӣ карду дар он ҷо се тан одамони ношиносро дид, ки пахтаи чидаи ӯро ба мошини бегонае бор мекунанд. Ғаюр мошини пахтачинашро қарор доду ба назди онҳо рафт.

— Ассалому алайкум... — Ӯ як-як даст дода бо он касон вохӯрд. — Бетон... Шумо кистед, аз куҷоед? Барои чӣ ин пахтаро бор мекунед? Агар малол наояд, мегуфтед... — Пурсид вай тааҷҷубашро пинҳон накарда.

— Ҳамин хел амр шуд, додар, — яке аз онҳо бо дили нохоҳам ба ӯ ҷавоби муҷмал дод. — Саркор сар шуда моро оварду аз паи кораш рафт. Бе рухсат ки ҳад дорад?! Ин пахтаи давлат аст...

— Дуруст аст, ки пахта дар ҳама ҷо моли давлат аст, аммо ҳосили колхози мо ба ҳисоби колхоз бояд дарояд. Ба ғайр аз ин, пахтаро ман чидам, — гуфт Ғаюр панҷшохаи якеро аз дасташ гирифта, — ҳақ надорам, ки онро ба шумо диҳам. То раис ё саркор ба ин ҷо наояд, ба пахта даст нарасонед! Пахтахарию пахтафурӯшӣ ба куҷо мебарад, медонед? — Ӯ ангуштонашро панҷара карда ба ким-куҷои дур, ки ҳабсхонаҳои оҳанинпанҷара дар он ҷо воқеъ буданд, ишора менамуд.

Се тан лаҳзае ба даҳони ӯ нигариста, ба инчунин бебокии бачаи навхат ба нармӣ хандиданд. Сипас гуфтанд:

— Парво накун, ба пахтаи чидагиат ҳақ мегирӣ.

— Не. Даст нарасонед.

Баъди он ки миёни онҳо хеле суханони пасту баланд радду бадал шуд, оқибат яке аз он касон гуфт:

— Ҳой бача, ин пахтаро раисат ба колхози мо фурӯхт, фаҳмидӣ? Ба ту колхозат ҳақата менависад... Таҳи гапа кофта чӣ мекунӣ?! Аз гапковӣ ҳеҷ кас ба мурод нарасид. Ҳозир, додар, гӯшам — кару чашмам — кӯр гӯён гардӣ, беҳтар аст. Инҳо решаи касро хушк мекунанд.

— Ман котиби комсомолам. Ба ин кор роҳ намедиҳам. Ин кори ҷиноятӣ аст. Ман ба ин ҷиноят шарик шудан намехоҳам. Шумо медонед...

— Ҳой, бачагӣ накун... — Он се тан хеле суханони пандомез гуфта, Ғаюрро аз раъяш гардондан хостанд, аммо суд накард. Сипас ба якравии ӯ тан доданд магар, яке ба оҳанги дигар гуфт:

— Ман ҳазлона гуфтам, ҳазл... Ба мо ин пахтаро раисатон қарз дод, соли дигар медиҳем... Раҳбарон байни худ ҳазор хел муомала доранд. Аҷаб не, пор колхозатон аз мо гирифтагӣ...

Мардак дурӯғро ростмонанд карда гуфта натавонист.

— Ин кор ҳам хилофи қонун, ба чашми давлат хок пошидан аст, — ҳамвора якравӣ мекард Ғаюр.

Ба сари ғавғо саркор расиду ба Ғаюр фаҳмондан хост, ки агар колхоз аз план зиёд пахта супорад, соли дигар планашро зиёд мекунанду деҳқонон аз подош маҳрум мешаванд. Колхози ҳамсоя имсол пахтаи моро қарз гирифта, планашро иҷро кунад, хилофи қонун не. Аздусар мо ба пахтазор мол сар медиҳем... Аммо саркор ҳам ӯро розӣ кардан натавонист. Ғаюр гуфт, ки ҳозир корҷомаро мекашаду ба район меравад, ба идораҳои дахлдор хабар медиҳад.

Саркор, ки феълан одами нармтабиат буд, ба бачаи инҷиқ ҳукми худро нагузаронду аз паи ҷустуҷӯи раис рафт.

Се тан ба ночор хирманҷойро гузошта дар сояи бед дароз кашиданд. Ғаюр мошинашро ба пахтазор даровард.

Ӯ пахта мечиду дилашро гургон мехарошиданд: дар ин ҳавои гарм агар раис ояд, дар сари қаҳру ғазаб ӯро беобрӯй мекунад, дар назди ин одамон шарманда мешавад.

Раис, чунон, ки Ғаюр тахмин зада буд, тарафи бегоҳ ғазабнон омаду гуфтугӯро мухтасар кард:

— Кай боз ту забон баровардӣ?! А?.. Шикамат аз нон сер шуд-чӣ? Чени даҳанат гап занӣ намешавад?! Хуб ҳозир ба хонаат раву тоқиата аз сарат гиру камтар фикр кун,

бача, ақлат дар ҷояш меомадагист. Ин мошин истад, ту фардо ба хошокғундорӣ меравӣ. Фаҳмидӣ? Ҷавоб ба ту.

Ғаюр якчанд рӯз ба хошокғундорӣ нарафт. Маҷлиси комсомолӣ даъват накарда, ӯро аз котибӣ озод намуданд.

Тракторҳо беронанда буданд, вале раис ба вай дигар трактор намедод. Оқибат Ғаюр ба идораҳои район шикоят кард. Тавсифномаҳояшро бурда нишон дод, аммо — бенатиҷа.

Зимистон расид, барои таъмири тракторҳо таъмиргарон кам буданд, вале ӯро ба ёд намеоварданд. Оқибат, баъди ба осоишгоҳи канори баҳри Сиёҳ рафтани раис ӯро ба кори таъмир ҷеғ заданд. Ғаюр бо ғайрат ва дилгармии тоза ба кор сар кард.

Зимистон гузашту баҳори дигаре фаро расид. Тракторчиён ба кишту кор шурӯъ намуданд, вале раис боз ба вай трактор надод. Ғаюр ба аламаш тоб оварда натавонисту ин дафъа ба район рафта, домани яке аз роҳбаронро сахт гирифт. Он шахс дар ҳузури Ғаюр ба раис занг зада, шафқат талаб кард, аз номи вай маъзарат хост.

Ин бор раис ба ӯ таъмири як трактори вайронаро, ки мурватҳои даркориашро кайҳо кашида бурда буданд, супурд.

— Бача, дониста мон: ман пахтаро нафурӯхтаам! Қарзи колхозро додам. Котиби райком метавонистанд, ки туро ҳамчун тӯҳматчӣ ба дасти прокурор супоранд... — Раис заҳрханде карду ба роҳи худ рафт.

Ғаюр ба таъмири он трактор тамоми баҳору тобистон машғул шуд. Дар ин миён аз барои мурвати даркориро надоданаш чандин бор бо сармеханик хархаша кард, дар байни онҳо суханони тунду тез ҳам гузашт. Баҳору тобистон бо сӣ сӯм моҳонаи ночизи таъмир қаноат карду аввали тирамоҳ, тракторро ба саҳро бароварда нафаси са-

бук гирифт. Аммо бо ин трактор ҳам, ки аз araқи ҷабини вай ба по рост гашта буд, муддати дароз кор кардан ба вай насиб нашуд.

Баъди ин воқеаҳо дар деҳа ӯро мазоҳу масхара мекарданд, ҳамсолонаш сари ҳар сухан ба ӯ пичингу киноя ва мазоҳу тамохира доштанд, саргузашти Ғаюр боиси ҳазлу мутоиба ва дилхушиҳо гашт.

— Пахтаро надодӣ охир, ё бурданд, Ғаюр? — дар ҳар давра ягон кас ҳазломез аз ӯ савол мекарду дигарон механдиданд.

— Буза пушташ хорад, нони чӯпона мехӯрад!

— Охир, ту пахта чин, раис пахтаро ба кӣ медиҳад, чӣ кор дорӣ? Эҳ, кӯдак, кӯдак! Нагуфтамат, ки сабили газетаро бисёр нахон, одамро бераҳа мекунад. Газета барои калонон, онҳо хонанд, шуд, ба ману ту баринҳо зарарнок аст... — мегуфт тағои пираш Шоҳмурод.

— Эҳ, комсомол, комсомол! Дидӣ, раис як пуф карда буд, қариб як сол саргардон гаштӣ! Бобоҳо беҳуда нагуфтаанд: ҳазл накун ба арбоб, арбоб занад ба ҳар боб, — мегуфт собиқ муаллимаш Ализода, ки ҳоло нафақахӯр буд, таассуфомез сар ҷунбонда.

Ғаюр дар дил ба бебурдию беҷуръатии ин одамон механдид, вале хомӯш сар меҷунбонд, — чӣ гӯяд, ки ҳоло вай мағлуб аст ва мағлубон аксаран ноҳақанд, хатокоранд. Вале Ғаюр ба худ амин буд, ки ин кӯтоҳназарон пагоҳ ё фардо аз гуфтаҳои худ пушаймонӣ мекашанд ва ӯ он гоҳ ба рӯи онон нигариста ғолибона механдад. Ҳатман механдад! Инҳо аз таҳи биниашон дуртарро намебинанд.

— Ҳолӣ, ки сари вақт аст, пеши раис раву узр гӯй, озурдагӣ аз дил барор, бо ин калонон тараф афтода, кӣ рӯз дид, ки ту бинӣ?! — гуфт яке аз дӯстони наздикаш Камол. Вай дуру дароз пеши ӯ нишаста, ба ҳар навъ

маслиҳат медоду аз гарданкашӣ манъаш мекард. — Ин калонон шикоятгарро аз вилт, аз сел, аз зил-зилаю вабо ҳам бештар бад мебинанд, то аз деҳа гумаш накунанд, хотирҷамъ намешаванд. Ба наздаш раву “бачагӣ кардам, ба дил нагиред, гумонам шумо бехабар бошеду онҳо ба чашми шумо хок мепошанд...” гӯй, аз ту чӣ меравад?! Дар ҳама ҷо росту дурӯғ таърифаш кун, агар ягон кас ӯро бад гӯяд, бо овози баланд номаъқул гуфтӣ, кӯрнамак, пӯла-шӯла гӯяш. Додом мегӯянд, ки бою мансабдорони давраи амир инҳо барин беинсоф набудаанд, ба ҳар ҳол, аз худо метарсидаанд, аз халқ шарм медоштаанд... Як бор рав...

— Намеравам, — гуфт Ғаюр ба нафрат ва кароҳат даст афшонда. — То ба кай ҳукмаш раво? Раисиро ба вай васиқа карда надодаанд. Соли дигар ба нафақа мебарояду давру давронаш мегузарад. Ҳозир... агар ба ягон рӯзнома нависаму ҳама сирро гӯям, пояшро аз ҳаво меоранд!.. Шукр, ман ҳуқуқамро медонам... Ту ҳам саратро бардору ба дуртар нигар, рӯзномаҳоро хон.

— Боз рӯзнома... — ба нишони афсӯс сар ҷунбонд Камол. — Ба гумонам, китобу рӯзномахонӣ туро бераҳа кард. Ҳой, чашматро кушо, ба он гапҳо бовар накун! — Таъкид дошт Камол. — Ҳамааш дар рӯи коғаз! Ҳақиқату адолат ҳам, баробарӣ ҳам, ростию виҷдон ҳам! Калонон инро нағз медонанд. Ана, дар баъзе ҷойҳо чӣ қадар ту барин саркашонро гумном карданашонро шунида гаштаӣ... Шукр кун, ки раиси мо аз он хелҳо не... Даври дурӯғ омад, сухани рост намегузарад, дониста мон. Ҳа, раис, ҷӯраҷон, то мурданаш ба сари ин халқ раис аст. Ба ҳаштод дарояд ҳам, агар намурем, мебинем, вай ба нафақа намеравад. Раис инро нағз медонад, бинобар он, гапи ту — як пул! Аз ашриқ то машриқ дили ҳамаи калононро ёфтагӣ, ба халқу

палқат чи кор дорад, — сӯхтаю пухта ақидаи худро Камол ба Ғаюр талқин мекард. — Ҳолӣ мебинӣ, ин ҳамон вақте ба нафақа меравад, ки ба ҷояш писараш ё аз авлоди худаш ягон касро таъин кунад. Ба ғайр аз ин, фаразан, ҳозир ягон ҳодиса рӯй диҳаду ин одам аз раиси холӣ шавад ҳам, гапаш мисли доимӣ мегузарад, — аз калонони район то вилоят ва республика аз дастархони ин нон хӯрдагӣ...

Ғаюр ба ҳақиқати давру замон ва идеали худ бовар мекард, эътиқоди қавӣ дошт ва ин ақидаи ӯро рахна задани Камол барин нобоварону муросоҷӯён осон набуд. Бинобар он, вай агарчӣ адаб нигоҳ медошту фошо-фош сухани сахту дурушт намегуфт, қаблан буздилию беғайратӣ, кӯтоҳназарию коҳилии ононро нафрат мекард. Вай амин буд, ки агар ин одамон донову ҷасур ва бебоку ҳақгӯй мебуданд, корҳо дигаргуна сурат мегирифт.

Ҳамон рӯзҳо Ғаюр дар рӯзномаи “Комсомольская правда” аз хусуси мутахассисони ҷавонро танг кардани як тан раиси бюрократ ва дигар бедодгариҳои ӯ мақолае хонду ба фикр афтод: “Айнан, раиси мо барин будааст, — мегуфт вай худ ба худ муҳокимаронӣ карда. — Раиси мо ҳам ҳама хешу таборашро вазифа дод — саркор, сарагроном, сарҳисобдор, сариқтисодчӣ, сармеханик, кассир, сарзоотехник... э-э, кадом якеашро мегуӣ — ҳама хешони худаш! Дар колхози мо ягон одами бегона мансабдор нест!.. Ё ба ҳамин мухбир нависам?.. Як бор ба колхозамон биёяд, ман катӣ рӯ ба рӯ шавад, пахтаҷаллобиҳояшонро ҳам мегӯям, чӣ хел раис кори хешонашро ду-се баробар зиёд навишта, ба орденҳо пешбарӣ карданашро мегӯям...”

Ғаюр ба номи мухбир мактуби дарозе навишта, аз ӯ илтимос кард, ки боре ба колхоз ояд.

Аммо мухбир наомад. Баъдтар аз заҳрханду кинояҳои

раис пай бурд, ки вай аз мазмуни мактуби ӯ хабар ёфтааст.

Ғаюр аз ин ҳол беқарор гашту бо Камол маслиҳат кард, дӯсташ боз ӯро суханони маломатомез гуфт:

— Ту рӯзнома хонӣ ҳам, аз дунё бехабарӣ, ҷӯрҷон!.. Тағои ман дар шаҳр, дар милитсия кор мекунад, мухбирҳо чӣ хел мақола менависанд, медонад. Гуфт, ки аввал аз боло ишора мешавад, ки фалон раис ба мо маъқул не. Сонӣ ба назорати халқӣ ё БХСС супориш мешавад, ки корашро дуруст тафтиш кунанд. Онҳо тафтиш карда арз мекунанду сонӣ, агар хоҳанд, раисро аз кор мегиранд. Ана, сонӣ мухбир мераваду менависад... Ту гумон кардӣ шикояти ту катӣ раисро аз кор мегиранд? Агар ин хел шавад, дар мамлакат ягонта раиси колхоз намемонд.

— Не, ин тавр не, ана, ҷабрдидагон чандин сол ба идораҳои боло муроҷиат кардаанд... — эътироз кард Ғаюр.

— Хайр, ба сухани ман агар бовар накунӣ, аз рӯи донистагии худ кор кун, ҷӯра. Ба ту маслиҳат додан фоида надорад.

Даврони андаке бараҳнагӯиҳо, ки Хрушев дар мамлакат ибтидо гузошта буд, хотима ёфта, замони рукуд ва бюрократизми беназири Брежнев оғоз гирифта буд.

Ғаюр намедонист, ки раҳбари нав дар сухан худро ҳар чӣ гӯяд ҳам, амалан ғоратгарии соҳаи хизматгузорӣ, ришвахӯрии мансабдорон, ҷӯрабозию хешутаборҷӯиро дастгирӣ мекунад. Ҷавони содда ҳанӯз намедонист, ки моҳӣ аз сар вайрон мешавад, на аз дум.

Тарафдорони бозсозиро дар он айём монанди Сталин накушта бошанд ҳам, онҳоро тадриҷан танг карда, ба қафо лағҷонда, тоифаи карахтону беҳунарони муросокорро ба сафи пеш мебароварданд. Мамлакатро тирагии карахтиовар фаро мегирифт.

## Боби 3

Тирамоҳ аз шаҳр донишҷӯён ба ёридастӣ омаданд. Деҳаи хомӯш ва ором аз қадами онҳо якбора пурвалвала шуд. Махсусан, шабҳо клуб, китобхона, боғи атрофи идораи колхоз бо хандаю сурури ҷавонон шодоб буд. Сокинони деҳа ҳар сол омадани онҳоро интизорӣ мекашиданд, зеро агар ёрикорон оянд, онҳо аз кори саҳро қадре фориғ мегаштанду бозору ӯчори худро саришта мекарданд, ғами зимистонро мехӯрданду ангишт мекофтанд, иморатašонро таъмир мекарданд.

Ғаюр дар қироатхона, ки айёми долу зарби пахтачинӣ, асосан, шабҳо кушода буд, бо Лола ном духтари курси дуюм шиносо шуд. Лола барои мутолиа ба вай китобе дод ва онҳо рӯз аз рӯз бо ҳам наздик гашта, улфат мегирифтанд. Ғаюр ҳар бегоҳ саросема хӯроки шомро мехӯрду ба қироатхона меомад, рӯзномаю маҷаллаҳоро варақ гардонда, интизори Лола менишаст, агар духтар наояд, бағоят дилтанг ва малул ба хона бармегашт. Онҳо аксар ҳангом аз хусуси таҳсил, китобҳои адибон, таърих, театру музейҳои шаҳр сӯҳбат мекарданд. Ҳар як сухан, нишасту хез, нозу адоҳои духтар, донишу завқаш Ғаюрро мафтун мекард, барои вай нав, бетақлид ва махсуси ин духтар буду бас. Ҳафтае аз миён гузашту онҳо сӯҳбаткунон дар боғ чарх заданд.

Лола духтари резаустухони дилкаш буд. Нигоҳи содда ва эътимодбахши вай, овози маҳини диловезаш, табассуми беғубораш — ҳама ба Ғаюр дилписанд буданд. Ҳатто як дандони андаке рӯи дандони дигар афтодааш ҳам, ҳангоми хандиданаш гӯё ба ҳуснаш ҳусн зам мекард.

Ҳар бор, баъди сӯҳбати Лола Ғаюр илҳоми тоза мегирифт, гӯё фаҳмаш расотар, чашмаш бинотар мегашт

ва тамоми рӯз гуфтаҳои духтарро гаштаю баргашта меандешиду ба фаросатмандии вай мафтун буд. Масалан, бори нахуст вай аз Лола шунид, ки мардони дорои истеъдоди фавқулодда даҳоёнаро ҳамзамонон нағз намешиносанд, зеро қобили идроки осори ӯ нестанд, вай аз завқу афкори замони худ пештар рафтааст... Ё худ дирӯз, гуфт, ки чаро ҳамдеҳагони шумо боғу полиз намекунанд. Сонӣ сири онро кушод. Ғаюр ҳеҷ наандешида буд, ки рафта аз шаҳр тухму гӯшт, харбузаю тарбуз, картошкаю мева харида омадани мардуми деҳа хуб нест. Дарвоқеъ, чаро имрӯз мурғ намепарваранд? Харгӯш-ку қариб нест гаштаст. Барои сабзавоту боғдорӣ ҳам замин нест. Дар як порча замини рӯидаричааш деҳқон иморат карда барои ду-се писараш хона месозад... Махсусан, суханони Лола доири дастёрони шаҳрӣ ақидаи Ғаюрро дар ин бобат батамом дигар кард. Лола ҳамон шаби охирини мулоқоташ аз ӯ пурсид:

— Чаро пахтаро мекоред, мерасонеду чида гирифтан наметавонед? Сабабашро медонед?

— Мошин тоза намечинад... Сонӣ, одам кам... — гуфт Ғаюр чунон ки раҳбарони колхозу район аз минбар мегуфтанд.

— Агар барои ҳар килои пахтаи чидагиатон колхоз ба шумоён даҳтинӣ диҳад, бо дасти худ чида супорида метавонед? — савол аз паи савол медод Лола.

— Не, намешавад, — гуфт Ғаюр бори аввал дар ин бора ба ин тарз андешида.

— Агар ба ҳар килояш бисту панҷтинӣ диҳад-чӣ?

— Ба ҳар килояш бисту панҷ тин кӣ медиҳад? — ҳайрон шуд Ғаюр. — Дар моҳи декабр рӯзе ҳашт-даҳ килогӣ мечинад, дар ҳамон вақт ҳам бисту панҷ тинӣ намедиҳанд!

— Колхоз намедиҳад, медонам. Фаразан, агар медод? — Баъд ҳайронии ҷавонро дида эзоҳ дод: — Агар аз аввали

пахтачинӣ 25-тинӣ диҳанд? Як кило пахтаи чидаи мо — донишҷӯён ба колхоз бисту панҷ тинӣ меафтодаст! Инро иқтисодчиёни мо аллакай ҳисоб карданд... Яъне, тахмин не, аниқ аст, мефаҳмед? Агар ҳамин пулро ба худи деҳқон диҳанд, намечинад?

— Агар ба колхозчӣ бисту панҷтинӣ диҳанд, зану бача ба саҳро мебароянду кӯрак шукуфта-нашукуфта мегиранд-дия. Ба мо сетинӣ, сонитар панҷтинӣ, дар охир даҳтинӣ ҳақ медиҳанд.

— Дидед, аз ин хусус ҳеҷ кас фикр намекунад. Чунон ки русҳо мегӯянд, хасис дуболо харҷ мекунад, — ҳам ҳамон бисту панҷ тин аз киссаи колхоз меравад, ҳам ташвиши зиёд, ҳам ҷавонон аз таҳсил, коргарони завод, ходимони идораҳо аз кори худ мемонанд.

— Ба колхозчӣ раис бисту панҷтинӣ дода наметавонад. Район ба ин раҳ намедиҳад. — Гуфт Ғаюр бо ин ҳама дониш соддалвҳ будани духтарро пай бурда.

— Барои чӣ?

— Сабабашро намедонам. Аммо раҳ намедиҳанд.

— Ана, ҳаминро бюрократизм мегӯянд. Мамлакати моро ана, ҳамин мараз хароб мекунад. Аз давлатманду доро гаштани аҳли заҳмату ҳунар бюрокарти мансабдӯст метарсад!

Ғаюр ҳайрон буд, ки ин духтари шаҳрӣ ин ҳама сирҳоро аз куҷо медонад. Дар синни аз ӯ як сол хурд-а! Расо китоби мӯл хондагӣ. Ба ҳар нависанда эътиқод надорад, китоби баъзеро “намешавад” мегӯяд, исбот ҳам мекунад...

Он шабе, ки Ғаюр аз паҳлӯи Лола қадамзанон қад-қади рӯди деҳа мерафту суханони ӯро гӯш медод, бо майдатарин ҷузъиёташ дар хотири вай якумрӣ нақш баст, зеро он шаб дар деҳа вопасин мулоқоташ бо Лола буд.

* * *

Рӯзи дигар дар сари кӯпруки сой трактори Ғаюр вайрон шуду ӯ қарибиҳои соати даҳуними шаб ба хона омад. Саросема шустушӯ кард, тағйири либос намуду хӯроки модар ба пешаш гузоштаро нахӯрда, ба сӯи идораи колхоз тохт. Бевақт шаб дар кӯчаи деҳа одам кам буд. Ғаюр саросема ба китобхона даромад, ба клуб рафт, ба магазин сар халонд, аммо Лоларо наёфт. Ба хобгоҳи донишҷӯён рафт, ӯро чеғ заданӣ шуд, аммо андеша кард, ҷуръаташ нарасид. Ҷавонони донишҷӯ бе он ҳам ҳамроҳи Лола дида, ба сӯяш баъзе тамасхуромез, баъзе кинаварона ғазабнок менигаристанд.

Ғаюр он шаб дар сари чорраҳа ба равандагону ояндагон нигариста, то хеле вақт истод.

Шаби торики деҳа зуд ҳамаро хона ба хона меронд. Ягона мотори гоҳ вайрону гоҳ соз, ба чароғҳои кӯчаю биноҳои маъмури базӯр қувва медод. Лампочкаҳо монанди помидори танги тирамоҳ базӯр сурх гашта кӯчаҳои торики деҳаро равшан карда наметавонистанд. Ҳамдеҳагон мегуфтанд, ки хирасӯзии чароғҳои деҳа аз нияти моторгардон аст, дили Муроди дузд, ки равшаниро намехоҳад, чароғе, ки ӯ дармегиронад, чӣ гуна равшанӣ бахшад?!

Табъи Ғаюр бениҳоят хира ба хона баргашт. Ҳарчанд худро таскин дод, ҳар қадар гуфт, ки шаби дигар Лоларо мебинад, вале дар дилаш як навъ ташнагӣ, андӯҳи вазнини ғашноке ӯро безобита мекард. Дилаш чунон танг шуд, ки мисли мурғи посӯхта намедонист худро ба куҷо занад.

Вай ҳамон шаб ба дил иқрор кард, ки Лоларо дӯст медорад, бе ин духтар дигар зистан наметавонад. Аз ин иқрори худ Ғаюр бештар дилтанг гашт, зеро хуб медонист, ки падару модараш Лоларо ба осонӣ ба вай намедиҳанд.

* * *

Субҳи рӯзи дигар идораи колхоз, чойхона ва боз ду биное, ки ҳоло хобгоҳи муваққатии донишҷӯён буд, ба мисли орухонае гашт, ки бачаҳои шӯх онро бо чӯб кофтаанд: роҳбарон дар такопӯй, ҳама безобита, асабонӣ, парешонавзоъ; донишҷӯён ба кор набаромада, гӯё касеро мунтазир, воқеаеро нигарон буданд. Баъзеҳо лаҳза ба лаҳза ба роҳ баромада, ба тарафи район менигаристанд, то бубинанд мошине меояд ё не.

Интизории онон тӯл наёфт. Газики милиция омада дар назди идораи ҷамоа қарор гирифт ва аз он ду нафар милиционер ва ду-се нафари дар тан либоси урфӣ фуромада, саросема ба идорахона даромаданд.

Дар идорахонаи раиси ҷамоа Лола дар иҳотаи се-чор нафар раҳбарон ва муаллимони донишгоҳ менишаст. Рӯмолашро аз таги гӯлу печонда бастагӣ, чашми чапаш андаке варам, як тарафи пешониаш кабуд. Духтарак маҳзун, хиҷолатманд ва нагунсор, дар ғояти мусибатзадагӣ аз фарш нигоҳашро намебардошт.

Ҷавонмарде, ки аз гапу кораш муфаттиши адлия буданаш аён буд, портфелашро кушода коғазу ручка гирифту шикояти Лоларо навишт, ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои расмиро оид ба ҷиноят тахт кард ва сипас дигарҳоро аз идора баровард ва ба чашми Лола зеҳн монда нигарист. Духтар аз ин нигоҳ бесаранҷом гашту нафақат чашмашро, балки рӯяшро ҳам андаке аз ӯ
гардонд, миёни абрӯвони борику хамзадааш чин гирифт.

— Хӯш, акнун ба саволи ман ҷавоб диҳед: Гумонатон одами ҳамла кардагӣ кӣ бошад?.. Аз кӣ гумонбаред? Ба кӣ монанд буд? — овози муфаттиш сохта ва оҳанги тантананоки худбоварона дошт.

Лола сарашро набардошта китф дарҳам кашиду ҳарфе назад.

— Натарсед, шубҳаатонро гӯед, мо номаълум месанҷем, таъин мекунем... Дар дасти мо усулу воситаҳои гуногун ҳаст, агар ба осмон равад, аз пояш мегирем, ба замин дарояд, аз гӯшаш кашида мебарорем, — муфаттиш аз чӣ бошад, ки мамнун табассум мекард. Ба Лола чунин намуд, ки вай аз рӯи додани ин ҳодиса хурсанд аст ва фикру зикраш чандон ба дарёб кардани ҷинояткор банд нест. Вай сар бардошта ба чашми муфаттиш нигаристу гумонаш яқин гашт: дар нигоҳи мард асари ташвишу изтироб ва ё ҳамдардӣ набуд. Сипас вай боз китф дарҳам кашид, вале ба ҷавоби ӯ нигарон будани муфаттишро пай бурду гуфт:

— Нашинохтам... Ба чашмам хок буд ё хокистар чизе пошид... даҳанамро бо дасташ пӯшид як бор ё ду бор фарьёд карда тавонистам... Баъд кашола кард... Хайрият, бачаҳо овозамро шунида, расида омаданд... Дигараш — маълум...

— Яъне, фарьёд кардед?.. — Муфаттиш ба лабу даҳони Лола зеҳн монда нигаристу духтар бесаранҷом шуд.

— Дар рӯятон доғи дасташ намондаст?.. Рӯятонро шустед? А?

— Намешустам-чӣ? Ҳамон замон шустам...

— Хуб, фарёд задед-а? — Боз пурсид муфаттиш.

— Ҳа, якбора фарьёд кардам. Сонӣ ба рӯяш чанг задам... Даҳону биниамро бо дасти ифлосаш сахт пӯшид, қариб нафасгир шавам. Ҷонҳавлӣ ба рӯяш чангол задам. Аз дасташ бӯи рӯғани трактор меомад... — гуфт Лола тез-тез.

— Ҳа-ҳа... равғани трактор... Хӯш-хӯш... Ҳа, дар чашмаш ё рӯяш захми нохунатон мондагист-а?

— Ҳа, мондагист... Ман чӣ донам, — боз илова кард духтар.

— Баъд чӣ?.. Ҳа, батафсил, ҳамаашро, майда- чуйда-

ашро напартофта гап занед. Ҳар як ҷузъияти ночизу назарногир ҳам зарур аст. Шумо аҳамияти онро намедонед. Хуб, сонӣ?

— Хайр... Сонӣ... кашола кард, ман тан надодам... Баъд, бачаҳоро дида, гурехт.

— Қадду басташ, овозаш чӣ хел буд?

— Бачаҳо омаданд... Ман чашмамро кушода наметавонистам, чашмам месӯхт.

— Овозаш? Овозаш чӣ хел буд? Борик? Ғафс? Овози бача ё марди калон? Нафаҳмидед?

— Ба фикрам... овоз набаровард.

— Хайр, ба гумонатон кӣ бошад?.. А? Ҳа, синнаш гумонатон чанд сола буд? Хайр, тахминан ҷавон ё миёнсол?

— Ҳайронам... Намедонам. — Баъд лаҳзае андешиду гуфт: — Ба фикрам, ҷавон набуд... Дасти бачаи ҷавон ин хел намешавад.

— Чи хел?

— Дасташ дурушту сахт, дасти ҷавон барин не...

Ба миён хомӯшӣ афтод. Муфаттиш менависту менавист.

— Аз ҷавонон бо киҳо наздик будед? Аз бачаҳои деҳа?.. Кӣ шуморо таъқиб дошт, раҳатонро мепоид? А?.. Ё бо ҳавас менигарист? Аз нигоҳаш, ваҷоҳаташ пай намебурдед?.. Аз донишҷӯён кӣ ба шумо диққат мекард... Хайр, аз чашмаш, ҳаракаташ маълум-ку.

— Ҳайронам... Бо як бача шиносам, аммо... вай набуд.

— Кӣ вай? Номаш?

— Аз ҳамин деҳа, номаш — Ғаюр, трактор меронад. Вай не...

Баъд аз пурсуҷӯ ва нависонависи бисьёре муфаттиш дигар шоҳидони воқеа ва муаллимони донишгоҳро низ пурсид, аз ҳар яке баёнотнома гирифту сипас раҳбари

гурӯҳи донишҷӯёнро ҷеғ зада, амр кард, ки ҷавонон як кас намонда, ҳама саф кашанд, агар ҳар касе, дар саф набошад, номашро ба ӯ навишта диҳанд.

Муфаттиш ва дигар ходимони адлия як-як ба чеҳраи ҳар як ҷавон зеҳн монда нигариста, аз пеши саф гузаштанд. Баъд, он ду нафар ҷавони ба ҳимояи Лола расидаро боз ба идора ҷеғ зада, гап пурсиданд. Сонӣ роҳбарони деҳаро пурсуков карданд.

Ходимони адлияи район баъди он ки ду рӯз дар деҳа кофтукову пурсуҷӯ карданд, рӯзи сеюм бо ҳамон мошини газик ҳамроҳи раиси ҷамоа ба пахтазор рафта, Ғаюрро аз сари кораш гирифтанд. Ҷавон ба ғазаб омад, суханони пасту баланд гуфт, дар худсарию беадолатӣ онҳоро муттаҳам кард, вале ба суханони фиғономези вай ҳеҷ яке аз онҳо эътибор накарданд. Фақат раиси ҷамоа ҳамдардона гуфт:

— Ғам нахӯр... Месанҷанд, агар бегуноҳ бошӣ, озод мекунанд.

— Ин аҳмақӣ аст, амак! Аввал маро ба ҳабс андохта, сонӣ аниқ мекардаанд!.. Ман гурехта рафтанӣ нестам-ку... Чӣ ҳақ доранд? — фиғони ӯ баланд мегашт. — Ин тавр бошад, прокуратура ҳар киро хоҳад, бурда ба ҳабсхона мезадаст-дия!.. Э, одам мӯрча барин қадру қиммат надоштаст-ку! Ман акнун донистам... — ӯ лаҳзае ором мегашту сипас дигар бора фиғон мебаровард: — Ман ин корро ҳамту намемонам... ба рӯзномаҳо менависам, ба Маскав менависам...

Муфаттише, ки дар курсии пеши мошин менишаст, тамассхур мекард.

Ҳафтае аз миён нагузашта, дар ҳабсхонаи муваққатӣ мӯи қатрон барин сиёҳи Ғаюр ранги хокистари ҳезуми сафедор гашт. Аз саволу ҷавоби муфаттиш чунон ба ҷон

омад, ки баъзан гапи гуфтагиашро худаш ҳам намефаҳмид. Аз талқин ва пурсиши бисьёр баъзан ба вай чунон ҳолате рӯй медод, ки гуё ҳамаи ин гуноҳро ӯ содир кардааст.

— Ту додарам, агар ин хел инкор кардан гирӣ, гуноҳатро вазнинтар мекунӣ. Худат иқрор гаштӣ, ки шабҳо духтарро ба сайругашт мебурдаӣ. Ҳамаи санаду далелҳо нишон медиҳанд, ки ту гунаҳгорӣ. Хоҳӣ-нахоҳӣ, гунаҳгорӣ, ҳазор бор не гӯй ҳам, беҳуда!.. Худат медонӣ, агар ҳар кас аз дили соф гуноҳашро ба гардан гирад, аз кардагиаш пушаймон бошад, қонун ҳам ба вай гузашт мекунад... Ҷавониатро, софдилиатро ба инобат мегиранд. Хӯш... тавсифномаи ба ту додаи колхозат ҳам нағз не... Яъне пеш аз ин ҳам авбошӣ мекардаӣ... Ба саркор дӯғ зада, одамонро аз кор монда будӣ... Дар иғвогарӣ... Хайр, ҳеҷ гап не, агар софдилона ба гуноҳат иқрор кунӣ, муҳаббататро ба духтар инобат карда шояд, ки суд озод кунадат.

Ғаюр ба ёд овард, ки муаллими таърихи мактаб Навҷавоновро ҳам барои шикояташ ба иғвогарӣ муттаҳам карда буданд... Халқи гӯлу гумроҳ бовар кард, ки муаллим иғвогар аст. Ана, ба ҳамин тариқ, ба авбошии вай ҳам бовар мекунанд.

Дар умраш бори аввал Ғаюр фаҳмид, ки рӯзу шабҳо ин қадар дароз будаст. Дар ҳабсхона одамон фикр мекунанд. Вай ҳам фикр мекард. Соатҳои дароз меандешиду оқибат дар пеши чашмаш боз ҳамон ситораи думдори дар овони кӯдакӣ дидааш ҷилва менамуд. Нури сарди он ҳар замон гӯё дилу ҷигарашро алмос барин бурида мегузашт. Не, вай аз бебароршҳо наметарсид, азму иродати ӯро шикастани нокомӣ осон набуд. Вай ҳанӯз умедвор буд, ба инсофу адолати мардумӣ бовар дошт, ба ҳақиқати давр, ба қонун эътимод мепарварид. Аммо вай бехабар аз он буд,

ки қисмати инсон ба давру замони зиндагиаш сахт вобаста бошад, ҳам хислат ва атвори шахс низ дар ин ҷода тақдирҷунбон аст.

## Боби 4

Ғаюр ҳам дар сари кор, ҳам дар маҳбасхона фикр мекарду аз як нафар маҳбуси қонундон гаштаю баргашта мепурсид: “Охир мани бегуноҳ чаро дар ин ҷоям? Чаро?” Маслиҳат мепурсид, аммо ба саволи худ ҷавоби саҳеҳ намеёфт. Ӯ ба ҳукми ноодилона ҳеҷ тан дода наметавонист. Гоҳе аз алами оҷизӣ хилвате меҷусту хомӯш нишаста, гиря мекард. Вай то ба маҳбусӣ одат карданаш он қадар оби чашм рехт, ки зани гирьёнчаки бебахт ҳам, умре ин қадар ашк рехтанаш дар гумон аст. Аммо Ғаюр эҳсос мекард, ки аз ашкрезӣ ҳолаш сабук намешавад, аламаш паст намегардад. Ашки вай ғӯраҳои қаҳру ғазаб буд.

Айёми ҷавонӣ — даврони беғамию хушбахтиҳои беканори вай, фасли муҳаббаташ ба ҳамин минвол, ба тарзи ҷонгудозе хотима ёфт. Вай ҳанӯз ҳам бовар надошт, ки гунаҳгораш карданд. Чунин мепиндошт, ки адлия имрӯз не, фардо таҳи гапро мефаҳмаду саҳви худро ислоҳ хоҳад кард.

Агар вай то ба имрӯз доири зиндагӣ, неку бади ҳаёти одамӣ ягон лаҳза ҷиддӣ наандешида бошад, дар ин ҷо рӯзу шабҳои дароз, ҳафтаҳо ва моҳҳои тоқатшикан фикр мекарду фикр мекард. Ғаюр ҳамеша гирди ду-се тан мардони қонуншиносу дар маҳбас соҳибтаҷриба мегашт ва гаштаю баргашта аз онҳо доири ин тӯҳмати ба сараш афтода маслиҳат мепурсид.

Вай беш аз ҳама аз он алам мекашид, ки дар деҳа ҳеҷ кас ба шахси вай тӯҳмат будани ин ҳодисаро намедонад ва як умр ӯ дар назди одамон бегуноҳии худро исбот карда

наметавонад. Агар ягон касро мекӯфт ва ё пулу молеро дуздид гӯён ӯро ҷазо медоданд, беҳтар буд, вай ба одамон исбот мекард, ки ба кӯфтан ё ба дуздӣ қобил нест.

Дар ин ҳама ранҷу шиканҷаи худ Ғаюр сараввал Лоларо гунаҳгор медонист, ӯро бо лаънату нафрати беҳудуд ба ёд меовард, афсӯсу надомат мекард, ки чаро бо вай ошно гашту ба сари худ ин касофатро биовард. "Агар дар суд як даҳан мегуфт, ки одами ба ман ҳамлавар ин ҷавон не — олам гулистон буд. "Чӣ хел одам будани ӯро дида натавонистам... Ба фикрам, одами ҷавон набуд..." пӯлашӯла гӯён майдагапӣ карду сари маро дар бало бимонд. Агар қатъӣ мегуфт, ки ин ҷавон не, суд ҳам, прокурор ҳам, маро ҳеҷ кор карда наметавонистанд. Дар ин ҷо одамони қонуншинос ҳам ҳаминро гуфтанд. Як даҳан гап-а, беинсоф, агар як даҳан мегуфт, ки ин бача не, ман ин вақт хушбахту хушҳол трактор ронда мегаштам, замин шудгор мекардам, алаф медаравидам, силос мехобондам, ҷӯяҳои пахтаро нарм мекардам, пахта мечидам... Э, чӣ қадар дар деҳа кори мӯле! Агар намурда, аз ҳамин ҳабсхона зинда бароям, аввал рафта модару хоҳарамро мебинаму сонӣ туро кофта ба Душанбе меравам, духтар! Агар дар назди чор нафар ёру дӯстонат мегуфтагиамро гуфта, ба рӯят туф накунам, аз дилам ин алам намерафтагӣ барин. Бигузор, маро гирифта боз ҳабс кунанд! Се сол дар ҳабс намурдагӣ одам, агар барои авбошӣ боз як моҳ бишинад, намемурдагист..."

Рӯзе аз рӯзҳо вай аз Лола мактуб гирифт. Пагоҳӣ ба кор равона буданд, ӯ мактубро гирифту аввал хост, ки пас баргардонад, вале фурсати дуруст андешидан набуд, бинобар он, ба ҷайб заду ба кор рафт. Тамоми рӯз Ғаюр кор мекарду дар ҷайбаш нома не, гӯё каждуме бошад, беқарор буд. Ба вай чунин менамуд, ки ҳатто ҳамин номаи вайро ба даст гирифтанаш ҳам, аломати сустдилӣ, заифмиҷозӣ,

нишонаи азму ҷазми қавӣ надоштани вай аст. Аз тарафи дигар, вай мехост, ки чиҳо навиштани Лоларо, бо чи суханон худро сафед кардани ӯро боре бихонад. “Аз оҳанги каломаш дилашро мефаҳмам. Азоби виҷдон як умр туро ором намемонад, духтар!.. Хайр, чӣ ҳам менавишт, тасаллӣ, дилсӯзии оҷизона, узр, мебахшӣ, ман нафаҳмидам... Гум шав...” Ғаюр хост номаро аз кисааш бигираду даруни хокрӯба партояд, вале боз ҳам андешид.

Ғаюр фақат баъди се рӯз тавонист, ки ба рӯи нома раддия навишта, онро баргардонад. Се шабу се рӯз ақлу дили вай дар ду ҷабҳа талош карданд. Дилаш мегуфт, ки мактубро кушою бихон, он ба номи ту, суханони меҳрангези духтар фақат ба номи ту имло шудаанд, гуноҳи маҳбубаро бахшидан ҳам аз ҷавонмардист, балки вай ҳам гуноҳе надорад, охир, дар суд гуфт-ку, кӣ будани он нокасро намедонам, ба ҳар ҳол, ҷавон набуд, дасти марди миёнсол буд... Вале ақлаш ба Ғаюр исрор мекард, чунин беақида ва ноустувор набош, гуфтӣ, ки ба рӯяш туф мекунам, сабр намою туф кун, ана, ин кори ҷавонмардона аст. Беҷазо мондани хиёнат ва нобакорӣ чӣ маънӣ дорад, намедонӣ? Яъне, ту оҷизу бечорай, беномус ва безардай! Мард дар дунёи барои ситондани қасосаш зиндагӣ мекунаду умр ба сар мебарад.

Аз миён ду ҳафта ё бештар вақт гузашту боз аз Лола мактуб омад. Ғаюр ин бор лаҳзае наандешида номаро пас гардонд. Баъд номаҳои зиёдро гардонд, ҳатто шумораи мактубҳои раддия навиштаашро фаромӯш кард.

Сонӣ худи Лола омад. Ба Ғаюр бо наздиконаш рухсати мулоқот доданду вай ҳамроҳи онҳо омад.

Аввал сухани модар ин буд, ки Лола бегуноҳ аст, шир барин поку мубарро аст, аз ӯ зинҳор наранҷад, аслан ин ҳам хости худо будаст ё навиштаи қисмат, ё кори

душманони нотавонбин ва ғайра ва ҳоказо. Ғаюр ба хотири сухани модараш ба ночор бо Лола салом кард.

Лола қариб ҳар ҳафта рӯзи истироҳаташ аз шаҳр ба деҳа омада, модару хоҳари ӯро ҳолҷӯӣ карда мерафтаст. Улфат мегуфт, ки ягон бор дасти холӣ наомадаст, рӯзгорамон серию пурӣ, аз ягон бобат камӣ надорем, Лола ҳар ҳафта сумкаашро пур карда биринҷу қанду набот, гӯшту равған, пичинию макарон — ҳамаашро мебиёрад.

— Саробони хонаводаро ба ҳабс андохт!.. Акнун ҳимматашро нишон доданӣ! Даркор не... Нагиред!.. — гуфт Ғаюр аз илтифоти духтар кароҳаташ афзуда. — Аз ин хел мулоимхунук...

— Агар ризои модар хоҳӣ, дар ҳаққи ҳамин духтар сухани бад нагӯй, сахт убол аст, писарам, — гуфт модар ин бор ба оҳанги сахт ва бо ҳамин хори кинаро аз дили Ғаюр барканду партофт.

Лоло ин бор ҳам ва қабл аз ин ҳам суханони дурушти Ғаюрро гунаҳкорона сархам гӯш мекарду барои сафед кардани худ ягон сухан намегуфт. Ӯ аз изтироб сурх мешуду бас.

Баъди як соли воқеа Ғаюр аз деҳа мактуби беимзое гирифт. Шахси маҷҳуле, ки аз оҳанги суханаш Камол буд, ба вай чунин навиштаст: “Ғаюр, ҳеҷ ғам нахӯр. Кора кардагӣ Муроди мантӯр будаст, дониста мон. Дар як ҷо маст гашта, худаш пӯкидаст. Ба прокурор даҳ ҳазор сӯм дода, ҷонашро халос кардаст. Аллакай мӯли мардум медонанд”. Ин хабар ба ҷароҳати қалби вай намаксой шуд: Ғаюр хеле муддат беқарорӣ кашид, ҳатто дигарбора хӯрду хобашро гум кард. Чӣ хаёлҳое ба сари ҷавони маҳбус намеомаданд, чӣ нақшаҳое дар сари вай ҷавлон намекарданд!

Он марди қонундоне, ки маҳбусон Қонунӣ лақаб карда буданд ва Ғаюр ҳамеша аз вай маслиҳат мепурсиду

машварат меандохт, ин бор ҳам ӯро хурсанд накард.

— Ҳой, гаранг, адлия маҷбур аст, ки ба номаш бошад ҳам, гунаҳгорро ёфта, ҷазо диҳад, — мегуфт вай монанди ҳамаи маҳбусон ба дуруштӣ. — Агар наёбад — кораш вой! Фалон қадар ҷиноятро наёфтӣ гӯён муттаҳам мекунанд, ҷойро холӣ кун мегӯянд. Бе вазифа вай якпула одам аст!.. Хӯш, гунаҳгор одами кордида будаст, пояшро нест кардаст. Ту каллаварамро ба миён андохта, муфаттишро ба роҳи ғалат равон кардагӣ. Муфаттиши гаранг сараввал аз ту ҳазор-ду ҳазор рӯёнида, сонӣ озод кардан мехостааст, аммо аз ту бало ҳам нарӯиданашро дида, ин пулро аз ҳамон монтёр гирифтагӣ. Муфаттиш саҳв накардаст, онҳо корашонро хуб медонанд: аз ҳар як ҳодиса бояд фоидае бигиранд. Аз ту пул нарӯидааст, бинобар он, аз гӯлию соддагии ту истифода карда, гуноҳро ба гарданат задаст. Ана, кори ин дуньё ҳамин хел аст, додарам: бекас, камбағал ё камзӯру камақл гаштана се газ замин кову дарою хоб кун, дигар гап не! Аз пайи духтари мардум гаштана, гову гӯсолаатро бонӣ, намешавад?!

— Кӣ шуморо сер мекунад, кӣ шуморо мепӯшонад, медонед? — Ин бор Ғаюр ҳам паст наомад. — На зӯру на доно! — Ҳамон деҳқони хокпоше, ки назару писанд намекунед, ба сӯяш ба таҳқир менигаред...

— Ана, аллакай ақлат даромадаст, бача! — Ба сари Ғаюр Қонунии навча аз боло бо кафи дастони бузургаш чунон фуровард, ки зоҳиран ба шӯхӣ мемонд, аммо ҳар инсонро аз пой меафканд.

Ғаюр калавида се-чор қадам рафту наафтод, вале сараш чарх гашту лаҳзае чашмонаш торик шуданд, гӯшҳояш садо доданд. Дақиқае чанд аз миён гузашту вай тамоман ба худ омад. Ба дил хайрият гуфт, ки аз по наафтод, шарманда нагашт. Ин мардум афтодаро бештар таҳқир

мекунанд, сахттар мезананд.

— Ҳой, гаранги қишлоқӣ, ҳамон Муроди мантурат чи хел одам аст, медонӣ охир? — боз пурсид Қонунӣ рӯзи дигар дар омади сухан.

— Э, як нокас... Шабҳо мотори электрро мегардонад. Як касро корд зада ҳабс шуда буд, шӯрапушт... Ғаюра боб кардам гӯён, хандида гаштагист.

— Ҳа, кордида будаст, — гуфт марди маҳбус андешаманд. — Муфаттишро зуд ба гап даровардааст. Агар аз аввал мегирифтанд, муфаттиш аз вай пул хӯрда наметавонист. Уна монда, туро гирифтанашро сабаб ин аст. Боз чунон гӯлаке мисли ту ба дасташ афтододаст... Ҳама бовар мекунанд, духтар катӣ алоқаманд буд мегӯянд...

— Акнун чӣ мешавад?

— Ҳеҷ гап не, ба тақдир тан медиҳӣ, гӯсола. Боз якуним солат монд. Мегузарад. Минбаъд чашмат кушода мешавад... Хайр, агар одами медавидагиат мебуд, сари вақт давуғеҷ мекарду судро вайрон карда, балки озодат менамуд. Не-е, агар муфаттиш аз он монтёр даҳ ҳазор гирифта бошад, корро пазондагӣ... — Боз аз қавлаш мегашт Қонунӣ. — Не, кори ту бенатиҷа. Ҳақиқат ҳаст, лекин... аз паяш давидан лозим. Суди Олӣ кайҳо тасдиқ кард, дигар ҳоҷати гап не.

— Гап дар ин не...

— Ҳа, боз чӣ мехоҳӣ? Вай монтёрро ҳабс кунонданӣ ҳастӣ? Ба ин кор зӯри ту намерасад, додар. Ҳақиқат ҳаст, аммо барои ба он расидан дасти ту кӯтоҳ аст.

— Гап дар ин не, охир... Ман намехоҳам, ки ноҳақ ҳамин доғ ба номам монад. Бо кадом рӯй ба деҳа меравам?.. Э, шумо одамони моро намедонед... Сад сол гузарад ҳам, фалонӣ ҳамин хел кор карда буд, гӯён таъна меку-

нанд. Як умр дар назди халқ забонкӯтоҳам! Ҳатто фарзандони маро таъна мекунанд: “Додотон аз дасти як духтари шаҳрӣ гирифта кашола карда, се сол дар ҳабс буд” мегӯянд.

— К чёрту!.. гуфтан гиранд! — Мисли ҳамеша Қонунӣ аввал бе эътино даст афшонду баъд гӯё ақлаш ба кор омил шуд. — Не, халқ аҳмақ не, медонад. Ба ин хел кор кӣ қобил, кӣ қобил не, нағз медонад. Ана, аллакай фаҳмидаанд-ку! Парво накун.

— Парво накарда мешудаст, сабил... Миллати мо дигар миллатҳо барин ҳарҷоӣ не, дур аз диёри худ, аз наздикони худ ҷудо зиндагӣ карда наметавонад.

— Метавонад!.. Ба ман нигар, ба деҳа нарав. Ба шаҳр раву хон, ҳунар ёд гир! Дидӣ, ҳамдеҳаҳои гарангат бегуноҳии туро донанд ҳам, хап гаштаанд. Ҳой, ба ман нигар, як кор кун: худат хонда муфаттиш шав. Ана, сонӣ, ин корро аз нав тафтиш карда, гуноҳи он мантуратро ба гарданаш дайн куну номатро сафед намо! Беҳазл мегӯям.

— Ҳамин хел карда мешавад? — Чашмони Ғаюр бо нури шодмонӣ дурахшиданд.

— Албатта. Ту ҳоло ҷавонӣ. Маълумоти миёна дорӣ. Аз ҳозир тайёрӣ бин, хон. Дар як сол чунон тайёр мешавӣ! Ман ёрӣ медиҳам... Лекин аз ин хусус дар ин ҷо ҳеҷ кас нафаҳмад. Фаҳмидӣ? Туро чунон омӯзам, ки ҳуқуқшиносони олам ба чангат расида натавонанд. Лекин қасам бихӯр, ки баъди тамом кардан прокурор намешавӣ. Агар прокурор шавӣ, дар куҷое бошӣ, ёфта саратро себча барин канда мепартоям!

— Кошки мехондам!.. Агар дар ивази ин ранҷу азоби сесолаам ҳуқуқшинос мегаштам, як не, сад бор аз толеъ розӣ будам... Он лаънатиро ба гуноҳаш иқрор менамудаму дар назди омма судаш мекардам.

Дар тӯли як сол бори аввал ба дили Ғаюр ин гуна шавқу рағбати зиндагӣ шарора пошид, бори аввал дарду алами худро каме фаромӯш кард. Ин рағбат дар пеши назари вай кулли сахтиҳоро осон намуд, дари дуньёи дигареро аз боби илму дониш, китобу фарҳанг боз кард.

Ғаюр дигарбора китобу дафтару қалам ба даст гирифт. Ба китобу дафтар вай ин бор бемақсад, ҳамчун як кори беҳуда ва нодаркор наменигарист. Шавқу рағбати ӯро дида, Қонунӣ ҳам ҳавасманд гашт. Агар дар аввал илмомӯзиро ба таври мазох талқин карда бошад, сонитар ҷиддан ба Ғаюр мусоидат намуду гуфт: “Агар дунё кунфаякун гардад ҳам, майлаш ҳақиқат ба рӯи об борояд!..” Медонӣ инро кӣ гуфтааст? Суханони тилло! Шоҳи фаронса Франсискои Як гуфтааст, каллагаранг!”

## Боби 5

Имтиҳоноти қабул ба факультети ҳуқуқшиносӣ бори аввал рӯҳи муддатҳо афтодаи ӯро чун сабзаи пажмурда ва афтодаи ӯро мисоли оби равон ҷон бубахшид, боло бардошт, вай худро ба дигарон ҳамсанг ва ҳамсар дид, ба рӯяш табассуми шодмонӣ давид, қоматашро андаке рост гирифт. Баъди супоридани иншо ду нафар муаллимон ӯро ҷеғ зада, аввал пурсиданд, ки чаро ба факультети ҳуқуқ-шиносӣ даромаданӣ аст.

— Ҳамту... — ҳайрон-ҳайрон китф боло кашид ӯ. — Ҳуқуқшинос шуданиам, — ҷавоб дод Ғаюр сахт ваҳмида. Вай аз саргузашти сиёҳи худ дар хавф буд, ки мабодо фош гардаду ба таҳсилаш монеъ шавад.

— Ҷои ту факультети филологӣ аст, додар!.. Агар хуб гӯӣ, мо гап мезанем, мегузаронанд. Мутахассиси хуб шуданат мумкин, — гуфт яке аз муаллимон бо табассум.

— Бовар кун, дар илми адабиёт қобилиятат бештар аст. Албатта, онҳое, ки факултети филологияро хондаанду худро адабиётдон меҳисобанд, бешуморанд, аммо адабиётшиноси ҳақиқӣ дар мо хеле кам аст. Дар ин бобат ба ту умед бастан мумкин аст.

Ғаюр ба чеҳраи онҳо нигариста, сараввал пиндошт, ки ҳазл мекунанд ва ё мазоҳ, сонӣ дар охир матлабашонро изҳор менамоянд. Ба ҳар ҳол, вай сабаби ин ҳазли бемавридро фаҳмидан мехост, аммо муаллимон аз афти кор, хаёли ҳазл кардан надоштанд, ҷиддӣ ба ҷавоби ӯ нигарон буданд. Ғаюр боз ба шубҳа афтод: чаро онҳо ӯро ба факултети дигар ташвиқ мекунанд? Боз ин чӣ найранг бошад? Рӯирост гӯянд — намешавад? Дар ин факултет хондани ман мумкин набошад, не-дия...

Ғаюр аз ҳабсхона дилашро аз шубҳаю гумон ва нобоварӣ пур карда баромада буд, аммо инро худаш пай намебурд. Вай таҳи ҳар як сухан, ҳар як рафтори атрофиёнашро бодиққат мекофт, ҳар як суханро баъзан чандин паҳлӯ гардонида меандешид, мабодо дар таҳи коса нимкоса бошад, мегуфт. Бинобар он, аз ин пешниҳоди муаллимон бағоят андӯҳгин гашт, ҳатто аз орзуи дер боз ба дил парваридааш ба якборагӣ умедашро бурид.

— Муаллим, рӯирост гап занед, чӣ муддао доред?.. Ман кӯдак не, мефаҳмам, — гуфт вай ба дуруштӣ. — Дар ин факултет таҳсили илм кардани ман мумкин нест?.. А? Ҳамин тавр гуфтаниед? Медонам, дар ин ҷо асосан, фарзандони вазирон, прокурорҳо мехонанд. Ба ягон нафар ҷои ман даркор шуда бошад...

— Э, мо ба фоидаи ту мегӯем, бародар, — аз қаҳру тундии ӯ ҳайрон шуданд онҳо. — Агар нахоҳӣ, зӯрӣ намекунем. Дар синни ту бисьёр ҷавонон маркази қобилияти худро возеҳ дарк накарда, ба ҳар сӯ парешон мегардаанду

вақти азизро беҳуда мегузаронанд. Мо мехоҳем, ки дар ин ҷода ба ту ёрӣ кунем. Аз ту филолог мебарояд, медонӣ?

— Не... Агар мумкин бошад, ман дар факультети ҳуқуқшиносӣ хонданиам, — гуфт Ғаюр бо авзои оштинопазир ба чашми муаллимон нанигариста.

— Афсӯс. Қобилияти худро ҳайф мекунӣ! — гуфт сар ба надомат ҷунбонда яке аз муаллимон. — Имрӯз дар назарат прокурору муфаттиш барин одами бузургу қудратманд нест, зиндагиашон ҳам даҳчанди дигарон...

— Не нагӯй, фикр кун. Мо ба ҳар кас ин хел пешниҳод намекунем, — сухани якеро бурида, исрор мекард муаллими дигаре, ки аз дуруштии Ғаюр ба ҷои қаҳр таажҷубаш афзуда, кунҷковона ба рӯи вай менигарист.

— Не, намехоҳам... Ман ҳуқуқшинос шуданӣ.

Муаллимон бо таассуф такрор ба такрор сар ҷунбонда аз ӯ дур шуданд.

Ғаюр дар ҳабсхона китоби “Гулистон” ва “Бӯстон”-ро хонда буд, хонда буд гуфтан кам аст, аз пурхонӣ ёд карда буд. Умуман, аз осори Саъдӣ байту ғазалҳои зиёде аз ёд медонист. Дар имтиҳон бо унвони “Одамият ва назари Саъдӣ” иншои самимие навишта буд, ки муаллимон аз хондани он ба ваҷҳ омада, ба ӯ бо чунин пешниҳод рӯ оварда буданд.

Дар имтиҳони фанни таърих вай баробари Ҳайдар билет гирифта, дар сари як миз нишаст. Нишасту саволҳои билеташро мулоҳиза кард ва дилпур аз худ, хотирҷамъ онро чаппа карда монд.

Сипас ба қафояш нигарист, ки духтараке имдодталабона сӯяш нигоҳ кард. Ғаюр оҳиста сарашро гардонда саволҳои билети ӯро хонду ҷониби духтар ба ишорат чашм хобонд, яъне, хондам, ҳозир навишта медиҳам, гуфт. Баъд вай дар даҳ дақиқа ба ҳар ду саволи билети духтарак

мухтасар ҷавоб навишта дод. Сонӣ як тан ҷавонаки лоғари деҳотӣ, ки дар паҳлӯи чапаш менишаст, билеташро бо оринҷ тарсону ҳаросон ба ҷониби Ғаюр лағҷонда, ба имо хоҳиш кард, ки кӯмак расонад. Ғаюр ҷавоби саволҳои ӯро ҳам зуд навишта, варақро ба сӯяш ғеҷонд.

Ӯ ҳеҷ намеандешид, ки агар муаллим дар сари ин амал бигирадаш, мебояд бо орзуи таҳсили илм ва ҳуқуқшиносӣ падруд гӯяд... Аз афти кор, айёми ҷавонӣ бо ҳамин гуна сифатҳои бепарвоию фориғболӣ ва дил ба дарьё заданҳояш аз фаслҳои дигари умр тафовут мекунад. Сарфи назар аз саргузашти талху сабақомӯзаш Ғаюр ҷавон буд ва аз меҳвари синну соли худ берун рафта наметавонист.

Баъди он, ки Ғаюр ба атрофиён кӯмак расонд, Ҳайдари бо кару фар, олуфтавор либос пӯшида, низ оҳиста ба тарафи вай лағҷида наздик гашту ду-се бор бо оринҷаш нихта карда, гуфт, ки саволҳои билети ӯро нигарад. Ғуруру баланддимоғӣ ва ситораи ин ҷавон ба Ғаюр хуш наомад магар, ба вай ёрӣ кардан нахост. Ӯ бо тааҷҷуби ошкоро ба вай нигариста китф дарҳам кашиду бо забони нигоҳ мо имтиҳон месупорем, ман ба ёрӣ ҳақ надорам гуфт. Ҳайдар ғазабнок пичиррос зад, аз афти кор, зери лаб дашноме дод. Баъд ба хона Орифӣ даромад. Мӯйи ҷингилааш аз равғани бриолин ялаққос мезад. Вай лаҳзае дар паҳлӯи имтиҳонгирандагон нишаста, ҷавоби духтаракеро гӯш кард, сипас, бархосту ба назди Ҳайдар омад. Орифӣ сараввал “ҳа-ҳу” гуфта хаёл карду баъд пичиррос зада, мавзӯъро ба хотири вай овардanӣ шуд:

— Ҷанги Ватании 1812, ҳуҷуми Наполеон... Кутузов... Бородино... Шикасти французҳо... Ҳа-ҳа, ба ёд биёред... — ин мафҳумҳоро якта-якта, бафосила номбар кард вай.

Ғаюр барои ҷавоб додан бархосту дигар надонист, ки Ҳайдар он мавзӯъро чӣ андоза ба хотир овард, чӣ хел ҷавоб дод, чӣ баҳо гирифт.

Вай ҳоло хуб медонист, ки хари ин гуна зотҳо ба ҳар усул аз об мегузарад, онҳо дар зиндагӣ дармондан чист, намедонанд. Аз таъқибу таъзиқи Сталин то худпарастию ҷӯрабозӣ ва бедодгариҳои Брежнев барои таъмини фароғати ин тоифа буд, шароити сози сукут ва рукуд муқобили инҳо эътироз ва ҳақиқатталошӣ накарданро ҷорӣ карда буд.

## Боби 6

Айёми таҳсил дар донишгоҳ, ҳалқаи ҳамсолони шӯху беғам занги андӯҳро аз дили Ғаюр асосан сутурданд. Агарчи андӯҳи ба зоҳири ӯ соя афканда ҳоло қисман бартараф мегашт, вале он гиреҳе, ки дар дили вай афтода буд, ба осонӣ кушода намешуд, ҳасрате, ки дар умқи чашмони андешамандаш нишаста буд, бо гузашти айём бардошта намегашт. Ғаюр як ҷавони камгап, ба кас нобовар, нисбат ба синну солаш зиёда вазнин ва пуртамкин, ҷиддӣ, ҳазлнобардор ва дар назари ҳамсолон дарундору пурасрор буд.

Вай солҳои аввал шабҳо ҳамчун посбони як идораи сохтмон кор мекарду рӯзона дар донишгоҳ дарс мехонд. Шабдармиён навбати посбониаш мерасид. Ба ин васила вай ба хонавода кӯмак мерасонд.

Лола ҳоло дар курси чоруми факультети иқтисодӣ таҳсили илм мекард. Алҳол муносибати ӯ бо Ғаюр номуайян, тира ва рӯҳшикан буд. Баъзан Лола бо ягон баҳона сари роҳи Ғаюрро поида меистоду дақиқае чанд ҳамроҳаш мерафт. Лола бо симоии хушҳолии бардурӯғ бидиррос

мезаду аз ҳар бобат сухан мегуфт, аммо сӯҳбат чандон даргир намегашт. Ғаюр гуфтугӯро дастгирӣ намекард, ба пурсиш ҷавоб медоду бас. Лола аз инчунин муомалаи ҷавон малулу музтариб хайрухуш мекард.

Баъди аз ҳабс озод гаштани Ғаюр Лола дигар ба деҳа намерафт, аммо модари Ғаюр аввалҳо ҳар замон ба маркази район омада, ба хонаи онҳо занг мезаду ӯро бо ягон баҳона ба деҳа даъват мекард, вале Лола майли равуо надошт ё инро ба иззати нафсаш нораво меҳисобид. Модар ҷуръати ба Душанбеи дур сафар кардан надошт, то ташнагиашро ба дидори Лола шиканад. Ӯ маҳзун ба хона бармегашт.

Бешак, агар модараш ба Лола ин қадар моил намебуд, Ғаюр балки чашмашро мепӯшиду гуфтаниашро ба рӯи духтар мегуфт ва як санги ноҳинҷорро аз синааш дур меафканд. Меҳри Лола ҳанӯз ҳам дар як гӯшаи қалбаш зинда буд, аммо ҳар замон кинаи хуфтааш бедор мегашту алам мекашид, ки ба касофати ҳамин духтар ӯ бадном гашт. Ӯ рафта-рафта ба худ иқрор кард, ки Лоларо аз дил берун афканда наметавонад, аммо гуноҳи ӯро бахшидан ҳам осон набуд. Акнун, ки модараш ҳам ба ин духтар часпон гашт, Ғаюр ба мулоқоташ мерафт ба дидораш ташна буд, вале охири ин муомиларо пешбинӣ карда натавониста саргарангӣ буд.

Лола саравал гумон мебурд, ки прокурор, суд ин гуноҳро ба гардани ҷавон бор кардану вай пеши Ғаюр бегуноҳ аст. “Ҳамла кардагӣ Ғаюр не, — гуфтам, — дасти он нокас ба дасти ҷавон ҳеҷ монанд набуд”, — гуфтам, боз чӣ кунам? — мегуфт вай дар он айём баъзан ба хоҳари Ғаюр Ҳалима ҳасрат карда. — Акотон аз ман домангир барин, ҳамроҳатон рафтам, рӯи хуш надоданд...” Вале

амин буд, ки муҳаббат кори худро мекунад, тамоми ин гумону шубҳаҳои камарзиш, гиламандию ранҷишҳои беасосро аз миён бартараф хоҳад намуд. Махсусан, баъди он, ки дар деҳа кӣ будани гунаҳгорро донистанду ин хабар аз даҳон ба даҳон гузашта ба аҳли хонаводаи Ғаюр ҳам расид ва боре модар онро ба Лола ҳам бигуфт, вай бештар ба ҳоли ҷавон дилаш месӯхт. Аҷаб не, Лола баъди ин хабар Ғаюрро бештар аз ҳар вақт дӯстдор гашт, ӯро як инсони ба ҳурмат сазовор донист. Дар суд мардона тамкин нигоҳ дошта бешӯру ғавғо, бе фарьёду фиғон, радди даъво кардани вайро пеши назар меоварду дар чашмонаш ашк меҷӯшид. Дар яке аз чунин лаҳзаҳо Лола аҳд карда буд, ки худро якумрӣ ба ин ҷавон хоҳад бахшид.

Бинобар он ҳам, се соли расо як пои вай дар деҳа буд. Мардуми деҳа дар автобус, дар кӯчаю магазин ӯро дида, ба якдигар гӯшакию пичир-пичир доштанд, баъзе аз кундфаҳмони бедаҳан ба сӯи вай ошкоро кинояю пичингҳои талх ҳам мепаррониданд, аммо Лола ин ҳамаро ба дил намегирифт, баръакс, аз назди чунин касон сарбаланду мағрур, нописандона, тамоми таъсир ва зӯри ҳусну малоҳати ҷавониашро намоиш дода мегузашту бо ҳамин дар назди ин одамон собит мекард, ки Ғаюр маҳбус бошад ҳам, ҷавони хушбахт аст, аз аксари онҳо хушбахттар аст. Бо ҳар як нигоҳ ва ҳаракаташ “Ку, барои кадоме аз шумо чунин як духтари нозанин саргардон меояд?” — гуфтан мехост. Аввалбор номаашро рад кардани Ғаюр ӯро сахт малул кард, вале Лола ба маъюсӣ тан надод. Вақте ки рухсати мулоқот доданду вай модару хоҳари ӯро гирифта ба Ёвон рафт, Ғаюр боз ҳам ба вай рӯи хуш надод ва Лола сахт малул буд, аммо модару Ҳалима парешонии ӯро бартараф карданд: “Ҳеҷ ғам нахӯр, вай туро дӯст медорад,

ба ҷуз ту дигареро хуш намекунад. Ту фариштаӣ, аз ту гузашта вай киро мегирад?!” Чунин суханони дар асл дилсӯзонаи модари Ғаюр ҳам ба дили вай сахт мерасид, “гӯё ман шавҳар гӯён ин қадар дар азоб бошам?! — мегуфт Лола ба дил алам кашида. — Ман ӯро ба варта андохтам, бояд ки наҷоташ диҳам!.. Аммо одамон инро намефаҳманд...”

Лола равуои худро ба деҳа қатъ накард. Аз ин бобат мактубе ба Ғаюр навишту ба модар дод ва хоҳиш кард, ки бо дасти худ ба писар диҳад, то ӯ бихонад ва боре дарди дили ӯро бидонад. Дар он нома Лола навишта буд: “...Акнун, баъди он, ки шумо ба касофати ман ин қадар азоб кашидед, бовар кунед, ман бо каси дигар хушбахт будан наметавонам, як умр диламро мехарошам, лаҳза ба лаҳза худамро мехӯрам. Фақат дар паҳлӯи шумо, дар баробари шумо ман хурсанд будан метавонаму бас...”

Ғаюр ҳоло одами дигар буд. Вай на фақат розҳои нонавиштаи духтар, балки суханони сидқан гуфтаи ӯро низ намешунид ва ё шунавад ҳам, аз як гӯшаш медаромаду аз дигараш берун мешуд. Ҳол он, ки Лола барои алоқамандиаш бо кадом як ҷавони деҳотӣ аз аҳли хонавода гоҳу бегоҳ таъснаҳо мешунид, номеҳрубониҳо медид.

Он солҳо одати ба бегонадиёр духтар надодан аз миён нарафта буд. Нафақат ба ҷавони деҳотӣ духтар додан, балки аз деҳа арӯс овардан ҳам, барои шаҳриёни соҳибэътибор кори хеле нохуш, як навъ нангин ба шумор мерафт. Мардуми деҳот ҳам ба арӯси шаҳрӣ чун ба арӯси ноҷорӣ менигаристанд.

Лола аз хонаводаи хеле бонуфуз ва соҳибэътибор бошад ҳам, наздикону пайвандони ӯро ба маънии ҳақиқии ин сухан одамони равшанфикр ва соҳибмаърифати замон

пин доштан хато буд. Дар шуури онҳо афкору ақидаи маъмули худпарастиву маҳалгироӣ устувор буд ва расму одатҳои тангназаронаи бозориро сахт пайравӣ мекарданд.

## Боби 7

То ба пахтачинӣ рафтан аз ҳамсабақонаш касе ба Ғаюр кордор набуд ва ӯ ҳам ба онҳо наздикӣ намеҷуст. Кор, китобхона, дарс... Ӯ фақат шаб дар миён, пеш аз хоб ба хобгоҳ медаромад ва одати бо дигарон аз кору бори худ сухан гуфтан надошт.

Тирамоҳи соли аввали таҳсил донишҷӯён ба муддати якуним моҳ ба пахтачинӣ рафтанд. Ғаюр ҳамкори посбонашро розӣ кард, то муддате ба ҷои вай ҳам навбатдорӣ кунад ва худ бо ҳамсабақон ба пахтачинӣ рафт. Айёми пахтачинӣ ӯ бо ҳамдарсони худ хеле наздик шуд, аммо дар ҳамон ҷо ҳам вай, ба қавли баъзеҳо ҳамчун "Ҷумҳурияти мухтор" монд. Ӯ саргузашти аламовари худро фаромӯш карда наметавонист. Дар миёни ҷамъ, лекин яккаю танҳо, бегузашт, бемуросо, гӯё ба ҷигар санг баста зиндагӣ мекард. Ҳазли андаке дурушт, лутфу кинояи сабук ҳам зуд ӯро аз мувозанат мебаровард. Андаке кибру калонгирӣ, заррае нодурустӣ ва беадолатӣ ӯро ба хашм меовард. Ба назар чунин менамуд, ки хол-хол доғҳое, ки дар китоби зиндагӣ ҳар мудом ҳастанд, дигар саҳифаҳои покиза ва бегарду беолиши онро аз чашми ӯ пинҳон мекунанд. Дар сари ҳар қадам ӯ дар сухани атрофиён ё дар ҳаракати онон каҷию нодурустӣ, қаллобию дасисикориҳо медиду аз дилаш мегузашт, ки ҳамаи ин одамон артистанд, найрангбозони гузароянд, ба рӯи якдигар бардурӯғ механданд, мунофиқона аз меҳру дӯстӣ, сидқу вафо гап мезананд. Ҳар он касе, ки худро одамшаванда ҷилва медиҳад, дар асл айёри

мунофиқ ва нобакори гузаро аст, — мегуфт вай ба дил. — Ин қадар ҳанноту савдогари худфурӯшро дар кадом мактаб таълим омӯхтаанд.

Ғиёс дар он айём, ба қавли ҳамсабақон, "Адютант" ҳам набуд, "Сумкабардор" ҳам ва гузашта аз он "Пешдаргирон" ҳам. Бачаи камбағалу бекас, баъди адои хизмати ҳарбӣ таваккалан ба факултети ҳуқуқшиносӣ ҳуҷҷат супорида ба туфайли хизматаш беконкурс ба донишгоҳ дохил гашта буд. Қариб ҳама ба вай "ту" гӯён хитоб мекарданд, ҳатто баъзе духтарони курс ҳам ӯро "ту" мегуфтанд. Бачаҳо дар сари ҳар кор мазоҳу масхара мекарданд, бо ҳазлҳои дурушт баъзан ранҷ медоданд.

Ҳамон соли аввал дар мавсими пахтачинӣ гурӯҳи курсҳои якум аз маркази колхоз дуртар, дар шипанги бригадае қарор гирифта буданд. Шабҳо бачаҳо бо ҳар хел бозиҳо ва дилхушиҳои беақлона машғул мегаштанд. Боре мӯзаи Ғиёсро шабона ба кучое баровварда руст карда, ӯро хеле дар азоб монданд. Баъд дӯлчаю косаи алюминиашро мех зада, сӯрох карданд.

Баъзан нимишабӣ ба ҷогаҳи Ғиёс об рехта ё ба рӯяш сиёҳии дег молида, саҳарӣ хандохандӣ мекарданду нолаю фиғон ва нафрингӯиҳои махсуси музофотиашро ба шавқ гӯш карда механдиданд. Сонитар дар инчунин маврид аз забони Ғиёс дашном ҳам мерехт, аммо дар ҷавоби ҳақорати ӯ низ механдиданд.

Боре бегоҳирӯзӣ, баъди анҷоми кори саҳро дар юнучқазори бари шипанг чор нафар ҷавонон бо ташаббуси Ҳайдар телпаки Ғиёсро аз сараш гирифта, тӯби футбол карданд. Ғиёс барои телпакашро аз таги пои онҳо гирифтан зӯр зада гоҳ ба сӯи яке, гоҳ ба сӯи дигаре метохт, аммо онро гирифта наметавонист. Ҳамин ки Ғиёс ба телпак наз-

дик рафт, бо зарби сахти пой онро яке ба дигаре медод. Донишҷӯён аз ин тамошо завқ карда механдиданд. Оқибат, аз ин ҳол, Ғиёс ба гирья наздик шуд. Аввал ба яке, сонӣ ба дигаре суханони дурушт гуфтан оғоз кард. Тамошогаронро ҳам ин хории ӯ таъсир карду онҳо ба нармӣ он чаҳор танро ба инсофу шафқат даъват мекарданд.

— Телпакашро диҳед, наранҷонед...

— Ҳа, бас акнун, рафиқон, хуб хандидем.

— Телпак арзон бошад ҳам, ҷояш болои сар аст, — ҳикмат меовард яке. — Ба пой задан убол аст мегӯянд.

— Ма-ма, гир! — Ҳайдар телпаки дар пеши кояш бударо ба Ғиёс пешниҳод кард, аммо ҳамин ки пеш омаду ба телпак даст дароз кард, бо зарби сахт онро ба бозигари дигар дод.

Мӯзаи Ҳайдар магар ба сарангушти Ғиёс расид ва ё ин хорӣ ба вай сахт асар карда будаст, ки ӯ якбора ба дашному носазо гуфтан сар кард. Дашному ҳақоратҳои тоза ба тозаи ӯро шунида аксар механдиданд. Ҳайдар ҳеҷ чашмдор набуд, ки ба қавли худаш “ин девонаҷулҳундӣ” ӯро, сардори гурӯҳро дар назди ҷамъ ин хел ҳақорати қабеҳ медиҳад. Ранги бе он ҳам камхунаш дока барин сапсафед канд.

— Чӣ гуфтӣ, мурдор?.. А? Чӣ гуфтӣ?.. Як бори дигар гӯй, падарлаънатӣ! — Ҳайдар ба Ғиёс рӯ ба рӯ рафту бо шаст ба рӯи вай торсакие фуровард.

Ғиёс фиғоне бароварду чашми латхӯрдаашро дошта, ба қафо гурехтанӣ шуд, аммо бо зарбаи лагади Ҳайдар парида рӯ ба замин афтод.

Донишҷӯён аз ҳар сӯ давида ба сари моҷаро ғун гаштанд ва нафас ба дарун кашида давоми ҳодисаро нигарон истоданд. Ҳанӯз якдигарро равшан намешинох-

танд, дар байни онҳо ҳанӯз на ҳисси амиқи муҳаббату дӯстӣ буд ва на нафрату бадбинӣ ба якдигар. Эҳсоси номуайянӣ ва номаълумӣ аксари ҷавононро карахт сохта буд, онҳо ҷуръати доварӣ ҳам надоштанд. Хавфу ҳарос аз "мабодо..." кори худро мекард.

Ғаюр, ки бе он ҳам аз ин бозии нафратовари чор тан эркатулфор, ба қавли баъзеҳо хунаш вайрон гашта буд, дигар худдорӣ карда натавонист.

— Чаро мезанӣ? — ӯ бо як авзои ваҳшатангез, ки тамоми вуҷудаш дарақ-дарақ меларзид, ба Ҳайдар рӯ ба рӯ рафт. — Чӣ ҳақ дорӣ?.. Ку, гап зан, бодича!

— Ту чӣ кор дорӣ? — нописандона писханд кард Ҳайдар. — Аввал ба ман бигӯ, ки дар куҷо ба ту даллолиро ёд доданд?

Мушти гиреҳхӯрдаи Ғаюр монанди хоиск ба ҷоғи сардор чунон бо суръат зад, ки атрофиён фақат ба мисли навдаи досбурида, парида ба замин яксон афтодани Ҳайдарро дида тавонистанду бас.

Лаҳзае чанд ҳама нафас ба дарун кашида, аз ин густохии ғайриоддӣ гӯё шах гаштанду баъд, монанди селаи гунҷишкон ғуррӣ карда ба сари он ду ғун шуданд. Ҳайдар ҷоғашро бо як даст дошта, аз замин бархосту дақиқае бо чашмони кашидаи нимпӯш, дандон ба дандон фишурда истод. Ба ҳамин минвол дарди ин зарбаро гӯё гузаронд. Баъд либосашро афшонду канортар рафта туф кард. Туфаш хунолуд буд.

— Очаата... Ҳоли ист!..Ту ҳолӣ ба ман даст бардоштӣ?.. Агар дастатро нашиканам... Хайр, мебинем!.. Ба шаҳр равем... Дониста мон, донишкада ҷои ту баринҳо не!.. Мебинем!.. — Ӯ ин суханҳоро бо аламӣ каси ночор, дар ҳолате, ки чашмонаш аз ғазаб меҷӯшиданду Ғаюрро лахта-лахта кунам мегуфтанд, аз зиҳи дандон баровард.

— Чӣ кор мекунӣ? — тамасхур кард Ғаюр. — Аз дастат ҳар чӣ ояд, кун. Ман наметарсам. Зинҳор маро тарсонданӣ нашавӣ.

— Мебинам!.. Мебинам!.. Агар паятро нест накунам, номам Ҳайдар не! Дониста мон: то ман зиндаам ту ин донишгоҳро тамом намекунӣ!

— Ҳой, оҳистатар, аз пушти дигарон напар!.. Ман батарашро дида омадам.

— Тушбераро хом шумурдӣ... Ба ман даст мебардоштагӣ ҳолӣ дар шиками модараш хоб аст!..

Азбаски дар ин моҷаро гунаҳгор худаш буд, Ҳайдар мағалро калон накард. Ғаюр ҳам ба худ омада, аз тезии худ пушаймон, ба таҳдидҳои ӯ ҷавоб надода, сархам ба ҷониби хобгоҳ рафт.

Баъди ин воқеа аз муносибати ҳамсабақон нисбат ба худ ӯ чунин қиёс гирифт, ки аксари донишҷӯён — ҳам писарон ва ҳам духтарон аз рафтори Ҳайдар не, балки аз густохона ба сардор мушт бардоштани вай дар тааҷҷубанд. Ғаюр фикр мекард, фикр мекарду ҳеҷ сарфаҳм намерафт, ки чаро таҳқири Ҳайдар бегунохеро дар чашми ин ҷавонон як кори табиӣ ва қонунӣ аст, вале бечораеро ҳимоя кардани вай як навъ хавфи мубҳаме ба вуҷуд оварда. Мантиқи ин гуна ақидаро идрок карда натавонистанаш Ғаюрро канораҷӯ ва мардумгурез мекард. “Фақат оҷизу бечора, сархаму мутеъ ё худ муросокор бошед, ба одамон маъқул мешавед, медонам.” — мегуфт Ғаюр дар омади гап ба баъзе ҳамнишинон.

## Боби 8

Ҳам дар овони пахтачинӣ ва ҳам дар тӯли таҳсил дар донишгоҳ, баъзан дар синфхона, баъзан дар хобгоҳ ба

ҳамин монанд ҳодисаҳо гоҳ-гоҳе рух мезаданд, агарчӣ дигар бор кор ба мушту лағад нарасида бошад ҳам, дар панҷ сол мухолифати Ғаюр бо ҳалқаи Ҳайдар давом кард. Бинобар он, Ғаюр бо дастаи асосии ҳамдарсон, ки дар гирди Ҳайдар ҷамъ гашта буданд, беиртибот ва бегона барин монд. Баъзе аз ҷавонон Ғаюрро эҳтиром мекарданд, аммо аз Ҳайдар ва наздикони вай кебида, зиёда бо ӯ ҳамгап ва ҳамнишин намешуданд.

Ғаюр аз рафтори худ пайваста меандешид, фикр мекард, ки чаро ин хел бемуросо ва оштинопазир аст. Агар дар ҷои вай ҷавони дигар мебуд, кайҳо неши хори кина аз дили Ҳайдар бароварда, бо ӯ ёру ҳамдам мегашт. Чаро вай ин қадар ташнаи ҳақиқат аст? А?.. Дар мактаби миёна ҷони ҳамсинфон буд-ку! На ҳақиқат мекофт на адолат, дузду сӯфӣ дар назараш баробар буд. Наход, ки суханони модараш дуруст бошад? Баъди аз ҳабс омаданаш ӯ гуфта буд: “Ғаюрҷон, писарам, захри алама дар дилат нигоҳ надор, зиёнаш ҳаст. Ба гузашта салавот гӯю аз ёд барор, писарам...”

Соли сеюми таҳсилаш дар донишгоҳ боз ҳам мавсими пахтачинӣ буд. Гурӯҳе нимишабӣ аз паи харбузадуздӣ рафтанд. Баъд маълум шуд, ки онҳо дар бадали ду-се шаб полези колхозчиеро батамом хароб кардаанд. Вақте ки роҳбарон омада, ҳамаро ғун карда, бо суханони сахт изо доданд ва зиёда аз он, ҷаримаро аз музди кори ҳама ситониданӣ шуданд, Ғаюр бархосту дуздҳоро ном ба ном гуфт ва ин нангро ва ҷаримаи онро аз гардани донишҷӯёни дар ин хиёнат беалоқа бардошт.

Чор нафар duздон танбеҳи сахт гирифта, ду нафар саркардаашон ба болои танбеҳ, семоҳӣ аз стипендия ҳам маҳрум гаштанд. Баъд дар шаҳр онҳо алами инро аз Ғаюр

ситонданд. Шабе се тан ширакайф дар роҳ бо Ғаюр ҷангангезӣ карда, ӯро ду-се мушту лагад заданд. Ғаюр ҳам суст намеомад, ба ду мушти онҳо як мушт зад, аммо якбора ба се тан баробар омада натавонист.

Яке аз ҳамсабақон Карим-ака ҳамон рӯзҳо оҳиста ба вай гуфт: "Ғаюр, бо ҳамон аблаҳон баробар гаштан чӣ лозим буд? Гумонатон минбаъд онҳо дуздӣ намекунанд?! — Ҷомаи боронию чатри Маҳбубаро кӣ бурд?" — маънидор хандид вай.

Солҳои охир Ғаюр аз ҳама бештар аз Ғиёс нафрат мекард. Ғиёс аксар бо нимишораи Ҳайдар баҳудаю беҳуда бо дигарон тез мешуд, суханони пасту баланд мегуфт. Карим-ака, ки дар гурӯҳ ҷавони синнаш аз дигарон шаш-ҳафт сол бузургтар ва ҷуссааш ҳам баҳодурасосе буд, як одами вазнин, ором ба шумор мерафт ва ба гапу коре, ки ба ӯ дахл надорад, ҳаргиз ҳамроҳ намешуд. Ғаюр боре ба ҳамин одам дӯғу пӯписа кардани мушт барин Ғиёси пешдаргиронро дида, аввал ба заҳрханда нигарон истод, сонӣ ғазабаш ҷӯшиду пештар рафта гуфт:

— Хок кашад туро, косалеси мурдор, — гуфт Ғаюр бо нафрат ба Ғиёс нигариста. — Охир, ин одамро агар барои калонсолиаш ҳурмат накунӣ ҳам, ба ҷуссааш як бор нигар. Як мушт занад, гард-гард мешавӣ!

— Ту ҳам гап зан! — Аз эҳтиёт ду-се қадам ақиб рафт Ғиёс. — Санг ҳам заду чӯб ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад! — Барои мазоҳ қоҳ-қоҳ зад вай. — Ё боз хумори калтакхӯрет гирифт? — Ба тарафи Ҳайдару ҷӯраҳояш баргаштаравон ба дили Ғаюр неш зад вай. — Ҳа-а, донистам, донистам! Ҳабсхонаро пазмон шудаӣ! Дуруст, дуруст... Мегӯянд, ки хумори он ҳар замон касро безобита мекунад, ин гап рост аст? А, ту чӣ мегӯӣ? "Рецидив" чӣ, медонӣ?..

Такрори гуноҳ ва ҷиноятро “рецидив” мегӯянд! — Суханони охирро ҳиҷо-ҳиҷо карда ба таъкид гуфт вай.

Ғаюр ба сахтӣ худдорӣ кард. Дар дилаш мегуфт: “Агар ҳамон вақт бо тӯҳмат нею ягонта ҳамин хел косалеси палидро зада, маъюб мекардаму ҳабс мешудам, ҳеҷ ҳасрат намехӯрдам. Ба худо, як бор ҳам “афсӯс” намегуфтам! Ҷаври Ҳайдари палид ҳеҷ гап не, ҷаври ин хел косалесонаш ба ҷон мерасад... Аммо чӣ илоҷ, даври ҳамин хелҳо расидагӣ барин...”

— Монед, баробар нашавед, Ғаюр, — Карим-ака он рӯз ӯро таскин доду аз дасташ гирифта бурд. Баъд насиҳатомез ӯро огоҳ кард:

— Инҳо мафия набошанд ҳам, гурӯҳи калонанд, ҳама якдигарро ҳимоя мекунанд. Ҳозир ба ҳамин Ғиёси пешдаргирон аз бинӣ боло гап занед, фардо Орифӣ ва ё проректор ба шумо ало менигаранд...

Ба ин даъвӣ Ғаюр агарчӣ эътироз накард, аммо бовар ҳам надошт.

## Боби 9

Гузашти вақт, айём чӣ захмҳоро шифо намебахшад, чӣ дардҳоро таскин намедиҳад! Ҳоло баъди панҷ сол нишонаҳои шикастарӯҳию нобоварӣ, асабонияту дуруштие, ки Ғаюр бар асари гузаштаи талхаш пайдо карда буду рӯзгори ҷавониашро ноором медошт, кам-кам бартараф гашта, дигар вай ба зиндагӣ, ба фардои худ бо дили пурумед, хушҳол менигарист. Баъзан барои дуруштиҳояш, барои атрофиёнашро дуруст нашинохта аз онҳо канора ҷустанаш афсӯс мехӯрд ва гӯё қусури он рӯзҳоро баровардани бошад, кӯшиш мекард бештар дар ҳалқаи ёрон ба чойхона равад, як ҷо нишаста дарс хонаду мубоҳиса ку-

над, ба сайру гашти шаҳр бароядд. Азбаски вай доир ба аксари фанҳо дониши саҳеҳ дошт ва донистаи худро мухтасар, аниқ бо маҳорат бозгуфтан метавонист, духтарон ӯро пайваста ба ҳамроҳ дарстайёркунӣ даъват мекарданд.

Метавон гуфтан, ки то курси панҷум, ӯро бо духтарон дӯстӣ ё ба ин монанд наздикӣ набуд. Аксар ҳангом бо онҳо ба ҷуз салому алек дигар сухане ё муомилае надошт. Агар дар синф бачаҳо набошанд, ҳатто ба назди духтарон намедаромад. Агар духтаре аз ӯ мадад пурсад, то имконе дошт, ҷадал мекард, аммо ба дигар саволи онҳо "ҳа-ҳу" гӯён нимғурма ҷавоб медоду аз сӯҳбаташон мегурехт. Аввалҳо дар ҳаққи ӯ ҳар хел тахмину гумонҳо сар зада бошад ҳам, оҳиста-оҳиста дар тӯли панҷ сол аксар ҳамсабақон инчунин хислати ӯро фаҳмида, ба бегонахӯиаш одат карда буданд.

Натиҷаи чунин канораҷӯиаш буд, ки боре ҳангоми тайёрӣ ба имтиҳони навбатӣ дар чорбоғи донишгоҳ Адолати шартакигӯй ба бозувони вай, ба мушакҳои дасташ, ки аз кураи нимостин нағз намоён буд, дуру дароз нигариста монд. Баъд нигоҳи духтар аз як бозу ба бозуи дигари ӯ гузашт, сипас ба гиребони кушодааш. Ғаюр ҳайрон буд, ки ин духтари шӯху шаттоҳ аз бадани ӯ чӣ меҷӯяд.

— Ҳа, чӣ дидед? — пурсид Ғаюр аз чунин нигоҳи духтар хиҷолат кашида. — Пайкаршиносӣ мекунед? Ба кадом гурӯҳ дохилам?

— Э, ҳамту, худам... — гуфт Адолат хаёломез. Баъд рост ба чашмони Ғаюр нигариста пурсид: — Ғаюр-ака, агар як гап пурсам, қаҳратон намеояд?

— Чӣ гап будааст он? Чаро аз он қаҳрам меомадааст? — ин суханонро ба гуфтан гуфт, аммо дилаш таҳ кашид, ки духтар аз ӯ қиссаи ҳабс шуданашро ва сабаби онро пурсидан мехоҳад. Ва барқвор аз хаёлаш гузашт, ки чӣ

бояд гӯяд.

— Ҷӯраҳои худатон як гап паҳн карда буданд... Ҳамон... Чӣ хел гӯям... Ман ҳеҷ чиз намебинам...

— Чӣ гап? Чиро намебинед? — Ду чашми Ғаюр мисли ду оина ба рӯи Адолат боз монданд.

— Гуфтанд, ки дар баданатон... Чӣ гӯям... ҳамун... як хел ҷароҳат ҳаст-ку...

— Ҳа-а... — Ғаюр мақсади ӯро пай бурда, оҳи сабук кашид. Якчанд бор аз қафояш "пес, баданаш пес дорад" гуфтани Ҳайдару Ғиёс ба гӯшаш расида буд. Вай лаҳзае дар муқобили духтарон сархам ва хомӯш монду сипас як оҳи дардолуда кашиду ба сахтӣ, ҳатто ба рӯи ҳамсӯҳбатон нанигариста тез-тез гуфт: — Дар хурдӣ чойники чойро чаппа карда, шикамамро сӯхта будам... Пеши ноф. —вай дигар сухане гуфта натавонист. Ранги рӯяш аз асабоният гоҳ сурху гоҳ сафедӣ касб мекард.

— Рӯяш сиёҳ ин Ғиёса... — гуфт Адолат бо алам, дилсӯзона ба Ғаюр нигариста. Сонӣ ба дугонааш Мунира рӯ оварда гуфт: — Дар китобе хонда будам, ки духтарон даставвал бо ҷавонони пасттинат шиносо мегарданду дар охир бо ҷавонмардони шоиста. Кӣ гуфта бошад ҳам, сухани пағамбарона гуфтааст.

— Ман дар китоб нахондаам, вале доим мегӯям: ҳамеша хасу хошок дар рӯи об аст ва санги қиммат дар таҳи дарё, — гуфт Мунира.

Ғаюр сар бардошта ба рӯи духтарон нигариста наметавонист. Ҳарчанд онҳо бо навбат ӯро дилбардорӣ мекарданд, суханони дилнавоз мегуфтанд, ҳоло вай аз ҷониби Ғиёсу Ҳайдар, ки ба номи ҷавонмард нанг оварда чунин тӯҳмати ночизро ба духтарон гуфта гаштаанд, дар хиҷолат буд ва алам мекашид.

Захри ин тӯҳмат дар дили Ғаюр кор карду вай хеле

муддат ба худ омада натавониста дилгир буд. Аммо ба Ҳайдару Ғиёс ҳарфе назад. Бе ин ҳам, вақтҳои охир онҳо баҳона кофта гаштаанд, то дили ӯро сиёҳ кунанд. Аҷиб аст, ки Орифӣ дар ин ҷода ба онҳо илҳомбахш аст! Ин ду танро рӯирост киш-киш доданаш чӣ маъно дорад?

Боре Ғаюр дар маҷлиси умумии донишҷӯёни факультет, дар ҳузури ҳама муаллимон ва проректор ба минбар баромада, нуқсонҳои зиёди таълиму таҳсил дар мавсими пахтачинӣ рӯй додаро, инчунин баъзе бетартибиҳои дар хобгоҳ ба вуқӯъ пайвастаро як ба як гуфта, таъмини чораҷӯӣ талабид. Ба аксари донишҷӯён ин суханони боҷуръатона писанд омад. Ба декан танқиди вай сахт расид. Махсусан, дар назди раҳбарони донишгоҳ сири ин хонаро ба берун баровардани Ғаюр Орифиро оташин кард. Дарҳол ба минбар баромаду баъзе аз нуқсонҳоро ба дигарон ҳамл кард, баъзеро "чандон ин тавр не, бесабаб сиёҳ мекунед" гӯён ҳамвор намуду барои танқиди рӯирост ва фошгӯӣ нӯги забонӣ таҳсин гуфт, гилагузорӣ кард, ки "фақат ба нуқсонкобӣ ҳаётро беҳтар кардан номумкин аст, бояд ки ҳар яке коре бикунем..."

Аммо ин муомала дар ҳузури ҷамъ буд...

Баъди маҷлис Карим-ака Ғаюрро аз роҳ дошта, гуфт, ки Орифиро ба худ кинадор сохта, кори хуб накард.

— Аз олими беинсофу бевиждон гузаротар аҳмақ дар олам нест, Ғаюр, шумо намедонед, — таъкид кард вай, — меъёри неку бади инсон виҷдон будаст, агар виҷдон надорад, чӣ академику чӣ президент якпула одам аст.

— Э, равад, аз дасташ биёяд, ҳамон дипломи имтиёзнокашро надиҳад, — гуфт вай ба нописандӣ дар ҷавоби суханони Карим-ака. Баъд ба худ иқрор кард, ки дурӯғ мегӯяд, аз дипломи имтиёзнок даст кашиданаш чунин осон нест. — Як бор агар диламро холӣ накунам, намешуд. Ҳеҷ

илоҷи дигар надоштам, ака. Ба кафидан наздик омадам, — гуфт вай оқибат ба худ омада, ба як навъ оҳанги узромез. — Охир, то ба кай намегӯем? Аз сустии одамизод гург одамхор гаштааст. Мирзо тасодуфан якто се гирифт, стипендия намегирад, наздикони декан даҳто се...

— Гумонат гуфтан катӣ ислоҳ мешавад? Ба худат қасддор мекунию бас. Намебинӣ, чӣ миқдор мегӯянду мегӯянд. Аз котиби комсомоли мо то ба Хрущев — ҳама гап мезананд. Аммо фоидаашро намебинем.

— Тамом карда меравем, — гуфт Ғаюр бепарво даст афшонда. — Як бор диламро холӣ кардам... Худатон фикр кунед: ба ин тариқ агар ҷасорату шуҷоати моро, ғайрати моро кушта бошанд, фардо аз кори мо ҷамъият баҳрае намегирад. Бюрократу муросоҷӯ кати ҷамъият ҳаргиз пеш намеравад. Ин қабил касон аломати эрозияи ҷамъиятанд, мо бояд аз ин офат халос шавем. Аммо чӣ гуна? Оҳанро занг мехӯраду мо аз рӯяш рангмолӣ мекунем. Худро мефиребем. Илоҷаш будагист...

Баъди ин гуфтаҳои Ғаюр Карим-ака бо ӯ мубоҳисаи ҳақиқӣ оғоз карду онҳо то бегоҳ ҳам дар роҳ, ҳам дар ошхона мунозара доштанд.

Дар охир Карим-ака гуфт:

— Ману шумо ҳам фарзанди ҳамин давру замонем, — гап мезанему гап мезанем, аммо амал надорем. Барака ёбад Хрушев, ки қулфи даҳони моро кушод. Агар аҳди Сталин бошад, кайҳо ҳар ду ҳам дар Сибир будем.

## Боби 10

Қариб ҳашт сол аз ин муқаддам, вақте ки Ғаюр дар китобхонаи деҳа як шомгоҳи тирамоҳ бо Лола ошно гашта буд, ӯро донишҷӯи факултети филологӣ пиндоштанаш

як амри воқеӣ буд, зеро дар он замон вай як ҷавони лоуболи соддалавҳ ва аз дуньё бехабар буда, ба одамон асосан аз рӯи гуфтору рафтори онон баҳо медод. Лола ба ӯ бештарин ҳангом аз боби адабиёту санъат сӯҳбат мекард, доири китобҳо, фильмҳо, ҳофизону актёрҳо савол медоду ақидаи ӯро мепурсид, фикри худро мегуфт. Аммо ҳоло аз он навраси хушҳол дар вуҷуди Ғаюр метавон гуфт, ки ному нишоне намондааст. Агар имрӯз сурати онрӯзаи Лола баринеро ба Ғаюр намоянд, вай бехато мегӯяд, ки ин хелҳо рост ба донишгоҳи политехникӣ ё тибб ва ё факультети физмату иқтисодиёт мераванд. Дар танаш куртаи нимостини аврупоидӯхт аз чити оддии рах-рах, миёнаш бо камарбанди борике бастагӣ, гиребони борику росташ монанди гиребони куртаи аскарон, нигоҳаш, абрӯвонаш, лабонаш, ҳатто биничаи нарму росташ аз ҷиддият, қатъият ва пухтагӯии духтар далолат мекарданд. Дар нигоҳаш боварӣ ба инсон, эътимод ба атрофиён ҳувайдо буд.

Ҳоло Ғаюр сурати онрӯзинаи ӯро пеши назар оварда, гоҳ дур бурдаву гоҳ наздик карда, аз ҳар ҷиҳат менигаристу ба дил иқрор мекард, ки Лола барин духтаронро фирефтан кори осон аст, онҳо ба қавли одам бовар мекунанд, ба ҷиҳати соддадилии худ ё боварию ғамхорӣ ба дигарон диққати қаллобону нобакорони гуногунро ба худ мекашанд, бинобар он, пай дар пай ба нохушиҳои дар гумони кас нагузашта пешрав мегарданд. Хайрияти кор, толеаш баландӣ карду ин духтар ба ман дучор гашт, агар дар ҷои ман каси дигар мебуд, ӯро кайҳо расвои радди оламиён месохту мепартофт.

Ғаюр ҳеҷ гумон намебурд, ки Лола ҳам ҳисси одамшиносӣ дорад, ба марди нобакор ҳаргиз чунин эътимод ва дилсӯзӣ зоҳир намекунад ва наметавонад бо ашхоси носазовор дӯстӣ ва қаробат намояд.

Ҳамон соле, ки Ғаюр ба донишгоҳ дохил шуд, Лола донишҷӯи курси сеюм буд. Муносибати нотаъин, балки як андоза, сарди Ғаюр ӯро ҳайрону музтар медошт, аммо ноумед намегашт. Аввалҳо деҳаравиро қатъ карда бошад ҳам, баъд ҳар сари чанд гоҳ ба деҳа рафта, модару хоҳари Ғаюрро дида, ҳолҷӯӣ мекард, баъзан ягон шаб дар хонаи онҳо хобида, рӯзи дигар бармегашт.

Лола дар факультети ҳуқуқшиносӣ орзуи таҳсили илм кардани ӯро шунида, хеле даву ғеҷ карда буд, то бо сабабҳои ночиз мабодо ҳуҷҷати ҷавонро баргардонанд. Хайрияти кор, як тан аз дугонаҳояш ҳамон сол ҳуҷҷат қабул мекардаст, ин мушкили ӯро осон кард. Ғаюр ҳанӯз ҳам аз ин сир бехабар буд, гумон дошт, ки ҳуҷҷатҳои ӯро дуруст насанҷида қабул карданд.

Падару модар ва хешовандон аллакай Лоларо пирдухтар меҳисобиданд. Дарвоқеъ, ҳамсолони вай аллакайҳо шавҳар карда, баъзеашон модари ду-сетогӣ фарзанд гашта буданд. Аз ин бобат волидайни ӯ дар ғами духтари худ сахт парешонӣ доштанд. Хешовандон аз дуру наздик барои Лола талабгор ёфта, бо ҷавонони гуногун мулоқоту дидорбинии ӯро меоростанду умедвор буданд, ки ягонтои он ҷавонон ба духтар хуш меояд ва аз баҳри он ҷавони қишлоқӣ мебарояд. Аммо Лола як зайл такрор мекард:

— Ҳаёти як ҷавони бегуноҳро шикастам... Бе вай ман як умр диламро хӯрда-хӯрда аз дунъё меравам. Маро ба ҳолам монед, ман назри ваям.

— Охир, вай ҳам ба ту майл-пайл дорад? Ҳеҷ маълум не-ку... — Сонӣ санади аз ҳама "муҳими" худро пеш меоварданд: — Ба ғайр аз ин,ояндаи ӯро фикр кун... Вай дур намеравад... Диплом гирад, ҳам боло намеравад, доғдор аст. Ҳатто аз рӯи ихтисосаш кор намедиҳанд, ба хориҷа

намемонанд... Ба ғайр аз ин дар назар бигир, ҷавоне, ки ҳабсхонаро гузашт, дигар одами дуруст намешавад. Ҳа, сангдил, бераҳм... Ин хел одамон ба ҳама кинадору аламнок мешаванд.

— Агар маро нахоҳаду ба дигаре хонадор шавад, он гоҳ... мебинам, — мегуфт Лола зуд, то аз хусуси ояндаи Ғаюр “пешбиниҳо”-и онҳоро дигар нашунавад.

Мисли ҳамаи падару модарон волидайни вай ҳам хушбахтии фарзандро орзу доштанд ва аз ин азизтар таманнояшон набуд. Онҳо бахти духтарро фақат дар он медиданд, ки вай арӯс гашта ба чи гуна хонавода меравад. Афкори маъмула дар ин боб инчунин буд. Онҳо ҳоло медиданд, ки ҳусну таровати дилрабои духтар дар пеши назарашон кам-кам коста, ба қавли баъзе талабгорон, баҳораш мегузашт. Аз ин ваҷҳ падару модар беқарор чораҷӯӣ мекарданд. Онҳо сараввал ба Ғаюр вохӯрда, аз хусуси Лола нияти ӯро пурсиданд. Ғарази асосии онон қимати ҷавонро таъин кардан буд. Ғаюр ба онҳо ҳеҷ хуш наомад: “ҷавони бениҳоят дарундор будаст, Лола агар ба ҳамин расад, умраш хазон мегардад. Аз вуҷудаш заҳри заққум меборад-е! Ягон бор табассум карданашро надидем. Не-е, вай ҳаргиз лоиқи Лолаи мо не”, — мегуфтанд онҳо. Сонӣ боз ба насиҳат ва ташвиқу тарғиби духтар мепардохтанд, аммо ҷаҳдашон беасар буд.

Лола аз он қаноатманд буд, ки соли аввали таҳсилаш дар шаҳр Ғаюр ба вай сирф бепарво буд, аммо ҳоло дигаргун аст. Боре Лола нимҳазлу нимҷиддӣ “аз афти кор, ба умеди шумо пирдухтар мешавам” гуфт, Ғаюр дар ҷавоби сухани ӯ абрӯ чин карда, хеле муддат андешиду оқибат гуфт: “Ман лоиқи шумо нестам, Лола... Хешовандонатон ҳам бо ман вохӯрда ҳеҷ хуш накарданд. Охир, ман... ман якумр дар зинаи поёни “нардбон” мемонам, ба ман

мансаб намерасад... Аз ин бобат наандешида наметавонам. Барои шумо, маҳз барои шумо аз ин хусус фикр мекунам. Дар асл, ман аз мансаб нафрат мекунам. Охир, шумо барои зиндагии мӯҳташам офарида шудаед... Бе мансаб чигуна зиндагии мӯҳташам мешавад!? Рости гапро гӯям ман ба ин қарибиҳо хонадор шудан наметавонам, солҳои наздик чунин имконият надорам. Ман катӣ азоб мекашед... Бе ин ҳам шуморо хеле уқубатҳо овардам. Агар ҷавони дилхоҳе пеш ояд, не нагӯед...”. Лола он рӯз дар ҷавоб гуфт: “Аввал шумо хонадор мешавед, ман хушбахтии шуморо бинам, сонӣ...”

Дар дили Ғаюр ба Лола як ҳисси аҷибе шӯриш мекард, ки чӣ будани онро баъзан таъин кардан ҳам наметавонист. Агар духтарро бо ягон ҷавоне ҳамсӯҳбат бинад, аз рашк месӯхт, мурғи посӯхта барин беқарор буд. Аммо монанди ҳамаи ошиқон ба дидори духтар ташнагӣ надошт, вақту бевақт бубинам гӯён ба сӯяш шитобон набуд. Аз ин сабаб ӯ борҳо аз дили худ мепурсид: “Бигӯ охир, Лоларо дӯст медорам ё не?” Ва дар ҷавоб гӯё аз қаъри дилаш нидо меомад, ки дӯсташ медорӣ. Сипас, чаро ман мисли дигарон аз пояш кӯ ба кӯ намедавам? Охир, ҳамон соле ба деҳа ба пахтачинӣ рафтанаш чӣ гуна ба дидораш ташна будам?!”

Баъд Ғаюр ба худ тасмим гирифт, ки он рӯзҳо ӯ Лоларо бешуурона, ба ҳукми дилу эҳсос дӯстдор буд, аммо имрӯз муҳаббаташ дар дил реша гирифта бошад ҳам, ақл онро идора мекунад. Маҳз, ақл мегӯядаш, ки ин духтари наҷиб ҳалолу покиза, росдилу дурустқавл ба касофати ту дар дунё рӯзи равшан нахоҳад дид. Дар ҷавоби муҳаббату дӯстдорӣ ба маҳбубаи худ фақат дилро ҳадя кардан кам аст. Фардо уқубати ӯро дида, магар азоби виҷдон намекашӣ?! Не, фикр кун, Ғаюр, фикр кун, ҷӯраҷон, инсоф

доштан лозим... Гуноҳи Лола чист? Дар назди ту худро гунаҳкор мешуморад, ҳамин? Туро не, туро не, Ғаюри имрӯзаро не, вай ҳамон Ғаюри нуздаҳсола, тракторчии лоуболро дӯст медорад...

Ғаюр ҳоло медонист, ки Лола аслан дар назди вай гунаҳгор нест, фаразан агар ӯ дар суд, қатъиян гӯяд, ки одами ҳамла кардагӣ ин набуд гӯяд ҳам, ӯро сафед намекарданд. Айёми охир дили Ғаюр ҳар лаҳза аз он фишурда мегашт, ки Лола худро пеши вай гунаҳгор мешуморад ва аз вай даргузашта ба дигаре шавҳар карданӣ нест. Ин гуна дилсӯзии духтар баъзан ғазаби ӯро меҷӯшонд, аммо аз чӣ бошад, ки бо духтар рӯирост аз ин хусус сухан карда наметавонист. Алоқамандии Лола бо ӯ ва хонаводаи ӯ хеле сидқию самимӣ буд ва ба ин ҳама муносибати меҳрогин пушти по задани вай кори осон набуд. Хоҳаду нахоҳад, дар қаъри дили Ғаюр ба Лола меҳри гарме монанди лахчае, ки рӯяшро хокистар пӯшидааст, пинҳон буд, аммо дар назари халқи ҷаҳон худро ба ин духтари зебо ва маъсума носазовор медид ва аз ин хусус басо шиканҷаи рӯҳӣ мекашиду сабр мекард. Аз ин бобат баъзан меандешиду ба дарьёи хаёлҳои ширин ғӯтавар мегашт ва худро ҳамсари Лола медид, вале ин замон хешу ақрабои Лола пайдо мешуданду дар паҳлӯи духтар ӯро дида, маъюс нигоҳи худро мегурезонданд, ба таассуф оҳ мекашиданд, ба якдигар маънидор нигариста сар меҷунбонданд, лаб кач мекарданд... Тарсу ҳарос аз ин чунин вазъи ноҳинҷор дар хобу дар ҳушьёрӣ ӯро думболагир буд. Хусусан, пеши назари хешовандони Лола вай аз вазъи хонаю манзили фақиронаи худ изтироб накашида наметавонист: кулбаи похсадевораш качу килебу боми пастакаш хаспӯши онҳоро бешак агар дар хонаводаи духтар мол мепарвариданд, барои чорво лоиқ медонистанд.

Агар тӯй кунад, падару модари баландмартабаи духтар, хешовандони калонгири вай, савори “волга”-ҳои сафеди бошукӯҳ ба деҳа меравад... Мераванду дар ҳузури мардуми деҳа фиғон мебардоранд, аз бетолеию бебарории духтари худ алам кашида, балки ҳой-ҳойкунон гирья оғоз менамоянд... Он гоҳ дар назари аҳли деҳа чӣ одаме мешавам?! — мегуфт Ғаюр дар соатҳои танҳоӣ аз ин хусус андешида. — Ҳар яке аз ҳамдеҳагон рӯирост мегӯяд: “Ба кӯрпаат нигариста, пой дароз кунӣ, намешавад?! Ту куҷою духтари ин одамони мӯътабар куҷо? Дар сурфаат нимча орд нею ба гардани сагат марвориду марҷон бастан мехоҳӣ?!”

Медонам, хонадони ӯро аз ҳоли мо нанг меояд, аз ин ҳам огоҳам, ки бо саргузашти ман барине ба сояи Лола барин духтар нигаристан ҷоиз нест, лекин бо дили худ чӣ илоҷ кунам?.. Сад не, ҳазорон бор мехостам, ки вай духтари коргар ё колхозчии оддию қаторӣ ё фарзанди муаллими мактаб ё аз хонаводаи инҷенере ё духтуре бошад. Баъзан ба худ мегӯям, ки хайр, дар замони пеш ҳам аҳьён-аҳьён нодору доро, омию саид ба якдигар пайванд мехӯрдаанд-ку! Пастию баландии миёни мо меросӣ не, ирсӣ не, агар волидайни Лола одамони фозил ва ба мақому мартабаи худ шоиста бошанд, набояд, ки ба ҳоли ман баринҳо биханданд ва аз кори ман хашм бигиранд. Охир, ҳамагӣ ним аср шуд, ним асракак қабл аз ин инқилоб ҳамаро баробар карда буд... Наход, ки ин вазифадорон табақаи наве бошанд? Агар фарзандони онҳо ҳаргиз дар сари дастгоҳ ё дар киштзор кор накунанд, аз паи мансаби падар мансаб гиранд, пас табақаи махсусанд... Аслан, агар ҳақи гапро гӯям, аз нодорию кулба-козаи харобамон ҳам чандон зиёд хавотирӣ надорам. Агар ҳамин сабилмонда дар ҳабс нишастанам набошад... Ҳолӣ ҳайронам, ки чӣ хел адвокат

мешавам?.. Махсусан, бо ин одамон, бо ин чунин коргузорию муомила... Ба фикрам, Қонунии лаънатӣ маро саргардон кард... Бачагию хаёли хомро нигаред, бовар кардаам, ки ман ҳуқуқшинос мегардаму гунаҳгорро меёбам ва худамро сафед мекунам!.. Агар аз ниятам Муроди мантур заррае огоҳӣ ёбад, ман аминам, боз бо ягон баҳона корамро ба ҳабс оид мекунад. Масъалаи пахтаро ба Москав навиштанӣ будаст гӯён ҳамаи алғов далғовро раис ташкил карда будаст. Аллакай “радио”-и деҳа ин хабарро паҳн кардааст. Аз кӣ, дар куҷо ин гап баромадаст, касе намедонад. Дар ҳақиқат, Мурод ба зану духтар хушаш не... Аз он, ки дар ҳуқуқшиносӣ мехонам, табъи раис хира будаст. Аллакай аз деҳа огоҳӣ гирифтам, ба ин тарафҳо ба кор набиё гӯён навиштаанд. Тавба, бовари кас намеояду аммо аз мафия монданӣ не. Мо фақат мардумро мафияи Италия ё Америка катӣ метарсонем. То кай аз ҳоли худ бехабарем? Чаро як бор гиребони худамонро бӯ намекунем? Чаро?.. Барои коре, ки қонун онро манъ накардааст, гунаҳкор намекунанд... Файласуф Бэкон сесаду панҷоҳ сол қабл аз ин суханоне гуфтааст, ки имрӯз ҳам ба дарди мо мехӯрад: “Дар ҷамъияти фуқаро ё қонун ҳукмрон аст ва ё тазъиқу зӯрӣ. Таъзиқ баъзан ба сурати қонун амал мекунаду гоҳе қонун таъзиқу зӯровариро тафсир мекунад на баробарҳуқуқиро...” Ман ин суханонро ҳангоми дар курси дуюм буданам ёд карда будам...

## Боби 11

Ғаюр ҳар боре, агар Лоларо диданӣ бошад, рост ба факультети ӯ меомаду ҷадвали дарсҳоро менигарист ва агар маҳбубаш машғули дарсхонӣ бошад, то адои дарсҳо интизор меистод. Лола тарафи бегоҳу шаб ба мулоқот моил набуд.

Ғаюр одатан дар сари роҳи духтар сояи дарахтеро меёфту зуд аз ҷузъдонаш рӯзнома, маҷалла ё китоберо гирифта саргарми мутолиа мешуд ва ба ин васила гузаштани вақтро надониста мемонд. Лола аз донишгоҳ ба хона ва аз хона ба донишгоҳ фақат аз ҳамин хиёбон мерафт.

Аммо имрӯз дар назар интизории Ғаюр хеле тӯл кашиду Лола бедарак буд. Ғаюр ба соаташ нигарист — ақрабакҳои соати кӯҳнаи “Полёт” чорьяк кам шашро далолат мекарданд. Ӯ қариб як китобчаро хонда ба поён фуровардаст. “Хайр, чӣ гуна ҳуқуқи кор карданро пушти по задану поймол кардани шахсони мансабдорро акнун нағз медонам, аммо сад афсӯс, моддае, ки ин ҳуқуқро муҳофаза мекунад, фақат дар рӯи коғаз аст, — мегуфт вай худ ба худ изҳори андеша карда. — Аз ин ваҷҳ ягон шахси ҷазо гирифтагиро нашунидаам, агарчи вайронкор лак-лак аст...”

Ин дам кулӯхчае дар пеши пояш афтоду Ғаюр аз китоб сар бардошта хушнуд ба атроф нигарист.

Ин одати содалавҳона ҳатто дар назарҳо бачагонаи Лоларо ӯ хуб медонист. “Духтари шаҳрӣ, аз хонадони сирф зиёӣ бошад ҳам, баъзе кораш духтараки гӯли деҳотӣ барин,” — мегуфт Ғаюр аз ин хусус андешида.

Лола аз паси танаи чинор хандида баромад.

— Дар бораи ишқу муҳаббат ягон китоби шавқовар мехондед? — пурсид вай баъди даст дода вохурӣ кардан.

— Хока... Доири ҳуқуқвайронкунӣ...

— Касби ман касро дилгир мекунад гӯям, касби шумо батар барин... — гуфт Лола уф-ф гӯён бари ӯ дар харак нишаста.

— Рост мегӯед, Лола, ҳар ду ҳам бо касби дилгиркунанда... дар як хона чӣ хел зиндагӣ мекунем? А?

— Гап дар касбу кор не... — гуфт Лола лоқайд аз

нуқтаи номаълуме чашм наканда. Сипас афзуд: — Як нафар ҳамсояамон мегуфт: “Ман ба кор меравам у занам аз кор меояд, ман ба хона меоям у занам ба кор, фақат рӯзҳои истироҳат дурусттар якдигарро мебинем”.

Лола ин суханонро мегуфту чашмаш ҳанӯз ҳам ба нуқтае банд, ҳушаш ба фикри дигаре машғул буд.

— Ин қадар бисьёр фикр накунед, ҳамааш хуб мешавад, — гуфт Ғаюр бо табассуми маънидор ба рӯи пуртаровати духтар ба мафтунӣ нигариста. Ин лаҳза дилаш мехост, ки ҳеҷ набошад, бо нармаки ангушто наш чашму абрӯовони дилошӯби духтарро молида, ӯро навозиш кунад, аммо аз ин андешаи густохона гӯё духтар огоҳӣ меёфта бошад, изтиробомез нигоҳашро ба ҷониби дигар гурезонд.

— Чӣ хуб мешавад? — якбора ба рӯи ҷавон хандида нигаристу пурсид Лола.

— Ҳар он чӣ фикр мекунеду аз он меҳаросед... Хайр, одам аз чӣ меҳаросад? Аз фардои номаълум, аз ояндааш...

— Гапи бекора... Чаро ҳаросам? А?

— Гӯям, аз чӣ меҳаросед? Умуман, чиро фикр мекардед, гӯям? — гуфт Ғаюр бо нимтабассум дасти духтарро оҳиста фишурда. — Ман ғайбдонам, равғани мор хӯрда будам.

— Хуб, чиро фикр мекардам, гӯед.

— Фикр мекардед, ки агар ба Ғаюр расаму тӯй кунем, хешовандонамон ба деҳаи харобазори вай рафта, ба занони остинвасеи деҳа чӣ хел менигариста бошанд, баъзеро ҳуш аз сар мепаридагист, ҳайфи духтарамон мегӯянд... Ҳамин тавр не?

— Бо ин хел аҷоиботи деҳаатон ҳоло ҳеҷ касро ҳайрон намекунед. Сонияш, имрӯз фақат пирони деҳа дар либос аз шаҳриён тафовут мекунанд, ҷавонону духтарон як

хел сару либос, фикру андеша, рафтору кирдор... Баъзе олуфтаҳои деҳа...

— Хоҳу ноxоҳ мардуми деҳа дар нисбати шаҳриён камбағалтаранд. Агар шаҳриён барин рӯзе камаш ду бор хӯроки гарм хӯранд, сарҳисоби рӯзғорашон гум мешавад.

— Ман ба ин фикратон розӣ не. Ҳаёти деҳа ва деҳотиёнро ман ҳам каму беш озмудам. Баъзеҳошон пул доранд, даромадашон кам не, аммо зиндагии маданӣ надоранд. На иморати дуруст месозанд, на рӯзгори осуда, дар хонавода на мошини ҷомашуӣ, на газ, на ҳаммом... Магар дар як канори ҳавлӣ ҳаммомчае сохтан мушкил аст? Сечор банд ғӯзапояю ду кундача кати рӯзҳои истироҳат онро тафсонда мешавад. Охир, ҳаммом гарави тансиҳатист. Бузургони пешин гуфтаанд, ки ҳафтае ё кори арақрез ё ҳаммоми арақрез ба инсон ҳатман зарур аст, — гуфт Лола тез-тез.

— Мардуми деҳа ҳар рӯз кори арақрез мекунад... — ба шухӣ хандид. Ғаюр.

— Ҳаммом ҳам зарур аст. Бовар кунед, дар тани чиркин ақлу заковати расо ҳам тира мегардад. Баъзеашон зимистон ангишт надоранд, хонаро чӯбу чахс ё таппак кати гарм карда мешавад?

— Ба пулашон ангишт ёфта натавонанд, чӣ кор кунанд?! Ба анбори ангишт меравад, фақат хокаи ангишт ҳаст. Лӯндаашро хӯҷаинони анбор ду-се баробар зиёд нарх монда, ба тарзи хуфия пул мекунанд ё ба ёру ошнояшон медиҳанд. Бечора деҳқон сарашро ба куҷо занад? Бодому арчаи кӯҳро бурида оварда ҳезум мекунаду таппаки говашро...

— Ҷӯянда ёбанда аст, — оҳиста эътироз кард Лола. Баъд пурсид: — Хуб чаро иморати дуруст намесозанд? Чаро беҳаммом, бе газ?.. Аксарашон ошхонаи соз надо-

ранд, дар рӯзҳои сармо ҳам дар айвони пешаш кушод ё дар печкаи хонаи истиқомат хӯрок мепазанд?

— Хуб, ҳамин ки мо тӯй карда барои худ иморат сохтем, ваъда мекунам, — ман барои шумо дар як гӯшаи ҳавлӣ сауна месозам. Аз санги хоро, оташдонаш ҳам аз санг, фаршу курсиҳош аз санг...

— Боз баҳси кӯҳнаро мекушоед... — гуфт Лола хастаҳолона оҳ кашида. — Вақте ки имконияти дар шаҳр зиндагӣ карданро дорад, кӣ ба деҳа меравад? Фардои худро пеши назар биёред, на фақат фардои худро... — гуфт маънидор табассум намуда.

— Фарқи шаҳру деҳаро нест мекунем мегӯянд-ку, ё шумо ба суханони партияи ҷоноҷон бовар намекунед? — гуфт Ғаюр шӯхиомез хандида.

— И-и, бовар накарда мешавад?! Бовар мекунам, аммо... чӣ гӯям, партия нагуфтаст-ку фардо фарқашро нест мекунем. Шояд дар солҳои ду ҳазору ҳафтодум фарқ намонад... То он замон аз ману шумо дар ин дунё ду теппача хок мемонад.

— Лолаҷон... Охир, ман модарамро танҳо монда дар шаҳр намемонам, чаро инро намефаҳмед?!

— Чаро он касро танҳо монем? Ба шаҳр меорем, ман аз дилу ҷон хизматашонро мекунам.

— Модарам ба шаҳр кӯчида намеояд. Вай дар ин ҷо зиндагӣ намекунад. Аввало, духтараш дар он ҷо... номзади Ҳалима тайёр, ба қарибӣ тӯй мешавад. Ба ғайри ин, хешу табораш, тӯбу тухмаш дар он ҷо, ӯро аз решааш ҷудо карда намешавад, вай ба зиндагӣ дар деҳа одат кардааст. Одат кардаст гуфтан кам аст, дар мағз андар мағзи...

— Хайр... агар ин тавр бошад, дар хонаи Ҳалима монанд... Мо ҳар ҳафта ба деҳа рафта аз ҳолашон хабардор мешавем, — гуфт Лола гарму часпон ба чашми Ғаюр нига

риста.

— Айб аст, Лолаҷон, — гуфт Ғаюр оҳиста гесуи дарози ба рӯи харак афтодаи духтарро ба рӯи дасташ гирифта. — Писар зиндаю саломат бошаду модар ба хонаи домод равад, мардуми деҳа маро таънасор мекунанд.

— Охир, фикр кунед, шумо дар район кор карда наметавонед. Тамаллуқкорӣ карда наметавонед, пушту паноҳи зӯр надоред, пас ба умеди кию чӣ ба деҳа рафтаниед, ман ҳайронам.

— Ғаюр ширин табассум карду ба нишони тасдиқ сар ҷунбонд ва сипас гуфт:

— Дар ин бобат ҳақ ба ҷониби шумо... Ба деҳа рафта чӣ кор карданамро худам ҳам намедонам. — Ғаюр лаҳзае хомӯш биандешиду баъд афзуд: — Фаразан, агар тағоиям раиси комиҷроияи район бошанд, гумонатон ман дар паноҳи он кас даврон мекардам? А?

— Хайр, ба ҳар ҳол, аз ҳамлаҳо эмин кор мекардед. Хешу табори баландмартаба аз бобати шумо ҳеҷ ғамхорӣ накунад ҳам, ғамхорӣ мекардагиҳо ёфт мешаванд,— гуфт Лола маҳзун сар ҷунбонда.

Ғаюр нотаъин китф боло кашид.

— Бо ин тарҷумаи ҳолатон шуморо дар район хеле уқубат медиҳанд, нописанд мекунанд. Ҳатто аз рӯи ихтисоси худ кор пайдо карданатон мушкил хоҳад шуд, Ғаюрҷон... Айёми тафтишу суди шумо ман кию чи будани мардуми район, хусусан, раҳбаронро донистам. На виҷдони инсонӣ доранду на ҷасорати гражданӣ! Давраи мо чунон нокасонро ба рӯи кор овардаст, ки агар як бор корафтода шавед, аз дуньё, аз ҳаёт дилсард мешавед. Ҳанӯз дар ёдам: колхозатон шуморо ба кафолат гирифтан нахост, тавсифнома надод...

— Дар шаҳр ҳам ҳамон хел касон дар сари коранд, — гуфт Ғаюр. Ин суханаш ба Лола сахт асар карданашро донад ҳам, онро тавзеҳ дода, ҳамвортар кардан нахост.

— Яъне, падари маро, тағоямро... шумо ба ҳамонҳо дар як қатор мегузоред? — пурсид Лола маломаташро пинҳон карда натавониста.

— Ман падару тағоии шуморо намешиносам, — гуфт Ғаюр филфавр рангу бори ҷиддӣ гирифтани суханро пай бурда.

— Шумо ҳоли ҳам аз болои шутур алаф медаравед, Ғаюрҷон, — гуфт Лола насиҳатомез. — Ба замин фуроед, азизам!.. Ҳазор кунед, ки ходим ходим аст, махдум махдум аст. Бесабаб ба раҳбарон он қадар имтиёзҳоро надодаанд. Гумонатон дар мамнӯъгоҳҳо шикор кардани раҳбаронро ё шикоятгарону норозиёнро танг карда, бо ягон баҳона аз кор рондани онҳоро дар Москва намедонанд? Нағз медонанд. Вақте ки тавфиқи кори республикаро, бечуну чаро ба боло итоат кардани онҳоро талаб мекунанд, дар ивази инчунин садоқат ягон имтиёзе бояд диҳанд. Агар баробари дигарон бошанд, ҷон кандани онҳо маънӣ надорад... Ҳаққоният катӣ кор буд нашуданашро дар боло ҳам нағз медонанд.

— Ҳамаи ин сиру савдоро ман ҳам медонам, Лолаҷон, аммо бовар кардан намехоҳам! Мефаҳмед? Шояд, ки ин тавр набошад гӯён умедворам. Вагарна... Ҷиноят натиҷаи амал нест, сарфи назар аз натиҷа, амал ё беамалӣ...

— Шумо хато кардед... — сухани Ғаюрро бурид Лола.

— Дар куҷо, чӣ хел хато карлам? — Баъди лаҳзае андешидан оҳиста бозпурсид Ғаюр.

— Мебоист, ки ба факультети ҳуқуқшиносӣ дохил намешудед.

— Инро кайҳо пай бурда будам. Аммо дер шуд. Пушаймонӣ суд надорад. Дар курси сеюм, вақте ки профессор гуфт, ки ақидаи давлати комилҳуқуқ ақидаи буржуазию либералӣ аст, он моҳияти синфии давлати буржуазӣ ва ҳуқуқҳои онро ҳимоя мекунад, ман хомӯш нишаста натавонистам, шӯрида бо ӯ мунозара карда будам, ва рӯирост гуфта будам: “Ман аз хато ба ин факультет дохил шудаам, домулло!”

— Давлати комилҳуқуқатон аслан чӣ маънӣ дорад? Ягон бор нашунидам. Шумо аввозал ба ман фаҳмонед. Охир, мо ҳама комилҳуқуқ нестем?

— Маъниаш ин ки... ҳуқуқ ва озодии ҳар як инсон, дар давлати комилҳуқуқ сарфи назар аз он ки ба сари ҳокимият кӣ меояд, бояд таъмин бошад. Аз рӯи назария дар давлати комилҳуқуқ сиёсати ҳукумат тағйир ёбад ҳам, муқобили онҳое, ки ақидаашон мухолифи сиёсати ҷорӣ аст, таъқибу таъзиқ ба кор намебаранд. Яъне, ҳеҷ як раҳбар қонуни мавҷударо поймол карда наметавонад...

— Шуд, шуд... — гуфт Лола хандида. — Дар шароити социализм ин номумкин аст, муаллими бечораатон дуруст гуфтаст. Наход ки шумо ҳаминро нафаҳмед?! Охир, дар мо диктатураи пролетариат нест магар? Диктатура дигар хел ақидаро роҳ намедиҳад.

— Лолаҷон, фақат дар давлати комилҳуқуқ инсон аз озодиаш дилпур мешавад, бюрократ кирдори худро ҷоиз ва асоснок карда наметавонад...

— Мекунад... — бедард механдид Лола. — Ана, гӯш кунед: Агар ман ректори донишгоҳ бошам, ба вазифаи деканӣ ва .мудирии кафедраҳо тадриҷан одамони гапбардор ва содиуи худамро таъин мекунам. Сонӣ ба онҳо ишора мекунам, ки Ғаюрҷонро аз донишгоҳ хориҷ кардан лозим. Онҳо дар шӯрои педагогӣ ё боз чӣ мегӯянд... дар ягон хел

маҷлиси худашон хулоса, ба иттифоқ, коллегиально ду-се гуноҳатонро дастак сохта шуморо аз донишгоҳ хориҷ мекунанд. Ректор бо ҳамин усул ҳар як ҳукмашро ҷорӣ мекунад. Қарори коллективонаро кӣ ҳақ дорад, ки бекор кунад?! Кӣ? Суд ҳам ҳақ надорад, прокурор ҳам.

— Ана, инро русҳо “лазейка” мегӯянд... ба тоҷикӣ рахна-дия, рахнаи қонунӣ. Дар воқеъ, аз ин хел қарор шикоят кардан фоида надорад. Бинобар он ҳам... чӣ хел гӯям, дар қонуни мо моддаҳои “мурда” мӯл...

Баъд онҳо аз ин баҳси бенатиҷа монда шуданду ҳар ду ба китфи якдигар такья дода хеле муддат хомӯш, ғарқи андешаю афкори худ буданд. Сипас Лола гуфт:

— Хезед маро... як бор ба кино баред... — духтар инро гуфту аз хиҷолат гӯё даргирифт. — Як бор ба кино барам намегӯед. Дар деҳа ин хел мумсик набудед-ку?

— Чӣ хел фильм будаст? Боз босмачию аскари сурх бошад...

— Як фильми нағз... Ҳама таъриф мекунанд. Дар кинотеатри “Ҷомӣ” будаст. Фильми итолиёӣ тамошобин-ро харгиз пушаймон намекунад. — Баъд Лола узр гӯён то-зон рафту аз телефони сари роҳ ба хонаашон занг зада ха-бар дод, ки ба кино рафтанист ва дертар ба хона меравад.

Онҳо саргармӣ гуфтугӯ кӯчаю хиёбонҳои шаҳрро пиёда мегузаштанд. Аз пиёдагарди мобайни кӯча и калон, ки аз ду тараф ду раддагӣ чинорҳо ба сар сояафкан бу-данд, дар паҳлӯи Лола барин духтари нозанин қадам за-данро ҳар як ҷавон ба ҷон орзуманд буданашро Ғаюр медонист. Ба сӯи онҳо ҳар як раҳгузар бо ҳавас менига-рист. Маънии нигоҳи онҳоро Ғаюр возеҳ мефаҳмид. Баъ-зан шиносҳо салом карда мегузаштанд.

Дар ин миён фақат нигоҳи озмоишкори як нафар за-ни миёнсол ва духтари понздаҳ-шонздаҳсола, ки бо Лола

ҳолҷӯӣ карда гузаштанд, диққати Ғаюрро ба худ кашид. Дар ҳақиқат ҳам он зан бо Лола дар сухан ҳолҷӯӣ мекарду чашмонашро зимнан аз Ғаюр намеканд. “Ба фикрам, холааш ё аммааш будагист, маҳз барои дидани ман рӯ ба рӯ баромадагӣ барин...” — ба дил гуфт Ғаюр баъди гузашта рафтани он зан ва духтарак. Аз ин гумони худ ба Лола ҳарфе назад, аммо аз авзои духтар тахмин гирифт, ки гумонаш аз ҳақиқат дур нест.

— Ин кас холаам... — гуфт Лола худ аз худ сурху сафед гашта. Айб накунед, расми хешу табор... домодшавандаро қаблан дида, маъқул кардан мехоҳанд... Кай боз “ман як бор бинам” гӯён мегаштанд, модарам фиристодаанд...

— Ман донистам, — гуфт мухтасар Ғаюр.

Баъдтар ин вохурӣ ҳам, нигоҳҳои озмоишкори холаи Лола ҳам баробари мазмуни фильми хориҷӣ аз лавҳи хотири Ғаюр кам-кам сутурда гаштанд. Баъди хеле муддат фақат суханони духтар аз бобати ҳуқуқ ва қонун, чигуна ба иттифоқи чор-панҷ нафар ӯро аз донишгоҳ хориҷ кардан мумкин аст, ба хотираш расид, возеҳтар он аст, агар бигӯем, ки чору ночор он гуфтаҳоро боз ба ёд биовард. Ғаюр он суханони Лоларо ба ёд оварду ангушти ҳайрат ба дандон газид ва зери лаб ба худ гуфт: “Ҳамон рӯз ман ғайбдонам гӯям, кори қисматро нигаред, ки вай ғайбдонӣ кардааст...”

Қиёми фасли баҳорон, айёми тундару селҷӯшӣ, чукриву лола...

Аммо имтиҳон ба ҷавонону духтарони доништалаб имкон намедиҳад, ки чашм кушоянду тароватти баҳоронро нигаранд. Коҳилтарин донишҷӯй ҳам дар ин айём вақти худро бар ҳадар намегузаронад — имтиҳонот наздик аст, тайёрӣ мебинад. Агар он илмро дигар қудрати дар хотир гирифтан надорад, ӯ онро дар варақчаҳо мухтасар сабт

карда, шпаргалка месозад.

Ҳатто он донишҷӯёне, ки тамоми соли таҳсил аз устодони сахтгиру пурталаб безор буданду он муаллимоне, ки дарсашонро бо латифасозию саргузаштгӯӣ мегузарониданд, писандашон буд, ҳоло, дар арафаи имтиҳонот билкулл тағйири афкору ақида карда, дигар ба суханони пуч ва дилкушидои беҳуда тоқат надоштанд.

Аммо ин чунин изтироби донишҷӯуён ба устодони фориғбол гӯё асар намекард. Декани факультет Орифӣ солҳои охир ба маҷлису машваратҳои гуногун монанди ҳамаи мансабдорони аслан бекорхӯҷа одат карда буд. Он-чунон одат карда буд, ки дигар рағбати дарсгӯӣ надошт, фаразан, агар дар донишгоҳ маҷлисе набошад ҳам, ба баҳонаи машварате ё ташрифи меҳмоне ба дарсаш намедаромад ва ё агар дарояд ҳам, ним соат беш тоқат накарда бо баҳонае баромада мерафт.

Ба Ғаюр ҳаминаш алам мекард, ки боз маҳз инчунин муаллимон аз донишҷӯён итоати бечуну чаро, дар ҳама ҳол беэътироз тобеӣ ва фармонбардорӣ талаб мекарданд. Ҳам Ғаюр ва ҳам донишҷӯёни дигар равшан медонистанд, ки дар асл ин қабил муаллимон аз онҳо интизом не, ҳилму адаб не, балки тобеият ва фармонбардорӣ талаб доштанду бас. Мактаби коргузории Сталинӣ, — мегуфт Ғаюр маломатомез сар ҷунбонда. — “Усули асосии бюрократ ҳамин аст”.

Ҳамаи донишҷӯён медонистанд, ки агар дар мактаб директор дарсгӯиро аз ягон фане ба зиммаи худ бигирад, толибилмон аз он фан бебаҳра хоҳанд монд. Сабаби ин ҳол он буд, ки дар мактаб ҳеҷ кас ҷуръати ба директор эродгирӣ ва ғайрати танқид карданро надорад. Орифӣ ҳам баъди чор-панҷ соли деканӣ ба ҳамин “дард” гирифтор гашта буд. Вай аксар ҳангом понздаҳ-бист дақиқа таъхир карда ба

синф медаро маду боз дар соати дуюм ба Ҳайдар китоберо дода: "Аз фалон саҳифа то фалон саҳифа мехо-нед, ҳама ором нишаста гӯш кунанд", гӯён баромада мерафт.

Ғаюр соатҳои дарси ӯро умрфарсоӣ мешумурд, аммо дандон ба дандон монда ночор менишаст. Айёмӣ охир ҳис мекард, ки Орифӣ ба дарсаш нописандии ӯро пай бурда-аст. Заҳрхандааш, нигоҳи ғазабнокаш, кинояҳояш ба ин далолат мекарданд. "Барои танқид таъқиб мекунад, қасос мегирад, аммо ман ҳинги карда наметавонам, — мегуфт Ғаюр ботинан алам каши да. — Дар кодекс и ҷиноятии мо моддае нест, ки аз тарафи шахсони мансабдор барои танқид таъқиб карданро гуноҳ шуморанд. Фаразан, гар чунин модда бошад ҳам, гапи раҳбар гап аст. Сухани директори совхоз эътибор дорад, на вовайлон деҳқони бечора. Ба қавли Орифӣ гӯш медиҳанд, на ба сухани ту барин донишҷӯ, мулло Ғаюр!.. Аз афти кор ҳоли ҳам чашми ту боз нашудаст. Гумонат, агар ту қонундону ҳуқуқшинос гаштӣ, бюрократ аз ту меҳаросад?! Ин хобро ба об гӯй, барои бюрократ қонун писанд не, қонуса хизматгори вай аст — агар даркор бошад, кор мефармояд, даркор набошад, канор ист мегӯяд... Дар китоб чӣ қадар моддаҳое, ки амалан ҳаргиз ба кор намебаранд, ҳастанд! Мутахассисон онҳоро "моддадои мурда" мегӯянд..."

Боре ба ин тариқ баъди вазифа супурда рафтани Орифӣ, Ғаюр ҳам аз ҷояш бархосту ба Ҳайдар гуфт:

— Китобро то худам нахонам, намефаҳмам. Беҳта-раш ба қироатхона рафта, ин бобро худам ба диққат муто-лиа кунам.

— Рафта аз муаллим иҷозат гиру сонӣ бирав, — гуфт Ҳайдар бо тамасхур. — То худаш нахонад, намефаҳми-даст!

— Барои чӣ иҷозат гирам?! Аздусар дарс намегуза-

ранд. Ман аз қироати дигарон ба дурустӣ намефаҳмам, мефаҳмӣ?

— Дарс нагузаранд ҳам, нафаҳмӣ ҳам, мешинӣ, вассалом! Дигарон нишастаанд-ку!

— Ман ба дигарон кор надорам. Хоҳанд, бишинанд. Ман нишаста наметавонам, вақти бекораам нест.

— Ҳа, шумо олим шудагӣ, вақтатон қимат аст! — Масхараомез заҳрханда кард Ҳайдар.

Ғаюр аз дари синфхона баромаду дарро сахт пӯшид. Аз қафояш хандиданд.

Аз ин гуфтугузор хеле вақт гузашту Ғаюр онро қариб фаромӯш карда буд. Боре, дар охири як дарси Орифӣ доир ба тартиби имтиҳонҳо Ғаюр аз ӯ саволе пурсид. Орифӣ ба ҷои ҷавоб ба Ғаюр теғ кашида сахт нигоҳ карду аз синф бароён бо заҳрханда манаҳашро ҷунбонда-ҷунбонда гуфт:

— Шумо... ҳи-ҳи... ҳама чизро худатон хонда мефаҳмед... Ҳи-ҳи... Ҳамту не?.. А?.. Фаҳмондани ман зарур набудагист? Ҳи-ҳи-ҳи... Ё барои... ҳи-ҳи-ҳи... декани факультетро, ҳам имтиҳон карданӣ хастед? Деканат бо шумо маслиҳат намекунад...

Ғаюр аз инчунин муомилаи кинаварона бемантиқи декан ҳайрон монд. Ду-се нафар бачаҳои рамузфаҳм оҳиста ӯро огоҳ карданд: “Ҳушьёр шав, авзояш беҷо барин, кинааш ганда мегӯянд...” Аммо Ғаюр ба ин огоҳии онон эътибор накард, Вай ба худ амин буд, ки ба ҳар навъ имтиҳонҳоро месупорад ва аз ин даргоҳи дилфишори кинаварони ошнобоз ва бюрократҳои ришвахӯр дуртар меравад ва ҷаҳд мекунад ҳар чӣ зудтар онҳоро фаромӯш кунад, билкул аз лавҳи хотир сутурда партояд. Аслан, вай кайҳо аз касби пеша кардааш дилсард гапгта, пушаймонӣ мекашид. Айёми таҷрибагирӣ вазъи идораҳои адлияро дид, каму беш санҷиду бори нахуст ба дил “афсӯс” гуфт.

“Мардум бо ақли худ амал карданро, фикри худро давониданро фаромӯш кардаанд”, — мегуфт Ғаюр худ ба худ мубоҳиса оғоз намуда. — Ба ҳар ақидае, ки аз идроки мо дур аст, тамасхур мекунем. Муаллим ба тамасхур мегуфт, ки дар штати Миннесота ШМА қонун дар як ресмон овехтани таҳпӯшии марду занро манъ мекунад. Ва ҳама ба содалавҳии қонуншиносони он диёр механдиданд. Мо шубҳа карданро фаромуш кардаем, ақламон карахт гаштаст... Бо ин мардум кор кардан азоб аст!.. Ба ҳамааш туф мекунаму меравам, дар ягон сохтмон булдозерчӣ мешавам, моҳонааш ду баробари моҳонаи муфаттишу инҷинер аст. Вай бо кадом як ҳисси номаълум пай мебурд, ки ба сари ӯ ошуби дигаре, фитнаи номаълуме сарозер меояд.

Ситораи думдори касофатбор, аз афти кор, аз осмон рафта бошад ҳам, дар сиришти Ғаюр, дар хулқу хӯи вай сахт ҷой гирифта буд.

## Боби 12

Баҳор аллакай дару тирезаҳои хобгоҳро боз намуда бо нуру ҳарорат, бо насими сабзаю шукуфа, бо чаҳ-чаҳи мурғони гуногун хонаҳоро пур мекард, дилҳоро ба ҷӯш меовард. Аввали рӯз соате борони сахт рехту ҳоло офтоб баҳорона механдид. Аммо абрҳои сиёҳ рӯяшонро турш карда, дар як канори осмон болои кӯҳҳои Варзоб соя андохта буданд. Монанди аксари мардуми диёраш Ғаюр ҳам гузашти умро бо гузашти баҳор дарк мекард. Аз рафтани тобистону тирамоҳ ё зимистон маҳзун намегашт, афсӯс намегуфт, вале аз рафтани баҳор дилаш андӯҳгин мешуд. “Кай омад, кай рафт, гӯё надида мемонем. Дар деҳа, аёми бачагию наврасиам ҳар як баҳор барои ман гӯё як умри тамом буд. Гул мечиндам, барои самбӯса алаф

мечиндам, баъд ба замбӯруғчинӣ мерафтам, сайри лола... То ба гардан дар миёни амвоҷи он дарёи сабзи хушбӯ гаштанам ҳеҷ аз ёд намеравад. Худро ба оғӯши гулу гиёҳҳо афканда соатҳо онҳоро бӯида, сина ба хоки азизи ватан дода хобидан чӣ роҳатбахш аст, чӣ ҳаловате дорад!.. Гӯё Антей барин аз замин тану ҷони ман нерӯ мегирифт... Ана, акнун баҳор мегузараду надида мемонем, ки чӣ хел гузашт... Агар имконияти нағз медоданд, ҳанӯз ҳам ба кори деҳқонӣ мерафтам, замин шудгор мекардам, тухмӣ мепошидам, дарав мекардам... Агар моҳонаи нағз, макони истиқомат, як порча замини рӯидарича диҳанд, чаро наравам. Вале... аз ҳама асосиаш — агар бюрократҳо намебуданд, ҳақиқату ростӣ мебуд...

Ғаюр чунин андешаҳои ширин дар сар назди тиреза ба оинача нигариста, риш метарошид. Ҳусейн ва Саид дар рӯи кат ғелида китоб мехонданд. Ҳайдар бо магнитофони нав харидагиаш, Ғиёс бо ҷомадонаш андармон. Ришашро тарошида, дар оина андоми худро бодиққат нигаристани Ғаюрро дида, Ғиёс Ҳайдарро нихта карду оҳиста дар бехи гӯшаш гуфт:

— Нигоҳ кун, нигоҳ кун, шутур нозанин завқ мекунад! Хушрӯ! Ҷудо хушрӯ!

Ҳар ду якбора қоҳ-қоҳ зада хандиданд.

Баъд Ғиёс ба Ғаюр рӯ овард:

— Ҳой, Ғаюр, ришат-ку мӯл, мӯйлабат чу кам?

— Чӣ илоҷ — гуфт Ғаюр маънии қабеҳи суханбозии ӯро пай бурда, — ба боло туф кунам, мӯйлаб, ба поён туф кунам — риши сабил... — вай “Ришу мӯйлаб” лақаб доштани ин ҳардуро дар назар дошт.

— Ту ҳам туф дорӣ магар?.. Дар даҳони ту туф ҳам нест, гӯҳ аст! — Ҳайдар инро гуфту қоҳ-қоҳ зад ва овози

магнитофонро якбора баланд кард, то ҷавоби гуфтаҳояшро нашунавад ё ба ҳарифи худ имкони сухангӯӣ надиҳад.

Лаҳзае ҳар ду ҳам хомӯш гаштанд.

— Ба ин ғӯли биёбон гап зану муомила шунав. Охир ба ман гап бизан, ин касро чиба қатӣ мекунӣ? — Баъди хеле вақт Ҳайдар овози магнитофонашро гирифту Ғиёс ба сухан даромад. Ғаюр ба майли хотир, беасабоният, дар чеҳрааш ифодаи истеҳзо бошад ҳам, оҳанги гуфтораш гиламандона гуфт:

— Айба кӣ монад? Маъюб... Дар ҳаққи ман чиҳо гуфта гаштед, чӣ кор карда истодаед, ҳамаашро медонам. Ба панҷ сол хонданам ҳайфам меояд, набошад...

— Чӣ набошад?.. Гап зан, канӣ фаҳмем? — гуфт Ғиёс хушнуд ба сӯи Ҳайдар чашмакӣ зада. — Аз дастат чӣ кор меояд, бадбахт? Агар метавонистӣ, кайҳо ту ҳамаро лагадкӯб ҳам мекардӣ, таҷовуз ҳам...

— Туро ҳар кор кунам, савоб мегирам.

— Ҳеҷ гап не, зарурати муҳофиза ҳуқуқ медиҳад, ки мо...

— Саросема нашав... Мебинам... Ҳоло гап дар пеш... — Инро гуфту зуд овози магнитофонро баланд кард Ҳайдар. — Вақте ки ҷазоҳои дигар таъсири зарурӣ намебахшанд, ҷазоҳои иловагӣ ҳам ҳастанд. Ҷазо дар кодекси ҷиноятӣ... — фарьёд зада мегуфт вай.

Ғаюр “ту катӣ кирои гап задан не”, гуфтан хосту даст афшонд ва барои асбоби риштарошиашро шустан аз хона мебаромад, ки Мирзо аз дар даромад.

— Ҳой, ба ту нагуфтанд-чӣ? — Ду даст ба ду сӯ дароз карда изҳори афсӯс кард Мирзо.

— Чӣ гап? — дар таги дар бозистод Ғаюр. — Чиро нагуфтаанд?

— Э, Ғиёс, ту чӣ хел одамӣ? — Баъд ба Ғаюр рӯ овард:

— Зуд ба меҳмонхонаи “Помир” рав. Як ҳамдеҳаат кофта омад. Модарат бетоб будаст.

— Модарам?.. Эҳ... Кай омада буд? — Ғаюр аз ин хабари ногаҳонӣ якбора дасту по хӯрд ва аз дасташ асбоб ба замин афтод, аммо вай даст афшонду чашм аз Мирзо наканда ба эзоҳи ӯ нигарон буд.

— Саҳарӣ... Тоз. Имшаб дар меҳмонхонаам, гуфт. Хонаи 36. Аз ёд набарор — 36.

Ғаюр риштарошакашро саросема шуста омаду либосашро пӯшида тозон баромада рафт.

— Кори нағз накардӣ, Ғиёс, — баъди рафтани ӯ Мирзо Ғиёсро маломат кард. Нигоҳи вай қаҳролуда буд. — Ин хел ташвиш ба сари ҳар кас меояд. Аз ёдат баромад ё қасдона нагуфтӣ?.. Агар қасдона нагуфта бошӣ, вой бар ҳоли ту! Ба ту ҳам одамон ҳамин хел муомила мекунанд, ҷӯра. Аз мукофоти амал халосӣ нест мегӯянд, дониста мон. “Напиндорам, эй дар хазон кишта ҷав, ки гандум бигирӣ ба вақти дарав!” Суханони Саъдиро ҳамту гап-дия нагӯй.

— Гап задан намехоҳам. Ба дилам задаст ҳамин ғӯли биёбонӣ. Як ман не, ана, Орифӣ ҳам аз бало бадтар мебинад. Ҳайдар кофтуков карда баъзе чизҳоро фаҳмидаст. А, Ҳайдар?

— Ҷим, ин гап аз хона набарояд, — гуфт Ҳайдар асроромез бо овози паст. — Роҳбарият маслиҳат доранд. Кайҳо боз таги чашм карда гаштаанд. Гуноҳаш бисьёр будаст... Ҳозир лагандаш дар рӯи об лаппида истодааст. Ба ҳеҷ кас алҳол бӯяшро набаоред, гапу кор дар пеш аст...

Ин хабарро шунида лаҳзае ҳама хомӯш буданд. Гӯё Ҳайдар муаммои сарбастае ба миён партофта бошаду ҳар яке зӯр мезад рамзи онро бикушояд, бо ақли худ бисанҷад.

— Нағз не, ҷӯраҳо, — гуфт оқибат аз андеша сар бардошта Мирзо. — Бадхоҳӣ накунед, Ҳайдар, ба декан ҳам

гӯед... Ҳой, охир бо ин коратон, ба вай не, ба номи худ исноди нохуш мебиёред. Агар ба вай ҷазо диҳанд, ҳама моро маломат мекунанд. Панҷ сол дар як гурӯҳ таҳсили илм карда душманӣ, кинадорӣ нишони камолот не...

— Ҳой, ба ин хелҳо ҳеҷ дилат насӯзад, — таъкид кард Ҳайдар. — Дар синни ҳаждаҳ ҳабс шудагӣ одам, одами нағз не, нобакори модарзод аст! Мегӯянд, ки ҷинояти ин бисьёр аст. Кадом як ҳамдеҳааш ҳикоя кардааст...

— Ман ҳам шунидам — тӯҳмат аст, — гуфт Ҳусейн сухани Ҳайдарро бурида. — Ҳамту, нигаред, Ғаюр ба ин хел корҳо қобил аст магар? Ҳамаи мо фардо муфаттиш мешавем, бояд одамшинос бошем. Ғаюр ба ин хел ҷиноятҳо қобил не! Агар ғазабаш ҷӯшад, мезанад, мекӯбад, аммо... туро намефурӯшад, ба кас хиёнат намекунад.

— Ба тӯҳмат мондагӣ... ё тасодуф... Кӣ медонад, — тахмини худро изҳор кард Мирзо. — Агар нағз дида бошаду аз рашк ҳамин тавр карда бошад ҳам, ба ҷавони ошиқ, бахшидан мумкин аст. Ман дар ҳаждаҳсолагӣ ба як духтар сахт ошиқ шудам, вақте ки волидайнаш ӯро ба ҷавони дигаре фотиҳа карданд, тайёр будам, ки маҳбуби худро duздида ба ягон тараф барам, ё коре кунам, ки он ҷавон аз вай даст кашад...

— Ба дасташ кору вазифа расад, сонӣ башараи ҳақиқии ин хел одамро тамошо кунед. Солҳои аввал чӣ хел буд, медонед?! Мо кам-кам дамашро паст кардем, набошад, ба сари ҳама чормағз мешикаст, — гуфт Ҳайдар аз ҷараёни сӯҳбат норозӣ рӯ турш карда.

— Ман баҳона кофта гаштаам, — сухани Ҳайдарро бесаброна бурид Ғиёс. — Ғингӣ кунад, чойникро гирифта рост ба сараш заданиам. Шумо ҷудо карданӣ шуда уна доред, ман як бор базарба кӯбам. Майлаш? Вай шикоят намекунад, ман медонам.

— Ҳушьёр шав, занӣ ҳам, ба ҷои кабуд намешудагеш зан, — ба вай маслиҳат дод Ҳайдар ва аз чӣ бошад бо шавқ, кафашро ба кафаш суда, аз ҷояш бархост. — Натарс, даъво намекунад, — одатан ба имою ишора, изҳори матлаб карда наметавонист вай. — Бе гувоҳ, бе ашёи исбот агар тавонӣ...

— Агар давоъ кунад, балогардон худатон ҳастед-ку, Ҳайдарҷон, — аз рӯи садоқат ба китфи валинеъмати худ даст зад Ғиёс. Баъд боз афзуд: — Ба ҳар кучое арзу додхоҳӣ кунад, омада-омада боз декан ҳал мекунанд, гуфта будед-ку.

— Ҳамин одам ба роҳаш рост мегардад, агар худатон ба вай чаққа нашавед, ҳеҷ гап не. Дар охир бе дилсиёҳӣ тамом карда равем, нағз мешавад. Фикр кунед, Ҳайдар... — гуфт Мирзо маслиҳатомез. — Духтарони гурӯҳамон Ғаюрро ҳурмат мекунанд. Донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ҳам.

— Э, ман ба муқобили вай ягон кор карданӣ нестам, фикри деканатро гуфтам. Аз дасти ман чӣ кор меояд?! — қабл аз ин суханони гуфтагиашро зуд ба ҳазл бурд Ҳайдар. — Ман кордор нестам, сарашу равғанаш. Муаллими иқтисодиёти сиёсӣ дуруст мегӯяд: ҷое, ки сотсиализм ҳаст, рӯҳи бетарафӣ ва бозор набояд бошад!..

Ҳайдар ҳис мекард, ки ҳамсабақонаш рӯз ба рӯз бештар бетарафӣ ё тарафдории Ғаюр сар бардошта, ҳатто баъзеҳо рӯирост “расо ба ҳамин ҷавон шалоим гаштӣ-да, бадкина будӣ-е!” гӯён ӯро муттаҳам мекарданд. Вай аз ин ҳол бештар асабонӣ мешуд, роҳҳои нав ба нави бадном кардани Ғаюрро меҷуст, аммо чунин ба назар мерасид, ки дар ин боб аллакай ҳамаи тирҳои тирдонашро парронда холӣ кардааст.

Аммо Ҳайдар баринҳо тоқа нумӯъ карда наметавонис-

танд. Усули идораи бюрократӣ тартиботи мувофиқи худро барпо карда, чунин касон дар ҳама ҷо ҳамфикру ҳаммаслакони худро меёфтанд. Фақат одами ростгӯю ростдил дар миёни ин ҳама мансабдорону пайравону фармонбарони онҳо ҳамфикр пайдо карданаш мушкил буд.

Бюрократ хотира надорад, вай ҳамеша дар ғами худ аст.

Даврони рукуд фаро мерасид, карахтӣ ва баробари он беқонунӣ ривоҷ мегирифт.

## Боби 13

Ғаюр қариб як ҳафта дар деҳа монд. Модараш кайҳо боз бетоб будаст, аммо "имтиҳонаш дар пеш, ҳушат парешон мешавад" гуфта, ба вай хабар нафиристодаст. Дар заҳрадонаш санг будаст, духтурҳо ба бемористон бурданӣ шаванд, модар "духтарам як худаш танҳо мемонад" гӯён рад кардаст. Ғаюр модарашро ба беморхона бурду духтари холаашро ба ҳавлӣ ба назди хоҳараш овард. Модар ба ҷарроҳӣ ҳеҷ розӣ нашуд. Сипас духтурҳо як-ду хел дору фармуданд, ӯ ба чор сӯ давуғеҷ карду онро дарьёб кард. Сонӣ ҳоли модар андаке рӯ ба беҳбудӣ оварду вай ба шаҳр баргашт.

Азбаски декан рухсат надоду вай рафта буд, ҳоло дилаш гувоҳӣ медод, ки Орифӣ фурсатро аз даст намедиҳад, ба вай камаш ягон танбеҳ эълон мекардагист, балки ҷазои сахттар медиҳад, кӣ медонад. Охир, вай фурсат мепоид.

Ғаюр аз мошин фуромаду ба хобгоҳ ҳам нарафт, саросема дар дасташ тӯрхалта ба дарс омад. Ҳайдар ӯро дар таҳи дар боздошт.

— Мумкин не, ба назди декан рав, — ӯ хунсардона сари роҳи Ғаюрро гирифт. — Ҳамин хел фармон доданд,

маҷбурам фармонро иҷро кунам, — бо мулоимхунукӣ табассум кард вай. Дар нигоҳи вай як навъ тантана ва тобиши ғалаба медурахшид.

Ғаюр бо ӯ гапро дароз накарду ғазаболуд ба сӯи идораи декан рафт. Дар кабинет Орифӣ бо се-чор нафар муаллимон сӯҳбат дошт. Кордорҳо даромада, мебаромаданд. Ғаюр лаҳзае дар таги дар истоду баъди баромадани як нафар сардори курси сеюм, дарро нимроғ карда пурсид:

— Мумкин?

Декан ба тарафи ӯ нигоҳ накард. Ғаюр такрор пурсид.

— Намебинед, одамон нишастаанд, — гуфт Орифӣ ба ҳамсӯҳбатонаш ишора карда. Овози вай, андоми кибрноку сангинаш, нигоҳи сардаш — ҳама бо як забон гӯё мегуфтанд: ана, ин хел нигарон мешавӣ, дар таҳи дар мешинӣ, зорӣ мекунӣ...

Ғаюр мунтазир истод. Лаҳзае аз миён гузашту занги электрикӣ чиррос зада садо дод. Дар долон лаҳзае ғалоғула баланд гашту донишҷӯён ба дарс даромаданд. Ҳама ҷо ором гашт. Дар тамоми синфхонаҳои бинои сеқабатаи факультет вазъгӯию муҳокимаронињо сар шуданд. Аз фикри Ғаюр гузашт, ки инсон баъзан ба беҳуда дасту пои худро баста, умри азизашро зоеъ мекунад. "Ба ман чӣ лозим ҳамин донишгоҳ, ҳамин илм, ҳамин диплом? Барои ба рӯям ниқоб кашидан, барои сипар, барои мутеъ ва тобеи нокасе гаштан ва ё қобилу гапдаро будан? Торҳои ин анкабути заҳрогин фикри маро, дасту пои маро чунон номаълум бастааст, ки дигар илоҷи аз он халосӣ надорам. Ин қадар маҷбурияти бисьёре! Усули таълим дар мактабу донишгоҳҳои мо аслан қобилияти эҷодкориро маҳв мекунад. Инсоне, ки онро аз ибтидо то ба охир хонда гузашт, ода-

ми гапдарою фармонбардор мешаваду бас, агарчи мақсад мутахассиси бошуур аст. Инсони бовиҷдон аз ин таълим сахт азоб мекашад. Боз аз ҳамин инсоне, ки ба фармонбардорӣ ва мутеият кайҳо хӯ гирифтааст, талаби раҳбаладӣ мекунем! Охир вай ташаббус ва фикри эҷодкориро кайҳо дар худ куштааст, дигар худро тағйир додан наметавонад... Мо эҷодкории умумро мехоҳем, шабу рӯз онро талаб мекунем, ташвиқ менамоем, аммо дар ин арса аз чорчӯбаи муайян берун рафтани ӯро намехоҳем. Аз ин сабаб пайваста эҷодиёти ӯро дар як қолиби муайян, бехато, бегуноҳ нигоҳ доштанием. Аммо ҳеҷ намефаҳмем, ки ташкил додани ташаббус ва эҷодкорӣ — худ инкори инчунин фаъолият аст. Аз ҳамаи ин манъу маҳдудиятҳо биму ҳарос ба вучуд меояд. Бинобар он, ба ҳар як навъ коргузории хусусӣ мардум нобоварона менигаранд... Ба ҳамаи ҳамин Орифӣ барин бюрократҳо гунаҳкоранд. Чӣ қадар одамонро хуни ҷигар мекунанд...”

Занги танаффусро заданд. Каримакою Мирзо омадан-ду ӯро ҳолчӯӣ карданд, аз сиҳатии модараш пурсиданду дар охир чашмак зада, таъинот доданд:

— Вазнин шавед... Аз даҳонатон ягон сухани “ҳақиқатмонанд” набарояд...

Ҷӯраҳо маънии сухани “ҳақиқатмонанд”-ро худашон мефаҳмиданд.

Ғаюр чӣ кор карданашро надониста, асабонӣ, ба худ мепечид. “Саҳарӣ ношто накарда аз деҳа баромада давидам, то ки имрӯз ҳам аз дарс намонам, аммо ин одам барқасд чақ-чақ карда нишастасту... — вай ботинан, бо декан муноқиша мекард. — Бюрократ манфиати давлатро ба манфиати шахсии худ табдил медиҳад гуфтани Маркс ҳамин аст. Аҷиб замоне расид, агар шикоят нависед, шикояти шуморо худи ҳамон мансабдори гунаҳкор санҷида ча-

воб мегардонад... Барои ҳамин шикояти беимзо ин қадар бисьёр будаст, ки ба хотири бюрократ онро бо қонун манъ карданианд... Ба бюрократ аз ин хуштар боз чӣ даркор?! Қонун — симои давлат, моҳияту мақсади он аст. Қонун киро ҳимоя мекунад, ба кӣ хизмат мекунад донистан лозим...”

Баъди даҳ дақиқа яке аз ҳамсӯҳбатони декан, муаллими ҷавоне дарро кушоду дар як даст портфели пурбор, бо дасти дигараш ба дастаи дар такья карда хайрухушкунон дар остона истода хотиррасон сохт:

— Хайр, муаллимҷон, ман ба дарс медароям. Аз ёдатон набурод, нимрӯзӣ ош ҳаст-а!.. Шумо агар набошед, аз гулӯи мо ош-пош намегузарад. Дар ҳамон ҷои дилхоҳатон... ҳу-у... гурунҷи девзираи Панҷакент кати худи ҷӯраи искалодчимон мепазад... Ҳа, вай таъинот иҷро шуд, худаш мебиёрад.

Вай рафт, аммо ду нафари дигар ба майлу хотир менишастанд.

Боз як соат дарс гузашту занги танаффус боз чиррос зада садо дод, фурсате нагузашта долон боз пурмағал гашт. Ба назди декан боз ду-се нафар кормандони факультет ва сардорони гурӯҳ даромада, баромаданд. Фақат як нафар духтарак, аз курсҳои поёнӣ, монанди ӯ интизори қабул истод. Донишҷӯён ба дарси дуюм даромаданду Орифӣ дар иҳотаи ҳамсӯҳбатонаш аз идора баромад. Ғаюрро гӯё надида бошад, беэътибор, саргарми гуфтугӯ гузашта берун рафт.

Ғаюр алам кашиду аз қафои ӯ тохта рафтанӣ шуд, аммо худдорӣ кард. “Ҳеҷ гап не, вазнин шудан даркор, — гуфт ӯ худро таскин дода. — Як-ду моҳ монд, дағдағаю дамдамаи ин одам ба сари мо мегузарад. — Баъд дар пеши тирезаи қабулгоҳ нишасту нақшаи гуфтугӯяшро бо декан

фикр кард: — Гуноҳи ман чӣ, ҷавоб пурсидам, иҷозат на-дод, “имрӯз раву фардо биё, ҷавоб-павоб нест”, гуфт, ба ночор рафтам. Агар аз донишкада хориҷ кунанд ҳам, мерафтам. Модарам бемор, мӯҳтоҷи ёрдами ман хоб бо-шаду як шаб рафта рӯзи дигар меомадаам... Ҳайронам, — мегуфт вай дар дил, — охир дигарон мераванд-ку... Ғала-тӣ... Гӯё ин одам модар чӣ буданашро намедонад. Аслан, ин хел одамони бевиҷдону беинсоф, кинадору дилсахтро чӣ хел модарон зода калон кардаанд?! Не, ин одам бе меҳ-ру самимият не, балки дар иҳотаи дурӯғу фиреб, хушомаду тазъиқ калон шудагӣ... Наход, ки ҳамин шахси исту бис-таш риёро модараш дӯстдор бошаду боре сидқан навозиш карда бошад? Не, модарон кӯр нестанд, фарзанди ноадлу ноинсофи худро мешиносанд, аз ҳаёти вай нангашон ме-ояд, аммо тоқат мекунанд. Охир, модари ман агар заррае дар дилам ба каҷию норостӣ, ё ба дилсахтӣ монанд чизе бошад, медонад-ку. Ба Лола кина гирифтам, рӯи хуш на-додам, тундӣ кардам, ӯ зуд шастамро гардонд... Ман ҳай-ронам, чӣ шуд, ки дар ҷамъияти мо одамгарӣ рӯз аз рӯз аз миён меравад. Ҳамагон ин ҳолро дидаву дониста худро ба нодонӣ мезанем, корамон созу аъло мегӯем... Ба дурӯғ он қадар одат кардаем, ки сухани рост дигар намефорад... Якуми май иди ҳамраъии заҳматкашон аст. Ду сол қабл аз ин ду рӯзи ид ба аёдати модар рафтаму баргашта оям, “ту ба намоиши ҳамраъии меҳнаткашон набаромадӣ, ба осиёби душманони мо об мерезӣ” гӯён маро Орифӣ ду моҳ аз стипендия маҳрум карда буд. Ҳамраъиро намоиш нади-ҳед ҳам — ҷазо!

Баъди танаффуси дуюм Орифӣ ба кабинеташ даро-маду аз қафояш Ғаюр ҳам ворид гашт. Ин дафъа иҷозат напурсид. Ҳар ду ҳам ба чашми якдигар нигариста, нури сарди ғазаб ва адовати хомӯшро пай бурданд. Аз дили

Ғаюр гузашт: “Агар як-ду сол қабл аз ин ингуна башараи нафратангези ӯро медидам, валлоҳ, ки донишгоҳро тарк мекардам! Ситораи одам ин қадар шум мешудааст!.. Ҳеҷ гап не, як-ду моҳ монд... Бояд тоқат кунам...”

— Хӯш, бародар... — декан дигар ба рӯи вай нанигариста машғули ҷузъбанд ва коғазҳои даруни он сухан сар кард. — Шумо хоҳед, ба дарсҳо иштирок мекунед, нахоҳед, не-ку?! Ба рӯи ҷамъият, ба рӯи сардори гурӯҳ шумо кайҳо туф кардагӣ... Сухани декан ҳам, барои шумо якпула қурб надорад... Хӯш, чӣ кор кунем?.. А?

Муллоқандов ном муаллими тоссар аз дар даромаду сигареташро кашида дар диван такья зад. Вай муаллими бад набуд, шогирдон лексияи ӯро ба шавқ гӯш мекарданд. Ба Ғаюр бечасоратӣ ва баҳудаю беҳуда дар гирди мансабдорон чарх задани вай хуш намеомад. Ғаюр ин гуна хислатҳои ӯро айёми пахтачинӣ озмуда ҳурмамтеро, ки барои донишаш ба ӯ дошт, гум карда буд.

— Ман аз шумо иҷозат пурсидам. Ҷавоб надодед. Дигар илоҷам набуд, — гуфт Ғаюр, ин суханонро аз зиҳӣ дандон баровардa.

— Илоҷатон набошад, баргашта набиёед!.. Номаъқул мекунед...

— Бисёр маъқул мекунам, — гуфт Ғаюр зуд суханони деканро буррида. — Ба майли шумо агар монанд, дар ин факултет фақат фарзандони як табақаи махсус — директорони совхозҳо, раисони колхозҳо, хӯҷаинони идораҳои савдо, мудирони базаҳо таҳсил мекунанд. Давлати мо — давлати коргару деҳқон аст, шумо фаромӯш кардаед.

— Номаъқул кардед!.. Тӯҳматчии бевиҷдон!.. Бас, ман дигар тоқати тӯҳматбофиҳои шуморо надорам!.. Дар байни донишҷӯён чӣ гуна овозаҳои дурӯғи фитнаангез паҳн карда гаштаед, мо медонем!.. Ҳамаро кӯру кар гумон

кардед?! Не-е...

Орифӣ яку якбора шӯрида аз курсиаш парида бархосту аррос зада ба чор сӯ оби даҳонашро пош додан гирифт, девонавор ба миз мушт зада, Ғаюрро дар лаҳзаи аввал билкул моту мабҳут сохт. Ӯ гумон бурд, ки декан бо ҳамин усул аз вай аламашро гирифтанӣ, гуфтаниашро гуфтанӣ, бинобар он, хомӯш тоқат кард. Вай баъдтар, дар поёни ин мунозара пай бурд, ки Орифӣ аз ин воқеаи ҳечу пуч ҳодисае ташкил додан мехоҳад ва равшан дид, ки дар чашмони декан асабонияти махсуси устодон не, балки тобиши кинаи прокурори айёру фитнаангезе бераҳмонае барқ мезанад. Айнан, нигоҳи бешавқату риёкори Берия, Вишинский, Улрих барин... гуфт вай ба дил. Ғаюр чанде пеш бо баъзе аз коргузориҳои ин қабил ҷинояткорони адлия ва хотироти иддае аз ҷабрдидагон ошноӣ ёфта буд.

— Меравем ба ректор... Ё идораҳои болотар... Шумо ба ҷонам расонида истодаед, домулло... Ман ришва кати ба донишгоҳ дохил нашудаам ва ришва кати баҳо нагирифтаам, аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ пешомад наметарсам. Чунон ки русҳо мегӯянд, чистому всё чисто. — гуфт Ғаюр ба чашми декан нигариста.

— Не, шумо донишгоҳро мазоҳу масхара карданиед! — ба таъкид мизро мушт мезад Орифӣ. — Бас аст, тоқати мо шикаст! Ин дафъа ба шумо дурусттар чора мебинем... Ё шумо дар ин донишгоҳ монед, ё ин рафиқон! — Орифӣ ба сӯи Муллоқандови аз ин муомала ҳайрон ишора кард. — Ман ариза менависаму меравам! Тоқати бо шумо дар зери як бом кор карданро надорам, кор ба ҷону корд ба устухон расид...

— Муаллим, росташро гӯед, чӣ мехоҳед аз ман? Чӣ муддао доред? — Ғаюр аз қаҳру ғазаб даргирифту лаблабу барин сурх гашт ва ба рӯи декан рост нигариста пештар

рафт. — Ман ба ҳавлии шумо мошин кати биринҷ бурда дода наметавонам, гӯсфанд ҳам... ба чӯбу тахта худам мӯҳтоҷам...

— Домулло, шунидед, ин бача ба ман тӯҳмат мекунад!.. Шумо гувоҳ мешавед... — Ба Муллоқандов рӯ овард Орифӣ. Ранги вай дока барин сафед гашта буд. — Ин тӯҳмату таҳқирро беҷазо...

— Тӯҳмат?.. — Заҳрханд кард Ғаюр. — Ҳамаашро медонам, гувоҳ дорам... кадом мошин овард...

— Ин ҷо ҳабсхона не, маро бо иғвою дасиса наметарсонӣ, авбоши лаънатӣ!.. Гум шав! — Сари дилашро дошта, дардмандона чашмонашро нимкоф карду ба курсиаш нишаст ӯ.

Муллоқандов саросема бархосту аз машраба ба истакон об рехта ба декан дод ва ким-чӣ сухани таскиномез гуфт. Баъд ба Ғаюр таҳдиду тааддӣ намуд.

— Ман писари раис нестам, фарзанди як камбағалам, айби ман, буду шуди ман, ана ҳамин, — бо изтироб овозаш ларзон-ларзон гуфт Ғаюр. — Косалесӣ аз дастам намеояд... ришвадиҳӣ ҳам... Аз ман чӣ мехоҳед, ҳеҷ нафаҳмидам.

— Домулло, ин бача маро ҳақорат кард, шунидед?! Гувоҳ мешавед, чӣ гуфт аз ёд набароред!.. Баро, баро... Гум шав!.. Баро!.. Масъалаи туро худи ректор ҳал мекунад! — мегуфт вай стакани обро дам кашида ва ба ишораи даст Ғаюрро “бирав” мегуфт.

— Э, равед, аз дастатон омадагиашро кунед-е!.. Ман муаллим гӯён ин қадар сол ҳурмат карда гаштаам! Садқаи ҳурмат карда гаштаам! Садқаи ҳурмат шавед, бюрократи нопок!

Ғаюр аз хона берун гашту дарро сахт пӯшид.

## Боби 14

Вай ҳамон рӯз пуршитоб, аз ғазаб бехуд чи гуна аз бинои факультет баромад, ҳеҷ дар ёд надошт. Ба кӯча баромаду ба кадом сӯе пояш кашад, бехабар мерафт. Чунон дар қаҳру алам ғӯтида буд, ки чашмаш ҳеҷ касро намедид. Роҳ мегашту фикр мекард, ки чаро ҳақиқат, адлу ростӣ, виҷдон ва одамгарие, ки шиори ҷамъият аст, дар амал нест, наход ки ин суханон — ҳама лофу газофе барои фиреби соддалавҳон бошад?! Чаро ҳақиқату адолат вақти зарурат ба имдоди кас намерасад? Аслан, худи адолат бошад ё не? Ҳама ташнаи он, ҳама дар талаби он, гӯё оби ҳаёт бошад... Чаро маро ба ҳоли худ намемонанд? А? Ман ба одамон чӣ бадӣ кардам? Чаро ба ман ин қадар кина доранд?.. Ғайр аз ин, барои чӣ, ман танҳоям? А?.. Наход, ки Ҳайдар ҳақ бошад? Охир, аксари ҳамсабақон дар гирди вай... Панҷ сол дар донишкада хонда чаро ман ягон нафар дӯсти тарафгир, ҷасуру бебок наёфтам? Тухми ин хел касонро малах хӯрд магар? Ё худам гунаҳгорам? А? Ба кӣ бадӣ кардам?.. Ба ҳеҷ кас! Агар мор бошам ҳам, ба касе заҳр назадаам-ку! Фақат чоплусию тамаллуқкорӣ намекунам, муросокориро намедонам бериё, росту ҳалол зистан мехоҳам. Хӯш, аз ман чӣ мехоҳанд? Рафта ба декан, ба Ҳайдар зорию илтиҷо кунам? “Ман хато кардам, аз гуноҳам гузаред, дигар тезию густохӣ намекунам, чунин номаъқулӣ такрор намешавад, тавба, ҳазор бор тавба” гӯям? Ба онҳо ин хел Ғаюр мефорад, аз гуноҳам мегузаранд, тавсифномаҳо медиҳанд... Баъд чӣ? Баъд... Баъд бо тавсияи хуб ба кор, ба район меравам. Муфаттише, ки маро айбдор кард, ҳоло прокурор шудаст. Сабзидаст, пеш рафтаст. Агар лаббай гӯям, бешак ба вай ҳам мефорад. Сонӣ кор накарда моҳона гирифта мегардам, ришва мехӯрам, зуд

боло меравам... Ҳа, агар каҳи кӯҳнаро бод накунаму ба кору вазифаам не, балки маҳз, ба шахси вай хидматгузорӣ кунам, агар маҳз ба вай садоқати худро нишон диҳам, корам пешрав мегардад!.. Дар назари ман, чунин метобад, ки ҳамаи мо каму беш бюрократем, аҳли як мамлакат ба ботлоқи ин касолат ғӯтидаем. Барои ҳамин касе бо ҷуръат маро тарафгирӣ намекунад. Агар ҳозир ба назди ректор ё проректор раваму додхоҳӣ кунам, боз тарафи Орифиро мегиранд... Муросо кунам? Дурӯғ гӯям?.. Дар акси ҳол, як умр азоб мекашам, аз кор ронда, аз кас монда, овораи ҷаҳон мегардам... Майлаш?.. Фикр кун, ҷӯраҷон, фикр кун, Ғаюр, ту акнун бача не... Ё ба ин роҳ меравӣ, ё ба он, ё ба рост, ё ба чап, роҳи миёна нест. Дуруст фикр кун, — мегуфт вай худ ба худ дар мунозираю мунокиша. — Ситораи думдор... Ситораи думдори наҳс... Ин ҳамааш касофати ана, ҳамон аст! Дигар гап не!..

Аз сари роҳи Ғаюр ошхонае баромаду ба хотираш расид, ки имрӯз наҳорӣ нашикастаст. Вай ба ошхона даромада хӯрок хӯрдан хост, вале иштиҳои таомхӯрӣ надошт. Бо вуҷуди он ки иштиҳояш набуд, ӯ ба ошхона ворид гашт. Баъд ду шиша пиво гирифту сари миз нишаст. Пиворо кам-кам дам кашида, хеле вақтро гузаронд. Мардум хӯроки пешинро хӯрда рафтанду ошхона андаке камодам ва ором гашт. Дар мизи кунҷакӣ се тан мардони миёнсол шароб хӯрда, ба якдигар дарду ҳасрат мекарданд, кадом як марди ноҷинсро мазоҳ доштанду дашномҳо медоданд. Ғаюр ба ҷониби онҳо бо ҳасад нигаристу айёми тракторрониаш ба хотираш расид ва беихтиёр оҳи пурдарде кашид. “Дар дуньё ҷое бошад, ки инсонро як порча замину об диҳанду ба вай кордор набошанд? Ман бо белу каланд бошад ҳам он заминро шудгор мекардаму тухмӣ мепошидам, ниҳол мешинондам, мурғу харгӯш, бузу гӯсфанд ме-

парваридам, хулоса ба ҳеҷ кас зарарам намерасид. Бигзор, ними ҳосил ё аз се як ҳиссаашро ба ман диҳанд, кофӣ... Фақат бетааддӣ, ноҳақӣ накарда, инсон барин муомала мекарданд... Аммо замин бекор хобад ҳам, колхоз онро намедиҳад... Агар медод... Шояд агар ин тавр мебуд, ҳоло аз хориҷа гандум намехаридем. Як нафар банкирро аз Айова пурсидаанд, ки русҳо чанд муддат аз мо ғалла мехаранд, гуфтаст: “Форэвер!” Яъне ҳамеша, аладдавом. Аз ду пора нони мехӯрдагиамон як порааш аз хориҷа!.. То даме, ки Орифӣ баринҳо дар сари коранд, ҳоламон дигар намешавад. Майхурӣ, ҳам аз касофати инҳо аст...” Сонӣ ӯ пешхизматро ҷеғ заду дусад грамм арақ фармуд.

— Хӯрок намехӯред? — пурсид пешхизмат ҷавонзани қариб сисолаи фарбеҳакак баъди шаробро дар истакон оварда пеши Ғаюр гузоштан. — Кабоб ҳаст, шницел ҳаст... — гуфт ӯ ғамхорона ба рӯи Ғаюр нигариста.

— Даркор не, — гуфт Ғаюр ба рӯи вай нанигариста.

Ӯ медонист, ки пешхизматони ошхонаҳои атроф бисьёр донишҷӯёнро мешиносанд, аммо бовар надошт, ки ӯро ҳам медониста бошанд. Аз ҳамин зуҳури камтарин меҳрубонӣ ҳам дили вай ба риққат омад.

— Ҷанг-панг кардӣ? А? Чӣ гап шуд? Барои чӣ ин қадар ғамгинӣ? Ҳаргиз ба ин авзоъ надида будам, — гуфт “ту-ту” гӯён пешхизмат ва дар курсии рӯ ба рӯи ӯ нишаст. — Ду гирифтӣ? ё стипендия надоданд? А? — Маҳрамона табассум менамуду чашмони сиёҳашро гардонда савол мекард ӯ.

— Декан кати ҷанг кардам, — Ғаюр ҳодисаро мухтасар баён кард.

— Туф кун... Барои ҳамин ғам хӯрда нишастаӣ?! Ана, дар ин ҷо навиштагеш мешавад, — пешхизмат ба дасти сафедаш ба ҷабинаш зад. — Одам калон ки шуд, хар меша-

вад, беҳтараш ба рӯяш гапи ту маъқул гӯю...

Баъди он, ки зан ба гӯши Ғаюр хеле маслиҳат хонд ҳанӯз ҳам истакони аракро нахӯрда, чарх гардонда нишастани ӯро диду бархост.

— Башиками гушна нахӯр... Ман ҳозир...

— Даркор не...

— Ман туро зиёфат мекунам... Пул намегирам...

— Даркор не...

Пешхизмат гӯш накарда рафту баъди фурсате дар як табақ гӯшти яхниву помидору бодиринги ҳалқа-ҳалқа бурида оростагӣ баргашт.

Одамгарӣ ва лутфу меҳрубонии ҳамин зан, ки ҳамагӣ даҳ дақиқа ҳамсӯҳбаташ буд ё не, Ғаюрро андаке ба худ овард. “Гили занро аз меҳру садоқат сириштаанд, як нигоҳаш марҳами ҳар захм аст, — мегуфт ӯ худ ба худ андешида, — нафаси рӯҳпарвардаш ба кас гӯё болу пар мебахшад... Лола ҳам ҳамин зан барин рамузфаҳм, ҳамдард ва дилҷӯй аст... Ҳозир ӯро аз куҷо ёбам?.. Кораш ба охир расиду рафт-дия...”

Лола ҳоло дар Госплани республика ба кор сар карда буд.

Ҳамон рӯз вай дигар дар шаҳр истода натавонисту баргашта ба деҳа рафт. Дар гумонаш чунин менамуд, ки агар аз ҳамин шаҳри касофатбор берун равад, кулли андӯҳаш аз вай монанди ғубори ба либосаш нишастагӣ афшонда мешаваду ӯ боз озод ва сабукрӯҳ зистан оғоз мекунад. Мехост ӯ ба деҳа расида, ҳамаи дарди дилашро ба модар г ӯяду синаашро аз андӯҳ холӣ кунад, вале худдорӣ намуд. Ғаюр то ин вакт рози дилашро, дарду ҳасраташро ҳамеша ба модар мегуфт. Ҳамеша модар шарики шодию ғуссаи ӯ буд. Аммо ин бор ӯ ташвиши ба сараш афтодаро ба вай нагуфт. Модар авзои ӯро парешон дида, гаштаю баргашта

пурсид, аммо Ғаюр сир надод.

Саҳари рӯзи дигар ӯ боз гашта ба шаҳр омад. Аз мошин фуромаду ба факультет рафт. Бо гардани баста, ночор рафт. Ҳамсабақонаш ба сари ӯ ғун омада, саломатии модарашро пурсиданд. Ҳайдар, гӯё ӯро надида бошад, беэътино аз пешаш гузашту рафт. Дили Ғаюр аз он меларзид, ки Ҳайдар боз ягон сухан мегӯяду дар ҷавоб ӯ худдорӣ карда наметавонад. Он рӯз гурӯҳи онҳо ду соат дарс хонду бас. Вақтҳои охир соати бисьёр фанҳо тамом шуда, баъзан ду соат, гоҳе тамоман дарс намехонданд. Дар пеш имтиҳонҳои давлатӣ мисли роҳи ағбаи мушкилгузар...

Дар роҳ Мирзо аз қафои Ғаюр расида омаду бозуи ӯро гирифт. Ин ҷавони зирак, ҳамеша оқибатандеш, ба хушҳолӣ ва табъи беғубораш ба Ғаюр маъқул буд.

— Тинҷ ҳастӣ, Ғаюр? — Авзои ӯ ба он далолат мекард, ки аз ягон сир воқиф аст.

Дар бобати пеш аз дигарон пай бурдани ҳар хел хабару воқеаҳо вай ба худ ҳамто надошт. Ҳар як воқеаи дар донишгоҳ рӯй медодагиро, ба қавли бачаҳо, аз ректор пештар вай мефаҳмид. Албатта, аз ректор пештар огоҳӣ ёфтанаш муболиға буд, аммо аз аксари донишҷӯёну муаллимон хеле пештар воқиф гаштанашро ҳамсабақон медонистанд. Ӯ он сирро аз куҷо, ба чӣ тарз мешунид, ҳеҷ кас намедонист.

— Тинҷ. Чӣ гапи нав ёфтӣ, Мирзо? — пурсид худро зоҳиран бепарво вонамуда Ғаюр, агарчӣ аз сири муҳиме огоҳӣ ёфтани ҷавон маълум буд ва аз шунидани он дилаш меларзиду гӯё дигаргуна метапид.

— Орифиро дашном додӣ? — савол кард Мирзо.

— Не, кӣ гуфт?.. Ҳамту, мавриди сухан буд, сахт гап задам.

— Нағз накардӣ. Аз шунидам, декан ба ректор рапорт навиштааст, ба ту чора мебинанд.

— Садқаи сар, — даст афшонд Ғаюр. — Танбеҳ медиҳад? Диҳад! Аз стипендия маҳрум карданӣ? Кунад! Боз чӣ мекунад? Аз донишгоҳ хориҷ намекардагист?

Ҳар ду ҳам лаҳзае хомӯш қадам заданд.

— Ба ман нигар, Орифӣ танбеҳ қатӣ қонеъ намешавад. Ин тоифа агар газад, сахт мегазад, дигар ба худ намеоӣ... Дар боло ягон кас дорӣ? — Мирзо баъди лаҳзае якбора дар изтироб ба чашми Ғаюр нигариста, ӯро аз роҳ дошт. — Ҳой, ман ҷиддан мегӯям: ягон кас дорӣ ё не?

— Чӣ хел кас? — Матлабро фаҳмида бошад ҳам, беихтиёр савол кард Ғаюр. Вай ҳайрон буд, ки Орифӣ ба ҷуз танбеҳ ва ё буридани стипендия нисбати ӯ чӣ ҷазое медида бошад. — Дар ин диёр ман худ чи касам, ки боз касе дошта бошам!..

— Хайр, дар вазорат ё дигар идораҳо... Агар як бор телефон кунанд, ҳозир сари вақт аст.

— Ман ҳеҷ кас надорам, ҷӯра... — Баъд дақиқае дар банди андеша саргаранг монду илова кард: — Ва кас доштан ҳам намехоҳам. Башараи ҳамаи ҳамин бюрократҳо маро дилгир мекунад. Дасти ин тоифаю дасти магазинчиҳоро агар як бор фишурам, як сол нохуш мегардам...

— Ҳамаашон бюрократ не, — эътироз кард Мирзо.

— Одами дурустро дар миёнроҳ намедиҳанд...

— Ин хел якравиатро мон, мавриди худписандӣ не, — Мирзо оҳиста таъкид кард: — Инҳо гапашонро бо ректор пазондагӣ барин... Ба ин факультет даромадан осон не. Ман ду сол паёпай аз конкурс афтодам. Ба хизмати ҳарбӣ рафта омадаму соли чорум беконкурс даромадам... Панҷ сол ба сахтӣ хондӣ, фикр кун. Ҳозир сари

вақт, ба назди ректор даро, гап чист, фаҳмон, ҳамин хел шуд маҷбур будам гӯй. Инҳо гузаштаатро дастак карда, туро хориҷ мекунанд.

Ба Ғаюр лаҳзае чунин намуд, ки замини таҳи пояш оҳиста фурӯ меравад. Аммо ба рағми иродаи худ гуфт:

— Гумонат Ҳукумати Советӣ фақат аз Орифӣ ва Ҳайдар иборат аст? Не, дӯстам, замони ҳукмравоии ин хел тӯраҳо гузашту рафт. Шукр, акнун ман ҳаққу ҳуқуқи худамро ҳимоя карда метавонам. Панҷ солро дар кинохонаҳову ресторанҳо нагузаронидаам...

— То исбот мекунӣ... — даст афшонд Мирзо.— Хрущев, асосан, табаддулоти иқтисодӣ оғоз карда буд, ки онро ҳам пешгирӣ карданд. Боз чӣ мехоҳӣ? Ҳазор вовайло кунӣ ҳам, ҳамин дег, ҳамин чумча, ҳолӣ табаддулоти ҳуқукро навбат меояд, ҷӯра... Қонунро вобаста ба шароит ва вазъи ҳол бояд...

— Мон, Мирзо, ҳар коре ки аз дасташ ояд, кунад! Ман як бор диламро холӣ кардам, дар ҳақаш ҳар чӣ медонистам ва ҳар чӣ мехостам, гуфтам. Узр намегӯям. Дар умрам як бор захри ноҳақию беадолатиро чашидаам. Агар ин бор ҳам бегуноҳиамро собит карда натавонам марги ман барин ҳуқуқшинос!.. Даркор не, ба ман ин илм, мераваму мардикорӣ мекунам.

Ӯ ин суханонро агарчӣ басо дилпур, бо эътимоди қавӣ мегуфт, вале аз хотираш мегузашт, ки ҳамаи ин тӯҳматҳо, ноҳақию бебарориҳо чаро фақат ба сари вай ғун гашта мерезанд?! Наход ки ситораи наҳс гуфтанашон асосе дошта бошад? Дар гузашта вақти таваллуди инсон аз рӯи вазъи ситораҳо қисматашро таъин мекардаанд, неку бадашро мегуфтаанд...

## Боби 15

Ҳамон рӯз Мирзо аз Ғаюр ҷудо нашуд. Аввал онҳо ба ҳуҷраи иҷораи Карим-ака рафтанд, дар он ҷо боз аз ин боб сухан гуфта, тахминҳо заданд, чораҳо андешиданд, ҳар яке аз рӯи қонуну қоидае, ки медонистанд, ба сари шарикашон Орифӣ чӣ сахтиҳо оварда метавонад, пешбинӣ карданд. Баъд, Мирзо Ғаюру Карим-акаро ба деҳаааш, ба тӯи писархолааш бурд. Деҳаи Мирзо аз шаҳр дар масофаи 10-12 километр, дар мавзеи ободу хуррам воқеъ афтода буд, бинобар он, ҳар ду ҳам зиёда сипоҳигарӣ зоҳир накарда ҳамроҳи ӯ равон шуданд.

Ҳамон шаб рақсу таронаҳои рӯҳафзо, базм, дидори духтарони шӯхнигоҳ ҳам гиреҳи синаи Ғаюрро накушоданд: вай мерақсид, механдид, аммо дар синааш гӯё санги вазнине овехта буд.

Он шаб бори нахуст суруду шодмонии ҷавонону духтарони деҳаро нигариста, ӯ қалбан беғашию бепарвоии ононро ҳавас кард, ҳасрат хӯрд, ки дигар ҳаргиз мисли онҳо хушнуд буда наметавонад. Суханони кадоме аз файласуфони пешинро ба ёд овард, ки хандаи бедардонаи гурӯҳи занонро дида гуфта будаст: "Агар инҳо ҳар он чӣ ман медонам, медонистанд, ҷои ханда гирья мекарданд". Дарвоқеъ, чунон ки гуфтаанд, ҳар киро ақл беш — андӯҳ беш, — мегуфт Ғаюр ҳаёти деҳот ва ҳамсолони худро дар он ҷо ба ёд оварда. Айёми наврасию ҷавонӣ одами хушбахти дунёё будаам. На ҳақи худро медонистам, на ҳуқуқамро мешинохтам, кор мекардаму ба музди ночизам қаноатманд, тоқиро нимта монда мегаштам. Саркор соли аввал пахтаи бо комбайн чидаи маро боре ба одамони худаш тақсим карда навишта пул гирифтанаш ҳам маро оташин накарда буд: "Вай саркор аст, пахтаро ҳар коре кунад, их-

тиёр дорад, ман ба кору бори вай дахл надорам", мегуфтам. Ҳеҷ фикр намекардам, ки чӣ хел бояд зиндагӣ кунам. Ҳамин ки ба ҳақталошӣ сар кардаму ба кори дигарон мудохила намудам, шикаст аз паи шикаст ёфтам... Балки барои дар дуньё осуда зиндагӣ кардан аз рӯи одати бобоён ба ҳамааш садақаи сар гуфта, худро кӯру кар вонамуда, бо неку бад муросо кардан, дурусттараш беалоқа, бепарво будан даркор аст, кӣ медонад...

Рӯзи дигар вай Лоларо вохӯрду ваъда гирифт, ки шомгоҳон ба назди ҳайкали Рудакӣ меояд.

Айёми охир Ғаюр бо Лола якчанд бор вохӯрда, ба тафсил гуфтугӯ карда бошад ҳам, аз ваҷҳи ҳамхонагӣ ҳанӯз онҳо ба як қарор наомада буданд. Лола ӯро мехост, аммо аз шаҳр ба деҳа рафта зиндагӣ кардан намехост. Ғаюр модару хоҳарашро дар деҳа монда, дар шаҳр зиндагӣ кардан наметавонист.

Ин гиреҳи сахт муносибати онҳоро ба якдигар мушкил сохта буд. Дар ҳар мавзӯе сӯҳбат кунанд, оқибат сухан ба ин масъала бархӯрда, баъзан аз якдигарӣ меранҷиданд. Ҳар яке дар даъвои худ ривоят ва далели бисьёре дошт. Масалан, Лола мегуфт: "Ҳоло айёми таркиши демографист, аксари мардумон ба шаҳрҳо меоянд, ана, ба мамлакатҳои мутараққӣ нигаред: фақат 4-5 фоизи аҳолӣ ба кори хоҷагии қишлоқ банд аст. Аксари ҳамонҳо ҳам дар шаҳрҳо истиқомат мекунанду дар деҳот кор мекунанд... Махсусан, ки дар деҳоти мо ҳанӯз барои зиндагӣ чандон шароити созгор муҳайё нест..." Ғаюр исбот карданӣ мешуд, ки ҳама гап ба худи одам аст, дар деҳа ҳам ҳама шароити зиндагиро муҳайё кардан мумкин аст ва ғайра ва ҳоказо...

Рӯзи дигар Ғаюр ба факультет расиду дар назди лавҳаи эълонҳо аз ҳамешагӣ бештар ғун гаштани донишҷӯ-

ёнро аз дур диду яқин кард, ки аз хусуси вай фармон аст. Ғаюр аз танбеҳ гирифтан ва ё буридани стипендияаш наметарсид, хавфаш аз он буд, ки танбеҳ медиҳанду сипас то имтиҳони давлатӣ он ҷазоро аз зиммаи ӯ намегиранд ва ба ҳамин усул ба имтиҳон роҳ намеёбад. Аммо ба лавҳа наздик нарафта аз даҳонҳо шунид, ки ӯро аз донишкада хориҷ кардаанд. Бовараш наомад. Наздиктар рафт. Аввал онҳое, ки ба лавҳа наздик буданд, бо овози баланд фармонро гаштаю-баргашта хонданду ӯ шунид, сипас боз наздиктар рафта, бо чашми худ хонд. Хонду беҳол ба девор такья карда, лаҳзае карахт гашт ё фикраш кор накард. Баъд шитобон берун рафт.

— Не, ҳеҷ мумкин не... — вай ба ҷиддияти фармони ректор бовар кардан намехост. — Охир... барои чӣ? Гуноҳам чист?.. Наход ин фармон рост бошад?.. То имтиҳони давлатӣ якуним моҳ фурсат монд-а!.. Охир, чаро худамро ҷеғ зада, боре напурсиданд? Аҷиб... Не, Ҳайдару Ғиёс ё кадоме дигар барои тарсондан ё мазоҳи ман фармони сохта часпондагистанд... — мегуфт пичиррос зада ба худ. Вай аз худ бехабар шитобон мерафт, агарчи ба куҷо рафта истодани худро намедонист.

Ғаюр хилвате меҷуст, мехост, ки соате танҳо бишинад, бемалол фикр кунад, аммо дар асл зудтар аз назар бадар рафтан мехост. “Хайрият, дар назди лавҳаи эълон аз шарикдарсон ҳеҷ кас набуд, хайрияти кор...” — мегуфт вай шитобон аз бинои факультет дур гашта. — Охир, ман аълочиам, суратам дар лавҳа... Наход, ректор як бор чуну чаро гӯён напурсад?..

Вай осемасар ба сӯи боғи донишгоҳ рафт.

Пас аз он ки дар боғ ҳам хилвате наёфт, ба қафо баргашту ба ҷониби истгоҳи мошин давид. Вай ҳоло қариб

ҳеҷ чизро фикр намекард, дар пеши назараш фақат модар, чашмони аз ин хабари шум ғамолуд ва ноумеди модар ҳувайдо буду бас... “Ҳой, беинсофҳо!.. — хитоб мекард вай ба дил бо онҳо мунозара оғоз намуда. — Худо “бошаду хонаи шумо бевиҷдонҳоро сӯзад-дия!.. Бадкирдор бесазо намондааст ва намемонад. Охир, маро аз касбу кори ҳалол омӯхтаам, мамлакатро аз як нафар мутахассис маҳрум карда, чӣ фоида меёбед? Хонаи ин бюрократҳои беинсофро як не, ҳазор бор агар сӯзед, ки гунаҳкор нестед!..”

Ғаюр ба канори рӯд рафт. Рӯди Душанбе андаруни қафаси бетонӣ ҷорӣ буд. Дар соҳили он на дарахте, на сабзае, гӯё дар ин рӯдхона об ҷорӣ набошад. Вай аз девори бетонӣ ба об менигаристу аз фикраш андешаҳои гуногун мегузашт: “...Модар ба ин зарба тоқат оварда метавониста бошад?.. Барои модару хоҳаракам, барои дӯстонам ғам мехӯрам... вагарна худам барои ҳамин диплом ҳеҷ афсӯс намегӯям. Аздусар ман бо ин тоифаи бевиҷдон, ки ҳама ҳанноти гузаро ва савдогарони худфурӯшанд, ҳамкорӣ карда наметавонам... Эҳ, ба рӯи ҳамдеҳагонам чӣ хел менигарам, намедонам... Дар сари ҳамин хел ситамҳо баъзе ҷавонон ҷиноят мекунанд... Не, ман ақламро нахӯрдаам. Бо бюрократия, ки имрӯз ба ҳадди мафия расидааст, мубориза карда наметавонам, пас чӣ бояд кард? Наход ки таслим, ту ғолиб баромадӣ гӯён ба роҳам баргашта равам?.. Не-е, талош кардан лозим... Алҳол ариза навишта ба идораҳои боло рафта талаб мекунам, то ҳақиқат кунанд. Аҷиб, қонуне нест, дар ин вазъият маро муҳофиза намояд... Ман дар ин ватан ба дарвеши садақаталаб монандам: хоҳ ба магазин дароям, хоҳ ба идораи ҷамоат, хоҳӣ дар донишгоҳ, хоҳӣ дар колхоз — бояд даст пеш гирифта илтимос кунам... Намедонам, ман шаҳрванди ин

мамлакатам ё дарвеши оворагарде! Чаро ман як умр чунин бечораам? Ки маро ҳимоя мекунад? Ман ки худро ҳимоя карда наметавонам, фардо мардумро чӣ хел аз беадолатиҳо ҳимоя мекунам?..”

Баъди пешин Ғаюр омад, то ба назди ректор дарояд. Аммо ректор ба коре банд будаст, котиба ба вай ба нармӣ гуфт, ки ягон вақти дигар ояд, ҳозир димоғашон сӯхтагӣ барин. Ғаюр пай бурд, ки духтарак ба вай аз рӯи дилсӯзӣ ин хел мегӯяд. Дар асл, ректор ягон ҷавоби сахт додагӣ.

— Ман аз таги дарашон намеравам. Аз кабинет бароянд, як бор бинам. Охир, ин чӣ бедодӣ?! Як бор гуноҳамро напурсида — хориҷ! Хӯш, гуноҳам чист? Дуздӣ кардам? Авбошӣ кардам? Ришва гирифтам? А?..

Ғаюр худ бехабар, гӯё дар рӯ ба рӯяш, котиба нею ректор истода бошад, тамоми гуфтаниҳояшро ба ҳаяҷон ва изтиробе, ки ба гирья наздик меовардаш, гуфт.

— Зиқ нашавед, гуноҳатон набошад, фармонро бекор мекунанд. Бишинед, — гуфт котиба ҳамдардона ба чашмони Ғаюр нигариста. — Барои дашном агар рондан гиранд, дар донишгоҳ донишҷӯ намемонад.

Ғаюр ним соат дар қабулгоҳи ректор нишаст ё камтар, вале дар ин фурсат аз муомилаи Ҳайдару Ғиёс то Орифӣ — тамоми моҷарояшро бо камтарин ҷузъиёт ба котиба гуфт ва ҳоло ӯро ҳолате рух зада буд, ки ин даҳонкушодагии худро соддалавҳӣ намеҳисобид.

Тарафи бегоҳ, ки ақрабаки кӯтоҳи соати девор ба шаш наздик мешуд, ногаҳон ректор бо шаст аз кабинет баромаду ба сӯи дар равон шуд. Вай Ғаюрро дар сари роҳи худ дида қадамашро андаке сусттар карда гуфт:

— Шумо ҳақ надоред, ки ходими адлия бошед!.. Ба худи шумо мебояд дафтари ҷиноятӣ кушоянд. Ба ҷои мин-

натдорӣ, муаллимонро дашному таҳқир кардаед! Як рӯз ҳам дар ин донишгоҳ нагардед.

— Охир, муаллим... — Ғаюр бо тааҷҷуб китф дарҳам кашид, аммо ректор аллакай аз дар берун гашта буд. — Аввал пурсиш...

Ба арзаш гӯш надодани ректор алам карду аз қафои ӯ гуфт:

— Ин тавр бошад, ман ба идораҳои боло шикоят мекунам.

— Ба Маскав арз кунед, — гуфт аз долон ректор.

— Агар ҳуқуқ бошад, он ҳуқуқро ҳимоя мекунанд... — гуфт Ғаюр аз алам бо овози баланд.

Дар берун Карим-ака, Мирзо, Адолат боз ду нафар аз духтарони ҳамсабақаш Ғаюрро иҳота карда, аз хусуси гуфтугӯяш бо ректор пурсон шуданд. Баъди шунидани тафсили воқеъа ӯро таскин доданд, умедворӣ бахшиданд, ки идораҳои боло ба ин чунин беадолатӣ ҳаргиз роҳ намедиҳанд.

— Фурсатро аз даст надеҳ, пагоҳ ба вазорат бирав, ба назди вазир даро. Арзамро фақат ба вазир мегӯям, гӯю бишин. Ба вазир буду шуди гапро гӯй, — маслиҳат дод Карим-ака. — Ҳаққу ҳуқуқ гӯён фирефта нашав, фурсатро нагузарон. — Сипас илова кард: — Чунон ки устод Мӯҳтарамов мегуфтанд, давлати мо чандон сарватманд нест, ки қонунҳои худро риоя кунад.

— Панҷ сол хондан осон не! Давлат чӣ қадар пул сарф кардагӣ. Як даҳан гапи Орифӣ катӣ... Э, тавба... — мегуфт Адолат. — Ректор ҳам ғалатӣ будаанд-ку! Аввал ҷеғ зада, як даҳан пурсанд-дия! Дар қадим бобоҳои содда-дилу кӯрсаводамон нағз медонистаанд, ки аз забони кай-как гуфтаанд: худо ба дасти бино биандоз, аммо ба дасти кӯр наандозам. Дар факультети ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқи ин-

сонро намешиносанду боз таълим медиҳанд! Дилам монд!

— Ректор ба Орифӣ бовар накарда, ба сухани Ғаюр бовар мекард-чӣ?! Хоҳу нохоҳ худашро сафед мекунад, мегӯяд. Фардо албатта, ба пеши вазир даро, — боз таъкид кард Мирзо. — Агар худи ҳамон рӯз бо ректор вохӯрда, пешакӣ ҳама гапро мегуфтӣ... Инҳо салларо гир гӯянд, калларо гирифта одат кардагӣ. Донишҷӯ дар наздашон ҳу, ҳамон алафи сари роҳ барин, барои як курсию ҷевончаи донишгоҳ ҷавобгарӣ ҳаст, аммо барои панҷсола захмати як ҷавон ним саҳифа акт ҳам навишта имзо намекунанд. Харҷи таҳсилаш аз кисаи инҳо набошад... Фардо боз як бор аз пеши ректор гузарад-чӣ? А? — Мирзо бо сӯзу гудоз сухан гуфту якбора пешниҳод кард. Сипас ба рӯи Карим-ака нигариста дар ин бобат фикри ӯро фаҳмидан хосту шарҳ дод: — Ҳозир табъи ректор ночоғ, одами шарту пурт, таги гапро нафаҳмида фармонро имзо кардагӣ бошад, то фардо фикр карда, пушаймон мегаштагист.

— Ин гап ҳам ҷон дорад, — гуфт Карим-ака. — Пор ба назди пахтачинон омада “барои чӣ тарозу нест” гӯён валвала кард, ҳамаро аз гӯр гирифта ба гӯр зад, сонӣ оҳиста эзоҳ дода буданд, “ҳа, ин хел гӯед” гӯён якбора аз дамаш фуромада буд.

— Ба пеши ректор боз як бор дароянд, — ин пешниҳодро Адолат ҳам дастгирӣ кард. — Гапу кор чист, як бор гӯянд. Охир, ин кори Орифӣ тамоман ба моддаи 270 мувофиқ аст! Ҳа, сӯиистеъмол аз мансаб, аз ҳаддаш гузарондани ҳокимият...

Карим-акаю Мирзо номаълум писханд карданд.

Ин дам Ғаюр худ ба худ аз дил мегузаронд: “Ман ҳам баробари дигарон ба осонӣ, панҷ солакак хонда, соҳиби маълумоти олӣ шавам? Не-е, қисмат ягон бор сари маро

сила накардаст. Вагарна дар остонаи имтиҳони давлатӣ-я! Бечораро дар болои шутур ҳам саг мегазад, гӯям баъзеҳо бовар намекунанд. Ба ҳамин ҳоли зор ман фардо ходими адлия мегаштаам, ҳуқуқи одамонро ҳимоя мекардаму риояи қонун ва адолат... Ҳама дар рӯи китоб аст...”

## Боби 16

Сараввал Ғаюр ба ҷиддияти фармони ректор дар дил шубҳае дошт, баъд онро саҳви каҷфаҳмӣ пиндошт ва ҳанӯз ҳам вай дилпур буд, ки ректор агар ҳақиқати ҳолро фаҳмад, дарҳол фармонро мансух мекунад.

Аммо рӯзи дигар ҳам арзу додхоҳии ӯро ба эътибор нагирифт, аз афти кор, ба ӯ воқеаро чунон маънидод намудаанд, ки пӯстинашро батамом чаппа пӯшида буд. Донишҷӯён байни худ дар беинсофию кинаварӣ Орифиро ва Муллоқандовро муттаҳам мекарданд, аммо норозигии худро аз ин амали тӯҳматомези онон ҳатто ба якдигар аз фошофош гуфтан меҳаросиданд, зеро ҷосусони онҳо ҳар як хабарро зуд ба валинеъмати худ мерасонанд.

Ректор гувоҳии Муллоқандовро шафеъ оварда, ба Ғаюр гуфт:

— Мо ба шумо диплом дода наметавонем. Ҳимояи ҳуқуқи гражданҳоро ба шумо барин касон супурдан мумкин не!.. Аз рафтору кирдоратон аён аст, ки шумо ислоҳ нашудаед. Ҳуҷҷати шуморо ба ин факультет набояд қабул мекарданд... — Ректор хомӯш монд. Баъди лаҳзае тавакқуф гуфт: — Одамонро мезадаед, дашному таҳқир мекардаед, беҳурматӣ... Дар тасаввур меорам фардо мусибатзадае ҳимоя ҷуста, бо умед ба шумо мурочиат мекунад... Тақдири як не, чандин касонро шумо ҳал мекунед... Не-е... Мо намегузорем, ки номи донишгоҳамонро бадном кунед!..

— Ба Ҳайдару Ғиёс барин риёкорону косалесон мумкин аст? — Ғаюр сухани ректорро буриду тез-тез гуфтан гирифт. — Ба Орифӣ барин беинсофон ҷоиз аст, аммо ба ман мумкин не!.. Дар физика қонуне ҳаст: қоидаи дасти рост мегӯянд. Корбарии шумо ҳам ба он монанд аст. Шумо илми ҳуқуқшиносиро намедонед, ман шуморо аз рӯи моддаҳои 183, 216 гунаҳгор мекунам: сӯиистеъмол аз мансаб ва худсарӣ — аз ҷиноятҳои хавфноки шахси мансабдор аст... — Ғаюр лаҳзае таваққуф кард. Аз фикраш гузаронд, ки ҳамаи гуфтаҳояшро бигуфт ё не, ректорро гунаҳкор карданаш чӣ хел таъсир кард, баъд боз афзуд: — Ҳарчанд, ки бо ин моддаҳо амалан ҳеҷ касро ҷазо намедиҳанд... Ман ҳаққу ҳуқуқамро медонам, домулло, боз бисёр гапу кори ин донишгоҳро медонам...

— Эҳ-ҳе!.. — аз ин сухани Ғаюр ранги ректор андаке канд, аз ғазаб лабонаш пир-пир париданд, вале ба ночор, тамасхуромез нидо баровард: — Акнун ба ман таҳдид мекунед?! Бо ҳамин хел иғвою дасиса маро тарсонданиед?.. Деканро тарсонда шудед?! Равед, ба суд диҳед!.. Ба Маскав равед... Гум шавед аз назарам аҳмақ!.. — ректор бехудона намчинаки сангинро фишурда аз ҷо бархост.

— Ором... Андаке батамкин бошед, домулло. Ин чӣ гап? — Ғаюр ҷаҳд дошт пинакашро вайрон накунад, бинобар он, зоҳиран, бепарво дар курсӣ менишаст. — Ба ректори чунин як донишгоҳи обрӯманд ин хел сабукрафторӣ, дашномдиҳию таҳқири донишҷӯ намезебад. Агар ин суханонатонро дар лентаи магнитофон сабт кунанд... таъсири хеле нохуш мегузорад, — Ғаюр беихтиёр, ба сумкаи дасташ нигарист, гӯё он магнитофон бошад ва ба дил афсӯс гуфт, ки чаро магнитофон наовард. — Аз ман наранҷед, маро панҷ сол илми ҳуқуқшиносӣ омӯхтанд, ба ходи-

мии адлияи Советӣ тайёр карданд, бинобар он, ҳар гуфтору рафтори аз қоидаи маъмулӣ беруни одамонро мувофиқи моддаҳои кодекси ҷиноятӣ тавзеҳ мекунам... — гуфт Ғаюр тез-тез. Баъд то ки ба ректор имкони киноя ё пичинг надиҳад, зуд пешдастӣ карда гуфт: — Гуфтору рафтори худро ҳам ба ҳамин меъёр андоза мекунам. Аммо барои чӣ шумо гуноҳи маро ба гарданам дайн накарда, аз рӯи шаҳодати ду-се нафар кинадорон ҳукми қатъӣ баровардед?.. А?.. Фаразан, агар се нафари дигар оянду маро одам кушт гӯянд ҳам, бовар мекунед? — Ғаюр лаҳзае таваққуф карду ба чашми ректор нигарист.

— Ҳамаашро санҷида исбот карданд, мо аз ҳаво гирифта фармон намебарорем. Рапорти декан, гувоҳии муаллимон, рафиқони худатон, комитети комсомол... Мо ҳақ надорем, ки як рӯз ҳам шуморо дар донишгоҳ нигоҳ дорем...

Ректор баъди ин суханон лаҳзае ба андеша афтоду ба портфели дар дасти Ғаюр буда тез-тез нигарист ва сипас, муросокорона гуфт:

— Шумо, додар, ин хел ба ҳама таҳдид накунед, сахт нарасед. Панҷ сол хонда илми ҳуқуқшиносиро омӯхтаед, аммо маълум мешавад, ки илми муомиларо намедонед. Ана, ба ҳамин усул шумо Орифиро ҳам, Муллоқандовро ҳам зиқ кардагӣ... — ӯ дигар сухане гуфтанӣ буд, аммо филфавр "зиқ кардагӣ" гӯён оҳангу маънии гуфторашро нармтар сохт. — Ана, натиҷааш... Акнун аз ман домангир гаштанатон бефоида. Ман шуморо то имрӯз мешинохтам? Не!

— Муаллим, дурусттар фикр карда гап занед, аввал санҷед, аз дигар донишҷӯёну муаллимон ҳам пурсед. Ба ман тӯҳмат мекунанд...

— Ҳеҷ кас намегӯяд, ки дӯғи ман турш аст. Аз аввал андешидан лозим буд, додар. Ҳа, акнун аз дасти ман чӣ кор меояд... Деканат, коллектив намехоҳанд, шуморо ба

суд доданианд. Мо рапорти онҳоро асос кардем... Сардори гурӯҳ, муаллимон, деканат — ҳама...

— Э, одам набудед-ку ҳамаат!.. — Ғаюр якбора бо шаст аз ҷояш бархост ва дарро тараққос занонида пӯшиду рафт.

Вай ин дафъа аз сухан гуфтан тарсид, зеро дигар буньёди тамкину худдориаш футур рафта буд, агар ба сухан лаб кушояд, ҳатман алфози аз ин ҳам сахту дурушт мегуфт.

Ғаюр дигар чӣ кор карданашро надониста ҳайрон буд. Ноумедӣ баъди гуфтугӯ бо ректор дар тӯли як-ду соат вақт, ӯро он чунон фишурду пажмурда сохт, ки саҳл монда буд, ба ҷонаш қасд кунад. Хайрияти кор шуд, ҳамсабақонаш ӯро ҷуста ёфтанд.

Баъзан вай хаёл мекарду пеши чашм овардани мешуд, ки имрӯзҳо агар танҳо мебуд, чӣ кор мекард?.. Худаш танҳо, бе маслиҳатгаре, бе рафиқи дилбардоре, бе раҳнамое... Ӯро хотираҳои нохуши рӯзҳои рафтааш — танҳоиҷӯӣ, бепарвоӣ, беалоқагӣ бо дӯстон дар шиканҷа мегирифт. “Эҳ, афсӯс! — ба пешониаш зада оҳ мекашид вай. — Панҷ сол дар як гурӯҳ хонда, ин ҷавонони наҷибро ба дурустӣ нашинохтам, сидқан дӯстию одамгарӣ накардам, ба ғамашон шарик набудам... Аҳсан, сад аҳсан ба онҳо... Ҳанӯз ҳам чашмам кӯр будааст. Аслан, ман садқаи дилсӯзӣ шавам! Сазои ман ҳамин аст...”

Ғаюр ҳоло аксар шабҳо дар ҳуҷраи Карим-ака хобу хез дошт то дидори Ҳайдару Ғиёс баринҳоро набинад.

Боз дӯстон ғун гашта, маслиҳат карданд, андешиданд, раҷҷа кашиданд. Тамоми имконият, алоқамандӣ ва дигар имконоти ҳаёти ҷавони худро ба кор мебурданд, то рафиқи худро аз ин варта наҷот диҳанд. Аз ҳар сар садое мебаромад. Мирзо гуфт:

— Ҳеҷ гап не, ғам махӯр. Дина муаллими фалсафа — Комилов туро пурсид. Фармони ректорро шунида, ҳайрон монд. Сонӣ таъин кард, ки ба наздаш равӣ. “Зинҳор, маро надида наравад”, гуфт. Ана, Карим-ака ҳам буданд.

— Ҳа, воқеан, муаллима Мария Аванесовна расо зани дилсӯз будаст, бачаҳо. Воқеаи туро шунида, дарс гузашта натавонист, мушоҳида кардед? Гирья гулӯгир карду чашмаш лиққӣ об гашт. Гап зада натавонист, берун рафту, сонӣ андак ба худ омад, — гуфт Карим-ака.

— Хайр, ҳозир чораи накди дар пеш истода — Комилов, — гуфт Мирзо. — Ғаюр ба назди муаллим Комилов як бор рав, ку, чӣ мегӯяд? Худаш таъин кард-ку. Шояд ягон роҳ нишон диҳад.

— Чаро мо туро барвақттар огоҳ накардем?! —афсӯс мехӯрду ба ҷабинаш шаппотӣ мезад Карим-ака. — Гумонам, ки наздик монд, тамом мекунию меравӣ. Ҳол он, ки хатои туро медидам, медонистам...

— Хайр, акнун таънаю маломат фоида надорад, Карим-ака, — гуфт Адолат, — илоҷи воқеаро фикр кунед. Агар Ғаюр равад, ин фақат мағлубияти вай не, онҳо ба рӯи ҳамаи мо бо тамасхур менигаранд! Бюрокротизм берӯйтар мешавад. Ғиёс баринҳо батамом бехуд мегарданд.

— Ҳозир дигар илоҷи умедбахш надорем, фақат — Комилов, — гуфт Мирзо зуд ба Адолат ҳамовоз гашта. — Нотиқи махсус, ба идораҳои боло даро-баро дорад.

— Рост, ман чанд бор пай бурдам: вай на гапи деканро мехӯрад, на нозу нузи дигарашро мебардорад.

— Ҳа, марди аҷиб аст, ба кори худ машғул, — гуфт Карим-ака.— Ба факультет меояду агар вақт бошад, дар берун гардиш мекунад, сонӣ рост ба синф медарояду дарсашро мегӯяд. Баъзеҳо барин ба назди декан, ба назди мудири кафедра ва дигар казову казоҳо дароям, хушомад ку-

нам намегӯяд, беҳуда лаққида нишастанро намедонад.

Онҳо дар хоначаи иҷорагии Карим-ака нишаста маслиҳат доштанд. Карим-ака дар тӯли панҷ соли таҳсил ягон бор хобгоҳ нагирифт. Ҳар сол аз гузарҳои гирду атрофи факультет ягон кулбачаи тангро иҷора мегирифту ба майлу муроди худ зиндагӣ мекард. Вақтҳои охир кулбаи ӯ, як навъ клуби гурӯҳе ҳамдарсон гашта будаст, аммо Ғаюр аз ин ҳам бехабар мегаштаст.

Ҳанӯз маслиҳати дӯстон напухта буд, ки дарвозаи ҳавлиро кӯфтанд.

— Ин тақ-тақи духтарон. Э, хонаро ба тартиб биёр, — Карим-ака ба Мирзо супориш доду худаш барои кушодани дарвоза рафт.

Мирзою Адолат саросема рӯи миз, фарши хона ва каравотро ба тартиб оварданд, чизҳои паҳну парешонро саришта карданд.

Кавкаб, Мунира ва Зебо бо вағар-вағар ба хона даромаданду дар кулба дигар илоҷи ҷунбидани кас намонд.

Маслиҳати онҳоро шунида Мунира, ки барои бениҳоят лоғариаш “Мӯрчамиён” лақаб дошт, чашмонашро калон карда гуфт:

— Хайр, бед, ба назди муаллим Орифӣ рафта, ҳамаамон илтимос мекунем. — Сонӣ илова кард: — Аз рӯзе, ки фармон баромад, духтарони гурӯҳамон азодор барин, ба лабашон ханда намеояд... Дар назди донишҷӯёни дигар гурӯҳҳо гунаҳкор барин хиҷил

— Ҳа, ҳама — хафа, на дарс мехонанд, на аз гулӯяшон хӯрок мегузарад, — гуфт Кавкаб ғамолуда. — Ҳусейну Раҳматулло рафта аз деҳаат барои ту тавсифнома ҳам оварданд. Раиси ҷамоа гуфтаст, ки ман худам ба назди ректоратон меравам, ҳама гапро мегӯям, дар ин дуньё ба одами росту дуруст рӯзи равшан ҳаст ё не?!

— И-и-и!.. — гуфт Ғаюр инро шунида таассуфомез. — Модарам мешунавад...

— Хотиратро ҷамъ дор, қавли раиси ҷамоаро гирифтаанд, ки то ту худат рафта нагӯӣ, аз ин сир ба касе даҳон намекушояд, — гуфт Мунира бидиррос зада дастони борику дарозашро ҳаракат дода.

— Хуб, қарордодамон ҳамин: ба назди муаллим Комилов бояд худат, танҳо равӣ, — гуфт Карим-ака. Сонӣ таноби суханро ба шӯхӣ бурду гуфт: — Ҷавобҳои ту ба он кас ҷудо мефорид. Ҷавоби маро шунида, рӯяшро турш мекард. Мабодо боз дуализми ҷисму рӯҳи Декартро пурсад, ҳолам табоҳ! — Воқеаи дар имтиҳони фалсафа дармонданашро ба ёд оварда, хандид вай.

— Тамоми ҳамсабақон ғун шуда ба назди ректор равем-чӣ? А? Фаҳмонем, талаб кунем, гӯем, ки ин тавзеҳи нодурусти далелҳо аст, аслан ин тавр не...

Ба ин пешниҳоди соддадилонаи Кавкаб Карим-акаю Мирзо табассум кардандӯ ҳеҷ чиз нагуфтанд. Агар гап зананд, ба дили Ғаюр сахт мерасид. Қариб аз нисф зиёди ҳамсабақон ба хориҷ шудани Ғаюр ҳеҷ норозигие надоштанд ва ё агар дар дил норозӣ бошанд ҳам, ҳаргиз инро зоҳир наменамуданд ва ин буздилию муросоҷӯии худро ба лоқайдӣ ва беалоқагӣ пардапӯш мекарданд. Ғаюр дуруст мегуфт: “Агар дуньёро ягон рӯз саросар бисӯзанд, маҳз, бо дасти ҳамин тоифа бетарафону муросоҷӯён месӯзанд...”

— Ба ростӣ, акнун донистам, ки дар мо — дар мамлакате, ки бюрокротизм ин гуна авҷ дорад, қонуне, ки одамонро аз ситами он ҳимоя кунад алҳол набудааст. Муаллим Мӯҳтарамов гӯяд, ки ҷаҳд кунед, то ҳамаи қонунҳои даркориро қабул кунанд, ба дил онро тафталогия гӯён механдидам! — гуфт Карим-ака андешаманд.

— Аввал қонунҳои будагиро риоя кунанд! — гуфт

Мирзо даст афшонда. — Чӣ қадар моддаҳо мурда, фақат дар китобҳо...

## Боби 17

Карим-ака, Мирзо, Ҳусейн, Адолат ва Мунира дар канори сераҳа, назди ательеи "Зинат" ҳалқа гирифта рост меистоданду гоҳе ба якдигар сухане гӯянд ё саволе пурсанд ҳам, ба нияти вақткушӣ буд, зеро фикран ҳамагон ин лаҳза бо Ғаюр буданд ва чашм аз бинои онсӯи кӯчаи калон намеканданд.

— Э, зудтар бароядь, намешавад, дилам ба кафидан расид-е! — Оқибат бетоқатона "уф-ф" гуфт Мунира. — Адоҷон, агар ман ту барин фарбеҳакак мебудам, кайҳо торс мекафидам, — вай аз қафо Адолатро оғӯш гирифту сарашро ба китфи вай ниҳод.

— Дилата тахт дор, Мӯрча, Ғаюр зӯр баромад, гуфтан гир. Шаб дар хонаи он кас ҳамаашро гуфтем, донистанд, ҳамту, барои расмият "фардо ба идора биё" гуфтанд-дия. — гуфт Карим-ака бепарво.

— Карим-ака, Наврӯзов аниқ тағои зодаатон мешаванд? — Ба чашми ҷавон дуру дароз нигариста маъни гирифтан мехост Мунира.

— Ҳа, — гуфт бепарво Карим-ака. — Додари модарам тағои зода намешавад магар?!

— То ба имрӯз ягон бор нашунидем... Расо одами дарундор будед-дия, — гуфт Мирзо гилаомез. — Ҷияну ҷиянзодаҳои шахсони баландмартаба ҳамин, ки ба факультети мо дохил шуданд, аз рӯзи аввали таҳсил овоза мерафад, ба онҳо дигар хел муомила... Агар барвақттар мегуфтед, дар сояи шумо мо ҳам камтар такаббур мекардем.

— Таҳи гапро наков, Мирзо, вақту соаташ расад, ҳама-

ашро мефаҳмӣ, — гуфт Карим-ака асроромез.

Ду тан лӯлизан, ки яке кӯдак дар бағал дошт, аз пиёдароҳ мегузаштанд. Адолат ба кӯдак конфет дароз карду лӯлизанҳо зуд ӯро иҳота карданд.

— Духтари ширин, як фол бинамат. Ба қарибӣ ба як хурсандӣ мерасӣ, шодмонӣ мекунӣ... Аз бахту толеат гӯям, ё аз тану ҷонат...

— Ба вай не, ба ман фол кушо... — пеш баромад Мунира. — Ба ман фол не, ба як дӯсти наздикам. — Ба сӯи шариконаш рӯ гардонда оҳиста гуфт: — Ку, ба Ғаюр фол кушоям... — Вай боз ба лӯлизан рӯ овард: — Фақат дар ин ҷо не, биё ҳу, ба қафои он бино гузарем... Ягонтааш дида монаду ин духтар ба дину афсун эътимодманд аст гӯён аз комсомол хориҷ кунанд, чӣ мекунам?

Мунира дар иҳотаи лӯлизанон ба қафои бино гузашт.

Аз миён панҷ-шаш дақиқа вақт гузашту Ғаюр аз он сӯи кӯча пайдо шуд ва ҳама бо ҳаёҳу садо бароварданду дастафшонӣ карда, бо ишорат аз ӯ мепурсиданд, ки кораш барор кард ё не. Баъди он ки ӯ аз гузаргоҳ гузашт, Мирзо дигар тоқат накарда, дастонашро ба даҳонаш карду гуфт:

— Гург ё рӯбоҳ?

Ғаюр табассум намуду ба нишони қаноатмандӣ сар ҷунбонд. Баъд ҳамсабақон ба ӯ расиданду чунон ки тӯяш бошад ё аз хизмати ҳарбӣ баргашта ба навбат канораш гирифтанд.

— Аз шумоён миннатдорам... Агар шумоҳо кӯмак намекардед, аз донишгоҳ хориҷ будам. Ин Орифии нобакор гапашро дар ҳама ҷо пазондагӣ будаст... Ман ҳамту, маро тарсонданӣ гӯям, не...

— Хуб, ку бигӯ, чӣ гуфтугузоре шуд, ҳамаашро гӯй, — ба беқарорӣ сухани ӯро бурид Мирзо.

— Ғаюр!.. Ман ба ту фол кушодам! — Мунира аз паси иморат берун омада ӯро диду якбора беихтиёр бо овози баланд фарьёд кашид. Баъд аз карда хиҷолат гашта, даҳонашро бо кафи дасташ пӯшид ва ҳаросон ба чашми раҳгузарон нигариста мазмун гирифтан мехост.

— Мӯрча, метарсам, ту ҳам Ғаюр барин ба ягон хел фалокат пешрав мегардӣ! — гуфт Карим-ака бо табассуми маломатомез сар ҷунбонда.

— Садқаи сарам, дипломамро диҳанд, ба ман бас аст, дигар аз ҳеҷ чиз наметарсам. Ягон шавҳари серпулро меёбаму бафароғат дар хона мешинам, кор-пор намекунам...

— Хайр, биист, Ғаюр гап занад, — гуфт Мирзо, сухани Мунираро бурида. Сонӣ ба Ғаюр рӯ оварда гуфт: — Зудтар гӯй...

— Чӣ ҳам гӯям, ҳамаи гуфтаниҳоро шаб гуфта будем. Дафтарчаи имтиҳоноту дафтарчаи меҳнатиамро ҳиҷҷа карда бадиққат хонданд. Дуним моҳ пештар аз кор озод гашта дафтарчаи меҳнатиамро гирифта будам. Сонӣ ба ректор занг заданду аз хусуси ман пурсон шуданд. Аз афти кор, вай эркатулфори пулмаст, пӯла-шӯла гуфт магар, ки "эркатулфори куҷо, бепадар, як модар дорад, панҷ сол баробари таҳсил кор кардааст... Боз аъло хондааст... Ин хел донишҷӯён, дар донишгоҳатон хеле бисьёр будаанд-дия..." гӯён киноя карданду ректор хап шуд. Сонӣ... Ҳа, сонӣ гуфтанд, ки давлати мо дар тӯли панҷ сол барои таҳсили илми ин ҷавон чӣ қадар маблағ сарф кардагӣ, медонистагистед. Ба ғайр аз ин, шумо, инсонпарварӣ зоҳир кунед, барои як пула гапу кор ҳаёти инсонро шикастан аз рӯи адолат не. Ректор дар ҷавоб дуру дароз эзоҳ дод, Наврӯзов "хӯш-хӯш", "ҳа-ҳа" гӯён гӯш доду сонӣ суханро мухтасар карда гуфт: "Дар маҷлиси комсомолӣ муҳокима кунанд..." Сонӣ ба ман гуфтанд, ки ба назди ректоратон равед.

— Ура-а-а! — Карим-ака, Мирзо ва Ҳусейн якбора аз чор тараф Ғаюрро оғӯш карда ду-се бор бардошта бо пояш ба замин партофтанд. Раҳгузарон ба сӯи онҳо ҳайрон-ҳайрон нигариста мерафтанд. Чор-панҷ кӯдакони кунҷков аз роҳи худ истода давоми ин валваларо интизор буданд.

Духтарон дасти ӯро фишурда суханони табрику таҳният ва муборакбодӣ гуфтанд.

— Рӯи ин лӯлизанаки дурӯғгӯй сиёҳ! — гуфт Мунира. — Фолаш чап омад магар, ба ҷои Ғаюр фақат як духтараки малламӯй ба фолаш омад. Сараш дар об, пояш дар гирдоб аст, боз ким-чӣ балоҳое гуфт, ҳамаи гуфтаҳои онро чинда гирифта мешавад? Хулосаи калом, охираш ба рӯшноӣ мебарояд, аммо алҳол раҳаш торик аст, гуфт. Акнун росташро гӯй, Ғаюр, духтари малламӯй кӣ?.. А?.. Чаро то имрӯз мо намедонем?.. А? Аз мо руст мекунӣ? Меёбем, — бидиррос мезаду истинтоқ мекард Мунира. — Аз ман руст карда наметавонӣ.

— Тую Мирзо аз ҳама гӯр хабардор бошед ҳам, он духтари малламӯй кӣ, дар сад сол ҳам намеёбед, намедонед. Аммо ман медонам! Медонам ё не, Ғаюр?! — савол кард Карим-ака.

— Аз куҷо медонед? — ҳайрон буд Ғаюр. Нигоҳи пургумон ва авзои хавотиромези вай диққати ҳамаро ҷалб кард. — Бо он духтар... рости гап, ман чандон алоқамандӣ надорам... Ҳамту шинос... Агар мегаштам, медидед-дия... Аз куҷо шунидед?

— Медонам. Номашро гӯям? А?.. Лолаи боғу чаман! Лолахасак не, лолаи ҳақиқӣ, лолаи асл! Ҳа, Мунира, ту аз дуньё бехабар гаштӣ-дия!

— Аз мо руст кардед?.. Хайр... — Мунира хотирозурда ба рӯи Ғаюру Карим-ака менигарист. — Не забудь-

те, закон имеет обратную силу!

— Ба ман Ғаюр ин сирро нагуфтааст, — гуфт Карим-ака. — Ана, худаш гӯяд. Хайр, вақташ расад, худаш мегуфтагист.

Онҳо раҳорах то ба донишгоҳ Ғаюрро аз ҷон безор карданд, то бигӯяд, ки он духтар кист, аммо Ғаюр якзайл мегуфт, ки "духтари амаам будагист" ва айёрона табассум менамуду саволомез ба чашми Карим-ака менигарист ва донистан мехост, ки ба чи усул ӯ аз Лола дарак ёфта аст.

— Сабру таҳаммул кунед, ба қарибӣ ҳама гапро мефаҳмед, дӯстон. Ин Ғаюр гуфтагетон чунон одаме будаст, ки андарунаш гов мепазад! Охир, панҷ сол боз бо ин духтар Лайлию Маҷнун бошад ҳам, ҳеҷ кас бӯяшро нафаҳмидаст-е!.. Қоил мондам. Хайр, алҳол худи Ғаюр ҳам аз баъзе сиру савдо бехабар барин менамояд... Чашмашро кушода мемонем!.. Лекин ин Лола гуфтагем, як духтаре, ки бе муболиға, чунон ки дар афсонаҳо мегӯянд, ба хироҷи ҳафтсолаи мамлакат меарзад! Қасам мехӯрам...

— Эҳ-ҳе-е! — ба истиғно мад кашид Адолат. Ин чунин таърифи як духтари ношинос ба вай хуш наомад ё ба иззати нафсаш расид. — Ҳеҷ набошад, нархашонро ба бюҷети республика баробар кунед! — пичинг кард вай. — Ду миллиард сӯм ҳам пули кам не.

— Ба бюджети республикаат гурба ба офтоб намебарояд, — гуфт Ҳусейн гӯё худ ба худ таъкид мекарда бошад. — Ба соз кардани панҷоҳ километри роҳи Варзоб пул надорад, кандани нақби Анзобро як сӯ мон!

— Ҳой, Ғаюр, ин хел дурри қиматбаҳоро аз куҷо ёфтӣ?.. Барои ҳамин ин қадар сол дар кисаат як пули сиёҳ набошад ҳам, димоғат осмонро сӯз дода мегаштаӣ-дия! Такаббурат бесабаб набудаст, — гуфт Мирзо аз ин хабар тамоман моту мабҳут. Азбаски дар ҳақи вай мегуфтанд:

“дар таҳи замин мор агар чунбад, медонад”, ӯ алам кашид.

— Худаш кӣ вай? А? — Беқарор буд Мунира. Вай гоҳ ба даҳони яке, гоҳ ба рӯи дигаре менигаристу маънӣ гирифтан мехост. — Намегӯед?.. Хайр, нигариста истед агар духтари ҳамин шаҳр бошад, дар ду рӯз ёфта нагирам, номам Мунира не!

— Ҳолӣ ҳам номи ту Мунира не! Кӣ туро Мунира гуфт? А? — Мавриди шухӣ омаду зуд ба вай часпон гашт Мирзо. — Ман Мӯрчамиёни азизамонро медонам, агар Мӯрчабону гӯӣ ҳам, қабул, аммо Мунира... — ба инкор сар мечунбонд вай.

— Албатта, набера ҳам ба хешу табори наздик дохил аст, — гуён Мунира ба лақаби Мирзо, ки замоне аз сабаби баҳсаш аз ин боб гирифта буд, ишора кард. — Набера ҳақдор аст, ки ҳатто ҳукми судро инкор кунад.

Онҳо лаҳзае гӯё кулли ташвишҳои дигарро фаромӯш карданду ба ҳазлу мутоиба пардохтанд ва мисли он, ки қартаи радиоларо дигар карда бошанд, зуд ҷои андешаҳои ғамангезро хандаю нидоҳои шодӣ иваз кард.

## Боби 18

Ғаюр интизори ректор дар долони донишгоҳ қадам мезад. Дар сараш ҳазору як тахмину гумон радду бадал мешуданд. Аслан, вай амин буд, ки дар идораҳои боло беадолатии ректорро шунида, ба шӯр меоянд, изҳори таағҷуб мекунанд. Аммо Наврӯзов гӯё ба суханони вай боварaш набошад, бепарво буд, на ҳайронӣ зоҳир кард, на ба шӯр омад. Ин гуна вазъияти ӯ Ғаюрро хуш наомаду бағоят рӯҳафтода гашт. Шояд ректор аз сабаби ҳамин бепарвоии вай ҷаҳд дошт, ки Ғаюрро сиёҳ кунад, фармони

худро дуруст ва ҳаққонӣ гӯяд. Бо ректор ба нармӣ, маслиҳатомез сухан кардани Наврӯзов Ғаюрро дар шубҳа афканда буд. "Охир, ректор сад фоиз ноҳақ аст, — мегуфт вай ба дил, — ба хулосаҳои сохтаи Орифӣ ва гувоҳии тамаллуқкоронаи Муллоқандов, шаҳодати Ҳайдару Ғиёс барин косалесони декан бовар карда, фармон баровард... Ё кӣ медонад, балки забони ҳамаашон як будагист, қаллобии онҳоро дидаю дониста, мани бечораро қурбони рӯи хотири дӯстонаш кардагист. Балки... дар як ҷо ғун гашта ошхӯрӣ мекунанд... Бинобар он, чаро ба майлу муроди якдигар мувофиқ амал накунанд?! Хар гардани хар мегирад... Аммо Наврӯзов аз чӣ бошад, ки бо ректор нармакак сухан кард..."

Ғаюр азбаски корафтода набуд, намедонист, ки ҳоло шахсони масъул ва мансабдор метарсанд, эҳтиётпешаанд, ба осонӣ касеро гунаҳгор намекунанд, ба иззати нафсаш намерасанд, дониста-надониста ба кори дигаре мудохила карданро ба худ нораво мешуморанд, мабодо таҳи коса нимкоса бошад, дар қафои ректор ё декан ягон ҳимоятгари пуркудрате бошад гӯён меҳаросанд...

Роҳравҳои бинои асосии донишгоҳ, ки ректорат дар он воқеъ буд, ҳамеша пурравуо. Ғаюр аз рӯ ба рӯ гаштан бо шиносон мегурехт. Агар шиносеро бубинад, ки ба сӯяш меояд, худро нодида ва саросема вонамуд мекарду дари ягон хонаро кушода медаромад ва сипас узр гӯён боз мебаромад.

— Соҳибов, бед канӣ, — ректор аз долон мегузашт, ногаҳон ӯро даъват карду Ғаюр сар бардошта аз наздаш гузаштани вайро дид ва ба амраш мувофиқат намуд.

Юнусӣ ин дафъа ӯро ба мизи худ наздик биншонд ва сипас дуру дароз аз боби гуноҳҳои вай сухан гуфт. Ғаюр

сухани ректорро набурид, дурӯғу ғалат ояд, ислоҳ накарду дандон ба дандон фишурда тоқат дошт. Зеро Карим-ака инро ба таъкиди сахт аз ӯ хоҳиш карда буд. Оқибат ректор гуфтаҳояшро ба ин тариқ хулоса баст:

— Ана, дидед, додар, гуноҳатон бениҳоят бисьёр аст, гуноҳҳои сахт аст, барои баъзеи он одамонро суд мекунанд, аммо мо ба номи донишгоҳ исноди нохуш наоварем гӯён андешидем...

Юнусӣ гӯё дар банди масъалаи мушкиле дармонда бошад, мизро бо ангуштонаш нақоракӯбӣ мекарду меандешид. Ба Ғаюр ҳоло оҳанги сухани ӯ, ҳар замон "додар" ва "писар" гӯён ба сӯҳбат ранги маҳрамона задани вай хеле таъсир дошт.

— Мо аз ҳаво гирифта фармон набаровардаем, додар... — Юнусӣ сар аз андеша бардошту пайрави гуфтаҳои худ бозгуфт. — Фикри деканат, муаллимон, комитети комсомол, ҳатто ақидаи рафиқонатонро дар ҳақи шумо пурсида гирифтем. Мебахшед... Наврӯзов ба шумо чӣ хел қаробат доранд? — Ногаҳон чи фикре ба хотираш расиду савол кард ректор.

Ғаюр ин чунин саволро нигарон набуд, бинобар он, чи ҷавоб гуфтанашро надониста, лаҳзае дасту по хӯрд. Ректор саволашро эзоҳ кард:

— Ҳайрон нашавед, ин ҷиҳаташ ҳеҷ аҳамияте надорад... Ман ҳамту, донистанӣ будам, ки хешу таборӣ доред ё дигар хел...

— Не, мо на хешу таборем... на дигар хел... — гуфт Ғаюр ғайриихтиёр тамкин аз даст доду ба киноя сухани ректорро такрор намуд. — Пеш аз ин воқеаҳо шиносо набудем.

— Ҳа-а... Ин хел гӯед... — Сипас ректор ба маҷрои аслии сӯҳбат баргашту гуфт: — Ман ба он кас фаҳмондам...

Қурбони одами хирадманд шавам, он кас ҳам дар-рав фаҳмиданд.Вақти азизи худро сарф карда шуморо қа-бул карданашонро нигаред!.. Охир, он касро он қадар масъалаҳои муҳими давлатӣ ва ба тамоми халқи мо, республика судманд дар пеш бошад ҳам, нигаред, ки... Чӣ тавр шуморо рухсат додаанд...

— Ҳамин ҳам гап шуд, домулло! — гуфт ногаҳон Ғаюр аз равиши афкори ректор матлабро пай бурда. — Рост ба хонаашон рафтаму гуфтам, ки ман ҳақиқату адолат кофта омадам! Ҳамин хел чиз ҳаст ё не? Вассалом. Ман чӣ гум мекунам? Ҳеҷ чиз! Пролетар. Ба қавли шоир “дальше фронта не пошлют”. Ба Маскав ҳам рафтан мегирам.

Юнусӣ андаке сурх шуд, вале сир бой надод.

— Ана, дидед, чи миқдор касонро аз кор монондед, гуфтаниам... Гуноҳатон як тараф, ҳам донишҷӯён ва ҳам муаллимон аз шумо норозианд, додар! Агар Орифӣ ин масъаларо набардоранд ҳам, шуморо аз имтиҳони давлатӣ намегузаронданд. Он кас рӯирост гуфтанд: “Аз фанни ман баҳояш — 2”.

Дар дили Ғаюр дарьёи эътироз талотум мекарду меҷӯшид, як-як ҳамаи гуноҳҳои ба сари вай мондагии ректорро рад кардан мехост, вале баъди моҷарои Орифӣ, баъди таъкидҳои такрор ба такрори ёронаш вай аз баҳс кардан меҳаросид.

Ғаюр бесаброна қарори ректорро нигарон буд.

Ректор андешамандона ҷабин хорид, боз шишаи рӯи мизро нақоравор навохт, баъд ба Ғаюр нигариста, ба маънии “дидӣ, ҳеҷ илоҷ намеёбам” сар ҷунбонд. Ваҷоҳати вай равшан мегуфт: “Чӣ чора кунам, намедонам. Дар миёни обу оташ мондӣ маро, бача...”

Баъд гӯё маслиҳатомез пурсид:

— Хӯш, худатон гӯед, аз дасти ман чӣ кор меояд? Ҳақ надорем, ки ба шумо диплом диҳем! Ин касбу кори одамони сирф бедоғ аст! Муфаттиши адлия! Кӣ мадад ҷуста пеши шумо меояд? Кӣ ба шумо бовар мекунад?.. Ду моҳ кор мекунед ё не, аз бобати шумо даста-даста ариза, норозигӣ... Сонӣ аз мо мепурсанд, ходими адлия гӯён ба кӣ роҳхат додед, мегӯянд. Охир, шумо дар давоми панҷ сол ахлоқатонро ислоҳ насохтаед! Ана, шаҳодати рафиқони худатон, муаллим, декан...

Ғаюр хомӯш буд. Вай аз гап задан метарсид, метарсид, ки агар даҳан кушояд, фарьёд мезанаду гиребони худро пора мекунад ва аз нав ҳама корро чигил менамояд. Охир, маънии номашро намедонистагӣ тамом кунад... Беҳтарин кор — хомӯшӣ. Сари хамро шамшер намебурад гӯянд, вай инро ҳикмати бечорагону оҷизон мегуфт... Эҳ чӣ қадар фикрҳои хаторо то имрӯз дастури зиндагӣ сохта будааст! Дурӯғро аз рост, сафедро аз сиёҳ фарқ кардан чаро ин қадар мушкил шуд? А? Ҳамаро ба ҳам омехтем? Ё дурӯғ ба минбар баромаду дастури ҳукумат гашт? Барои ҳамин?..

Баъди хеле хомӯшӣ Юнусӣ масилҳатомез ба сухан даромад:

— Ба факультети таърих гузаронем? Боз як сол мехонеду сонӣ тамом мекунед? А?

Ғаюр лаҳзае ҳайратзада ба рӯи ректор нигариста монду сипас дақиқае андешид ва дар ҷавоб китф дарҳам кашид. Чӣ гӯяд? Вай чӣ ҷавоб доданашро намедонист. Баъди чандрӯза ноумедӣ, арзашро гӯш накарданҳо ҳамин ваъдаю кафолат ҳам дар назараш комьёбӣ барин менамуд.

— Гап ҳамин, писар... Якуми сентябрь рост ба назди худам биёед. Ман гуфтам, гапам якта: донишгоҳро тамом

карда меравед. Як сол ҳеҷ гап не. Акнун, писар, он тарафаш гуноҳи худатон...

— Наход, ки ягон илоҷи дигар набошад? — гуфт вай имдодхоҳона. — Ман муфаттиши оддии адлия шудан мехоҳам! Ман ба кор омилам... Панҷ сол бо баҳои аъло хондам... Дар совхоз мушовир мешавам... ҳаққу ҳуқуқи мардумро ҳимоя мекунам...

— Бо ин қадар доғ мумкин не, — таъкид кард ректор. — Деканат, комсомол, донишҷӯён... Агар ҳозир ба муҳокимаи комсомолон гузорем ҳам, ҷазои сахт медиҳанду бо он танбеҳ имтиҳони давлатиро супурдан намегузоранд... Ҳамин хел кунед, додар. Соли дигар биёед. Ҳамин хел кунед, укоҷон, — ӯ Ғаюрро гоҳ додар мегуфт, гоҳ писар ва гоҳе укоҷон. — Агар ба маслиҳати ман гӯш кунед, зиён намебинед.

— Хуб, ҳеҷ набошад, рухсат диҳед, ки соли дигар омада, дар факультети худамон таҳсил кунам, — гуфт Ғаюр маъюс ба чашми ректор нигариста. — Дар давоми як сол танбеҳро сафед мекунам...

— Хайр, мебинем, укоҷон, ваъда намедиҳам, лекин ягон илоҷ мекунем. Шумо ба назди домулло Орифӣ рафта ҳозир узр гӯед, муаллимҷон, аз ман беақлӣ гузашт, бубахшед...

— Маро мебахшед, ин корро наметавонам... Ба одами қаллоб узр?! Ҳаргиз наметавонам.

— Ана, диҳед, ман ба шумо некӣ карданиам, лекин шумо баръакс... Хайр, ҳеҷ гап не, ин тобистон нағз истироҳат кунед. Тирамоҳ биёед, ягон илоҷ мекунем. Гап ҳамин, фаҳмидед-а?

Ғаюр ба тасдиқ сар ҷунбонд. Нохуш сар ҷунбонданаш аён буд.

Аслан, дар дилаш вай аз ҳамин илтифот ҳам шукр мекард. Донишҷӯи рондаи донишгоҳ, ки дирӯзакак ҳеҷ яке аз ин касон арзашро шунидан намехост, имрӯз ин қадар илтифот медид, суханони нарму дилсӯзона мешунид, оё ба ин пешниҳод розӣ нагашта метавонист?! Касеро, ки аз тӯфони дарё берун гирифтаанд, магар аз борон шикоят мекунад?!

— Инак, гап ҳамин-а, додар? — ректор аз ҷо бархосту аз бозуи Ғаюр гирифту ба сӯи дар бурд. — Якуми сентябрь рост ба пеши худам бед! Як чашм пӯшида мекушоед, ки соли хониш гузаштааст, дипломро мегиред. Вассалом... Хайр, саломат бошед. Ҳа, дар ин ҷо ба чашми ҳар кадомаш хор барин мехалед, беҳтараш ба деҳа равед. Худи фардо хезеду биравед.

## Боби 19

Ҳамхонаҳояш аз дарс наомада, Ғаюр саросема борашро басту бистарашро ба мудири хобгоҳ супурд. Сипас, ду ҷомадони пуркитобро бардошта аз хобгоҳ ба хонаи Карим-ака рафт, то дар он ҷо бо дӯстон хайрухуш кунад.

Дӯстонаш, одатан, баъди дарс дар он ҷо ғун мешуданд. Ғаюр аз он метарсид, ки ҳамин замон онҳо меоянду боз ба сари вай чормағзи таънаву маломат мешикананд. “Чаро розӣ шудӣ?” мегӯянд. Дигар нерӯи мубориза надорам, монда гаштаам, онҳо намедонанд. Аз дасти ман чӣ меояд? Охир ҷамъият дардманд аст. Ҳам дар байни деҳқонони деҳа, ҳам дар миёни шаҳриён будам, дар ҳама ҷо инсон як ҳисси табиии башарӣ — ҳисси дар талошу ҷаҳд, бо ғайрати худ ризқу рӯзӣ ёфтанро гум кардааст ё ин ҳисси вай карахт гаштаст. Ним аср ё бештар зиндагии қаблан таъин, дар чорчӯбаи муайян гирифтагӣ, аз фардои миёна-

ҳолонаи худ хотирҷамъ, (нафақааш таъмин, аз гуруснагӣ намемирад, бо кӯшиш аз ду сар якеаш ду намешавад) ӯро карахт кард. Бешак миёни онҳое, ки дар ҷамъият луқмаи худро бо виқор аз магазинҳои хосаву анборҳо мегиранд ва онҳое, ки инчунин имтиёз надоранд ва ҳисси талошу ҷаҳд, таваккалпешагиро ҳанӯз гум накардаанд, мубориза сар мезанад. Ин талош гурӯҳеро ба апатия, яъне бепарвоӣ меафканад, тоифаеро ба майхорагӣ мебарад, дар идораҳои роҳбарӣ бюрократияро ривоҷ медиҳад... Иттифоқи қаллобон ба вуҷуд меояд...

Карим-ака ва дастаи ҳамсабақон бо валвала ба хона даромаданду риштаи андешаҳои Ғаюрро канданд.

Қарордоди ректорро шунида, Мирзою Карим-ака, ки аз ҳама пеш бо дили пур омада ба муборакбодӣ тайёр буданд, баробар фиғон бароварданд.

— Барои чӣ розӣ шудӣ?.. Э, калла! — чашмони Мирзо аз косахонааш ҷаҳида баромад, рангу рӯяш аз алам лаблабу барин сурх гашт. Ба назар чунин мерасид, ки ҳозир вай аз гиребони Ғаюр мегирад. — Охир, ту чӣ гуноҳ кардӣ?! Аз чӣ метарсӣ?!

— Э, афсӯс! Сад афсус!.. — Ба зонуҳояш мезад Карим-ака. — Корро ланҷ кардед, додарам! Ректор гапи нағз кати шуморо... Э, афсӯс... Одами дилаш рост камтар гӯл мешудааст.

— Гашта рав, не гӯй! — Мирзо қатъӣ муқобили ин қарордод буд. — Фикр карда дидам, намешавад, гӯй.

— Не-е... Садқаи сар...

Ғаюр инро мегуфту вале ба дил афсӯс мехӯрд, ки чаро ба гапи ректор зуд розӣ шуд. Ақаллан, “фикр карда бинам, сонӣ омада ҷавобашро мегӯям”, гуфтан даркор буд.

— Рост мегӯӣ, Мирзо, ман саросема шудам, — гуфт вай дар ҷавоби Мирзо, ки аз алам худ ба худ алав мегирифт. — Хайр, шудагӣ кор шуд, пушаймонӣ суд надорад. Дигар намеравам. Одати ман ҳамин.

— Боб карданд туро! — гуфт Мирзо бо алам.— Гашта рав, ба пеши ректор даро, намешавад гӯй! — исрор кард ӯ. — Бесабаб як сол...

— Не-е... Чӣ тавр аз қавлам мегардам?! — Ғаюр бо табассум сар ҷунбонд. — Намешавад. — Баъд ба рӯи хар яке алоҳида-алоҳида нигариста, бо меҳр табассум кард. — Шуданӣ кор шуд, ҷӯраҳо...

— Гашта ба пеши ректор дароед, — Карим-ака ҳам сухани Мирзоро дастгирӣ кард. — Ҳеҷ ҷои айб нест. Ин кори ҳазл не... Аълохонро дар курсаш монондан чӣ маънӣ дорад?! — вай китф дарҳам мекашиду дастони бузургашро ба ду тараф мекушод.

— Аълохонро аз донишгоҳ биронданду дар курсаш намемонанд! Мо ҳанӯз ҳам хом будаем... Ҳақиқат гуфта, идеал гуфта бовар карда гаштаем. Орифӣ баринҳо дунёро нағз медонистаанд...

— Аз шумоён миннатдорам... Аз ёдам намеравед... Ман хеле хато доштаам, акнун фаҳмидам. Ба қадри шумо нарасидам, ана, барои ин афсӯс мехӯрам. Ҳайфо, ки дигар як ҷо нишаста дарс намехонем... Ана, ҳаминаш алам мекунад. Аз ростӣ... — Дар чашмони Ғаюр ашк чарх заду аз ҳаяҷони худ дар хиҷолат шуд ва ба замин нигариста хомӯш монд.

Мирзою Карим-ака ҳам дар изтироб афтода, чӣ гуфтанашонро намедонистанд. Мирзо ҳанӯз умедвор буд, ки дукаса Ғаюрро розӣ мекунанд, то дигарбора ба назди ректор дарояд.

— Ҳой, Ғаюр, чизе надорӣ, то онро ту бой диҳӣ... Чӣ ҷои андеша!.. Бираву бигӯ, ки фикр карда дидам, намешавад. Ман худро бегуноҳ мешуморам ва талаб дорам фармонатонро мансух кунед. Ана, ҳамин ду ҷумларо бигӯю хап шин. Ана, сонӣ ҳамроҳ дарс ҳам мехонему имтиҳон ҳам месупорем. Хез, зудтар бирав!

— Не, қавли мард дута намешавад. Дуруст мегӯед, маро бо суханони ширин фирефтанд ё ақламро duздиданд, худам ҳам ҳайронам. Лекин барои як солу ду сол ман аз қавлам намегардам. Қавлу виҷдон — якумрӣ аст, охир. Ба ғайр аз ин, ман акнун донистам, ки агар диплом бигирам ҳам, аз дастам ҳеҷ кори дуруст намеояд. Муросокорию хушомадгӯӣ карда наметавонам... Сабилмонда виҷдон халал медиҳад, дар сари ҳар қадам маро пешпо медиҳад. Ин бори ноҳинҷор катӣ ба куҷо мерасам?! — Ӯ ин суханонро ба майли хотир мегуфту ба рӯи дӯстонаш алоҳида-алоҳида нигариста табассум мекард ва маҳзун сар меҷунбонд. — Ғиёс боре дар омади сухан гуфта буд, ки ба прокурор виҷдон-пиҷдон даркор не. Ин ҳукм агарчи аблаҳона аст, ба шароити имрӯз мувофиқ меояд... Дар республикаи ҳамсоя прокуроре исьён кардаст: дар сессияи комиҷроияи район ба сухан даромадасту гуфтаст, ки ҳамаи ин комьёбиҳое, ки имрӯз мегӯед, дурӯғ аст, ин рақамҳои равнақ — ҳама дар рӯи коғазанд, дар амал дар райони мо қаллобию ришвахӯрӣ, мансабпарастӣ, дуздӣ дарривоҷ аст, мансабро ба пул мехаранд, ба тавассути пул аз ҷазоҳои сахт халос мешаванд... Хулоса, кулли он харобиҳоеро, ки солҳои охир дар он республика рух додааст, ошкоро мегӯяд. Дар ҷавоби ӯ агар ҳамаи депутатҳо гӯям, хато мешавад, аммо аксар ба шӯру фиғон ба минбар баромада, прокурорро муттаҳам мекунанд. “Прокурори райони мо аз ҳаёт беха-

бар аст ё аз ақл бегона шудаст...” гӯяд як нафар директори совхоз, раиси ҷамоа — духтараке фарёд мезанад: “Комьёбиҳои моро дар тамоми республика медонанд, агар кӯдакро пурсед, мегӯяд... хизмати ҳалоли раҳбарони районро инкор кардан аз принципҳои ленинӣ дур рафтан аст...” Хулоса, прокурорро зуд аз депутатӣ, аз вазифа, аз узвияти фирқа маҳрум мекунанду баъди як-ду моҳ ӯро ҳамчун ҷинояткору ришвахӯр ба ҳабс гирифтан мехоҳанд, аммо вай гурехта, дар кадом як шаҳри Сибир ё Украина руст мешавад... Бовар кунед, агар ходими адлия шавам, маро ҳам қисмати он прокурор нигарон аст, дӯстонам. Муфаттишони ришвахӯру беинсоф бисьёранд, аммо бегуноҳ фақат барои дурусткорӣ муҷиби ҳукми қатл шудатон ҳам ҳастанд...

Баъди ин суханони Ғаюр ҳамагон дақиқае хомӯш, ҳар яке дар фикри роҳи зиндагӣ дармонданд.

— Ин хел мисолҳо кам нестанд, — гуфт оқибат Карим-ака як оҳи сард кашида. — Ман ҳам шунидаам. Аммо аз гунҷишк тарсида арзан накоридан аз ақлу тадбир не, додарам. Дидӣ, номи ҳамон прокурорро халқ машҳур кардаст, рӯзе мешавад, ки ӯро қаҳрамони даврон мекунад. Декабристҳо барин ё...

— Ҳамин як зарра бебарорӣ аллакай туро аз мувозанат баровард?! — Ба истеҳзо теғ кашида ба Ғаюр нигарист Мирзо. — Он ҳама виқору сарбаландиҳот хӯшаи пуч будаст-ку! Ба талош сар накарда, гурехтан чӣ маънӣ дорад, медонӣ? Айнан кори штрейкбрехерҳоро мекунӣ!

— Ман розӣ не... — гуфту сипас сухани худро ислоҳ кард Карим-ака. — Мо розӣ не... Ту бояд, ки ба назди ректор боз дароӣ ва бигӯӣ. — Карим-ака ҳам ба ин қарордод тан намедод. — Виҷдон, кор, муросокорӣ — ҳамааш

сонӣ... Ин гапҳо агар аз дастат коре наояд, барои адолат медонӣ талош кардан натавонӣ, ба ҳеҷ кас лозим нест худат.

— Аллакай ҳавсалаам пир шуд, шавқамро куштанд, дӯстон, — гуфт Ғаюр ба таъкид ба замин пой кӯфта. — Ман меравам, зеро чӣ одам будани инҳоро донистам. — Шумо, Карим-ака, ин суханҳоро аз сари қаҳр мегӯед. Ман медонам, ба сухани ман писханд мекунед, аммо худатон ба садои виҷдонатон гӯш медиҳед, гӯш надода наметавонед!

— Ҳой, мон ин сафсаттаҳоро!.. — Аз қаҳр сурх гашта, гӯё бо Ғаюр ҳоло гиребонгирӣ мекарда бошад, дасташро шоф карда пеш омад Мирзо. — Охирин илтимоси мо аз ту: ба назди ректор медароӣ ё не?

— Мирзо... — гуфт Ғаюр як навъ дарднок ва озурда. Нигоҳаш гӯё синаи ӯро парма мекарданд. — Ман аз онҳо сахт дилмонда гаштам... Ту мехоҳӣ ҳоло аз худам ҳам дилмонда шавам? Ҳаминро хоҳонӣ?

— Мирзо дилаш сӯхта ин суханро мегӯяд, — гуфта Карим-ака обсофкунак шуд. — Ту наранҷ, Ғаюр, гап ин хел нашудаст. Ту сари моро хам карда меравӣ, медонӣ?

— Не! Агар ин воқеа рӯй намедоду ман донишгоҳро тамом карда мерафтам, гумонатон кори хуб буд? — Ғаюр ба ҳар ду рӯ оварда савол карду худ дар ҷавоби саволаш ба инкор сар ҷунбонд. — Ҳаргиз! Бадбахту берӯзӣ мегаштам, кӯрдилу носипос мемондам! — Таъкид дошт вай. — Як солро аз даст додаму дар ивазаш шуморо ёфтам! Шумо тамоми умр аз манед, бо ёди шумо, бо меҳри шумо... Э-э, аз афти кор, қисматам ҳамин будаст... Ситораи наҳс ҳар замон маро аз пой меафканад, аммо мағлуб карда наметавонад.

Карим-ака ин суханони ӯро шунида, дар изтироб аз ҷояш парида бархосту назди тиреза рафт ва лаҳзае

дилтанг ба берун нигариста истод. Сонӣ чи фикре ба ёдаш расиду барқосо якбора ба қафо нигаристу ба Ғаюр рӯ ба рӯ рафт.

— Бигирем, ки сухани моро ба замин мезанӣ, мо барои ту беэътиборем, — гуфт вай озурдахотир ба чашми Ғаюр нигариста. — Ба хотири ҳамон духтар, барои он, ки Лоларо ноумед накунӣ, як бор баргашта ба назди ректор даро! Агар ту донӣ, дар ин моҷаро аз ҳама бештар Лола ранҷ кашид. Азбаски ту ин розро ба вай як даҳан нагуфтӣ, вай сахт малул буд, аммо дар як канор тамошобин барин бепарво нанишаст. Агар донӣ, Наврӯзов тағои ман не, тағои вай аст. Лола аз тағояш хоҳиш кард, то арзи туро шунида, мусоидат кунад.

Ҳамагон “ҳа-а-а” гӯён лаҳзае даҳон во намуданду баъд Мирзо ба Ғаюр нигариста, муште ба рӯи миз зад, аммо Ғаюр ба вай имкони даҳон кушодан надод.

— Беҳтараш... Ман ба деҳа меравaму тӯй сар мекунам... Хабар мерасонам ба тӯйи ману Лола ҳамаатон меоед.

— Ҳозир гуфтанӣ будам: агар ту нагирӣ, ҳамон духтарро ман мегирам, — гуфт Мирзо, вале афзои Ғаюрро дида, саросема забон газид.

Ғаюр ба рӯи вай нигариста абрӯ чин шӯхиомез бигуфт:

— Ман бадрашкам, андешида сухан кун. — Вай ин суханро ба як навъ оддӣ, гӯё дар омади сухан мегуфт.

— Чӣ гуна иззати нафсат иҷозат дод, ки ба мағлубият тан бидиҳӣ, ман намедонам, — ғурунгос зад дар ҷавоб.

— Иззати нафсамро бояд, ки эҳтиёт кунам, вагарна онро батамом мекушанд, — гуфт вай ва сипас боз афзуд:

— Қариб куштанд...

Табассуми талху заҳрогин ва ба тамассхур моил дар лабонаш лаҳзае тобиду боз гум шуд. Баъд аз гуфтаи худ хиҷолат кашид ё шармаш омад магар, боз табассум намуд, хаёломез лабаш инҷ, ба чашми ҳар яке бо навбат менигарист. Карим-ака ва Мирзо сабаби мамнуии ӯро нафаҳмида ҳайрон буданд.

Ғаюр андӯҳгин набуд, мамнун табассум кардани ӯ ҳам як вазъи сохта набуд, аммо дӯстонаш ба ҳеҷ ваҷҳ ин ҳолати вайро идрок намекарданд ва дар дил бечораро васвосию ҳардамхаёл мешумурданд.

Дар воқеъ ҳам, барои идроки ин мамнуияти ӯ мебояд, ки саргузашти вайро аз сар гузаронад.

***Соли 1976***

# МУНДАРИЧА

ҲАМСАФАРОН........................................................................5
ОҒОЗ ..................................................................................14
ШОКИРИ СИБИР...................................................................28
БОБО ..................................................................................38
ТО СОЛИ ДИГАР...................................................................57
МУАЛЛИМИ САХТГИР...........................................................75
ПАДАР ВА ПИСАР.................................................................89
ОФАРИН БА ГИПОТАЛАМУС!.. .............................................100
ЯК РӮЗ НЕ, ЯК РӮЗ… ...........................................................109
ҒУРУРИ ЗАН ........................................................................127
ГӮШТИГИРӢ.........................................................................138
ГАНҶИ ШОЙГОН...................................................................154
КАБКҶАНГ ..........................................................................172
ЧИНОР-КАМПИР ..................................................................186
ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ ..................................................................198
ХАТОИ АМАКИ МАН..............................................................211
ТОВУСИ МАСТ .....................................................................221
БУЗҒОЛА ВА ПИСАРАК..........................................................245
БУДУ ШУД — 83-тин!.............................................................254
КАМГАП..............................................................................265
ОМАДУ РАФТ.......................................................................272

**СИТОРАИ ДУМДОР** ............................................... 283

**ПОВЕСТ**...................................................................... 284

**Боби 1**........................................................................285

**Боби 2**........................................................................295

**Боби 3**……………………………………………...306

**Боби 4** ......................................................................315

**Боби 5**........................................................................322

**Боби 6**........................................................................326

**Боби 7**........................................................................330

**Боби 8**........................................................................334

**Боби 9**........................................................................337

**Боби 10**......................................................................341

**Боби 11**......................................................................348

**Боби 12**......................................................................361

**Боби 13**......................................................................367

**Боби 14**......................................................................375

**Боби 15**......................................................................382

**Боби 16**......................................................................389

**Боби 17**......................................................................396

**Боби 18**......................................................................401

**Боби 19**......................................................................407

**БАҲРОМ ФИРӮЗ**

ГОРЬКАЯ ПРАВДА

РАССКАЗЫ

(на таджикском языке)

Муҳаррир А. Аҳтамов
Рассом Г. Красовский
Муҳаррири расмҳо Т. Королева
Муҳаррири техникӣ Л. Шашкова
Мусаҳҳеҳ М. Рақибов, Ш. Холниёзова

ИБ № 714
Ба матбаа 24.09.80 супурда шуд.
Ба чопаш 10.07.81 имзо шуд. КЛ 05288.
Формати 70*100 1\32. Коғази типографии №2.
Гарнитурааш адабӣ-бадеӣ. Чопаш барҷаста.
Ҷузъи чопии шартӣ 11,61. Ҷузъи рангаи шартӣ 174.79
ҳазор. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,37. Адади нашр 14000.
Супориши № 2144. Нархаш 85 тин.

Душанбе, нашриёти “Ирфон”, кӯчаи Айнӣ, 126.
Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба
корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.
Душанбе, хиёбони Ленин, 37.


85 тин